**ISSN 2413-5151**

# ПАЁМИ

## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2023. №12.

---

# ВЕСТНИК

## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Серия социально-экономических и общественных наук

2023. №12.

---

# BULLETIN

## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

Series of economic and social sciences

2023. No.12.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Давлатзода** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Кудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *(Федератсияи Россия)* |
| **Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Калемуллоев Мунир** | *(Ҷумҳурии Қиргизистон)* |
| **Воҳидович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Кодирзода Диловар Баҳриддин** | |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Ҳаёт Абдулхакович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Умаров Ҳоҷимуҳаммад** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Раҳмон Дилшод Сафарбек** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Курбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Потселуев Сергей Петрович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Куддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)* |

*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ:*** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №12.
ISSN 2413-5151

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***
Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт – *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета*
ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** – *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*
***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***
**Исмонов Кароматулло** – *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***08.00.00 – Экономика***

**Ганиев Таварали Бобоевич** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Давлатзода Кудрат Камбар** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Исайнов Хисайн Рахимович** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** – *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)*
**Калемуллоев Мунир Вохидович** – *Кандидат экономических наук, доцент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Одинаев Хаёт Абдулхакович** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Умаров Ходжимухаммад** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** – *Доктор экономических наук, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** – *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Шамсов Илёс Сафарович** – *Доктор экономических наук, профессор*

***12.00.00 – Юриспруденция***

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – *Доктор юридических наук, профессор*
**Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** – *Доктор юридических наук, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** – *Доктор юридических наук, профессор*
**Муртазозода Джамшед Сайдали** – *Доктор юридических наук, профессор*
**Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** – *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
**Рахмон Дилшод Сафарбек** – *Доктор юридических наук, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** – *Доктор юридических наук, профессор*
**Шарипов Такдиршо Шарифович** – *Доктор юридических наук, профессор*

***23.00.00 – Политология***

**Зокиров Гулмахмад Нозимович** – *Доктор политических наук, профессор*
**Курбонов Абдурахмон Шерович** – *Доктор философских наук, профессор*
*Доктор философских наук, профессор*
**Махмадизода Нозим Давлатмурод** – *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ*
**Муњаммад Абдурахмон Навруз**
**Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** – *Доктор политических наук, профессор*
**Поцелуев Сергей Петрович** – *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Сафарализода Худжамурод Куддуси** – *Кандидат политических наук, доцент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** – *Кандидат политических наук (Российская Федерация)*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:
**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №12.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

| | |
|---|---|
| ***CHIEF EDITOR:*** | |
| Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |
| DEPUTY CHIEF EDITOR: | |
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |
| ***DEPUTY CHIEF EDITOR:*** | |
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

| | |
|---|---|
| **Ganiev Tavarali Boboevich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Davlatzoda Kudrat Kambar** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Chaya Vladimir Tigranovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Isainov Khisain Rakhimovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Israilov Mukash Israilovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)* |
| **Kalemulloev Munir Vohidovich** | *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor* |
| **Kodirzoda Dilovar Bahriddin** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomov Samariddin Fakhrievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Odinaev Hayot Abdukhakovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Shamsov Ilyos Safarovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Umarov Khojamuhammad** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |

***12.00.00 – Jurisprudence***

| | |
|---|---|
| **Azizzoda Ubaydullo Abdullo** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Dinorshoev Aziz Musoevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Murtazozoda Jamshed Saidali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** | *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)* |
| **Rahmon Dilshod Safarbek** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sharipov Taqdirsho Sharifovich** | *Doctor of Law, Professor* |

***23.00.00 – Political sciences***

| | |
|---|---|
| **Zokirov Gulmahmad Nozimovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor,* |
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Muhammad Abdurahmon Navruz** | *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Potceluev Sergey Petrovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Safaralizoda Khujamurod Quddusi** | *Candidate of Political Sciences* |
| **Safranchuk Ivan Alekseevich** | *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)* |


The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences** – 2023. – №12.

ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**

**Address of the Publishing Center:**

17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,

Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com

E-mail: vestnik-tnu@mail.ru

Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

ТДУ: 336.14+330.34(575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ БУҶЕТ: ПАЙДОИШ, ИНКИШОФИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ОН

*Хушвахтзода Қ.Ҳ., Орзуев П.Ҷ.*
**Донишгоҳи миллии тоҷикистон**

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари назорати давлатии молиявӣ, зарурат ва заминаҳои объективӣ дар рушди аудити самаранокии истифодабарии захираҳои буҷет ба миён омадааст. Рушди намуди назорати молиявӣ талаб менамояд, ки тағйироти дар низоми идоракунии маҷмуаҳои молиявӣ гузаронидашуда, сифатан беҳтар карда шаванд. Инчунин, амалисозии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, таҳрир ва дигаргуниҳои вазифавии мақомот ва идораҳои давлатӣ, тибқи таҷрибаи пешқадам, иҷро карда шаванд.

Исбот шудааст, ки ягон давлат наметавонад самаранок сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодиро дар дохил ва берун аз ҳудуди худ амалӣ намояд, амалисозии барномаҳои рушди иқтисодиро таъмин созад, агар захираҳои зарурии молиявиро надошта бошад, инчунин, агар назорати мунтазамро аз рӯи қонуниятҳо, сарфакориҳо ва хароҷотҳо ба роҳ намонад.

Дар рафти таҳқиқот ва омӯзиши масъалаҳои самаранок истифодабарии воситаҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба санадҳои ҳуқуқӣ, дастуру супоришҳои соҳавӣ ба хулосае омадем, ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташудаи аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷет як қатор корҳоро иҷро намудан зарур аст, ба монанди:

1. корҳои илмӣ-методӣ;
2. корҳои ташкилӣ-амалӣ;
3. меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқоти саволҳои ташкили назорати истифодабарии воситаҳои давлатӣ ҳануз инсониятро дар давраҳои Мисри қадим, Империяи Рим бетараф намегузоштанд. Ба сифати назоратчиён шахсони алоҳида ё ин ки мақомот, масалан Маҷлиси Халқӣ дар Афина, баромад мекарданд [7], ҷамъият рушд менамуд, шаклҳо ва воситаҳои назоратӣ азнавсозӣ мешуданд. Дар ибтидои асри XIII, дар Англия аз рӯи фармоиши подшоҳ аудиторон таъин карда мешуданд, ки вазифаи асосии онҳо санҷиши дурусти пардохтҳои андоз ба графҳо ба ҳисоб мерафт. Ҳамин тавр, дар давраи ибтидоии рушди таърихи аудит бо назорат алоқамандӣ дошт, ки ба манфиати шоҳи Англия ва давлат гузаронида мешуд. Бо мурури замон вазифа ва мақсади аудит тағйир ёфт, он бештар ба санҷиши ташкилотҳои тиҷоратӣ равона гардид. Аудит - ин санҷиши бевоситаи ҳисоботи молиявии шахсони аудитшаванда бо мақсади ибрози ақида оиди шаффофияти чунин ҳисобот мебошад, ташкилотҳои сектори буҷет бошанд, санҷишҳои назоратӣ – тафтишотиро мегузаронанд. Аммо аз миёнаҳои асри гузашта масъалаи зарурати гузаронидани аудити самаронокӣ ба миён омад, зеро ин унсури асосии назорат аз рӯи истифодабарии воситаҳои буҷет, ки усулҳои навро ба ташкил ва гузаронидани назорат таъмин месозад. Дар миёнаҳои солҳои 60-ум дар ИМА, дар вақти коркард ва иҷроиши барномаҳои буҷетӣ, аз ҷумла, бо методҳои барномавӣ, мақсадноки таъсисёбии буҷет, ҳисобҳо барои амалисозии захираҳо татбиқ карда мешуданд, инчунин, мақсадҳои банақшагирифташуда иҷро мегардиданд.

Татбиқсозии чунин барномаҳои буҷетӣ, таъсиси низоми мувофиқ, баҳодиҳии мақсадҳои ноилгашта ва захираҳои хароҷотшударо талаб намуд, ки маҳз ба пайдоиши аудити самаранок оварда расонд [24,с.144-151].

Маҳфуми “аудити смаранокӣ” аввалин маротиба дар Конгреси INTOSA ва дар соли 1977 дар Декларатсияи лимии принсипҳои роҳбарикунандаи назорат, (The Lima Declanation of Guidelines on Auditing Precept) дар моддаи 4 маънидод карда шуда, мундариҷаи аудити самаранокӣ дар он хеле муфассал баён гардидааст.

Аудити самаранокӣ инчунин дар стандартҳои аврупоӣ (ЕВРОСАU) ва осиёӣ (АЗОСАИ)-и ташкилотҳои мақомоти олии назорати давлатӣ низ таҳқиқ карда шудааст.

Имрӯз, дар Стандарти амалкунандаи байналмиллалии мақомотҳои олии назорати молиявӣ (The International Standards of Supreme Audit Institutions 3000) аудити самаранокӣ (Performance auditing) чун экслертизаи новобастаи самаранокӣ ва натиҷанокии корхонаҳои давлатӣ, барномаҳо ё ташкилотҳо, истифодабарии сарфакоронаи захираҳо муайян карда шудааст, ки объекти аудит ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои охир таҷриба ва таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки назорати давлатии моляивӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарини идоракунии давлат шуда истодааст. Дар шароити муосир бо раванди гузариши сиёсати давлатӣ ба соҳаи рақамӣ амалӣ гашта истода, истифодабарӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меоранд, ки идеяҳо ва навгониҳои зиёде ҷорӣ карда шаванд. Маҳз равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт тенденсияҳои рушди назорати давлатии молиявиро муайян месозад.

Аз омӯзиши ва баҳодиҳии консепсияҳои сиёсати давлатии молиявӣ бармеояд, ки консепсияҳои мазкур ба даврaҳои идоракунии хароҷотҳо ба идоракунии натиҷаҳо равона карда шудаанд ва онҳо муносибати навро ба баҳодиҳии самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷет муайян менамоянд. Ин муаммои, дар қиёс бо сектори тиҷоратӣ нисбатан мураккаб мебошад, зеро ба ғайр аз самаранокии иқтисодӣ зарур аст, ки баҳогузории зиёди равандҳои иҷтимоӣ, илмӣ, экологӣ ва дигар ҷузъҳои самаранокии хароҷоти воситаҳои давлатӣ сари вақт таъмин карда шавад.

Категорияи самаранокии иқтисодӣ, хусуситҳои он, мавқеъ ва истифодабарии он, меъёрҳои мувофиқи онро баҳодиҳанда, пеш аз ҳама, дар сохторҳои буҷетӣ бо назардошти хатоиҳо коркард шудаанд, алалхусус, дар ташкилотҳои тиҷоратӣ, коркардҳои муосири назаррас мушоҳида мешавад. Дар амалияи сектори давлатӣ бошад, ин мафҳум дар раванди коркард ва таъсисёбист. Ба раванди коркардҳои мазкур ҷузъҳои гуногуни бисёрмаъно ва ҳудудҳои мураккаб бевосита таъсир мерасонанд, инчунин, мақсадҳои идоракунии воситаҳои буҷет низ омили асосии исботкунандаи сатҳи иҷроиши самаранокӣ баромад мекунанд. Муҳаққиқон баҳодиҳии фаъолиятҳоро аз рӯи хароҷоти воситаҳои давлатӣ дар алоқамандӣ бо чунин ҳолатҳо ба назар гирифта, пешниҳод менамоянд, ки муайянкунии категорияи самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷет, роҳҳои ченкунии самаранокӣ, меъёрҳои онро шарҳдиҳанда, инчунин шароит ва имкониятҳои истифодабарии натиҷаҳои чунин баҳогузорӣ дар сиклҳои минбаъдаи буҷет ногузир аст. М.Б. Придачук зери мафҳуми самаранокӣ дараҷаи расидан ба мақсадҳои гузошташударо эътироф менамояд. [22].

В.Б. Христенко дар муайяннамоии самаранокӣ аз нишондиҳандаҳои самаранокии тақсимот истифода намудааст [35].

Т.В. Антипова гуногунрангии мафҳуми самаранокиро шарҳ дода, баён менамояд, ки фаҳмиши русии "самаранокӣ" дар забони англисӣ бо чунин эквивалентҳо effectiveness ва efficiencry мувофиқат менамоянд. Дар баробари ин, effectiveness ин роҳи расидан ба мақсадҳои гузошташуда мебошад, пас, efficiency – мувофиқати захираҳои харҷкардашуда ва натиҷаҳои гирифташудааст [1,с.141-146].

Самаранокии тақсимот ҳамон вақт таъмин карда мешавад, ки хароҷот барои гирифтани ҳар як намуди натиҷа тавре кам карда шаванд, ки ягон захираҳои воридшуда наметавонад бо дигараш иваз карда шавад, то он лаҳзае, ки хароҷотҳо зиёд карда нашаванд. Дар вақти истифодабарии амалии ин нишондиҳанда барои идоракунии хароҷоти давлатӣ мушкилиҳо ба миён меоянд, ки онҳо бо як қатор хусусиятҳо алоқамандӣ доранд, ба монанди хусусиятҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, инчунин бо муайянсозии захираҳо ва натиҷаҳои фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ.

Дар таҳқиқи соҳаҳои мушаххаси илмӣ, равандҳо, секторҳои иқтисодиёт, барномаҳо зарур аст, ки муайянкунии мафҳуми самаранокӣ мушаххас карда шавад. Самаранокӣ дар мавриди натиҷаи фаъолият, барномаҳо ва чорабиниҳо маънидод гардида, ки муносибатҳои гирифтани самараи иқтисодиро тавсиф медиҳад ва истеҳсоли ҳаҷми зиёди маҳсулотро бо истифодабарии захираҳои арзишашон муайян ифода менамояд. Ҳамчунин, самаранокии иҷтимоӣ чун муносибати натиҷаҳои беҳтарини иҷтимоии гирифташуда нисбати хароҷоти кардашуда дида баромада шудааст [4,с.142].

И.И. Мазур қайд менамояд, ки самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷет на бештар аз рӯи нишондиҳандаҳои анъанавии объективии самаранокии қарорҳо, аз қабили “хароҷот-барориш” ё “хароҷот-натиҷаҳо” муайян карда мешавад, таносуби натиҷаҳо ва захираҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии низоми сиёсӣ ва амалӣ гардидани манфиатҳои умумии давлатӣ нигаронида шудаанд, муайян карда мешавад [18,с.155].

Аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ дар назария ва амалияи назорати молиявии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав мебошад. Бинобар ин, ҳоло дар илми иқтисоди ватанӣ таҳқиқоти мукаммале вуҷуд надорад, ки асосҳои назариявӣ ва методии ин самти назорати молиявии давлатиро кушода дода тавонад. Дар баъзе интишороти илмӣ масъалаҳои умумии рушди аудити давлатӣ ва аудити самаранокӣ чун яке аз самтҳои он ба таври умумӣ баррасӣ шудааст [10; 12; 34]. Вале дар адабиёти хориҷӣ ба омӯзиши ин масъала диққати муҳим дода шуда, таҳқиқоти зиёди бевосита ба масъалаҳои ташкил ва рушди аудити самаранокӣ бахшида шудаанд [2; 3; 15; 25; 26; 30,с.19-23].

Барои дарк намудани моҳият ва муҳтавои аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ мақбул аст, ки вай аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ карда шавад. Бинобар ин, мо барои муайян кардани ҷиҳатҳои асосии назариявии омӯзиши масъалаи мазкур асарҳои олимони хориҷиро ба таҳлил фаро гирифтем. Ин гуна таҳлил ба мо имкон дод, ки доир ба мавҷуд будани тафовутҳо дар дарки аудити самаранокӣ хулоса барорем. Масъалаҳои аудити самаранокӣ ба таври муфассал дар асарҳои ин олимони хориҷӣ, чун М.П. Афанасев, Ф.В. Голубев. И.А. Зуева, А.Н. Саунин, Е.Н. Синаев, Е.Е. Смирнов, С.Н. Рябухин, Н.Н. Парасотская ва дигарон баррасӣ шудаанд. Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки аудити самаранокӣ воситаи назорати молиявии давлатӣ аст, дигарон онро чун намуди назорати молиявӣ ва сеюмиҳо – чун санҷиш меҳисобанд. Ҷамъбасти адабиёти мазкур дар бораи мавҷуд будани ақидаҳои мухталиф оид ба муайянкунӣ ва дарки моҳияти аудити самаранокӣ гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Муайянкунии мафҳуми аудити самаранокӣ аз ҷониби муаллифони мухталиф**
**Table 1. Definition of the concept of efficiency audit by different authors**

| Муаллиф | Шарҳи мафҳум |
|---|---|
| М.П. Афанасев [2] | Аудити самаранокӣ – зинаи нави рушди низоми назорати молиявии давлатӣ, ки санҷиши мустақили аз ҷониби мақомоти давлатии назорати берунӣ бо мақсади арзёбии (баҳодиҳии) натиҷанокӣ ва сарфанокии раванди харҷкунии воситаҳои буҷетӣ ва идоракунии моликияти давлатӣ ба ҷо оварда мешавад. |
| Ф.В. Голубев [8] | Аудити самаранокӣ ин санҷиши сарфанокиест, ки маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ мебошад, ки бо он ташкилоти санҷидашаванда сарватҳои мавҷударо истифода мебарад. |
| И.А. Зуева [9] | Аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ – ин шакли муосири назорати молиявӣ мебошад, ки нақши бузургро дар доираи низоми назоратии давлатӣ бозида, мақсади он арзёбии самтҳо ва додани кафолати кори самаранокии истифодабарии сарфаноконаи сарватҳои давлатӣ мебошад. |
| А.Н. Саунин [29] | Аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ – ин намуди назорати молиявии воситаҳои давлатӣ мебошад, ки бо роҳи гузаронидани санҷишҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар ихтиёрдорикунандагон ва гирандагони воситаҳои давлатӣ бо мақсадҳои муайян кардани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатии барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоршуда гирифташуда ба ҷо оварда мешавад. |
| Е.Н. Синева [28] | Аудити самаранокӣ воситаи муҳимми назорати молиявии давлатӣ буда, барои арзёбии самаранокӣ, сарфанокӣ ва даромаднокии фаъолияти идоракунӣ, инчунин таҳия намудани тавсияҳо доир ба бартарафкунии қоидавайронкуниҳо ва минбаъд баланд бардоштани натиҷанокии истифодабарии воситаҳои буҷетӣ нигаронида шудааст. |
| Е.Е. Смирнов [30] | Аудити самараронокӣ – намуди асосии назорат, ки мақсадаш муайян кардани натиҷанокии хароҷоти буҷетии гуногун ва таъсири онҳо ба |

| | |
|---|---|
| | ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он мебошад. |
| С.Н. Рябухин [25] | Аудити самаранокиии хароҷоти давлатӣ гуфта санҷиши банизомдаровардашуда, мақсаднок, муташаккил ва воқеъбинонаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати харҷкунии воситаҳои молиявӣ ва ҳифзи амволи давлатӣ, инчунин яке аз самтҳои фаъолияти ташкилоти давлатӣ ё соҳаи ба вазифа нигаронидашудаи истифодабарии воситаҳои буҷетӣ, ки идораҳо ва ташкилотҳоро фаро мегирад, фаҳмида мешавад. |
| Н.Н. Парасотская [23] | Аудити самаранокӣ – ин воситаи арзёбӣ ва назорати истифодабарии сарватҳои ташкилот аз нуктаи назари ҳадафҳои дар назди ташкилот гузошташуда ва тарзҳои ноилгардии онҳо дар давраҳои пешин, ҳозира ва оянда мебошад. |
| Селютина С.В., Кириченко Е.А. [31] | Аудити самаранокиро метавон ҳамчун раванди мунтазам, мақсаднок ва муташаккили бадастории баҳодиҳии экспертӣ-таҳлилии маълумоти объективӣ оид ба самаранокӣ, сарфакорӣ ва маҳсулнокии фаъолияти иқтисодии воҳиди тафтишшаванда (мақомоти давлатӣ, мақомоти идоракунӣ, субъекти хоҷагидорӣ, ташкилот, гурӯҳи ташкилотҳо ё барномаи фаъолият), бо мақсади муайян кардани сатҳи мутобиқати ин маълумотҳо ба меъёрҳои муайян ва дар асоси он оид ба самаранокии (самаранокӣ, сарфакорӣ, маҳсулнокӣ) фаъолият ё барномаи тафтишшаванда изҳори андеша карда, тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокӣ дода шавад, маънидод намуд» |
| Макароова Л.Г [19] | Аудити самаранокӣ ин намуди фаъолияти аудиторие мебошад, ки дар хориҷа хеле васеъ паҳн гардида, дар мамалакати мо нав ривоҷ ёфта истодааст ва ба ифодаи ақидаи аудитор оиди сарфакорӣ, маҳсулнокӣ ва самарабахшии равандҳо ва амалиётҳои молиявӣ-хоҷагидорӣ ва идорӣ, лоиҳаҳо ва барномаҳои фаъолият, чорабиниҳо дар сектори давлатӣ ва хусусӣ равона карда шудааст. |
| Рябухин С.В [27] | Мақсади аудити самаранокӣ – баҳогузории самаранокӣ ва натиҷабахшии қоидаҳо, меъёрҳо ва барномаҳои амалкунанда оиди идоракунии молиёт дар сектори давлатӣ ва хусусӣ аз нуқтаи назари бадастории натиҷаҳои ниҳоӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо. |
| Федулова С.Ф. [34] | Аудити самаранокӣ чунин усули ташаккул ва иҷрои буҷет мебошад, ки дар он банақшагирӣ, ҷудокунӣ ва хароҷоти маблағҳои буҷетӣ дар мувофиқа бо мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ амалӣ карда шуда, бояд бадастории маблағҳои буҷетиро ба гирандагони он, натиҷаҳои гузоришшавандаи иҷтимоӣ-иқтисодии ниҳоӣ, инчунин иҷрои вазифаву функсияҳои ба онҳо вогузоштаро таъмин намояд. |
| Жуков В [13] | Мақсадҳои аудити самаранокӣ бояд таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи давлатӣ оиди иҷрои функсияҳои давлатӣ аз ҷониби онҳо бошад |
| Васидева М.В. Горюн Т.П. [5] | Аудити самаранокӣ аз назорати молиявӣ бо он фарқ мекунад, ки мақсади асосӣ на ошкорсозии вайронсозии қонунгузории молиявӣ, балки баҳодиҳии самаранокии фаъолияти вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳо оиди истифодабарии захираҳои давлатӣ аз ҷониби онҳо мебошад |
| Рябухин С.В. [26] | Баҳодиҳии умумии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ |
| Кузминов Я.И. [16] | Баҳодиҳии дурустии интихоб ва аниқии тавсияи мақсадҳои сиёсати хароҷоти ҷамъиятӣ, мувофиқати онҳо ба имтиёзҳои ҷамъиятӣ |
| Дякова Е.Б. [11] | Назорат аз рӯи қабули қарорҳои иқтисодӣ аз нуқтаи назари натиҷанокии онҳо |
| Озеряков А.С. [21] | Додани кафолати истифодабарии самараноки захираҳои давлатӣ |
| Котлячков О.В. [17] | Аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ба ду масоили асосӣ нисбат дода мешавад: аудити истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетҳо ва таҳлили самаранокии истифодабарии маблағҳои ҷудогардида |

Бояд қайд кард, ки нуктаҳои назари муаллифон дар мавриди маънидодкунии мафҳуми аудити самаранокӣ мухталиф буда, онҳо барои аниқ дарк кардани асосҳои назариявӣ ва муайян намудани мақоми аудити самаранокӣ дар назорати молиявии давлатӣ имкон намедиҳанд. Дар адабиёт муҳтавои аудити самаранокӣ ба таври умумӣ шарҳ дода шудааст ва ҷиҳатҳои махсуси он аз мадди назар берун мондаанд. Масалан, С.Н. Рябухин чунин меҳисобад, ки аудити самаранокӣ дар фаҳмиши васеъ аз ҷониби мақомоти назорати молиявии давлатии мамлакатҳои мутараққӣ чун маҷмуи чорабиниҳо оид ба санҷиши мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мақсади арзёбии самаранокӣ, сарфанокӣ ва даромаднокии фаъолияти идоракунӣ, таъсири ин фаъолият ба муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин тавсиядиҳӣ доир ба баландбардории минбаъдаи натиҷанокии кори ин мақомот гузаронида мешавад [25].

Ба ақидаи Е.Н. Синева, аудити самаранокӣ воситаи муҳимми назорати молиявии давлатӣ буда, ба арзёбии самаранокӣ, сарфанокӣ ва даромаднокии фаъолияти идоракунӣ, инчунин таҳия намудани тавсияҳо барои бартарафсозии қоидавайронкуниҳо ва минбаъд баланд бардоштани натиҷанокии истифодаи воситаҳои буҷетӣ нигаронида шудааст [28].

М.П. Афанасев аудити самаранокиро чун зинаи нави рушди низоми назорати молиявии давлатӣ – санҷиши мустақил, ки аз ҷониби мақомоти давлатии назорати берунӣ бо мақсади арзёбии натиҷанокӣ ва сарфанокии раванди харҷкунии воситаҳои буҷетӣ ва идоракунии моликияти давлатӣ гузаронида мешавад, шарҳ додааст [2].

Таҳқиқҳо нишон доданд, ки дар таҷрибаи кории мақомоти назорати давлатӣ самаранокӣ чун таносуби байни натиҷаҳо истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва харочотҳои ноил шудан ба онҳо тавсиф карда мешавад, ки дар худ мафҳумҳои самаранокӣ, ҳосилнокии меҳнат ва натиҷадиҳии истифодабарии воситаҳои давлатиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки дар вақти баҳодиҳии самаранок истифодабарии воситаҳои буҷет коркарди роҳҳои ченкунӣ, инчунин таъсисёбии меъёрҳои самараноки он на танҳо таркиби иқтисодии онро ба назар гирифтан зарур аст, балки дигар унсурҳои ташкилнамояндаи самаранокиро низ бояд ба инобат гирем. Дар омӯзиши илмии масъалаҳои бо самаранокӣ алоқаманд таҳқиқи ин муаммо яке аз вазифаҳои асосӣ эътироф шудааст. Дар мувофиқа бо ин вазифа бояд асоснокии низоми нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии самаранок истифодабарии воситаҳои буҷет тасдиқ карда шавад. Таҷрибаи ватанӣ нишон медиҳад, ки мушаххасоти интихоби нишондиҳандаҳо дар низоми умумӣ пурра ба роҳ монда намешавад. Дар таҳқиқоти олимон нишондиҳандаҳои самаранокии хизматрасониҳои буҷет шартан ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шудаанд [22]:

1. Нишондиҳандаҳои соҳавӣ;

2. Ҳаҷми хизматрасониҳои буҷет аз рӯи намуди соҳаҳо ва аз рӯи ихтисосҳои алоҳида, миқдори хизматҳои расонидашуда ва гирифтани натиҷаҳо, миқдори истеъмолкунандагони хизматҳо, ки ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ дахл доранд;

3. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ: хароҷотҳо барои расонидани хизматҳо, вазни қиёсии хароҷотҳо ба пардохти намудҳои муайяни хизматрасониҳои буҷет, нишондиҳандаҳои алоҳидаи истифодабарии воситаҳои молиявӣ;

4. Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ: нишондиҳандаҳои маълумотнокӣ, фавт, таваллуд, давомнокии миёнаи умр, беморихо, қаноатмандии аҳолӣ бо сифати хизматрасониҳои буҷет.

Дар баробари ин, мо чунин меҳисобем, ки низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолият бояд маҷмуи мақсадҳои онро инъикос намояд, махсусгардонида бошад, ченкунии миқдориро дар ин ё он шакл таъмин созад.

Масалан, индикаторҳои фаъолияти ташкилотҳоро, ки хизматрасониҳои давлатиро мерасонанд, олими рус Христенко хело бомаврид қайд кардааст, ки аз нуқтаи назари вай чунин самтҳоро инъикос намоянд:

1. Ҳаҷми истеҳсолот-миқдори корҳои коркардшуда;

2. Ҳосилнокии меҳнат-миқдори миёнаи барориши маҳсулот ба як нафар одам.

3. Хароҷотҳо-хароҷотҳои миёна ба як воҳиди барориш, ки ҳаҷми талаботӣ ва захираҳои истифодашударо инъикос менамоянд.

4. Вақти зарурии пешбинишуда-даврае, ки барои иҷрои ҳар як намуди кор ногузир аст;

5. Талабот ба хизматҳо-намудҳо, баромад ва ҳаҷми барориш бо назардошти мавсимият.

6. Дастрасии хизматҳо-муҳити талабот ба хизматҳо-муҳити талабот ба хизматҳои расонидашуда;

7. Натиҷаҳо-намудҳои натиҷаҳои дарназардоштaшуда, тақсимоти онҳо дар вақт ва таъсири онҳо ба маҷмуи умумии мақсадҳои ташкилот [35].

Ченкунии самаранокии самтҳои гуногуни фаъолият барои муайянкунии мувофиқатҳо зарур аст, масалан, бояд ба инобат гирифта шавад, ки оё сатҳи бадастовардашудаи самаранокӣ ба стандарти қабулшуда ҷавобгӯ ҳаст ё не? Инчунин, бояд муқоиса карда шавад, ки ин сатҳ бо натиҷаҳои пештара дида чи гуна тағйир ёфтааст. Барои чунин ченкуниҳои самаранокии хароҷотҳои захираҳо бояд нуктаҳои зерин муайян карда шаванд:

1. Маҷмуи индикаторҳо, ки расидан ба мақсадҳои гузошашударо тавсиф медиҳанд;

2. Моҳияти меъёрии индикаторҳои назоратӣ;

3. Миқёс барои баҳодиҳии миқдории натиҷаҳои гирифташуда, ки алгоритми ягонаи баҳодиҳии майлкуниҳои нишондиҳандаҳои ноилгардидаро аз моҳияти меъёрӣ пешниҳод месозад.

Мақсади аудити самаранокӣ – баҳодиҳии самаранокӣ, сарфакорӣ ва маҳсулнокӣ дар асоси муқоисаи натиҷаҳои воқеии истифодабарии маблағҳои давлатӣ ва ё фаъолияти объектҳои аудити самаранокӣ ва ҳосилнокӣ бо меъёрҳои муқарраргардида, на муқаррарсозии сатҳи мувофиқати маълумот оид ба самаранокӣ, сарфакорӣ ва маҳсулнокӣ бо маҳакҳои муайяншуда мебошад.

Дар ин самт самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти объектҳои аудити самаранокӣ ва ё татбиқи барнома, на самаранокии «фаъолият ва ё барномаи аудитшаванда» баҳогузорӣ мешавад, ки онҳо матлаби на баҳодиҳӣ, балки тафтиш ва таҳлил мебошанд.

Мақсади аудити самаранокӣ аз баҳодиҳии самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ иборат аст, на «қоидаҳои, меъёрҳо ва барномаҳои амалкунанда оид ба идоракунии молиёт». Ин гуна баҳодиҳӣ бояд аз нуқтаи назари на таҳо натиҷаҳои ниҳоӣ, балки аз натиҷаҳои бевоситаи воқеии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин бадастории сарфакорӣ ва маҳсулнокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар соҳаҳои гуногун дода шавад.

Дар таърифи мазкур алоқаҳои сабабӣ-натиҷавӣ байни аудити самаранокӣ, ташаккул ва и иҷрои буҷет омехта карда шудаанд. Аудити самаранокӣ ягон гуна нисбат ба нақшагирӣ, ҷудокунӣ ва хароҷоти маблағҳои буҷетӣ надорад.

Дар адабиёти ватанӣ ба аудити самаранокӣ аксаран чунин мақсадҳоро нисбат медиҳанд, ки онҳо воқеан мазмуни нодурусти онро нишон дода, таассуроти ғалатро оид ба нақши аудити самаранокӣ дар назорати давлатии молиявӣ медиҳанд. Таърифҳои машҳури мақсадҳои аудити самаранокӣ дорои чунин тасвияҳо (формулировки) мебошанд:

Фаъолияти вазоратҳо, агентиҳо ва хадамотҳо барои он тафтиш ва таҳлил мегардад, то баҳогузорӣ шавад то чи андоза онҳо маблағҳои давлатиро сарфакорона, маҳсулнок ва натиҷабахш барои иҷрои мақсаду вазифаҳо ва функсияҳои давлатии дар назди онҳо гузошташуда мавриди истифода қарор додаанд. Натиҷаи асосии аудити самаранокӣ бояд, пеш аз ҳама, тавсияҳои аниқ оиди баландбардории самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ нисбати объектҳои тафтишшаванда бошад.

Ҳамин тариқ, аудити самаранокиро метавон танҳо ҳангоми амалисозии назорати минбаъдаи молиявӣ дар тамоми соҳаҳои маблағҳои буҷетӣ ва дигар маблағҳои давлатӣ мавриди истифодабарӣ қарор дод. Тафсирҳои дарболоовардашудаи соҳаҳои истифодабарии аудити самаранокӣ танҳо моҳияти ба худ хосси онро ба монанди аудити давлатӣ нодуруст маънидод менамояд ва консепсияи тамоман дигарро ташаккул медиҳад, ки ба аудити самаранокӣ ягон нисбат надорад. Аз ҳисоботҳои натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи Ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки шумораи умумии чорабиниҳои аудитории гузаронидашуда тағйирёбанда мебошад. Масалан, агар ин нишондҳанда дар санаи то 01.01.2022 ба 24 7адад расад, пас дар санаи 01.01.2023 ба 190

адад баробар шудааст, яъне -57 адад камтар гузаронида шудааст. Маълумоти ҳисобот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баъзе нишондиҳандаҳо барзиёд иҷро шудаанд, баъзебаръакс нисбат ба соли гузашта камтаранд.

**Ҷадвали 2. Ҳисобот оиди натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (то январи соли 2022 дар муқоиса то 1 январи соли 2023)**
**Table 2. Report on the results of the audit activity of the Chamber of Accounts of the Republic of Tajikistan (until January 2022 compared to January 1, 2023)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 01.01.2022 | 01.01.2023 | Фарқият |
|---|---|---|---|---|
| I | **Шумораи умумии чорабиниҳои аудитории гузаронидашуда** | 247 | 190 | -57 |
| | Аз ҷумла дар: | | | |
| | Вазорату идораҳо, муассисаҳо ва буҷетӣ ва фондҳои давлатӣ | 195 | 115 | -80 |
| | Корхонаву муассисаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидории давлатӣ | 13 | 33 | 20 |
| | Ширкатҳои сармоягузор, суғуртавӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои муштарак, бонкҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидории ғайридавлатӣ | 39 | 42 | 3 |
| II | **Дар натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ ошкор карда шуд:** | | | |
| | 1.Маблағи умумии зарари молияви – ҳамагӣ: (1.1.+...1.7) | 282 835 314,0 | 377 162 595,0 | 94327281 |
| | Аз маблағи зарари умумӣ муайян карда шуд: | | | |
| | **1.1.Хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ: (ҳамагӣ)** | 55 671 541,2 | 29 488 821,8 | -26182719,4 |
| | а)пардохти беасоси музди меҳнат ва мукофотпулӣ | 6 170 049,7 | 10 337 478,2 | 4167428,5 |
| | б)пардохти беасоси нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулӣ | 860 719,7 | 301 572,6 | -559147,1 |
| | В)хароҷоти аз меъёр зиёд ва (ё) беасос аз эътибор соқит намудани молу маводи арзишдор ва воситаҳои пулӣ-ҳамагӣ, | 2 006 262,3 | 3 710 430,8 | 1704168,5 |
| | -аз ҷумла:пардохти сафархарҷӣ | 624 773,2 | 542 582,7 | -82190,5 |
| | ғ)аз ҳисоби дигар хароҷотҳои ғайриқонунӣ | 46 634 509,6 | 15 139 340,2 | -31495169,4 |
| | **1.2 Камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ: ҳамагӣ** | 8 971 752,2 | 2 032 578,4 | -6939173,8 |
| | а)камомади воситаҳои пулӣ | 6 814 783,0 | 442 040,6 | -6372742,4 |
| | б)камомади маводи арзишдор | 2 156 969,2 | 1 590 537,9 | -21829226,2 |
| | **1.3. Изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ** | 23 419 764,1 | 37 521 428,4 | 14101664,3 |
| | **1.4.Зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ** | 1 167 169,0 | 970 593,6 | -196575,4 |
| | **1.5.Талафи воситаҳои пулию молӣ** | 89 720 962,6 | 171 490 328,6 | 81769366 |
| | **1.6.Маблағи камҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ** | 95 276 041,6 | 130 071 926,6 | 34795885 |
| | **1.7.Пардохт накардани маблағи суди саҳмияҳои давлатӣ** | 8 608 083,3 | 5 586 917,6 | -3021165,7 |
| | **2.Истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо** | 137 743 173,48 | 192 522 113,19 | 54778939,71 |
| | **3.Истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо** | 10 738 100,00 | 97 015,80 | -10641084,2 |

| | 4.Захираҳо ва талафи буҷет | 583 934 075,57 | 210 011 093,10 | -73922982,74 |
|---|---|---|---|---|

Муаллиф таҳлил карда баромадааст

**Ҷадвали 3. Ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон то январи соли 2022**

**Table 3. Report on the results of the audit activity of the Chamber of Accounts of the Republic of Tajikistan until January 2022**

| № | Нишондиҳандаҳо | 01.01.2022 | аз ҳисоби солҳои гузашта | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| I | **Чораҷӯӣ аз рӯи натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ:** | | | |
| | Маблағи умумии рӯёнидашуда: (1+2+3) | 274 507 506,4 | 10 903 396,4 | 285 410 902,8 |
| | 1.Маблағи ба буҷет ворид кардашуда | 108 398 455,9 | 537 340,7 | 108 935 796,6 |
| | 2.Маблағи ба корхона барқароркардашуда | 136 603 857,9 | 0,0 | 136 603 857,9 |
| | 3.Маблағи тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барқароршуда | 29 505 192,5 | 10 366 055,7 | 39 871 248,3 |
| | **4.Маблағи бақияпулиҳои ба буҷет воридкардашуда** | 57 948,2 | | 57 948,2 |
| | 5.Кам кардани маблағгузории сметаҳои хароҷотӣ | 2 052 753,7 | | 2 052 753,7 |
| | 6.Кам кардани қарзҳои беасоси кредиторӣ | 218 971,0 | | 218 971,0 |
| | **7.Қарзҳои дебиторӣ ва зерҳисоби барқароргардида** | 5 467 890,6 | | 5 467 890,6 |
| | 8.Маблағи аз ҳисоби дигар манбаъҳо барқароркардашуда | 2 217 486,2 | | 2 217 486,2 |
| | 9.Зиёдомади дар ҳисоби муҳосибӣ ба даромад гирифташуда | 43 819 970,0 | | 43 819 970,0 |
| | 10.Қарору фармонҳои аз рӯи натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ қабулкардашуда | 40 | | 40 |
| | 11.Ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашида шудаанд | 199 | | 199 |
| | аз он ҷумла, аз вазифаашон озод карда шудаанд | 10 | | 10 |
| II | **Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супорида шуд:**<br>Миқдори мавод<br>Маблағи зарари молиявӣ | 76<br>20 796 337,0 | 5<br>11 829 203,5 | 81<br>32 625 540,6 |
| III | **Фоизи барқарории товони зарар** | 97,1% | | |

**Ҷадвали 4. Ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон то январи соли 2023**

**Table 4. Report on the results of the audit activity of the Chamber of Accounts of the Republic of Tajikistan until January 2023**

| № | Нишондиҳандаҳо | 01.01.2023 | аз ҳисоби солҳои гузашта | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| I | **Чораҷӯӣ аз рӯи натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ:** | | | |
| | Маблағи умумии рӯёнидашуда: (1+2+3) | 375 655 714,8 | 1 740 852,3 | 377 396 567,1 |
| | 1.Маблағи ба буҷет воридкардашуда | 154 803 084,9 | 608 478,6 | 155 411 536,5 |
| | 2.Маблағи ба корхона барқароркардашуда | 100 232 582,6 | 25 719,0 | 100 258 301,6 |
| | 3.Маблағи тавассути мақомоти | 120 620 047,2 | 1 106 654,7 | 121 726 701,9 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҳифзи ҳуқуқ барқароршуда | | | |
| | **4.Маблағи бақияпулиҳои ба буҷет воридкардашуда** | 977 077,8 | | 977 077,8 |
| | 5.Кам кардани маблағгузории сметаҳои хароҷотӣ | 21 458 626,2 | | 21 458 626,2 |
| | 6.Кам кардани карзҳои беасоси кредиторӣ | 1 904 644,1 | | 1 904 644,1 |
| | **7.Қарзҳои дебиторӣ ва зерҳисоби барқароргардида** | 12 716 411,4 | | 12 716 411,4 |
| | 8.Маблағи аз ҳисоби дигар манбаъҳо барқароркардашуда | 185 713,2 | | 185 713,2 |
| | 9.Зиёдомади дар ҳисоби муҳосибӣ ба даромад гирифташуда | 9 004 900,2 | | 9 004 900,2 |
| | 10.Қарору фармонҳои аз рӯи натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ қабулкардашуда | 44 450 | | 44 450 |
| | 11.Ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашида шудаанд | 44 706 | | 44 706 |
| | аз он ҷумла, аз вазифаашон озод карда шудаанд | 44435 | | 44435 |
| II | **Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супорида шуд:**<br>Миқдори мавод<br>Маблағи зарари молиявӣ | 44 468<br>384 272 286,0 | 11<br>260 900,0 | 44 479<br>384 533 186,0 |
| III | **Фоизи барқарории товони зарар** | 99,6% | | |

**АДАБИЁТ**


1. Антипова Т.В. Оценка эффективности деятельности бюджетополучателей – субъектов сектора государственного управления / Т.В. Антипова, Н.В. Фадейкина // Сибирская финансовая школа научно-практический журнал. - 2008. -№5/70. –С.141-146.
2. Афанасьев М.П. Взаимосвязь аудита эффективности и финансового анализа // Финансовый контроль. 2003. №10. [Электронный ресурс]. URL:https://cyberleninka.ru/article/
3. Аюбов Н.А. Аудит эффективности планировнияи и использования государственных средств // Учет и статистика. - 2008. -№ 9. -С. 124-131.
4. Большой экономический словарь / под редакцией Борисова А.Б. –М.: Книжный мир, 2009. -142 м.
5. Васильева М.В. Оценка эффективности использования государственных средств. [Электронный ресурс]. URL: http⁄⁄ www.cfin.ru/ management / controlling/ productivity of public funds.shtml
6. Горюн Т.П. Аудит эффективности использования бюджетных средств методы проведения и проблемы ⁄⁄ Вестник АКСОР. - 2012. -№ 1. -С. 217.
7. Гутцайт Е.М. О методическом аппарате аудита эффективности // Аудитор. - 2006. -№1.
8. Голубев Ф.В. Аудит эффективности использования нематериальных активов на предприятиях АПК: дис… канд. экон. наук / Ф.В. Голубев. - М., 2008. – 199 с.
9. Зуева И.А. Современные тенденции развития системы финансового контроля в России // Финансы. - 2010. -№ 2. – С. 54-59.
10. Давлатов Д.А. Основы развития аудита эффективности использования государственных средств в Республике Таджикистан // Российский экономический интернет-журнал. - 2013. - №4. https://elibrary.ru/contents
11. Дьякова Е.Б., Перекрестова Л.В.О роли аудита эффективности бюджетных расходов в расширении регионального фискального пространства и увеличении бюджетной емкости / http://uecs.ru/uecs-48-122012.
12. Зокирова Ф.Дж. Организационно-методическое обеспечение развития государственного аудита в Республикке Таджикистан: дисс. на соиск. уч. ст. канд. эк. наук. -Душанбе, 2020. -170 с.
13. Жуков В. Что такое «аудит эффективности»⁄⁄ Президентский контроль. -2004. -№ 7. -С.25.
14. Иванова Е.И., М.В.Мельник, В.И.Шлейников Аудит эффективности в рыночной экономике. Учебное пособие ⁄ Под ред С.И.Гайдаржи. -М.: КНОРУС, 2007. -С.19.
15. Карепина О.И. Аудит эффективности в системе государственного финансового контроля // Финансовые исследования. - 2014. -№2(43). -С.32-39.
16. Кузьминов Я.И. Задачи аудита эффективности в контексте административной и бюджетной реформ // Аудит эффективности: опыт, проблемы, перспективы. Материалы «круглого стола» седьмого Петербургсгского международного экономического форума / Под ред. С.В. Степашина, С.А. Агапцова. -М.: Издательский дом «Финансовый контроль», 2003. -С. 48.
17. Котлячков О.В. Аудит эффективности использования государственных средств: стандарты, методики, практика проведения. По материалам науччо-практической конференции 17 июня 2005 года. Ижевск, 2005; Васильева

М.В. Оценка эффективности использования государственных средств // htth: // www.cfin.ru.// management / controlling / productivity of public funds.shtml
18. Мазур И.И., Шапиров В.Д., Ольдорогге Н.Г. Эффективный менеджмент. -М.: Высшая школа, 2003. -555с.
19. Макарова Л.Г. Теоретические основы аудита эффективности объекты и содержание. Теоретические и прикладные исследования в экономике и финансах Сборник трудов научной конфереции НИУ ВШЭ. Н. Новгород, 2011.
20. Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Калемуллоев М.В.,Раҳимов С.Х. Аудит ва ибрози эътимод. Китоби дарсӣ.Душанбе: ЭР-граф,2022.-596с.
21. Озеряков А.С. Финансовый аудит и аудит эффективности в системе ГФК//Финансы. 2008. № 10. С.79.
22. Придачук М.П. Методы экономического анализа затрат на получение бюджетных услуг // Финансы. - 2006. - №5.
23. Парасоцкая Н.Н. Тенденции развития аудита эффективности // Аудитор. - 2013. -№2. -С.23-27.
24. Рудакова Е. 2015. Аудит эффективности, использование государственных средств: монография. Современные проблемы бухгалтерского учета, контроля и пути их решения в России и Казахстане под ред. Л.А. Зимаковой – Белгород: ООО «ЭПИЦЕНТР». -С.144-151.
25. Рябухин С. Аудит эффективности использования бюджетных средств и государственной собственности // Вестник Института экономики РАН. 2007. №1. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/
26. Рябухин С.Н. Аудит эффективности использования государственных ресурсов: монография / С.Н. Рябухин. – М.: Наука, 2004. – 283 с.
27. Рябухин С.В. Аудит эффективности Учебник. Акад. труда и соц.отношений. М. Издательский дом «АТИСО» ЗАО Издательство "Экономика", 2009.С.33.
28. Синева Е.Н. Аудит эффективности как фактор повышения результативности деятельности Контрольно-счетных органов РФ // Финансы и кредит. 2004. № 17. С. 19-23.
29. Саунин А.Н. О понятийном аппарате государственного финансового контроля // Финансы и кредит. - 2014. - № 13. – С. 115-120.
30. Смирнов Е.Е. Новое в государственном (муниципальном) финансовом контроле // Аудитор. - 2013. - № 2. – С. 78-85.
31. Селютина С.В., Кириченко Е.А. Аудит эффективности как важнейший элемент эффективного управления⁄⁄hhttp ⁄⁄vernadsky.tstu.ru/pdf/2009/05//rus_31_2009_05.PDF
32. Тоҳирова Р.С., Асоев К.Р. Ташаккули аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- 2020. - № 4.
33. Тоҳирова Р.С.Аудит. Китоби дарсӣ. Душанбе: Ирфон, 2017. -584 с.
34. Федулова С.Ф. Аудит эффективности использования государственных средств, стандарты, методики, практика проведения. По материалам научно- практической конференции 17 июня 2005 года. -Ижевск, 2005.
35. Христенко В.Б. Межбюджетные отношения и управление региональными финансами: опыт, проблемы, перспективы. –М.: Дело, 2002. – 608с.
36. Хушвахтзода Қ.Х.., Тоҳирова Р.С.., Каримов Б.Х., Аудити дохилӣ. Китоби дарсӣ. -Душанбе 2022. -596 с.
37. Ҳисобот оиди натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон то январи соли 2022; 2023.

## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ БУҶЕТ: ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ОН

Дар мақола муаллифон хусусиятҳои аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷет: пайдоиш, инкишофи назария ва амалияи онро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ дар назария ва амалияи назорати молиявии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав мебошад. Бинобар ин, ҳоло дар илми иқтисодии ватанӣ таҳқиқоти мукаммале вуҷуд надорад, ки асосҳои назариявӣ ва методии ин самти назорати молиявии давлатиро кушода дода тавонад. Вале дар адабиёти хориҷӣ ба омӯзиши ин масъала диққати муҳим дода шуда, таҳқиқоти зиёде бевосита ба масъалаҳои ташкил ва рушди аудити самаранокӣ бахшида шудаанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки барои дарк намудани моҳият ва муҳтавои аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ беҳтар аст, ки он аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ карда шавад. Бинобар ин, муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, то барои муайян кардани ҷиҳатҳои асосии назариявии омӯзиши масъалаи мазкур асарҳои олимони хориҷиро ба таҳлил фаро гиранд.

**Калидвожаҳо:** аудити самаранокӣ, аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷет, масъалаҳои ташкил ва рушди аудити самаранокӣ, моҳият ва муҳтавои аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ.

## ОСОБЕННОСТИ АУДИТА ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ: ВОЗНИКНОВЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ И ПРАКТИКИ

В данной статье авторы рассмотрели особенности аудита эффективности использования бюджетных средств: возникновение, развитие теории и практики. Аудит эффективности использования государственных средств является новым явлением в теории и практике государственного финансового контроля в Республике Таджикистан. Поэтому в отечественной экономической науке отсутствуют полноценные исследования, способные раскрыть теоретические и методологические основы данного направления государственного финансового контроля. Однако в зарубежной литературе изучению этого вопроса уделяется большое внимание. Существует множество исследований, непосредственно посвященных организации и развитию аудитов эффективности.

Авторы отмечают, что для понимания сущности и содержания аудита эффективности государственных расходов рекомендуется рассмотреть его теоретически. Поэтому авторы предприняли попытку проанализировать работы зарубежных ученых с целью определения основных теоретических аспектов исследования данного вопроса.

**Ключевые слова**: аудит эффективности, аудит эффективности использования бюджетных инструментов, вопросы организации и развития аудита эффективности, сущность и содержание аудита эффективности государственных расходов.

**FEATURES OF AUDITING THE EFFECTIVENESS OF USE OF BUDGET FUNDS: THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF THEORY AND PRACTICE**

In this article, the authors examined the features of auditing the efficiency of using budget funds: the emergence, development of theory and practice. Auditing the effectiveness of the use of public funds is a new phenomenon in the theory and practice of state financial control in the Republic of Tajikistan. Therefore, in domestic economic science there are no full-fledged studies that can reveal the theoretical and methodological foundations of this area of state financial control. However, much attention is paid to the study of this issue in foreign literature. There are many studies directly devoted to the organization and development of performance audits. The authors note that in order to understand the essence and content of an audit of the effectiveness of public expenditures, it is recommended to consider it theoretically. Therefore, the authors made an attempt to analyze the works of foreign scientists in order to determine the main theoretical aspects of the study of this issue.

**Keywords**: efficiency audit, audit of the efficiency of using budget instruments, issues of organizing and developing efficiency audits, the essence and content of an audit of the efficiency of public expenditures.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-16-98-64**

***Орзуев Парвизҷон Ҷамолидинович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-16-98-64**

***Орзуев Парвизджон Джамолидинович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about authors:** ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik national university, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-16-98-64**

***Orzuev Parvizjon Jamolidinovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 338.22(575.3)

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ


*Саидмуродова М.А.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакати мо, ин таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки тадриҷан амалӣ гардида истодааст. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо ҳаётан муҳим шуморида, баҳри таъмини аҳолии кишвар бо озуқа чораҳои таъхирнопазир меандешанд. Барои амалӣ гардонидани ҳадафи мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба сари аҳолӣ", "Барномаи давлатии таъмини амнияти озуқаворӣ" қабул ва Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст, ки самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи аграрӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳамчун қисми таркибии амнияти иқтисодии давлатро тибқи принсип ва меъёрҳои байналмилалии эътирофшуда муайян менамояд. Бо дарназардошти ин омилҳо ҳадафи асосии Барномаи амнияти озуқаворӣ аз афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ва баландгардонии ҳосилнокии меҳнат иборат буда, барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор ва афзалиятҳои Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нигаронида шуда, дар ин замина баҳри паст кардани сатҳи камбизоатӣ, шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, хусусан дар деҳот имконият фароҳам меоварад.

Таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ аз самаранокӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини босубот ва мутаносиби аҳолии кишвар бо озуқаворӣ тавассути афзоиши устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир проблемаҳои умумиҷаҳонӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, таҳдидҳои экологӣ, ҷангу мухолифатҳои дохиливу байни мамлакатҳо боиси пастравии рушди иқтисодиёт гардида, ба сатҳи зиндагии одамон таъсири манфӣ мерасонанд. "Бухрони иқтисодии ҷаҳонӣ ҳар давлатро водор менамояд, ки барои мунтазам рушд ёфтани иқтисодиёти кишвараш принсипҳои умумиэътирофгардидаро ба роҳбарӣ гирифта, консепсияву стратегияҳои рушди иқтисодиёти миллӣ ва иҷтимоии давлати худро коркард ва фаъолияти идоракуниро вобаста ба он роҳандозӣ намояд" [10].

Новобаста аз таъсири бухрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва вазъи мураккаби молиявӣ, рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолиро Ҳукумати Тоҷикистон вазифаи асосӣ мешуморад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар таъкид намуданд, ки «муҳайё намудани шароити ҳар чи беҳтари зиндагӣ барои сокинони кишвар ҳадафи олитарини фаъолияти Президент ва Ҳукумат мебошад» [9].

Яке аз нишондиҳандаҳои шароити хуби зиндагии аҳолии мамлакат, ин таъмин будан бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ мебошад. Нишондиҳандаи умумии таъмини амнияти озуқаворӣ барои ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон бошад, ин муайян намудани динамикаи солонаи истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ, ФАО (Ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) ба сифати нишондиҳандаи аз ҳама асосии амнияти озуқаворӣ ҳаҷми захираи ғалларо дар таносуб бо ҳаҷми истеъмоли солонаи он пешниҳод мекунад, ки дар ҷаҳон аз 17% то 20%-ро ташкил медиҳад (дар баъзе солҳо вобаста ба шароитҳои фавқулоддаи мамлакатҳо то 16% паст ҳам мешавад). Аммо ҳаҷми захира бояд ҳолати умумии озуқаворӣ, истеъмол ва дастрасии қисми асосии истеъмолкунандагони мамлакатро дарназар дошта бошад [9].

Дар ин маврид афзоиши истеҳсолоти аграрӣ метавонад ба чунин масъалаҳои вазнини иқтисодӣ дучор гардад, ки яке қобилияти харидории аҳолӣ ва дигаре бошад, инфрасохтори соҳаи аграрӣ дар масъалаи то истеъмолкунанда расонидани маҳсулот аст.

Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ин чунин ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Яъне, дар ин ҳолат таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар захира намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он барои дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ равона карда мешавад. Бо беҳтар гардонидани сифати озуқаворӣ саломатии инсон хуб мегардад ва аз истеъмоли хӯроки босифат манфиати физиологӣ ва биологии организм боло меравад. Аз ҳамин ҷиҳат таъмини маҳсулоти озуқавории хушсифат, асоси рушди сармояи инсонӣ дар дилхоҳ давлат ба ҳисоб меравад.

Озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз ҷиҳати миқдор, сифат ва бехатарӣ) мавҷуд ва дастрас буда, мардум барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ қисми таркибии бехатарии иқтисодӣ буда, мақсади асосии он истифодаи самараноки захираҳо дар таъмини мувозинати бозории талаботу таклифоти озуқаворӣ, таъмини ашёи хом барои соҳаҳои коркардабарорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ мебошад. Ин на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва имконияти харидории онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, балки қобилияти худтаъминкунии аҳолии кишвар ба маҳсулоти зарурии озуқаворӣ мебошад. Дар ҷумҳурӣ меъёри худтаъмкунии маҳсулоти озуқаворӣ барои аҳолӣ 80% муайян карда шудааст ва иқтидори бозори миллӣ аз рӯи маҳсулоти инфиродии дар дохил истеҳсолшуда баҳогузорӣ карда мешавад. Бо ин мақсад ҳар як мамлакат меъёрҳои тавсиявии тиббии истеъмоли маҳсулотро барои назорати дастрасии аҳолӣ ба озуқавории хушсифат дар сатҳи давлатӣ баррасӣ ва муайян мекунад. Ин меъёрҳо аз ҷиҳати тиббӣ ва физиологӣ асоснок карда шуда, баъд барои истифода пешниҳод карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. Physiological rates of consumption of food products per capita in the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯйи маҳсулот | Грамм дар як шабонарӯз | Килограмм дар як моҳ | Килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярма, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| 2 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| 3 | Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| 4 | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| 5 | Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| 6 | Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| 7 | Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| 8 | Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| 9 | Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| 10 | Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| 11 | Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, таҳти №451.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1, дида мешавад, барои таъмини тарзи ҳаёти солим ва истеъмоли кофии маҳсулоти озуқаворӣ барои ҳар як номгӯйи маҳсулот меъёрҳои тавсиявии физиологии маҳсулоти асосии озуқаворӣ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, дар ҷадвал қайд карда шудааст, ки барои таъмини тарзи ҳаёти солим истемъмолкунанда бояд дар як шабонарӯз 404,7 грамм нон ва маҳсулоти нонӣ истеъмол намояд, ки миқдори солонаи он ба 147,7 килограмм баробар аст. Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 111,9 грамм дар як шабонарӯз аст, ки дар давоми сол 40,8 килограммро ташкил медиҳад. Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ 24,6 грамм дар як шабонарӯз буда, миқдори солонаи он ба 9,0 килограмм баробар мебошад. Меъёри тавсиявии шир ва маҳсулоти ширӣ дар як шабонарӯз 316,0 грамм буда, меъёри солонаи он ба 115,3 килограмм баробар аст. Меъёри тавсиявии истеъмоли тухм дар як шабонарӯз 0,5 дона ва дар давоми сол 180,0 донаро ташкил медиҳад. Меъёри

истеъмоли шабонарӯзи равған 46,2 граммро ташкил дода, меъёри солонаи он 16,6 килограммро ташкил медиҳад. Меёъри истеъмоли шабонарӯзии қанд 54,8 граммро ташкил намуда, дар давоми сол 20,0 килограммро ташкил менамояд. Сабзавот ва полезиҳо бошанд, меъёри истеъмоли тавсиявиашон дар як шабонарӯз 455,0 грамм ва дар давоми сол бошад, 166,1 килограммро ташкил менамояд ва ғайра.

Барои таъмини амнияти озуқаворӣ, пеш аз ҳама, миқдори зарурии маҳсулотро истеҳсол намудан лозим аст. Тайи солҳои охир бо гузаронидани ислоҳот ва диверсификатсия дар соҳаи кишоварзии мамлакат рушди соҳа дар солҳои 2010-2019 6,4% ва дар соли 2021 6,6%-ро ташкил намуд. Тамоюлҳои мусбии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ яке аз сабабҳои зиёд гаштани меъёрҳои худтаъминкунии баъзе аз намудҳои маҳсулот дар дохили ҷумҳурӣ гардидааст, ки нишондиҳандаҳо чунинанд: гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ – 90%; шир ва маҳсулоти ширӣ- 95,3%; сабзавот ва полезиҳо- 102,6%; мева ва буттамева- 103,4%; картошка- 101,8%. Боиси қайд аст, ки тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ корхонаҳои мурғпарварӣ ва моҳипарварӣ ба миқдор зиёд гашта истодаанд, ки бозори истеъмолии мамлакатро аз маҳсулоти худ ғанӣ гардонида истодаанд.

Дар баробари ин, дар истеҳсоли маҳсулотҳои дигар ба монанди тухм- 43,9%; маҳсулоти қаннодӣ- 53,4%; равған (растанӣ, чарбу)- 31,5% ва қанд- 9,5% аз меъёри худтаъминкунӣ мо нисбати баъзе давлатҳои ҳамсояамон қафо монда истодаем [12].

Вобаста ба вазъи дар боло овардашуда, дар шароити муосир қисме аз маҳсулоти озуқаворӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Молҳои асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандум ва орд, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд, қанду шакар, равғани растанӣ маҳсулот аз орд (макарон, угро, нон, кулчаҳои қандин (пирожниҳо ва печениҳо), маҳсулоти ширӣ, тухм ва ғайраҳо (ҷадвали 2)).

**Ҷадвали 2. Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар солҳои 2018-2019**

**Table 2. Export and import of the main food products of the Republic of Tajikistan and their share in the total volume of trade in 2018-2019**

*(ҳазор тонна)*

| | Содирот | | 2019 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2018 | Воридот | | 2019 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Солҳо | | | Солҳо | | |
| | 2018 | 2019 | | 2018 | 2019 | |
| Молҳои озуқаворӣ | 145,2 | 131,8 | 90,8 | 1623,7 | 1849,6 | 113,9 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Гандум | - | - | - | 1018,9 | 1090,2 | 107,0 |
| Орд | - | - | - | 47,2 | 85,8 | 181,8 |
| Қанду шакар ва маҳсулоти қандӣ | 0,07 | 0,05 | 71,4 | 116,7 | 162,6 | 139,3 |
| Макарон, угро ва ғайра | 0,16 | - | - | 13,37 | 17,4 | 129,8 |
| Равғани растанӣ | 0,11 | - | - | 80,9 | 100,5 | 124,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | | 0,02 | - | 8,2 | 8,3 | 101,2 |
| Тухм | - | - | - | 34,4 | 40,3 | 117,2 |
| Чой | - | 0,1 | - | 5,1 | 5,8 | 113,7 |
| Картошка | 0,02 | 0,03 | 150,0 | 32,2 | 3,7 | 11,5 |
| Сабзавот | 84,8 | 84,5 | 99,8 | 39,5 | 10,9 | 28,0 |
| Меваҷот ва бехмеваҳо | 48,7 | 18,5 | 38,0 | 28,4 | 27,3 | 95,8 |
| Шарбати мева ва сабзавот | 0,07 | - | - | 4,9 | 6,9 | 140,8 |
| Сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор | 0,03 | 0,03 | 100 | 0,3 | 0,2 | 66,7 |
| Ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз | 2,3 | 2,8 | 121,7 | 19,6 | 20,5 | 104,6 |

Сарчашма: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2019 // Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. –С.20 [1].

Чуноне ки аз ҷадвали 2, маълум мегардад, молҳои озуқаворӣ 145,2 ҳазор тонна дар давоми соли 2018 ва дар давоми соли 2019 бошад 131,8 ҳазор тонна содирот карда шудааст. Мисол: қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 0,05, шир 0,02, чой 0,1, картошка 0,3, сабзавот 84,5, меваҷот бошад 18,5 ва сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор 0,03 ҳазор тонна. Воридоти молҳои озуқаворӣ 1623,7 ҳазор тонна дар давоми соли 2018 ва дар давоми соли 2019 бошад 1849,6 ҳазор тонна ворид карда шудааст. Аз ҷумла: гандум 1090,2, орд 85,8, қанду шакар 162,6, макарон, угро ва ғайра 17,4, равғани растанӣ 100,5, шир ва маҳсулоти ширӣ 8,3, тухм 40,3, чой 5,8, картошка 3,7, сабзавот бошад, нисбатан камтар, яъне, 10,9, меваҷот ва бехмева 27,3, шарбати мева ва сабзавот 6,9 ва сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор 0,2 ҳазор тонна [1].

Дар самти назорати воридот ва содироти маҳсулоти озуқаворӣ дар давраи соли 2019 ба ҷумҳурӣ аз хориҷи кишвар 26 303 тонна маҳсулоти гӯштӣ, 16 919 тонна маҳсулоти ширӣ, 2 219 141 сар чӯҷаи якрӯза, 1641 тонна тухми ғизоӣ, 10 437 510 дона тухми инкубатсионӣ, 2 559,5 тонна маҳсулоти моҳигӣ, 25,1 млн. дона моҳича, 930 ҳазор дона тухми моҳӣ, 122 540 тонна хӯроки чорво, 172,7 тонна маводҳои байторӣ, 21800 қуттӣ тухми кирмаки пилла, 852 тонна таҷҳизот барои соҳаи парандапарварӣ, 113,9 тонна чигити тухмӣ, 80 тонна картошкаи тухмӣ ва 184,4 тонна тухмии ҷуворимакка ворид гардиданд, ки ҳамаи онҳо мавриди ташхиси дақиқи бехатарии озуқаворӣ қарор дода шуданд.

Гарчанде, ки таъмини маҳсулоти озуқавории ватанӣ нисбати солҳои пешин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир хеле пеш рафтааст, вале ҳоло ҳам ҳиссаи баъзан маҳсулотҳои озуқавории воридотӣ аз меъёр зиёд ба назар мерасанд.

Воридоти молҳои озуқаворӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2018-ум 13,9% зиёд шудааст, аз он ҷумла воридоти тухм 17,2%, орд 81,8%, равғани растанӣ 24,2%, гандум 7,0%, макарон, угро 29,8%, чой 13,7%, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 39,3%, шарбату меваю сабзавот 40,8%, шир ва маҳсулоти ширӣ 1,2%. Аммо, дар ин давра воридоти меваҷот ва бехмеваҳо 4,2%, картошка 88,5%, сабзавот 72,0% ва сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор 33,3% коҳиш ёфтааст [1].

Қайд намудан бамаврид аст, ки солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳуриамон заводу фабрикаҳои хурд (мини) ва сардхонаҳои замонавӣ аз ҷониби соҳибкорон оиди истеҳсол ва нигоҳдории маҳсулоти озуқаворӣ дар базаи ашёи хоми ватанӣ (гӯшт, шир, меваю сабзавот ва истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ) вусъат ёфтааст. Инчунин, аҳолии деҳот аз заминҳои назди ҳавлигии худ самаранок истифода бурда, маҳсулоти озуқавории заруриашонро истеҳсол ва захира карда истодаанд. Ин падида боиси ба вуҷуд омадани мувозинати мусбии талаботу таклифоти маҳсулоти озуқаворӣ дар бозори истеъмолии кишвар ва пайдоиши рақобати солим миёни молистеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ватанӣ гардида истодааст.

Ба андешаи мо барои ҳар чи бештар таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ зарур аст, ки инноватсиякунонии соҳаи кишоварзӣ вусъат бахшида шавад. Бо ин роҳ мо метавонем на танҳо истеҳсолу таъминоти маҳсулоти озуқавории аз ҷиҳати экологӣ тозаро дар дохили ҷумҳурии худ таъмин намоем, балки бо он иқтидорҳое, ки дорем маҳсулоти аз истеъмолоти дохилӣ зиёдатиро ба давлатҳои дигар содир намоем.

Ҳамин тавр, барои ҳар як мамлакат роҳҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

• дастрасии аҳолии давлат ба маводи ғизоӣ ва оби нӯшокӣ;

• таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ ба таври кофӣ ва зарурӣ;

• мавҷудияти интихоби аҳолӣ дар таъмини талаботҳо;

• таъмини амнияти озуқаворӣ – имконияти инкишофи бемамонияти ҷисмониву иҷтимоии шахсият;

• имконяти беҳдошти саломатӣ ва барқарор намудани он;

• ҳуқуқи идомаи насл ва ғайра.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Давлатшоев О.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**

1. Агентии омори назди Президенти ҶТ. - 2021 // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. – 2019. -№4.

2. Внешняя торговля РФ: учеб. пособие / под ред. В.Н. Бурмистрова. -М.: Юристь, 2001. -384 с.
3. Дёмин С.Ю. К проблеме продовольственной безопасности и импортозамещении продовольствия в России / С.Ю. Дёмин // Социально-экономическое развитие России и Монголии: проблемы и перспективы: IV Междунар. науч.-практ. конф. -Улан-Батор, 12–15 мая 2015.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, таҳти №451.
5. Климова Н.В. Продовольственная безопасность в обеспечении конкурентоспособности страны. [Электронный ресурс]. URL: http://econf.rae.ru/ article/6075.
6. Красильникова Л.Е. К вопросу о продовольственной безопасности России / Л.Е. Красильникова // Экономика и управление: анализ тенденций и перспектив развития. - 2014. -Вып. 13. -С.154-161.
7. Махмадиев, Ф.Б. Роль регионального мясного кластера как фактора самообеспечения продовольственной безопасности страны / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2017. -№4(60). -С.132-137.
8. О продовольственной безопасности России: докл. группы экспертов Избор. клуба под рук. акад. РАН С. Ю. Глазьева // Изборский клуб. - 2013. -№7. -С.42–64.
9. Официальный сайт Продовольственной и сельскохозяйственной организации ООН. [Электронный ресурс]. URL: www.fao.org.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2021.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
12. Хисоботи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022.
13. Чеботарева М.С. Продовольственная безопасность в России и мире: сущность и проблемы / М.С. Чеботарева // Молодой ученый. - 2012. -№8. -С.149-151.

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақолаи мазкур масоили таъмини амнияти озуқаворӣии ҷумҳурӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии давлат таҳлил карда шудааст. Таъмини маҳсулоти зарурии озуқаворӣ барои аҳолии мамлакат, бевосита ба рушди соҳаи кишоварзӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар ин соҳа ва ба ин восита таъмини бештари талаботи аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣи истеҳсоли ватанӣ вазифаи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқаворӣи бо сифат мавҷуд ва дастрас бошад, аҳолии мамлакат барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Тайи солҳои охир Ҳукумати ҷумҳурӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки соҳибкорони ватанӣ ва худи аҳолӣ низ ба ин раванд ҳар чӣ бештар ҷалб карда шаванд. Аз ин ҷост, ки дар истеҳсол ва таъмини аҳолӣ бо як қатор маҳсулотҳои озуқаворӣи ватанӣ муваффақ гардидем. Минбаъд низ соҳаи кишоварзӣ бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки теъдоди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ ҳар чӣ бештар афзояд.

**Калидвожаҳо:** амнияти озуқаворӣ, маҳсулоти ватанӣ, миқдору сифат, соҳаи аграрӣ, дастрасии иқтисодӣ, талабот, таклифот.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА КАК СОСТАВНАЯ ЧАСТЬ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ

В данной статье анализируются вопросы продовольственной безопасности республики как неотъемлемой части экономической политики государства. Обеспечение населения страны необходимыми продуктами питания напрямую связано с развитием аграрного сектора. Поэтому проведение экономических реформ в этой сфере и обеспечение тем самым большей части населения страны продуктами питания отечественного производства является первоочередной задачей. Продовольствие считается обеспеченным, когда качественная пища имеется и доступна, и население страны может удовлетворительно потреблять такую пищу для обеспечения здоровой жизни. В последние годы правительство республики старается максимально вовлечь в этот процесс отечественных предпринимателей и население. Именно поэтому нам удалось произвести и обеспечить население рядом отечественных продуктов питания. В будущем аграрный сектор должен приложить усилия для максимального увеличения производства отечественных продуктов питания.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, отечественная продукция, количество и качество, аграрный сектор, экономический доступ, спрос, предложение.

## ENSURING FOOD SECURITY IN TAJIKISTAN AS AN INTEGRAL PART ECONOMIC POLICY

This article analyzes the issues of food security of the republic as an integral part of the economic policy of the state. Providing the country's population with necessary food products is directly related to the development of the agricultural sector. Therefore, carrying out economic reforms in this area and thereby providing the majority of the country’s population with domestically produced food products is a priority task. Food security is considered when quality food is available and accessible, and the population of a country can satisfactorily consume such food to ensure a healthy life. In recent years, the government of the republic has been trying to involve domestic entrepreneurs and the population in this process as much as possible. n recent years, the government of the republic has been trying to involve domestic entrepreneurs and the population in this process as much as possible. That is why we were able to produce and provide the

population with a number of domestic food products. In the future, the agricultural sector must make efforts to maximize domestic food production.

**Keywords:** food security, domestic products, quantity and quality, agricultural sector, economic access, demand, supply.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-62-68-95.** E-mail: **malika-63-63@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-62-68-95**. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saidmurodova Malika Abduvakhobovna*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-62-68-95.** E-mail: **malika-63-63@mail.ru**

ТДУ: 336.2(575.3)

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Давлатов Н.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Суғурта яке аз қисмҳои таркибии робитаҳои иқтисодии байни одамон дар ҷараёни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он товонии зарар, ки дар рафти фаъолияти хоҷагӣ ва ҳаёти одамон ба вуҷуд меояд, кафолат дода мешавад. Дар замони муосир доир ба таснифоти фаъолияти суғурта нуқтаи назари гуногун ҷой дорад. Дар бештари кишварҳо суғуртаро ба ду намуди асосӣ ҷудо менамоянд: суғуртаи ҳаёт ва намудҳои дигари суғурта, ки бо суғуртаи ҳаёт алоқаманд нестанд. Дар баробари ин, дар таҷрибаи фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ се самт ва ё се шакли суғурта: молу мулкӣ, шахсӣ ва масъулият муайян карда шудааст. Дар суғуртаи шахсӣ, объекти суғурта - манфиатҳои молу мулкии алоқаманд ба ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнатӣ ва бо нафақа таъмин гардидани суғуртакунанда ѐ шахси суғурташуда, ба ҳисоб меравад.

Ба суғуртаи шахсӣ дохил мешаванд: суғуртаи ҳаёт, суғурта аз ҳодисаҳои нохуш, суғуртаи тиббӣ ва ғайра. Дар суғуртаи молу мулк, объекти суғурта - манфиатҳои молу мулкие, ки бо ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молу мулк алоқаманд мебошад, ба ҳисоб меравaнд. Ба суғуртаи молу мулкӣ шаклҳои зерини суғурта дохил мешаванд: суғуртаи амвол, суғуртаи масъулият, суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, суғуртаи таваккали молиявӣ ва ғайра. Дар баробари ин, ба суғуртаи амвол шаклҳои зерини суғуртакунонӣ дохил мешаванд: суғуртаи молу мулки муассисаҳо ва ташкилотҳо, суғуртаи молу мулки шаҳрвандон, суғуртаи нақлиёт (воситаҳои нақлиёт ва борҳо).

Қобили тазаккур аст, ки бахши рушдёфтаи суғурта густариши фаъолияти истеҳсолӣ ва соҳибкориро таъмин менамояд. Чунки ҳангоми дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба миён омадани ҳолатҳои номусоиди хусусияти табиӣ, техникӣ ва ё молиявӣ дошта, тавассути суғурта талафот рӯйпӯш карда шуда сатҳи пешакӣ ноилшудаи фаъолият ва натиҷаҳои молиявӣ барқарор карда мешаванд. Доираи паҳншавии талафот маҳдуд гардида, таъсири он ба дигар субъектҳои иқтисодӣ пешгирӣ карда мешавад. Тавассути суғурта талафоти ибтидоӣ ҳангоми рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ фаро гирифта шуда, раванди мунтазами такрористеҳсол дар сатҳи макроиқтисодӣ таъмин мегардад. Ҳамин тариқ, бахши суғурта ба сифати унсури муътадилкунандаи макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ баромад менамояд. Махсусан дар шароити табодулоти сифатӣ, дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ масъалаи рушди васеи бахши суғурта ҳамчун низоми таъминкунандаи ҳимояи манфиатҳои молу мулк ва иҷтимоии субъектҳои хоҷагидорӣ аҳаммияти калонро соҳиб мегардад. Зеро гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар назди давлат як қатор вазифаҳои муҳимми макроиқтисодиро, ки ҳалли босуръат ва самаранокро талаб менамоянд, мегузорад.

Аммо амалигардонии онҳо бе истифодаи воситаҳо ва фишангҳои бозорӣ, ки суғурта муҳимтарини онҳо мебошад, имконнопазир аст. Вазифаи асосии бахши суғурта ҳамчун бахши махсусгардонидашудаи иқтисодиёт, ташкили низоми ҳимояи манфиатҳои молу мулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки ҷуброни воқеии талафоти дар натиҷаи намудҳои гуногуни фаъолият, зуҳуроти ғайричашмдошти табиӣ, садамаҳои техногенӣ, фоҷиаҳо, ҳолатҳо ва ҳодисаҳои манфии иҷтимоиро таъмин менамояд, инчунин, фароҳам овардани муҳити боэътимод ва устувори хоҷагидории барои рушди иқтисодӣ зарур мебошад. Ҳамзамон, хусусияти хосси фишанги суғуртавӣ аз он иборат мебошад, ки он на фақат метавонад вазифаи ҳимояи манфиатҳои молу мулкии корхонаҳо ва шаҳрвандонро амалӣ гардонад, балки аксарияти вазифаҳои макроиқтисодии давлатро низ ҳал намояд.

Васеъ гардидани доираи фаъолияти молистеҳсолкунандагон, ташаккули фазои зерсохтори бозорӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ, якбора кам гардидани таъсири сохторҳои давлатӣ ба ҷараёни истеҳсол ва тақсими неъматҳои моддӣ водор месозад, ки

усулҳои муосири идораи иқтисод ҷорӣ карда шаванд, то онҳо ба раванди зиндагии шаҳрвандон таъсир расонанд. Дар ин давра рушди фаъолияти намудҳои гуногуни соҳибкорӣ, васеъшавии доираи амалиёти молиявӣ ва мубодилавӣ, зиёд гардидани шартномаҳои уҳдадории байниҳамдигарии субъектҳои хоҷагидорӣ ба миён омада, низоми мустаҳками ҳимояи кафолатнок аз ҳар гуна ҳодисоти ғайричашмдоштро талаб менамояд.

Чун сухан дар хусуси ҳимояи воқеӣ ва амалии манфиатҳои молумулкии шахсон меравад, тамоми сохторҳо, ҳатто давлатҳои абарқудрати муосир оҷизии худро эҳсос мекунанд. Дар чунин вазъият нақши фишангҳои иқтисодӣ калон буда, танзими дурусти онҳо аз тарафи давлат самараи дилхоҳи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ба миён меорад, ки ба таъмини қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва суботи давлату ҷамъият мусоидат мекунад.

Ба назари мо аҳаммияти муҳимеро дар ин бобат, бо дар назардошти мақсадҳои умумиҷамъиятӣ ва ташаккули шароити баробарии мувозин байни соҳаҳои иқтисод, масоили хизматрасонии суғуртавӣ соҳиб мегардад, ки зарурати рушди он асоси фаъолияти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб хоҳад гашт. Танҳо дар заминаи хизматрасонии суғуртавӣ, имконияти ҳимояи манфиатҳои дастҷамъӣ ва инфиродӣ, ки дар ҷараёни истеҳсол, тақсим, муомилот ва истеъмол пайдо мешаванд, ба вуҷуд меоянд ва ба ин васила раванди хизматрасонии суғуртавӣ дар замони муосир назди илм вазифаҳои нав мегузорад, ки ҳалли онҳо ҷанбаҳои асосноки илмиро оид ба тақвияти иқтисодиёт, рушди босуботи соҳаҳо ва маҷмуан барои бартараф намудани камомадҳои буҷети давлатӣ фароҳам меоварад.

Илми муосир дар самти суғурта исбот намудааст, ки шумораи хоҷагиҳои манфиатдор нисбат ба шумораи субъекҳои ҷабрдида зиёдтар аст. Бинобар ин, тақсими ҷуброни зарар байни хоҷагиҳои манфиатдор, ҳангоми ба миён омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ сабуктар мегардад. Вобаста ба ин, агар шумораи субъектҳои тақсимкунандаи зарар (суғурташудагон) чи қадар зиёд бошад, ҳиссаи ҳар кадом иштироккунанда дар маблағи тақсимшавандаи ҷуброн ҳамон қадар кам мегардад. Ҳамин тавр, муносибатҳои хизматрасонии суғуртавӣ ба миён омадааст, ки моҳияташ аз тақсими ҳамраъйона ва сарбастаи ҷуброни зарар иборат аст. Ба андешаи мо, низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ яке аз унсурҳои муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад, ки он ҳамаи соҳаҳои гуногуни иқтисодро фарогир аст. Ин низом ба баргардонидани (ҷуброн намудани) талафоти моддӣ алоқаманд аст, ки барои ҷараёни беист ва бетанаффуси такрористеҳсол асос мегардад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмии иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мафҳуми суғурта ва падидаҳои аввалини пайдоиши он дар асарҳои олимони хориҷию ватанӣ ба мушоҳида мерасанд. Ба ақидаи ин олимон, таҳаввули нуқтаи назар оид ба суғурта имкон медиҳад, ки тағйирёбии характер ва самти он мушоҳида карда шавад. Ҳанӯз Карл Маркс дар асари машҳури худ «Капитал» ташаккул ва фаъолияти фонди суғуртавиро ҳамчун зарурати умумиҷамъиятӣ баён намуда, чунин ифрози ақида кардааст: «сармояи доимӣ дар ҷараёни такрористеҳсол мумкин аст ба ҳолатҳои тасодуфӣ ё хатарнок дучор гардад, ки метавонад ҳиссаи онро кам гардонад ва ё тамоман нобуд созад. Андозаи муайяни меҳнати иловагӣ чун суғурта ба муқобили ҳодисаҳои ногаҳонӣ, зарурати рушди талабот ва васеъгардонии доимии ҷараёни такрористеҳсолро талаб менамояд» [10,с.49].

Дар бештари адабиёти иқтисодӣ ақидаи маъмул он аст, ки ба пайдоиши нишонаҳои аввалини фаъолияти суғурта дар асри XVII, Эдвард Ллойд дар яке аз қаҳвахонаҳои Лондон (Lioyd,s Coffee House) асос гузоштааст. Л.И. Рейтман ба он ақида аст, ки шарти муҳимми ҷараёни такрористеҳсол, ин бетанаффус ва бефосила амал кардани он аст. Агар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар натиҷаи таъсири ҳодисаҳои табиӣ ва ё фавқуллода вайрон гардад, ҷамъиятро зарур аст, пеш аз ҳама чораҳои гуногуни огоҳ ва пешгирикунандаро қабул кунад [11,с.55].

А.А. Гвозденко қайд мекунад, ки “ҳанӯз дар ҷамъияти ғуломдорӣ созишномаҳое қабул гардида буданд, ки дар онҳо нишонаҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ дида мешуданд. Ин созишномаҳо доир ба амволи ғайриманқул, тиҷорат, қарздиҳӣ ва ҳамчунин оид ба ҳимояи манфиатҳои шахсию амволии киштиҳои баҳрӣ ба имзо мерасанд, ки моҳияти асосии онҳо дар тақсим намудани таваккали эҳтимолияти ҳодисаҳои

ғайричашмдошт буд”. Дар робита ба ин ақида, аввалин падидаҳои суғурта дар соли 1666 ҳамчун суғуртаи баҳрӣ ба миён омадааст.

Аз рӯи ақидаи Ф.В. Коншин «суғурта яке аз усулҳои ташкили фонди марказонидашуда барои баргардонидани талафот, зарар ҳангоми пайдоиши ҳодисаҳои суғуртавӣ аз ҳисоби пардохтҳои суғуртавӣ ва ҳамчунин барои ҷуброни зарари моддии алоқаманд бо ҳаёт ва қобилияти меҳнатии кормандон (суғурташавандагон) мебошад». Аз нигоҳи мо чунин шарҳи мафҳуми суғурта нокифоя аст, зеро дар иқтисодиёти бозорӣ моҳияти суғурта танҳо дар рӯйпӯш намудани зарар зоҳир нагардида, доираи фаъолияти он васеъ мешавад. Ю.Н. Тронин иброз медорад, ки «суғурта яке аз муҳимтарин институтҳои рушди хоҷагидории бозорӣ мебошад. Он таъминкунандаи устуворӣ ва самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ буда, аҳаммияти зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад».

Е.В. Коломин пешниҳод менамояд, ки мафҳуми суғурта густурда буда, бояд ба маъниҳои маҳдуд ва васеъ баррасӣ шавад. Ба маънии маҳдуд суғурта - муносибатҳоеро меноманд, ки онҳоро қонун дар бораи суғурта ба танзим медарорад ва онҳо предмети фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ маҳсуб меёбанд. Ба маънии васеъ, мафҳуми суғурта фарогири сатҳи иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи нафақавӣ, суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи мутақобила мебошад, ки ба танзим дароварда шудаанд ва ё бояд тавассути дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим карда шаванд. Ба мафҳуми васеъ, суғурта он муносибатҳои иқтисодиеро дарбар мегирад, ки баёнкунандаи ташаккули фонди махсуси пулӣ аз ҳисоби пардохтҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ буда, имконияти истифодабарии ин фонд ба худи онҳо ё шахсони дигар танҳо дар ҳолати ҷуброни зарари ҳодисаҳои номусоид, муяссар мегардад.

Муҳаққиқони рус дар соҳаи суғурта Шахов В.В ва Ахвледиани Ю.Т. ба он ақидаанд, ки суғурта (Insurance) - низоми муносибатҳое мебошад, ки барои ҳимояи манфиатҳои амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз тарафи ташкилоти махсус - ташкилоти суғуртакунанда, барои баргардонидани зарари расида аз ҳодисаҳои суғуртавӣ ташкил шудааст. Манфиатҳои амволӣ (Owner of Interest), ки ҳамчун объекти суғурта ҳисобида мешаванд, ба монанди: 1) ҳаёт, саломатӣ, таъминоти нафақавии суғурташаванда ва ғ. (суғуртаи шахсӣ); 2) соҳибӣ кардан, ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ (суғуртаи амвол); 3) баргардонидани зарари расида ба шахс ва ё амволи шахси воқеӣ, доштани масъулият (суғуртаи масъулият) алоқаманд мебошанд.

Ба ақидаи Т.В. Никитина, суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти тиҷоратӣ баромад мекунад. Суғуртакунанда масъулиятро барои ин ё он хавф бар дӯши худ гирифта, пеш аз ҳама, интизори он аст, ки шартномаи басташуда ба ӯ чи манфиат (даромад) медиҳад. Чунончи, соҳибкорӣ бе хавф амалӣ шуда наметавонад. Суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ на танҳо тарзи ҳимояи соҳибкорӣ аз ҳолатҳои фавқуллода, ҳамзамон, воситаи ҳимоя аз тағйиротҳои иқтисодӣ дар бозор маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, суғурта дар ин ҳолат алоқамандии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро байни иштирокдорони муносибатҳои бозорӣ танзим менамояд. Суғурта чун системаи муҳофизати манфиатҳои амволи шаҳрвандон, унсури зарурии сохти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебошад ва ба мустаҳкам гардидани низоми иқтисодии давлат таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тавр, миёни таърифҳои номбурдаи мафҳуми суғурта ақидаи В.В. Шахов аҳаммияти хосса дорад. Аз нигоҳи ӯ “суғурта – ин бахши стратегии иқтисодиёт аст. Махсусан дар даврони рушди муносибатҳои иқтисодӣ, соҳибкорон имконият пайдо мекунанд, то таваҷҷуҳи бештари худро ба масъалаҳои бозор ва рақобатпазирӣ равона созанд, боварии комил дошта бошанд, ки воситаҳои истеҳсолот ва олотҳои меҳнат аз ҳар гуна ҳодисаҳои фавқуллода ба таври моддӣ ҳимоя шудаанд. Маҳз суғурта метавонад иқтидори сармоягузориро зиёд намуда, имконият фароҳам орад, то сатҳи зиндагӣ ва боигарии миллат баланд бардошта шавад”.

Таърифи мафҳуми “суғурта” аз тарафи иқтисодшиноси рус В.Б. Гомелл низ ҷолиби диққат аст: «суғурта мақсади муайяни ҷуброн намудани талаботи имконпазирро дорост: суғурта тақсимоти байни шахсони сершумор ва ояндаи номуайяну талаботи фавқуллода мебошад» [7,с.9].

Дар баробари муҳаққиқони хориҷӣ нуқтаи назари олимони ватаниро низ ба инобат гирифта, ақидаҳои илмии онҳоро нисбат ба мафҳуми суғурта дар зер баён мекунем. Ба

ақидаи муҳаққиқони илми иқтисод, профессорон Раҷабов Р.К., Фақеров Ҳ.Н., Нурмаҳмадов М., Саидова М.Ҳ "суғурта - механизми иқтисодиест, ки тавассути он шахсони алоҳида ва муассисаҳо метавонанд хавфи холиси худро (дар алоқамандӣ нисбат ба зарари молиявӣ номуайян аст) ба дигар субъект ҳавола кунанд". Дар ин шарҳ низ мафҳуми суғурта нопурра ба назар мерасад, зеро дар мазмуни суғурта сабукгардонии имкониятҳои молиявӣ ва огоҳнамоӣ аз ҳодисаҳои суғуртавӣ низ ниҳон аст. Аз нигоҳи муҳаққиқон А. Ҷабборов ва Н. Шаропов - суғурта ҳамчун категорияи иқтисодӣ, системаи муносибатҳои иқтисодиро оид ба маҷмуи муносибатҳои сарбастаи азнавтақсимкунии иштирокчиёне, ки аз ҳисоби пардохти ҳаққи узвияташон фонди мақсадноки суғуртавӣ бунёд намуда, онро барои ҷуброни зарари эҳтимолии корхонаву ташкилотҳо ҳангоми сар задани ҳодисаҳои фавқуллода, инчунин, барои таъминоти моддии шаҳрвандон ҳангоми ҷой доштани баъзе ҳодисаҳо дар ҳаёти онҳо истифода мекунад, ифода менамояд. Ба маънои дигар, суғурта тақсими зарари як суғурташуда байни ҳамаи суғурташудагон мебошад. Дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми назариявии соҳаи молия саҳми иқтисодшинос Оймаҳмадов Г.Н. назаррас буда, ин муҳаққиқ суғуртаро чунин тавсиф намудааст: «суғурта - ин маҷмуи муносибатҳои молиявие, ки оид ба аз нав тақсим намудани манбаъҳои молиявӣ дар байни иштирокдорони раванди суғурта, дар шароити ҷой доштани ҳодисаҳои суғуртавӣ ва ҷуброни зарар ба вуҷуд меояд ва ё муносибатҳои молиявие, ки оид ба ташкилу азнавтақсимнамоии фондҳои пулӣ бо мақсади пешгирию ҷуброни зарари эҳтимолии мавқеъ дошта, ташаккул ёфтаанд». Дар ин нуқтаи назар ҳам мафҳуми суғурта ба пуррагӣ таҷассум наёфтааст, зеро фондҳои пулии бо мақсади суғуртакунӣ таъсисёфта на танҳо бо мақсади пешгирию ҷуброни зарари эҳтимолӣ масраф мешаванд, балки доираи истифодабарии онҳо дигар манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ низ, дорад.

Ба ҳамин мазмун, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ оид ба суғурта чунин ибрози ақида намудаанд: «Суғурта яке аз унсурҳои муҳимми таркибии иқтисодиёти мамлакатҳо ба ҳисоб рафта, метавонад дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд. Инчунин, бахши суғурта дар ташаккул ва рушди бозорҳои сармоя нақши мушаххас дорад, зеро он яке аз харидорони асосии коғазҳои қиматноки давлатию корпоративӣ буда, барои муҳайё намудани маблағҳои озод ва ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт сармоягузорӣ намудани онҳо, кумак менамояд».

Бояд зикр кард, ки фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, ҳамчун ташкилкунандагони раванди муносибатҳои суғуртавӣ, пеш аз ҳама, дар қонеъгардонии талаботҳои шаҳрвандон баҳри ҳимояи суғуртавӣ равона карда мешавад. Аз ин сабаб, бо роҳи ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, махсусан давлат ва дигар иштирокдорони касбии ин бозор метавонанд шароити босуботу босамарро барои ҳимояи манфиатҳои шахсию амволии субъекҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон муҳайё созанд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади муайян намудани тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот оид ба нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳа, аз ҷумла: сатҳи афзоиши шумораи ташкилотҳои суғурта, ҳаққи суғуртавии воридгардида, пардохти ҷуброни суғуртавӣ, миқдори шартномаҳои ба тасвиб расонидашуда, сармояи ташкилотҳои суғуртакунанда, фонди оинномавии онҳо дар давоми 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023 мавриди таҳлили муфассал қарор дода шуд.

Тамоюл ва тағйирёбии сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият дида мебароем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта**
**Table 1. Structure of professional participants of the insurance market**

| *Ташкилотҳои суғуртавӣ* | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 1 | 3 | 10 | 14 | 17 | 16 | 15 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | 2 | 4 | 11 | 16 | 20 | 19 | 18 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои дастрасшуда

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки шумораи субъектҳои асосии бозори суғурта дар соли 1995 2 ададро ташкил намуда, ин шумора дар соли 2020 ба 18 адад баробар гардидааст. Сабаби афзоиши шумораи ширкатҳои суғуртавӣ, агар аз як тараф, талаботи иқтисодиёти бозорӣ дар заминаи ниёзҳои аҳолӣ бошад, аз тарафи дигар, дастгирии пайвастаи давлат дар заминаи фароҳам овардани шароити озоди фаъолияти ин қисмати низоми молиявии давлат мебошад.

**Ҷадвали 2. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ ва филиалҳои онҳо дар нимсолаи якуми соли 2023**

**Table 2. Number of insurance organizations and their branches in the first half of 2023**

| | 2019 | 2020 | Тағйирот (+/-) |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ** | **2** | **2** | **0** |
| **Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ** | **16** | **15** | **-1** |
| **Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила** | **1** | **1** | **0** |
| **Ҳамагӣ:** | **19** | **18** | **-1** |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | **77** | **77** | **0** |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллӣ Тоҷикистон

Аз таҳлили ҷадвали 2 маълум мегардад, ки ба ҳолати 31 декабри соли 2020 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 адад иштирокчии касбии бозори суғурта фаъолият менамоянд, ки сохтори он аз 2 ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД), 15 ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ва 1 маркази дастгирии суғуртаи мутақобила иборат мебошад. Шумораи онҳо нисбат ба соли 2019 бинобар сабаби барҳамхӯрии ҶДММ "ТС Лидер иншуренс" 1 адад кам гардидааст. Шумораи умумии филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, дар соли ҳисоботӣ ба 77 адад баробар шуд.

**Ҷадвали 3. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ ва филиалҳои онҳо дар нимсолаи якуми соли 2023**

**Table 3. Number of insurance organizations and their branches in the first half of 2023**

| | 1/2022 | 1/2023 | Тағйирот (+/-) |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | 18 | 16 | -2 |
| **Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ** | 1 | 1 | 0 |
| **Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ** | 17 | 15 | -2 |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | 72 | 67 | -5 |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллӣ Тоҷикистон

Аз таҳлили ҷадвали 3 маълум мегардад, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 адад иштирокчии касбии бозори суғурта фаъолият менамоянд, ки сохтори он аз 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва аз 15 ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ иборат мебошад. Шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 бинобар сабаби барҳамхӯрии ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) Тоҷиксармоягузор ба як адад баробар гардидааст. Шумораи Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ бошад дар нимсолаи якуми соли 2023 дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 15 адад баробар гардид. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 2 адад кам гардидааст.

Дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар нимсолаи якуми соли 2023 ба 766,8 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 191,5 млн. сомонӣ, ё 33,3% зиёд мебошад. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур аз ҳисоби зиёд гардидани дороиҳои ҶДММ "ТС Бима" - 2,5 маротиба, ҶДММ "ТС"Меҳнат" - 2,3 маротиба, ҶДММ "Суғуртаи асри 21" - 74,6%, ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" - 32,9%, ҶСП "ТС" Суғуртаи аввалини миллӣ" - 27,8% ва ҶДММ ТСА "Спитамен иншуренс" - 11,9% ба амал омадааст. Дороиҳои низоми суғурта рушди устувор дошта, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба сатҳи баландтарин расиданд.

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023 (млн. сомонӣ)**

**Diagram 1. Changes in assets of the insurance system in 2016-2022 and the first half of 2023 (million Somoni)**




Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

Дар нимсолаи якуми соли 2023 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар 331,5 млн. сомониро ташкил доданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 114,8 млн. сомонӣ (53,0%) зиёд мебошад. Зиёд гардидани нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби зиёд гардидани уҳдадориҳои тавозунии ҶДММ "Суғуртаи асри 21" - 5,5 маротиба, ҶДММ "Суғуртаи шарқ" - 4,9 маротиба, ҶДММ "ТС "Меҳнат" - 3,9 маротиба, ҶДММ ТСА "Спитамен иншуренс" – 65,3% ва ҶСП ТС "Паймон иншуренс" – 40,3% ба амал омадааст.

**Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023**

**Diagram 2. Changes in the balance sheet obligations of the insurance system in 2016-2022 and the first half of 2023**

*(млн. сомонӣ)*




Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

Маблағҳои худии (сармояи) низоми суғуртаи кишвар. Дар нимсолаи якуми соли 2023 ба 435,4 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 76,7 млн. сомонӣ ё 21,4% зиёд гардиданд. Сармояи (фонди) оинномавӣ ба санаи 30 июни соли 2023 333,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 53,9 млн. сомонӣ ё 19,3% афзоиш ёфтааст. Риоя намудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо афзудани сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар

мусоидат менамояд ва ин раванд давра ба давра аз устувор гаштани пойгоҳи пулии ташкилотҳои суғуртавӣ шаҳодат медиҳад. Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ, сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин, фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

**Диаграммаи 3. Тағйирёбии мукофоти суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳои суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023**
**Diagram 3. Changes in the insurance premium by type of insurance in 2016-2022 and the first half of 2023**




Сарчашма. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ). Дар нимсолаи якуми соли 2023 маблағи 194,3 млн. сомониро ташкил дод. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) нисбат ба нимсолаи якуми соли 2022 тамоюли зиёдшавӣ дошта, ба андозаи 27,9 млн. сомонӣ ё 16,8% афзудааст. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ҶДММ "Суғуртаи асри 21"- 5,5 маротиба, ҶДММ "ТС Сипаҳр" – 4,3 маротиба, ҶДММ "ДС Суғурта" - 2,7 маротиба, ҶДММ "ТС" Меҳнат" - 2,5 маротиба, ҶДММ ТСА "Спитамен иншуренс" – 66,2%, ҶСП ТС "Паймон иншуренс" – 34,9% ва ҶСП "ТС"Суғуртаи аввалини миллӣ" – 31,4% мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бештар ҷамъоварӣ шудааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2023 мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 736,9 ҳазор сомонӣ ва 37,8 млн. сомониро ташкил намуд, ки суғуртаи ҳатмии давлатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 116,4 ҳазор сомонӣ ё 18,7% ва суғуртаи ҳатмӣ ба маблағи 3,1 млн. сомонӣ ё 10,9% зиёд шудааст.

Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ бошад, ба 155,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 80,2%-и ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавиро дар низоми суғуртаи кишвар ташкил медиҳад. ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи ин шакли суғурта дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 21,5 млн. сомонӣ ё 16,0% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми воридоти умумии мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ҷудо мешавад. Таҳлилҳои оморӣ исбот менамоянд, ки ҳиссаи бештари воридоти мукофоти суғуртавӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ рост меояд.

Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бошад, дар давраи баррасишаванда ба 61,6 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 9,9 млн. сомонӣ ё 19,1% зиёд мебошад. Захираҳои суғуртавӣ дар охири нимсолаи якуми соли ҷорӣ 252,1 млн. сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 92,4 млн. сомонӣ (57,9%) зиёд мебошад. нишондиҳандаи мазкур аз афзоиши устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар шаҳодат медиҳад.

**Диаграммаи 4. Хавфҳои базиммагирифта ва интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023**

**Diagram 4. Insured and transferred risks of insurance organizations in 2017-2022 and the first half of 2023**




Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

Чунин афзоиш дар ҶДММ “Суғуртаи асри 21”- 5,2 маротиба, ҶДММ “ТС Бима” - 4,6 маротиба, ҶДММ “Суғуртаи шарқ” - 4,5 маротиба, ҶДММ ТСА “Спитамен иншуренс” - 3,9 маротиба, ҶДММ “ТС меҳнат” - 3,5 маротиба, ҶДММ “ДС Суғурта” - 2,5 маротиба ва ҶДММ “ТС Эсхата - суғурта” - 2,5 маротибаро ташкил медиҳад. Пардохтҳои суғуртавӣ (ҷубронҳои суғуртавӣ) дар нимсолаи якуми соли 2023 тамоюли коҳишёбиро ба худ касб намуда, дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавии рухдода аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар ин давра дар ҳаҷми 9,8 млн. сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 311,1 ҳазор сомонӣ (-3,1%) камтар мебошанд.

Ҳамин тавр, дар самти такмили хизматрасониҳо оид ба идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии ҳифзи саломатии аҳолӣ имкон медиҳад, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, ки ҳадафи олии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бо пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад, баланд бардошта шуда, дар соҳаи суғурта моделҳои ноустувор аз байн бурда шуда, бо истифода аз таҷрибаи мамолики рушднамуда дар ин самт, кафолати ҳуқуқии истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ аз тарафи давлат ва иштирокдорони ин муносибатҳо таъмин карда шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Архипов А.П. Финансирование социального страхования на современном этапе. Проблемы и возможные решения // Страхование и управление рисками: проблемы и перспективы: монография / А.П. Архипов; под ред. С.А. Белозерова, Н.П. Кузнецовой. -М.: Проспект, 2017. -528 с.
2. Архипов, А.П. Социальное страхование. Здоровье, пенсии, профессиональные риски: учебник и практикум для академического бакалавриата / А.П. Архипов. -М.: Издательство Юрайт, 2015. -387 с.
3. Ахвледиани Ю.Т. Рынок страховых услуг: современные тенденции и перспективы развития. Монография / Ю.Т. Ахвледиани. –М.: РУСАЙНС, 2017. -236 с.
4. Ашуров Ғ.Д. Асосҳои суғурта. Воситаи таълимии визуалӣ / Ғ.Д. Ашуров. -Душанбе: Файзи борон, 2020. -60 с.
5. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасонии суғуртавӣ. Монография / Ғ.Д. Ашуров. -Душанбе: Файзи борон, 2020. -260 с.
6. Ашуров Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан: дис. на соискание уч. степени к.э.н. по специальности 08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством (сфера услуг) / Г.Д. Ашуров. -Душанбе, 2011. -155 с.
7. Балабанов И.Т. Стахование / И.Т. Балабанов. -СПб.: Питер, 2004. -256 с.
8. Гомелл В.Б. Генезис страхования / В.Б. Гомелл. -М.: Московский финансово-промышленный университет «Синергия», 2016.
9. Гребенщиков, Э.С. Микрострахование – не вполне обычное страхование и не только для малоимущих / Э.С. Гребенщиков // Финансы. – 2007. -№10.

10. К. Маркс. Капитал / К. Маркс. -М.: Изд-во политической литературы, 1951. -Т.3. -927 с.
11. Рейтман Л.И. Страховое дело / Л.И. Рейтман. -М., 1992. -593 с.
12. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№8. -С.33-39.
13. Ҷабборов А. Суғурта / А. Ҷабборов, Н. Шаропов. -Душанбе: Ирфон, 2011. -376 с.
14. Ҷабборов А. Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон. Комплекси таълимӣ-методӣ / А. Ҷабборов, К. Алимов. -Душанбе, 2016. -250 с.

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Суғурта яке аз қисмҳои таркибии робитаҳои иқтисодии байни одамон дар ҷараёни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он товони зарар, ки дар рафти фаъолияти хоҷагӣ ва ҳаёти одамон ба вуҷуд меояд, кафолат дода мешавад. Танҳо дар заминаи хизматрасонии суғуртавӣ имконияти ҳимояи манфиатҳои дастҷамъӣ ва инфиродӣ, ки дар ҷараёни истеҳсол, тақсим, муомилот ва истеъмол пайдо мешаванд, ба вуҷуд меоянд ва ба ин васила раванди хизматрасонии суғуртавӣ дар замони муосир назди илм вазифаҳои нав мегузорад, ки ҳалли онҳо ҷанбаҳои асосноки илмиро оид ба тақвияти иқтисодиёт, рушди босуботи соҳаҳо ва маҷмуан барои бартараф намудани камомадҳои буҷети давлатӣ фароҳам меоварад.

**Калидвожаҳо:** суғурта, бозори суғурта, брокери суғурта, полиси суғурта, сювери суғурта, аҷастери суғурта.

## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОЙ СИТУАЦИИ И ТЕНДЕНЦИЙ РАЗВИТИЯ РЫНКА СТРАХОВЫХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается анализ современной ситуации и тенденций развития рынка страховых услуг в Республике Таджикистан. Страхование является одной из неотъемлемых частей экономических отношений между людьми в процессе производства, распределения, обмена и потребления материальных благ и гарантируется посредством возмещения ущерба, возникающего в процессе экономической деятельности и жизни людей. Только в контексте страховых услуг возможность защиты коллективных и индивидуальных интересов, возникающих в процессе производства, распределения, обращения и потребления, а значит, и сам процесс страховых услуг в современную эпоху ставит перед наукой новые задачи, решение которых требует фундаментальных научных аспектов по укреплению экономики, стабильному развитию отраслей и в целом предусматривает ликвидацию дефицита государственного бюджета.

**Ключевые слова:** страхование, страховой рынок, страховой брокер, страховой полис, страховой сервер, страховой агент.

## ANALYSIS OF THE CURRENT SITUATION AND DEVELOPMENT TRENDS OF THE INSURANCE SERVICES MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the analysis of the current situation and development trends of the insurance services market in the Republic of Tajikistan. Insurance is one of the integral parts of economic relations between people in the process of production, distribution, exchange and consumption of material goods and is guaranteed through compensation for damage arising in the process of economic activity and people's lives. Only in the context of insurance services is it possible to protect collective and individual interests arising in the process of production, distribution, circulation and consumption, and therefore the process of insurance services itself in the modern era poses new challenges for science, the solution of which requires fundamental scientific aspects to strengthen the economy, stable development of industries and generally provides for the elimination of the state budget deficit.

**Keywords:** insurance, insurance market, insurance broker, insurance policy, insurance server, insurance agent.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатов Наврӯз Амиршоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

**Сведения об авторе:** ***Давлатов Навруз Амиршоевич*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

**Information about the author:** ***Davlatov Navrz Amirshoevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Phone**: (+992) 987-54-52-53**

ТДУ: 331.108.007(575.3)

# ИДОРАКУНИИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ КАДРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ


***Юсупов Ш.Н.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Комёбиҳои илмӣ-техникии то асри XXI бадастовардаи башарият ба он оварда расонидааст, ки имрӯз рушду инкишофи кишварҳоро берун аз ҷараёни рақамикунонии равандҳою низомҳои иқтисодӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити муосир, низоми идоракунии иқтисодиёт босуръат тағйир ёфта истодааст, ки бештар бо ҷараёни рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ алоқамандии зич дорад. Рақамикунонии равандҳо ва фаъолияти низомҳои идоракунӣ, ки унсурҳои асосии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ маҳсуб мешаванд, дар навбати худ такмили касбу ихтисос ва самаранок истифодабарии иқтидори кадриро талаб менамоянд.

Баландбардории сифати иқтидори кадрӣ бошад, яке аз вазифаҳои муҳимтарини корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Рақобатпазирии корхонаҳо ва самаранокии фаъолияти онҳо бевосита аз муваффақияти ин раванд вобаста аст. Яъне идоракунии иқтидори кадрӣ дар самти истифодаи имкониятҳои кормандони корхона ифода меёбад [3,с.132].

Аз ин рӯ, дар чунин шароите, ки рушди тамоми низомҳои идоракунӣ бо раванди рақамикунонӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ алоқаманд аст, омӯзиш ва таҳқиқи унсурҳои таркибии ҷанбаҳои гуногуни онҳо шарти муҳим ва зарурӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравaнд.

Дар баробари ин, яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бояд дар ин самт омӯхта шавад, ин баландбардории сифати иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар тамоми корхонаву муассисаҳо шарти зарурӣ мебошад [4,с.10].

Нишондиҳандаҳои асосии истифодаи иқтидори кадрӣ инҳоянд:

1) динамикаи суръати афзоиши ММM;

2) сатҳи музди миёнаи номиналӣ ва воқеии меҳнат;

3) сохтори шумораи аҳолӣ, вазни қиёсии иқтидори меҳнатӣ;

4) таносуби захираҳои меҳнатӣ ва пурра истифода набурдани иқтидори меҳнатӣ ва сатҳи шуғл;

5) нишондиҳандаҳои демографӣ ва ғайра.

Қайд намудан зарур аст, ки баррасии нишондиҳандаҳои марбут ба тамоюли музди меҳнати кормандон дар он аст, ки арзёбии сатҳи зиндагии мардум тавассути ин нишондиҳандаҳо амалӣ карда мешавад. Зеро дар гузашта ва дар шароити муосир низ бештар аз нисфи даромади аҳолӣ ва ҳатто кишварро даромад аз фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Истифодаи самараноки иқтидори кадрӣ дар мамлакат ба вазъи имрӯзаи даромади аҳолӣ дар шакли музди меҳнат вобаста мебошад [2,с.50].

Яке аз чунин муаммоҳои ҳалталаб, ин баланд бардоштани сифати иқтидори кадрӣ ва ба талаботи касбию тахассусии бозори меҳнат ҷавобгӯ намудани он тавассути андешидани чораҳои зерин имконпазир мегардад:

- омода намудани мутахассисон дар асоси омӯзиши талаботи воқеии корфармоён ба захираҳои меҳнатӣ;
- баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоию фарҳангӣ ва равонии коргарон;
- баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон;
- таъмини дақиқии пешбурди омори иқтидори меҳнатӣ ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди давлатро захираҳои табиии, истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва инсонии он муайян мекунанд ва истифодаи самараноки захираҳои дар боло зикршуда, вазифаи муҳимтарини танзими давлатӣ мегардад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки омили асосии истеҳсолот, рушди иқтисодӣ ва дар ниҳояти кор, рақобатпазирии давлат дар шароити рақамисозии иқтисодиёт, ин, пеш аз ҳама, аз иқтидори кадрии тамоми корхонаву муассисаҳо вобаста мебошанд. Рушди мамлакат

бевосита ба онҳо вобастагии калон дорад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ тағйир додани муносибатҳоро ба идоракунии кадрҳои корхона талаб мекунад [6,с.18; 8,с.17].

Барои ҳама маълум аст, ки иқтисоди рақамӣ натиҷаи табиии пешрафти технологӣ буда, рушди инфрасохтори технологӣ ва истифодаи базаҳои бузурги маълумот боиси табдили миқёси бузурги рақамии ҷомеа гардид. Агар марҳалаи аввали рақамисозӣ бо тавсеаи дастрасӣ ба интернет барои миллионҳо истеъмолкунандагон тавсиф шуда бошад, пас марҳилаи кунунӣ бо ҷорӣ намудани доираи васеи хизматрасониҳо, маҳсулот ва системаҳои рақамӣ ба раванди истеҳсолот ва идоракунии иқтидори кадрии корхона вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, ин раванди ногузир боиси эътирофнашавандаи бисёр соҳаҳои иқтисодиёт мегардад: сохтори технологӣ, равандҳои истеҳсолот, идоракунии талабот ва истеҳсолот тағйир меёбанд [9,с.111]. Равандҳои тиҷоратӣ бо мақсади ворид кардани инфрасохтори технологияҳои иттилотӣ ба онҳо аз нав ташкил ва тағйир дода мешаванд, ки суръати амалиёти тиҷоратиро афзоиш медиҳанд, каналҳои нави иттилоотиро эҷод мекунанд ва расмиёти ҷорӣ ва таҳияи маҳсулоти навро дар корхона сода мекунанд. Таҳлилгарон имкониятҳои технологияҳои иттилоотиро ҳамчун воситаи таъмини суръат, шаффофият ва амнияти интиқоли иттилоот, ки бевосита ба таҷдиди сохтори модели бизнес таъсир мерасонанд, баҳои баланд медиҳанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди инноватсионии рақамӣ аҳаммияти унсури зеҳнии сармояи инсонӣ дар раванди идоракунии корхонаву муассисаҳо ба таври назаррас меафзояд. Технологияҳои рақамӣ вақти муоширатро кам карда, тамоми равандҳои бизнесро суръат мебахшанд, аз ин рӯ ба рушди сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад [13,с.144]. Корхонаҳое, ки мехоҳанд дар бозор рақобатнок бошанд, пеш аз ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав бояд тарзу усулҳои ташкил ва идоракунии кадрҳои корхонаро аз нав созанд, сиёсати кадрҳоро тағйир диҳанд, кадрҳои сохибихтисос тайёр намоянд, яъне дигаргунсозии системаи идоракунии кадрҳои корхонаро ба амал бароранд [11,с.13].

Дар шароити иқтисоди инноватсионии рақамӣ, корфармоён нисбат ба кормандони корхона талаботи зеринро гузоштаанд (расми 1).

**Расми 1. Талабот ба иқтидори кадрҳои корхона дар шароити иқтисоди рақамӣ**
**Figure 1. Demand for human resources of the enterprise in the conditions of the digital economy**




Вобаста ба ин гуфтан ҷоиз аст, ки дар шароити муосир, дар баъзе соҳаҳо рақамисозии дарпешистода метавонад танҳо сохтори шуғлро тағйир диҳад, дар дигар соҳаҳо метавонад шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад. Аз тарафи дигар, дарояндаи наздик мо метавонем афзоиши табиии талаботро ба мутахассисони баландихтисос, ки қодиранд дар муҳити зудтағйирёбандаи корхона кор карда, дар соҳаи технологияҳои иттилоотию-иртиботӣ, дар як соҳаи истифодашаванда дониш дошта бошанд. Талаботи зиёд ба кадрҳои баландихтисос пешбинӣ карда мешавад. Мутахассис бояд дар соҳаи технологияҳои нав салоҳият дошта, мутахассиси соҳаи худ бошад [10,с.190]. Сармояи инсонӣ ба як манбаи афзалиятнок табдил меёбад, ки қодир ба эҷоди технологияҳои инноватсионӣ ва қарорҳое мебошад, ки даромади баланд ба даст меорад.

Ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки рушди босуръати автоматикунонӣ ва роботикунонӣ шумораи корҳои мавҷударо хеле тағйир медиҳад. Ҳавасмандгардонии

фаъолиятҳои нави иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ барои эҷоди ҷойҳои нави корӣ муҳим аст [7,с.24].

Аз ин рӯ, корхонаҳое, ки барои ҷалб кардан ва нигоҳ доштани коргарони нав мехоҳанд низоми идоракунии кадрҳоро такмил диҳанд, бояд касбият ва дараҷаи тахассуси кормандони корхонаро ба талаботҳои иқтисоди рақамӣ мувофиқ кунанд.

Технологияҳои рақамӣ равандҳои асосии идоракунии захираҳои инсониро тағйир медиҳанд. Чунин равандҳо иборатанд аз идоракунии кадрҳо, ба кор қабул кардан, идоракунии ҳосилнокии меҳнат, таълим ва такмили ихтисос, моддӣ ва ғайримоддӣ, ҳавасмандкунӣ, имтиёзҳо ва ғайра. Таҷдиди амиқи сохтори идоракунӣ, равандҳои бизнес аз нав дида баромадани муносибатро ба кор бо маълумотҳои дар корхона мавҷуд буда талаб мекунад, ки бояд манбаи афзоиш гардад. Дигаргунсозии усулҳои идоракунии кадрҳои корхона ҷидду ҷаҳди калонро ҳам аз роҳбарон ва ҳам аз коргарон талаб мекунад [12,с.22].

Қобили зикр аст, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар марҳилаи анҷоми марҳилаи аввали худ ва оғози татбиқи марҳилаи дуюм қарор дорад. Дар робита ба ин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳукумат дастур доданд, ки то охири соли 2020 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2021-2025 таҳия ва қабул карда шавад, ки дар он рушди иҷтимоӣ дар заминаи иқтисоди рақамӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, ба андешаи ман, барои татбиқи бомуваффақияти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои зерин бояд таъмин карда шаванд:

- таъмин намудани хизматрасониҳои электронӣ;
- истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ;
- кор карда баромадани истифодаи технологияҳо дар бахши хусусӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ;
- таҳияи таъминоти барномавии ватанӣ.

Ин тадбирҳо ба иҷрои барномаҳои муҳимми давлатӣ мусоидат мекунанд ва як қисми онҳо аллакай амалӣ шуда истодаанд.

Татбиқи Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо тавассути ҳалли мушкилоти рақамикунонии сохторҳои давлатӣ, соҳибкорӣ ва аҳолӣ имконпазир аст. Дар асоси ин вазифаҳо оид ба ҳалли масоили иқтисодӣ муайян карда мешаванд: раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мустаҳкам ва тезонидан зарур аст.

**Расми 2. Хусусиятҳои идоракунии корхона дар шароити иқтисоди рақамӣ**
**Figure 2. Features of enterprise management in the conditions of the digital economy**




Аз расми 2 бар меояд, ки барои ҳалли ин масъалаҳо, рақамсозии корхонаҳо тавассути истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонад мусоидат кунад. Дар навбати худ, технологияҳои рақамӣ бисёр равандҳои истеҳсолӣ, технологӣ, тиҷоратӣ, моделҳо ва сохторҳоро дар истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ ва дар бахши

хизматрасониҳои иқтисодӣ, ҷаҳонро дигаргун сохтанд. Рушди ТИК, васеъ шудани доираи интернет, ворид шудани он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ба ташаккули падидаи нав дар илми иқтисоди муосир ва иқтисоди рақамӣ мусоидат кард. Дар робита ба ин, ба масъалаҳои рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ ва кластерҳо таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, зеро аз замони рушди интернет ва паҳн кардани он, пайдоиш ва истифодаи технологияҳои иттилоотии муосири гуногун ва платформаҳои рақамӣ, истифодаи фаъол ва қариб афзалияти технологияҳои иловагӣ аз ҷониби корхонаҳо пайдоиши шабакаҳои ҷаҳонии саноатиро, ки аз фаҳмиши муқаррарии «корхонаи саноатӣ» берун мебароянд, таъмин намуд. Дар иқтисодиёти муосир кластерҳои саноатӣ-инноватсионии фаъоли системавӣ ба вуҷуд меоянд, ки пайдоиши онҳо ба рушди инқилоби сохтори саноатӣ дорад, масъалаи азнавсозии куллии робитаҳои тиҷоратикунонии маҳсулоти инноватсионӣ, истифода аз тамоми афзалиятҳои автоматикунонии саноат мебошад, ба вуҷуд меоянд. Таъмини гузариши тамоми истеҳсолоти саноатӣ ба марҳилаи нави чоруми индустриализатсия (Саноат 4.0), ки рақамикунонии васеъро дар назар дорад, дар бисёр корхонаҳои саноатӣ мушоҳида мегарданд. Дар иқтисодиёти муосир, кластерҳои инноватсионию фаъоли саноатӣ ба вуҷуд меоянд, ки пайдоиши онҳо ба рушди сохторҳои ҳамгирошудаи саноатӣ ва дигаргуниҳои рақамии онҳо вобаста буда, қодиранд, бо ҳамин ба марҳалаи нави чоруми индустрикунонии (Саноат 4.0), ки рақамикунонии васеъро дарбар мегирад, гузаштани истеҳсолотро таъмин мекунад. Ҳамзамон, рушди кластерҳои инноватсионӣ дар корхона бо як қатор ҳалли мушкилоти дахлдор ҷорӣ намудани идоракунии самарабахшро дар фаъолияти корхонаҳо ва кластерҳо тақозо мекунад, ки бо принсипҳо, вазифаҳо ва воситаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфта таъмин карда шудаанд, ки дар механизми ташкилию иқтисодии идоракунии неруи рақамӣ инъикос ёфтаанд.

Иқтисоди рақамӣ як созмони сифатан нави иқтисод ва тиҷорат мебошад, ки дар натиҷаи инқилобҳои илмӣ ва тағйироти технологӣ ба дастовардҳои технологияҳои иттилоотии илмӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷомеа асос ёфтааст, шарти зарурӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёти муосир бо сабаби рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бозори хизматрасонии иттилоотӣ тағйироти сифатӣ ба амал меоянд. Дараҷа ва суръати истифодаи дастовардҳои инқилоби иттилоотӣ, ба рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии кишвар, сифати зиндагии аҳолӣ, баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад [1,с.7].

Зарур аст, ки ҳиссаи давлатро низ дар беҳтаргардонии иқтидори кадрӣ тавассути такмили сиёсати таъмини шуғли пурмаҳсул баррасӣ намоем. Ба самтҳои афзалиятноки такмили сиёсати давлатии шуғл дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ, аз он далолат медиҳад, ки амалӣ намудани тадбирҳои зерин метавонад ба ҳалли мушкилоти соҳа мусоидат намояд:

1. Ташкили шароити мусоид ҷиҳати таъмини рушди хизматрасониҳои электронӣ ва иқтисоди рақамӣ.
2. Тайёр кардани кадрҳо аз рӯи ихтисосҳои марбут ба соҳаи ТИК.
3. Афзоиши иқтидори истеҳсолӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ.
4. Ҳалли мушкилоти номутавозунӣ байни талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат тавассути ташкили биржаҳо ва ярмаркаҳои меҳнати электронӣ.
5. Ташкили ҷойҳои корӣ барои ҷавонони тахассусҳои муосири хусусияти рақамидошта.
6. Рушди сармояи инсонӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Зарурати омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои зикршуда оиди рушди технологияҳои навин боиси пайдоиши бозорҳои бузурги алоқаи мобилӣ, хизматрасониҳои интернетӣ, амалиётҳои соҳаи саноатӣ ва ғайра гардидаанд. Дар ин самт таъсири мусбат доштани иқтисоди рақамиро дар баъзе ҷанбаҳои фаъолияти субъектҳои таъсисёфтаи соҳибкорӣ, ки асосан аз иваз кардани механизмҳои андозбандӣ алоқамандии бевосита доранд, ба таври назаррас мушоҳида мешаванд, ба таври махсус бояд қайд кард.

Бояд гуфт, ки кушишу талошҳои ҳукумати кишвар маҳз барои баланд бардоштани сатҳу сифати иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳли ҷомеа мебошад ва барои тақвият додани иқтисоди рақамӣ дар дохили кишвар ҳамаи соҳаҳои вазорату сохторҳо, шахсони масъул ва муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандонро низ лозим меояд, ки ҳар чи зудтар онро ба роҳ монанд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро сол то сол вобаста ба соҳаҳои мухталиф марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамиро фаро гирифта истодааст, ки ин раванд барои рушди давлату миллат бениҳоят муҳим мебошад.

Мақсади арзёбии самаранокии истифодаи иқтидори меҳнатӣ ва мушкилоти соҳавии шуғли аҳолӣ, ин муайян намудани захираҳо ва қобилиятҳои истифода нашудаи қувваҳои ҷамъиятӣ, ки барои ташкили бартарияти рақобатӣ мусоидат мекунад. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо дар маҷмуъ ва ҳамаи нишондиҳандаҳои техникию иқтисодӣ аз он вобаста аст, ки чи гуна корхонаҳо ба системаи идоракунии қобилияти меҳнатӣ ва пурра ва самаранок истифода бурда мешавад [5,с.166].

Дар робита ба гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки дар натиҷаи баҳодиҳии самаранокии истифодабарии иқтидори кадрӣ ва таҳлили муаммоҳои шуғл инчунин, мукаммал гардонидани механизмҳои амалинамоии бозори меҳнат ва идоракунии иқтидори кадрӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, амалӣ намудани тадбирҳои зерин метавонад ба ҳалли мушкилоти соҳа дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ мусоидат намоянд:

1. Таҳлили мавҷуда ё таҳияи консепсияҳои нави рақамикунонии корхонаҳо дар самти афзалиятноки интихобшуда.
2. Баланд бардоштани самаранокӣ аз ҳисоби рушди иқтидори кадрӣ дар соҳа аз ҳисоби истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи дохилӣ, аз ҷумла, ташкили меҳнат, қобилияти меҳнатӣ, маҳорат ва малака.
3. Ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар корхонаҳо.
4. Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии иқтидори меҳнатӣ аз ҳисоби бозомӯзии кадрҳо ва ҷалби кадрҳои нав дар соҳа.
5. Паст намудани сайлонияти кадрҳо дар асоси истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии меҳнат.
6. Баланд бардоштани обрӯю нуфузи корхона дар назди кормандон дар асоси нишондиҳандаҳои молиявии он.
7. Таҳияи маҳсулоти муосири ТИК ва иттилоотӣ барои эҳтиёҷоти системаи идоракунии давлатӣ, тандурустӣ, системаи ҳифзи иҷтимоӣ, тиҷорати электронӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти давлат ва ҷомеа.
8. Баланд бардоштани маҳсулнокии даромаднокии ташкилотҳо вобаста ба амалисозии раванди рақамикунонии фаъолият.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Шамсов И.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Исмоилов Ш.М. Перспективы развития цифровой экономики в условиях Республики Таджикистан / Ш.М. Исмоилов, Р.Б. Худжамкулов, М.Д. Лутфуллоев // Вестник ТГУПБП. -Хучанд 2023. –С.7-11.
2. Негматов Ш.Л. Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа: авт.дисс. / Ш.Л. Негматов. –Хуҷанд, 2023. -С.50-173.
3. Норов Х.Г. Совершенствование методов количественной оценки информационных ресурсов фирмы / Х.Г. Норов, Д.С. Мухсинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе, 2016. -№2\8(215). -С.132-136.
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. –С.10.
5. Рустамов Р.У. Механизми истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат: авт.дисс. / Р.У. Рустамов. -Душанбе, 2020. -С.50-190.
6. Шамсов И.С. Особенности функционирования рынка труда в Таджикистане / И.С. Шамсов, Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. -№2/6(175). -С.18.
7. Шамсов И.С. Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба ташаккули касбҳои нав дар бозори меҳнат / И.С. Шамсов, Ш.Н. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№9. -С.23-30.

8. Шамсов И.С. Совершенствование механизма взаимосвязи рынка труда и системы подготовки кадров при переходе к цифровой экономике: теория, методология и практика: автореферат.док.дис. / И.С. Шамсов. - Душанбе, 2020. -17 с.
9. Шамсов И.С. Ташаккули иқтисоди рақамӣ ва масоили таъмини он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С. Шамсов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҷаҳони муосир». –Душанбе, 2019. –С.111-112.
10. Юсупов Ш.Н. Анализ состояния конкурентоспособности рабочей силы на рынке труда Республики Таджикистан / Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе, 2016. -№2/10(219). -С.190-196.
11. Юсупов Ш.Н. Обеспечение конкурентоспособности рабочей силы на рынке труда в условиях рыночной экономики: автореферат.дис. / Ш.Н. Юсупов. -Душанбе, 2017. -22 с.
12. Юсупов Ш.Н. Обеспечение конкурентоспособности рабочей силы на целевом рынке труда: методологические аспекты / Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2017. -№1. -С.13-18.
13. Юсупов Ш.Н. Хусусиятҳои таҳдидҳои кибернетикӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Н. Юсупов, М.А. Ниёзов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№2. -С.144-149.

## ИДОРАКУНИИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ КАДРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Дар мақола шароити рушду инкишофи рақамикунонӣ дар заминаи комёбиҳои илмӣ-техникӣ баррасӣ гардидаанд, ки имрӯз кулли соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро гирифтааст. Таъкид гардидааст, ки барои расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт, бояд механизми мукаммали идоракунии иқтидори кадрӣ таҳия карда шавад, зеро омода намудани мутахассисони мутобиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошанд, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад. Бинобар ин, дар мақола муаллиф таваҷҷуҳи махсуси худро ба зарурати самаранок идоракунии иқтидори кадрӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос, ки аз ҷониби бозори меҳнат ва бахши воқеии иқтисодиёт талаб карда мешавад, равона сохтааст. Инчунин, дар мақола қайд карда шудааст, ки дар оянда бояд самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии шуғл дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ асоснок карда шуда, такмили механизми идоракунии иқтидори кадрӣ бо назардошти рушди технологияҳои рақамӣ ва татбиқи онҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Ишора гардидааст, ки ташаккули сифат ва рақобатпазирии иқтидори кадрӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бояд низоми идоракунии мукаммалро доро бошад. Сифати иқтидори кадрӣ, ташаккулёбии иқтидори кадрӣ, сармоягузорӣ ба инкишофи иқтидори кадрӣ, паҳлуҳои асосии сифатан истифодабарии иқтидори кадрӣ, тавсиф ва намудҳои сармоягузории инсонӣ инчунин, принсипҳои асосии ташаккулёбии сифат ва рақобатпазирии иқтидори кадрӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дарҷ гардидааст. Ғайр аз ин, самтҳои самаранок истифодабарии иқтидори кадрӣ ва рақобатпазирии он низ пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** иқтисоди рақамӣ, иқтидори кадрӣ, идоракунӣ, бозори меҳнат, рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, танзими давлатӣ, рақобатпазирии иқтидори кадрӣ, сифати иқтидори кадрӣ.

## ЭФФЕКТИВНОЕ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВЫМ ПОТЕНЦИАЛОМ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются условия развития цифровизации на основе научно-технических достижений, которые сегодня охватывают все сферы человеческой деятельности. Подчеркнуто, что для достижения значимых результатов в этой сфере необходимо создать совершенный механизм управления кадровым потенциалом, поскольку подготовка специалистов, отвечающих потребностям цифровой экономики и конкурентоспособных на рынке труда, является одной из важнейших задач. Поэтому в статье особое внимание автор акцентировал на необходимости эффективного управления кадровым потенциалом и подготовки высокоспециализированных кадров, чего требует рынок труда и реальный сектор экономики. Также в статье отмечается, что в дальнейшем приоритетные направления государственной политики занятости должны быть обоснованы и отвечающими требованиям условий перехода к цифровой экономике. Предложено совершенствование механизма управления кадровым потенциалом, учитывая развитие цифровых технологий и их внедрение в экономику Таджикистана. Отмечается, что формирование качества и конкурентоспособности кадрового потенциала в условиях цифровой экономики должно включать в себя целостную систему управления. Также рассмотрены качество кадрового потенциала, формирование кадрового потенциала, инвестиции в развитие кадрового потенциала, основные аспекты качества использования кадрового потенциала, характеристика и виды человеческих инвестиций, а также основные принципы формирования качества и конкурентоспособности кадрового потенциала в условиях цифровой экономики. Наряду с этим предложены направления эффективного использования кадрового потенциала и его конкурентоспособность.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, кадровый потенциал, управление, рынок труда, цифровизация, информационно-коммуникационные технологии, государственное регулирование, конкурентоспособность кадрового потенциала, качество кадрового потенциала.

**EFFECTIVE MANAGEMENT OF HUMAN RESOURCES IN THE DIGITAL ECONOMY**

The article discusses the conditions for the development of digitalization based on scientific and technological achievements, which today cover all spheres of human activity. It was emphasized that in order to achieve significant results in this area, it is necessary to create a perfect mechanism for managing human resources, since training specialists who meet the needs of the digital economy and are competitive in the labor market is one of the most important tasks. Therefore, in the article, the author focused special attention on the need for effective management of human resources and training of highly specialized personnel, which is required by the labor market and the real sector of the economy. The article also notes that in the future, priority directions of state employment policy must be justified and meet the requirements of the conditions of the transition to the digital economy. It is proposed to improve the mechanism for managing human resources, taking into account the development of digital technologies and their introduction into the economy of Tajikistan. It is noted that the formation of the quality and competitiveness of human resources in the digital economy should include a holistic management system. The quality of human resources, the formation of human resources, investments in the development of human resources, the main aspects of the quality of the use of human resources, the characteristics and types of human investments, as well as the basic principles of developing the quality and competitiveness of human resources in the digital economy are also considered. Along with this, directions for the effective use of human resources and its competitiveness are proposed.

**Keywords:** digital economy, human resources, management, labor market, digitalization, information and communication technologies, government regulation, competitiveness of human resources, quality of human resources.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсупов Шодмон Насурович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-12-39-40.** E-mail: **Shodmon26101982@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Юсупов Шодмон Насурович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-12-39-40.** E-mail: **Shodmon26101982@mail.ru**

**Information about the author:** ***Yusupov Shodmon Nasurovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-12-39-40.** E-mail: **Shodmon26101982@mail.ru**

ТДУ: 657.47:636.5

# МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАЪМИНОТИ МЕТОДИИ КАЛКУЛЯТСИЯИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТИ ПАРАНДАПАРВАРӢ

*Набиев Б.А., Манучеҳри Нозимии Раҷабзода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот давраи ниҳоии баҳисобгирии дилхоҳ раванди истеҳсолӣ буда, дар натиҷа ба ҳар як воҳиди маҳсулот ифодаи арзишӣ дода мешавад. Мафҳуми «калкулятсия» аз калимаи лотинии calculatio – ҳисоб кардан гирифта шудааст. Худи мафҳуми «калкулятсия» миёни олимон ҳамчун объекти мубоҳиса қарор дорад. Таҳлили адабиёт вобаста ба ин масъала нишон дод, ки баъзе олимон мафҳумҳои «калкулятсия» ва «калкулятсикунониро» ба ҳамдигар ҳаммаъно медонанд ва онҳоро ҳамчун ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот ва ё воҳиди он мешуморанд. Олимони дигар бошанд ин ду мафҳумро ҷудо намуда, калкулятсиякуниниро ҳамчун ҷараёни ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот ва калкулятсияро бошад, натиҷаи ин кор медонанд.

Вобаста аз мақсади гузошташуда дар корхонаҳои парандапарварӣ чунин арзиши аслии маҳсулотро ҷудо мекунанд: нақшавӣ, меъёрӣ, нопурра ва арзиши аслии ҳақиқии маҳсулот. Арзиши аслии нақшавии маҳсулотро дар асоси меъёрҳои прогрессивии харҷи сӯзишворӣ, маводҳои сӯхту равғанкунӣ ва дигар маводҳо, маълумотҳои оид ба пардохти музди меҳнат, истифодаи мошину таҷҳизотҳо муайян мекунанд. Он барои ҷорӣ намудани ҳисоби дохилихоҷагӣ асос буда, нишон медиҳад, ки ба чи бояд диққати махсус дод, то паст гардидани хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ таъмин гардад. Арзиши аслии меъёрии маҳсулотро барои муайян намудани вазифаҳои истеҳсолии сехҳо, зершуъбаҳо, бригадаҳо ва дигар зерсохторҳо истифода менамоянд. Арзиши аслии нопурраи маҳсулотро барои баҳисобгирии дохилии идоракунӣ дар асоси маълумотҳои ҳақиқии баҳисобгирӣ то санаи 1-уми октябри ҳар сол, хароҷоти ҳисобии интизорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ дар семоҳаи чорум ҳисоб намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолии корхона дар соли ҷорӣ пешакӣ санҷида мешавад.

Арзиши аслии ҳақиқии маҳсулоти истеҳсолшударо аз рӯи маълумотҳои баҳисобгирии хароҷоти ҳақиқӣ ҳисоб мекунанд ва он имконият медиҳад, ки иҷро гардидани буҷети корхона санҷида шавад, тамойилҳо аз меъёрҳо муайян карда шаванд, инчунин, сабабҳо ва шахсоне, ки ба исрофкорӣ овардаанд, муайян карда шаванд. Арзиши аслии ҳақиқӣ ҳар семоҳа ва солона ҳисоб карда мешавад.

Барои қабул намудани қарорҳои асонокардашудаи идоракунӣ, маълумоти зарурӣ оид ба арзиши аслии истеҳсоли як воҳиди маҳсулот ҳатмӣ аст ва барои ҳамин ҷараёни калкулятсиякунонӣ қисми ташкилдиҳандаи ҷараёни баҳисобгирӣ дар корхона мебошад. Маҳз аз муайян кардани арзиши аслии маҳсулот самарнокии истеҳсолот вобаста мебошад ва худи нишондиҳандаи арзиши аслии маҳсулот барои самаронок идоракунии истеҳсолот аҳаммияти калон дорад. Барои он, ки хароҷот фавран идора карда шавад ва ба тағйирёбиҳои нархҳои бозор саривақт аҳаммият дода шавад, бояд баҳисобгирии хароҷот асоснок бошад ва арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бояд фавран дар лаҳзаи вақти ҷорӣ бо мақсади онро бо нархҳои бозорӣ муқоиса намудан ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ ҳисоб карда шавад.

Барои пешбурди дурусти баҳисобгирии бухгалтерӣ дар парандапарварӣ, ташкили он бо дарназардошти хусусиятҳои хосси технологии соҳа аҳаммияти калон дорад, зеро соҳаи парандапарварӣ ду самти органикиро фаро мегирад: чорводорӣ ва саноат. Маслан зершуъбаҳои тӯдаи наслдиҳанда, тӯдаи мурғони саноатии тухмдеҳ, парвариши ҷӯҷаҳои ҷавонаи ивазкунанда ва бройлерҳо самти чорводории соҳаро ташкил медиҳанд, самти саноатӣ бошад, шуъбаҳои забҳи мурғ, шуъбаҳои коркарди партовҳо, коркарди порӯҳо, коркарди хӯрока ва амсоли онҳоро дарбар мегирад. Инкубатсия бошад, ҷараёни махассус буда, дар як вақт ду самт ҳам саноат ва ҳам чорводориро таҷассум мекунад. Ҳамзамон,

вобаста аз намуди корхонаи соҳаи парандапарварӣ бо дигар намудҳои истеҳсолот ва дигар соҳаҳо сахт алоқамандӣ дорад:

- ҳангоми парвариш ва истифодаи маҳсулоти растанипарварӣ барои хӯрока – бо соҳаи растанипарварӣ;

- ҳангоми нигоҳубин ва истифодаи хизматрасониҳо оид ба таъминоти об, газ, гармӣ ва ғ. – бо соҳаҳои истеҳсолоти ёрирасон;

- ҳангоми дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани зершуъбаҳои бо хӯрока таъминкунандаи корхона – бо истеҳсолоти саноатӣ сарукор мегирад, ки ҳамаи ин бевосита ба тартиби ташкили калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ таъсир мерасонад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, масъалаи ояндаи таҳқиқот тартиби ташкили калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бо роҳи муайян кардани пайдарпайии иҷроиши корҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ бо дарназардошти ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ мебошад, ки боэътимодии муайян кардани арзиши аслии чунин намуди маҳсулотро таъмин мекунад.

Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки аз лиҳози қонунгузорӣ ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқие мавҷуд нест, ки тартиби ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти парандапарвариро ба танзим дарорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) дар корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №210 аз 12 майи соли 1999) таҳия карда шудааст. Низомномаи мазкур характери тавсиявӣ дошта, бо мақсади батанзимдарории масъалаҳои таркиб, гурӯҳбандӣ ва баҳисобгирии хароҷот таҳия гардидааст. Бо мақсади андозбандӣ хароҷоти дар корхона масрафшуда дар асоси лимитҳо, меъёрҳо ва нормативҳое, ки муқаррар шудаанд, тасҳеҳ карда мешаванд [12,с.7-8].

Ҳамин тавр, Низомномаи мазкур бартарии ҷанбаҳои андозбандии арзиши аслиро қайд мекунад. Дар умум хусусияти танзимкунии Низомнома чунин таҷассум ёфтааст:

“- хароҷоте, ки ба арзиши аслӣ ҳамроҳ карда мешаванд ва хароҷоте, ки аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо рӯйпӯш карда мешаванд, аз ҳам ҷудо менамояд. Ба сифати чунин манбаъҳо дар Низомнома натиҷаи молиявӣ (фоидаи соф), фондҳои махсус, маблағгузориҳои асосӣ, буҷети давлатӣ ва ғ. нишон додааст;

- баъзе намудҳои хароҷоте, ки ба арзиши аслии маҳсулот ҳамроҳ карда мешаванд, ба лимит (меъёр) медарорад;

- фарқияти байни арзиши аслии иқтисодӣ ва арзиши аслии андозиро муқаррар мекунад, зеро гурӯҳбандии хароҷотро бо мақсади андозбандӣ дар мадди аввал мегузорад” [12,с.7-30]. Азбаски таъиноти хароҷот дар ҷараёни истеҳсолот бо роҳи муайянсозии мутааллиқияти онҳо ба ин ё он маҳсулот асос меёбад, усули ба арзиши аслии маҳсулоти мушаххас ҳамроҳ кардани он ҳам низ муқаррар карда шудааст.

Дар ҷараёни калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот яке аз лаҳзаҳои муҳим, ин дуруст асоснок кардани объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсионӣ мебошад. Бинобар ин, вазифаи дигари таҳқиқот ин илман асосноккунии мафҳумҳои «объекти калкулятсия» ва «воҳиди калкулятсия» бо дарназардошти хусусиятҳои парандапарварӣ мебошад, ки дуруст муайян кардани онҳо аз лиҳози иқтисодӣ асоснок ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарвариро таъмин мекунад, ва ба таҳлили ҳаматарафаи фаъолияти корхона барои ошкор ва ҷалби захираҳо бо мақсади паст кардани арзиши аслии маҳсулот чӣ умуман дар корхона ва чӣ дар доираи марказҳои масъулият таъмин месозад.

“Калкулятсия (арзишмуайянкунӣ - ишораи муаллиф) кардан - ҳисобкунии илман асосноккардашудаи арзиши аслии маҳсулот бо мақсади идоракунии истеҳсолот, аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок кардани нархҳо ва пешниҳодҳои лоиҳавӣ” [12,с.5], амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба технология ва хусусияти маҳсулот объектҳои калкулятсия инҳо шуда метавонанд:

- маҳсулот, қисми он, гурӯҳи маҳсулоти (супориши) якҷинса аз рӯи хароҷоти пурраи корхона ва ё аз рӯи хароҷоти воҳидҳои алоҳидаи сохторӣ;

- маҷмуи маҳсулот (ё ки як намуди маҳсулот) аз рӯи давраҳои истеҳсол ё аз рӯи равандҳои (доираҳои ҷудогона, марҳила, фаза) онро ташкилдиҳанда;

- навъи корҳо - дар корхонаҳои ба иҷрои навъҳои алоҳидаи корҳо махсусгардонидашуда [12,с.5].

Вахрушина М.А. қайд мекунад, ки "зери объекти калкулятсия (барандаи хароҷот) намуди маҳсулоти (кор, хизмат) корхона, ки барои фурӯш дар бозор пешбинӣ шудааст, фаҳмида мешавад" [5,с.93-94]. Мизиковский Е.А., Мизиковский И.Е. чунин меҳисобанд, ки "зери объекти арзишмуайянкунӣ, бояд номгӯи маҳсулоти ниҳоии меҳнат, нимфабрикатҳо, ки барои истеъмоли дохилиистеҳсолӣ ё фурӯш пешбинӣ шудааст, фаҳмида шавад" [10,с.54-56]. Низомов С.Ф. қайд мекунад, ки "ба сифати объекти ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, маснуот, нимфабрикатҳо, гурӯҳ ва намудҳои маҳсулоти якхела (кор, хизмат), амалиётҳои алоҳида, функсияҳо, сегментҳои биснес, бизнес-ҷараёнҳо метавонанд баромад намоянд" [18,с.27]. Мо чунин мешуморем, ки ҳамчун объекти калкулятсия намуди маҳсулот, иҷроиши корҳо ё хизматрасониҳо ва гурӯҳҳои якҷинсаи онҳо, маҳсулоти арзиши муайяни истеъмолидоштаи сатҳи омодагияш гуногун, амалиётҳои алоҳида, марказҳои масъулият, бизнес-ҷараёнҳо баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тавр дар парандапарварӣ объекти калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот инҳо мебошанд: тӯдаи мурғони бавоярасида – тухмҳо; чӯҷаҳои ҷавона – афзоиши вазни зинда; инкубатсияи тухмҳо – ҷуҷаҳои ҷавонаи шабонарӯзӣ. Бар замми ин, корхонаҳои парандапарварӣ ҳангоми нигоҳубини тӯдаҳои мурғони бавоярасида аз рӯи парандагони наслдиҳанда ва саноатӣ ҷудо намудани чунин объектҳои калкулятсия ба мақсад мувофиқ мебошад: тӯдаи наслдиҳанда – тухмҳои зотӣ; тӯдаи саноатӣ – тухмҳои истеъмолӣ.

Яке аз масъалаи асосии баҳисобгирӣ - арзишмуайянкунии соҳаи чорводорӣ коркард нашудани методикаи интихоби воҳидҳои калкулятсионӣ, ки ба ҷараёни калкулятсионӣ мутобиқ буда, хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулотро аз лиҳози техникӣ-иқтисодӣ бо дарназардошти параметрҳои инфиродии онҳо пурра ифода менамояд, ба ҳисоб меравад.

В.Б. Ивашкевич чунин мешуморад, ки "интихоби воҳидҳои калкулятсионӣ аз мақсади калкулятсия ва хусусиятҳои хосси намуди алоҳидаи маҳсулот, имконияти муқоиса намудани онҳо бо хароҷоти дахлдор вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, интихоби аз лиҳози иқтисодӣ асосноккардашудаи воҳидҳои калкулятсионӣ барои таҳлил ва баҳодиҳии хароҷот ва самаранокии истеҳсолот аҳаммияти калон дорад" [7,с.212-214].

Гоголев Ю.А. зери воҳидҳои калкулятсионӣ "ченаки натуралии бо объекти калкулятсия баробар ва вобаста ба маҳсулот тайёр, ки чун қоида бо воҳиди ченак мувофиқат мекунад, дар стандартҳо ё дар шарти техникӣ нисбат ба намуди дахлдори маҳсулот, кор ё хизмат дар бизнес-нақшаи истеҳсоли субъекти иқтисодӣ мавҷуданд, мефаҳмад" [6,с.127]. Блинова У.Ю. ва Шуплова М.А. воҳидҳои калкулятсиониро таҳқиқ намуда, қайд мекунанд, ки "он воситаи ченкунии объекти калкулятсионӣ дар ченаки муйян мебошад. Ба сифати воҳидҳои калкулятсионӣ, асосан воҳидҳои натуралӣ (тонна, метр) ва шартӣ-натуралӣ, ки ба воситаи коэффитсиентҳо ҳисоб мекунанд, истифода менамоянд" [4,с.60]. Ба ақидаи Мизиковский И.Е. "мафҳуми воҳидҳои калкулятсиониро ҳамчун воҳиди ченаки натиҷаҳои ҷараёни баҳисобгирӣ-калкулятсионӣ бо ченаки натуралӣ шарҳ дод, ки дақиқии ҳисобкуниҳои иқтисодиро таъмин менамояд" [11,с.29]. Бояд қайд намуд, ки муҳаққиқони дар боло овардашуда, воҳидҳои калкулятсиониро бо воҳиди ченкунии объекти калкулятсионӣ якхела, ҳаммаъно медонанд. Мо бо ин рози шуда наметавонем. Зеро интихоби онҳо аз сохтори ташкилии корхона, технологияи истеҳсолот ва хусусиятҳои хосси истеҳсоли намуди алоҳидаи маҳсулот вобастагӣ дорад.

Тавре Низомов С.Ф. қайд мекунад "объектҳои калкулятсионӣ бо воҳидҳои калкулятсионӣ вобастагии иқтисодӣ доранд, ки онҳо воҳиди ченаки объекти калкулятсияро ифода мекунанд. Воҳиди калкулятсонӣ аз объекти калкулятсонӣ бо он фарқ мекунанд, ки он хосияти истеъмолии маснуотро инъикос менамояд" [13,с.213]. Бинобар ин, фикр мекунем, ки Палий В.Ф. дуруст қайд кардааст: "Воҳиди калкулятсионӣ метавонад бо объекти калкулятсионӣ мувофиқат кунад ва мувофиқат накунад. Он воҳиди метрикии ченаки объекти мушаххас мебошад ва онро танҳо ченаки техникӣ ҳисоб намудан мумкин нест" [21,с.88].

Аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳуҷҷати меъёрӣ низомнома [12,с.7-30] ва тавсияи методӣ [9,с.170-174] таҳия карда шудааст ва бояд дар онҳо тартиби калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот, аз ҷумла дар парандапарварӣ мушаххас нишон дода

мешуд. Вале дар ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тартиби иҷроиши корҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ ба танзим даровварда нашудааст. Барои ҳамин ҳам олимони ватание [1,с.14-19; 2,с.162-166; 14,с.51-59; 22,с.24-26 ва дигарон], ки ин масъаларо пайгирӣ кардаанд, онро фақат рӯякӣ бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои хосси соҳаи парандапарварӣ ва алоқамандии он бо дигар соҳаҳо ва дигар намудҳои истеҳсолот дида баромадаанд. Аммо бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои истеҳсолот, махсусият ва сохтори ташкилӣ-истеҳсолӣ, таҷрибаи амалии корхонаҳои «Рушди парандапарварӣ»-и шаҳри Турсунзода, “Чӯҷаи Байзо”, “Дӯсти Азиз”-ро ба назар гирифта, аз ҷониби мо модели пайдарпайии иҷроиши корҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ коркард карда шуд (расми 1).

Ба мисли дигар соҳаҳо чорводорӣ, парандапарварӣ хусусиятҳои хосси технологии худро доранд, махсусан бисёрвариантии ҷараёнҳои технологӣ (парвариш ва нигоҳубини тӯдаи мурғони бавоярасида, инкубатсия, парвариши ҷавонаи парандагон), ки байни ҳам пайваста буда, сахт алоқаманд мебошанд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот маълум гардид, ки ин масъала аз ҷониби олимону муҳаққиқон чуқур баррасӣ нагардидааст. Агар ба соҳаи парандапарварӣ ҳамчун ба комплекс нигарем (аз рӯи самтҳои чорводорӣ ва саноатӣ), пас ҳар як ҷараёни технологӣ хусусиятҳои хосси худро дорад, ки онҳо ба пайдарпайии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ таъсир мерасонанд.

Ҷараёнҳои технологӣ дар парандапарварӣ бо якҷинсагии иҷроиши амалиётҳо тавсиф дода мешавад, ки аз рӯи вақти муайян ҷудо карда нашудаанд ва пайваста амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳбандии хароҷот бояд аз рӯи ду самт ба роҳ монда шавад: аз рӯи намудҳои асосии истеҳсолоту гурӯҳҳои прандагон ва аз рӯи намудҳои асосии хароҷот. Хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ аз рӯи ҳар як ҷараёни технологӣ, таъсири мутақобила ва боҳамалоқамандии онҳоро таҳлил намуда, модели пайдарпайии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ коркард карда шудааст.

**Давраи I**

1. Байни объектҳои ҷудогонаи баҳисобгирӣ хароҷот барои нигоҳдории воситаҳои асосиро тақсим мекунанд.

2. Хароҷот барои нигоҳубини шуъбаҳои хӯрокаро мутаносибан ба миқдори хӯрокаҳои сарфшудаи дар ҳамин шуъба истеҳсолшуда, тақсим мекунанд.

3. Хароҷоти умумии зерсохторҳо, сеххо ва фермаҳои парандапарвариро тақсим мекунанд.

4. Аз рӯи хароҷоти парандапарварӣ маблағи хароҷотро соқит мекунанд.

5. Маблағи умумии хароҷотро аз рӯи объектҳои баҳисобгирии хароҷоти парандапарварӣ муайян месозанд.

**Давраи II**

Дар охири сол дуруст будани қайдҳоро тибқӣ дебит ва кредити ҳисобҳои ҷузъӣ дар зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» месанҷанд:

**10732.1 – Тӯдаи мурғони наслдиҳанда**

**10732.3 – Инкубатсияи тухмҳо**

**10732.5 – чӯҷаҳои ҷавонаи самти тухмдиҳӣ**

**Расми 1. Тартиб ва пайдарпайии муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ**
**Figure 1. The procedure and sequence of determining the real value of poultry products**



Таҳияи муаллифон

Ҳар як корхонаи парандапарварӣ бо назардошти самти фаъолияти худ (тухмдиҳӣ, гӯштӣ, гӯшту тухмдиҳӣ, инкубатсия, зотпарварӣ ва ғ.) ва хусусиятҳои ҳар як ҷараёни технологии парандапарварӣ ҳуқуқ дорад, ки пайдарпайии баҳисобгирии арзиши аслии маҳсулоташро мустақилона муайян кунад ва он унсури сиёсати баҳисобгирӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки объектҳои инноватсионии баҳисобгирии хароҷот, объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ вобаста аз пуррагӣ ва фаврият метавонад ба зергурӯҳҳои алоҳида тақсим карда шаванд. Номгӯи объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои карлкулятсионӣ дар парандапарварӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Номгӯи объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ**

**Table 1. List of calculation objects and calculation units in poultry farming**

| Объекти баҳисобгирии хароҷот | Объектҳои калкулятсионӣ | Воҳидҳои калкулятсионӣ |
|---|---|---|
| Тӯдаи саноатӣ | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм) |
| | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Тӯдаи наслдиҳанда | Тухми зотӣ | 1000 дона тухми зотӣ |
| | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм) |
| Инкубатсия | Ҷавонаи шабонарӯзаи паранда | 1000 дона парандаи шабонарӯза |
| Парандаи то 60 шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Парандаи то 180 шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Парандаи то 210 шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм) |
| Бройлери то 75 шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Бизнес–ҷараёнҳо | Инкубатсия | Ҷавонаи шабонарӯзаи паранда |
| | Сехи чӯҷаи ивазшаванда | Тухми зотӣ<br>Тухми истеъмолӣ |
| | Сехи мурғони саноатӣ | Тухми истеъмолӣ<br>Афзоиши вазни зинади паранда |
| | Сехи мурғони наслдиҳанда | Тухми зотӣ,<br>Тухми истеъмолӣ |
| | Ба навъҳо ҷудокунӣ ва банду баст | Тухм<br>Гӯшт |

Сарчашма**:** Аз тарафи муаллифон таҳия шудааст.

Ҷараёни баҳисобгирӣ ва калкулятсияи хароҷот бо низоми ҳисобҳои муҳосибӣ барои муайян намудани арзиши аслии меъёрӣ ва ҳақиқӣ, пурра ва ихтисоркардашуда таъмин карда мешавад.

Ҳангоми гурӯҳбандӣ намудани воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ чунин воҳидҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

- Воҳидҳои натуралӣ – истифодабариаш ҳамон вақт имконпазир мебошад, агар дилхоҳ чорво як намуди маҳсулот диҳад;
- Воҳидҳои шартӣ-натуралӣ – истифодабариаш имконпазир аст, агар аз гурӯҳи чорво якчанд намуди маҳсулот диҳад, дар ин сурат ҳангоми калкулятсия кардан ба як

намуд оварда мешаванд (масалан, ҳангоми инкубатсияи яквақтаи тухмҳои мурғони гуногун – тухмҳои шартӣ).

Ҳангоми истифодабарии воҳидҳои калкулятсионӣ зарур аст, ки сифати маҳсулотро низ ба инобат гирифт. Қайд мекунем, ки оид ба ин масъала дар адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ватанӣ ягон маълумот мавҷуд нест. Масалан, тавсифи асосии сифатии тухмҳои истеъмолӣ ҳаҷми онҳо мебошад, ки аз омилҳои гуногун вобаста аст, чунончи зоти мурғ, синну сол, ҳаҷми мурғ, шароитҳои нигоҳубин ва хӯрокаи мурғон. Вобаста аз ҳаҷмаш тухмҳоро ба се категория – 1-ум, 2-юм ва 3-юм ҷудо мекунанд. Бинобар ин, мо бар он ақидем, ки ҳангоми истифда кардани воҳиди калкулятсионии арзиши аслии тухмҳои истеъмолӣ, сифати он ба инобат гирифта шавад, ки яке аз омили нархгузории маҳсулот дар бозор мебошад.

Номгӯйи объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсияонӣ дар парандапарварӣ аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ ба ташаккулёбии иттилооти эътимодноке, ки мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва идоракунии фаврии хоҷагидориро фаро мегирад, мусоидат мекунад. Номгӯи объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсионӣ метавонанд дар корхона вобаста аз миқдори саршумор, технология ва ташкили истеҳсолот муайян карда шаванд. Номгӯйи тавсияшавандаи объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсияонии парандапарварӣ дар ҷалвали 2 оварда шудааст.

**Ҷалвали 2. Номгӯи объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсияонӣ дар парандапарварӣ**
**Table 2. List of calculation objects and calculation units in poultry farming**

| № р/т | Объектҳои баҳисобгирӣ аз рӯи гурӯҳҳои технологӣ | Мақсади истеҳсолот | Объекти калкулятсия | Воҳиди калкулятсияонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Тӯдаи мурғони наслдиҳанда | Тухмҳои зотӣ | Тухми зотӣ | 1000 дона тухм |
| 2. | Тӯдаи мурғони саноатӣ | Тухмҳои истеъмолӣ | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухм (категорияҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм) |
| 3. | Инкубатсия | Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза | Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза ҳангоми инкубатсияи як намуди тухми паранда | Як сар чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза |
| | | | Хизматрасонӣ аз рӯи инкубатсияи тухм | |
| | | | Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза (арзиши инкубатсияи 1 сар чӯҷаи шартӣ) ҳангоми дар як вақт инкубатсияи тухми намудҳои гуногуни паранда | |
| 4. | Чӯҷаи ҷавона | Афзоиши вазни зинда | Афзоиши вазни зинда | 1 сентнер афзоиши вазни зинда |
| | | | Вазни зинда | 1 сентнер вазни зинда |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон таҳия шудааст.

Аз намуд ва технологияи истеҳсоли маҳсулот усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот вобаста мебошад. Усули калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ҳамчун роҳҳои бунёди ҳисобҳои ҷузъӣ оид ба ташаккулёбии хароҷот бо мақсади илман асоснок муайянкунии арзиши аслии маҳсулот ва идоракунии истеҳсолот фаҳмида мешавад.

Таснифоти усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот предмети мубоҳиса гашааст ва таснифи умумии қабулгардидаи онҳо то ба ҳол мавҷуд нест. Маҳаки интихоби ин ё он усули баҳисобгирӣ қобилияти қонеъ намудани талаботҳои баҳисобгирӣ, назорат ва идоракунӣ мебошад. Дар парандапарварӣ усули ҷараёни баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулотро ҳамон вақт истифода

мекунанд, ки истеҳсоли маҳсулот аз амалиётҳо ва ҷараёнҳо иборат буда, онҳо пайдарпай мебошанду такрор мешаванд ва арзиши аслии маҳсулотро бошад, дар ҳар як давраи истеҳсолот, амалиёт ё ҷараён муайян мекунанд. Масалан аз тӯдаи мурғони наслдиҳанда тухм истеҳсол мекунанд, ки онҳо ба инкубатсия тааллуқ доранд ва баъд аз онҳо чуҷаҳои ҷавонаи шабонарӯзӣ мебароянд, ки онҳоро ба парвариш медиҳанд ва дар ҳолати ба синни муносиб расидан, онҳоро ба тӯдаҳои мурғони наслдиҳанда ва саноатӣ мегузаронанд. Дар ҳар як давра бояд арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот муайян карда шавад, ки он барои давраҳои оянդаи истеҳсолот ҳамчун ашё баромад мекунад.

Ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ яке аз қисмҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ мебошад, бинобар ин, онро бояд чунон ташкил намуд, ки он хусусиятҳои соҳа, алалхусус махсусияти истеҳсолот, технологияи истеҳсолот дар асоси саноат бо истифодабарии механизатсия ва автоматизатсияи ҷараёнҳои меҳнат, самаранок истифодабарии хусусиятҳои биологии паранда, хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ ва ғайраро ба назар гирад.

Ба ақидаи Лисович Г.М. “Вобаста аз махсусияти корхона усули ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот метавонад гуногун бошад. Дар корхонаҳои махсусгардонидашудаи парандапарварӣ бо саршумори аз даҳ ҳазор зиёд ва фермаҳои парандапарварии парваришкунанадаи мурғон дар асоси саноатӣ баҳисобгирии хароҷот дар доираи гурӯҳҳои технологӣ бурда мешавад” [8,с.241]. Дар ин сурат зерҳисобҳои ҷузъии зерин ба ҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» кушода мешавад:

- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.1 “Сехи инкубатсионӣ” (мақсади асосии истеҳсолот гирифтани чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза; маҳсулоти камшумор – тухмҳои миражи (хушку холӣ), хурусҳои шабонарӯзии заҳбшуда барои мақсадҳои хӯрока);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.2 “Тӯдаи мурғони наслдиҳанда” (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани тухмҳои зотӣ; маҳсулоти иловагӣ – порӯ, пар ва тухми истеъмолӣ);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.3 “Парвариши чӯҷаҳои ҷавона” (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани вазни зиндаи паранда; маҳсулоти иловагӣ – порӯ, пар ва тухм аз ҷавона);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.4 “Тӯдаи мурғони саноатӣ” (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани тухмҳои истеъмолӣ; маҳсулоти иловагӣ – порӯ, пар ва тухми шикаста).

Баҳисобгирӣ дар паранпарварии самти тухмӣ аз рӯи гурӯҳҳои технологӣ бурда мешавад: аз 1 то 60 рӯза; аз 61 то 150 рӯза; аз 150 то 180 рӯза.

Баҳисобгирӣ дар паранпарварии самти гӯштӣ бошад – аз рӯи гурӯҳҳои технологӣ: аз 1 то 180 рӯза; аз 181 то 210 рӯза.

Аз рӯи дигар намудҳои паранда (ҳиндук, мурғобӣ, ғозҳо ва ғайра) баҳисобгирӣ дар доираи ду гурӯҳ бурда мешавад: тӯдаи бавоярасида ва ҷавона тамоми синну сол.

Ҳамин тавр, бо назардошти талаботи СБҲМ “Хоҷагии қишлоқ” (алалхусус банди 41, ки талаботро оид ба он ки корхона маълумоти миқдориро аз рӯи ҳар гурӯҳи дороиҳои биологӣ бо тафриқаи дороиҳои биологии истеъмолшаванда ва бордиҳанда (маҳсулдиҳанда), ё дороиҳои пухта ва нопухта, вобаста аз вазъият, пешниҳод созад) зарурат ба миён меояд, ки дороиҳои билогиро дар баҳисобгирии тавозунӣ дар алоҳидагӣ нишон диҳем. Қайд мекунем, ки нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, чи хеле, ки мо дар боло гуфта будем, имконияти баҳисобгирии дороиҳои биологии ҷориро надорад. Бинобар ин, зарурати ворид намудани тағйирот ба нақшаи ҳисобҳои амалкунанда пеш меояд. Ба ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» кушода мешавад.

Дар ҷадвали 3 вобаста аз хусусияти соҳаи парандапарварӣ ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъии сатҳи гуногун оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъӣ дар парандапарварӣ**
**Table 3. General and partial accounts in poultry farming**

| Ҳисоби куллӣ | Ҳисоби ҷузъии сатҳи 1–ум | Ҳисоби ҷузъии сатҳи 2–юм |
|---|---|---|
| 10732 «Парандапарварӣ» | 10732.1 "Сехи инкубатсионӣ" | 10732.1.1 "Ҷӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза"<br>10732.1.2 "Тухмҳои миражи (хушку холӣ)"<br>10732.1.3 "Хурусҳои шабонарӯзии заҳбшуда барои хӯрока" |
| | 10732.2 "Тӯдаи мурғони наслдиҳанда" | 10732.2.1 "Тухмҳои зотӣ"<br>10732.2.1 "Тухми истеъмолӣ"<br>10732.2.1 "Порӯ"<br>10732.2.1 "Пар" |
| | 10732.3 "Парвариши ҷӯҷаҳои ҷавона" | 10732.3.1 "Вазни зиндаи паранда"<br>10732.3.2 "Тухм аз ҷавона"<br>10732.3.3 "Порӯ"<br>10732.3.4 "Пар" |
| | 10732.4 "Тӯдаи мурғони саноатӣ" | 10732.4.1 "Тухмҳои истеъмолӣ"<br>10732.4.2 "Порӯ "<br>10732.4.3 "Пар"<br>10732.4.4 "Тухми шикаста" |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллифон таҳия шудааст.

Тибқи қонунгузории мавҷуда, воҳиди калкулятсионӣ барои муайян намудани арзиши аслии тухмҳо 1000 дона тухм мебошад. Барои ҳисоб кардани арзиши аслӣ тавсия дода мешавад, ки аз маблағи умумии хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи муайяни паранда арзиши маҳсулоти иловагиро тарҳ карда, маблағи боқимонда ба миқдори тухмҳо тақсим карда шавад. Дар таҷриба баъзе корхонаҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии тухмҳо, арзиши маҳсулоти иловагиро аз маблағи хароҷот тарҳ намекунанд, ки арзиши аслии маҳсулоти асосӣ нодуруст ҳисоб карда шуда, сабаби дар оянда қабули қарорҳои идоракунии беасос мегардад. Тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ**
**Table 4. The procedure for calculating the original cost of products according to each technological group**

| № р/т | Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Ҳисобкунӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|
| А | **Тӯдаи мурғони наслдиҳанда** | | | |
| 1. | Хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи мурғони наслдиҳанда | сомонӣ | | |
| 2. | Маҳсулоти истеҳсолшуда: | | | |
| 2.1. | Асосӣ (тухми барои инкубатсия мувофиқ) | дона | | |
| 2.2. | Маҳсулоти иловагӣ: | | | |
| *2.2.1.* | *Тухми ноқис ва истеъмолӣ* | дона | | |
| | | сомонӣ | | |
| *2.2.2.* | *Тухми шикаста* | дона | | |
| | | сомонӣ | | |
| *2.2.3* | *Порӯ* | тонна | | |
| | | сомонӣ | | |
| *2.2.4.* | *Пар* | кг | | |
| | | сомонӣ | | |
| 3. | Маблағи умумии хароҷот барои инкубатсияи тухм | сомонӣ | | |
| 4. | Арзиши аслии 1 ҳаз. дона тухми инкубатсионӣ | сомонӣ | | |
| Б | **Тӯдаи мурғони саноатӣ** | | | |
| 1. | Хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи мурғони саноатӣ | сомонӣ | | |
| 2. | Маҳсулоти истеҳсолшуда: | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.1. | Асосӣ (тухми истеъмолӣ) | дона | | |
| 2.2. | Маҳсулоти иловагӣ: | | | |
| *2.2.1.* | *Тухми шикаста* | дона | | |
| | | сомонӣ | | |
| *2.2.2.* | *Порӯ* | тонна | | |
| | | сомонӣ | | |
| *2.2.3.* | *Пар* | кг | | |
| | | сомонӣ | | |
| 3. | Маблағи умумӣ хароҷот барои истеҳсоли тухми истеъмолӣ | сомонӣ | | |
| 4. | Арзиши аслии 1 ҳаз. дона тухми истеъмолӣ | сомонӣ | | |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллифон таҳия шудааст.

Бо чунин тартиб арзиши аслии маҳсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ ҳисоб карда мешавад. Дар навбати аввал, маблағи умумии хароҷот бо роҳи тарҳ намудани маблағи маҳсулоти иловагии гирифташуда аз хароҷоти гурӯҳи технологӣ (бо сомонӣ) муайян карда мешавад. Сониян, маблағи умумии хароҷот ба миқдори маҳсулоти асосии истеҳсолшуда тақсим карда шуда, арзиши аслии 1 воҳиди маҳсулот (бо сомонӣ) муайян карда мешавад.

Дар ҷараёни калкулятсия яке аз лаҳзаҳои калидии дигар, ин муайян кардани усулҳои калкулятсионӣ мебошад. Усули калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ чунин усулҳоро дар бар мегирад:

- хароҷот мустақим ба намудҳои маҳсулот ҳамроҳ карда мешавад;
- ихтисор кардан аз маблағи умумии хароҷот;
- истифода намудани коэффитсиентҳои муқарраршуда;
- тақсим намудани хароҷот мутобиқи пояҳои (база) муқарраршуда;
- ҷамъ кардани хароҷот;
- ҳисобкунии омехтаи арзиши аслии маҳсулот.

Усули ҳисобгирии мустақимро дар он ҳолат истифода мебаранд, агар объекти хароҷоти истеҳсолӣ, бо объекти калкулятсия якхела бошанд. Онро танҳо дар вақти ҷой надоштани хароҷоти барилова истифода мекунанд. Бинобар ин, дар корхонаҳои парандапарварӣ онро якҷоя бо дигар усулҳо истифода мекунанд.

Усули ихтисор кардани хароҷот аз он иборат аст, ки аз маблағи умумии хароҷот арзиши партовҳоро ихтисор мекунанд. Дар корхонаҳои парандапарварии таҳқиқкардаи мо, ҳангоми инкубатсияи тухмҳо арзиши партовҳоро аз маблағи умумии хароҷот ихтисор мекунанд ва аз ин лиҳоз, метавон хулоса баровард, ки ин усул ҳарчанд, ки дар корхонаҳо истифода шавад ҳам, аммо аз нигоҳи мо дуруст нест. Зеро партовҳои инкубатсия бояд бо арзиши истифодабарии имконпазирашон баҳогузорӣ карда шаванд.

Усули коэффитсиентҳо ҳамон вақт истифода мешавад, ки агар хароҷот аз рӯи як объект ба ҳисоб гирифта шуда бошад ва бояд он миёни якчанд намудҳои маҳсулот тақсим карда шавад. Ин усул дар назар дорад, ки тамоми маҳсулоти истеҳсолшуда тавассути коэффитсиентҳо ба маҳсулотҳои шартӣ гузаронида шуда, бо миқдори воҳидҳои калкулятсионӣ муайян карда мешавад. Пас аз ин хароҷот ба воҳидҳои калкулятсионӣ тақсим карда шуда, арзиши аслии як воҳиди маҳсулотро муайян мекунанд. Арзиши аслии як воҳиди калкулятсионӣ ба миқдори маҳсулоти шартии ҳар як намуди маҳсулот зарб карда шуда, хароҷот аз рӯи ҳар як намуди маҳсулот муайян карда мешавад. Ин усулро имрӯзҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ истифода мекунанд. Аммо бояд қайд намоем, ки ҳар як корхона коэффитсиентҳоро бо роҳҳои экспертӣ муайян мекунад, ки бешак ба объективӣ будани ин усул таъсир мерасонад.

Усули тақсим намудани хароҷот мутаносибан ба пояҳои муқарраршуда аз он иборат аст, ки хароҷоти аз рӯи як объекти калкулятсия ба ҳисоб гирифта шуда, байни якчанд намудҳои маҳсулотҳо тақсим карда мешаванд, ки нибаст ба онҳо коэффитсиентҳо муайян нашудаанд. Дар ин ҳолат хароҷоте, ки аз рӯи объекти муайян баҳисоб гирифта шудаанд, миёни намудҳои маҳсулотҳои дар асоси поя муқарраркардашуда мутаносибан тақсим

карда мешаванд. Ин усулро дар корхонаҳои парандапарварӣ барои тақсим намудани хароҷоти ғайримустақим истифода мекунанд.

Моҳияти усули ҷамъкунии хароҷот аз он иборат аст, ки арзиши аслии намуди мушаххаси маҳсулот бо роҳи ҷамъ кардани хароҷоте, ки аз рӯи ҷараёнҳои технологии мувофиқ ба ҳисоб гирифта шудаанд (давра, марҳила), муайян карда мешаванд. Дар корхонаҳои парандапарварии таҳлилкардаи мо, ҳамчунин усули ҷамъкунии хароҷотро низ истифода мекунанд, зеро ҳангоми ба ҳисоб гирифтани арзиши аслии вазни зиндаи ҷавонаҳои ивазкунанда ва бройлерҳо ба арзиши аслии маҳсулот, арзиши аслии чӯҷаҳои шабонарӯзиро дохил мекунанд.

Усули омехта якбора якчанд усулҳоро пайдарпай истифода мекунад. Усулҳои калкулятсияи арзиши аслии маҳсулотро омӯхта, мо ба хулосае омадем, ки дар корхонаҳои парандапарварӣ истифодаи усули омехтаи баҳисобгирии арзиши аслии маҳсулот ба мақсад мувофиқ аст, зеро он тамоми усулҳои дар боло зикргардидаи калкуятсияро таҷассум мекунад.

Давраи ниҳоии калкулятсия ин амалиёти аз ҳисоб баровардани фарқиятҳои калкулятсионӣ байни арзиши аслии ҳақиқӣ ва меъёрӣ-пешгӯишуда мебошад. Барои ин ҳисоби соқиткунии фарқиятҳои калкулятсиониро тартиб медиҳанд. Фарқиятҳои калкулятсиониро аз кредити зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» ва ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» дар дебити ҳисобҳои зерин аз ҳисоб мебароранд:

- 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» - аз рӯи маҳсулоти дар охири сол боқимонда (тухмҳо);
- 10732.1 «Сехи инкубатсионӣ” - аз рӯи тухмҳои ба инкубатсия ирсолшуда;
- 10732.2 “Тӯдаи мурғони наслдиҳанда” - аз рӯи тухмҳои зотӣ ва саноатӣ истеҳсолшуда;
- 10732.3 “Парвариши чӯҷаҳои ҷавона” - тибқи афзоиши ҳаҷми зиндаи парандагон;
- 10732.4 “Тӯдаи мурғони саноатӣ” - аз рӯи тухмҳои саноатӣ истеҳсолшуда;
- 55010 «Арзиши аслии фурӯш» - аз маҳсулоти фурӯхташуда.

Корхонаҳо дар фаъолияти худ мустақилона шаклҳои варақаҳои калкулятсиониро коркард мекунанд, ки онҳо ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ба ҳисоб мераванд, ки маълумот оид ба объекти баҳисобгирии хароҷот, хароҷоти зерсохторҳо, истеҳсоли маҳсулотро аз рӯи намуд ва арзиши аслии онҳоро дар бар мегиранд. Вале ба ақидаи мо чунин ҳисобкуниҳо бояд дар шакли озод гузаронида нашванд ва бояд дар ҳуҷҷати махсус коркардкардашуда тартиб дода шаванд, ки онро навишти калкулятсионӣ меноманд, зеро, ки шакли муқарраргардидаи варақаҳои калкулятсионӣ имконият медиҳанд, ки пешбурди баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳо мукаммал гардонида шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба коркарди варақаҳои калкулятсионӣ вобаста ба муайянсозии арзиши аслии ҳақиқии тӯдаи наслдиҳандаи паранда, арзиши аслии ҳақиқии тӯдаи саноатии паранда, арзиши аслии ҳақиқии инкубатсияи тухмҳо, арзиши аслии ҳақиқии ҷавонаи паранда ва арзиши аслии ҳақиқии ҷавонаи ивазкунандаи паранда оварда шудаанд.

Равишҳои калкулятсия арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои «Рушди парандапарварӣ»-и шаҳри Турсунзода», “Чӯҷаи Байзо”, “Дӯсти Азиз”-ро таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки дар таҷриба барои қабул намудани қарорҳои фаврии идоракунии истеҳсолӣ ҳармоҳ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот зарур мебошад. Аз сабаби он, ки дар аксари корхонаҳои парандапарварӣ маҳсулоти растанипарварӣ истеҳсол карда намешавад, барои гузаронидани ин амал ягон монеа вуҷуд надорад. Чи хеле, ки маълум гашт, чунин ҳисобкуниҳо воқеан дар корхонаҳо иҷро карда мешаванд ва дар ҳар як корхонаи таҳқиқкардашуда новобаста аз самти фаъолияташон дар сохтори шуъбаҳои молиявӣ-иқтисодӣ мутахассисоне мавҷуданд, ки ба ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти зарурӣ машғуланд. Ҳамзамон, яке аз масъалаҳои асосӣ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот барои эҳтиёҷоти роҳбарон мебошад. Таҳлили фаъолияти онҳо нишон дод, ки дар ҳар як корхонаҳои парандапарварӣ ин ҷараёнро аз рӯи «усули» мустақилона коркард кардашудаи худи корхонаҳо бурда мешавад ва дар онҳо номукаммалиҳо дида мешаванд. Сабабҳои ин ҳолатҳо дар навбати аввал, мавҷуд набудани коркардҳои методологии

соҳавӣ ва баъдан, қисман мутобиқат накардани тавсияҳои методологии мавҷудбуда ба талаботҳои ҳақиқии истеҳсолот мебошанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

### АДАБИЁТ


1. Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ / Абдулмуминзода Н.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2021. -№9. -С.14-19.
2. Абдураҳимов, А.А. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти парандапарварӣ / А.А. Абдураҳимов, Қ.Ш. Ҷонмаҳмадов // Кишоварз. - 2020. -№2. -С.162-166.
3. Аудити дохилӣ / С.Ф. Низомов, Хушвахтзода Қ.Х., А.А. Мирзоалиев [и др.]. -нашри 2, аз нав дида баромада ва васеъ карда шудааст. -Душанбе: Ирфон, 2021. -190 с. – EDN UMVBCM.
4. Блинова, У.Ю. Теоретические аспекты системы учета затрат и калькулирования себестоимости / У.Ю. Блинова, М.А. Щуплова // Вестник университета. ФГБОУ ВПО «Государственный университет управления». –М., 2013. -№4. -С.54-61.
5. Вахрушина, М.А. Бухгалтерский управленческий учет / М.А. Вахрушина. -М.: Издательство «Омега-Л», 2010. -570 с.
6. Гоголев, Ю.А. Понятие и сущность калькулирования себестоимости продукции предприятия / Ю.А. Гоголев // Вестник Национального Института Бизнеса. - 2020. -№40(40). -С.124-130.
7. Ивашкевич, В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник / В.Б. Ивашкевич. –М.: Магистр, 2011. -576 с.
8. Лисович, Г.М. Бухгалтерский управленческий учет в сельском хозяйстве и на перерабатывающих предприятиях АПК / Г.М. Лисович. -Ростов н/Д: изд. Центр «Март». -456 с.
9. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности. В 2- том. Том 1. с МСФО (IAS) 29 по 41, МСФО (IFRS) с 1 по 7. -Душанбе: Типография Министерства финансов Республики Таджикистан, 2009. -232 с.; Том. 2. -261 с.
10. Мизиковский, Е.А. Производственный учет: учебник / Е.А. Мизиковский, И.Е. Мизиковский. -М.: Магистр: ИНФРА-М, 2015. -272 с.
11. Мизиковский, И.Е. Терминологическая идентификация и критерии выбора калькуляционных единиц продукции кузнечного производства предприятий автомобильной промышленности / И.Е. Мизиковский // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Социальные науки. – 2018. -№1(49). -С.25-31.
12. Низомномаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) дар корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №210 аз 12 майи соли 1999). -Душанбе: Шарқи озод, 1999. -60 с.
13. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): специальность 08.00.12 "Бухгалтерский учет, статистика" : диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / С.Ф. Низомов. –М., 2011. -482 с.
14. Низомов, С.Ф. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ / С.Ф. Низомов, Д.Ҷ. Икромова // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. -№2. –С.51-60.
15. Низомов, С.Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -324 с.
16. Низомов, С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Сохибкор, 2013. -272 с.
17. Низомов, С.Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. -№2-1(9). -С.216-221.
18. Низомов, С.Ф. Развитие системы стратегического управленческого учета в сельскохозяйственном производстве / С.Ф. Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№7. -С.5-13.
19. Низомов, С.Ф. Совершенствование методики учета затрат и калькулирования себестоимости продукции в растениеводстве / С.Ф. Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№7. -С.9-15.
20. Низомов, С.Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / С.Ф. Низомов, П.Х. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№8. -С.133-140.
21. Палий, В.Ф. Организация управленческого учета / В.Ф. Палий. -М.: Бератор-Пресс, 2003. -224 с.
22. Шарифов, З.Р. Баҳисобгирии хароҷоти биологӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ / З.Р. Шарифов // Масоили муҳимми баҳисобгирӣ, таҳлил ва истифодаи самараноки захираҳои молиявию қарзӣ дар КАС: маҷмуаи мақолаҳои илмии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. -Душанбе, 2018. -С.24-26.


## МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАЪМИНОТИ МЕТОДИИ КАЛКУЛЯТСИЯИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТИ ПАРАНДАПАРВАРӢ


Дар мақола ҷанбаҳои методии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ мавриди омузиш қарор дорад. Дар мақола мазмуни иқтисодии мафҳумҳои «объекти калкулятсия» ва «воҳиди

калкулятсия» асоснок карда шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои парандапарварӣ тартиб ва пайдарпайии муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ таҳия шудааст. Инчунин, номгӯи объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсионӣ дар парандапарварӣ коркард шуда, тартиби дар фермаҳои парандапарварии парваришкунанадаи мурғон дар асоси саноатӣ пешбурди баҳисобгирии хароҷот аз рӯи гурӯҳҳои технологӣ асоснок карда шудааст. Барои пешбурди баҳисобгирӣ вобаста аз хусусияти соҳаи парандапарварӣ, ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъии сатҳи гуногун пешниҳод карда шудааст. Метод ва тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ коркард шудааст.
**Калидвожаҳо:** арзиши аслии маҳсулот, хароҷот, калкулятсия, объекти калкулятсонӣ, воҳидҳои калкулятсионӣ, парандапарварӣ, баҳисобгирии хароҷот, баҳисобгирии муҳосибӣ, тухм, дороиҳои биологӣ, гӯшт.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕТОДИЧЕСКОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ КАЛЬКУЛИРОВАНИЯ СЕБЕСТОИМОСТИ ПРОДУКЦИИ ПТИЦЕВОДСТВА

В статье изучены методологические аспекты расчета реальной стоимости продукции птицеводства. В статье обосновано экономическое содержание понятий «объект расчета» и «расчетная единица», а с учетом особенностей птицеводства определены порядок и последовательность определения реальной стоимости продукции птицеводства. Также разработано наименование объекта расчета и расчетной единицы в птицеводстве, обоснован порядок ведения учета затрат по технологическим группам на птицефабриках, не выращивающих кур на промышленной основе. Для ведения учета предложены общие и детальные счета разного уровня в зависимости от характера птицеводства. Методика и порядок расчета первоначальной стоимости продукции разработаны по каждой технологической группе.
**Ключевые слова:** себестоимость продукции, затраты, калькуляция, объект калькуляции, калькуляционная единица, птицеводство, учет затрат, бухгалтерский учет, яйцо, биологические активы, мясо.

## IMPROVING METHODOLOGICAL SUPPORT FOR CALCULATING THE COST OF POULTRY PRODUCTS

The article examines the methodological aspects of calculating the real cost of poultry products. The article substantiates the economic content of the concepts “object of calculation” and “unit of account”, and taking into account the peculiarities of poultry farming, the procedure and sequence for determining the real cost of poultry products is determined. The name of the calculation object and the calculation unit in poultry farming has also been developed, and the procedure for maintaining cost accounting by technological groups at poultry farms that do not raise chickens on an industrial basis has been justified. For record keeping, general and detailed accounts of different levels are proposed, depending on the nature of poultry farming. The methodology and procedure for calculating the initial cost of products have been developed for each technological group.
**Keywords:** cost of production, costs, calculation, object of calculation, costing unit, poultry farming, cost accounting, accounting, egg, biological assets, meat.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Набиев Баҳодур Аҳмадович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-67-50-65**
***Манучеҳри Нозимии Раҷабзода*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **nozimi@yandex.ru**. Телефон: **987-11-99-99**

**Сведения об авторах:** ***Набиев Баходур Ахмадович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-67-50-65**
***Манучехр Нозими Раджабзода*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail: **nozimi@yandex.ru**. Телефон: **987-11-99-99**

**Information about the authors:** ***Nabiev Bakhodur Akhmadovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-67-50-65**
***Manuchehr Nozimi Rajabzoda*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, senior lecturer at the department of accounting, analysis and audit. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. E-mail: **nozimi@yandex.ru**. Phone: **987-11-99-99**

ТДУ: 330.142.22

# МАСОИЛИ ТАҚВИЯТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ МАМЛАКАТ

*Худоиева Ф.О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз яке аз масоили мубрам ва дорои аҳаммияти калидӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушду инкишофи хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ карда мешавад. Хизматрасониҳои бонкӣ дар тақвияти иқтисоди миллӣ нақши босазоро доро мебошанд. Зеро пешниҳоди хизматрасонӣ ба субъектони иқтисодӣ ва иштирок дар тақсимкунии сармоя дар иқтисодиёт ба ухдаи ташкилотҳои қарзӣ вогузор гардидааст. Аз ин лиҳоз, дастрасии саривақтӣ ба хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои бонкӣ чараёни фаъолияти субъектони иқтисодиро тақвият мебахшад ва самаранокии кори онҳоро таъмин менамояд. Бояд зикр кард, ки коркарди барномаҳои самараноки молиявӣ, ташаккули дараҷаи рақобатпазирӣ, баландбардории сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва такмили менеҷменти бонкӣ метавонад мавқеи бонкро дар бозор устувор гардонад, ки ин омил бозори хизматрасониҳои бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад тақвият бахшад. Мураккабгардии муносибати мизоҷ бо ташкилотҳои қарзӣ мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкӣ заминаи мусоидест ҷиҳати ба роҳ мондани муносиботи самарабахш ва саривақтӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хизматрасониҳои бонкии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳодшаванда ниёз ба мукаммалгардонӣ доранд. Ва имрӯз хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун қисми муҳимми бозори бонкӣ дониста шуда, омилҳои зиёде метавонанд ба инкишофёбӣ ва рушди онҳо сабаб гарданд.

Ушаков Д.Н. инкишофёбиро ҳамчун раванди гузариш аз як сатҳ ба сатҳи дигар, яъне ба сохти нисбатан мукаммалгашта арзёбӣ менамояд [6,с.451]. Вазъи иқтисодии кишвар ба тартиби кори бонкҳо ва фаъолияти онҳо, инчунин, ҷалби мизоҷон ба бонк таъсири зиёд дорад. Яъне, бо назардошти нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ сатҳи таваррум, даромади аҳолӣ, сатҳи бекорӣ ва ғайраҳо метавонад фаъолияти бонкҳоро тағйир диҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2000-ум аз сабаби ноустувор будани вазъи иқтисодӣ бонкҳо наметавонистанд фаъолияти самаранок ва вазъи устувор дошта бошанд. Воқеан бо интишори пули миллӣ сомонӣ мо тавонистем сар карда аз солҳои 2000-ум иқтисодиёти худро рушд диҳем ва дар баробари ин, ташкилотҳои қарзӣ низ зина ба зина инкишоф ёбанд. Инчунин, зикр намудан ба маврид аст, ки буҳрони молиявие, ки соли 2008 ба вуқуъ пайваста буд, бисёре аз мамлакатҳои абарқудратро аз инкишофёбӣ боздошт ва ба иқтисодиёти онҳо зарари ҷиддӣ расонид. Дар баробари ин, сатҳи даромади аҳолӣ коҳиш ёфта, шумораи ҷойҳои корӣ низ кам гардиданд, ки ин ҳама ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бетаъсир намонд [1,с.45].

Бар раванди тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ, сатҳи рақобатпазирии ташкилшоти қарзӣ низ таъсири зиёд дорад. Имрӯз рақобатпазирӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мақоми махсус дорад ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст барои нигоҳдории рақобатнокии худ аз усулҳои муосир ва таҷрибаи ташкилотҳои қарзии хориҷӣ кишвар истифода намоянд. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба таври якзайл рушд надорад. Дар баъзе минтақаҳо ин хизматрасониҳо агар тамоюли инкишофёбӣ дошта бошанд, дар минтақаҳои дигар тамоюли инкишофёбӣ ба назар намерасад. Махсусан, минтақаҳои дурдасти кишварро метавон арзёбӣ намуд, ки аҳолӣ ба хизматрасонҳои бонкӣ ба таври зарурӣ дастрасӣ надорад. Инчунин, таҷрибаи давлатҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки бонкҳои давлатӣ дар бозор нисбат ба дигар бонкҳо рақобатпазириашон устувортар аст. Зеро ин бонкҳо дастрасӣ ба маблағҳои буҷетиро доро мебошанд ва аз ин маблағҳо метавонанд истифода намоянд. Дастрасӣ ба ин маблағҳо метавонад вазъи рақобатпазирии ин гуна бонкҳоро хубтар гардонад. Вобаста ба ин, метавонем БДА ҶТ «Амонатбонк»-ро мисол орем, ки дар мамлакати мо ягона бонки давлатӣ дониста мешавад. Ҳамчунин, маврид ба ёдоварист, ки ин бонк нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзии амалкунанда дар минтақаҳои дурдасти кишвар шуъбаҳо ва

марказҳои хизматрасонии худро дорад ва ба мардум бештар хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод менамояд.

Тибқи нишондиҳандаҳои омори соли 2021 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ҳудуди кишвар бо 75 филиал, 509 марказҳо хизматрасонии бонкӣ ва 232 нуқтаҳои интиқоли маблағ ба мардум хизмат расонидааст. Дар ин сол активҳои бонк 39% ва сармояи он 12% зиёд гардидаанд. Шумораи амонатгузорони ин бонки давлатӣ низ сол аз сол афзоиш ёфта, дар соли 2021 ба 1,1 млн нафар расиданд. Дорандагони кортҳои пардохтии ин бонк дар ин сол 47% зиёд гардидаанд. Тибқи омори БМТ аз ҳаҷми умумии кортҳои бонкии бароварда шуда 74%-и онҳо ба БДА ҶТ «Амонатбонк» рост меояд [4,с.89].

Зикр намудан ба маврид аст, ки БДА ҶТ «Амонатбонк» бо дастрасӣ ба маблағҳои буҷети харҷи бештар кӯшиш намуда истодааст, то ба аҳолӣ махсусан ба соҳибкории хурду миёна қарзҳои имтиёзнок пешниҳод намояд, ки ин боиси рушди иктисодиёт дар маҷмуъ мегардад. Инҷо метавон қайд намуд, ки омили муҳим барои инкишофёбии бонки мазкур, ин боварии аҳолӣ дониста мешавад. Яъне, бо доштани мақоми давлатӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк» тавонистааст ба боварии аҳолӣ сазовор гардад. Ва ин омил дар рушди минбаъдаи ин бонк ба ақидаи мо таъсири калидӣ дорад.

Дигар омиле, ки ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бевосита таъсиррасонанда ба фикри мо, ин боварии аҳолӣ ба бонкҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Барои ташкилотҳои қарзӣ ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ ҳамчун амонату пасандоз омили калидӣ дониста шуда, дар шароити муосир ҳаҷми маблағҳои ҷалб карда шуда, дар аксари кишварҳо то ба 80-90%-и кулли дороиҳои бонкҳо баробар аст. Агар аҳолӣ маблағҳои худро барои нигоҳдорӣ ба бонкҳо пешниҳод намояд, ин заминаи мусбиест барои идома ёфтани фаъолияти бонк дар оянда. Боварии аҳолӣ имрӯз на танҳо барои ташкилотҳои қарзӣ, балки барои тамоми иқтисодиёти кишвари мо муҳим арзёбӣ мегардад. Масъалаи боварии аҳолӣ ба сохтори бонкӣ метавонад аз нуқтаи назари фалсафӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ таҳқиқ карда шавад. Ҷанбаи психологии боварӣ ба сохтори бонкӣ бениҳоят аҳаммиятнок дониста мешавад. Боварӣ ҳамчун вазъи психологии инсон аз ахлоқи ӯ вобаста аст. Масалан агар муносибат бо бонк барои муштари натиҷаи мусбӣ дода бошад, дар ин ҳолат муштарӣ метавонд дар оянда низ бо ин бонк ҳамкорӣ намояд, агар натиҷа дилхоҳ набошад муштарӣ дигар бо ин бонк ҳамкорӣ наменамояд. Аз ин лиҳоз, ташкилотҳои қарзиро зарур аст баҳри ба даст овардани боварии аҳолӣ ин нуқтаро фаромӯш насозанд.

Ба назари мо, барои ба даст овардани боварӣ муҳлати зиёд лозим аст, то аҳолӣ хулосаи худро нисбати бонк барорад. Яъне фаъолияти софдилонаи бонк аз ҷониби аҳолӣ баҳогузорӣ карда мешавад ва баъдан аҳолӣ нисбати ин бонк боварӣ ҳосил менамояд. Агар фаъолияти бонк ғаразнок бошад, ин бонк метавонад дар як муддати кутоҳ муфлис гардад.

Масъалаи муҳим имрӯз ин боварии аҳолӣ барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин сохтор дониста мешавад. Махсусан фаъолияти баъзе ташкилотҳои қарзӣ тайи солҳои 2014-2016 боиси кам гардидани боварии аҳолӣ нисбати сохтори бонкӣ гардид (ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк"). Инчунин, қайд намудан ба маврид аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи бонкӣ мавқеи амонатгузорон ба таври мушаххас аниқ нагардидааст, ки ин омили муҳим арзёбӣ мегардад.

Тибқи нишондоди Ушакова Д.И. боварӣ – ин бузургие ба ҳисоб меравад, ки баҳодиҳии он мушкил аст [6,с.101]. Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки боварӣ ба низоми бонкии мо, имрӯз аз якчанд омилҳои асосӣ иборат мебошад, ба монанди:

- ➢ сатҳи дастрасии муштариён ба иттилоот дар бораи фаъолияти бонк;
- ➢ дараҷаи танзим ва назорати низоми бонкӣ аз ҷониби давлат;
- ➢ дараҷаи муносибати бонк бо муштарӣ ва ҳалли одилонаи мушкилиҳое, ки миёни муштарӣ ва бонк ба амал меоянд;
- ➢ ҷой надоштани низоми махсусе, ки барои боз пас гирифтани амонат ва пасандозҳое, ки муштариён дар бонк гузоштаанд, мусоидат намояд;
- ➢ фаъолият намудан тибқи шартномае, ки миёни муштарӣ ва бонк ба имзо расидааст;
- ➢ ҷой доштани коррупсия дар ташкилотҳои қарзӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, яке аз омили асосие, ки имрӯз ба ақидаи коршиносон муҳим аст, ин дастрасии мизоҷон ба иттилоот дар бораи фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад. Яъне, таъмини мизоҷон бо маълумотҳои бонкӣ шаффофияти фаъолияти бонкро нишон дода, дараҷаи боварии мизоҷро нисбати бонк меафзояд.

Ҳангоми вусъат ёфтани муносибатҳо ва баланд гардидани сатҳи хавфҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, талабот ба маълумот зиёд мегардад. Имрӯз муштариён маълумот оиди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро танҳо ба воситаи интернет ва ё ВАО мегиранд, ки ин онҳоро қаноъатманд намегардонад. Воқеан чи тавре, ки бонкҳо ҳангоми пешниҳоди қарз муштарии худро ҳамаҷиҳата таҳлил ва маълумотҳои зиёдеро оиди фаъолияти ӯ ҷамъоварӣ менамоянд, муштарӣ низ ҳангоми пешниҳоди маблағ ба бонк ҳамчун пасандоз бояд аз маълумоти зиёд оиди фаъолияти бонк бархурдор бошад. Дар шароити имрӯза бонкҳо бештар ба хавфи қарзӣ ва фоизӣ дучор гардида истодаанд.

Воқеан, имрӯз талабот ба информатсия на танҳо барои муштариён, балки барои ташкилотҳои қарзӣ низ муҳим дониста мешавад. Бо пешниҳоди қарз, ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш менамоянд оиди қарзгиранда маълумоти бештар дошта бошанд. Имрӯз дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз оне, ки аксари муштариён нисбати бонкҳо муносибати беғаразона доранд, лек хавфи барнагаштани қарзҳо бениҳоят баланд аст. Ин омил метавонад ба ноустувории вазъи ташкилоти қарзӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то маълумоти дақиқ ба даст оварда бошанд. Дар кишварҳои хориҷа аслан ҷамъоварии маълумот оиди муштариён ба души бюроҳои қарзӣ вогузор карда шудааст. Бюрои қарзӣ метавонад муштариро дақиқ омӯзад ва ба вазъи молиявии он дуруст баҳо диҳад, ки ин болоравии хавфҳои бонкиро коҳиш медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи таърихи қарз» 26-уми марти соли 2009 қабул гардидааст. Тибқи нишондоди қонуни мазкур таърихи қарз ин иттилооти мусбат ё манфии иҷрои уҳдадориҳои субъекти таърихи қарз аз руйи шартномае, ки дар Бюрои таърихи қарз нигоҳ дошта мешавад ба ҳисоб меравад. Худи иттилоот бошад ҳамчун маълумот дар бораи субъекти таърихи қарз, ки дар воситаҳои алоқаи электронӣ ва сабтҳои коғазӣ, ки иштирокчиёни системаи ташаккули таърихи қарз пешниҳод мекунанд ва истифодаи он, ки дар мавриди зарурӣ бо имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда мешавад дар қонуни мазкур шарҳ дода шудааст. Инчунин, дар Қонуни мазкур Бюрои қарзӣ шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои ташкилу коркард, нигоҳдошти таърихи қарз, пешниҳоди ҳисоботи қарз ва дигар иттилоот хизмат мерасонад. Қайд намудан ба маврид аст, ки Қонуни мазкур фарогири ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти Бюроҳои қарзӣ мебошад. Вале, имрӯз аксари филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бюрои мазкур кор намегиранд ва ин боиси барнагаштани қарзҳо ва фоизи онҳо мегардад. Ҳамин тавр, бонкҳо ҳангоми фаъолияти худ ба хавфҳои гуногун дучор мегарданд. Ва аз ин лиҳоз, фаъолияти бонкӣ ин шакли соҳибкориест, ки аз болои он танзим ва назорати доимӣ бурда мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолияти бонкӣ бо тамоми самтҳои муҳимми иктисодиёт алоқамандӣ дошта, аз амонат ва пасандозҳои аҳолӣ вобастагии беандоза дорад. Дар аксари кишварҳои олам, инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзӣ қисми зиёди амалиётҳои худро аз ҳисоби маблағҳои пасандози ба роҳ мемонанд. Ин омил имрӯз барои бонкҳо муҳимияти зиёдеро касб намудааст. Яъне, вақте, ки қисми зиёди муштариён маблағҳои худро аз ҳисобҳои бонкҳо гирифтани мешаванд, дар ин ҳолат бонкҳо метавонанд пардохтпазирии худро аз даст диҳанд.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон баҳри беҳдошти муносибати ташкилотҳои қарзӣ бо муштариён дар самти зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин БМТ ҷиҳати ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва истифодаи самараноки онҳо барои ташкилотҳои қарзӣ бояд аз сиёсати пулию қарзии созгор истифода намояд. То боварии амонатгузорон нисбати ташкилотҳои қарзӣ махсусан дар минтақаҳои кишвар афзояд. Имрӯз барои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаҳо мо, бояд, пеш аз ҳама, технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо тариқи интернетро дар низоми бонкӣ инкишоф диҳем. Аслан хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи интернет, телефон, телефонҳои мобилӣ ва дигар

дастгоҳҳои худхизматрасонии бонкӣ ба муштариён пешниҳод мегарданд. Ва бояд қайд намуд, ки мутаассифона ин гуна хизматрасониҳо танҳо дар марказҳои шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ дастраси аҳолӣ ҳастанду халос. Бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ имрӯз бояд ба муштариёне, ки дар минтақаҳои дурдастанд, ин гуна хизматрасониҳоро дастрас намоянд.

Дар ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инфрасохтори бонкӣ дониста мешавад. Рушди инфрасохтори бонкӣ метавонад хизматрасониҳои бонкиро чӣ дар минтақаҳо ва чӣ дар тамоми кишвар инкишоф диҳад. Ташкил намудан ва фаъолияти самараноки бюроҳои қарзӣ ва мақомотҳое, ки эътимоднокии ташкилотҳои қарзиро муайян мекунанд, заминаи муҳимест барои таъмини мизоҷон бо иттилоот оиди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва баландбардории саводнокии молиявии аҳолӣ. Аз ин лиҳоз, бояд чунин ташкилотҳо имрӯз ташкил карда шаванд, то ки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дуруст баҳогузорӣ шавад.

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар чорчӯбаи қонунгузориҳои бонкӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии БМТ амал менамояд. Ва яке аз омилҳое, ки имрӯз метавонад ба рушди ин бозор монеагузорӣ кунад, ин амал накардан дар доираи қонунгузориҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи қонунгузориҳо амал накардани ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо бештар дар минтақаҳо ба чашм мерасад, ки ин ҳамчун омили манфӣ дар ин самт дониста мешавад.

Нишондиҳандаҳои омории БМТ нишон медиҳанд, ки дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ то ҳол дар сатҳи паст қарор доранд. Дар алоҳидагӣ аз таҳлилҳо бар меояд, ки ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ҳар як филиали бонк ба 7,4 ҳазор нафар хизматрасонии бонкӣ пешниҳод менамояд. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки пешниҳоди хизматрсониҳо дар сатҳи паст аст. Бояд қайд намоем, ки тамоми бонкҳои дар ҷумҳурӣ амалкунанда, ҳамасола филиалҳо ва шуъбаҳои худро дар саросари мамлакат васеъ менамоянд. Дар ин замина, танҳо 10 бонк аз 17 бонки амалкунанда фаъол мебошанд. Тайи чанд соли охир, ҳолатҳое низ ба чашм мерасанд, ки баъзе бонкҳо ҷиҳати коҳишдиҳии хароҷотҳои ҷорӣ, фаъолияти филиал ва бахшҳои худро дар минтақаҳо қатъ менамоянд.

Масъалаи муҳим имрӯз рушди сохтори бонкӣ дар шаҳрҳои нисбатан бузург ба ҳисоб меравад. Яъне, бонкҳои амалкунанда имрӯз на ба минтақаҳои дурдаст, балки кӯшиш намуда истодаанд, то фаъолияти худро дар шаҳрҳои бузург бештар ба роҳ монанд. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки зиёда аз 60%-и филиалҳои бонкҳои мавҷуда дар пойтахти кишвар ҷойгиранд, ки ин метавонад сабаби рушд наёфтани хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои кишвар гардад.

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза омилҳои ба бозори молиявӣ ва махсусан ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсиррасонанда зиёданд. Ташкилотҳои қарзӣ бояд ба як қатор самтҳо аҳаммияти махсус диҳанд, зеро ин омилҳо барои нигоҳдории вазъи устувори онҳо ва ҷалби бештари муштариён сабаб хоҳанд гашт. Тақвияти минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва таҳияи низоми босамари пешниҳоди хизматрасониҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ асоси пешрафти ташкилотҳои қарзӣ дониста мешавад. Дар маҷмуъ, мо чунин ақида дорем, ки ҷиҳати рушди самараноки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои кишвар бояд, ба самтҳои зерин аҳаммият дода шавад:

- дастгирии давлатии сохтори бонкӣ;
- суғуртакунонии амонатҳои аҳолӣ;
- рушди технологияҳои иттилоотӣ;
- фаъолият мувофиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ;
- шароити нобаробарии рақобатнокӣ дар бозор;
- боварии аҳолӣ ба сохтори бонкӣ;
- дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;
- муносибати кормандони бонк бо муштариён;
- ба таври зарурӣ рушд накардани маркетинги бонкӣ;
- этика ва қобилияти корӣ надоштани кормандони бонкҳо;
- рушд наёфтани инфрасохтори бонкӣ.

Дар маҷмуъ, ташкилотҳои қарзӣ барои рушди минбаъдаи хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳо бояд кӯшиши зиёд дошта бошанд, зеро қисми зиёди аҳолии кишвар дар минтақаҳо зиндагӣ доранд ва бо баланд рафтани саводнокии молиявии онҳо бонкҳо метавонанд соҳиби муштариёни зиёд гарданд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Бердиев Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материале Республики Таджикистан): автореф…дис. док. экон. наук / Р.Б. Бердиев. -Бишкек: КРСУ, 2012. -42 с.
2. Вострухина Т.Ю. Факторы и условия, влияющие на развитие банковских услуг в регионах / Т.Ю. Вострухина // Российское предпринимательство. – 2011. -Том 12. -№9. -С.130-135.
3. Гаюров, Г.Х. Формирование банковских услуг в условиях высокой конкуренции / Г.Х. Гаюров, О.С. Махмадов // Актуальные проблемы развития экономики и образования: Сборник материалов международной научно-практической конференции, Душанбе, 02–03 июня 2016 года. -Душанбе: Ирфон, 2016. -С.196-200. – EDN YPGTHL.
4. Ғаюров, Ғ.Ҳ. Хизматрасониҳои бонкӣ: ҷанбаҳои назариявӣ, дурнамои рушд ва баландбардории сифати онҳо / Ғ.Ҳ. Ғаюров // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. -№1(86). –С.35-44. – EDN UQLLDJ.
5. Лаврушин О.И. Банковское дело: учебное пособие / О.И. Лаврушин. – 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Финансы и статистика, 2010. -672 с.
6. Одинаев С.П. Бонки миллии Тоҷикистон ва нақши он дар танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ / С.П. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. -№2. -С.179-186.
7. Ушакова Д.Н. Толковый словарь русского языка: в 4 т. / Д.Н. Ушакова. -М., 2000. -856 с.
8. Хушвахтзода К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№8. -С.5-10.
9. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2019. -№8. -С.33-39.
10. [Электронный ресурс]. URL: www.economy-ru.com/obraschenie-kredit-denejnoe/iii-politika gosudarstva-otnoshenii - 14422.html.
11. [Электронный ресурс]. URL: www.cyberleninka.ru/article/n/faktory-i-usloviya-vliyayuschie-na-razvitie-bankovskih-uslug-v-regionah.


**МАСОИЛИ ТАҚВИЯТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ МАМЛАКАТ**


Дар мақола ҷанбаҳои мубрами хизматрасониҳои бонкӣ ва роҳҳои баландбардории сифати онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Масоили назариявӣ ва амалии баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва такмили механизмҳои он таҳқиқ шуда, роҳҳои дурусти пешниҳоди маҳсулотҳои бонкӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Муаллиф ба ҷанбаҳои бисёрсамтаи хизмарасониҳои бонкӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мушкилиҳои ҷойдошта ҳангоми пешниҳоди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкиро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ сифати пешниҳоди хизматрасониҳо яке аз нишондиҳандаҳои калидӣ дар фаъолияти бонкҳо буда, дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳо аз ин сахт вобаста мебошад. Ҳамчунин, муаллиф ба омилҳои таъсиррасон ва боздорандаи рушду такмили хизматрасониҳои бонкӣ диққати махсус дода, ин омилҳоро гурӯҳбандӣ ва таҳлил намудааст. Қайд гардидааст, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зиёде мавҷуданд, ки метавонанд ба суръати хизматрасониҳои бонкӣ ва сифати онҳо таъсири амиқ дошта бошанд. Дар мақола омилҳои ҷойдошта ба таври дақиқ таҳқиқ шуда, роҳҳои бартарафнамоии онҳо мавриди баҳс қарор гирифтааст. Гузашта аз ин, фаъолияти самараноки бонкҳо дар бозори бонкӣ ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиши дақиқ ва таҳлилҳои ҳамаҷониба, ҷиҳати баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо, аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки метавонанд заминаи мусоид фароҳам оранд.



**Калидвожаҳо:** бонкҳо, низоми бонкӣ, хазматрасониҳои бонкӣ, маҳсулотҳои бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, менеҷменти бонкӣ, сифати хизматрасониҳо, сармояи бонкӣ, амалиётҳои бонкӣ, хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ.


**ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКИХ УСЛУГ В РЕГИОНАХ СТРАНЫ**


В статье обсуждаются ключевые аспекты банковских услуг и способы повышения их качества в современных экономических условиях. Исследованы теоретические и практические аспекты повышения качества банковских услуг и совершенствования его механизмов, а также анализированы основные способы предоставления банковских продуктов в современных условиях. Автор направляет основное внимание на многогранные аспекты банковских услуг и исследует проблемы предоставления банковских продуктов и услуг в Республике Таджикистан. Обосновано, что в современных экономических условиях качество оказания услуг является одним из

ключевых показателей деятельности банков, и от этого зависит уровень их эффективности. Автор также уделяет особое внимание факторам, влияющим и препятствующим развитию и совершенствованию банковских услуг, классифицируя и анализируя эти факторы. Было отмечено, что в банковской системе Республики Таджикистан существует множество факторов, которые могут оказать сильное влияние на скорость и качество предоставления банковских услуг. В статье подробно рассматриваются существующие факторы и обсуждаются пути их преодоления. Кроме того, были изучены эффективность работы банков на банковском рынке и порядок предоставления дистанционных банковских услуг в банковской системе Таджикистана. На основе тщательного изучения и всестороннего анализа, автор предлагает ряд рекомендаций по повышению качества банковских услуг в банковской системе Республики Таджикистан и перспективам их развития, что позволяет создать благоприятную среду.

**Ключевые слова:** банки, банковская система, банковские продукты, кредитные организации, банковский менеджмент, качество банковских услуг, банковский капитал, банковские операции, дистанционные банковские услуги.

**ISSUES OF THE DEVELOPMENT OF BANKING SERVICES IN THE REGIONS OF THE COUNTRY**

This article discusses and analyzes the key aspects of banking services and ways to improve their quality in today's economic environment. The theoretical and practical aspects of improving the quality of banking services and improving its mechanisms are investigated, and the main ways of providing banking products in modern conditions are analyzed. The author focuses on the multifaceted aspects of banking services and explores the problems of providing banking products and services in the Republic of Tajikistan. It has been substantiated that in modern economic conditions the quality of services is one of the key indicators of banks' activities, and the level of their efficiency depends on this. The author also pays special attention to the factors affecting and hindering the development and improvement of banking services, classifying and analyzing these factors. It was noted that there are many factors in the banking system of the Republic of Tajikistan that can have a strong impact on the speed and quality of banking services. The article examines in detail the existing factors and discusses ways to overcome them. In addition, the effectiveness of banks in the banking market and the procedure for providing remote banking services in the banking system of Tajikistan were studied. Based on a thorough study and comprehensive analysis, the author offers a number of recommendations for improving the quality of banking services in the banking system of the Republic of Tajikistan and the prospects for their development, which allows creating a favorable environment.

**Keywords:** banks, banking system, banking products, credit institutions, banking management, quality of banking services, banking capital, banking operations, remote banking services.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Худоиева Фахрия Олимбековна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (**+992) 904180417**

**Сведения об авторе:** ***Худоиева Фахрия Олимбековна*** – Таджикский национальный униваристет, соискатель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904180417**

**Information about the author:** ***Khudoieva Fakhria Olimbekovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 904180417**

ТДУ: 31+582,796(575.3)

# МУАММОҲОИ ТАШКИЛИ КЛАСТЕРИ ПАХТА ДАР ШАРОИТИ ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Шерматов Ғ.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Самти асосии рушди устувор дар шароити муосир, ин истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда мебошад, ки дар асоси он рушди иҷтимоию иқтисодӣ таҳия карда мешаванд, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд. Дар асоси ин ҷустуҷӯи имкониятҳои нави рушди бо назардошти сарфаи максималии захираҳои табиӣ, инчунин, намудҳои гуногуни истеҳсолот ва роҳҳои қонеъ гардонидани талаботи имрӯза вусъат меёбад. Аз ин рӯ, рушди устувори сохторҳои кооперативии комплекси пахтакорӣ дар баробари механизмҳои ташкилию хоҷагӣ ташаккул ва ҷорӣ намудани механизми технологияи сарфаи захираҳоро талаб мекунад.

Маълум аст, ки мавҷуд будани захираҳо (замин, меҳнат, моддию техникӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва ғайра) сохтори кооперативии комплекси пахтакории мамлакатро вазифадор мекунад, ки дар асоси фаъолгардонии захираҳои табиӣ, усулҳои нави истифодаи захираҳои табииро кор карда бароянд. Дар ин шароит, равандҳои тезонидани ташаккули механизми технологияи сарфаи захираҳо ва гузаштан ба бомуваффақият татбиқ намудани технологияи нави сермаҳсул ва сарфакунандаи захираҳо дар фаъолияти сохторҳои комплекси пахтакории мамлакат нав карда мешаванд. Татбиқи ин механизм бояд ба афзоиши доимии истеҳсоли пахта, оқилона истифода бурдани захираҳои замин, ба кор бурдани тадбирҳои агробиологӣ, ба кор андохтани навъҳои серҳосили пахта, нав кардани базаи мошинӣ-технологӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳа, фаъол гардонидани таҷҳизоти инноватсионӣ дар кори сохторҳои комплекси соҳаи пахтакории мамлакат муосидат кунад.

Тоҷикистон таърихан кишвари аграрӣ ба ҳисоб рафта, комплекси агросаноатӣ дар марҳилаи муосир, марҳалаи нави рушди иқтисодиёти миллиро касб карда, дар баробари хоҷагии қишлоқ истеҳсоли маҳсулот ва воситаҳои муосири самараноки истеҳсолотро барои дигар соҳаҳо, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, соҳаҳои хизматрасонии агросаноатӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоиётро дар бар мегирад.

Тибқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, барои амалӣ намудани имкониятҳои рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити Ташкилоти умумиҷаҳонии тиҷоратӣ яке аз пешомадҳои рушди соҳаи пахтакорӣ, ин таъсис ва ташаккули кластерҳои ҳудудӣ-истеҳсолӣ, кластерҳои инноватсионии дорои технологияҳои баланд ва инчунин, кластери агросаноатӣ мебошанд. Мувофиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030”, Консепсияи рушди кластерҳои инноватсионӣ пешбинӣ гардидааст, ки иштироки фаъолонаи мақомоти давлатӣ ва маҳаллиро дар ин равандҳо, аз ҷумла дар рушди механизмҳои дастгирии лоиҳаҳо дар назар дорад.

Ташаккул ва рушди кластерҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, тахти мафҳуми кластер дар қонунгузории амалкунанда маҷмуи минтақаҳои махсуси иқтисодии як ё якчанд намуд дар назар дошта шудааст, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, як ширкат идора менамояд. Рушди кластерҳои соҳавӣ ва озуқавӣ заминаи афзоиши интенсивии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таҳкими механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Дар сатҳи давлатӣ механизмҳое мавҷуданд, ки маблағгузории зарурии чорабиниҳоро оид ба ташаккул ва рушди кластерҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ таъмин намоянд. Яке аз ин механизмҳо ин интиқоли воситаҳои пулии давлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои маблағгузории минбаъдаи корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ, мебошад.

Ба ақидаи иқтисоддонҳо Пиризода Ҷ.С., Маҳмадиев Ф.Б., Ҷалилов Ш.Н., «…Сиёсати кластерӣ - яке аз равишҳои муҳимтарини инноватсионӣ дар гузариш аз модели

аграрию саноатӣ ба модели саноатию аграрии макроиқтисодиёт барои кишоварзӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ чунин равиш метавонад бо мушкилиҳо дучор оянд, аммо ба фаъолияти самаранок бо роҳи таъмини рушди кластерии иқтисодиёти миллӣ ва комплекси агросаноатӣ дар маҷмуъ оварда мерасонад» [10,с.89].

Ба гуфтаи Набиев Т.Т. «...дар шароити кластеризатсия системаи нишондиҳандаҳо дараҷаи омодагии минтақаро ба ташкили сохторҳои аграрӣ инъикос менамояд. Тавассути системаи нишондиҳандаҳои ташаккули кластерҳои кишоварзӣ, баҳодиҳии иқтисодии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ гузаронида мешавад. Барои ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ бояд кластерҳои махсуси кишоварзӣ ташкил карда шаванд. Зарурати рушд бояд ба мавҷудияти заминаҳои рушди иқтисоди агрокластерӣ асос ёбад. Бо назардошти истифодаи системаи нишондодҳои махсусгардонии кластерҳои аграрӣ, ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро аз рӯи сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба кластерҳои зерин тақсим кардан мумкин аст. Масалан, кластери ғалла, пахта, мева-сабзавот, маҳсулотҳои гӯштӣ ва ширӣ” [7,с.28].

Ҳамин тавр, сарфи назар аз баъзе таҳқиқотҳо оид ба назарияи кластерҳо ва умуман кластерҳои агросаноатӣ, аз ҷумла, барои воқеияти Тоҷикистон ҳам, дар сатҳи таҳқиқоти методӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ корнашуда мемонад. Кластери пахта низоми асосии идоракунии сиёсати агросаноатии минтақавӣ оид ба гирифтан, markup азнавтақсимкунии арзиши иловашуда ва истифодаи маҷмуи иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад [3,с.114].

Богданова О.В. ва Никонорова О.С., муайянкунии консепсияи «кластери аграрӣ»-ро ҳамчун маҷмуи корхонаю ташкилотҳо ифода менамоянд, ки аз рӯи принсипи мансубият ба комплекси мушаххаси саноатии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ муттаҳид шудаанд. Асоси кластер корхона ё ташкилоте мебошад, ки дорои иқтидори максималии инноватсионӣ мебошад [1,с.139].

Сарфи назар аз мавҷудияти баъзе корхонаҳо ва ширкатҳои муваффақ дар кластер хеле суст ҷараён доранд.

Чунин сохторҳои алоҳидаи бомуваффақият танҳо пешравии қатъиро дар комплекси агросаноатӣ таъмин карда наметавонанд, вале дар зеркомплекси пахтакорӣ афзалиятҳои муайян доранд:

-имкон медиҳад, ки манбаи андозбандишаванда мустаҳкам карда шавад;

-бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии деҳот ҷойҳои корӣ таъсис медиҳад;

-барои ташаккули инфрасохтори деҳот шароит фароҳам меорад;

-барои танзими ҷараёнҳои сармоягузорӣ шароит фароҳам меорад;

-сатҳи самаранокии маблағҳои гузошташударо муайян мекунад;

-ба афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ дар бозорҳои комплекси агросаноатии мамлакат мусоидат мекунад;

-механизмҳои паҳнкунии босуръати инноватсияҳоро дар ҳамаи корхонаҳо, кластер таҳия менамояд;

-низоми таъминоти иттилоотии таҳқиқоти мақсадноки омориро такмил медиҳад [12,с.122].

Барои ба низоми ягонаи ба ҳам алоқаманди иқтисодиёт табдил додани воҳидҳои ҳудудии деҳот ва хоҷагиҳои истеҳсолоти агросаноатӣ, ба ном ташаккули кластерӣ аз нуқтаи назари назария ва таҷриба шарту зарурияти муайян ба миён меояд.

Механизми дигари рушди кластерҳо, ин маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути татбиқи муқарраротҳои дар Қоидаҳои тақсимот ва пешниҳоди субсидияҳо аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии чорабиниҳое, ки дар барномаҳои рушди кластерҳои минтақавии инноватсионии пилотӣ пешбинӣ шудаанд, ифшо карда мешавад. Ин механизмҳо имкон фароҳам меоранд, ки дастгирии молиявии давлатӣ бо мақсади татбиқи доираи васеи лоиҳаҳои кластерӣ истифода бурда шавад. Рушди кластерҳо метавонад ғайримустақим тавассути маблағгузории давлатӣ ба соҳаи илм, инноватсия, иҷтимоиёт ва ғайра таъмин гардад. Маблағгузории кластерҳоро ғайр аз механизмҳои номбаршуда, чунин ташкилотҳои

институтсионалӣ ба монанди Фонди сармоягузорӣ, Фонди дастгирии корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар соҳаи илму техника метавонанд дастгирӣ намоянд [2,с.520].

Барои баландбардории самаранокии ташаккул ва рушди лоиҳаҳои кластерӣ ҳамчун самти муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи сиёсати кластерӣ дар ҷумҳурӣ зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи аграрӣ, дар комплекси агросаноатии мамлакат, бо назардошти ташаккули механизми бозорӣ, иқтисодиёти бозории серсохтор ташаккул ёфта, гузаштан ба шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, имрӯз қисми зиёди корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва соҳаи коркарди ҷумҳурӣ шаклҳои нави ташкилиро, ки ба иқтисоди бозорӣ асос ёфтааст, пайдо кардаанд. Дар хоҷагии қишлоқ бисёр корхонаҳои калони коллективӣ ва давлатӣ ба хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва ёрирасон табдил ёфтанд. Шумораи онҳо тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021, 167,2 ҳаз.адад мебошад, ки дар баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркард, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ саҳми муайян доранд [11,с.272].

Пеш аз гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ, дар ҷумҳурӣ ба масъалаи ҳамгироии агросаноатӣ диққати калон дода мешуд. Инро бо он маънидод мекунанд, ки инкишофи равандҳои ҳамгирой дар комплекси озуқаворӣ ба мақсад мувофиқ будани таъмини ягонагӣ ва муттасилии марҳилаҳои ба ҳам алоқаманди истеҳсол, нигоҳ доштан ва коркарди маҳсулоти зудвайроншавандаи хоҷагии қишлоқ вобаста аст. Инчунин, ба мушкилоти беҳтар намудани муносибатҳо дар соҳаи коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ низ диққат дода мешуд.

Аммо дар давраи гузариш ба бозор алоқаҳои истеҳсолию иқтисодии байни хоҷагии қишлоқ ва саноати коркард барҳам дода шуданд. Дар натиҷа истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ хеле кам шуд, баъд аз он вайрон шудани системаи идоракунии комплекси агросаноатӣ, шитобкорона тезонидани раванди хусусигардонӣ, суст шудани пардохтҳо, қобилияти аҳолӣ ва сохторҳои иқтисодӣ, ноустувории нархи энергия, системаи комплексии андозбандӣ ва ғайра. Барои ҳалли ин ва дигар проблемаҳо зарурати гузариш ба раванди кластерикунонӣ пеш омад, ки ба рушди устувори хоҷагии қишлоқ нигаронда шудаанд. Ба гуфтаи Фролов А.В. “кластер - ин як институти муосири самараноки ҳудудӣ мебошад, ки давлат, соҳибкорӣ ва ҷомеаи маҳаллиро муттаҳид мекунад, замина, муҳити рушд ва ҳамкории мутақобилаи муҳити иқтисодиро дар бар мегирад, сармояи репродуктивӣ ва иқтидори инноватсионии ҳудудро бо роҳи муттаҳид намудани субъектҳои хоҷагидор ташкил медиҳад" [13,с.28].

Ҳамин тариқ, алгоритми ташаккули кластер - ин пайдарпайии мантиқии таҳлили омилҳо, коркарди низоми меъёрҳо ва маҳдудиятҳое, ки субъектҳои зерсоҳаи пахтакориро ҳамчун иштирокчиёни эҳтимолии кластер муайян мекунанд, муайян кардани алоқамандиҳои афзалиятноктарини вазифавӣ дар кластер ва андозаи таъсири мутақобилаи онҳо; баҳодиҳии синергетикии кластери ташаккулёфта мебошад [4,с.148].

Ҳамчун меъёри марбуткунандаи субъектҳои зерсоҳаи пахтакорӣ барои иштирокчиёни кластери пахтакорӣ, инҳоро интихоб кардан мумкин аст:

- мавҷудияти корхонаҳои дорои сатҳи баланди рақобатпазирӣ дар минтақа;
- мавҷудияти бартариҳои рақобатии минтақавии ба рушди кластер мусоидаткунанда;
- зичии минтақавӣ ва наздикии иштирокчиёни потенсиалӣ дар кластер;
- мавҷудияти робитаи мутақобилаи байни иштирокчиёни потенсиали кластер дар асоси занҷираи технологии истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта;
- мавҷудияти робитаҳои мутақобила байни корхонаҳои зерсоҳаи пахтакорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ;
- таъмин будан бо инфрасохтор.

Ба андешаи мо, равандҳои ташкили кластери пахта дар сохторҳои кооперативӣ муттаҳидшудаи зеркомплекси пахтакории минтақавӣ, бояд аз якчанд марҳила, аз ҷумла: таъсиси шурои ҳамоҳангсоз (ё шурои экспертӣ), ки метавонад намояндагони мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ (вилоятӣ), ташкилотҳои таъминкунанда ва коркардкунандагони ашёи хом ва дигар шахсони манфиатдор иборат бошад. Баъзе аз аъзои шурои коршиносон дар оянда метавонанд аъзои шурои ҳамоҳангсозӣ ё агенти шабакавӣ шаванд, ки барои

ҳамоҳангсозии идоракунии кластери пахта дар сохторҳои муттаҳид масъуланд. Сипас, асоснок кардани самаранокии ташкили кластери пахта, арзёбии иқтидор ва махсусгардонии он, ташкили шурои ҳамоҳангсозӣ, таҳияи системаи ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои иштироккунанда, муайян кардани таркиби кластери пахта, мураттаб сохтани ҳадаф ва вазифаҳо, таҳияи принсипҳои фаъолият ва модели кластери пахта, татбиқи барномаи рушди кластер. Дар марҳилаи ниҳоӣ, баҳодиҳии самаранокии фаъолияти кластери пахта дар сохторҳои муттаҳидшуда ва ислоҳ кардани барномаи рушди он зарур аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои асосии ташаккули кластери пахта**
**Table 1. The main stages of cotton cluster formation**

| № | МУНДАРИҶАИ МАРҲИЛАҲО | ИҶРОКУНАНДАГОН |
|---|---|---|
| 1. | Арзёбии самаранокии ташкили кластер | Воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; Шурои коршиносон (Шурои ҳамоҳангсозӣ); агентиҳои машваратӣ |
| 2. | Омӯзиши иқтидор ва самти кластер | Шурои коршиносон; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; агентиҳои машваратӣ |
| 3. | Ташаккули сохтори идоракунии кластер | Воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; Шурои коршиносон |
| 4. | Таҳияи системаи ҳавасмандгардонии иштирокчиён | Шурои коршиносон; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |
| 5. | Муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои кластер | Шурои коршиносон; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |
| 6. | Муайян кардани хайати иштирокчиёни кластери пахта | Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; Гурӯҳи кории ташаббуси кластерӣ |
| 7. | Арзёбии имкониятҳои захиравӣ барои ҳавасмандгардонии нуктаҳои асосии рушди минтақа | Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; Шурои коршиносон |
| 8. | Ташаккули муқаррароти ташкилию ҳуқуқӣ барои ташкили кластер | Воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |
| 9. | Асосноксозии техникӣ-иқтисодии лоиҳаи ташкилии кластер | Шурои коршиносон; Хизматҳои машваратӣ |
| 10. | Тақсимоти ӯҳдадориҳои ташкилӣ байни аъзоёни кластер | Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |

Дар ташаккул ва рушди кластери пахта тадбирҳо бо иштироки давлат нақши муҳим доранд. Давлатро мақомоти минтақавӣ ва ниҳодҳои махсус намояндагӣ мекунанд, ки шароити институтсионалӣ ва ҳуқуқии рушди кластерро ташкил медиҳанд, муколама ташкил мекунанд ва манфиатҳои иштирокчиёнро мувофиқ мегардонанд ва ба ташаббусҳои инфиродии кластер дастгирии молиявӣ мерасонанд.

Давлат, ки дар мақомоти минтақавӣ намояндагӣ мекунад, ҷонибҳои манфиатдорро муттаҳид менамоянд, намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳоро ташкил мекунад, хадамоти машваратӣ мерасонад, ҳифзи ҳуқуқӣ медиҳад, монеаҳоро бартараф месозанд, инфрасохторро эҷод мекунад, молҳоро пеш мебарад ва субсидия медиҳад.

Барои ташкили кластери пахта, давлат нақши асосиро мебозад ва метавонад рушди сохторҳои кооперативии ҳамгирошудаи зеркомплекси пахтакориро дар шакли кластер тавассути амалӣ намудани чорабиниҳои гуногун ҳавасманд гардонад:

• робитаи зич байни кластерҳои пахта ва минтақаҳои озоди иқтисодии аллакай таъсисёфта;

• такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо сохторҳои ҳамгирошудаи кооперативӣ дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ, аз ҷумла дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва рушди паркҳои инноватсионии технологӣ;

• таъсиси платформаи муколамаи субъектҳои гуногун-иштирокчиёни кластери пахта ва муайян намудани вазъи рушди кластерҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҳудудӣ, аз ҷумла муайян намудани сохтори кластерҳо;

• ташаккул додани платформаҳо барои иштирокчиёни эҳтимолии кластерҳои ҳудудӣ, аз ҷумла пахтакорӣ, аз ҳисоби сохторҳои ҳамгирошудаи онҳо, мусоидат ба табодули таҷриба байни минтақаҳо оид ба ташаккули сиёсати кластерӣ дар ин самт;

• мусоидат дар муттаҳидсозии иштирокчиёни соҳаи пахтакорӣ, татбиқи барномаҳои мусоидат ба воридшавии корхонаҳои кластерӣ ба бозорҳои хориҷӣ, татбиқи сиёсати таълимӣ бо намояндагони асосии кластер мувофиқашуда, фароҳам овардани имкониятҳо барои алоқа ва ҳамкорӣ байни корхонахо ва муассисахои таълимӣ;

• диверсификатсияи талаботи маҳаллӣ тавассути ҷойгиркунии фармоишҳои давлатӣ ба ширкатҳои маҳаллӣ ва баланд бардоштани малакаи қувваи кории маҳаллӣ тавассути татбиқи барномаҳои таҳсилоти иловагӣ ва бозомӯзии кадрҳо;

• таъсиси «бренд» барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба сохторҳои ҳамгирошудаи кооперативӣ ва такмил додани системаи идоракунии давлатӣ дар сохторҳои кооперативӣ;

• баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ дар сохторҳои ҳамгироии кооперативӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ташкили агентиҳо (муассисаҳо) оид ба рушди минтақавӣ, ки вазифаҳои асосии онҳо бояд назорат ва таҳлили рушди иқтисодӣ дар сохторҳои ҳамгирошудаи кооперативӣ бошанд;

• такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ (системаи стратегии идоракунӣ, дастгирии фаъолияти инноватсия ва сармоягузорӣ, муносибатҳои меҳнатӣ ва замин, соҳаи иҷтимоӣ ва ғ.).

Дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, вобаста дар самти саноат омадааст, ки "ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2007 ба 20,3% афзоиш ёфтааст, теъдоди корхонаҳои саноатӣ ба 29,1% зиёд шуд. Маҳсулнокии меҳнат дар соҳа ба 26,7% афзоиш ёфт, ки, пеш аз ҳама, аз ҳисоби ба кор даровардани корхонаҳои нави бо техника ва технологияҳои муосир муҷаҳҳазшуда ба даст омад. Тамоюли диверсификатсияи соҳа ба назар мерасад. Дар ҳафт соли охир, дар кишвар зиёда аз 1600 коргоҳ ва корхонаҳои нави саноатӣ, аз ҷумла, корхонаҳои коркарди маъдан ва дигар намудҳои ашёи хоми саноатӣ, нахи пахта, маводҳои сохтмонии саноатӣ ва коркарди маҳсулоти истеҳсоли кишоварзии ватанӣ ташкил карда шуд". Ин нишондиҳандаҳоро дар ҷадвали 2 мушоҳида намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020**

**Table 2. Production of industrial products in the regions of the Republic of Tajikistan for 2015-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Ишораҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/15 (+/-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта, ҳаз. тонна | I | - | - | - | - | - | - | - |
| | II | 31,9 | 29,8 | 38,1 | 40,0 | 43,1 | 41,0 | 9,1 |
| | III | - | - | - | - | - | - | - |
| | IV | 64,3 | 53,4 | 70,9 | 55,0 | 55,4 | 57,6 | -6,7 |
| Матои тайёри пахтагин, ҳазор м² | I | 7,7 | 2,2 | 2,7 | 3,4 | 6,4 | 6,7 | -1 |
| | II | 660 | 416 | 638 | 4109 | 564 | 707 | 47 |
| | III | - | - | - | - | - | - | - |
| | IV | - | - | - | - | - | - | - |
| Шоҳивории тайёр, ҳазор м² | I | - | - | - | - | - | - | - |
| | II | 2,4 | - | - | 19,4 | 21,4 | 21,9 | 19,5 |
| | III | - | - | - | - | - | - | - |
| | IV | - | - | - | - | - | - | - |
| Қолинҳо ва молҳои қолинӣ, млн. м² | I | - | - | - | - | - | - | - |
| | II | 1,2 | 1,6 | 1,8 | 2,5 | 2,4 | 1,3 | 0,1 |
| | III | - | - | - | - | - | - | - |
| | IV | - | - | - | - | - | - | - |
| Пойафзол, ҳаз. ҷуфт | I | 61,6 | 73,6 | 107,7 | 109,8 | 805,4 | 885,1 | 823,5 |
| | II | 13,4 | 11,5 | 7,3 | 4,0 | 67,0 | 115,8 | 102,4 |
| | III | - | - | - | - | - | - | - |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | IV | - | - | - | - | - | - | - |
| Маҳсулоти кашбофӣ, ҳаз. дона | I | - | - | - | - | - | - | - |
| | II | 1198 | 2054 | 1550 | 2292 | 2259 | 4641 | 3443 |
| | III | - | - | - | - | - | - | - |
| | IV | - | - | - | - | - | - | - |

Эзоҳ: I – ш. Душанбе, II – Суғд, III – ВМКБ, IV- Хатлон.

Сарчашма: Маҷмуаи омори Тоҷикистон: 30 - Соли истиқлолияти давлатӣ. - 2021. -С.406-411.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранокии коркарди пахта ба таври гуногун ба роҳ монда шудааст. Нахи пахта дар давраи таҳлилӣ дар вилояти Суғд 9,1 ҳаз. тонна зиёд гардида, дар вилояти Хатлон бошад, 6,7 ҳаз. тонна коҳиш ёфтааст. Инчунин, матои тайёри пахтагин дар ш. Душанбе -1 ҳазор $м^2$ коҳиш ёфта, дар вилояти Суғд бошад, 47 ҳазор $м^2$ зиёд гардидааст. Шоҳивории тайер танҳо дар вилояти Суғд коркард карда шуда, дар давраи таҳлилӣ 19,5 ҳазор $м^2$ зиёд гардидааст, инчунин, истеҳсоли қолинҳо ва молҳои қолинӣ 0,1 млн. $м^2$ зиёд гардидааст. Истеҳсоли пойафзол дар минтақаҳои ш. Душанбе ва вилояти Суғд ба роҳ монда шуда, ин намуди маҳсулот рӯ ба афзуншавӣ овардааст. Аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе 823,5 ҳаз. ҷуфт ва дар вилояти Суғд 102,4 ҳаз. ҷуфт зиёд гардидааст.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди гузариш аз модели аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла коркарди пахта дар дохили мамлакат ва ба маҳсулоти ниҳоӣ нигаронидани он таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Аз ин ҷост, ки сол то сол коркарди пахта дар ҷумҳурӣ зиёд гардида, ин нишондиҳанда дар соли 2022 32%-ро ташкил дод. Яъне дар соли 2022 аз ҳаҷми умумии пахтаи истеҳсолгардида дар мамлакат 32%-он дар дохили мамлакат то ба маҳсулотии ниҳоӣ коркард карда шуда, ба содирот нигаронида шуд.

**Ҷадвали 3. Истеҳсол, коркарди пахта ва содироти маҳсулоти пахтагин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021-2022**

**Table 3. Production, processing of cotton and export of cotton products in the Republic of Tajikistan for 2021-2022**

| № | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Истеҳсол (содирот) январ-декабри соли 2022 | Истеҳсол (содирот) январ-декабри соли 2021 | Суръати афзоиш (%) | Фарқият (+;-) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Истеҳсоли пахта | тонна | 404655 | 388855 | 104 | 15800 |
| 2. | Истеҳсоли нахи пахта | тонна | 127140,7 | 124740,2 | 101,9 | 240,1 |
| 3. | Пахтаи курпабоб | тонна | 549,1 | 685,6 | 80,1 | -137 |
| 4. | Чӯбчаҳои пахтагин нафис | ҳазор дона | 359,0 | 8,0 | 4487,5 | 351 |
| 5. | Гирдаҳои пахтагин | ҳазор дона | 6,6 | 11,6 | 56,9 | -5 |
| 6. | Пахтаи тиббӣ | ҳазор дона | 1132,6 | 1085,9 | 104,3 | 47 |
| 7. | Ресмони пахтагин | тонна | 20506,2 | 23337,9 | 87,8 | - 2831,7 |
| 8. | Матои пахтагин | млн $м^2$ | 33,0 | 15,7 | 210,2 | 17,3 |
| 9. | Содироти нахи пахта | тонна | 81459,7 | 97850,6 | 83,2 | -16390,9 |
| | | млн доллари ИМА | 194,9 | 196,7 | 99,1 | 1,7 |
| 10. | Содироти ресмони пахтагин | тонна | 12774 | 19564 | 65,3 | -6790,5 |
| | | млн доллари ИМА | 48,4 | 51,9 | 93,2 | -3501,2 |
| 11. | Содироти матои пахтагин | тонна | 1588 | 560,5 | 283,3 | 1027,5 |
| | | млн доллари ИМА | 6,43 | 1,74 | 369,5 | 4,69 |
| 12. | Содироти ҷӯроб | млн доллари ИМА | 1,31 | 1,7 | 77 | -0,39 |
| 13. | Содироти маҳсулоти дӯзандагӣ | млн доллари ИМА | 25,3 | 19,4 | 130,4 | 5,9 |

Сарчашма: Маълумотҳои расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чуноне, ки маълумотҳои ҷадвали 3 нишон медиҳад, бо назардошти захираи соли қаблӣ 127140,7 тонна нахи пахта истеҳсол карда шуд, ки аз ин истеҳсоли нахи пахтаи ҳосили соли 2022 89370 тонна баробар буда, 26933 тонна нахи пахтаи аз мавсими имсола содирот шудааст. Аз рӯи меъёри ҳосили пахтаи ҷамъовари карда шуда, ба ҳисоби миёна эҳтимолияти 86400 тонна ашёи хоми пахта дар анборҳои корхонаҳои пахтатозакунӣ захира боқи мондааст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Файзуллоев Т.Т.**


**АДАБИЁТ**

1. Богданова, О.В. Методические аспекты формирования регионального аграрного кластера / О.В. Богданова, О.С. Никонорова // Российское предпринимательство. - 2012. -№19(217). -С.139-144.
2. Горетов, И.Н. Экономические кластеры в управлении агропромышленным комплексом / И.Н. Горетов // Вестник ТГУ. - 2008. -№11(67). -С.520-526.
3. Давлатова Г.Ф. Теоретические аспекты формирования и развития региональных агропродовольственных кластеров / Г.Ф. Давлатова, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Кишоварз. - 2018. -№3. -С.114-116.
4. Денисова И.Н. Кластеризация как инструмент повышения конкурентоспособности региональной экономики в условиях глобализации: проблемный аспект / И.Н. Денисова // Российское предпринимательство. - 2009. -Том 10. -№11. -С.148-152.
5. Джабборова, З.М. Роль и место регионального мясопродуктового кластера в обеспечения продовольст-венной безопасности страны / З.М. Джабборова, Ф.Б. Махмадиев // Peasant. – 2018. – № 1. – С. 77-80.
6. Музаффаров, Б.С. Некоторые методологические подходы к организации агрокластеров / Б.С. Музаффаров, М. Курбонов, Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/3(111). – С. 53-57.
7. Набиев Т.Т. Государственное регулирование аграрного сектора экономики Республики Таджикистан в условиях интеграционных процессов: автореф. дисс. …докт. экон.наук. -М., 2014. -С.28-29.
8. Олимов А.Х. Теоретические основы развития и формирования отечественного рынка хлопка-сырца / А.Х. Олимов // Материалы научно-практической конференции «Модель круглогодичного с/х производства». - Душанбе, 2007.
9. Олимов А.Х. Эффективность территориальной организации производства хлопка – сырца. Монография / А.Х. Олимов. –Душанбе: Эр-граф, 2007. -154 с.
10. Пиризода Дж.С. Теоретические и методологические аспекты функционирования кластеров в экономике аграрного сектора / Пиризода Дж.С., Ф.Б. Махмадиев, Ш.Н. Джалилов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. –Душанбе, 2020. -№1(63). -С.89-97.
11. Статистический ежегодник. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. –Душанбе, 2021. -С.272.
12. Сухова, М.Ю. Значение кластерного подхода в управлении промышленного комплекса / М.Ю. Сухова // Вестник ТГУ. - 2010. -№1(81). -С.122-127.
13. Фролов А.В. Формирование кластерной стратегии развития экономики региона: автореф. дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05 / А.В. А.В. Фролов. -Оренбург, 2013. -28 с.
14. Шерматов Ғ.Р. Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои рушди муносибатҳои бозорӣ дар маҷмааи (кластери) пахтакорӣ / Ғ.Р. Шерматов, А.Х. Олимов // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2021. -№8. -С.99-104.
15. Шерматов Ғ.Р. Хусусиятҳои рушди иқтисодии маҷмааи (кластери) пахтакорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ / Ғ.Р. Шерматов // Маводи конференсияи илмӣ –амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Масоили саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ". -Душанбе, 2021. -С.194-199.
16. Шерматов Р.Б. Ташаккул ва рушди бозори аграрӣ дар ҶТ / Р.Б. Шерматов, Н.Ҳ. Мирзоев, Ғ.Р. Шерматов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисоди рақамӣ". -Душанбе, 2022. -С.438-443.
17. Шерматов Р.Б. Хусусиятҳои рушди бозорӣ пахта дар маҷмааи (кластери) пахтакорӣ / Р.Б. Шерматов, Н.Ҳ. Мирзоев, Ғ.Р. Шерматов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии иқтисоди миллӣ: вазъи муосир мушкилот ва дурнамои он». -Душанбе, 2023. –С.304-311.


## МУАММОҲОИ ТАШКИЛИ КЛАСТЕРИ ПАХТА ДАР ШАРОИТИ ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ


Дар мақола муаммоҳои ташкили кластери пахта дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ баррасӣ шудааст. Ташаккул ва рушди кластери пахтакорӣ имкон медиҳад, ки сохтори идоракунӣ, бахусус заминаи институтсионалии он давра ба давра такмил дода, ҳамкории зич ва масъулиятноки ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошуда пурра таъмин карда, инчунин, баҳодиҳии дақиқи самараи иқтисодии он бо мақсад баҳогузорӣ карда мешавад. Кластеризатсияи кластери пахта, ба даст овардани сенарияи ба инноватсия нигаронидашудаи рушди мамлакат имкониятҳои заруриро барои ворид шудан ба бозорҳои нави маҳсулоти пахта дар асоси васеъ намудани афзалиятҳои рақобатӣ, таъмин намудани чандирии он дар шароити шадиди рақобат мебошад. Ташаккул ва рушди кластерҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, кластер дар қонунгузории амалкунанда маҷмуи минтақаҳои махсуси иқтисодии як ё якчанд намуд дар назар дошта шудааст, ки онро

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, як ширкат идора менамояд. Рушди кластерҳои соҳавӣ ва озуқавӣ заминаи афзоиши интенсивии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таҳкими механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Дар сатҳи давлатӣ механизмҳое мавҷуданд, ки маблағгузории зарурии чорабиниҳоро оид ба ташаккул ва рушди кластерҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ таъмин менамоянд. Яке аз ин механизмҳо, ин интиқоли воситаҳои пулии давлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои маблағгузории минбаъдаи корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ, мебошад.

**Калидвожаҳо:** иқтисод, ташаккул, рушд, бозор, диверсификатсия, институтсионалӣ, кластер, рақобат, чандир, технология, стратегия, инноватсия, модел.

## ПРОБЛЕМЫ ОРГАНИЗАЦИИ ХЛОПКОВОГО КЛАСТЕРА В УСЛОВИЯХ ДИВЕРСИФИКАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются проблемы создания хлопкового кластера в условиях диверсификации национальной экономики. Формирование и развитие хлопкового кластера позволяет периодически совершенствовать структуру управления, особенно его институциональную основу, в полной мере обеспечивать тесное и ответственное сотрудничество всех участников интегрированных структур, а также точно оценивать его экономическую эффективность. Кластеризация хлопкового кластера, получение инновационно-ориентированного сценария развития страны обеспечивает необходимые возможности выхода на новые рынки хлопковой продукции на основе расширения конкурентных преимуществ, обеспечения ее гибкости в условиях острой конкуренции. Формирование и развитие кластеров в Республике Таджикистан осуществляется в рамках создания свободных экономических зон. При этом в действующем законодательстве кластер определяется как совокупность особых экономических зон одного или нескольких типов, определяемых Правительством Республики Таджикистан и управляемых одной компанией. Развитие промышленных и пищевых кластеров является основой интенсивного роста конкурентоспособности национальной экономики и укрепления механизмов партнёрства государства и частного сектора. На государственном уровне существуют механизмы, обеспечивающие необходимое финансирование деятельности по формированию и развитию кластеров на территории республики. Одним из таких механизмов является передача государственных средств в местные бюджеты для дальнейшего финансирования малых и средних предприятий, в том числе фермерских хозяйств.

**Ключевые слова:** экономика, формирование, развитие, рынок, диверсификация, институциональный, кластер, конкуренция, гибкость, технология, стратегия, инновация, модель.

## PROBLEMS OF ORGANIZING THE COTTON CLUSTER IN CONDITIONS OF DIVERSIFICATION OF THE NATIONAL ECONOMY

The article discusses the problems of creating a cotton cluster in the context of diversification of the national economy. The formation and development of a cotton cluster makes it possible to periodically improve the management structure, especially its institutional basis, to fully ensure close and responsible cooperation of all participants in integrated structures, as well as accurately assess its economic efficiency. Clustering the cotton cluster and obtaining an innovation-oriented scenario for the country's development provides the necessary opportunities to enter new markets for cotton products based on expanding competitive advantages and ensuring its flexibility in conditions of intense competition. The formation and development of clusters in the Republic of Tajikistan is carried out within the framework of the creation of free economic zones. At the same time, in current legislation, a cluster is defined as a set of special economic zones of one or more types, determined by the Government of the Republic of Tajikistan and managed by one company. The development of industrial and food clusters is the basis for the intensive growth of the competitiveness of the national economy and the strengthening of partnership mechanisms between the state and the private sector. At the state level, there are mechanisms that provide the necessary financing for the formation and development of clusters on the territory of the republic. One of such mechanisms is the transfer of public funds to local budgets for further financing of small and medium-sized enterprises, including farms.

**Keywords**: economics, formation, development, market, diversification, institutional, cluster, competition, flexibility, technology, strategy, innovation, model.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шерматов Ғуломҷон Раҷабович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 919-22-95-31**

**Сведения об авторе:** ***Шерматов Гуломджон Раджабович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-22-95-31**

**Information about the author:** ***Shermatov Gulomion Raabovich*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919-22-95-31**

ТДУ: 336.71(575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ

*Солиҳова М.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти ҳар як давлат бениҳоят баланд мебошад. Низоми бонкӣ дар ташаккули соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дошта, сармоягузори асосӣ ба ҳисоб меравад. Азнавтақсимкунии сармоя, пешниҳоди хизматрасониҳои нав ба муштариён, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳо, коркарди маҳсулотҳои навин ва пешбурди суратҳисобҳои субъектҳои иқтисодӣ вазифаҳои аввалиндараҷаи низоми бонкӣ дониста мешавад. Гузашта аз ин, таҳкими соҳаҳои иқтисоди воқеӣ ва рушди хоҷагии халқи мамлакат аз дараҷаи инкишофи низоми бонкӣ вобастагии беандоза дошта, самаранокии фаъолияти ин низом метавонад дар маҷмуъ, пешрафти иқтисодиётро таъмин созад.

Шароити муосири иқтисодӣ барои низоми бонкӣ ва институтҳои молиявӣ-қарзӣ талаботҳои навинеро пеш овард, ки дар тақвияти фаъолияти онҳо нақшгузор гардида, ҷараёни инкишофёбии онҳоро ба давраи дигар гузаронид. Аз ҷумла пайдошавии амалиёти нави бонкӣ, таҷдидгардии амалиёти анъанавии бонкҳо, истифодаи технологияи молиявӣ-бонкӣ аз самтҳое ба ҳисоб меравand, ки суръати рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро тезонидаnd ва дар ин самт заминаи мусоид фароҳам овардаnd. Низоми бонкӣ низ ҳамчун дигар институтҳои иқтисодӣ метавонад давра ба давра рушд карда ва мукаммалтар гардад. Аз ҷумла, яке аз омилҳои рушддиҳандаи низоми бонкӣ, ин ташкилёбии институтҳои нав дар низоми бонкӣ мебошад. Ба миён омадани институтҳои нави молиявӣ тақозои замони муосир буда, такмилёбии низоми бонкиро дар ҳар як давлати алоҳида замина мегузоранд. Намунаи маъмули субъектони нави молиявӣ, ки дар низоми бонкии кишварҳои ҷаҳон паҳн гардидааст ва мавқеи муайянеро дар ин самт касб кардааст, ин ташкилотҳои молиявии исломӣ дониста мешавад. Ташкилотҳои молиявии исломӣ фаъолияти низоми бонкиро такмил дода, дар густаришёбии муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як давлати алоҳида нақши муҳимро иҷро намуда истодаанд. Чунин ташкилотҳои молиявӣ барои иқтисодиёти давлатҳо манфиати бештар дошта, рушди соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди воқеиро таъмин менамоянд.

Оид ба пайдоиши ташкилотҳои молиявии исломӣ ва фаъолияти молиявии онҳо андешаҳои коршиносони соҳа, махсусан иқтисоддонҳо гуногун буда, заминаҳои пайдоиши онро бо ташаккули дини ислом пайваст медонанд. Воқеан, бо ташаккул ва инкишофи дини ислом иқтисодиёти кишварҳои мусалмонӣ низ тибқи принсипҳои шариат фаъолияти худро оғоз намуданд ва ин омил барои тақвияти минбаъдаи молияи исломӣ замина фароҳам овард. Рушду инкишофи бонкдории исломӣ ва умуман молияи исломӣ бо рушди иқтисодиёти кишварҳои мусалмонӣ вобаста мебошад. Тақвиятёбии муносибатҳои иқтисодӣ, зиёдгардии савдои байналхалқӣ, афзоишёбии аҳолӣ дар ин кишварҳо, ҷаҳонишавӣ ва такмилёбии амалиёти бонкӣ сабаб гардиданд, ки ташкилотҳои молиявии исломӣ пайдо гарданд ва хизматрасониҳои молиявиро пешкаши аҳолӣ намоянд. Сабаби дигари ба миён омадани ташкилотҳои молиявии исломӣ дар кишварҳои исломӣ фаъолияти молиявии онҳо дар доираи шартҳои шариати исломӣ арзёбӣ мегардад. Яъне, дар кишварҳои мусулмоннишин истифодаи фоиз мамнуъ аст ва барои ин зарур буд, ки ташкилотҳои молиявии тибқи принсипҳои исломӣ амалкунанда ташкил карда шаванд. Ташкилёбии ташкилотҳои молиявии тибқи принсипҳои исломӣ амалкунанда барои кишварҳои мусулмонӣ тиҷоратро рушд дода, доираи хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои молиявӣ-бонкиро васеъ намуданд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки бонкдории исломӣ дар замони муосир ҳамчун яке аз шохаҳои муҳимми низоми молиявии бисёре аз кишварҳои ҷаҳон дониста мешавад ва дар баробари бонкдории анъанавӣ дар рушди иқтисодиёти кишварҳо саҳмгузор мебошад. Бонкдории исломӣ дорои унсурҳои бонкдории анъанавӣ буда, танҳо принсипҳои шариати ислом, яъне доду гирифти фоизро манъ намудааст. Дигар амалиёте, ки ташкилотҳои қарзии анъанавӣ иҷро менамоянд, бонкҳои исломӣ низ иқтидори иҷроиши чунин

амалиётро доро мебошанд. Яъне, бонкдории исломӣ аз нигоҳи иҷроиши амалиёти бонкӣ ягон маҳдудият надорад, танҳо амалиёт бидуни ситонидани фоиз ба анҷом расонида мешаванд. Аксари иқтисоддонҳо давраҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди бонкдории исломиро ба якчанд гурӯҳ ҷудо менамоянд. Масалан Азарян В.П. қайд менамояд, ки давраҳои пайдоиши бонкдории исломӣ аз замони ба шаҳри тиҷорат табдил ёфтани Макка ибтидо мегирад ва муносибатҳои тиҷоратӣ сабаб гардиданд, ки ташкилотҳои қарзӣ ба вуҷуд оянд ва доду гирифти молиявиро татбиқ намоянд [2,с.217]. Дар ин маврид Ахмедова Э.С. қайд менамояд, ки таҳкими муносибатҳои иқтисодӣ, рушди савдои хориҷӣ дар кишварҳои арабӣ омили ба вуҷуд омадани бонкҳои исломӣ мебошад. Ӯ чунин ақида дорад, ки аввалин амалиёти бонкҳои исломӣ ба амонат қабул намудани маблағҳои аҳолӣ мебошад [4,с.363-365]. Воқеан, шояд аввалин амалиёте, ки на дар ташкилотҳои қарзии махсус гузаронида мешуд, балки шахсони алоҳида онро анҷом медоданд, қабул ва нигоҳдории маблағҳо дар шакли амонат бошад, вале ба фикри мо, сабаби асосии пайдоши бонкдории исломӣ на ин ки амалиёти пасандозӣ, балки амалиёти эмиссионӣ ва қарзӣ мебошад. Маҷмуан, таҳқиқи адабиёти соҳавӣ ва андешаҳои олимони иқтисоддон ба мо имконият медиҳанд, ки таҳаввулоти бонкдории исломиро ба чанд давраи алоҳида ҷудо намоем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Давраҳои ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ**
**Table 1. Periods of formation and development of Islamic banking**

| № | Заминаҳои ташаккул | Давраҳои рушд | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | Ташаккули асосҳои низоми молиявии исломӣ | То охири асри VII | Пайдошавии нахустин асбобҳои молиявӣ, ки тариқи принсипҳои исломӣ роҳандозӣ карда мешаванд |
| 2 | Пайдоиши аввалин амалиёти бонкдории исломӣ | Асрҳои VIII-XIX | Нахустин амалиёти бонкдории исломӣ ба монанди пешниҳоди қарз, қабули пасандоз ба вуҷуд омад. |
| 3 | Рушди муосири низоми молиявӣ-бонкии исломӣ | Аз асри XX то ҳол | Татбиқи доираи васеи амалиёт ва маҳсулотҳои бонкӣ, рақобат дар баробари бонкҳои анъанавӣ ва ғ. |

Сарчашма: Таҳия муаллиф дар асоси [2,с.217]

Дар асоси ҷадвали 1, қайд намудан мумкин аст, ки заминаи пайдоиши нахустин ташкилотҳои молиявии исломӣ дар асоси таҳаввулоти асбобҳои молияи исломӣ ба вуҷуд омадаанд. Яъне, пеш аз пайдоиши бонкҳои исломӣ, асбобҳои молиявӣ зимни тиҷорат ва доду гирифти аҳолӣ вуҷуд доштанд ва ба воситаи онҳо тақозои мардум қонеъ гардонида мешуд. Ва ин раванд давра ба давра ташаккул ёфт ва ба пайдоиши аввалин ташкилотҳои қарзии тибқи принсипҳои шариати ислом амалкунанда, сабаб гардид. Байдаулет Е.А. қайд мекунад, ки рушди воситаҳои молиявии исломӣ ҳанӯз аз давраи пеш аз исломӣ ба вуҷуд омада, то ҳол дар раванди ташаккул қарор дорад. Ба андешаи ӯ заминаи пайдоиши бонкҳои исломӣ на ин, ки дар замони муосир (1960), балки пеш аз он гузошта шудааст [5,с.428]. Воқеан, агар ба таърихи рушди бонкдории исломӣ назар афканем, дидан мумкин аст, ки асбобҳои молиявӣ ва воситаҳои молиявии гуногун дар тиҷорат ва молияи исломӣ дар амал татбиқ мегардиданд ва миёни мардум маъруфият касб намуда буданд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки нахуст бонкҳо бо пайдоиши асбобҳои молиявӣ рабт доранд.

Пайдоиши ташкилотҳои молиявии исломӣ бо пайдоиши молияи исломӣ алоқаманд буда, дар ин самт муносибатҳои иқтисодии молиявӣ заминаи заруриро таҳия намудаанд. Қисми зиёди коршиносони соҳа, махсусан иқтисодшиносон ба он ақидаанд, ки таърихи пайдоиши ташкилотҳои молиявии исломӣ бо рушду нумуи иқтисодиёти кишварҳои исломӣ ва худи дини ислом алоқаманд мебошад. Масалан, иқтисодшиносони рус Токмаков Е.А. ва Королкова Н.А. вобаста ба заминаҳои пайдоиши ташкилотҳои молиявии исломӣ чунин андеша доранд, ки "ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом, воситаҳои молиявии исломӣ ба вуҷуд омада буданд ва барои пешрафти муносибатҳои иқтисодӣ кумак менамуданд"[11,с.83-105]. Онҳо чунин андеша мекунанд, ки новобаста аз ташаккули дини ислом ва зуҳури он муносибатҳои иқтисодӣ дар ин кишварҳо вуҷуд доштанд ва

заминаи асосиро дар таҳкими бонкдории исломӣ гузоштаанд. Исупов А.Қ. дар бораи ташаккули бонкдории исломӣ дарҷ менамояд, ки мафҳуми “бонкдории исломӣ” фаъолияти бонкиеро нишон медиҳад, ки дар он ба муштариён дар асоси қонунҳои шариат, яъне, истифода набурдани рибо (фоиз аз маблағи қарзӣ) хизмат расонида мешавад [8,с.104-108]. Бояд қайд кард, ки давра ба давра рушд ёфтани иқтисодиёти кишварҳои мусулмонӣ ва рушди муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ пайдоиш ва инкишофи бонкдории исломиро сабаб гардид ва кишварҳои мусулмоннишин принсипҳои фаъолияти чунин ташкилотҳои қарзиро коркард намуданд.

Беккин Р.И. заминаҳои пайдоиш ва давраҳои ба миён омадани бонкҳои исломиро ба ду давраи асосӣ ҷудо мекунад. Мувофиқи ақидаи ӯ, низоми молия исломӣ пеш аз зуҳури ислом ва инкишофи модели молияи исломӣ аз соли 610-и мелодӣ ба вуҷуд омадааст [6,с.50]. Ӯ чунин меандешад, ки зуҳури ислом барои низоми молияи исломӣ давраи наверо кашф намуд ва дар ин давра шаклу усули фаъолияти ташкилотҳои молиявии исломӣ тадриҷан тағйир ёфтанд. Воқеан, таҳкимёбии молияи исломӣ ва асбобҳои он бо рушди савдо ва тиҷорат дар шаҳрҳои мусалмоннишин вобастагии амиқ дорад.

Бояд зикр кард, ки пеш аз пайдоиши ислом шаҳри Макка маркази савдо ба шумор рафта, муносибатҳои иқтисодӣ дар ин минтақа рушд ёфта буданд [14,с.526]. Дар ин шаҳр, пеш аз ҳама, амалиёти нигоҳдории маблағ ва ашёи қиматбаҳо роҳандозӣ мегардид ва аввалин маҳсулотҳои бонкие, ки ба тақвияти минбаъдаи ташкилотҳои молиявии исломӣ сабаб гардиданд, инҳо ба шумор мераванд. Баъдан чи тавре Судин Х. қайд мекунад, ин амалиётҳо миёни аҳолӣ маъруфият пайдо карданд ва ҳамчун маҳсулотҳои аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ пешниҳодшаванда маъмул гардиданд [10,с.536]. Нафаре, ки аввалин маротиба принсипҳои қабули пасандоз ва пешниҳоди қарзҳоро дар низоми молияи исломӣ роҳандозӣ намуд, Аззубайр ибни Ал-Аввом (асри VII мелодӣ) мебошад [12,с.88]. Аззубайр ибни Ал-Аввом ба таври мушаххас қоидаҳои пасандозгузорӣ ва пешниҳоди қарзҳоро мувофиқи шариати исломӣ коркад намуда, тавсия кард, ки қадами нахустин ва далели асосии бавуҷудоии ташкилотҳои молиявии исломӣ мебошад. Ӯ қабули пасандозҳоро дар асоси бартарияти принсипи «қард» («қарз», масъулият) афзалтар дониста, ба принсипи «вадия» («боварӣ») на нақши асосӣ, балки нақши мукаммалро додааст. Дар ин асос қайд карда мумкин аст, ки дар асри VII мелодӣ тафовути куллии байни ин ду низом муқаррар карда шуд ва минбаъд муносибатҳои иқтисодӣ мувофиқи усулҳои муайянгашта амал менамуданд. Тибқи ин консепсияи муайягардида, модели молиявии ғарбӣ ба принсипи «боварӣ» асос ёфтааст, модели исломӣ бошад, ба принсипи «масъулият» афзалият дода, онро асоси фаъолияти худ меҳисобад. Чунин принсипи фаъолият на танҳо хосси бонкдории исломӣ, балки ба дигар ташкилотҳои қарзии анъанавӣ низ муносиб мебошад.

Дар раванди ташаккули бонкдории исломӣ марҳилаи рушди дини ислом нақши беандоза гузоштааст (асрҳои VIII-XIX). Зеро дар ин марҳила воситаҳои молиявии исломӣ ташаккул ёфта, низоми молияи исломӣ тибқи қоидаҳо ва шартҳои мушаххас фаъолият менамуд. Махсусан рушди пайвастаи тиҷорат миёни шаҳрҳо ва давлатҳо, доду гирифт ва пайдоиши шаклҳои нави фаъолияти тиҷоратӣ барои рушди низоми молияи исломӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Аз оғози асри XX муносибатҳои тиҷоратии тоҷирони мусалмон бо дигар давлатҳо тақвият ёфт ва хариду фурӯши молу маҳсулотҳои гуногун ривоҷ гирифт. Тоҷирон барои тиҷорат ба давлатҳои дигар сафар менамуданд ва бо роҳу усулҳои гуногун ҳисоббаробаркуниҳоро анҷом медоданд. Маротибаи аввал ҳисоббаробаркуниҳои шакли натуралӣ сурат мегирифт, ки барои тоҷирон мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овард. Баъдтар дар савдои хориҷӣ ҳисоббаробаркуниҳо тариқи чекҳо ба амал омаданд, ки тоҷирони мусалмон низ аз он истифода менамуданд. Дар ин ҷо саррофон низ нақши ҳалкунанда доштанд ва ҳамчун миёнаравони молиявӣ байни харидор ва фурӯшанда амал мекарданд. Рушди савдои хориҷӣ барои тоҷирони мусалмон имкониятҳои бештари молиявиро фароҳам овард ва ин омил сабаб гардид, ки онҳо аз низоми молияи ҷаҳон огоҳӣ пайдо намоянд. Дар ин давра, дар баробари пайдоиши чекҳо усулҳои гуногуни интиқоли пулҳо низ ба вуҷуд омаданд, ки равнақёбии бонкдории исломиро сабаб шуданд. Дар бонкдории исломӣ низ дар ин давра таҳаввулоти нав пайдо шуданд, ки асбобҳои нави молиявӣ густариш ёбанд. Дар баробари густариши асбобҳои

молиявӣ, шаклҳои дигари муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ афзоиш ёфтанд. Аз ҷумла, пайдоиш ва таҳкимёбии супоришҳои пардохтӣ, дафтарчаҳои чекӣ, шаклҳои гуногуни чекҳо ҳамчун ҳуҷҷати пулӣ, инчунин, таҳияи стандартҳои чекҳо барои ҳалли масъалаҳои пешниҳоди қарз ва қабули пасандозҳо ба рушди ташкилотҳои молиявии исломӣ оварда расониданд. Марҳилаи дигаре, ки раванди рушди бонкдории исломиро тезонид, кӯшишҳои пайваста оид ба ташкили аввалин бонки тибқи принсипҳои исломӣ фаъолияткунанда ба ҳисоб меравад. Оид ба ин масъала Беккин Р.И. чунин қайд менамояд, ки дар миёнаи солҳои 1940 дар Малайзия аввалин маротиба кӯшиши ташкили бонки исломӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо, ташкилкунандагони ин бонк дар соли 1940 муваффақ нагардиданд ва лоиҳаи онҳо оид ба ташкили бонки исломӣ муваффақ нагардид [6,с.50]. Баъдан солҳои 1950 кӯшиши ташкили бонки исломӣ дар Ҷумҳурии Покистон ба роҳ монда шуд. Бонке, ки дар Ҷумҳурии Покистон ба вуҷуд омад, аввалин маротиба қарзҳои бефоизро ба муштариён пешниҳод намуд. Бонки исломии дар Ҷумҳурии Покистон пайдошуда, заминаи асосӣ буд, барои таҳкими минбаъдаи бонкдории исломӣ. Яъне, аввалин бонки исломие, ки дар Ҷумҳурии Покистон ташкил ёфт, бо тартиби тибқи қонунгузорӣ муайяншуда ба қайд гирифта шуд ва амалиёти бонкиро тибқи қоидаҳои муайяннамудаи шариати исломӣ роҳандозӣ менамуд. Нахустин бонки исломӣ ҳамчун падидаи нав дар кишварҳои исломӣ давра ба давра инкишоф ёфт ва кӯшишҳои зиёди соҳибкорон ва ҳукуматҳои кишварҳои исломӣ натиҷаи мусбӣ дода тавонист. Пас аз пайдоиши бонки исломии Покистон, соли 1950 дар Миср бонки дигари исломӣ ташкил гардид, ки доираи фаъолияти он васеъ буд ва тақрибан кулли маҳсулотҳои бонкиро ба муштариён пешкаш менамуд. Дар Миср ин бонк соли 1963 бо номи Мит-Гамр ташкил гардида, хизматрасониҳои зиёди бонкиро мегузаронид. Аз ҷумла, хизматрасонҳои бонкии ба монанди: кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, амалиёти амонатӣ, амалиёти маблағгузорӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, сармоягузорӣ аз ҷониби бонки Мит-Гамр гузаронида мешуданд, ки раванди густариши низоми бонкии исломиро боз ҳам тақвият бахшида, бонкдории исломӣ ҳамчун низоми такмилёфта, муаррифӣ карда шуд [12,с.88]. Дар воқеъ, муассисаи молиявии дар Миср таъсисёфта, таҷрибаи нодири бонкдории исломиро барои иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон муаррифӣ намуд. Ш. Раҳимзода ва Раҳмонов З.А оид ба ташаккули бонкдории исломӣ чунин ақида доранд, ки аз нимаи дуюми асри XX то имрӯз ҳамасола рақобат байни бонкҳои анъанавӣ ва исломӣ дар бозори бонки ҷаҳонӣ шиддат мегирад [9,с.9-15]. Яъне, устуворгардии аҳаммияти бонкҳои исломӣ дар низоми хоҷагии ҷаҳонӣ дида мешавад. Фаъолияти ин ташкилоти молиявӣ дар асоси шартномаҳои тақсими фоида ва зиёни хизматрасониҳои пасандозӣ ва маблағгузорӣ роҳандозӣ мегардид, ки яке аз самтҳои фарқкунандаи фаъолияти ин бонк аз бонкҳои анъанавӣ арзёбӣ мегардад. Бонки тиҷоратии мазкур ҷиҳати дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва маблағгузории аҳолии камбизоат тадбирҳои зиёде андешид. Вобаста ба ин, зикр намудан ба маврид аст, ки стратегияи фаъолияти ин бонки тиҷоратӣ ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии деҳқонон ва дигар аҳолии камбизоат нигаронида шуда буд. Бонк на танҳо ба сармояи соҳибкорон (мушарака) саҳм гузоштааст, балки ба раванди рушди фаъолияти минбаъдаи онҳо кумак расонида, ба онҳо машваратҳои молиявӣ пешниҳод менамуд [5,с.428]. Муваффақияти модели интихобшуда, ки ба шарикӣ, эътимод ва афзоиши ташаббуси соҳибкорӣ асос ёфтааст, бо нишондодҳои молиявӣ тасдиқ карда шуданд. Дар давоми чор соли фаъолият, шумораи муштариёни бонки Мит Гамр аз 17,560 то 251,152 нафар афзуд. Фаъолияти молиявии ин бонк хуб гардида, дар давоми чор соли аввали фаъолият дар ҳудуди Миср 9 филиали худро таъсис дод (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Шумораи пасандозгузорон дар бонки Мит-Гамр дар давоми солҳои 1963-1966**
**Table 2. Number of depositors of the Mit-Ghamr bank in 1963-1966**

| Солҳо | Шумораи умумии пасандозгузорон | Ҳаҷми умумии пасандозҳо (бо ҳазор фунти Мисрӣ) |
|---|---|---|
| **1963** | 17560 | 40944 |
| **1964** | 30404 | 191235 |
| **1965** | 151998 | 879570 |
| **1966** | 251152 | 1828375 |

Сарчашма: Таҳия муаллиф дар асоси [6,с.50]

Ҷадвали 2, нишон медиҳад, ки бонки Мит-Гамр аз оғози фаъолияти молиявии худ, эътимоднокии баланд нишон дода, ҳиссаи зиёди пасандозҳои аҳолиро ҷалб намуд. Шумораи пасандозгузорон низ дар ин бонк давра ба давра афзоиш ёфта, танҳо дар чор соли фаъолият 13,3 маротиба афзудааст, ки аз самаранокии фаъолияти бонки мазкур дарак медиҳад. Ҳамчунин, ҳаҷми пасандозҳо дар ин давра ба таври назаррас боло рафта аз маблағи 40944 фунти Миср то ба 1828375 фунти Миср зиёд гардидааст. Якбора боло рафтани шумораи пасандозгузорон ва ҳаҷми маблағҳои пасандозӣ аз фаъолияти самараноки ин бонк ва баландшавии тақозои аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ арзёбӣ карда мешавад.

Пас аз густариши фаъолияти молиявии бонки Мит-Гамра ва баландгардии нуфузи он, дар дигар кишварҳои исломӣ низ кӯшиши таъсиси чунин усули бонкҳо ба вуҷуд омад. Чунин модели бонкдорӣ дар саросари олам паҳн гардида, дар рушди низоми хоҷагидории кишварҳо аҳаммияти бештар касб намуд. Метавон қайд намуд, ки аз оғози соли 1970 то ҳол раванди таъсиси бонкҳои исломӣ дар кишварҳои алоҳида рушд ёфта, тартиби фаъолияти онҳо аз бонкҳои анъанавӣ пурра фарқ менамояд. Кишварҳое чун Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Судон тамоми низоми молиро бо риояи шариат ба куллӣ тобеъ гардониданд, дар ҳоле ки тамоми бонкҳои ин кишварҳо дар муомилоти дохилии иқтисодии худ ба талаботи Ислом риоя мекунанд. Дар кишварҳои дигар, бонкҳои исломӣ замимаи бонкҳое буданд, ки аз рӯи принсипи ситонидани фоиз фаъолият мекарданд. Дар Малайзия, Миср ва Арабистони Саудӣ ба бонкҳои анъанавӣ иҷозати пешниҳоди хизматҳои бонкӣ дар асоси принсипҳои шариат дода шудааст [12,с.88].

Ҳамин тариқ, соли 1974 барои бонкдории исломӣ давраи нави эҳё дониста мешавад ва дар ин сол барои пешрафти чунин усули бонкдорӣ замина фароҳам оварда шуд. Яъне, соли 1974 нахустин муассисаи молиявии байналхалқӣ ба фаъолият шуруъ намуд. Ин муассисаи молиявии байналхалқӣ дар Арабистони Саудӣ фаъолияти худро оғоз намуд ва барои ташкилотҳои молиявии исломии минбаъда кумаки молиявии худро мерасонид. Соли 1974 Бонки Исломии Рушд (БИР) таъсис ёфт, ки яке аз нахустин ташкилотҳои молиявии исломӣ дар сатҳи байналмилалӣ дониста мешавад. Вазифаи асосии Бонки Исломии Рушд (БИР) таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии давлатҳои узв ба ҳисоб рафта, бонки мазкур дар доираи принсипҳои шариати ислом фаъолият менамояд [1,с.58-63]. Бонки Исломии Рушд (БИР) барои бонкҳои исломии амалкунанда сарчашмаи сармоягузорӣ ба шумор рафта, дар кишварҳои аъзо яккатор барномаҳои рушди низоми молиявиро татбиқ намуд, ки дар пешравии фаъолияти ташкилотҳои молиявии исломӣ нақши амиқ гузошт. Баъд аз ташкили Бонки Исломии Рушд (БИР), бонкҳои исломӣ дар дигар кишварҳо низ пай дар пай таъсис ёфтанд, ки заминаи асосиро дар ташаккули низоми молияи исломӣ гузоштанд. Махсусан дар минтақаи Ховари Миёна таъсисёбии яккатор бонкҳои исломӣ ба чашм расид. Дар Малайзия аввалин бонки исломӣ (Bank Islam Malaysia Bhd) соли 1984 таъсис ёфт. Зиёдшавии шумораи бонкҳои исломӣ дар саросари ҷаҳон аз эътимоднокии модели бонкдории исломӣ гувоҳӣ дода, мавқеи ин ташкилотҳои молиявиро дар иқтисодиёти мамлакатҳо устувор гардонид. Дар ин маврид Умаров Ҳ. чунин фикр дорад, ки низоми бонки исломӣ бо хусусиятҳои хосси худ дар кишварҳои рушдкардаи Ғарб ва кишварҳои рӯ ба рушд, алалхусус кишварҳои ғайриисломӣ аз ибтидои фаъолияти хеш бо суръат рушд карда, ба фаъолшавии соҳибкорони хурду миёна мусоидат карда истодааст. Маҳз коргузорӣ ва ташкили кор дар бонкҳои исломӣ диққати иқтисодчиёни ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст ва ин масъала бояд дар тамоми давлатҳои исломӣ ва ғайриисломӣ густариш пайдо намояд. Воқеан, рушди бонкдории исломӣ дар кишварҳои аврупоӣ, аз сатҳи эътимоднокии онҳо дарак дода, таҳкимёбии мавқеи онҳоро дар иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад [13,с.54-61]. Давраҳои ташкилёбии бонкҳои исломӣ ва рушди минбаъдаи онҳо дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

Мувофиқи нишондоди маълумотҳои ҷадвали 3, аз соли 1963 то оғози соли 1980 бонкдории исломӣ ташаккул ёфтааст ва ин давра барои бонкдории исломӣ давраи эҳё арзёбӣ карда мешавад. Тайи солҳои 1963-1980 амалиёти бонкдории исломӣ афзун гардида, номгӯйи маҳсулотҳои бонкӣ зиёд шуд ва аҳолӣ аз қисми зиёди амалиёти ин бонкҳо огоҳ гардид.

**Ҷадвали 3. Давраҳои ташкилёбии ташкилотҳои молиявии исломӣ дар иқтисодиёти давлатҳо**

**Table 3. Periods of formation of Islamic financial organizations in the economies of states**

| **Солҳо** | **1963** | **1974** | **1975** | **1977** | **1977** | **1978** | **1979** | **1979** | **1980** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Номи бонкҳо** | Mit Ghamr | БИР | Dubai Islamic Bank | Faisal Islamic Bank of Sudan | Kuwait Finance House | Jordan Islamic Bank | Faisal Islamic Bank of Egypt | Bahrain Islamic Bank | Al Baraka Bank Egypt |

Сарчашма: Таҳия муаллиф дар асоси [10,с.536]

Аввалин намояндагони иқтисодиёти исломӣ ва ташкилкунандагони модели бонкдории исломӣ барои таҳияи як консепсияи мушаххасе, ки тибқи принсипҳои шариат фаъолият намояд, корҳои илмии зиёдеро ба сомон расониданд ва дар натиҷа муваффақ низ гардиданд. Зеро дар як давраи кӯтоҳ (1963-1980), ташкилотҳои молиявии исломӣ фаъолияти самаранок нишон доданд ва иқтисодиёти исломӣ рушд ёфт. Ақидаи асосгузорони назарияи иқтисодии исломӣ, аз ҷумла Н.Сиддиқӣ, М.Каҳф, У.Чапра, Тақи Усмонӣ ин буд, ки ниҳодҳои молии исломӣ бояд амалиёте, ки ба тақсими фоида ва зиён асос ёфтааст - мушорака (иштирокӣ) ва мудараба васеътар истифода баранд. Ва ин омил сабаб гардид, ки эътимоднокии ташкилотҳои молиявии исломӣ баланд гардад ва доираи хизматрасониҳои онҳо васеъ шавад. Истифодаи чунин воситаҳо, ба ақидаи ин гурӯҳи олимон, имкон медиҳад, ки адолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷомеа ва рушди устувори иқтисодӣ ба даст оварда шавад. Алишоев Х.Ҳ. бошад оид ба ин масъала қайд менамояд, ки рушди низоми молиявии исломӣ ба рушди низоми молиявии давлат дар маҷмуъ мусоидат менамояд [3,с.46-51]. Давраи дигаре, ки барои бонкдории исломӣ ба таври амиқ таъсир расонид, ин тайи солҳои 2008-2012 мебошад. Дар ин давра буҳрони молиявӣ ба иқтисодиёти аксари кишварҳои олам таъсири манфӣ расонид ва дар натиҷа ташкилотҳои молиявии анъанавӣ муфлис гардиданд ва қисми зиёди онҳо пардохтпазирии худро аз даст доданд. Аммо дар ин давраи барои иқтисодиёти кишварҳо ҳассос бонкҳои исломӣ ба буҳрони молиявӣ гирифтор нагардиданд ва суботи молиявии худро нигоҳ дошта тавонистанд. Сабаби асосии ба буҳрони молиявӣ гирифтор нагардидани бонкҳои исломӣ, дар эътимоднокии баланд ва ҳамкории судманди онҳо бо муштариёнашон арзёбӣ карда мешавад. Яъне, бонкҳои исломӣ барои рушди тиҷорат ва тақвияти фаъолияти муштариёни худ саҳмгузор мегарданд ва кӯшиш менамоянд, ки даромади он таъмин карда шавад. Махсусан зимни амалиёти маблағгузорӣ онҳо бо муштариён ҳамчун ҳамкор муносибат менамоянд ва барои пешрафти фаъолияти ӯ пайваста маслиҳатҳои молиявӣ тавсия менамоянд, ки ин сабаби самаранокии фаъолияти муштариён мегардад. Ин омил сабаб гардид, ки устувории модели бонкдории исломӣ бори дигар собит гардад ва шумораи бонкҳои исломӣ боз ҳам афзоиш ёбад.

Маҷмуан, метавон қайд намуд, ки бонкдории исломӣ барои иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон падидаи нав буда, мавриди истифода қарор додани ин модели бонкдорӣ метавонад, ки ба нафъи иқтисодиёти миллии ҳар як давлати алоҳида бошад. Танҳо дар ин самт зарур аст, ки заминаи мусоид фароҳам оварда шавад ва ҷиҳати таҳкими бонкҳои исломӣ тадбирҳои саривақтӣ андешида шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Абгарян А.А. Специфические риски исламских банков / А.А. Абгарян, А.Т. Мготлов // Вестник МГОУ. Серия «Экономика». - 2011. -№3. -С.58-63.
2. Азарян В.К. Становление и развитие системы исламских финансов: дис. …канд. эк. наук: 08.00.14 / В.К. Азарян. –М., 2013. -217 с.
3. Алишоев Х.Ҳ. Таърихи рушди бонкдории исломӣ дар давлатҳои пасошуравӣ / Х.Ҳ. Алишоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№2/1(46). -С.46-51.
4. Ахмедова Э.С. Исламская экономика в свете общественно-экономических формаций / Э.С. Ахмедова // Вестник Томского государственного университета. Экономика. – 2013. -№4(24). -С.363-365.
5. Байдаулет Е.А Исламское финансирование: теория, практика, вопросы регулирования: учебник / Е.А

Байдаулет. -Павлодар: ИП Сытина Н.И., 2016. -428 с.
6. Беккин Р.И. Исламские финансовые институты и инструменты в мусульманских и немусульманских странах: особенности и перспективы развития: автореф. дис…д-ра экон. наук: 08.00.14 / Р.И. Беккин. –М., 2009. -50 с.
7. Гаюров, Г.Х. Влияние трудового потенциала на улучшение деятельности банковского сектора Республики Таджикистан / Г.Х. Гаюров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. -№2/9(151). -С.97-102. – EDN VBGNZX.
8. Исупов А.Қ. Таҳқиқоти масоили назариявии инкишофи низоми бонкдории исломӣ / А.Қ. Исупов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№3(37). -С.104-108.
9. Раҳимзода Ш. Асосҳои назариявии рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Раҳимзода Ш., З.А. Раҳмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2022. -№3. -С.9-15.
10. Судин Харон. Исламская финансовая и банковская система: Философия, принципы и практика / Судин Харон, Ван Нурсофиза Ван Азми. -Казань: Изд. дом Маковского, 2012. -536 с.
11. Токмаков Е.А. Исламский банкинг: понятие, факторы становления и предпосылки развития в России / Е.А. Токмаков // Научные исследования экономического факультета. Электронный журнал. - 2023. -Том 15. -№3(49). -С.83-105.
12. Трунин П.В. Исламская финансовая система: современное состояние и перспективы развития / П.В. Трунин, М.В. Каменских, М.Р. Муфтяхетдинова. -М.: Институт экономики переходного периода, 2009. -88 с.
13. Умаров Ҳ. Бонкдории исломӣ ҳамчун таҳаввулоти муҳим дар низоми бонки ҷаҳонӣ / Ҳ. Умаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. №1(35),- С.54 - 61.
14. Харон С. Исламские финансы и банковская система: философия, принципы и практика / С. Харон, З.А. Азиз. -Казань: Линова-Медиа, 2012. -526 с.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ

Дар мақола асосҳои назариявии ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, муаллиф заминаҳо, сабабҳо ва омилҳои пайдоиши бонкҳои исломиро баррасӣ кардааст. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ паҳлуҳои иқтисодии мавзуъро таҳқиқ намуда, зарурати бонкдории исломиро дар иқтисодиёт мушаххас намудааст. Асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ бонкҳои исломӣ метавонанд ҳамчун сармоягузор ба пешравии субъектони иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, таҳкими иқтисоди миллиро таъмин созанд. Зимни таҳқиқот давраҳои пайдоиш ва рушди ташкилотҳои молиявии исломӣ дақиқ карда шуда, омилҳои ба раванди ташаккули бонкдории исломӣ таъсирбахш гурӯҳбандӣ гардидаанд. Муаллиф нақши бонкҳои исломиро дар пешрафти иқтисодиёт баланд баҳогузорӣ намуда, зарурати таҳкимдиҳии фаъолияти чунин усули бонкдориро пеш меорад. Илова ба ин, дар мақола заминаҳои рушди бонкҳои исломӣ, сабабҳои устувории молиявии онҳо ва нигоҳдории суботи молиявӣ дар бонкҳои мазкур асоснок карда шуда, оид ба тақвияти минбаъдаи фаъолияти чунин усули бонкдорӣ пешниҳодҳо тавсия гардидаанд, ки дар ин самт заминаи илмӣ фароҳам оварад.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, иқтисоди исломӣ, низоми молияи исломӣ, хизматрасониҳои исломӣ, бонкдории исломӣ, принсипҳои бонкдории исломӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, Бонки Исломии Рушд.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ИСЛАМСКОГО БАНКИНГА

В статье исследованы теоретические основы становления и развития исламского банкинга, а также автором рассмотрены основы, причины и факторы возникновения исламских банков. Используя научные источники, автор изучал экономические аспекты темы и указал на необходимость исламского банкинга в развитии экономики. Доказано, что в современных экономических условиях исламские банки как инвесторы могут обеспечить благоприятную основу для развития хозяйствующих субъектов и укрепить национальную экономику. В ходе исследования были уточнены периоды возникновения и развития исламских финансовых организаций, а также сгруппированы факторы, влияющие на процесс исламского банкинга. Автор высоко оценивает роль исламских банков в развитии экономики и подчеркивает необходимость усиления активности такого банковского метода. Кроме того, в статье обоснованы основы развития исламских банков, причины их финансовой стабильности и поддержания финансовой устойчивости в этих банках, а также рекомендованы предложения по дальнейшему усилению деятельности исламского банкинга, что может создать научные передпосылки в данной области.

**Ключевые слова:** банковская система, коммерческие банки, исламская экономика, исламская финансовая система, финансовые услуги, исламский банкинг, принципы исламского банкинга, экономические отношения, Исламский банк развития.

## THEORETICAL BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF ISLAMIC BANKING

The article examines the theoretical foundations of the formation and development of Islamic banking, and the author also examines the foundations, causes and factors of the emergence of Islamic banks. Using scientific sources, the author explored the economic aspects of the topic and pointed out the need for Islamic banking in the economy. It has been proven that in modern economic conditions, Islamic banks as investors can provide a favorable basis for the development of business entities and strengthen the national economy. During the study, the periods of emergence and development of Islamic financial organizations were clarified, and factors influencing the process of Islamic banking were grouped. The author highly appreciates the role of Islamic banks in economic development and emphasizes the need to strengthen the activity of this banking method. In addition, the article substantiates the basis for the development of Islamic banks, the

reasons for their financial stability and maintaining financial stability in these banks, and also recommends proposals for further strengthening the activities of this method of banking. which will provide a scientific basis in this area.

**Keywords:** banking system, commercial banks, Islamic economy, Islamic financial system, Islamic services, Islamic banking, principles of Islamic banking, economic relations, Islamic Development Bank.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солиҳова Майсара Давлатовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **solihovamaysara@mail.ru**. Телефон: **(+992) 98-515-95-95**

**Сведения об авторе:** ***Солихова Майсара Давлатовна*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры банковского дела. **Адрес:** 734025**,** Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **solihovamaysara@mail.ru.** Телефон: **(+992) 98-515-95-95**

**Information about the author:** ***Solikhova Maysara Davlatovna*** - Tajik National University, assistant of the Banking Department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17. E-mail: **solihovamaysara@mail.ru**. Phone: **(+992) 98-515-95-95**

ТДУ: 338.24(575.3)

# ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР СОХТМОНИ САНОАТӢ

*Расулов Д.Т., Икромова М.Х.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикситон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Шарти муҳимтарини ноилгардии ташкилоти сохтмонӣ ба таъмини рушди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, ин ташкили низоми иттилоотӣ-таҳлилие мебошад, ки дар доираи он баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусан баҳисобгирии идоракунӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Объектҳои муҳимтарине, ки оид ба онҳо низоми баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти фоиданокро тайёр менамояд, ҷараёнҳо оид ба хароҷот, даромад, натиҷаҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, банақшагирӣ ва ғ. ҳисоб меёбанд. Баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ самти муҳимтарини кори низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб рафта, иттилооти дар доираи он тайёркардашуда заминаи асосии қабули қарорҳои идоракунӣ мебошанд. Ба андешаи мо, ҳангоми тавлиди маълумот дар бораи хароҷоти ташкилоти сохтмонӣ на танҳо ба ҳисобгирии муҳосибӣ-таҳлилӣ, балки ба фаъолияти идоракунӣ дар ин самт низ таваҷҷуҳ бояд зоҳир намуд, зеро идоракунии самараноки хароҷот, муайян кардани тамоюлот аз нақша, сабабҳои пайдоиши онҳо, андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани ин тамоюлот, назорати фаъолияти марказҳои масъулияти хароҷотро дар худ таҷассум менамояд.

Дар ҳар як марҳилаи фаъолияти иқтисодии ташкилоти сохтмонӣ бояд низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии мукаммале истифода шавад, ки он пайваста дар бораи амалиётҳои хоҷагии дар ташкилот анҷомдодашаванда маълумоти санҷидашуда, сабтшуда, тасдиқшуда ва таҳлилшавандаро тайёр намояд. Баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷумлаи унсури асосии низоми мазкур ба шумор меравад.

Баҳисобгирии идоракунӣ як низоми мураккаби ҳисобкунӣ, банақшагирӣ, назорат, таҳлили маълумот дар бораи даромаду хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии ташкилот дар сатҳи таҳлилӣ мебошад, ки барои оҷилан қабул кардани қарорҳои гуногуни идоракунӣ бо мақсади муносибгардонии вазъи натиҷаҳои фаъолияти молиявии ташкилот барои давраи кӯтоҳ ва дароз зарур аст. Ба ибораи дигар, низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои сохтмонӣ як системаи муттаҳидгардонидашудаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки табдили иттилооти баҳисобгирӣ ва таҳлилиро бо мақсади қабули қарорҳои фаврӣ, стратегӣ ва идоракунӣ таъмин менамояд. Ҷараёни татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ дар расми 1 нишон дода шудааст.

**Расми 1. Ҷараёни баҳисобгирии идоракунии амалиётҳои хоҷагӣ дар ташкилоти сохтмонӣ**
**Fig. 1. The process of accounting management of economic operations in the construction organization**




Манбаъ: Муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудаанд

Мундарича ва самтҳои рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст: мансубияти соҳа, андоза, шакли моликияти ташкилот, талаботи иттилоотии идоракунӣ, имкониятҳои техникӣ ва ғайра.

Аз рӯи ҳадафҳо байни баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ фарқиятҳо мавҷуданд. Баъзе амалиётҳои ҳоҷагидорӣ дар баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ як хел инъикос карда мешаванд, баъзе аз дигар амалиётҳо бошанд инъикоси гуногунро талаб мекунанд. Сарфи назар аз тафовутҳо, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ зерсистемаҳои ба ҳам алоқаманди системаи баҳисобгирӣ-таҳлилии ташкилот мебошанд.

Дар ташкилотҳои сохтмонӣ мисли дигар субъектҳои иқтисодӣ ташкили баҳисобгирии идоракуниро бо баҳисобгирии молиявӣ дар якчанд равиш амалӣ кардан мумкин аст, ки дар шакли сода онҳо чунин нишон дода мешаванд (расми 2).

**Расми 2. Равишҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар корхона [2,с.119]**
**Figure 2. Approaches to organization of management accounting and financial accounting in the enterprise**




Дар ин ҷо: БИ-баҳисобгирии идоракунӣ; БМ-Баҳиссобгирии молиявӣ

Равиши аввал, пешбинӣ мекунад, ки баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ дар корхона аз ҳамдигар комилан мустақил пеш бурда мешаванд. Тибқи равиши дуюм, баъзе маълумотҳо дар баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ хусусияти умумӣ дошта, як бор ба қайд гирифта мешаванд ва аз ин рӯ, робитаи ин ду намуди баҳисобгирӣ ин ҷо мушоҳида карда мешавад, аммо дар маҷмуъ, онҳо системаҳои гуногун мебошанд. Мувофиқи равиши сеюм, баҳисобгирии идоракунӣ як низоми мураккабро ташкил мекунад ва баҳисобгирии молиявӣ аз ҷумлаи унсури таркибии он ба шумор меравад.

Истифодабарии равиши сеюм дар амал зери шубҳа қарор мегирад, зеро баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ба қонеъ кардани ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагон нигаронида шудааст. Мувофиқан, иттилоот барои истифодабарандагони беруна ҷузъи низоми баҳисобгирии идоракунӣ буда наметавонад ва дар натиҷа, баҳисобгирии молиявӣ аз доираи иттилооти идоракунӣ берун меравад [1].

Ҳамин тавр, нақшаи вобастагии баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро метавон чунин тасвир намуд (расми 3).

**Расми 3. Вобастагии баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ**
**Figure 3. Dependence of financial accounting and management**




Манбаъ: Муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудаанд

Баҳисобгирии идоракунӣ он намудҳои иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад, ки барои роҳбарони корхона бо мақсадҳои идоракунии дохилӣ заруранд.

Системаи баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона, ки дар асоси принсипҳои идоракунии бизнес-ҷараёнҳо амал мекунад, ба андешаи муаллифон, бояд ба талаботи кофӣ будани маълумот оид ба захираҳо, хароҷот, эътимоднокӣ, самаранокӣ ва ҳаққонияти онҳо ҷавобгӯ бошанд.

Ҳадафи асосии ҷорӣ намудани унсурҳои идоракунӣ дар низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии бизнес-ҷараёнҳо, ин таъмини ниёзҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ташкилоти сохтмонӣ, марказҳои масъулият ва ҷараёнҳои тиҷоратии алоҳида бо мақсади таҳияи қарорҳои самараноки идоракунӣ ва молиявӣ, назорати иҷроиши онҳо, ноилгардӣ ба натиҷаҳои дилхоҳи ташкилот мебошад.

Рушди бозори хизматрасонии сохтмонӣ, вусъат ёфтани рақобат байни корхонаҳои соҳаи сохтмон, такмил додани баҳисобгирии хароҷот, дуруст муайян кардани арзиши корҳои сохтмону васлгарӣ ва нархгузориро дар навбати аввал гузошт.

Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои сохтмони саноатӣ ба ҳалли ин масъалаҳо нигаронда шудааст:

1. банақшагирии арзиши корҳои сохтмонию васлкунӣ (КСВ) - ҳамчун унсури муҳимтарини таҳияи нақшаҳои стратегӣ ва амалиётӣ;

2. ташкили таҳлили тамоюлҳо аз арзиши шартномавии объекти бунёдшаванда;

3. ташкили дохилифирмавии ҳисоботи муҳосибӣ дар заминаи ҷараёни ҳуҷҷатҳо (баҳисобгирӣ аз рӯи марказҳои масъулият);

4. назорати даромаднокии истеҳсолот (объектҳои бунёдшаванда).

Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмон вобаста ба хусусиятҳои соҳавии он ба роҳ монда шуда, пешбурди он дар чор марҳила ба амал бароварда мешавад.

1. Ташкил ё марҳилаи тартиб додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ. Дар ин марҳила вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- муайян намудани арзиши шартномавии объект;
- муайян намудани манбаъҳои маблағгузорӣ;
- таъминоти моддию техникӣ;
- муҳлати супоридани объект;
- муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ.

2. Марҳилаи истеҳсолӣ - дар он масъалаи ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот ба роҳ монда шуда, тамоюлҳо ошкор карда мешаванд.

3. Марҳилаи таҳлилӣ – дар рафти он сабабҳои тамоюлҳои асосии ба вуҷуд омада ва роҳҳои бартарафкунии онҳо муайян карда мешаванд.

4. Марҳилаи қабули қарорҳои идоракунӣ, ки дар он масъалаҳои дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ барои тамоюлҳо аз арзиши шартномавии объект ҳал карда мешаванд.

Акнун оид ба ин марҳилаҳои зикршудаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ тафсилоти бештарро пешниҳод менамоем.

Арзиши шартномавии объекти сохтмон дар шартномаи сохтмон муайян карда мешавад ва онро метавон чунин ҳисоб кард [13]:

а) дар асоси арзиш (нарх)-е, ки тибқи лоиҳа муайян карда мешавад (нархи собит), бо назардошти нуктаҳои дар шатрномаи сохтмонӣ қайдшуда оид ба тартиби тағйир додани онҳо;

б) дар асоси ҷуброн кардани хароҷоти воқеии сохтмон, ки аз рӯи нархҳои ҷорӣ ҳисоб карда шудааст, илова бар фоидаи муайяншуда, ки дар шартномаи паймонкорӣ (нархи кушод) бо фармоишгар мувофиқа карда мешавад.

Масъалаҳои баҳогузории арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ дар Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IAS) 11 «Шартномаҳо оид ба сохтмон» низ ба таври умумӣ дарҷ ёфтааст. Мақсади ин стандарт, муқарраркунии тартиби баҳисобгирии даромади амалиётӣ ва хароҷоти алоқаманд бо шартномаҳо оид ба сохтмон мебошад. Дар бандҳои 16 ва 17 стандарти мазкур ҳайати моддаҳои хароҷот, ки ба арзиши аслии объекти сохтмонӣ метавонад ҳамроҳ карда шавад, чунин муқаррар карда шудааст [15]:

Банди 16. Хароҷот тибқи шартнома инҳоро дар бар мегиранд:

(a) хароҷоти бевосита бо шартномаи муайян алоқаманд;

(b) хароҷоте, ки умуман ба фаъолияти шартномавӣ дахл доранд ва метавонанд ба ин шартнома тақсимот шаванд;

(c) чунин хароҷоти дигар, ки аз ҷониби фармоишдеҳ мувофиқи шартҳои шартнома алоҳида ҷуброн мешаванд.

Банди 17. Хароҷоти бевосита бо шартномаи муайян алоқаманд инҳоро дар бар мегиранд:

(a) хароҷот барои пардохти меҳнати сохтмончиён, аз ҷумла назорат дар майдончаи сохтмонӣ;

(b) арзиши масолеҳҳои ҳангоми сохтмон истфодашуда;

(c) амортизатсияи воситаҳои асосии ҳангоми иҷроиши шартҳои шартнома истфодашаванда;

(d) хароҷот барои ҷойивазкунонии воситаҳои асосӣ ва масолеҳҳо ба майдончаи сохтмонӣ ва аз вай;

(e) хароҷот барои иҷораи воситаҳои асосӣ;

(f) хароҷот барои дастгирии тарҳкашӣ ва техникии бевосита бо шартнома алоқаманд;

(g) хароҷоти ба назар дошта шуда барои ислоҳкунии хатогиҳо ва иҷроиши ҳаҷми кафолатдодашудаи корҳо, аз ҷумла хароҷот барои хизматрасонии кафолатӣ, ки дар назар дошта шудааст;

(h) эътирозҳои шахсони сеюм.

Таҳлили ҳайати моддаҳои хароҷоти ба арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ соқитшаванда, ки дар СБҲМ ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, нишон медиҳад, ки аз рӯи таъинот онҳо якхелаанд. Лекин зимни ҳисобкунии арзиши корҳои сохтмонӣ, ташкилотҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим меояд талаботи санадҳои меъёрии дохилиро дар мадди аввал гузоранд ва танҳо пас аз пайдо гаштани номуайянӣ дар муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ метавонанд аз бандҳои СБҲМ истифода намоянд. Чунки қабули объектҳои сохташаванда аз ҷониби фармоишгари сохтмон ва мақомоти салоҳиятдор бо назардошти риояи меъёрҳои техникӣ-иқтисодии дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ муқарраршуда, амалӣ карда мешавад.

Ин ҷо як чизи бисёр муҳимро илова кардан лозим аст, ки дар банди 20 СБҲМ (IAS) 11 «Шартномаҳо оид ба сохтмон» номгӯйи хароҷоте, ки ба арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ бояд хамроҳ карда нашавад, чунин муайян карда шудааст [15]:

Хароҷоте, ки наметавонанд ба фаъолияти шартномавӣ гузаронида шаванд ё ба шартномаи алоҳида тақсимот шаванд, аз хароҷот тибқи шартнома оид ба сохтмон хориҷ карда мешаванд. Чунин хароҷот инҳоро дар бар мегиранд:

(a) хароҷоти маъмурии умумӣ, ки ҷубронкунии онҳо тибқи шартнома пешбинӣ нашудааст;

(b) хароҷот барои фурӯш;

(c) хароҷот ба таҳқиқот ва коркард, ки ҷубронкунии онҳо тибқи шартнома пешбинӣ нашудааст;

(d) амортизатсияи воситаҳои асосии бекормонда (ҳангоми иҷроиши шартномаи муайян истифоданашаванда).

Риоя кардани талаботи стандартҳои байналмилалӣ барои пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар ташкилотҳои сохтмонӣ барои омода кардани иттилооти зарурии манфиатнок мусоидат намуда, ҷараёни қабули қарорҳои идоракуниро осон мегардонад.

Ҳамин тариқ, тибқи Низомнома дар бораи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ /Фармоиши Кумитаи архитектутра ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 декабри соли 1999, таҳти №45 [13] ба арзиши банди «Хароҷоти меҳнатӣ» тамоми хароҷоти пардохти музди меҳнати коргарони истеҳсолӣ ва умумихоҷагӣ, ки аз рӯи системаҳо ва шаклҳои дар ташкилоти сохтмонӣ қабулкарда ҳисоб карда мешавад, дохил карда мешавад.

Хароҷоти истифодабарии мошинҳои сохтмонӣ дар асоси маълумот дар бораи вақти истифодабарии (талаботи меъёрии) мошинҳои зарурии сохтмонӣ (бо ченаки мошин-соат) ва нархи як соати кори онҳо муайян карда мешавад. Тартиби тақсим кардан ва ҷамъбаст

кардани нишондиҳандаҳои захираҳои мошинҳои сохтмонӣ дар Тавсияҳои методӣ [3] оварда шудааст. Ҳисобкунии арзиши кори мошинҳои сохтмонӣ чунин иҷро карда мешавад:

• дар сатҳи базавӣ аз рӯи Маҷмуаи меъёрҳои сметавӣ ва нархҳои кори машинҳои сохтмонӣ [14];

• дар сатҳи ҷорӣ (пешгӯишаванда), аз рӯи маълумот дар бораи нархҳои ҷорӣ (пешгӯйишаванда) барои истифодаи мошинҳои сохтмонӣ.

Арзиши захираҳои моддӣ дар асоси эҳтиёҷоти меъёрии масолеҳ, қисмҳо, маснуот, конструксияҳо бо ченакҳои мувофиқ (вазн, метри мукааб, метри мураббаъ ва ғ.) ва нархи дахлдори ин намуди захираҳои моддӣ муайян карда мешавад. Талаботи меъёрӣ ба захираҳои моддиро дар асоси интихоб ва ҷамъбаст намудан дар сметаҳои маҳаллии захираҳои нишондиҳандаҳои масолеҳ, ки дар сохтмони объект истифода мешаванд, муайян кардан мумкин аст.

Ҳисоб кардани хароҷоти барилова дар сатҳи ҷорӣ аз рӯи меъёрҳои хароҷоти барилова, ки мувофиқи тавсияҳои методӣ оид ба тартиби татбиқи меъёрҳои хароҷоти барилова дар сохтмон татбиқ карда мешавад, сурат мегирад [5]. Дар айни замон, маблағи хароҷоти барилова ба таври ғайримустақим ҳамчун меъёр бо фоизи муайян аз фонди музди кори коргароне, ки дар истеҳсолоти асосӣ ва идораи машинҳои сохтмонӣ кор мекунанд, ҳисоб карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки меъёрҳои хароҷоти барилова ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

• меъёрҳои бузургкардашуда оид ба намудҳои корҳои асосии сохтмонӣ;

• меъёрҳо ба намудҳои корҳои сохтмону васлкунӣ;

• меъёрҳои инфиродии хароҷот барои ташкилотҳои мушаххаси сохтмонӣ, васлкунӣ ва таъмиру сохтмонӣ.

Меъёрҳои бузургкардашудаи хароҷоти барилова барои намудҳои асосии сохтмон дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Дар назар доштан лозим аст, ки маблағи меъёри хароҷоти барилова бо назардошти рӯйхати моддаҳои хароҷоти барилова, ки дар Дастурамал оид ба ҳисоб кардани маблағи хароҷоти иловагӣ ҳангоми муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти сохтмонӣ оварда шудаанд, муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 1. Меъёрҳои тавсияшавандаи бузургкардашудаи хароҷоти барилова барои намудҳои асосии сохтмон**

**Table 1. Recommended increased rates of construction costs for the main types of construction**

| Намуди сохтмон | Андоза бо % аз фонди музди меҳнати коргарони истеҳсолӣ |
|---|---|
| Саноатӣ | 102 |
| Шаҳрвандӣ-манзилӣ (ба ғайр аз сохтмонҳои панелии бузург ва сохтмонҳои ҳаҷмноки блокӣ | 106 |
| Сохтмонҳои шаҳрвандии панелии бузург ва сохтмонҳои ҳаҷмноки блокӣ | 170 |
| Кишоварзӣ | 105 |
| Нақлиётӣ | 97 |
| Хоҷагии об | 93 |
| Энергетикӣ | 104 |
| Дигар соҳаҳо | 100 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб доданд [6]

Тартиби зикршуда дар доираи низоми ҷорӣи нархгузорӣ ва меъёри сметавӣ дар сохтмон қоида ва меъёрҳои сохтмонро, яъне қисми 4-и МҚС (СНиП) «Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ» [16] ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии лоиҳавиро дар бар мегирад. Дар ин санадҳои зикршуда, чунин мафҳумҳо муайян карда шудаанд:

Меъёрҳои сметавӣ – ин номи умумӣ барои маҷмуи меъёрҳои сметавӣ, ва нархҳо мебошад, ки дар маҷмуаҳои алоҳида муттаҳид карда шудаанд.

Меъёри сметавӣ – маҷмуи захираҳои (меҳнатӣ, масолеҳӣ ва ғ.) мебошад, ки бо ченакҳои қабулшудаи корҳои сохтмонӣ, васлкунӣ ва дигарҳо муқаррар карда шудааст.

Вазифаи асосии меъёри сметавӣ, аз муайян кардани ҳаҷми меъёрии захираҳое, ки барои иҷрои навъи дахлдори кор заруранд, ҳамчун асоси гузаштан ба нишондиҳандаҳои арзиши аслӣ хизмат мерасонанд.

Ҳамаи меъёрҳои сметавӣ ба бузургкардашуда ва меъёри унсурҳо ҷудо карда мешаванд.

Ба меъёри унсурҳо дохил мешаванд:

- меъёрҳо ва нархҳои дараҷаи базавӣ аз рӯи намудҳои захираҳо, масолеҳҳо, қисмҳо ва конструксияҳо;

- меъёрҳо ва нархҳо барои истифодабарии мошинҳои сохтмонӣ.

Ба меъёрҳои сметавии бузургкардашуда дохил мешаванд: меъёрҳои сметавӣ бо ифодаи фоиз, аз он ҷумла меъёри хароҷоти барилова, нишондиҳандаҳои бузургкардашудаи арзиши базавӣ барои намуди корҳои сохтмонӣ ва ғ.

Пояи асосӣ барои муайян кардани арзиши сметавӣ хизмат мерасонанд:

- лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои корӣ, аз он ҷумла нақшаҳо, варақаҳои ҳаҷми корҳои сохтмонию васлгарӣ, махсусият ва варақаҳо барои таҷҳизот, қарорҳои асосӣ оид ба ташкил ва бонавбатсозии корҳои сохтмонӣ, инчунин, варақаҳои тавзеҳотӣ ба маводҳои лоиҳавӣ;

- меъёрҳои амалкунандаи (аз он ҷумла захиравӣ) сметавӣ, инчунин, нархҳои рухсаткунӣ ба таҷҳизот, мебел ва асбобҳо;

- қарори мақомоти марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ марбут ба сохтмони муайян.

Дар ҳолати мавҷуд набудани меъёрҳои сметавии зарурӣ дар базаи меъёрҳои сметавии амалкунанда ва барои сохтмонҳои махсус, дар таркиби лоиҳа метавонад меъёрҳои сметавии инфиродӣ бо розигии тарафайн ворид карда шавад.

Шаклҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ метавонад бо тартиби муайян мураттаб гардонида шаванд, ки он имконият медиҳад аз иҷрои корҳои майда сар карда ба иҷрои корҳои бузурги сохтмонӣ гузаранд.

Арзиши сметавии сохтмон мувофиқи таркиби технологии сармоягузории асосӣ ва тартиби иҷроиши фаъолияти раёсати сохтмонию васлгарӣ аз рӯи унсурҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- корҳои сохтмонӣ;

- корҳои васлкунии таҷҳизот (корҳои васлкунӣ);

- арзиши хариди (истеҳсоли) таҷҳизот, мебел ва асбобҳо;

- хароҷоти дигар.

Барои муайян кардани арзиши сметавии сохтмони биноҳо, иншоот ва навбатҳои онҳо ҳуҷҷатҳои сметавӣ тартиб дода мешаванд, ки он аз сметаҳои маҳаллӣ, ҳисобкуниҳо, ҳисобкуниҳои сметавии объектҳо аз рӯи намудҳои алоҳидаи хароҷот, ҳисоботи хароҷот ва ғ. иборат аст.

Сметаи маҳаллӣ, ин ҳуҷҷати ибтидоии сметавӣ мебошад, ки барои намудҳои алоҳидаи корҳо ва хароҷоти биноҳо, иншоот ё корҳои умумии қитъавӣ тартиб дода мешавад. Пояи базавӣ барои тартиб додани сметаи маҳаллӣ ҳаҷмҳое мебошанд, ки ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои корӣ (ҲК) ё нақшаҳои корӣ муайян карда шудаанд. Бояд дар назар дошт, ки сметаҳои маҳаллӣ дар мавридҳое тартиб дода мешаванд, ки ҳаҷми кор ва хароҷот ниҳоят муайян карда нашудаанд ва бояд аниқ карда шаванд (одатан дар асоси ҳуҷҷатҳои корӣ).

Маълумотҳои сметаҳои маҳаллӣ дар сметаҳои объектҳо якҷоя карда шуда, ҳуҷҷатҳои сметавиро ташкил медиҳанд, ки дар асоси онҳо нархҳои озоди (шартномавии) маҳсулоти сохтмонӣ ташаккул мееёбанд.

Арзиши сметавии сохтмони биноҳо, иншоот дар доираи лоиҳа дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин муайян карда мешавад:

- дар доираи лоиҳа – сметаи ҷамъбастии арзиши сохтмон ва (дар ҳолати зарурӣ) ҷамъи хароҷот;

- ҳисобкуниҳои сметавии объектӣ ва маҳаллӣ;

- ҳисобкуниҳои сметавии намудҳои алоҳидаи хароҷот (аз он ҷумла корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ);

- дар доираи ҳуҷҷатҳои корӣ (ҲК) – сметаи объектӣ ва маҳаллӣ.

Ҳангоми тартиб додани сметаҳои (ҳисобҳои) сармоягузор ва паймонкор дар асоси алтернативӣ, усулҳои зерини муайян кардани арзиши сохтмонро истифода бурдан мумкин аст:

- захиравӣ;
- захиравӣ-индексӣ;
- базисӣ-индексӣ;
- базисӣ-ҷубронкунӣ;
- дар асоси бонк маълумот оид ба арзиши иншооти шабеҳи қаблан сохташуда ё тарҳрезишуда.

Бо тартиб додани сметаҳои маҳаллӣ эҳтиёҷот ба захираҳои меҳнатӣ, захираҳои модӣ, хароҷоти барилова ва ғ. муайян карда мешавад.

Сипас, дар сметаи ҷамъбастии арзиши сохтмони саноатӣ ва манзилию шаҳрвандӣ маблағҳо аз рӯи фаслҳои зерин ҷудо карда мешаванд [3]:

1. Тайёр кардани майдони сохтмон.
2. Объектҳои асосии сохтмон.
3. Объектҳои таъиноти ёрирасон ва хизматрасонӣ дошта.
4. Объектҳои хоҷагии таъмини барқ.
5. Объектҳои хоҷагии нақлиёт ва алоқа.
6. Шабакаҳо ва иншоотҳои обтаъминкунӣ, канализатсия, таъмини гармӣ ва газ.
7. Ободонӣ ва кабудизоркунии маҳал.
8. Биноҳо ва иншооти муваққатӣ.
9. Дигар корҳо ва хароҷот.
10. Хароҷоти дирексия (назорати техникӣ)-и корхонаи сохтмонӣ.
11. Тайёр кардани кадрҳои зарурӣ.
12. Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯйӣ, назорати меъморӣ.

Ба сметаи ҷамъбастии арзиши сохтмон ҳатман варақаи тавзеҳотӣ тартиб дода мешавад, ки дар он бояд маълумоти зерин пешниҳод карда шавад:

- истинод ба минтақаи ҳудудӣ, ки дар он сохтмон ҷойгир аст;
- сатҳи нархҳои сметавӣ, ки аз рӯи онҳо ҳисобкуниҳо ба ҷо оварда мешавад;
- номгӯйи феҳристи меъёрҳои сметавӣ, ки барои таҳияи сметаҳои сохтмони объектҳо қабул шудаанд;
- номи паймонкори генералӣ (ташкилот);
- меъёри хароҷоти барилова ва фоидаи сметавӣ;
- хусусиятҳои муайян кардани арзиши сметавии корҳои сохтмонӣ барои қитъаи муайяни сохтмон;
- хусусиятҳои муайян кардани арзиши сметавии таҷҳизот ва насби он барои майдони муайяни сохтмон;
- ошкор кардани хусусиятҳои воситаҳои барои сохтмон сарфшуда аз рӯи бобҳои 8-12 сметаи ҷамъбастӣ (агар истинод ба маълумоти ҳисоботии паймонкорон ва дигар ташкилотҳо бошад, тавсия дода мешавад, ки нусхаи ҳуҷҷатҳои дахлдор замима карда шавад);
- ҳисобкунии маблағҳои ба самтҳои маблағгузории асосӣ тақсимшуда (барои сохтмони манзилӣ ва шаҳрвандӣ);
- маълумоти дигар дар бораи тартиби муайян кардани арзиши сохтмон (мавҷудияти лоиҳаҳои сохтмони объектҳои хусусияти ҷамъиятӣ дошта, ҳуҷҷатҳо дар бораи дохил намудани хароҷот ба арзиши сохтмони объектҳои умумӣ мутаносибан ба хизматрасонии онҳо ва ғ.), инчунин, истинод ба қарорҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои нархгузорӣ ва имтиёзҳои ба ин сохтмон алоқаманд буда.

Дар сметаи ҷамъбастӣ сатри алоҳида оид ба фоидаи сметавӣ ва андоз аз арзиши иловашуда ҷудо карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар моддаи 183 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] меъёри андоз аз фоида (Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) барои корхонаҳое, ки корҳои

сохтмонию васлкуниро анҷом медиҳанд, – 13% ва дар моддаи 264 меъёри Андоз аз арзиши иловашуда 7% муқаррар карда шудааст.

Фоидаи сметавӣ мувофиқи Дастур оид ба муайян кардани маблағи фоидаи сметавӣ ҳангоми ташаккули нархҳои озоди маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ [6] муайян карда мешавад. Мувофиқи он маблағи фоидаи сметавиро дар асоси инҳо муайян кардан мумкин аст:

• меъёри байнисоҳавии тавсияшуда;

• меъёрҳои инфиродии барои маҳсулот (кор, хизматрасониҳо)-и сохтмонии алоҳида қабулшуда.

Меъёри тавсияшудаи фоидаи сметавӣ ба андозаи 50% аз маблағи ҳақиқии музди меҳнати коргарон — сохтмончиён ва коргароне, ки ба идоракунӣ ва хизматрасонии мошину таҷҳизоти сохтмонӣ машғуланд, ё ин ки ба андозаи 12%-и арзиши сметавии сохтмон муқаррар карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар ҳисобгирии бухгалтерӣ бояд манбаъҳои маблағгузорӣ аниқ муайян карда шаванд, зеро маблағгузории объектҳои гуногуни сохтмониро ҳам аз ҳисоби як манбаъ ва ҳам аз ҳисоби якчанд манбаъ ба амал баровардан мумкин аст. Он метавонад ҳам маблағҳои худӣ ва ҳам қарзӣ бошад. Ин ба ташкилотҳои паймонкории сохтмонӣ низ дахл дорад, чунки, маблағгузории объектҳо, чун қоида, ба таъхир меафтад, дар ин маврид, ташкилоти сохтмонӣ (иҷрокунандаи кор) аз ҳисоби маблағҳои худ сохтмони объектро идома дода, ҳаҷми муайяни корҳоро метавонад иҷро намояд ва аз тарафи фармоишгар пардохти арзиши ин корҳо минбаъд ба амал бароварда мешавад. Ин ҷо пешпардохт барои харидани маводҳои сохтмонӣ истисно шуда метавонад. Ҳамин тавр, ташкилотҳои сохтмонӣ маҷбур мешаванд, ки дар анборҳо масолеҳҳоро захира намуда, маблағҳои пулиро дар ин самт истифода намоянд. Бо ин сабаб тартиб додани нақшаи гардиши масолеҳ, дигар захираҳо ва гардиши маблағҳои пулӣ дар ташкилоти сохтмонӣ, яъне, тартиб додани буҷет дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ яке аз вазифаҳои муҳимми ҷараёни идоракунӣ ҳисоб меёбад. Дар баробари ҷараёни иҷроиши буҷетҳо бо сметаҳои тасдиқшуда ва муҳлатҳои ичроиши корҳо (аз рӯи марҳилаҳо ё пурра) ба таври қатъӣ дар робита бо ҳам назорат карда мешавад.

Муҳлати дар шартнома муқарраршудаи супоридани объект барои ташаккули натиҷаҳои молиявӣ ва мувофиқан ташкили баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ аҳаммияти калон дорад. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 2/2008 «Баҳисобгирӣ аз рӯи шартномаҳои сохтмони асосӣ» (Фармони Вазири молияи ҶТ аз 08.11.2010, №144н) ду усули муайян кардани натиҷаи молиявиро вобаста ба шакли қабулнамудаи паймонкор оид ба эътирофкунии даромад пешбинӣ менамояд [7]:

«Даромад аз рӯи арзиши объекти сохтмон» (усули баанҷомрасии сохтмон), яъне баъди ба охир расидани тамоми корҳо дар майдони сохтмон. Ин усул муайян кардани натиҷаи молиявии ташкилоти сохтмониро баъди анҷоми корҳо тибқи шартномаи паймонкорӣ ҳамчун фарқ байни арзиши шартномавии объекти бунёдёфта ва арзиши истеҳсолии он пешбинӣ мекунад.

«Даромад аз рӯи арзиши корҳои анҷомдодашуда» (усули фоизи ичроиши кор), яъне, даромад вобаста ба иҷроиши марҳилаи муайяни кор эътироф карда мешавад. Ҳангоми татбиқи ин усул натиҷаи молиявии паймонкор дар давраи муайяни ҳисоботӣ ҳамчун фарқ байни маблағи ҳаҷми корҳои иҷрошуда ва хароҷоти ба ин корҳо тааллуқдошта муайян карда мешавад. Ба кор бурдани ин усул танҳо дар мавриде имкон дорад, ки ҳаҷми кори иҷрошуда ва хароҷоти ба онҳо вобастаро бо эътимоди комил баҳо додан мумкин аст.

Дар модаҳои 93-95 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо марбут ба эътирофи даромадҳо ва хароҷот дар ташкилотҳое, ки ба иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ машғуланд, муайян карда шудаанд. Тибқи талаботи ин моддаҳо чунин ташкилотҳо уҳдадоранд даромадҳои худро мувофиқи усули ҳисобузамкунӣ* ба ҳисоб гиранд.

---

* Тибқи талаботи СБҲМ 18 «даромад аз фурӯш» ва банди 2 моддаи 90 КА ҶТ ду усли баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот барои субъектҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад: 1) усули хазинавӣ; 2) усули ҳисобузамкунӣ. Андозсупорандае, ки баҳисобгирии муҳосибиро бо усули хазинавӣ пеш мебарад, уҳдадор

Дар бандҳои 1-2 моддаи 95 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1844 аз 23.12.2021 чунин муқаррарот пешбинӣ шудааст:

1. Андозсупорандае, ки шартномаи дарозмуҳлат ба имзо мерасонад, уҳдадор аст, ба даромади умумии ҳар давраи андозии шартнома фоизи даромади умумии эҳтимолии андозбандишавандаи андозсупорандаро тибқи шартнома мутаносибан ба ҳиссаи корҳои анҷомдодашуда, мутобиқи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ муайян кунад. «Шартномаи дарозмуҳлат» шартномаи сохтмонӣ ё муҳандисӣ мебошад, ки иҷрои он зиёда аз 12 моҳро дар бар мегирад.

2. Фоизи иҷрои шартномаи дарозмуҳлати андозсупоранда дар давраи андоз ба хароҷоти умумии андозсупоранда дар ин давра ҳамчун фоиз аз хароҷоти эҳтимолии шартнома асос меёбад.

СБҲМ (IAS) 11 «Шартномаҳо оид ба сохтмон» низ ду усули эътирофи даромад ва хароҷотро аз рӯи шартномаҳои паймонкорӣ пешниҳод менамояд: 1) усули фоизи иҷроиши кор ва 2) усули «хароҷот ҷамъи…». Лекин дар банди 36 ҳамин стандарт бартарӣ ба усули якум дода мешавад, ки он ба талаботҳои дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда мувофиқат менамояд. Яъне, истифодабарии усули фоизи иҷроиши кор барои эътироф кардани даромадҳо ва хароҷот ва мувофиқан муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ барои давраи муайяни ҳисоботӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии ташкилоти сохтмонӣ барои инъикоси вазъи воқеии натиҷаи фаъолияти корхона шароити мусоид фароҳам меорад.

Мувофиқан дар баҳисобгирии муҳосибии ташкилоти иҷрокунандаи корҳои сохтмонию васлкунӣ, пас аз тартиб додани санади иҷроиши корҳо мувофиқан навиштҳои муҳосибии зерин тартиб дода мешавад.

1. Эътироф кардани даромад аз иҷрои марҳилаи муайяни кор:

Дт 10410 «Ҳисобҳо барои қабул»

Кт 44010 «Даромад аз фурӯш»

2. Соқит кардани арзиши аслии корҳои иҷрокардашуда тибқи санади иҷроиши корҳо:

Дт 55010 «Арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и фурӯхташуда»

Кт 10730 «Истеҳсолоти нотамом»

Бо муқоиса кардани бақияи кредитии ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» ва ҳисоби 55010 «Арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и фурӯхташуда» натиҷаи молиявии фаъолияти сохтмонию васлгарӣ пас аз тарҳ кардани дигар хароҷоти ғайримустақими марбут ба сохтмон ва маблағи андоз аз фоида муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, омилҳои муҳимеро номбар кардан мумкин аст, ки ташкили баҳисобгирии идоракуниро дар ташкилотҳои сохтмонӣ муайян менамоянд:

- ташкили баҳисобгирӣ: барои фармоишгар – маблағгузорӣ; барои паймонкор – хароҷот, фурӯш, марҳилаҳои анҷомёфтаи корҳои сохтмонию васлгарӣ;
- ҳисобкунии арзиши аслии корҳо, хизматрасониҳо, конструксияҳои бунёдшаванда, биноҳо, иншоот ва ғ. дар асоси қоида ва меъёрҳои сохтмонии тасдиқшуда;
- ду усули муайян кардани даромад дар корхонаҳои сохтмонӣ: усули баанҷомрасии сохтмон; усули фоизи иҷроиши кор;
- марҳила ба марҳила иҷро кардани корҳо ва мувофиқан эътироф кардани даромад ва фоида аз рӯи фоизи иҷроиши кор;
- таснифоти афзалиятноки хароҷот ба мустақим ва ғайримустақим (барилова) мутобиқи гурӯҳбандии моддаҳои хароҷот бо нархҳои сметавӣ.
- муҳлати дарози сохтмон ва вобаста ба ин дарозмуҳлатии бозгирифти маблағгузорӣ.

Дар марҳилаи дуюм, дар рафти корҳои сохтмонӣ баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкуни арзиши аслӣ бо назардошти дастурамал ва тавсияҳои соҳавӣ гузаронида

---

аст мутобиқи моддаи 92 КА ҶТ даромадро дар санаи гирифтани пулии он ва хароҷотро дар санаи пардохти воқеии он анҷом диҳад. Андозсупорандае, ки бо усули ҳисобу замкунӣ баҳисобгириро пеш мебарад, уҳдадор аст даромаду хароҷотро мутобиқи моддаи 93 КА ҶТ мутаносибан аз лаҳзаи гирифтани ҳуқуқ ба даромад ё ба миён омадани уҳдадории пардохт, сарфи назар аз вақти воқеии гирифтани даромад ё иҷрои пардохт, ба ҳисоб гирад.

мешавад. Дар ин ҷо гурӯҳбандии хароҷот барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ, ташкили баҳисобгирии таҳлилии онҳо ва қабули қарорҳо муайян карда мешавад.

Дар марҳилаи сеюм, таҳлили тамоюлҳо аз арзиши шартномавӣ, аз рӯи унсурҳо ва моддаҳои хароҷот гузаронида мешавад.

Дар марҳилаи охирин, вобаста ба он ки нарх (арзиши шартномавии объект) ба таври устувор ё кушода (тағйирёбанда) гузошта шудааст, манбаи маблағгузории ин тамоюлҳо муайян карда мешавад. Чун қоида, нарх агар кушода (тағйирёбанда) муайян шуда бошад, бо сабаби афзоиши нархи мавод ва дигар захираҳо тамоюлҳои ошкоршуда танзим карда мешаванд.

Ҳамаи масъалаҳои дар боло зикршуда ба мо имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои зерини фаъолияти баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои сохтмониро муайян намоем:

1. Дар соҳаи сохтмон, на танҳо бузургиҳои хароҷот, балки маблағи фоида низ бамеъёр даровардa мешавад (меъёраш пешакӣ муайян карда мешавад).

2. Стандартҳо ва меъёрҳо бисёрсатҳа буда, муқаррар карда мешаванд:

а) бо Қарорҳои Ҳукумат ва Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) аз ҷониби худи ташкилоти сохтмонӣ дар мувофиқа бо фармоишгар.

3. Баръакси саноат, ки тамоюлҳо ба ҳайати арзиши аслии маҳсулот дохил карда шуда, аз ҳисоби харидор ҷуброн карда мешавад, дар сохтмон ин масъала яке аз масъалаҳои асосӣ буда, танҳо бо шартномаи иҷрои корҳои сохтмонӣ танзим карда мешавад.

Баҳисобгирии идоракунӣ умуман ба ҳалли масъалаҳои баҳисобгирӣ, банақшагирӣ ва таҳлили хароҷот ва даромад сарукор мегирад, дар баробари ин, хусусияти асосии баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмон бамеъёрдарории нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Исайнов Ҳ.Р.**

### АДАБИЁТ


1. Аврова И.А. Управленческий учет / И.А. Аврова. -М.: Бератор-Пресс, 2003. -135 с.
2. Вандина О.Г. Теория и методология функционирования учетно-аналитической системы бизнес-процессов в строительных организациях: дисс. на соискание уч. ст. д.э.н. по спец. 08.00.12 - бухгалтерский учет, статистика / О.Г. Вандина. –Орел, 2012. -290 с.
3. Дастур оид ба муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти сохтмон (Қарори Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 31 аз 26 апрели соли 1999, банди 3.3.2.).
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1844 аз 23.12. 2021.
5. Методические рекомендации о порядке применения нормативов накладных расходов в строительстве (письмо Комитета по строительству и архитектуре при Правительстве РТ от 18.10.1993 №12-248).
6. Методические рекомендации по определению величины сметной прибыли при формировании сводных цен на строительную продукцию (письмо Минстроя СССР от 30.10.1990 №БФ-906/12).
7. НБМ 2/99"Баҳисобгирӣ аз рӯи шартномаҳои сохтмони асосӣ". Фармоиши Вазорати молияи ҶТ аз 20 декабри соли 1999, № 167.
8. Низомов, С.Ф. Влияние отраслевой специфики строительных предприятий на организацию управленческого учета / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. -№1. -С.307-313.
9. Низомов, С.Ф. Общеметодологические проблемы управленческого учета в строительном комплексе / С.Ф. Низомов // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – 2012. -№4(39). -С.78-86.
10. Низомов, С.Ф. Организация учета и управления затратами в строительных организациях / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -158 с.
11. Низомов, С.Ф. Организация учета производственных затрат в строительстве в условиях формирования рыночных отношений: на материалах Республики Таджикистан: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / С.Ф. Низомов. -Воронеж, 2001. -24 с.
12. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / С.Ф. Низомов. –М., 2011. -482 с.
13. Положение по калькулированию себестоимости строительной продукции (работ, услуг) // Утверждено приказом Комитета по делам архитектуры и строительства при Правительстве РТ от 15 декабря 1999 г., №45.
14. СНиП 4.03-91 "Ҷамъоварии меъёрҳои сметавӣ ва нархҳо барои истифодаи мошинҳои сохтмонӣ".
15. Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IAS) 11 «Шартномаҳо оид ба сохтмон». [Манбаи электронӣ]. URL: https://finacademy.net/materials/standartu-msfo/msfo-ias-11-dogovory-na-stroitelstvo
16. Фармоиши раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №__ аз 20___

**ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР СОХТМОНИ САНОАТӢ**

Дар мақола ҷанбаҳои амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмони саноатӣ омӯхта шуда, мавқеи баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми менеҷменти корхонаҳои сохтмонӣ муайян гардидааст. Баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон дорои хусусиятҳо, усулҳо, тарзу равишҳо ва принсипҳои ба худ хос буда, ҳамчун як соҳаи махсуси донишҳои иқтисодӣ баромад мекунад. Дар мақолаи мазкур низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои сохтмонӣ ҳамчун як системаи муттаҳидгардонидашудаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд дида шудааст, ки табдили иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилиро бо мақсади қабули қарорҳои фаврӣ, стратегӣ ва идоракунӣ таъмин менамояд. Ҷараёни татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ коркард карда шудааст, ки як чанд марҳиларо фаро мегирад. Равишҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар ташкилотҳои сохтмонӣ таҳқиқ карда, нақшаи вобастагии баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ муайян карда шудааст. Илова бар ин, дар мақола ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмон вобаста ба хусусиятҳои соҳавии он таҳия карда шудааст, ки пешбурди он чор марҳиларо дарбар мегирад. Инчунин, муайян кардани арзиши сохтмони саноатӣ ва манзилию шаҳрвандӣ тибқи сметаҳо баррасӣ шуда, тартиби муайян кардани арзиши аслии корҳои сохтмонию васлгарӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ коркард шудааст. Методикаи дар баҳисобгирии муҳосибии ташкилотҳо инъикоси корҳои сохтмонию васлкунӣ пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо**: баҳисобгирии идоракунӣ, ташкилоти сохтмонӣ, баҳисобгирии молиявӣ, корҳои сохтмонию васлкунӣ, арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ, сохтмон, меъёрҳои сметавӣ, сметаҳо, шартномаи сохтмонӣ, паймонкор.

**ОРГАНИЗАЦИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В ПРОМЫШЛЕННОМ СТРОИТЕЛЬСТВЕ**

В статье исследованы практические аспекты управленческого учета в промышленном строительстве, а также определено место управленческого учета в системе управления строительными предприятиями. Управленческий учет в сфере строительства имеет свои особенности, методы, подходы и принципы и выступает особой областью экономических знаний. В данной статье система управленческого учета в строительных организациях рассматривается как единая система взаимосвязанных элементов, обеспечивающая преобразование учетно-аналитической информации с целью принятия срочных, стратегических и управленческих решений. Разработан порядок внедрения усовершенствованного управленческого учета, который охватывает несколько этапов. Исследованы подходы к организации управленческого учета и финансового учета в строительных организациях, определен план зависимости финансового учета и управления. Кроме того, в статье описана организация управленческого учета в строительстве, исходя из его отраслевой характеристики, которая предполагает четыре этапа. Также рассмотрены вопросы определения стоимости промышленного, жилого и гражданского строительства по сметам, а также разработан порядок определения первоначальной стоимости строительно-монтажных работ в управленческом учете. Предложена методика отражения строительно-монтажных работ в бухгалтерском учете предприятий.

**Ключевые слова**: управленческий учет, строительная организация, финансовый учет, строительно-монтажные работы, себестоимость строительно-монтажных работ, строительства, сметные нормы, сметы, строительные договора, подрядчик.

**ORGANIZATION OF MANAGEMENT ACCOUNTING IN INDUSTRIAL CONSTRUCTION**

The article examines the practical aspects of management accounting in industrial construction, and also determines the place of management accounting in the management system of construction enterprises. Management accounting in the construction industry has its own characteristics, methods, approaches and principles and is a special area of economic knowledge. In this article, the management accounting system in construction organizations is considered as a unified system of interconnected elements that ensures the transformation of accounting and analytical information for the purpose of making urgent, strategic and management decisions. A procedure has been developed for the implementation of improved management accounting, which covers several stages. Approaches to the organization of management accounting and financial accounting in construction organizations have been studied, and a plan for the relationship between financial accounting and management has been determined. In addition, the article describes the organization of management accounting in construction based on its industry characteristics, which involves four stages. The issues of determining the cost of industrial, residential and civil construction according to estimates are also considered, and a procedure for determining the initial cost of construction and installation work in management accounting has been developed. A methodology for reflecting construction and installation work in the accounting of enterprises is proposed.

**Keywords**: management accounting, construction organization, financial accounting, construction and installation work, cost of construction and installation work, construction, estimate standards, estimates, construction contracts, contractor.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Расулов Додулло Тоҷиддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru**. Телефон: **(+992) 902219090**

***Икромова Малоҳат Холовна*** - Донишгоҳи техникии Тоҷикситон ба номи академик М.С. Осимӣ, ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмон. **Суроға**: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Академикҳо Раҷабов, 10. Телефон: **(+992) 917-52-31-68.** E-mail: **malo-8989@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Расулов Додулло Тоджиддинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru**. Телефон: **(+992) 902219090**
***Икромова Малохат Холовна*** - Таджикский технический университет М.С. Осими, ассистент кафедры экономики и управления в строительстве. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: **(+992) 917-52-31-68.** E-mail: **malo-8989@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Rasulov Dodullo Tojiddinovich*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Phone: **(+992) 902219090**
***Ikromova Malokhat Kholovna*** - Tajik Technical University M.S. Osimi, assistant at the Department of Economics and Management in Construction. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Street 10. Phone: **(+992) 917-52-31-68.** E-mail: **malo-8989@mail.ru**

ТДУ: 338.24(575.3)

# РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР МЕҲМОНХОНАҲО

*Ғуломова З.З.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди соҳаи сайёҳӣ ва меҳмонхонадорӣ барои иқтисодиёти кишвари мо хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Тамоюли рушди ин соҳаҳо ба зиёд гаштани дохилшавии асъори хориҷӣ аз ҳисоби зиёдшавии ташрифи сайёҳони хориҷӣ ва самаранок истифодабарии боигариҳои табиӣ, таърихӣ ва мадании мамлакат мусоидат менамояд. Бозори меҳмонхонаҳои ватанӣ, солҳои охир, пас аз қабул гардидани Стратегияву барномаҳои давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ, аз ҷумла, эълон гардидани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, қабул гадидани Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, боз ҳам рушд ёфта, дар тамоми шаҳру навоҳии кишвар меҳмонхонаҳои замонавӣ бунёд карда мешаванд, ки талаботҳои рӯзафзуни сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро бояд қонеъ гардонанд ва хизматрасонии онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошанд.

Барои таҳияи сиёсати давлатии рушди соҳаи меҳмонхонадорӣ, мавҷудияти иттиллооти лозимӣ оиди ҳолати ҳақиқии фаъолияти хоҷагидории меҳмонхонаҳо дар тамоми манотиқи кишвар ва субъектҳои индустрияи сайёҳӣ – барои муайян намудани стратегия ва тактикаи фаъолият дар бозор зарур аст. Вобаста ба ин, нақши таъминоти иттилоотии идоракунии фаъолияти хоҷагидории меҳмонхонаҳо, ки дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ташаккул меёбад, хеле афзун мегардад. Имрӯз, яке аз вазифаҳои муҳим ва мураккаби илми иқтисодӣ, ки ба асосҳои илмӣ-методии ташаккули захираҳои иттилоотии идоракунии корхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳо марбут аст, таъминоти иттилоотии босифат мебошад.

Вобаста ба рушди дастовардҳои илмӣ-техникӣ, самти моддӣ-техникии хизматрасониҳо беҳтар гардида, талабот ба хизматрасониҳои гуногун аз тарафи аҳолӣ, ба монанди кор, ҷараён, равиш, арзиш, натиҷа, фаъолият, муносибат, чорабинӣ зиёд мегардад.

Мутобиқи калимаҳои калидӣ мазмуни хизматрасониро чунин ифода намудан мумкин аст: кор аз рӯи фармоиш, ҷараёни ҳаракатҳои ҳиснашаванда, арзиши махсуси истеъмолӣ, ҷараёни таҳвили ҳолати объект, натиҷаи алоқаи мутақобилаи иҷроишгар ва истеъмолкунанда, фаъолияти истеҳсолӣ, неъмати ғайримоддӣ, муносибати меҳнати ҷамъиятӣ, чорабинӣ ё манфиат, ки истеҳсолкунанда метавонад ба истеъмолкунанда пешниҳод намояд.

Мақсади асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар тиҷорати меҳмонхонадорӣ – ин таъмин намудани роҳбарият, дигар кормандони меҳмонхонаҳо, хадамоти назоратӣ ва дигар истифодабарандагон бо иттилооти муфиди иқтисодӣ мебошад. Иттиллоот барои саривақт қабул кардани қарорҳои муҳимми идоракунӣ, барои истифодабарӣ ва тақсимоти захираҳои иқтисодӣ, меҳнатӣ ва назорати фаъолияти меҳмонхонаҳо зарур аст [10,с.64].

Мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ барои истифодабарандагони беруна – ташаккули иттиллоот оиди ҳолати молиявии меҳмонхона, натиҷаҳои молиявӣ ва тағйирёбии онҳо барои доираи васеи истифодабарандагони манфиатдор мебошад.

Хусусияти хосси меҳмонхона аз он иборат аст, ки якчанд самти фаъолият доранд, мутобиқан намудҳои гуногуни даромад аз фурӯш, ки асоси он даромад аз пешниҳоди ҳуҷраҳо, яъне фурӯши бевоситаи хизматрасонии меҳмонхонаҳо мебошад. Меҳмонхонаҳои муосир ба мизоҷони худ маҷмуаи умумии хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд. Бисёре аз меҳмонхонаҳо дар тавозуни худ тарабхона, ошхона, буфет, ҳаммом, таваққуфгоҳи мошинҳо ва ғайраро доранд, ки дар натиҷа маҷмуаи меҳмонхонаҳо ба низомҳои гуногуни андозбандӣ шомил мешаванд.

Баҳисобгирии муҳосибии меҳмонхонаҳо чунин нишондиҳандаҳоро таъмин менамояд:

• муайян кардани моҳияти иқтисодӣ, ченкунии амалиётҳои хоҷагидорӣ, инъикоси онҳо дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ бо мақсади истифодабарии минбаъда;

• коркарди маълумотҳои баҳисобгирӣ, нигаҳдории онҳо то лаҳзаи муйян, баъдан гурӯҳбандӣ ва ҷамъбаст намудани онҳо ҳамчун иттиллооти муфид (дохилӣ ва берунӣ);

• пешниҳоди ин иттилоот дар шакли ҳисобот ба шахсоне, ки барои қабули қарор масъуланд.

Мунтазам ҳуҷҷатикунонии амалиётҳои хоҷагидорӣ, бақайдгирии онҳо ва ҷамъбасткунии маълумот имкон медиҳад, ки иттилооти пурра ва эътимоднок оид ба корхона тайёр карда шуда, барои таҳия ва қабули қарорҳои асоснок дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ, баҳодиҳии фаъолияти корхона ва ҳолати молиявии он дар бозор истифода бурда шавад.

Талаботҳои умумии Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба корхонаҳо пешбинӣ менамояд, ки сиёсати баҳисобгириро ба мақсади баҳисобгирии идоракунӣ таҳия намоянд. Дар ин ҳуҷҷат нақшаи кории ҳисобҳо, тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисобот ба мақсади идоракунӣ пешбинӣ шуда, инчунин, шаклҳо ва муҳлати пешниҳоди онҳо бояд хусусияти тағйирёбандагӣ ва фаврӣ дошта бошанд.

Мутобиқи принсипи асосии ин низом, ҳисоботи идоракунӣ барои ҳар як шуъбаи меҳмонхона (маркази даромад ё маркази хароҷот) дар алоҳидагӣ таҳия карда мешавад, ки вобаста ба муносибат бо муайян намудани марказҳои масъулият барои тиҷорати меҳмонхонаҳо мувофиқа карда мешавад. Ба ғайр аз ин, хусусияти ин низом имконияти ташаккули ҳисоботи идоракунии чандирӣ ва мобилӣ мебошад, ки барои гирифтани иттилооти фаврӣ ва қабули саривақтӣ ва асосноки қарорҳои идоракунӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, ҷараёни мутобиқнамоии низоми USALI (The Uniform System of Accounts for the Lodging Industry – низоми стандартҳои ҳисоботи идоракунӣ дар тиҷорати меҳмонхонаҳо) ба вазъи баҳисобгирии идоракунии ватанӣ дар тиҷорати меҳмонхонадорӣ, вобаста ба сохтори мувофиқи идоракунии меҳмонхона имконият фароҳам оварда мешавад.

Ба сифати марказҳои масъулияти даромадҳои баҳисобгирии идоракунӣ барои ташаккули ҳисобот мутобиқи талаботҳои низоми USALI чунин воҳидҳои таркибӣ пешбинӣ карда мешаванд:

1.Фонди шумораи ҳуҷраҳо, ҳисоботи меҳмонхона, ки мувофиқи он даромад ва хароҷот ташаккул меёбанд, танҳо ба ҳуҷраҳои барои зист дахл доранд.

2. Зерсохторҳое, ки хизматрасониҳои иловагӣ мерасонанд (толори варзишӣ, марказҳои тиҷоратӣ, толор барои конфронсҳо, таваққуфгоҳ барои нақлиёт ва ғайра). Дар ҳисобот оиди ин марказ даромадҳо ва хароҷоте инъикос меёбанд, ки ба таври истисно ба фаъолияти воҳиди сохтории “хизматрасониҳои иловагӣ” дахл доранд. Аммо, дар як вақт эҳтимолияти тартиб додани ҳисобот оиди ҳар як хизматрасонӣ дар алоҳидагӣ низ ба инобат гирифта мешавад.

3. Шуъбаи додани иншоот ба иҷора барои идора, барои хизматрасонии меҳмонон (мағозаи тухфаҳо, толори ороишӣ-зебоӣ, банкомат). Ҳисобот оид ба ин самти фаъолият барои гирифтани иттилооти идоракунӣ, яке аз намудҳои асосии гирифтани даромад – аз пешниҳоди иншооти идоравӣ ё тиҷоратӣ ба иҷора, ки метавонад дар маблағи умумӣ ё бо шартномаҳои иҷоравии мушаххас пешниҳод карда шавад.

Марказҳои хароҷоти меҳмонхона бевосита дар хизматрасонии меҳмонхона иштирок наменамоянд ва шуъбаҳои истеҳсолиро дастгирӣ менамоянд. Ин марказҳо даромадро тавлид намекунанд, роҳбарони ин шуъбаҳо танҳо ба назорати хароҷоти муайян ва кам кардани онҳо ҷавобгаранд.

Дар мавриди сохторбандии марказҳои масъулияте, ки хароҷотро амалӣ менамоянд, зарурати ҷудо намудани муҳимтарин гурӯҳҳои хароҷоти комплексии маҷмуаи меҳмонхонаҳо бояд ба инобат гирифта шаванд.

Мутобиқи маълумотҳои ин принсип, дар рафти таҳқиқот чунин марказҳои хароҷот ҷудо карда шуданд:

1. *Роҳбарият.* Ҳисобот оиди ин зерсохтор маълумот оид ба хароҷоти асосии умумихоҷагии фаъолияти меҳмонхонаро дар умум дарбар мегирад ва ба ягон маркази хароҷоти меҳмонхона бевосита ҳамроҳ карда намешавад.

2. *Шуъбаи маркетинг.* Ҳисобот оиди ин маркази масъулият иттилоотро доир ба ҳама хароҷоти вобаста ба пешбурди хизматрасонии меҳмонхонаҳо дар бозорро инъикос менамояд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳисобот ба се қисмати таркибӣ тақсим карда шавад: фурӯш; тарғибот (реклама) ва пешбурд дар бозор; подошҳо ва ҳавасмандкунӣ. Дар қисми аввал, бояд он хароҷоте гурӯҳбандӣ карда шаванд, ки ба фаъолияти ҷории ин зерсохтори таркибӣ дахл доранд. Дар қисмати дуввум, моддаҳои хароҷоте ҳамҷоя карда шудаанд, ки воситаҳои пешбурди меҳмонхонаро дар бозори мақсаднок тавсиф менамоянд. Дар қисми сеюм, хароҷоти махсуси маркетингӣ, ба монанди подошҳо ва ҳавасмандкуниҳо ҷамъ оварда шудаанд, ки ба пешбурди хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо мусоидат менамояд.

3. *Хадамоти техникӣ.* Ҳисобот оиди ин зерсохтор хароҷоти назаррас ё эҳтимолан назаррасро, барои таҳлилу баҳодиҳии бузургӣ ва асосноккунии хароҷот оиди дастгирии техникии меҳмонхона муайян менамояд. Моддаи асосии ин маркази хароҷотро хароҷоти коммуналӣ ташкил медиҳад. Дар ҳисоботи ин марказ масъулият пешбинӣ мешавад, ки хароҷоти муҳим барои таҳлили моддаҳои хароҷоти коммуналӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд.

4. *Шуъбаи кадрҳо.* Ин маркази хароҷот барои таҳлили хароҷоти барилова, ки ба кормандон алоқаманд аст, истифода бурда мешавад. Ба ин хароҷот пешниҳод карда мешавад, ки хароҷоти омӯзиш, табобат ва ҳавасмандии моддии кормандони штатии меҳмонхонаро дохил карда шаванд. Таҳқиқоти гузарондашуда нишон медиҳад, ки ҳиссаи хароҷоти нишондодашудаи зерсохтори мазкур дар тиҷорати меҳмонхонадорӣ бартарӣ дорад.

5. *Муҳосибот*, ки андозҳо ва маблағҳои ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионии муайяншудаи ба фаъолияти корхона вобаста набударо ба ҳисоб мегирад. Ҳисоботи ин маркази хароҷот номгӯйи моддаҳои андози пардохткунандаи меҳмонхона, ки асоси онро арзиши амволи худии меҳмонхона (андоз аз молу мулки ғайриманқул, андози замин) ташкил медиҳад, инчунин, маблағҳои ҳисобкардашудаи фарсудашавии дороиҳои дарозмуҳлатро дарбар мегирад.

Вобаста ба амсилаи расмии қабули қарорҳои идоракунӣ ва мутобиқи принсипи асосии USALI, ташаккули ҳисоботи идоракунӣ, вобаста аз ҳар як маркази масъулияти меҳмонхона (маркази даромад ва хароҷот) дар алоҳидагӣ ба роҳ монда мешавад. Шакли ҳисоботи иттилоотӣ, мутобиқи талаботҳои USALI тарзе тартиб дода мешавад, ки фаҳмиши осонро таъмин намояд, ки барои таҳлил, муқоисакунии нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ ва нақшавии соли ҳисоботӣ ва соли гузашта мусоидат намояд.

Барои фаъолияти самаранок ва аниқ инъикос намудани ҳолати ҳақиқии молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳо чунин имкониятҳои алтернативии пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро пешниҳод намудан мумкин аст:

-тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаи гардиши ҳуҷҷатҳо, ки то ҳол дар корхона мавҷуд нест;

-таъминоти назорати дохилӣ аз рӯи сиёсати баҳисобгирӣ, иловакунӣ ва тағйирёбии он бо ҷорӣ намудани хадамоти аудити дохилӣ ё комиссияи тафтишотӣ;

-ҷорӣ намудани низоми ҳисоботи идоракунӣ аз рӯи марказҳои даромад ва хароҷот;

-дар вақти таҳияи буҷет, қабули қарор оиди масъалаҳои буҷетикунонӣ, тасдиқи буҷети меҳмонхона ва назорат оиди иҷроиши он, ташкил намудани идораи фаврӣ, бо номи кумитаи буҷетӣ;

-чараёни буҷетикунониро дар ҳуҷҷати алоҳидаи “Реҷаи ҷараёни буҷетикунонӣ” дарҷ кардан;

-таҳлили ҳармоҳаи майлкуниҳо байни нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ ва буҷетӣ барои ҳар як моҳ ва маҷмуаи ҷамъшуда аз аввали сол. Майлкуниҳои муайяншуда бояд ба роҳбари маркази масъулият барои қабули чораҳои ислоҳии зарурӣ дар ҷараёни корӣ пешниҳод карда шаванд.

Хусусиятҳои баҳисобгирӣ дар меҳмонхона, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки иттилооти муҳосибӣ асосан дар воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти ёрирасони он тавлид ва коркард карда мешаванд. Ин хадамот вазифадоранд, ки баҳисобгирии фавриро ба роҳ монанд, маълумотҳоро саривақт ба муҳосибот пешниҳод намоянд, то ки дар муҳосибот онҳо гурӯҳбандӣ ва коркарди ниҳоӣ шаванд. Аз фаврӣ ва дақиқ будани чунин

баҳисобгирӣ, эътимоднокӣ ва саривақт инъикос шудани амалиётҳои хоҷагидорӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва мувофиқан, дуруст ҳисоб кардан ва пардохти андозҳо вобастагӣ дорад. Махсусан, аз маълумотҳои баҳисобгирии фаврии хадамоти ҷойгиркунӣ, ҷойбандкунӣ ва фурӯши шумораи ҳуҷраҳо, дуруст муайян намудани даромад аз фурӯши хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо ва дар ҳисобгирӣ инъикос ёфтани пешпардохтҳои гирифташуда вобастагӣ дорад.

Маҷмуаҳои муосири меҳмонхонаҳо барои ҷалби бештари мизоҷон шаклҳои нави хизматрасониро пешниҳод менамоянд, ки ба зиёдшавии сайёҳон мусоидат менамояд. Дар як вақт ин барои ташаккули арзиши намудҳои нави хизматрасонӣ ва мураккабшавии таркиби хароҷот душворӣ меоварад. Ин ба мутаносибан баландшавии хавфи хатогиҳо ва таҳрифоти баҳисобгирӣ меорад, ки зарурати пурзӯр намудани низоми назорати дохилии дар ҳисобгирӣ инъикос намудани намуди мутобиқи хароҷотро талаб менамояд [4,с.191].

Самти фаъолияти меҳмонхонаҳо номгӯи васеи хароҷоти арзиши аслии фонди ҳуҷраҳоро муайян менамояд. Аммо, амалҳои ҳисобкунӣ ва равишҳои методологии амиқ дар амалия вуҷуд надоранд [9,с.64]. Истифодабарии алгоритми ҳисобкунии арзиши фонди ҳуҷраҳоро бо ҳисоби нозукиҳояш пешниҳод менамоем:

– калкулятсия барои ҳар як категорияи ҳуҷраҳо (масалан, як-, ду-, сенафара, люкс ва ғ.) дар алоҳидагӣ тартиб дода мешавад;

– хароҷот ба доимӣ ва тағйирёбанда ҷудо карда мешаванд.

Хароҷоти тағйирёбанда, ки бо масрафоти моддӣ барои ҳар як меҳмон алоқаманд аст, аз категорияи ҳуҷра, стандартҳои хизматрасонӣ дар меҳмонхона (арзиши аслии шустушӯи ҷойхобҳо, субҳона ва ғ.) вобастагӣ дорад.

Маблағи хароҷоти доимӣ (хароҷоти музди меҳнат, аъзоҳаққии суғурта, арзиши либосҳои махсуси хизматрасонӣ, муоинаи тибии кормандони хизматрасон, иҷораи иншоот, хадамоти алоқа, коммуналӣ ва дигар хароҷоти идоракунӣ) байни фонди ҳуҷраҳо чунин тақсим карда мешаванд:

– мутаносибан ба миқдори ҳуҷраҳо (масалан арзиши либоси ягона, хизматрасонии алоқа, хароҷоти идоракунӣ);

– мутаносиби масоҳати шартии ҳуҷра ба масоҳати умумии фонди умумии ҳуҷраҳо (масалан, тоза кардани ҳуҷраҳо).

Ҳаҷми назаррас ва хусусиятҳои соҳавии ҳисоботи меҳмонхонаҳо оиди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ба идоракунандагон имконият медиҳад, ки иттилоотро барои давраи ҳисоботиии ҷории фаъолияти меҳмонхона ва ҷараёнҳои тиҷоратии дарозмуддат ба даст оранд [11,с.124].

Ҳисоботи идоракунӣ доир ба идоракунии фаврии маҷмуаи меҳмонхона иттилоот дорад, ки бояд шабонарӯзӣ, дар охири рӯз, вобаста ба пуршавии ҳуҷраҳо ва гирифтани даромад нав карда шаванд. Ин имконият медиҳад, ки натанҳо марказҳои ҷойгиркунӣ, инчунин, марказҳои зерсохторҳо, ки фаъолияти бетанаффуси ҳамаи меҳмонхонаро таъмин менамоянд, муътадил кор кунанд.

Дар шароити рушди тиҷорати меҳмонхонадорӣ, зарурат ба иттилооти фаврӣ, барои соҳибмулкон, ки дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии гирифтани даромад ва сарфи хароҷот барои расондани хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо ташаккул меёбад, хеле мефзояд.

Коркарди нокифояи тавсияҳои методӣ оиди ташаккули ҳисоботи идоракунӣ, ҳамчун сарчашмаи назорати дохилии тиҷорати меҳмонхонаҳо, таҳқиқи ин масъаларо талаб менамояд [2,с.35].

Мутобиқи амалияи ватании таркиби ташкилии меҳмонхонаҳои зиёди фаъолияткунанда, метавонем чунин шаклҳои ҳисоботи идоракуниро аз рӯи марказҳои масъулият ҷудо намоем:

– ҳисоботи идоракунӣ оиди даромадҳо;

– ҳисоботи идоракунӣ оиди хароҷоти тақсимнашуда;

– ҳисоботи идоракунӣ оиди хароҷоти бетағйир;

– ҳисоботи маҷмуӣ.

Дар шаклҳои ҳисобот номгӯи хароҷоти меҳмонхона, натиҷаи фаъолият барои давраи ҳисоботии ҷорӣ ва ҳамин давраи гузашта мувофиқи нақша ва ҳақиқӣ инъикос меёбанд, ки

нишондиҳандаи нақшавӣ маблағи тасдиқшудаи буҷет барои давраи ҳисоботии ҷорӣ (моҳ, семоҳа ва ғ.), ҳамчун қисми буҷети солона пешбинӣ мешавад.

Ҳисоботҳо аз рӯи таркиб бояд аз ду қисмат иборат бошанд:

– дар бахши даромадҳо: маркази масъулияти алоҳида ва майлкуниҳо аз буҷети нақшавӣ барои давраи ҳисоботии ҷорӣ;

– дар бахши хароҷот, маркази масъулияти алоҳида.

Меҳмонхона бояд дар нақшаи кории ҳисобҳо ва сиёсати баҳисобгирӣ ҳисобҳои таҳлилиро мувофиқи баҳисобгирии идоракунии бароҳмондашуда дохил намуда, тасдиқ намоянд, ки баҳисобгирии намудҳои даромад ва хароҷотро осон мегардонанд.

Ҳамин тавр, барои ташаккули ҳисоботҳои идоракунӣ марказҳои масъулиятро оиди даромадҳо чунин тавсия медиҳем:

– фонди миқдори ҳуҷраҳо;

– хизматрасониҳои иловагӣ аз рӯи намуди онҳо (толори истироҳатӣ, варзишӣ, ороишӣ ва ғ.);

– хизматрасониҳо оиди иҷораи иншоотҳои идоравӣ ва тиҷоратӣ;

– ҳисоботҳо оиди марказҳои хароҷоте, ки барои гирифтани фоидаи марказҳои даромад роҳбарӣ ва назорат мекунанд;

– роҳбарият (хароҷоти умумии меҳмонхонаҳо);

– шуъбаи маркетинг (иттилоот оиди хароҷоти пешбарӣ кардани хизматрасониҳои тиҷорати меҳмонхонаҳо дар бозор);

– шуъбаи барои хизматрасониҳои хоҷагии коммуналию манзилӣ масъул;

– шуъбаи кадрҳо (хароҷот барои бозомӯзии кормандон, ҳавасмандкунии моддӣ ва ғ.);

– шуъбаи муҳосибот, барои таҳияи ҳисобот оиди андозҳо ва ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ.

Низоми амалкунандаи ташаккули ҳисоботи меҳмонхонаҳо талаботи ҳайати идоракунандаро оиди иттилооти шакли ягона қонеъ гардонда наметавонад, ки идоракунии ҷараёни молиявӣ, фоиданокӣ ва имконияти гирифтани маблағгузориҳои хориҷиро душвор мегардонад [8,с.251].

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии баҳисобгирӣ ва назорат, бояд низоми назорати дохилӣ такмил дода шавад. Дар меҳмонхонаҳо бояд ҳама зерсохторҳои истеҳсолие, ки ҳамчун марказҳои даромад бевосита ба хизматрсонӣ машғуланд, назорат карда шаванд. Марказҳои хароҷот дар намуди менеҷерон, роҳбарон ва муҳосибон байни зерсохторҳои меҳмонхона алоқаи тиҷоратӣ ташкил мекунанд.

Ба вазифаҳои асосии назорати дохилӣ дохил мешаванд:

1) кам кардани хавфи аз даст додани даромад (сӯйистифода, қаллобӣ ё пурра нишон надодани даромад);

2) дурустии ҳама амалиётҳои молиявӣ (дохил нашудани пардохтҳо ё нодуруст нишон додани маблағҳои пулӣ);

3) назорати қарздориҳои дебиторӣ ё гирифтани пардохти саривақтии қарзҳо аз ширкатҳо.

Аз маълумотҳои баҳисобгирии фаврии хадамоти ҷойгиркунӣ, ҷойбандкунӣ ва фурӯши фонди ҳуҷраҳо, дуруст муайян намудани даромад аз фурӯши хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо ва дар ҳисобгирӣ инъикос намудани пешпардохтҳои гирифташуда вобастагӣ дорад. Дар тиҷорати меҳмонхонаҳо хавфҳои муҳимтарин, ин хавфи пардохт накардан ва хавфи аз даст додани даромад мебошанд. Барои фонди ҳуҷраҳо, чун қоида, хавфи пардохт накардан дар вақти рафтан ё набудани назорат оиди дохилшавии пардохт мебошад. Қисмати дигаре, ки барои риояи низоми назорат зарур аст, ин пардохти маблағи зист мебошад. Дар мавриди банд кардани ҳуҷраҳо аз низом ташкили ҳисоб барои пешпардохт тавсия дода мешавад, дохилшавии воситаҳои пулиро ба ҳисоби меҳмонхона бояд тасдиқ намуд. Пурра дохилшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби меҳмонхона дар шакли даромадро дониста, санҷиши ҳамарӯзаро набояд сарфи назар намуд.

Муҳосибот ҳама ҳуҷҷатҳои ба кори фонди ҳуҷраҳо ва хадамоти тарабхона алоқамандро месанҷад. Пардохтҳои нақдӣ, ғайринақдӣ ва кортҳо санҷида мешаванд, дар охири рӯзи корӣ ҳама чекҳо, ҳуҷҷатҳо тафтиш карда шуда, дар муҳосиботи корхона

ҳамчун даромад аз фурӯши рӯзона ба қайд гирифта мешаванд. Хусусан дар вақти маҳкам шудани басти корӣ ё рӯзи корӣ, ҳисоботи хазина тартиб дода шуда, воситаҳои пулӣ супорида мешаванд.

Ҳамин тавр, аз ҳалли масъалаҳои дар боло гузошташуда, самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии меҳмонхонаҳо вобастагӣ дошта, дар умум ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти он таъсири хуб мерасонад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Аудит ва ибрози эътимод / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, М.В. Калемуллоев, С.Х. Раҳимов. - Душанбе: Мега-принт, 2020. -364 с.
2. Ваганова О.Е. Роль внутреннего аудита в управлении субъектом бизнеса в Российской Федерации / О.Е. Ваганова // Экономическая безопасность и качество. - 2018. -№2(31). -С.35-39.
3. Внутренний аудит / С.Ф. Низомов, Хушвахтзода К.Х., А.А. Мирзоалиев [и др.]. – 2-е издание, переработанное и дополненное. -Душанбе: Ирфон, 2021. -190 с.
4. Коблова Г.И. Особенности выбора системы налогообложения предприятий в отрасли гостиничной индустрии / Г.И. Коблова, О.Е. Ваганова // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. - 2018. -№5(74). -С.191–194.
5. Низомов, С.Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. -№2-1(9). -С.216-221.
6. Низомов, С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. -№2. -С.73-76.
7. Пласкова, Н.С. Развитие методологии учетно-аналитического обеспечения системы управления организацией. Одобрено на заседании учебно-методического совета Таджикского национального университета / Н.С. Пласкова, Хушвахтзода К.Х. -Душанбе: Эр-граф, 2022. -276 с.
8. Тертерян Т.С. Порядок определения критериев эффективности внутреннего контроля экономического субъекта / Т.С. Тертерян, О.Е. Ваганова // Методы и технологии учета, анализа и управления: сб. науч. ст. участников конференции «Перспективы учета, анализа и налогообложения в странах членах СНГ»; сост. Н.Н. Горбачёв, Л.М. Корчагина. -Минск, 2018. -С.249-251.
9. Учетно-аналитическое обеспечение деятельности экономических субъектов различных отраслей в условиях формирования цифровой экономики: коллективная монография / А.И. Аукина, О.Е. Ваганова, Н.А. Евдокимова, Г.И. Коблова, Е.Н. Макарова, А.В. Никорюкин, Е.С. Федотова, О.С. Чушинская, И.В. Шапошникова. -Саратов: Саратовский социально-экономический институт (филиал) РЭУ им. Г.В. Плеханова, 2019. -С.64.
10. Феоктистов И.А. Гостиничный бизнес. Особенности бухгалтерского учета и налогообложения; ГроссМедиа, РОСБУХ / И.А. Феоктистов. –М., 2014. -224 с.
11. Хамидова М.И. Сравнительный анализ налоговых режимов на гостиничный бизнес / М.И. Хамидова, Е.С. Федотова // Факторы успеха. - 2018. -№2(11). -С.124-127.
12. Экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развития в условиях цифровой экономики: материалы международной научно-практической конференции посвященной 80-летию Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, доктора экономических наук, профессора Уракова Д.У. Душанбе, 21–23 мая 2022 года. -Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. -408 с.


## РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР МЕҲМОНХОНАҲО


Дар мақола ҳолати муосири низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, роҳҳои такмили он дар шароити рушди бозори хизматрасонии тиҷорати меҳмонхонаҳо таҳлил карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот механизми таҳияи сиёсати давлатии рушди соҳаи меҳмонхонадорӣ, мавҷудияти иттилооти зарурӣ оиди фаъолияти меҳмонхонаҳо, ҳамчун субъекти индустрияи сайёҳӣ – барои муайян намудани стратегияи рушд тавзеҳ ёфтааст. Инчунин, ҳангоми таҳқиқ муайян гардид, ки иттилооти саҳеҳ ва боэътмоди баҳисобгирии муҳосибӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ, инчунин, низоми самаронки назорати дохилӣ – ба рушди минбаъдаи меҳмонхонаҳои ватанӣ мусоидат намуда, мавқеи онҳоро дар бозори тиҷорати меҳмонхонаҳо мустаҳкам менамояд. Муайян карда шуд, ки дар шароити муосир, ҷараёни мутобиқнамоии меҳмонхонаҳои ватанӣ ба низоми байналмилалии USALI вазъи баҳисобгирии идоракунии меҳмонхонаҳоро беҳтар менамояд. Масъалаи такмил додани баҳисобгирии идоракунӣ ва ташкили марказҳои масъулият имкон медиҳад, ки даромад, хароҷот ва натиҷаҳои молиявии меҳмонхонаҳо дуруст ба ҳисоб гирифта ва назорат карда шаванд. Инчунин, қабули сиёсати баҳисобгирӣ ва тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисобот мутобиқи талаботҳои СБҲМ бо мақсади баҳисобгирии идоракунӣ барои меҳмонхонаҳо мувофиқи мақсад дониста шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши маводҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда баъзе монеаҳо муайян карда шудаанд, ки барои бартараф намудани онҳо тавсияву пешниҳодҳо дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** меҳмонхона, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, тиҷорати меҳмонхонаҳо, баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, назорати дохилӣ, маркази масъулият, маркази даромад, маркази хароҷот, ҳисоботи идоракунӣ.

## ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА И ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ В ГОСТИНИЦАХ

В статье рассматривается современное состояние системы бухгалтерского учета и внутреннего контроля, а также анализируются пути ее совершенствования в условиях развития рынка услуг гостиничного бизнеса. В процессе исследования поясняется механизм разработки государственной политики развития гостиничной отрасли, наличие необходимой информации о деятельности гостиниц как субъекта туристической отрасли для определения стратегии развития. Также в ходе исследования было определено, что точная и достоверная учетная информация для внутренних и внешних пользователей, а также эффективная система внутреннего контроля - способствуют дальнейшему развитию отечественных гостиниц и укреплению их позиций на рынке гостиничного бизнеса. Определено, что в современных условиях процесс адаптации отечественных гостиниц к международной системе USALI улучшает управленческий учет гостиничного комплекса. Вопрос совершенствования управленческого учета и организации центров ответственности позволит правильно учитывать и контролировать доходы, расходы и финансовые результаты гостиниц. Также целесообразным считается принятие учетной политики и порядка подготовки и представления отчетности в соответствии с требованиями МСФО для целей управленческого учета гостиниц. В результате изучения научных материалов, относящихся к исследуемой теме, выявлены некоторые препятствия, даны рекомендации и предложения по их преодолению.

**Ключевые слова:** гостиница, туризм, услуги, гостиничный бизнес, бухгалтерский учет, управленческий учет, внутренний контроль, центр ответственности, центр доходов, центр затрат, управленческая отчетность.

## WAYS OF IMPROVING THE SYSTEM OF ACCOUNTING AND INTERNAL CONTROL IN HOTELS

The article discusses the modern state of the accounting system and internal control, and the ways of its improvement in the conditions of the development of the hotel business service market are analyzed. In the process of research, the mechanism of development of the state policy for the development of the hotel industry, the availability of necessary information on the operation of hotels as a subject of the tourism industry - to determine the development strategy is explained. It was also determined during the research that accurate and reliable accounting information for internal and external users, as well as an effective system of internal control - contribute to the further development of domestic hotels and strengthen their position in the hotel business market. It was determined that in modern conditions, the process of adaptation of domestic hotels to the international USALI system improves the accounting situation of hotel management. The issue of improving management accounting and the organization of responsibility centers will allow the income, expenses and financial results of hotels to be properly accounted for and controlled. Also, the adoption of the accounting policy and the procedure for the preparation and submission of reports in accordance with the requirements of IFRS for the purpose of management accounting for hotels has been deemed appropriate. As a result of the study of scientific materials related to the researched topic, some obstacles have been identified, recommendations and suggestions have been made to overcome them.

**Keywords:** hotel, tourism, services, hotel business, accounting, management accounting, internal control, responsibility center, revenue center, cost center, management reporting.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғуломова Зевар Зафархоҷаевна* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 888511001.** E-mail**: zevar.qulomova@yandex.ru**

**Сведения об авторе:** ***Гуломова Зевар Зафарходжаевна*** **–** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 888511001.** E-mail**: zevar.qulomova@yandex.ru**

**Information about the author:** ***Gulomova Zevar Zafarkhodzhaevna*** – Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 888511001**. E-mail: **zevar.qulomova@yandex.ru**

ТДУ: 338. 431 (575.3)

# АСОСҲОИ ИЛМИИ ТАШАККУЛИ БОЗОР ВА РАВНАҚИ БОЗОРҲОИ АГРООЗУҚАВОРӢ

*Худойбердиева З.С.,Худойбердиева Ф.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихи асрҳои охир нишон медиҳад, ки роҳ ба сохти бозорӣ, ба сӯи эътирофи умум душвор, пур аз монеа ва зиддиятҳо буд. Аммо ин далел, ки дар остонаи асри XXI аслан ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ба бунёди иқтисоди бозоргонии натиҷабахш ҳаракат карданд, аз манфиати ин сохтор шаҳодат медиҳад. Ҳатто ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ дар таҷрибаи идоракунии мутамаркази иқтисодӣ ба ноком̣ӣ дучор шуда, ба усулҳои бозории рушди хоҷагидорӣ бармегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин ҷода дар канор намонд. Татбиқи ислоҳоти бозорӣ дар мамлакати мо ҳам дар сатҳи дарки назариявӣ, ҳам дар амалияи истифодабарии консепсияҳои гуногуни иқтисодии ин раванд бисёр мушкилот ва зиддиятҳоро ошкор намуд. Гарчанде имрӯз «бозор» яке аз категорияҳои маъмултарини назарияи иқтисодӣ ва амалияи соҳибкорӣ ба ҳисоб равад ҳам, дар нашрияҳои илмӣ оид ба мазмуни ин мафҳум баҳси васеъ ба миён омадааст.

Бозор на танҳо категорияи умумии иқтисодиест, ки бо ин ё он дараҷа ба тамоми марҳилаҳои инкишофи тамаддун мансуб аст, балки ҳамзамон, мафҳуми мураккаби иҷтимоию фалсафӣ низ мебошад. Он умуман бо соҳаи иқтисодиёт маҳдуд намешавад. Бозор ҳамчун натиҷаи рушди табиию таърихии ҷамъияти инсонӣ хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ, динӣ ва психологии пешравии халқҳоеро фаро мегирад, ки тамоми сарвати анъанаҳои чандинасраи тартиби муштараки ҳаёти маданӣ ва иқтисодиро аз худ кардаанд. Ана ҳамин чиз хусусиятҳои бозори муосир ва низоми бозориро дар мамлакатҳои гуногун муайян мекунад. Бозор дар тамоми тамаддунҳо ҷой дошт, аммо нақши он дар онҳо хеле фарқ мекунад. Ин омилро, ки муносибатҳои бозорӣ имрӯз ҳам ниҳоят комил нестанд, ин тавр шарҳ додан мумкин аст, ки умуман камолот табиатан дастнорас аст.

Бо назардошти мураккабии ин проблема хеле муҳим аст, ки моҳияти бозор дар сатҳи назариявию методологӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ муқаррар ва шартҳои асосии ташаккули он муайян карда шаванд. Қобили қайд аст, ки донистани хусусиятҳои асосии «бозор» ва проблемаҳои методологии ба ин вобастаи ташаккул ва рушди он, баъдан таҳлил ва баҳогузории натиҷаҳои фаъолияти он объективона ошкор намудани аппарати мафҳумиро дар бар мегирад, ки қисми мазмунии категорияро муайян мекунад. Бозор – ҳамчун категорияи назарияи иқтисодӣ ва падидаи амалияи хоҷагидорӣ ҷузъи ҷудонопазири истеҳсолоти молӣ мебошад. Зарурати объективии пайдоиши он бо худи ҳамон сабабҳое ба миён меояд, ки ногузирии мавҷудияти истеҳсолоти молӣ, аниқатараш инкишофи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва мустақилкунонии истеҳсолкунандагони молро муайян мекунанд.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ тафсирҳои гуногуни мафҳуми «бозор» мавҷуданд. Масалан, иқтисоддони амрикоӣ Филип Котлер бозорро ҳамчун ҷамъи харидорони мавҷуда ва эҳтимолии мол тавсиф мекунад. Бозор ҷойест, ки дар он мол (ё хизматрасонӣ) харида ва фурӯхта мешавад. Ин содатарин мафҳуми бозор аст. Ҳоло таърифҳои зиёди мафҳуми бозор вуҷуд доранд. Дар баробари инкишофёбии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, мафҳуми «бозор» торафт васеътар шуда, моҳиятан ҳамчун муродифи доираи муомилот дарк карда мешуд. Иқтисодчиён Э. Долан ва Д. Линдсей бозорро ҳамчун ҳар гуна муносибате мефаҳманд, ки ба он одамон барои тиҷорат бо ҳамдигар ворид мешаванд [14,с.496].

Бозор ҷойест, ки харидорон ва фурӯшандагони маҳсулот ё хизмарасонии муайян бо ҳам вомехӯранд. Дар илм мафҳуми бозор маҷмуи шартҳое мебошад, ки ба шарофати онҳо фурӯшандагон ва харидорони мол (хизматрасонӣ) бо нархи маслиҳатшуда харид ё фурӯши маҳсулот (хизматрасонӣ)-ро анҷом медиҳанд.

К.Макконнелл ва С.Брю чунин мешуморанд, ки бозор асбоб ё механизмест, ки фурӯшандагон (пешниҳодкунандагони талабот) ва фурӯшандагон (таъминкунандагон)-и молу хизматҳои алоҳидаро ба ҳам меорад [7,с.399].

Дар Тоҷикистон ҷанбаҳои муайяни рушду фаъолияти бозорҳои агроозуқаворӣ минтақавӣ, дар маҷмуъ ва бозори маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷумла, дар асарҳои Н.И. Амирова, Р.Р. Қудратова, Р.К. Раҳимова, И.А. Асророва, Н.К. Қаюмова, А.А. Мадаминова, Х.Г. Ғафурова, Ҳ.А. Одинаев, Қ.Қ. Давлатов, Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ҷ.С. Пириева, Х.У. Умарова, Т.Б. Ғаниев, З.А. Раҳимова, Р.К. Раҷабов, З. Султанова, И.Х. Самандаров ва дигарон. Таҳқиқоти муаллифони тоҷик асосан ба ҳалли проблемаҳои муайяни фаъолияти муътадили саноат ба назар гирифтани ноороміҳои муҳити берунӣ ва озод кардани муносибатҳои тиҷоратӣ нигаронида шудааст.

Мафҳуми «муомила» моро бевосита ба бозор мебарад. Бозор ин маҷмуи харидорони мавҷуда ва эҳтимолии маҳсулот мебошад. Барои фаҳмидани табиати бозор як ҷомеаи ибтидоии иқтисодиро аз чор нафар: моҳигир, шикорчӣ, кулолгар ва деҳқон тасаввур мекунем. Дар расми 3 се роҳи гуногуни қонеъ кардани ниёзҳои ин одамон нишон дода шудааст. Роҳи аввал, ин худтаъминкунӣ мебошад, вақте ҳар кадоми онҳо ҳама чизи барои худ заруриро мустақилона ба даст оварда метавонад. Масалан, моҳигир бештари вақти худро ба моҳидорӣ гузаронида, боқимондаашро ба шикор, кулолгарӣ ва деҳқонӣ сарф мекунад, то ки худро бо ҳама чизҳои зарурӣ таъмин намояд. Зимнан самаранокии фаъолияти моҳидории ӯ мисли самаранокии дигарон, ки бо кори асосии худ машғуланд, паст мешавад. Тарзи дуюм, ин мубодилаи ғайримарказонидашуда аст, вақте ҳар як нафар ҳамаи се нафари дигарро ҳамчун "харидори" эҳтимолии бозорашро ташкилдиҳанда мебинад. Моҳигир метавонад ба назди шикорчӣ, кулолгар ва деҳқон (ҳар якеро алоҳида) ташриф орад, то ин ки моҳии худро бо моли онҳо иваз кунад. Тарзи сеюм, мубодилаи мутамарказест, ки дар он як шахси нав пайдо мешавад, ки тоҷир ном дорад ва дар маркази байни онҳо, дар ҷое ҷойгир аст, ки шартан "майдони бозор" ном дорад. Ҳар яке аз чаҳор нафар моли худро ба назди тоҷир мебарад ва бо ҳар чизе ки лозим аст, иваз мекунад.

Ҳамин тавр, моҳигир барои ба даст овардани моли пешниҳодкардаи дигарон на бо се нафари алоҳида, балки бо як «бозор» сару кор дорад. Пайдошавии тоҷир миқдори умумии муомилотро, ки барои анҷом додани мубодила дар ҳаҷми муайян заруранд, якбора кам мекунад. Ба ибораи дигар, тоҷир ва бозори марказӣ самаранокии тиҷоративу амалиётии иқтисодиётро баланд мекунанд.

Дар баробари зиёд шудани шумораи шахсони воқеӣ ва муомилот шумораи тоҷирон ва бозорҳо низ зиёд мешавад. Дар ҷомеаи пешрафта бозор ҳатман маконе нест, ки он ҷо харидорон ва фурӯшандагон мулоқот ва муомилот кунанд. Тоҷир метавонад бо мавҷудияти воситаҳои муосири алоқа ва нақлиёт бегоҳ тавассути интернет ё телевизион молро таблиғ кунад, садҳо фармоишро аз муштариён ҷамъ орад ва худи рӯзи дигар бидуни ворид шудан ба мулоқоти рӯ ба рӯ ба воситаи почта ё дигар роҳи муосир мол фиристад.

Бозор метавонад барои баъзе маҳсулот, хизматрасонӣ ё объекти дигари арзишнок ташаккул ёбад. Масалан, бозори меҳнат аз одамоне иборат аст, ки мехоҳанд қувваи кории худро бар ивази музди меҳнат ё мол пешниҳод кунанд. Барои осон кардани фаъолияти бозори меҳнат дар атрофи он муассисаҳои гуногун, аз қабили идораҳо ва ширкатҳои машваратии кортаъминкунӣ ба вуҷуд меоянд ва зиёд мешаванд. Бозори пул боз як бозори муҳимест, ки талаботи инсонро қонеъ карда, имконоти гирифтани қарз, додани қарз, захира кардани пул ва нигоҳдории онро медиҳад. Бозори хайркунандаҳо низ ташаккул меёбад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти молиявии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва идома додани фаъолияти онҳо пешбинӣ мешавад [4,с.54].

Рушди истеҳсолоти молӣ дар хоҷагии қишлоқ зарурати объективии ташкили бозорро бо категорияҳо ва усулҳои ба он дахлдори танзим пешакӣ муайян мекунад.

Дар амал ду намуди муносибатҳои байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулот мавҷуданд. Якум, бо ёрии бозор ҳамчун муомилоте, ки мувофиқи қонунҳои истеҳсол ва муомилоти мол сурат мегирад. Дуюм, тақсимоти нақшавии маҳсулоти истеҳсолӣ дар асоси омӯзиши талабот ва тартиб додани баланс (тавозун).

Дар ҳолати аввал, бозор ҳамчун системаи муносибатҳои байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда амал мекунад. Дар ҳолати дуюм, алоқа тавассути миёнарав дар шахсияти мақомоти банақшагирии давлатӣ ифода меёбад. Ҳар ду шакли муоширaт аз як вазифаи мувозинати байни талабот ва пешниҳод бармеоянд.

Усули мувозинат дар муносибатҳои бозорӣ татбиқи васеъ ва амалишавии воқеӣ меёбад, зеро он табиатан зарурати алоқаи бозгаштро дар назар дорад. Мувозинат дар бозор дар асоси алоқаи бозгашти талаботи воқеӣ ба даст оварда мешавад.

Дар ибтидо бозор ҳамчун як макони мушаххас барои амалҳои тиҷоратӣ ҳисобида мешуд. Дар баробари амиқ шудани меҳнат ва рушди истеҳсолоти молӣ, мафҳуми бозор шарҳи торафт мураккабтар пайдо кард. Бозор ҳамчун доираи муомилот фаҳмида мешавад. Дар ин тафсир ду ҷанбаи асосии бозор роҳандозӣ мешавад: қонеъ гардонидани талаботи қобили пардохти истеъмолкунандагон ва ҷуброни арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаву ба бозор баровардашуда бо пул.

Агар бозорро субъекти муносибатҳои бозорӣ баррасӣ кунем, пас чунин таърифе ба миён меояд, ки он ҷамъи харидорон ва фурӯшандагон аст, ки муносибатҳои онҳо боиси имкони мубодилаи мол мегардад. Дар ин тафсир бозор ҳамчун як соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст. Аммо ин ҷо муносибати байни истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон ва аз ҳама муҳимаш байни истеҳсолкунандагон ва харидорон мушоҳида намешавад. Бозор ҳамчун доираи мубодила танҳо вақте оғоз мешавад, ки маҳсулот шакли молро гирад. Бозор маҷмуи муносибатҳои иқтисодиест, ки бо ёрии онҳо муомилоти маҳсулоти ҷамъиятӣ дар шакли моливу пулӣ амалӣ мешавад. Ба маънои танги ин калима, бозор ин доираи муомилоти бевоситаи мол, табдили пул ба мол ва баръакс мебошад [3,с.71-72].

Бозорро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ тавсиф карда, мавқеъ ва нақши муносибатҳоро дар системаи муносибатҳои молию пулӣ муқаррар кардан зарур аст. Ба маънои васеъ, бозор ва муносибатҳои моливу пулӣ як системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро ифода мекунанд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти бо хариду фурӯш фурӯхташаванда нигаронда шудаанд. Ҳамзамон ин ду категорияи иқтисодиро монанд кардан дуруст нест. Муносибатҳои молию пулӣ ҳам доираи истеҳсолот ва ҳам доираи муомилотро фаро мегиранд. Бозор танҳо яке аз тарафҳои муносибатҳои моливу пулиро ифода мекунад. Бозор муносибатҳои муомилоти пуливу молиро инъикос намуда, бо истеҳсолоти молӣ якҷоя мешавад ва онро пурра мекунад. Илова бар ин, бозор шакли мушаххаси зуҳури муносиботи молу пул мебошад. Ин чиз моҳияти иқтисодии бозорро инъикос мекунад.

Бозор ҳар гуна муомилаест, ки ба он одамон барои тиҷорат бо ҳамдигар, яъне ба сифати харидорон ва фурӯшандагони мол ва хизматрасониҳо ворид мешаванд. Шаклҳои гуногуни бозор мавҷуданд: универмаг (мағозаи молҳои гуногун), ярмарка (намоиш-фурӯш), биржа, аукцион (музояда), бозорҳои шаҳрии маҳсулоти кишоварзӣ ва ғ. Дар ин ҷо чизи асосӣ на шакл, балки вазифаи он — таъмини мубодила, фурӯш ва харид мебошад [10,с.19].

Бозор сохтори муташаккилест, ки дар он ҷо истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон «вомехӯранд» ва дар натиҷаи пешниҳоди шахси якум ва талаботи шахси дуюм нархҳои молҳо ва ҳаҷми фурӯши онҳо муқаррар карда мешаванд [10,с.119].

Ба андешаи мо бозор танҳо бо мавҷуд будани "қувваи корӣ" хусусияти умумиро мегирад. Ҳамзамон, он ҳар чи бештар ба худи истеҳсолот ворид мешавад: харидани на танҳо воситаҳои истеҳсол, балки қувваи корӣ низ шарти такрористеҳсол мегардад. Бинобар ин, дар мамлакатҳои рушдкарда тамоми системаи иқтисодӣ, ҳама гуна шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бозорӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, бозор иқтисодиёти муносибатҳои умумибозориро дар назар дорад, ки тамоми раванди такрористеҳсол, аз ҷумла истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулоти ҷамъиятиро мегузарад.

Ҳамин тавр, бозор системаи муносибатҳои иқтисодиест, ки фаъолияти босамари иқтисодиётро дар асоси манфиатдории молистеҳсолкунандагон, корчалонҳо дар натиҷаи ниҳоии фаъолияташон таъмин мекунад. Бозорро аз мавқеи иҷтимоиву иқтисодӣ нигариста, бояд гуфт, ки он механизме аст, ки имкони ба рӯи истеъмолкунанда нигарондани истеҳсолотро медиҳад. Тамоми кори бозор ба рушд ва қонеъ гардонидани

талаботи истеъмолкунанда равона шудааст. Бозор ҳамчун ҷузъи пайвасткунандаи байни истеҳсолот ва тақсимот аз як тараф, байни истеҳсол ва истеъмол аз тарафи дигар мебошад.

Гуногунии таърифҳои мафҳуми бозор аз зинаҳо дар раванди таърихии дарк намудани бозор ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ, мураккабӣ ва паҳлуҳои мухталифи он дарак медиҳад.

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки системаи муосири бозорӣ нисбат ба пешинаҳо беҳтар буда, барои истифодаи дастовардҳои илмиву техникӣ, интенсификатсияи истеҳсолот ва дар ниҳоят барои пурратар қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа мувофиқ карда шудааст. Бозори дар заминаи ин система қарордошта, дар истифодабарии омилҳои водоркунанда ба фаъолияти хеле босамар бартарии хешро пайдо кард.

Бозор - ин мубодилаест, ки тибқи қонунҳои истеҳсол ва муомилоти мол ташкил шудааст, ҷамъи муносибатҳои мубодилаи мол, механизми таъсири байниҳамдигарии харидорон ва фурӯшандаҳо, яъне муносиботи талаб ва пешниҳод, доираи мубодилаҳои дохилидавлатӣ ва байни давлатҳо мебошад, ки истеҳсолкунандаҳо ва истеъмолкунандагони маҳсулотро ба худ мепайвандад.

Фаҳмиши амиқи категорияи «бозор» ба назар гирифтани мавқеи онро дар фаъолияти хоҷагидорӣ (иқтисодӣ) тақозо мекунад. Чаҳор самти фаъолияти иқтисодиро ҷудо кардан мумкин аст: 1) истеҳсолот, 2) тақсимот, 3) мубодила, 4) истеъмол.

Гарчанде ҳадафи охир ва табиии ҳаёти иқтисодӣ истеъмол аст, муҳимтарин шохаи иқтисодиёт ин истеҳсолот мебошад. Бе рушди он ягон бозор вуҷуд дошта наметавонад, маҳз истеҳсолот ҷамъи молҳоро ба вуҷуд меорад. Тағйир додани доираи истеҳсолӣ калиди тамоми дигаргуниҳои дигар доираҳои иқтисодиёт мебошад. Ин омил хусусан барои ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар ҷойҳое, ки ҳанӯз вуҷуд надоранд, хеле муҳим аст. Агар мо аз ислоҳоти муомилот шурӯъ кунему аввал ба натиҷаҳои калони истеҳсолӣ ноил нашавем, он гоҳ ягон бозор ба вуҷуд намеояд.

Аммо дар байни истеҳсол ва истеъмол соҳаҳои дигар ҳам мавҷуданд. Баъди истеҳсолот тақсимот меояд, яъне системае, ки муайян мекунад натиҷаи бевоситаи истеҳсолотро кӣ ба даст меорад, кӣ соҳиби маҳсулоти истеҳсолшуда мегардад. Тақсимот дар ташаккули муносибатҳои ҷамъиятии байни одамон, дар муайян кардани вазъияти моддии табақаҳои гуногуни ҷамъият нақши ниҳоят калон мебозад. Вале тақсимот на танҳо оқибати истеҳсол аст. Самаранокии раванди истеҳсол бештар ба он вобаста аст, ки натиҷаҳои меҳнат чи тавр тақсим карда мешаванд.

Бозор – раванди хариду фурӯш, муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки бо мубодилаи мол ва хизматрасониҳо алоқаманданд ва дар натиҷаи онҳо талабот, пешниҳодот ва нарх ташаккул меёбанд [13,с.211].

Мубодила дар зинаи иқтисодиёт ҷойи сеюмро ишғол кунад ҳам, он мисли тақсимот ба истеҳсолот таъсири ҷиддии бозгашт мерасонад. Ин чиз ҳангоми баррасии вазифаҳои бозор, ки поёнтар сухан меронем, равшан мегардад. Ба ҳар ҳол, доираи муомилот дар тамоми системаи иқтисодиёти ҷамъиятӣ нақши бузург мебозад ва бинобар ин, инкишофи бозор низ ҳамчун маҷмуи муносибатҳои мубодилаи мол аҳаммияти фавқулодаи таърихӣ пайдо кардааст.

Дар аксар маврид мегӯянд, ки бозор яке аз дастовардҳои бузурги тамаддун мебошад. Ин гуфта дуруст аст, вале бояд дар хотир дошт, ки ба вуҷуд омадан ва инкишофёбии бозор натиҷаи ба даст овардани ақлу хирад не, балки натиҷаи рушди дуру дарози таърихӣ мебошад. Шароити пайдоиши бозорро, ки онро ба таври объективӣ зарур гардондидааст, дида мебароем.

Шарти якум, ин тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад, ки дар замонҳои хеле қадим ба вуҷуд омадааст. Таърих як қатор марҳилаҳои асосии тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро медонад. Якум - аз зироаткорӣ ҷудо шудани чорводорӣ, дуюм - ҷудо шудани ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун як соҳаи мустақил, сеюм - ба вуҷуд омадани савдогарон. Баъдан соҳаҳо аз ҳам ҷудо шудан гирифтанду тахассуси истеҳсолоти алоҳида чуқуртар шуд. Ин раванд беохир буда, бо афзоиши ҳосилнокии меҳнат объективона алоқаманд аст.

Тақсимоти меҳнат ҳатман мубодиларо талаб мекунад. Ҳанӯз чорводорони қадим ба маҳсулоти кишоварзӣ эҳтиёҷ доштанд ва деҳқонон низ аз гӯшт парҳез намекарданд. Мубодила вусъат ёфт. Дар аввал он танҳо дар дохили ҷомеа давом дошт, баъд мубодилаи

байничамоавӣ ба вуҷуд омад, ки дар оғоз шакли ибтидоӣ дошт. Мувофиқи мушоҳидаҳои этнографҳо (мардумшиносон) дар ҷазираи Калимантан ва ноҳияҳои Малайзияи ҳозира чунин амал рӯй дод. "Фурӯшандагон" маҳсулоти худро барои иваз кардан гузошта, дур рафтанд, то ин ки ба "харидорон" имкон диҳанд омада молҳоро хуб бубинанд. Агар «харидорон» молҳои ба онҳо пешниҳодшударо харидани мешуданд, пас молҳои худро монда дур мерафтанд. Баъд «фурӯшандаҳо» бармегаштанд ва агар розӣ мешуданд, молҳои мондашудаи харидоронро гирифта, бар ивазашон молҳои худро монда мерафтанд. Дар ин амал мо тавлидшавии бартер, яке аз шаклҳои одитарини мубодиларо мебинем. Албатта, он ҳоло аз бозори ҳақиқӣ дур аст. Охир, манфиатҳои «харидор» ва «фурӯшанда» метавонистанд ба ҳам мувофиқ наоянд. Пас лозим меомад на як, балки якчанд мубодила анҷом дода шавад, то ин ки бар ивази маҳсулоти худ чизи зарурӣ гирифта шавад.

Инкишофи муомилот боиси пайдоиши пул гардид, ки он ҳавасмандии истеҳсоли молҳои алоҳидаро махсусан барои фурӯш зиёд мекард. Танҳо дар он сурат метавонист истеҳсолоти молӣ ба маънои аслии калима пайдо шавад, яъне истеҳсоли маҳсулоте, ки на барои истеъмоли истеҳсолкунанда лозим аст, балки ҳамчун ҳомили (барандаи) арзише, ки ба вай имкон медиҳад бар ивазаш даҳҳо маҳсулоти дигари зарурӣро гирад. Ба ибораи дигар, истеҳсолот барои бозор, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи одамони дигар пайдо шуд.

Шарти дуюм, ин мустақилияти иқтисодии истеҳсолкунандагон аст. Мубодилаи мол ҳатман кӯшиш ба эквивалентнокиро (ҳамарзишӣ) дар назар дорад. Ҳеҷ кас намехоҳад бой диҳад, балки мехоҳад ба ивази моли худ миқдори баробари моли дигарро гирад. Чунин хоҳиш дар асоси маҳдудияти иқтисодӣ, ҷудо кардани манфиатҳо ба миён меояд. Ин ҷудошавӣ таърихан дар заминаи моликияти хусусӣ ба вуҷуд омад. Дар оянда вай ба моликияти коллективӣ, вале ҳатман маҳдуд бо баъзе доираи манфиатҳои маҳал (хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ, кооперативҳо, ширкатҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои давлатӣ, корхонаҳои омехта, яъне бо иштироки давлат ва ғ) такя кард.

Барои фаъолияти пурсамари иқтисоди бозорӣ шарти сеюм, мустақилияти истеҳсолкунанда, озодии соҳибкорӣ низ зарур мебошад. Танзими ғайрибозорӣ дар иқтисодиёт дар ҳама гуна низом ногузир аст, вале ҳар қадар маҳдудияти истеҳсолкунандаи мол камтар бошад, барои рушди муносибатҳои бозаргонӣ ҳамон қадар доира васеътар мегардад [1,с.57-60].

Ба мо маълум аст, ки дар зери таъсири қонуниятҳои объективии инкишофи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар иқтисодиёт, мунтазам дар ин ё он шакл аз ҳам ҷудо шудани баъзе намудҳои фаъолияти хоҷагӣ рӯй медиҳад. Ҳамзамон, ин раванд бо муносибатҳое мустаҳкам мегардад, ки онҳоро институти моликият ба вуҷуд меорад.

Ҷустуҷӯи истифодабарии бештар самарабахши захираҳои мавҷуда, дар роҳи барпошавии шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ — махсусгардонӣ ва кооператсия, консентратсия (ҷалбкунӣ) ва комбинатсия (якҷоякунӣ), диверсификатсияи истеҳсолот ҳамеша талаб мекард, ки байни воҳидҳои истеҳсолоти алоҳида дар асоси мубодила, ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ алоқаҳои хоҷагидорӣ муқаррар карда шаванд.

Ба ақидаи мо, аз ҳама қобили қабул ва мукаммалтарин ифодаи зерини мафҳуми бозор мебошад.

Бозор системаи муносибатҳои иқтисодиест, ки дар ҷараёни истеҳсол, муомилот ва тақсими маҳсулот (мол, кор, хизматрасонӣ) ба вуҷуд омада, бо субъектҳои озоди хоҷагидорӣ дар интихоби харидорон, фурӯшандагон, муайян кардани нарх, ташаккул ва истифодабарии манбаи захираҳо тавсиф карда мешавад. Содатар гӯем, мо мафҳуми умумиеро дастгирӣ мекунем ва ба он розӣ ҳастем, ки бозор механизми ҳамкории харидорон ва фурӯшандагон аст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки бозор ин системаи муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидор дар асоси муносибатҳои мубодилавӣ ва пардохти тамоми молу хизматрасониҳо мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки ҳамаи таърифҳои дар боло овардашуда моҳиятан дурустанд, ягона фарқ дар он аст, ки ҳар як таърифи овардашуда ҷиҳати муайяни ҷараёни такрористеҳсолкунии як қисми вазифаҳои тақсимкунию азнавтақсимкуниро бо дараҷаҳои гуногуни абстраксияи инъикоси ин вазифаҳо инъикос мекунад. Ба андешаамон,

муносибатҳои бозории рушдёфта мавҷудияти воситаи таъсирбахши танзими муносибатҳои байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон бо роҳи нигоҳ доштани таносубҳои доимо тағйирёбанда миёни қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзун (зиёдшаванда) ва тағйирёбандаи аҳолӣ мебошад. Равшан аст, ки дар ин тафсир бозор дар иқтисоди бозорӣ бар хилофи нақша дар иқтисоди маъмурию идоракунӣ танзимгари истеҳсолот маҳсуб мешавад. Аммо маълум аст, ки ин андеша оид ба нақши бозор дар иқтисоди бозорӣ ҳолати алоҳидаи таърифи дар боло зикршуда мебошад.

Дар «Фарҳанги тиҷоратӣ» мафҳуми «бозор» ҳамчун "механизми ташаккул ва ҳаракати муносибатҳои такрористеҳсолӣ, ки дар асоси муносибатҳои молию пулӣ ва рақобати субъектҳои хоҷагидорӣ (ба маънои васеъ) аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил ва ҳамчун маҷмуи санадҳои фурӯшу харид, ҷойе, ки дар он муомилоти байни фурӯшанда ва харидори моли муайян (ба маънои танг) анҷом дода мешавад", тавсиф шудааст. Ҳамин гуна тафсири бозор дар «Фарҳанги иқтисодии муосир» оварда шудааст, ки тибқи он бозор «...ҷойи хариди мол ва хизматрасониҳо, бастани муомилоти тиҷоратӣ» ва «...ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ, ки бо мубодилаи мол ва хизматрасонӣ алоқаманд ҳасту дар натиҷаи онҳо талабот, пешниҳод ва нарх ташаккул меёбанд», маънидод шудааст.

Маълум, ки маҳсулоти хӯроквορӣ то ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ расидан як қатор марҳилаҳои пайдарпайи коркардро (коркард, шакли бозорӣ додани маҳсулот ва ба истеъмолкунанда расонидан) мегузарад.

Маҳсулоте, ки дар натиҷаи коркард дар марҳилаи минбаъдаи мобайнӣ (на ниҳоӣ) ҳосил мешавад, маҳсулоти мобайнӣ ё захираи мобайнӣ ном дорад. Аз ин рӯ, захираи мобайнӣ ин маҳсули раванди истеҳсолию болоии занҷири амудии маҳсулот мебошад, ки ҳамчун захира дар раванди поёнии истеҳсол истифода мешавад. Зимнан мафҳумҳои «болоӣ» ва «поёнӣ» барои ифодаи ду марҳилаи пайдарҳамии занҷири технологии истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ истифода мешаванд ва пайдоиши таърихӣ доранд.

Ҳар як марҳилаи пайдарпайи коркард ва фурӯш ба маҳсулоти хоми кишоварзӣ арзиш илова мекунад. Дар охир, маҳсулоти тайёр барои фурӯш ба аҳолӣ ба шабакаи чаканавӣ ворид мешавад. Дар ҳамин асос, дар кишварҳои дорои системаи иқтисоди бозорӣ, бозори озуқавориро ба таври амудӣ баррасӣ мекунанд. Дар боло ширкатҳои кишоварзӣ ва дар поён истеъмолкунандагони ниҳоии озуқаворӣ қарор доранд. Марҳилаҳои мобайнии бозорро ширкатҳои коркард ва маркетинг пур мекунанд.

Ҳамин тавр, ин система на танҳо онҳоеро фаро мегирад, ки заминро кишт мекунанд, балки онҳоеро низ дар бар мегирад, ки захираҳои талаботи соҳаи кишоварзиро таъмин мекунанд (хӯроки чорво, нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ ва ғ.), онҳоеро, ки ба коркард ва коркарди дубораи маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, инчунин, ташкилотҳои савдоеро, ки ба воситаи онҳо маҳсулоти озуқаворӣ ба аҳолӣ мерасад.

**Ҷадвали 1. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, кг**
**Table 1. Production of agricultural products per capita, kg**

| Номгӯй | 1991 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 /2016 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт (бо вазни кушта) | 13,4 | 13,5 | 14,1 | 14,5 | 14,8 | 16,0 | 15,6 |
| Шир | 104,9 | 106,2 | 107,5 | 108,9 | 108,5 | 108,5 | 2,1 |
| Тухм, дона | 81,1 | 39,0 | 38,6 | 49,9 | 78,7 | 104,5 | 62,7 |
| Ғалла | 54,3 | 163,4 | 161,2 | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 1,0 |
| Картошка | 32,3 | 103,9 | 88,6 | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 4,4 |
| Сабзавот | 112,1 | 202,2 | 210,4 | 234,7 | 236,7 | 263,5 | 23,3 |
| Маҳсулоти полизӣ | 31,2 | 68,7 | 71,4 | 71,1 | 76,1 | 80,5 | 14,6 |
| Бутта ва буттамева | 31,6 | 42,1 | 45,8 | 49,6 | 51,4 | 49,7 | 15,2 |
| Ангур | 21,6 | 24,8 | 25,8 | 26,8 | 26,8 | 25,4 | 2,4 |

Сарчашма: Омори солонаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С.459

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал инъикосгари он мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти гӯшт (бо вазни кушта) дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 ба 15,6% зиёд шудааст. Ҳамзамон, маҳсулоти шир дар солҳои таҳлилӣ то андозае зиёд гардидааст. Агар дар соли 2016 ба 106,2 млн.долл. ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020

ба 108,5 млн.долл. ИМА расида омадааст, ки ба 2,1% маротиба зиёд гардидааст. Инчунин, маҳсулоти тухм бошад, дар соли 2016 ба 39,0 млн.долл. ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 104,5 млн.долл. ИМА омада расидааст, ки он ба 62,7% маротиба зиёд гардидааст. Бинобар ин, ба андешаи мо, рушди бозорҳои агроозуқаворӣ то андозае дар солҳои таҳлилӣ зиёд ба назар мерасад.

Вобаста ба ин истеҳсоли ғалла дар солҳои 2016 163,4 млн.долл. ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин дар соли 2020 ба 165,0 млн.долл. ИМА омада расидааст, ки ба 1,0% омада расидааст.

Истеҳсоли маҳсулоти картошка бошад, дар соли 2016 103,9 млн.долл. ИМА омада расида бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 108,7 млн.долл. ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ин ба 4,4% маротиба зиёд гардидааст. Инчунин, истеҳсоли маҳсулоти сабзавот бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2016 202,2 млн.долл. ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин дар соли 2020 ба 263,5 млн.долл. ИМА омада расидааст, ки ин 23,3% зиёд ба назар мерасад. Ва дар охир, истеҳсоли маҳсулоти ангур бошад, дар соли 2016 ба 24,8 млн.долл. ИМА омада расида бошад, пас ин дар соли 2020 25,4 млн.долл. ИМА-ро ташкил додааст, ки ба 2,4% зиёд гардидааст.

Дар амал сарҳадҳои сохтории саноат ва бозор метавонанд ба ҳам мувофиқ наоянд, чунки бозорҳо молҳоеро якҷо мекунанд, ки аз нуқтаи назари истеъмол ба ҳам наздиканд, саноат бошад, молҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷиҳати истеҳсол ба ҳам наздиканд. Аз сабаби он, ки ширкатҳои як соҳа барои ворид шудан ба бозорҳои ҳамдигар имконоти иқтидори кам доранд, дар кишварҳои дорои иқтисоди бозаргонии рушдкарда мафҳумҳои «бозор» ва «саноат»-ро бештар ба сифати муродиф (синоним) ба кор мебаранд.

Бозорҳои минтақавии маҳдуд бо сарҳадҳои маъмурии як ё якчанд вилоят дараҷаи муайяни мустақилият доранд, ки онро омилҳои консентратсияи истеҳсолот ва инкишофи истеҳсолоти махсусгардонидашуда дар минтақа муайян мекунанд.

Омилҳои асосии иқтисодие, ки ба тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир мерасонанд, замин ва таъмини қувваи корӣ, иқтидори табиию иқлимии минтақаҳо, ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо, хароҷоти иҷтимоӣ барои истеҳсоли маҳсулот, мавҷудияти чорво, дараҷаи автоматикунонӣ ва механиконӣ, корхонаҳои коркард, робитаҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ, наздикии бозорҳои фурӯши маҳсулот мебошанд.

Дар шароити дар пеш истодаи шомилшавии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС), афзоиши бартариҳои рақобатии бозор аҳаммияти калон пайдо мекунад, зеро ворид шудан ба тиҷорати ҷаҳонӣ мавҷудияти корхонаҳои пуриқтидореро тақозо мекунад, ки ба ҳамлаи молистеҳсолкунандагони хориҷӣ тоб оварда тавонанд.

Ҳамчун дигар соҳаҳои иқтисодиёт, дар хоҷагии қишлоқ ҳам қонуниятҳои умумии рушди иқтисод мавҷуданд. Аммо сектори аграрӣ, чунон ки маълум аст, хусусиятҳои хосе дорад, ки онҳоро дар раванди истеҳсол ба назар гирифтан лозим аст, аз ҷумла: воситаи асосии меҳнат захираҳои замин мебошанд, бинобар ин, истеҳсоли маҳсулот барои чорводорӣ ба шароити хоку иқлим ва мавҷудияти захираҳои об вобастагии калон дорад; раванди такрористеҳсол бо мавсимҳо алоқаманд аст, чунки он бо давраҳои табиии нашъунамои растанӣ зич алоқаманд аст.

Ба хусусияти фаъолияти механизми бозории идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ, на танҳо равандҳои биологӣ ва табиию иқлимӣ, балки қонуниятҳои ташаккули элементҳои механизми бозорӣ: талабот, пешниҳодот, нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва рақобат низ таъсир мерасонанд. Талаботи бозор ба маҳсулоти кишоварзӣ ҳам аз ҷиҳати нарх ва ҳам аз рӯи даромад ноустувор аст. Истеъмолкунандагон навъҳои асосии озуқавориро сарфи назар аз болоравию пастшавии нарх ё андозаи даромадашон қариб дар ҳаҷми бетағйир мехаранд.

Самти бештар умедбахши рушди равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар оянда метавонад принсипи кластерии муттаҳидсозии корхонаҳои комплекси агросаноатии кишвар (КАС) шавад. Кластерҳо гурӯҳҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҳамсояву ба ҳам алоқаманди ширкатҳо ва ташкилотҳо мебошанд, ки дар доираи муайян фаъолияти умумӣ доранд ва якдигарро пурра ва занҷири дарозшудаи арзишҳои иловагиро таъмин мекунанд. Зимнан, аслан як ё якчанд ширкате, ки дар бозори умумиҷаҳонӣ бевосита рақобат доранд, нақши баранда (пешво)-ро мебозанд, дар гирди онҳо бошад, ширкатҳои

таъминкунандагони ашёи хому ҷузъиёт, хизматрасониҳо ҷамъ меоянд. Бо маънои аслияш, ин шабакаи истеҳсолоте аст, ки таъминкунандагон, доираҳои ғайриистеҳсолӣ, иттиҳодҳои стратегӣ бо университетҳо, муассисаҳои таҳқиқотӣ, ташкилоти инфрасохторӣ ва истеъмолкунандагонро дар бар гирифтааст. Қоидаҳои умумӣ ва бештар муҳимми ташаккули кластерҳо чунинанд. Аввал, ин шабакаи корхонаҳоест, ки ҳар кадомаш дар занҷири арзишҳои иловашуда манфиати хешро дорад. Дуюм, ин ки он шабакаи ташаббусӣ, инноватсионӣ, бозории алоқаҳои истеҳсолӣ мебошад ва ҳамон вақт самарабахш мешавад, ки худи ширкатҳо барои баланд бардоштани рақобат зарурати муттаҳидшавӣ дар кластерро эҳсос кунанд.

Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, тарзи кластерӣ, дар навбати аввал, кластерҳои минтақавӣ ба рушди тиҷорати хурд ва миёна такони ҷиддӣ медиҳанд. Ширкатҳои пешрави кластер, чун қоида, фаъолияти худро ба самтҳои асосӣ равона мекунанд ва истеҳсоли маҳсулоти мобайниву хизматрасонҳо ба корхонаҳои хурдро ваколати хеш медонанд.

Ба омилҳои боиси зарурати объективии гузаштан ба механизми бозории идоракунӣ инҳо мансубанд:

- Суръатҳои баланди рушди иқтисодӣ дар солҳои 1930, дар аввал, ба баланди боэътидол (солҳои 1950-1960), баъдан ба паст (солҳои 1970-ум) иваз шуданд ва ниҳоят (дар оғози солҳои 1980) аз инкишоф бозмонданд;

- Сатҳи зиндагии аҳолӣ паст шуд ва сифати ҳаёт бад гашт, истеҳсолоти ҷомеа талаботи мардумро ба молҳои ниёзи аввала таъмин карда натавонист.

Ба ҷиҳатҳои мусбати механизми бозории идоракунӣ инҳоро дохил кардан мумкин: сарфакорона тақсим кардани захираҳо ва истифодаи беҳтарини натиҷаҳои инқилоби илмию техникӣ; чандирӣ ва мутобиқшавии баланд ба шароити тағйирёбанда, ташаккули робитаи баргашта байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон; ҳавасманд гардонидани истеҳсолкунандагон барои молҳои зарурӣ бо харҷи камтарин ва ташкили самарабахши меҳнат; таъмини сифати мол ва хизматрасониҳо дар асоси рақобати солими байни истеҳсолкунандагон; муқаррар намудани эквивалентҳои нарх дар раванди мубодилаи мол дар асоси муқоисаи хароҷоти меҳнати инфиродӣ барои истеҳсоли маҳсулот бо намунаи ҷавобгӯи ҷомеа.

Ба сифати нуқсонҳои механизми бозории идоракунӣ, пеш аз ҳама, якбора ба қабатҳои иҷтимоӣ ҷудошавии ҷомеа, сахтгирии аз ҳад зиёд дар бурдани рақобат, ноустувории иқтисодиёт ва идора нашудани равандҳои инфлятсия (беқурбшавии пул) бо усулҳои сирф бозориро қайд кардан мумкин аст.

Таҷрибаи идоракунии иқтисодиёти мамлакат дар шароити нав низ нишон медиҳад, ки бозор қодир нест захираҳои такрорнашавандаро нигоҳ дорад, экологияи муҳити зистро риоя кунад, ҳатмӣ будани истеҳсоли навъҳои алоҳидаи мол ва хизматрасониро барои истифодаи ҷамъият, бо кор пурра банд буданро таъмин намояд ва ғ. Ҳамаи ин ҳиссаи муайяни танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегирад. Аз ҷумла, ин ҳолат барои кишоварзӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Шарти асосии рушди иқтисоди муосир ва фаъолияти мутадили муносибатҳои бозорӣ фароҳам овардан ва нигоҳ доштани муҳити рақобатпазир мебошад. Дар шароити бозорӣ чунин бозорро рақобатпазир шуморидан ба мақсад мувофиқ аст, ки дар он механизмҳои рақобат дар шаклҳои гуногунашон ба рафтори субъектҳои хоҷагидор таъсир расонанд. Агар дараҷаи монополишавии бозор баланд шавад, пас давлат бояд барои ҳифзи муҳити рақобатӣ чораҳои қатъӣ андешад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Раҳимзода О.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Булатова А.С. Экономика / А.С. Булатова. –М.: Издательство Бек, 1999. –С.57-60.
2. Злобин Е.Ф. Экономика и организация регионального аграрного рынка / Е.Ф. Злобин. -М.: Агрипресс, 1996.
3. Коваленко Н.Я. Экономика сельского хозяйства. С основой аграрных рынков. Курс лекций / Н.Я. Коваленко. -М.: Ассоциация авторов и издателей. ТАНДЕМ: Издательство ЭКМОС, 1999. -С.71-72.
4. Котлер Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер. –М., 1990. -С.55. Основы маркетинга. -М.: Прогресс, 1992. -С.54.
5. Курс экономической теории / Под. ред. М.Н. Чепурина, Е.А. Киселевой. -Киров, 1994.

6. Кучуков Р. Особенности предпринимательства в аграрном секторе / Р. Кучуков, А. Савка // Сельские зори. - 1996. -№9.
7. Макконел Кэмбелл Р. Экономика: принципы, проблемы и политика / Макконел Кэмбелл Р., Брю Стенли Л. - М.: Республика, 1992. -Т.1. -С.399.
8. Маршалл А. Принципы экономической науки / А. Маршалл. -М.: Прогресс-Универс, 1993. -Т.2. -310 с.
9. Махмадиев, Ф.Б. Формирование и развитие кластеров в АПК Республики Таджикистан / Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/3(201). – С. 56-60.
10. Михайлушкин А.И. Основы экономики. Учебное пособие / А.И. Михайлушкин, П.Д. Шимко. -Санкт-Петербург: Бизнес-пресса, 2001. -119 с.
11. Пиризода, Д.С. Роль и место рынка агропродукции в обеспечении продовольственной безопасности / Пиризода Д.С., Ф.Б. Махмадиев, Ш.Н. Джалилов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. – 2020. – № 2(64). – С. 68-73.
12. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2012 г. № 383 «Программа реформирования. -Душанбе, 2012. -155 с.
13. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, З.Б. Стародубцева. –М.: ИНФРА, 1997. -С.496.
14. Райзберг Б.А. Школьный экономический словарь / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский. –М.: ИНФРА, 1999. -211 с.
15. Тарасов А. Формирование региональных рынков сельскохозяйственной продукции / А. Тарасов // АПК: экономика, упр. - 1998. -№4.
16. Теоретические и методологические аспекты функционирования кластеров в экономике аграрного сектора / Д.С. Пиризода, Ф.Б. Махмадизода, Ш.Н. Джалилов, Ш. Олимзода // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. – 2020. – № 1(63). – С. 89-97.

## АСОСҲОИ ИЛМИИ ТАШАККУЛИ БОЗОР ВА РАВНАҚИ БОЗОРҲОИ АГРООЗУҚАВОРӢ

Дар шароити болоравии мустақилияти иқтисодии мамлакатҳо нақши бозори маҳсулоти кишоварзии минтақа дар таъмини аҳолии муқимӣ бо маҳсулот низ муҳим мешавад. Ҳадафи амали онро ҳамчун таъмин намудани аҳолии минтақаи худӣ бо маҳсулоти ғизоие ишора кардан мумкин аст, ки бо иштироки фаъолона дар фаъолияти байнинминтақавии савдои беруна бо нархҳо, ҳаҷми истеҳсол, номгӯ ва сифаташон дастрас мебошанд. Мушкили ташаккул додани бозори маҳсулоти кишоварзиро дар доираи мамлакат баррасӣ намуда, вазъиятро ҳам дар минтақаҳо ва ҳам дар субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати асосӣ ба инобат гирифтан зарур аст. Ин ҷо ба мо бо нигоҳ доштани сатҳи кифояи худтаъминкунӣ аз имконоти субъекти ҷумҳурӣ вобаста будани бехатарии озуқаворecho кишварро, яъне худи сатҳи бо озуқа таъмин будани тамоми мамлакатро муқаррар намудан лозим аст. Аз ин лиҳоз, талаботро дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ танҳо ҳамчун пардохтпазир ҳисоб кардан мумкин нест. Новобаста аз даромади худ шахс наметавонад аз истеъмоли ғизо даст кашад. Таъмини маҳсулоти агроозуқаворӣ дар бозори кишоварзӣ аз сарчашма ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, таъминоти ғалла дар бозор ба рушди (ҳолати) иқтисоди ғалла вобаста аст; шир ва гӯшти чорводорӣ ва ғайра.

**Калидвожаҳо:** бозори маҳсулоти кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, амнияти озуқаворӣ, бозори озуқаворӣ, минтақа, кишоварзӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, такмил, ташаккул, иқтисод.

## НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЕ РЫНКА И РАЗВИТИЯ АГРОПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ РЫНКОВ

В условиях повышения экономической самостоятельности регионов возрастает роль агропродовольственного рынка региона в обеспечении продовольствием местного насиления. Цель его функционирования можно обозначить как обеспечение населения своей территории продуктами питания, доступными по цене, обьемам, ассортименту и качеству при активном участии в межрегиональной внешнеторговой деятельности. Рассматривая проблему формирования агропродовольственного рынка на уровне страны, необходимо учитывать как положение в регионах, так и в субъектах Республики Таджикистан, как их составной части. Здесь нам важно установить зависимость агропродовольственной безопасности страны от возможностей субьекта Республики, сохраняя достаточный уровень самообеспечения, то есть сам уровень продовольственного самообеспечения всей страны. В связи с этим, спрос на агропродовольственном рынке не может рассматриваться только как платежеспособный. На этом рынке существенную роль играют другие детерминанты спроса: демографический фактор, культура потребления, привычки населения, состояние здоровья населения. Вне зависимости от своих доходов человек не может отказаться от потребления пищи. Предложения продукции на агропродовольственном рынке формируется за счет трех источников: собственное производство, импорт и запасы. Так, предложение зерна на рынке зависит от развития (состояния) зернового хозяйства; молоко и мяса-от животноводческой отрасли и т.д.

**Ключевые слова:** агропродовольственный рынок, агропромышленный комплекс, продовольственная безопасность, продовольственная независимость, продовольственный рынок, регион, сельское хозяйство, сельскохозяйственное производство, совершенствование, формирование, экономика.

## SCIENTIFIC FOUNDATIONS OF MARKET FORMATION AND DEVELOPMENT OF AGRO-FOOD MARKETS

In the context of increasing economic independence of the regions, the role of the region's agri-food market in providing food to the local population is increasing. The purpose of its functioning can be defined as providing the population of its territory with food products that are affordable in price, volume, range and quality with active participation in interregional foreign trade activities. When considering the problem of forming the agri-food market at the country level, it is necessary to take into account both the situation in the regions and in the constituent entities of the Republic of Tajikistan, as their integral part. Here it is important for us to establish the dependence of the country's agri-food security on the capabilities of the subject of the Republic, while maintaining a sufficient level of self-sufficiency, that is, the very level of food self-sufficiency of the entire country. In this regard, demand in the agri-food market cannot be considered only as solvent. In this market, other determinants of demand play a significant role: demographic factors, consumption culture, habits of the population, and health status of the population. Regardless of his income, a person cannot refuse to consume food. Product supply on the agri-food market is formed from three sources: own production, imports and stocks. Thus, the supply of grain on the market depends on the development (condition) of the grain industry; milk and meat - from the livestock industry, etc.

**Keywords:** agro-food market, agro-food complex, food security, agro-food security, regional food market, agriculture, agricultural production, improvement, formation, economics.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Худойбердиева Зуҳро Суҳробовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru.** Телефон: **904-24-88-49**
***Худойбердиева Фотима Суҳробовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru.** Телефон: **887-77-79-93**

**Сведения об авторах:** ***Худойбердиева Зухро Сухробовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru.** Телефон: **904-24-88-49**
***Худойбердиева Фотима Сухробовна*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономика и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru.** Телефон: **887-77-79-93**

**Information about the authors:** ***Khudoiberdieva Zuiro Sukhrobovna*** – Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Economics and Management of Agro-Industrial Complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru.** Phone: **904-24-88-49**
***Khudoiberdieva Fotima Sukhrobovna*** - Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Economics and Management of Agro-Industrial Complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru.** Phone: **887-77-79-93**

ТДУ: 336.2(575.3)

# АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАШКИЛИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

***Ғаффориён М.Ш., Ширинов Ҳ.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз таҷрибаҳои зиёд маълум мешавад, ки номутаносибияти институтсионалии хароҷоти буҷетӣ се сабаби асосӣ доранд. Якум, ба динамикаи умумии хароҷотҳои буҷетӣ таъсир расонида ба қатори идораи "механикии" тақсимоти хароҷотҳо дохил мешавад. Дуюм, ба зиёдкунии сармоягузориҳо дар соҳаи иҷтимоӣ дар ҳолати суръати пасти афзоиши ММД, яъне дар ҳолати набудани манбаъҳо барои сармоягузории ин раванд тааллуқ дорад. Сеюмин, зиёд намудани хароҷоти буҷетӣ ба соҳаи давлатӣ дар ҳолати имкониятҳои ками институтсионалии идоракунии давлатӣ, ки дар натиҷа маблағҳои буҷетӣ ба мардум фоидаи камтарин расонида шуда, ғайрисамаранок истифода мешавад.

Дақиқ аст, ки аз сар гузаронидани як деформатсияи институтсионалӣ ва огоҳӣ ёфтан аз пайдоишҳои нави он, дар яке аз ҳолатҳои зерини сиёсати давлатӣ вуҷуд дорад. Якум, муҳим аст, ки хароҷотҳо ба функсияҳои умумидавлатӣ ба сатҳи дувлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта кам карда шаванд. Ба ин нигоҳ накарда, бояд сатҳи иқтидори институтсионалии идоракунии давлатӣ аз ҳисоби кам кардани коргарони идоракунанда ва зиёд кардани уҳдадориҳо оиди самарнок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ баланд бардошта шавад. Дуюм, ин сатҳи баланди хароҷоти буҷетӣ ва инчунин, ба соҳаҳои умумидавлатӣ нигоҳ дошта диққати бешатраро ба баланд бардории иқтидори институтсионалии идоракунии давлатӣ зоҳир намоянд. Бо ин вариант афзалияти инкишофи ҷамъият қисми зиёди сектори давлатӣ ва инчунин, сатҳи баландӣ андозситонӣ мегардад. Сеюм, ин тадриҷан кам намудани хароҷотҳо ба соҳаҳои умумидавлатӣ, баланд бардорштани иқтидори институтсионалии идоракунии давлатӣ ва назорати сатҳи афзоиши хароҷотҳои маблағҳои буҷетӣ дар дигар бандҳои хароҷот вобаста ба афзоиши ММД. Ин вариант хеле сода мебошад, вале натиҷаҳои он дар давоми якчанд сол баъди муътадил шудани иқтисодиёт ба назар мерасад.

Самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ҳангоми равона шудани он ба соҳаҳои инкишофдиҳии иқтисодиёт, ки ба маблағгузории буҷетӣ ниёз доранд, бояд тамъмин карда шавад. Ва барои ин самаранокиро таъмин намудан, ҳам барои баҳодиҳии самаранокӣ ва ҳам ба соҳаҳои асосии муайяншудаи инкишоф ва уҳдадориҳои буҷетӣ раванди бонизомро таъмин намудан лозим аст.

Барои ин мо аз нигоҳи институтсионалӣ раванди бонизомро дар таҳлили низоми буҷетӣ ва идораи хароҷотҳоро баррасӣ намуда, принсипҳои асосии самарнокии маблағҳои буҷетиро муайян менамоем.

Дар робита ба хусусиятҳои сохтори иқтисодӣ ва тамоюли афзоиш, давлатро метавон ҳамчун органи асосии қабулкунандаи қарорҳои танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ шуморид. Функсияи асосии давлати замонавӣ, ин сохтани шароити мусоид барои инкишофи дарозмуддати иқтисодӣ мебошад.

Ин суханҳои беистисно, ташкили инкишофи иқтисодиро ҳамчун функсияи асосии давлат маънидод менамоянд, ки самаранок иҷро шудани он аз тарзи дуруст ба роҳ мондани хароҷотҳои буҷет - инструменти асосии сиёати фискалӣ вобаста буда, тариқи арзаву тақозои тамоми сатҳҳои институтҳои давлатӣ, танзим мешавад. Барои ҳамин таҳқиқотҳое, ки барои муайян намудани раванди бонизоми баҳодиҳии сифати интихоби соҳаи инкишоф мутобиқи буҷет, муайянкунии соҳаҳои афзалиятноки давлат ва баъдан инкишоф додани раванди таҳияи буҷет барои як марҳила ва дар оянда баҳодиҳии самарнокии иҷроиши он равона шудааст, мавзуи муҳим ҳисобида мешавад.

Бозор худ аз худ соҳаи афзалиятнокро муайян ва барои инкишофи он саривақт сармоягузорӣ карда наметавонад. Барои ин раванди маъмулие истифода мешавад, ки асоси он ба назар гирифтани зариби поёнравӣ ҳамчун муайянкунандаи маблағи хароҷотӣ буҷет нисбат ба ММД дар ҳамон марҳила ба ҳисоб меравад. Нокифоя будани ин метод на танҳо аз он иборат аст, ки дар ҳисобкунии сода трансфертҳои давлатӣ ба ММД ворид

нокарда мемонад, балки дар тағйирёбии натиҷаҳо дар бандҳои гуногуни хароҷоти буҷетӣ ва аз ҳама муҳимтараш муайян намудани сабабҳои номаълуми ғайрисамаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ғайриимкон мегардад. Дар натиҷа, дарёфти инструменте, ки қобилияти рафъи ин норасоиро дорад, мушкил аст. Бояд қайд кард, ки раванди интихоби соҳаи афзалиятнок ва системаи сиёсии давлат ба буҷет ва хароҷоти он низ чунин таъсир мерасонанд. Барои ҳамин сатҳи ғайрисамаранок харҷ шудани маблағҳои буҷетӣ каме ҳам вуҷуд дошта метавонад ва он вобаста ба яккатор факторҳо тағйир хоҳад ёфт. Ба ғайр аз ин зери рақамҳои одӣ, моҳияти ба ҳадаф расонидани сармоягузории буҷетӣ ба ин ё он соҳа аз байн меравад. Барои ҳамин бояд раванди бонизом барои баҳодиҳии самаранокии маблағҳои буҷетӣ таҳия гардад, ки хеле қулай ва барои тартиби хулоса ва пешниҳодҳо мувофиқ бошад. Ба ибораи дигар, мутобиқ ба фаъолияти тамоми институтҳои молиявии давлат барои рушди дарозмуддати иқтисодии он шароит фароҳам меоварад.

Ба ҳамаи самтҳои хароҷоти буҷет, ки стратегияи умумибуҷетии давлатро ташкил мекунанд, ба ҳисоби миёна се параметри асосӣ муҳим аст, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- ҳаҷми маблағгузориҳои молиявӣ- хароҷотҳои давлат аз рӯи банди алоҳидаи буҷет (самт, соҳа ва ғайраҳо);
- замони маблағгузорӣ, ки баъди он натиҷа ба даст меояд ва тақсимоти манбаъҳо ба зинаи қабул ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад;
- ҳаҷми даромади (натиҷаи) умумӣ, ки баъди тақсимоти хароҷотҳо буҷети давлатӣ ба даст меояд ва натиҷаи алоҳида аз рӯи банди муайяни хароҷот ҳисоб карда мешавад. Албатта, сиёсати буҷетӣ маблағгузориҳои соҳаи ғайрибозориро ҳам дар бар мегирад (идораи давлатӣ, амният, маориф, тандурустӣ ва ғайраҳо), вале ҳамин соҳаҳо натиҷаи хуб медиҳанд ва саҳми худро ба ташкили ММД мегузоранд.

Яке аз принсипҳои муҳим, ки метавонад дар баҳодиҳии самаранокии буҷет истифода шавад, ин тартибдиҳии рӯйхати хароҷот ва даромад барои марҳилаи муайян ва марҳилаи умумии раванди таҳияи буҷет мебошад.

Веле тақсимкунии содаи хароҷотҳо ва натиҷаҳои бадастомада наметавонад баҳои аниқи самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетиро диҳад, зеро такя ба чунин таҳлилҳо наметавон гуфт, ки ба кадом банди буҷет маблағгузориҳоро кам ё зиёд намудан лозим аст. Аз нигоҳи институтсионалӣ, хароҷотҳои буҷетии бандҳои гуногуни барои инкишофи хоҷагии халқ равонашуда, монанди раванди инвеститсионӣ ба соҳаҳои гуногун мебошанд, ки бо ҳам робитаи зич дошта, инкишофи ин ё он соҳаро босуръат ё суст мегардонад.

Моделҳои иқтисодии қабули қарорҳои сармоягузорӣ, баҳогузории натиҷаҳо ва самаранокии онҳо ё дуруст ба кор намераванд ва ё бо шартҳои таҷрибаи иқтисодӣ кам алоқаманди менамоянд. Аз ҳамин сабаб барои таҳлили самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ бояд принсипҳои ҷудокунӣ ва таҳлил аз соҳаи иқтисодии инкишофи технологидоштаро истифода кард. Дар аввал тақсими хароҷотҳои буҷет ба гурӯҳҳо ва соҳаҳои асосӣ бо таҳияи алгоритми баҳодиҳӣ ҷудо карда мешавад, баъдан синтези он бо ҳосилшавии портфели муайяни соҳаҳои гуногуни маблағгузории буҷет ҳамчун барномаҳои сармоягузорӣ, ки имконияти истифодабарии инструментҳои муайян ва методҳои тақсимкунии портфели сармоягузорӣ ва алгоритмҳои муайяни таҳлилиро медиҳад, амалӣ карда мешавад.

Метавон хароҷотҳои буҷетиро вобаста ба соҳаҳо ба чор гурӯҳ ҷудо кард:

- хароҷотҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- хароҷотҳои инкишофи иқтисодиёт (аз ҷумла навовариҳо, барномаҳои рушд, рушди минтақаҳо ва ғайра);
- хароҷотҳои соҳаи ҳарбӣ;
- хароҷоти идоракунӣ.

Аз сабаби он, ки дар соҳаҳои номбаршуда як қатор субъектҳои монанди иқтисодӣ вуҷуд доранд, гузаронидани таҳлили самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва дарёфти алгоритмҳои лозимии таҳлили бонизом дар он мушкил аст.

Ҳамин тавр барои дида баромадани он соҳаҳои таъкидшударо ба гурӯҳҳои субъектон тақсим менамоем, ки маблағҳои буҷетӣ мувофиқи чаҳорчӯбаи соҳаҳо тақсим мегардад. Чунин амалиёт бе ҳамин ҳам дар раванди таҳияи буҷет истифода мешавад, аммо

қувваи таъсири он барои самаранокии хароҷоти буҷет ва самаранокии фаъолияти объектҳо ба назар гирифта намешавад.

Ба чор соҳаи зикршудаи хароҷотҳои буҷетӣ дохил мешаванд:

- соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ (илм ва маориф, фарҳанг ва варзиш, муассисаҳои кӯдакона, инфраструктураи иҷтимоӣ, тиб);
- инкишофи иқтисодӣ (нақлиёт ва саноат, энергетика, алоқа ва телекоммуникатсия, хоҷагии қишлоқ ва ҷангал);
- сохторҳои қудратӣ (ВМ, ВКД, КАМ, КҲФ);
- идоракунӣ (мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассисаҳои давлатӣ ва ғайра).

Системаноккунии ояндаи сбъектҳои иқтисодие, ки аз тарафи буҷет маблағгузорӣ мешаванд, аз ҷудокунии элементҳои монанди он аз ҳар гурӯҳи хароҷот, ки бо принсипи таъиноташон маблағгузорӣ мешаванд, вобаста аст. Он дар харидҳои давлатӣ (хариди маҳсулоти саноативу аграрӣ, хӯрока, сохтани роҳу пул ва мактабҳо) амалӣ карда мешавад.

Аммо дар раванди ҷудо ва ташкилкунии гурӯҳҳои монанд, бояд аломатҳои ин тақсимкуниро муайян намуд, ки дар оянда ба баҳодиҳии самаранокии хароҷотҳои буҷетӣ имконият медиҳанд.

Бешубҳа, гузоштани масъалаи таҳлили самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷети давлатӣ дар координатаҳои мутлақи дур аз соҳаи маблағгузоришаванда ва давраи ҷудошавии он ғалат мебошад. Ва умуман гузаронидани ин таҳлил бе набудани ҳадафи муайян бемантиқ мебошад, масалан онро метавон барои ташкили фаъолиятҳои танзимкунандае, ки сабаби рушди иқтисодиёт мегарданд, истифода намуд. Вақт низ дар муайянкунии самти равонкунии маблағҳои буҷетӣ дар давраи дарозмуддати тағйирёбии иқтисодӣ чун фактори асосӣ ба шумор меравад.

Вобаста ба ин константи асосӣ ва базавии раванди бонизом дар баҳодиҳии самаранокии маблағҳои буҷетӣ ин:

а) баҳисобгирии динамикаи раванди иҷрошавӣ дар доираи самти хароҷотҳои буҷет: муқоисаи баҳои ниҳоии пешбинишудаи самаранокӣ дар соҳаи хароҷотшуда бо баҳое, ки ҳангоми гузаронидни таҳлил муайян мешавад;

б) тағйирёбии меъёрҳои қабулшудаи баҳодиҳии самаранокӣ дар аввал ва охири давраи гузаронидани таҳлил;

в) даврӣ будани раванди баҳодиҳӣ, баъди дохилкунии дигаргуниҳо дар система, бояд ҳатман сатҳи самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ санҷида шаванд.

г) манъкунии хароҷотҳои дурудароз, яъне хароҷотҳои аз тарафи буҷетшуда набояд барои муҳлати маблағгузориро зиёд намудан асос шаванд, вақте, ки соҳаи муқарраршуда инкишоф ва сатҳи самаранокии худро гум мекунад;

Ҳангоми иҷро накардани ин принсипҳо системаи буҷетӣ метавонад сатҳи гуногуни ғайрисамаранокии худро нишон диҳад.

Даврӣ будани равандҳое, ки ба ташкилкунӣ, банақшагирӣ ва иҷрои буҷет алоқамандӣ доранд ва нақшаҳои қабулшудаи инкишофи давлатро ба назар гирифта, метавон баъзе меъёрҳои баҳодиҳиро (меъёрҳои зарурии нақшаҳои оянадаи буҷетӣ ба дилхоҳ соҳа) пешниҳод кард.

Смаранокии буҷетӣ (ба шакли одӣ ва содакардашуда) ҳамчун зиёдшавии даромади буҷет нисбат ба хароҷоти он вобаста бо ба даст овардани мақсадҳои муайян мебошад (BE=R-Z дар ин ҷо R-даромади буҷет, Z-хароҷоти буҷет, B>0-профисит, B<0-каср мебошад). Касри буҷетро метавон ҳамчун фарқи байни хароҷотҳои давлатӣ ва андози ҷамъоваришуда шуморид, яъне (G-t Y), ки t-меъёри андоз, Y-даромади миллӣ мебошад. Агар ҳаҷми хароҷотҳои давлатӣ ва даромади андозӣ низ зиёд нашаванд, касри буҷет метавонад бо таъсири факторҳои дигари ба даромади миллӣ таъсиррасонанда зиёд шавад. Ҳамин тавр мушкилоти баҳодиҳии самаранокии маблағҳои буҷетӣ бо чунин формула наметавонад дар ҳақиқат самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетиро инъикос намояд. Баҳодиҳии самаранокии буҷет метавонад характери муайянанамоии ин ё он мушкилотро дар буҷет гирад.

**Ҷадвали 1. Меъёрҳои баҳодиҳии мақсаднокии хароҷотҳои буҷетӣ**
**Table 1. Criteria for evaluating the purpose of budget expenditures**

| №/п | Принсипҳои ибтидоии самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ | Ҳадаф |
|---|---|---|
| 1 | Кам кардани нархи аслии молу маҳсулоти харид ва ҳамчунин нақшаҳои ояндаи маблағгузориҳои буҷетӣ, аз ҷумла:<br>➢ Ворид намудани техналогияи нав,<br>➢ Кам кардани истифодаи қувваи корӣ. | Зиёд шудани даромад, рақобат (паст шудани нарх), баланд шудани самаранокии нақшаҳо. |
| 2 | Баланд бардоштани системаи идораи хароҷот, хароҷотои буҷет, баланд бардоштани малакаҳои кории кормандон, системаи ҳавасмандгардонӣ ва ғайраҳо. | Оперативӣ, иҷрои қоидаҳои қабулшуда, маданият. Баланд шудани самаранокии хароҷот. |
| 3 | Ҳамкории калон, коромӯзӣ, информатизатсияи ҳамаи равандҳо оиди иҷрои нақшаҳои буҷетӣ ва идоракунӣ. | Сифати маҳсулот, кам кардани хароҷот, иҷроиши нақшаҳо, сарфаи манбаъҳои буҷетӣ. |
| 4 | Батанзимдарории андозситонии барномаҳои буҷетӣ ва маҳсулоти истеҳсолнамуда, сармоягузориҳо ва ғайраҳо. | Устувории молиявии иҷрокунандагон. |
| 5 | Беҳтаркунии структураи корхона, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, баланд бардории бозоргирии сармоягузорӣ. | Баланд шудани самаранокии маблағгузорӣ. |
| 6 | Навовариҳои ташкилот, беҳтар намудани сифати мол, гузаштан ба технологияи дигар. | Гуногуншавии бозор |
| 7 | Тайёркунии махсулотҳои нав вобаста ба нақшаҳои буҷетӣ ва давлатӣ, тартиб додани стратегияи рушди корхона. | Омӯхтани бозорҳои нав, гузаштан ба инкишофи иқтисоди нав. |

Самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ аз тарафи сиёсати буҷетӣ таъмин карда мешавад. Дар истифода ба сатҳи макроэкономикӣ, самтҳои равонашавии ин сиёсат метавонанд инҳо бошанд:

Асосноккунии ҳаҷми хароҷотҳои бандҳои буҷетӣ дар асоси меъёрҳое, ки самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетиро дар доираи афзалиятҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ муайян мекунанд.

Баландбардории самаранокии системаи идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳои давлатӣ, ки ба таври назаррас устувории системаи буҷетиро баланд мебардорад ва таваккале, ки ба сохтори қарзи давлатӣ доштаро кам мекунад.

Мукаммалгардонии раванди буҷет, таъмини шаффофияти буҷет дар ҳамаи сатҳҳо, баландбардории самаранокии назорати хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва даромадҳои он.

Ташкили системаи андозбандии боадолат, бетараф ва самаранок бо мақсади батанзимдарории гаронии андоз ба субъектони хоҷагидор дар робита бо мақсадҳои сиёсати иқтисодӣ барои инкишофи ин ё он соҳаи хоҷагӣ-сектори иқтисодӣ.

Таъмини балански буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат.

Касри буҷетро чунин нишон дода метавон: $\delta = \Delta B + \Delta M$, дар ин ҷо ΔВ-қарзҳои аз аҳолӣ гирифташуда, ΔМ-монетизатсияи каср, қарзи аз Бонки миллӣ гирифташуда.

Фарқи касри асосии буҷети давлатӣ аз маблағи пардохти фоизи қарзи давлатиро касри аввалия меноманд.

Ҷамъи умумии касрҳои буҷетӣ қарзи давлатро ташкил мекунанд. Умуман, доштани каср дар давраи ҳозира маънои аз тарафи насли оянда пардохткунии онро дорад. Пайдоиши қарзҳоро метавон манъ кард, масъалан қонун ҳукуматро боз медорад, ки хароҷоти буҷетро нисбат ба даромадаш зиёд намоянд. Вале чунин иқдом метавонад роҳи ҳалли мушкили бошад, метавонад самаранокии иқтисодиро таъмин намояд? Бармеояд, ки самаранокии буҷетро аз рӯи таъсири он ба фаъолияти иқтисодӣ ва таъсирҳои мусбие, ки касри буҷет меоварад-оё онҳо талафоти буҷетиро бартараф мекунад, баҳо додан мумкин аст. Мушкилоти дигар ин барзиёдии буҷет мебошад. Чунин воқеа метавонад вақте рух диҳад, ки ҳукумат маблағҳоро бо мақсади нақшаҳо ва стратегияҳои пешбинишуда захира

менамояд ё бо сабаби рух додани хатогиҳо дар раванди тартиботи буҷет ва идораи ноустувори он вобаста ба сиёсати гузаронидашуда.

Таъсири буҷетро ба иқтисодиёт ба востаи нишондиҳандаи индекси таъсири буҷет баҳо додан мумкин аст.

Даромадҳои андозӣ ба як сатҳ оварда мешаванд, ки ба сатҳи баробарвазни мутобиқ аст (Банд будани тамоми захираҳо дар иқтисодиёт). Баъдан аз хароҷотҳои ҷорӣ ҳаҷми даромад тарҳ карда шуда, касри буҷети “овардашуда” ҳисоб карда мешавад G-t Y*, ки Y*- ҳаҷми даромади баробарвазн. Индекс ҳамун нисбати касри “овардашуда” ба ҳаҷм ҳисоб карда мешавад, яъне IB=G/Y*-t. Ҳангоми касри зиёди ҳақиқӣ ва камкунии хароҷоти давлат индекси таъсири буҷет кам мешавад.

Касри буҷет даврӣ ва сохторӣ мешавад. Касри сохторӣ ин фарқи байни хароҷот ва он даромаде, ки ба буҷет ҳангоми машғулияти тамоми сатҳи иқтисодиёт бо низоми андозситонии вуҷуддошта гирифта метавонад:

$$BS = G - t\,Y^*$$

Касри даврӣ (BC) фарқи байни касри асосӣ ва сохтори мебошад

$$BC = B - BS = G - t\,Y - (G - t\,Y^*) = t\,(Y^* - Y).$$

Ҳамин тавр ин шакли самаранокӣ, ки аз ҷиҳати математикаи молиявӣ осон ба назар мерасад, хеле мушкил аст. Он бо робитаи якҷояи элементҳои системаи буҷетӣ, параметрҳои макроэкономикӣ муайян карда мешавад.

Бо ин ҳама муҳим аст, ки чи тавр маблағҳо ба бандҳои буҷет тақсим шудаанд, чи тавр маблағҳои буҷетӣ истифода мешаванд, назора то кадом дараҷа самаранок ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба ин, масъалаи самаранокии назоратӣ ва сохтори буҷет ба миён меояд. Ва ҳардуи онҳо ба муайянкунии меъёрҳои назорат ва тақсимоти маблағҳо ба бандҳои буҷетӣ таалluқ доранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Агамян А.А. К проблеме толкования понятия бюджетных расходов http://e-notabene.ru/al/article_11898.html (дата обращения 07.06.2016 г.)
2. Большаков С. Финансовая политика в условиях кризиса // Финансы. - 1993. - №2, с. 12-15.
3. Бюджетная политика РТ в условиях перехода к рыночной экономике. Учебное пособие / ЮлдашевЯ.Н., КабиловБ.Т., Душанбе, 2005г., 113 стр.
4. Бюджетная система. Учеб / Афанасьев. -М.: Юрайт, 2010.
5. Бюджеты местных Хукуматов. Учебное пособие. Юлдашев Я.Н. Душанбе 1997 г., 175 стр.
6. Голубев А.В. Расходы бюджетов как финансово-правовое понятие http://lektsii.com/5-3005.html (дата обращения 07.06.2016 г.).
7. Государственный бюджет. Учебное пособие / ЮлдашевЯ.Н. Душанбе - 2002 г., 292 стр.
8. Гущин А.Ю. Определение эффективности и способы ее оценки в системе государственного заказа // ИД «Академия естествознания» Фунда-ментальные исследования. Научный журнал. 2012. № 9. С. 204–208.
9. Казначейская система исполнения бюджета. Учебное пособие, Юлдашев Я.Н., Душанбе, 2001 г., 145 стр.
10. Охотский Е.В. Теория и механизмы современного государственного управления. М.: Юрайт, 2013. 701 с. С. 648.
11. Пятковская Ю.В. Бюджетные расходы в системе государственных и муниципальных расходов: правовой аспект. Иркутск: Изд-во БГУ, 2015. 164 с. С. 25.
12. Федоровых О.П. Государственные и муниципальные расходы. Омск: ИП Архипов М.И., 2016. 116 с. С. 5.
13. Шарипов, У. А. Механизм формирования развития инвестиций в гидроэлектростанции для обеспечения орошаемых земель Республики Таджикистан / У. А. Шарипов, К. Ф. Сайфуров // Трансформация бизнеса и общественных институтов в условиях цифровизации экономики : Сборник научных трудов IV Национальной (российской) научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 26–27 мая 2022 года / Под общей редакцией Е.ф. Щипанова [и др.]. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский университет технологий управления и экономики, 2022. – С. 281-288. – EDN DXIEKK.


## АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАШКИЛИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

Маълум аст, ки проблемаҳои дар соҳаи хароҷоти маблағҳои буҷетӣ пайдошуда, на танҳо хусусияти иқтисодӣ, балки хусусияти институтсионалӣ низ доранд. Инкишофи муҳити институтионалӣ ба пайдоиш ташаккулёбии инфрасохтори молиявӣ алоқамандӣ дошта, қисми идоракунандаест, ки ба инкишофи молиявии давлат таъсир мекунад. Дар инкишофи муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтори молиявӣ, нобаробариҳо ба таври манфӣ дар ташаккули сиёати хароҷотӣ маблағҳои буҷетӣ ва инкишофи иқтисодии давлат зоҳир мегардад. Ин шароити муҳим саривақт ошкор ва паси сар намудани номутаносибияти институтсионалиро дар сиёсати хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ба миён меорад. Банизомдарории хароҷоти

буҷетӣ, равиши батанзимдарорӣ ва идоравии сектори давлатии сиёсати буҷетиро ташкил мекунанд, ки дар охир самаранокии онро муайян мекунад. Хароҷотҳо ба бандҳои гуногуни буҷетӣ аз ҳамдигар фарққунандаанд. Ин зарурати на танҳо муайянкунии сохтори дурусти буҷет, балки тасдиқи ин сохтор бо хароҷотҳои муайяншуда аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва таъмини назорати самаранокӣ хароҷотҳои буҷетиро ташкил мекунад.

**Калидвожаҳо**: хароҷоти буҷет, институтҳои молиявӣ, самаранокии хароҷотҳо, низоми буҷетӣ, проблемаҳои низоми буҷетӣ.

**ИНСТИТУТЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ БЮДЖЕТНЫХ РАСХОДОВ**

Понятно, что проблемы в сфере расходования бюджетных средств носят не только экономический, но и институциональный характер. Развитие институциональной среды связано с формированием финансовой инфраструктуры и является управленческой частью, влияющей на финансовое развитие государства. В развитии институциональной среды и финансовой инфраструктуры негативным образом проявляются неравенства в формировании политики расходования бюджетных средств и экономического развития государства. Это создает важные условия для своевременного выявления и устранения институциональных диспропорций в политике расходования бюджетных средств. Регулярность бюджетных расходов, нормативный подход и отраслевое управление формируют государственную бюджетную политику, что, в конечном итоге, определяет ее эффективность. Расходы по разным статьям бюджета отличаются друг от друга. Это необходимость не только определения правильной структуры бюджета, но и подтверждения этой структуры выявленными расходами, с точки зрения социальной значимости и контроля за эффективностью бюджетных расходов.

**Ключевые слова:** бюджетные расходы, финансовые учреждения, экономическая эффективность, бюджетная система, проблемы бюджетной системы.

**INSTITUTIONAL ASPECTS OF FORMATION EFFICIENCY OF BUDGET FUNDS**

It is clear that the problems in the field of spending budget funds are not only economic, but also institutional in nature. The development of the institutional environment is associated with the formation of the financial infrastructure and is a managerial part that affects the financial development of the state. In the development of the institutional environment and financial infrastructure, inequalities in the formation of the policy of spending budgetary funds and the economic development of the state are negatively manifested. This creates important conditions for the timely identification and elimination of institutional imbalances in the policy of spending budgetary funds. The regularity of budget expenditures, the normative approach and sectoral management form the state budget policy, which ultimately determines its effectiveness. Expenses for different budget items differ from each other. This is the need not only to determine the correct budget structure, but also to confirm this structure with identified expenditures in terms of social significance and control over the effectiveness of budget expenditures.

**Keywords:** budget expenditures, financial institutions, economic efficiency, budget system, problems of the budget system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғаффориён Муҳаммадҷон Шоҳрух*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gafforiyon@mail.ru.** Телефон: (**+992) 552-55-22-62**
***Ширинов Ҳайдаршоҳ Муҳаммадшоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **haydarshoh_98@mail.ru.** Телефон: **+992915634495**

**Сведения об авторах:** ***Гаффориён Мухаммаджон Шохрух*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **gafforiyon@mail.ru**. Телефон: **+992552552262**
***Ширинов Хайдаршох Мухаммадшоевич*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **haydarshoh_98@mail.ru.** Телефон: **+992915634495**

**Information about the authors:** ***Gafforiyon Muhammadjon Shokhrukh*** **-** Tajik National University, Ph.D Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **gafforiyon@mail.ru.** Phone: **+992552552262**
***Shirinov Haydarshoh Muhammadshoevich*** **-** Tajik National University, Ph.D Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **haydarshoh_98@mail.ru.** Phone: **+992915634495**

ТДУ: 31:63(575.3)

# АРЗЁБИИ ИҚТИСОДИИ ИҚТИДОРИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Зуҳуров Б.И.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Захираҳои табиии як минтақа дар иқтисодиёти кишвар нақши басо муҳим доранд. Тавре маълум аст, ба захираҳои табиӣ ҷангалҳо, маъданҳо, об, замин, олами ҳайвонот ва ғайра дохил мешаванд. Минтақаҳое, ки аз захираҳои табиӣ бой мебошанд, нисбат ба дигарон бартарии муқоисавӣ доранд, зеро онҳо метавонанд ин захираҳоро барои рушди иқтисодӣ истифода баранд.

Истифодаи захираҳои табиӣ ба рушди иқтисодӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Аз як тараф, онҳо метавонанд боиси таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши даромад ва афзоиши иқтисоди минтақа гарданд ва аз тарафи дигар бошад, онҳо метавонанд ба таназзули муҳити зист, тамом шудани захираҳо ва тақсимоти ноодилонаи сарват оварда расонанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки идоракунии захираҳои табиӣ устувор бошад, то рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин намояд.

Сарватҳои табиӣ барои ҳар як кишвар сарвати асосӣ мебошад. Онҳо рушди иқтисодӣ ва савдои хориҷиро тавассути содироти маҳсулоти марбут ба захираҳои табиӣ таъмин мекунанд. Онҳо дар рушди инфрасохтор ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои аҳолӣ заминаи устувор мегузоранд. Инчунин, сарватҳои табиӣ дар беҳтар намудани ҳолати инфрасохториву иқтисодии минтақаҳои кишвар мусоидат мекунанд.

**Ҷадвали 1. Иқтидори маъданҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Capacity of minerals of the Republic of Tajikistan**

| Сарватҳои табиӣ | Иқтидори захираҳо |
|---|---|
| **Тилло** | Дар кишвар зиёда аз 150 объекти тиллои маъдан муайян карда шудааст, ки аксарияти онҳо суст таҳқиқ карда шудаанд. Ҳоло дар ҳудуди ҷумҳурӣ 40 кони тилло маълум аст, ки ҳаҷми умумии онҳо ҳудуди 500 тоннаро ташкил медиҳад. |
| **Нуқра** | Дар як сол то 600 ҳазор тонна маъдани кони Конимансур коркард шуда метавонад. Бо фоидаи солонаи 50 тонна нуқра, захираи Конимансури Калон то 150 сол боқӣ мемонад. |
| **Сурб ва руҳ** (свинец и цинк) | Зиёда аз 90%-и захираи кашфшудаи ин металлҳо дар мавзеи маъдани Қарамазор ҷамъ шудааст. Танҳо дар конҳои маъдани Конимансур ва Олтинтопкан зиёда аз як миллиард тонна маъдани сурб ва руҳ кашф карда шудааст. |
| **Сурма** | Тоҷикистон аз рӯи захираҳои собитшудаи сурма дар Осиё дар ҷои сеюм (пас аз Чин ва Таиланд) ва дар байни кишварҳои ИДМ ҷои аввалро ишғол мекунад. Захираи умумии сурмаи саноатӣ ва ғайрисаноатӣ 265 ҳазор тонна ва тилло 50 тоннаро ташкил медиҳад. Ин рақамҳо дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯи геологӣ хеле зиёд шуда метавонанд. |
| **Қалъагӣ** (олово) | Қалъа яке аз металлҳои асосии Тоҷикистони Марказӣ ва Помири Ҷанубӣ мебошад. Муҳимтарин кони ин ашёи хом Мушкистон аст, ки дар водии Зарафшон, дар наздикии корхонаи истихроҷи тилло, ки қаблан кашф шуда буд, воқеъ аст. |
| **Волфрам** | Дар ин ҷо 19 маъданҳои саноатии дарозиаш 50-425 м ва ғафсиаш 2-22 м ёфт шудаанд. Миқдори миёнаи триоксиди волфрам 0,91% мебошад. |
| **Оҳан** | Дар баланси давлатии ин кон захираи маъданҳои магнетит ба маблағи зиёда аз 100 миллион тонна пешбинӣ карда шудааст. Пешомади то чандсад миллион тонна зиёд шудани захираи маъдани оҳан мавҷуд аст. Маҳсули миёнаи оҳан дар маъданҳо қариб ба 40% мерасад. |
| **Алюминий** | Кони сиенитҳои нефелинии Турпи бо захираи зиёда аз 300 миллион тонна маъдан, ки дар 350 километр аз заводи алюминии амалкунанда воқеъ аст, таҳқиқ карда шуд. |
| **Стронсий** | Дар вилояти Хатлон 4 кони металли нодири стронсий кашф карда шудааст. Захираи умумии маъданҳои дорои стронсий дар конҳои Чалтош, Даудир, |

| | |
|---|---|
| | Чилкутан имконият медиҳад, ки дар ин ҷо дар як сол 180 ҳазор тонна маъдан истихроҷ карда, корхонаи калони маъдани кӯҳӣ барпо карда шавад. |
| **Ангишт** | Истихроҷи ангишт дар миқёси саноатӣ асосан дар ду кон (Шурабод ва Яғноб) сурат гирифта, соле ба 1,5 миллион тонна расид. Захираи умумии геологии муқарраршудаи ангишт дар ин марҳилаи кофтуков ба маблағи 212 миллион тонна муайян карда шудааст. |
| **Намаки санг** | Ғафсии намаки сангини Хоҷа Мӯъмин дар дохили кон аз 58 то 249 метрро ташкил медиҳад. Дар кон ҳудуди 160 чашмае, ки аз сутуни намаки сангӣ ҷорӣ мешавад, ба қайд гирифта шудааст. |
| **Фосфоритҳо** | Дар маҷмуъ, тақрибан 30 кон ва зуҳуроти фосфоритҳо ба дараҷаҳои гуногун муайян ва омӯхта шудаанд. Меъёри миёнаи P2O5 -5%, дарозии қабатҳо 22 км, ғафсии миёна 6,3 м мебошад. Тавозуни он ба назар гирифта шудааст, ки 22 миллион тонна маъдан ва захираҳои пешбинишуда 60 миллион тоннаро ташкил мекунад. |
| **Маводҳои сохтмонӣ** | То 140 кони масолеҳи бинокорӣ кашф мавҷуд аст, ки 40-тоаш азхуд карда шудааст. Дар аксарияти конҳои азхудшаванда ба корхонаҳои истихроҷкунанда захираҳои кофтуковшуда барои 20-50 сол ва бештар аз он дода шудааст. |

**Сарчашма.** Добыча экологически чистых природных ресурсов. URL:https://mfa.tj/ru/. Дата обращение 20.04.2023.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми корҳоро оид ба иктишоф, истихроҷ ва коркарди маъданҳои фоиданоки кишвар идома дода, тамоми захираҳоро барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар, афзун ва таҳкими иқтидори содиротӣ, инчунин, ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин самт равона мекунад.

Яке аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои сарватҳои бойи табиӣ мебошад, имрӯз дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши босазо дорад, Вилояти Хатлон мебошад. Вилояти Хатлон дар қисмати ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, аз шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз шарқ бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар масофаи 103 км ва аз ҷануб ба масофаи 420 километр бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Масофаи роҳ аз маркази вилоят - шаҳри Бохтар то пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе 97 километрро ташкил медиҳад.

Вилояти Хатлон масоҳати 24,6 ҳазор километри мураббаъро ишғол мекунад, ки тақрибан 17%-и тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Аз ҳудуди вилоят дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофирниҳон ва Қизилсу мегузаранд. Якчанд обанбор, аз қабили Муминобод, Селбур дар совхози ба номи Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ ва ғайра мавҷуд мебошанд. Дар ҳудуди вилояти Хатлон 6 шаҳр – Бохтар, Норак, Кӯлоб, Сарбанд, Данғара ва Панҷ мавҷуд аст. Вилоят ба 21 ноҳияи маъмурӣ тақсим шудааст. Маркази вилоят - шаҳри Бохтар мебошад.

Рушди устувори иқтисодиёти вилоят ва фаъолияти муътадили он, пеш аз хама, ба истифодаи самаранок ва оқилонаи неруи табиии он вобаста мебошад. Дар навбати худ, истифодаи самаранок ва оқилонаи иқтидори захираҳои табиии минтақаҳо аз самаранокии сармоягузорӣ дар рушд ва ба ҳамвории муносибатҳои истеҳсолӣ интиқол додани онҳо вобаста аст.

Омили захираҳои табиӣ ба тақсимоти соҳаҳои саноат дар қаламрави худ таъсири назаррас мерасонад, таъсири захираҳои табиии истифодашаванда дар сохтори (тахассусии) истеҳсолот, инчунин, тавассути ҷалби сармоя зоҳир мегардад.

Бояд қайд кард, ки истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии вилояти Хатлон барои соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ аз қабили саноати сабук, соҳаи хоҷагии қишлоқ ва инфрасохтори нақлиётӣ заминаи устувор мегузорад.

Иқтисодиёти вилоятро саноати сабук ташкил медиҳад. Дар ин ҷо истеҳсоли пахтатозакунӣ ва чармдузӣ рушд мекунад. Саноати хӯрокворӣ, саноати равған, гӯшт, ордбарорӣ ва консервбарориро дар бар мегирад. Истеҳсоли кимиё дар қаламрави заводи нуриҳои азотии Вахш сурат мегирад. Истеҳсолоти электротехникӣ ва коркарди металл низ дар ин ҷо мавҷуд аст. Дар ҳудуди вилояти Хатлон конҳои газ, нафт ва намаки сангӣ низ мавҷуданд. Дар дарёи Вахш каскади стансияҳои электрикии обӣ сохта шудаст [4,с.71].

Қайд кардан муҳим аст, ки дар иқтисодиёти минтақа бахши саноат нақши ҳалкунанда дорад. Рушди соҳа на танҳо ба афзоиши ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад, балки боиси рушди умумии иқтисодии минтақа мегардад. Саноат бо роҳи ба даст овардани даромад тавассути содирот ва фурӯши дохилӣ манбаи устувори даромади минтақаро фароҳам меорад. Мавҷудияти соҳаҳо инчунин, соҳибкорон ва сармоягузориро дар минтақа ҷалб мекунад, ки боиси афзоиши талабот ба қувваи корӣ, хизматрасонӣ ва мол мегардад. Соҳаи саноат, бахусус саноати сабук метавонад сатҳи зиндагии мардуми минтақаро тавассути фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва мусоидат ба таҳсилот ва омӯзиш беҳтар созад.

Дар вилояти Хатлон зироаткории обӣ низ рушд ёфта истодааст. Низоми обёрии мавҷуда аз оби дарёи Вахш, инчунин, дигар каналҳо истифода мебарад. Дар ин минтақаҳо пахтаи маҳиннах барин зироатҳо, аз ғалладона гандум, ҷав, ҷуворимакка, инчунин, сабзавот, картошка, хӯроки чорво истеҳсол карда мешаванд.

Дар вилоят мевапарварӣ хеле рушд карда, ситруспарварӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Инчунин, токзорҳо мавҷуданд, ки як қисми собиқ плантатсияҳои геран ва найшакарро ишғол кардаанд. Чорводорӣ дар вилоят гӯсфанди ҳисорӣ, гӯсфанди қарокӯлӣ, гов, буз ва чорвои ширдеҳ мебошад. Барои ба даст овардани пилла парвариши кирмак ба роҳ монда шудааст.

Аҳаммияти хоҷагии қишлоқ дар иқтисодиёти вилоят аз он иборат аст, ки вай барои рушди як қатор соҳаҳои иқтисодиёт асос шуда метавонад. Хоҷагии қишлоқ аҳолии минтақаро бо ғизои хушсифату арзон таъмин намуда, барои кишвар яке аз манбаъҳои содирот ба шумор меравад. Илова бар ин, дар соҳаи кишоварзӣ ҷойҳои корӣ таъсис ёфта, ба рушди соҳибкории хурд дар коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, омили муайянкунандаи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи вилояти Хатлон соҳаи энергетика мебошад, ки дар асоси он перспективаҳои реалии афзоиши босуръати соҳаҳои асосии иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ ва рушди иқтисодиёти минтақаро муайян кардан мумкин аст. Ҷалби сарватҳои зеризаминӣ дар муомилоти иқтисодӣ (аз қабили кони намаки Хоҷа Мӯъмин бо захираи 31 миллиард тонна, газу нафти "Бештентоқ" бо захираи зиёда аз 2,7 миллион тонна) ва захираҳои замин имкониятҳои минтақаро боз ҳам васеъ мегардонад [7,с.59].

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои пешрафтаи иҷтимоию иқтисодии кишвар бо иқтидори бузурги инфрасохторӣ ва бахшҳои агросаноатӣ эътироф шудааст, ки ба маҳсулоти он ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори беруна талабот зиёд аст. Дар вилоят барои беҳбудии зиндагӣ ва некуаҳволии мардум тамоми шароити зарурӣ аз тарафи мақомоти маҳаллӣ фароҳам оварда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки минтақаҳо ва иштирокчиёни бозори вилоят барои таъмини рушди устувор дорои иқтидори зиёди захиравӣ мебошанд. Бинобар ин, вусъат додани мустақилияти иқтисодии ноҳияҳо дар истифодаи захираҳои табиию иқтисодӣ, таъмини дастрасии одилона ба онҳо тавассути тақсими ваколатҳо ва ҳуқуқҳои иқтисодии байни марказ ва маҳалҳо яке аз самтҳои асосииислоҳоти бозор ба шумор меравад.

Арзёбии иқтидори табиии минтақа барои таҳияи стратегияҳои устувори истифодаи захираҳои он ва баҳисобгирии ҳифзи мувозинати экологии он муҳим мебошад. Он банақшагирии дақиқ, идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои табииро, аз қабили ҷангалҳо, маъданҳо, об ва олами ҳайвонотро дар бар мегирад. Ғайр аз он, иқтидори табиии минтақа ба бартарии муқоисавии он дар бозор, сайёҳӣ ва тиҷорати байналмилалӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, сиёсатмандон ва иқтисоддонон ҳангоми таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва нақшаҳои рушд барои таъмини рушди одилона ва рушди устувор бояд иқтидори табиии минтақаро ба назар гиранд. Дар маҷмуъ, истифодаи оқилонаи иқтидори табиии минтақа роҳро барои пешбурди некуаҳволии он ва ноил шудан ба рушди устувор боз мекунад.

Ҳангоми баҳодиҳии иқтидори табиию экологии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шартҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст: аввалан, ифодаи миқдорӣ ва арзиши иқтидори захираҳои табиӣ, ки барои самаранокии фаъолияти иқтисоди минтақавӣ имкон медиҳад. Сониян, сохтори хароҷоти захираҳои минтақа, ки имкон медиҳад ҳиссаи ҳар як

намуди захираҳо дар такрористеҳсоли неъматҳои моддӣ ва қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни иқтисодиёти вилоят муайян карда шаванд.

Иқтидори иқтисодии минтақаро метавон ҳамчун қобилияти умумии иқтисодиёти минтақа барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, таъмини рушди мутаносиби истеҳсолот ва истеъмол дар шароити тағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ истифода бурд [11,с.128].

Вобаста ба иқтидори табиии вилояти Хатлон, бояд қайд кард, ки дар ҳудуди вилоят конҳои нафту газ, ангиштсанг, селестин, тилло, намаки ғизоӣ ва сангӣ, гаҷ, қуму шағал, оҳаксанг, доломит, стронсий ва дигар ҷинсҳо кашф шудаанд, ки 18 кони фаъол ҳисобида мешаванд ва 53-тои онҳо ҳамчун захира нигоҳ дошта мешаванд.

Дар яке аз конҳои калонтарини нефту гази кишвар кони Бештентак дар вилояти Балҷувон, ки захираи он қариб 2,7 миллион тонна, газ - 2,5 миллиард метри мукааб мебошад, корҳои ҷустуҷӯӣ давом дорад. Ҳоло аз ҳисоби се кон (Қизилтумшуки ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, ш. Хоҷа Сартез ва Бештенток ноҳияи Балҷувон) аз нефти вазнини конҳои Акбошидир, Кичи Бел ва Қуми Ҷануби ноҳияи Қумсангир навъҳои гуногуни мазут ва битум ҳосил карда мешавад.

Дар қисми ҷанубу ғарбии қаторкӯҳҳои Дарвоз гурӯҳи конҳои ангишти Шураобод - Ровнус мавҷуд аст, ки захираи онҳо 638 миллион тонна мебошад. Дар ноҳияҳои Шугнав ва Ёхсуи ноҳияи Ховалинг конҳои тиллои аълосифат истифода бурда мешаванд. Дар заминаи кони стронсий дар мавзеи Чолтоши ноҳияи Восеъ, бунёди корхонаи коркарди маъдан дар назар аст [10,с.6].

Конҳои оҳаксанги ноҳияҳои Хуросон ва Носири Хисрав, кони гили Табакчи шаҳри Сарбанд ва кони гач Шар-шари ноҳияи Хуросон дар рушди индустрияи бинокорӣ нақши калон бозида метавонанд. Мувофиқи ҳисобу китоб захираи оҳаксанг дар кони Пустхур, намак дар кони Тутбулоқ, доломит дар кони Ёвон барои 300 сол кифоя аст.

Дар қисмати ҷанубии минтақа конҳои намаки сангии Туюнтоғ ва гили Қубодиён, инчунин, ду кони намаки сангӣ, Хоҷа Мӯъмин (захираи он 4,4 миллиард тонна) ва Хоҷа Сартез (40 миллиард тонна) мавҷуданд, ки қисман истифода мешаванд.

Дар базаи манбаъҳои оби маъдани ноҳияи Темурмалик аз гили шифобахши кӯлҳо истифода бурда, барои сохтани майдонҳои муолиҷавӣ ва истироҳатӣ имкониятҳои калон мавҷуданд. Захираи оби маъданӣ дар як шабонарӯз 993 метри мукааб буда, таркиби он аз хлориди натрий бой аст. Элементҳои муҳимми он кислотаи сулфат ва карбонати калий мебошанд.

Тибқи маълумоти расмӣ 63%-и тамоми захираҳои нафтӣ дар вилояти Хатлон ҷойгир шудааст. Аммо 9%-и захираҳои нафт азхуд карда шудаанд ва бисёр конҳо ҳанӯз дар марҳалаи кашфу омӯзиш мебошанд. Ба гуфтаи мутахассисон, дар минтақа, махсусан дар минтақаи Кӯлоб, захираҳои зиёди газ низ мавҷуд аст. Дар водиҳои дарёҳои Панҷ, Сурхоб, Яхсу низ конҳои тиллои гафсонӣ мавҷуданд [8,с.102].

Дар вилояти мазкур инчунин, 11 кони намак муайян карда шудааст, ки аз он 3-тоаш дар баланси захираҳо – Тутбулоқ, Хоҷа Мӯъмин ва Хоҷа Сартез кашф ва ба ҳисоб гирифта шудааст. Захираи намак амалан номаҳдуд буда, танҳо дар категорияҳои саноатӣ 2,6 миллиард тоннаро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми тавлиди неруи барқ дар ин минтақа бо истифодаи пурраи захираҳои обии дарёҳои хурд ҳудуди 49 миллиард киловаттро ё 80%-и захираҳои гидротехникии дарёҳои хурди кишварро ташкил медиҳад. Танҳо захираҳои обии дарёи Вахш 43%-и тамоми ресурсҳои гидроэнергетикии кишварро ташкил медиҳанд [5,с.103].

Дар истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, омилҳои иқтисодӣ-ҷуғрофӣ низ саҳми калонро доро мебошанд. Масалан, Ф.С. Обидов қайд мекунад, ки бо назардошти омилҳои ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои Шимол, Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Кӯлоб ва Помир ҷудо карда мешаванд. Чунин тақсимкунӣ ҳам хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ ва ҳам иқтисодию географӣ ва ҳам хусусияти этникӣ, фарҳангии территорияҳоро ба назар мегирад.

Минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ хусусиятҳои хосси худро доранд, ки аз ҳамдигар на танҳо аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ, шароити табиӣ, иқтидори якхелаи иқтисодӣ, сохтори он, таркиби аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, балки аз рӯи анъана, намуди истеҳсолот, кишоварзӣ,

маданият, дигар шартҳои рушди қувваҳои истеҳсолкунанда низ фарқ мекунанд. Ҳамаи ин ба муайян кардани мавқеи ҳар як минтақа дар иқтисодиёти мамлакат таъсир мерасонад [9,с.40].

Вилояти Хатлон ду минтақаи табиию иқлимии Кӯлоб ва Вахшро дар бар мегирад. Масоҳати умумии минтақаи Кӯлоб - 12,0 ҳазор км. мураббаъро ташкил медиҳад ва ноҳияи Вахш - 12,6 ҳазор км.мураббаъ. Ҳар ду минтақаи ноҳия барои парвариши зироатҳои пурқимати хоҷагии қишлоқ, махсусан зироатҳои гармдуст шароитҳои табиию иқлимӣ мусоид доранд ва имкон медиҳанд, ки дар як сол 2-3 ҳосил ба даст оваранд.

Аз ин рӯ, соҳаи пешбарандаи иқтисодиёти вилоят хоҷагии қишлок мебошад. Вилояти Хатлон 53%-и тамоми зироатҳои хоҷагии қишлоқи кишвар, аз ҷумла 54%-и зироатҳои ғалладона ва 63%-и зироатҳои пахтаро ташкил медиҳад. Вилоят дар кишвар истеҳсолкунандаи асосии пахтаи хом ва ғалла мебошад [1,с.145].

Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки дар вилоят зироаткорӣ пахтакорӣ, ғалладона асосан гандум, картошкаю сабзавот, зироатҳои хӯроки чорво, зироатҳои равғандор офтобпараст, зағир, боғу токпарварӣ рушдёфта мебошад. Дар соҳаи чорводорӣ чунин соҳаҳои ба монанди гӯсфандпарварӣ, бузпарварӣ, парандапарварӣ, аспparварӣ, заргӯшпарварӣ ба вуҷуд омада, рушд карда истодаанд. Дар баробари ин, дар хоҷагии қишлоқи вилоят кирмакпарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва моҳипарварӣ хеле рушдёфта мебошанд.

Дурнамои рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи вилояти Хатлон бо иқтидори пурра ба кор андохтани корхонаҳои мавҷудаи саноати химия, корхонаҳои электротехникӣ дар асоси азхудкунии сарватҳои табиии вилоят, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ - пахтакорӣ, боғу токдорӣ вобастагӣ дорад. Азхудкунии сарватҳои табиӣ чи аз ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ, конҳои ашёи хоми маъданӣ, газу нафт, имкониятҳои обу замину биоиқлимии вилоят сазовори диққати махсус мебошад [14,с.20].

Бояд қайд кард, ки дар вилоят минтақаҳои нефти Вахш ва Кӯлоб намоёнанд. Дар ин ҷо қабатҳои нафтдор, оҳаксангу доломитҳои палеоген мебошанд. Чуқурии пайдоиш аз 800 то 1800 м мебошад. Мувофиқи маълумоти расмӣ 63%-и тамоми захираҳои нафт дар ҳамин минтақаи кишвар ҷойгир аст, аммо ҳамагӣ дар ин ҷо 9%-и захираҳои нафт аз худ карда шудаанд ва бисёр конҳо ҳанӯз дар марҳалаи кашфу омӯзиш мебошанд. Ба гуфтаи мутахассисон, дар минтақаи Кӯлоб, захираҳои зиёди газ низ мавҷуд мебошад [14,с.77].

Дар яке аз калонтарин конҳои нафту гази кишвар, кони Бештентоқи вилояти Балҷувон, ки захираи нафт қариб 2,7 миллион тонна, газ - 2,5 миллиард метри мукааб дорад, дар ин ҷо корҳои ҷустуҷӯӣ давом дорад. Ҳоло аз ҳисоби се кон Қизилтумшуки ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, ш. Хоҷа Сартез ва Бештентоқ аз ноҳияи Балҷувон таъмин карда мешаванд.

Аз нафти вазнини конҳои Акбошидир, Кичи Бел ва Қуми Ҷанубии ноҳияи Қумсангир навъҳои гуногуни мазут ва битум ҳосил карда мешавад. Дар айни замон, ба ақидаи мутахассисон, захираҳои нафту газ дар Бештентоқ Қизил-Тумшук, Хоҷа Сартез, Узуннаҳор, Сулдузӣ, Кичик Бел, Акбашадир, Қуми Ҷанубӣ, «Пушони Шимолӣ», «Сайёд», «Саргазон», «Қизилсу» , «Наичӣ», «Карадум», «Ялгизкок» ва «Норин» аз 75 то 205 миллион тонна ва газ аз 205 то 440 миллиард метри мукааб мавҷуд мебошад [10].

Вобаста ба таҳили муаммои баррасишаванда, қайд кардан муҳим аст, ки рушди босуръати иқтисодии вилояти Хатлон бо ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим алоқаманд аст, ки аввалиндараҷаи онҳо ҷалби сармоя, рушди соҳаи кишоварзӣ, коммуникатсия ва сохтмони роҳҳои муосир ба шумор мераванд.

Самаранок истифода бурдани роҳи автомобилгарду роҳи оҳани Бохтар-Кӯлоб, сохтмони роҳи оҳан ба минтақаи пешбинишудаи сохтмони НОБ-и Даштиҷум ва баъд ба стансияҳои нави электрикии обии дарёи Панҷ, ба кор андохтани стансияи электрикӣ, самаранок истифода бурдани шоҳроҳи Кӯлоб-Хоруғ, ҷалби захираҳои гуногуни табиӣ ба муомилоти хоҷагии халқ, таъмини пурра бо шуғли корӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ барои истифодаи самараноки сарватҳои табиии вилояти Хатлон мусоидат мекунад.

Агар имкониятҳои вилояти Хатлонро аз рӯи захираҳои маъданҳои мавҷуда таҳлил кунем, аз иқтидори хеле баланди ин минтақа гувоҳӣ додан мумкин аст. Тавре дар боло

қайд кардем, дар ҳудуди вилоят конҳои нафту газ, ангиштсанг, селестит, тилло, намаки ғизоӣ ва сангӣ, гаҷ, қуму шағал, оҳаксанг, доломит, стронсий ва дигар ҷинсҳо кашф шудаанд, ки 18 кони фаъол ҳисобида мешаванд ва 53-тоаш ҳамчун захира нигоҳ дошта мешаванд [1,с.147].

Ҳамин тариқ истифодаи самараноки сарватҳои табиии вилояти Хатлон, метавонад минтақаро ба рушдкардаи кишвар табдил дода, дар заминаи коркарди пурраи конҳои калони газ, нафт, тилло, намак ва масолеҳи бинокорӣ барои рушди босуботи кишвар ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии кишар мусоидат кунад.

Истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар шароити рушди илму техника, принсипи муҳимми рушди устувори минтақа ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, барои амалӣ гардонидани ин принсип тадбирҳои муҳофизат ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, назорати истифодаи самаранокии онҳо ва танзими ҷараёнҳои истихроҷ ва коркард дар минтақа зарур мебошад.

Самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ бо рушди иқтисодиёт зич алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки захираҳо бояд барои истифодаи оптималии онҳо бо назардошти маҳдудиятҳои экосистема ва мувозинати байни сармоя ва захираҳои табиӣ идора ва ба нақша гирифта шаванд. Инчунин, ҳимояи ҳуқуқҳои ҷамоатҳои маҳаллӣ, ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва истифодаи устуворро дар бар мегирад. Дар баробари ин, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва омӯзонидани одамон дар бораи аҳаммияти захираҳои табиӣ як қадами муҳим дар самти ҳифз ва истифодаи устувори онҳо мебошад. Таҳқиқот ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон барои рушди фаъолияти хоҷагидории на фақат минтақа, балки барои иқтисодиёти миллӣ заминаи устувори молиявию иқтисодӣ мегузорад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДМИТ – Содиқов М.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Бегматов, Б.А. Региональная экономика Хатлонской области, её роль и место в национальной экономике Таджикистана / Б.А. Бегматов // Экономика Таджикистана. – 2018. -№1. -С.145-152.
2. Вазиров, А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 2. – С. 153-158.
3. Добыча экологически чистых природных ресурсов. [Электронный ресурс]. URL: https://mfa.tj/ru/. (дата обращения 20.04.2023).
4. Достиев М.Н. Особенности формирования и развития экологического предпринимательства: дисс…к.э.н. 08.00.05 / М.Н. Достиев. –Душанбе, 2018. -171 с.
5. Зияева З.Ж. Экономически целесообразные пути использования возобновляемых энергоресурсов Республики Таджикистан / З.Ж. Зияева // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2008. -№3. -С.103.
6. Каюмова С.А. Управление регионом как фактор социально-экономического развития Согдийской области Республики Таджикистан / С.А. Каюмова // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2021. -№1(18). -С.120-129.
7. Миралиев А.М. Экономические преобразования и развитие производительных сил Хатлонской области / А.М Миралиев // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2001. -№3. -С.59.
8. Обидов Ф.С. К вопросу об эффективности использования природно-ресурсного потенциала Республики Таджикистан / Ф.С. Обидов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2005. -№3. -С.102.
9. Обидов Ф.С. Природно-ресурсный потенциал национальной экономики и проблемы его использования: на примере Республики Таджикистан: дисс. д-ра экон. наук.: 08.00.05 / Ф.С. Обидов. -Душанбе, 2006. -340 с.
10. Программа социально-экономического развития Хатлонской области на 2016-2020 годы. С.6.
11. Пулодова, Х.Ш. Формирование ресурсного потенциала в системе факторов устойчивого развития региона / Х.Ш. Пулодова, К.К. Раджабов // Экономика Таджикистана. – 2018. -№1. -С.128-137.
12. Развитие промышленности Хатлонской области: проблемы и поиски решений / Н.Т. Садриддинов, Мухаммаджонзода Д.О., Б.К. Наимов, Ш.С. Бакоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2016. -№1-4(41). -С.102-106.
13. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография / Х.А. Хофизов, Д.А. Ходиев. -Душанбе: Типография ТНУ, 2020. -200 с.
14. Шарифзода, Р.А. Сотрудничество Республики Таджикистан с международными организациями в решении проблем постконфликтного восстановления и дальнейшего развития промышленности Хатлонской области / Шарифзода Р.А. // Вестник Педагогического университета. – 2019. -№3(80). -С.250-255.

**АРЗЁБИИ ИҚТИСОДИИ ИҚТИДОРИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

Дар мақола масъалаҳои баҳодиҳии захираҳои табиии вилояти Хатлон ҳамчун омили муҳимтарини фаъолияти хоҷагидории минтақа дар шароити кунунӣ баррасӣ гаштааст. Сарватҳои табиӣ барои ҳар як кишвар сарватҳои асосӣ арзёбӣ мегардад. Онҳо рушди иқтисодӣ ва савдои хориҷиро тавассути содироти маҳсулоти марбут ба захираҳои табиӣ таъмин мекунанд ва инчунин, дар рушди инфрасохтор ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои аҳолӣ заминаи устувор мегузоранд. Қайд гардидааст, ки истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии минтақа дар умум барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, таъмини рушди мутаносиби истеҳсолот ва истеъмол шарти муҳим ба шумор меравад. Сарватҳои табиӣ инчунин, дар беҳтар намудани ҳолати инфрасохториву иқтисодии минтақаҳои кишвар мусоидат мекунанд. Дар мақола диққати махсус ба масъалаҳои ошкор намудани иқтидори бойи табиии минтақа, арзёбии иқтисодии онҳо дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва истифодаи самараноки онҳо аз нуқтаи назари таъмини бехатарии иқтисодӣ равона гардидааст.

**Калидвожаҳо:** сарватҳои табиӣ, истифодаи самаранок, арзёбии иқтисодии иқтидори захираҳо, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, иқтисодиёти минтақа, шуғли пурмаҳсул, бозори меҳнат, рақобатпазирӣ, иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ ва истеҳсолот.

**ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА ПОТЕНЦИАЛА ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ**

В статье рассмотрены вопросы оценки природных ресурсов Хатлонской области как важнейшего фактора экономической деятельности региона в современных условиях. Природные ресурсы являются главным ресурсом любой страны. Они обеспечивают экономический рост и внешнюю торговлю за счет экспорта продукции, связанной с природными ресурсами, а также закладывают прочную основу для развития инфраструктуры и создания рабочих мест для населения. Отмечается, что эффективное использование экономического потенциала региона в целом является важным условием стимулирования производственной, экономической и социальной деятельности, удовлетворения потребностей населения, обеспечения сбалансированного развития производства и потребления. Природные ресурсы также способствуют улучшению инфраструктуры и экономического состояния регионов страны. В статье особое внимание уделено вопросам раскрытия богатого природного потенциала региона, его экономической оценки в системе экономических отношений и эффективного использования с точки зрения обеспечения экономической безопасности.

**Ключевые слова:** природные ресурсы, эффективное использование, экономическая оценка ресурсного потенциала, макроэкономические показатели, региональная экономика, производительная занятость, рынок труда, конкурентоспособность, национальная экономика, экономическая деятельность, инвестиции и производство.

**ECONOMIC ASSESSMENT OF THE POTENTIAL OF NATURAL RESOURCES IN KHATLON REGION**

The article discusses the issues of assessing the natural resources of the Khatlon region as the most important factor in the economic activity of the region in modern conditions. Natural resources are the main resource of any country. They provide economic growth and foreign trade through the export of natural resource products, and also provide a strong foundation for infrastructure development and job creation for the population. It is noted that the effective use of the economic potential of the region as a whole is an important condition for stimulating production, economic and social activities, meeting the needs of the population, and ensuring balanced development of production and consumption. Natural resources also contribute to improving the infrastructure and economic condition of the country's regions. The article pays special attention to the issues of unlocking the rich natural potential of the region, its economic assessment in the system of economic relations and effective use from the point of view of ensuring economic security.

**Keywords:** natural resources, efficient use, economic assessment of resource potential, macroeconomic indicators, regional economy, productive employment, labor market, competitiveness, national economy, economic activity, investment and production.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зухуров Бахтиёр Искандарович*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи иқтисоди ҷаҳон. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 918-80-93-51**

**Сведения об авторе:** ***Зухуров Бахтиёр Искандарович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 918-80-93-51**

**Information about the author:** ***Zuhurov Bakhtiyor Iskandarovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the Department of World Economy. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 918-80-93-51**

ТДУ: 657.1.

# КАМАРЗИШИИ ҚАРЗДОРИҲОИ ДЕБИТОРӢ: ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРӢ ТИБҚИ СБҲМ (IFRS) 9 «ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ»

*Каримов А.С., Мирзоалиев А.А.*
**Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҳанӯз моҳи июли соли 2014 Шуро оид ба СБҲМ (IASB) мавриди нашри нусхаи охирини СБҲМ (IFRS) 9 «Воситаҳои[†] молиявӣ» хабар дод, ки дар он талаботи асосӣ оид ба тасниф ва баҳодиҳии воситаҳои молиявӣ муайян карда шуда, муқаррарот оид ба баҳисобгирии зарар аз камарзишӣ, инчунин, амалиётҳо оид ба ҳеҷиронӣ дар доираи ивазнамоии СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва баҳодиҳӣ" оварда шудаанд [1]. Моҳи майи соли 2014 Шуро оид ба СБҲМ стандарти дигар - СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз рӯи шартномаҳо бо харидорон», ки СБҲМ (IAS) 18 «Даромад»-ро иваз карда, қоидаҳои асосии баҳисобгирии қарздориҳои дебиториро аз рӯи шартномаҳо бо харидорон инъикос менамояд, нашр намуд.

СБҲМ (IFRS) 9 ва СБҲМ (IFRS) 15 бо ҳам сахт алоқаманд буда, дар сурати истифодаи яке аз онҳо корхона ногузир бояд талаботи стандарти дигариро ба назар бигирад. Стандартҳои мазкур ҳоло дар Тоҷикистон ба таври бояду шояд муаррифӣ нагардида, то ин замон аксари корхонаҳо талаботи онҳоро истисно менамоянд, гарчанде, тибқи муқаррароти қонунгузории мавҷуда, ҳисоботи молиявии худро бояд маҳз бо назардошти талаботи СБҲМ таҳия намоянд. Вобаста ба ин, баррасии қоидаҳои баҳодиҳӣ ва камарзишии қарздориҳои дебиторӣ муҳим мегардад.

Масъалаҳои ташкил ва пешбарии баҳисобгирии амалиётҳо бо қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ тибқи меъёрҳо, қоидаҳо ва принсипҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ватанӣ ва байналмилалӣ дар асарҳои олимон-иқтисоддонҳо, аз қабили: М. Шобеков, С.Ф. Низомов, С.И. Содиқов, М.У. Бобоев, Ғ.М. Раҳимов ва дигарон мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Ин масоил дар асарҳои олимони хориҷӣ, аз қабили: Соколов Я.В., Палий В.Ф., Исраилов М.И., Д.И. Киезо, Д.Ҷ. Вейгант ва дигарон низ баррасӣ гардидаанд.

Аммо, сарфи назар аз эҳтироми назарраси олимон ба ин мавзуъ, он таҳқиқоти мустақими ояндадор ва мувофиқ боқӣ мемонад. Дар солҳои охир мушкилоти дарки илмии ҳодисаҳои нави соҳаи баҳисобгирии амалиётҳои насиявӣ, тартиби қоидаҳои муносиб ва самарабахши эътироф, тасниф, баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ бо сабаби дигаргуншавии шадиди шароитҳои иқтисодӣ ва рушди технологӣ ҳам дар амалия ва ҳам дар назария зарурати инкишофро ба миён оварданд.

Мақсади таҳқиқот муайян кардани моҳияти қарздориҳои дебиторӣ ва хусусиятҳои баҳисобгирии камарзишшавии онҳо, такмили механизмҳои таъминоти баҳисобгирии муҳосибӣ барои идоракунии амалиётҳои насиявӣ мебошад.

Аксари намояндагони назария ва амалия чунин мешуморанд, ки баҳисобгирии воситаҳои молиявӣ барои муассисаҳои бузурги молиявӣ, ба монанди бонкҳо, бештар мувофиқ аст. Аммо дар амал чунин нест, зеро қариб ҳар як ширкат дорои воситаҳои молиявие мебошад, ки бояд ба назар гиранд.

Аз ҷумла, тақрибан ҳар як ширкат қарздории дебитории тиҷоратӣ, дороиҳои шартномавӣ ва қарздориҳо аз рӯи иҷора дошта, СБҲМ (IFRS) 9 муносибати бисёр ширкатҳоро ба бекурбшавии чунин дороиҳо тағйир додааст. Тибқи СБҲМ қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ (англ. trade receivable) воситаи молиявие мебошанд, ки одатан аз шартномаи мол ё хизмат бо муштарӣ ба вуҷуд меоянд. Дар баробари ин, ҳуқуқ барои баргардонидани маблағ бечунучаро аст ва барои баргардонидани маблағ танҳо вақт лозим аст. Дороии шартномавӣ (англ. contract asset) дар СБҲМ (IFRS) 15 ҳамчун ҳуқуқи субъект барои гирифтани ҷуброн бар ивази молҳо ё хизматҳое, ки корхона аллакай ба

[†] Мебояд қайд кард, ки мафҳуми «Instruments» аслан ҳамчун «абзорҳо» бояд қабул карда шавад, чун калимаи «восита» ё дигар мафҳум моҳияти иқтисодии объектҳои мазкурро ба пуррагӣ инъикос намекунанд (шарҳи муаллифон).

муштарӣ интиқол додааст, вале пардохт аз фарорасии ҳодисаи муайяни бо вақт робитанадошта (яъне гузаштани фосилаи муайяни вақт) вобаста аст, муайян карда мешавад. Қарздории дебитории иҷоравӣ (англ. lease receivable), ин ҳуқуқ барои гирифтани пардохтҳои иҷоравӣ тибқи СБҲМ (IFRS) 16 мебошад.

Мафҳуми воқеии қарздории дебиторӣ дар банди 108 СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз рӯи шартномаҳо бо харидорон» дода шудааст, ки тибқи он қарзи дебиторӣ ҳуқуқи бечунучарои ширкатро барои ҷуброн аз харидор ифода мекунад. Аммо ҳуқуқ ба ҷуброн дар ҳолате, ки лаҳзаи пардохтани чунин ҷуброн танҳо бо гузашти вақт вобаста бошад, бечунучаро аст.

Банди В3.1.2(а)-и СБҲМ (IFRS) 9 «Воситаҳои молиявӣ» инчунин, қайд мекунад, ки қарздории дебитории бечунучаро аз лаҳзаи воридшавии корхона ба муносибатҳои шартномавӣ, ки дар натиҷаи онҳо ҳуқуқи қонунии ӯ барои гирифтани воситаҳои пулӣ ба миён меоянд, ҳамчун дороӣ эътироф карда мешавад.

Масалан, агар бо фармоишгар шартномаи таҳвил баста шуда ва мол аллакай фиристода шуда бошад, ширкат қарздории дебитории тиҷоратиро хамчун дороӣ дар хисобот оид ба вазъи молиявӣ эътироф мекунад, зеро дар ин холат масъалаи гирифтани воситаи пулӣ аз муштарӣ танҳо бо гузашти вақт алоқаманд аст ва аз ягон амали иловагии фурӯшанда ё харидор вобаста нест.

*Аввалин мушкилоти* вобаста бо баҳисобгирии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ бо баҳодиҳии онҳо вобаста аст.

Қоидаҳои баҳодиҳии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ ҳамчун воситаи молиявӣ дар СБҲМ(IFRS) 9 «Воситаҳои молиявӣ» муайян карда шудаанд. Ҳама дороиҳои молиявӣ дар аввал бо арзиши одилона чен карда мешаванд. Барои мақсадҳои баҳодиҳии минбаъда мутобиқи банди 4.1.1, корхона бояд дороиҳои молиявиро дар асоси модели тиҷоратӣ оид ба идоракунии дороиҳои молиявӣ бо арзиши истеҳлокшуда ё бо арзиши одилона чен кардашуда тасниф намояд.

Дороиҳои молиявӣ бо арзиши истеҳлокшуда чен карда мешаванд, агар аввалан, дар чаҳорчӯбаи модели тиҷоратии корхона дороии молиявӣ барои ҷамъоварии селаҳои воситаҳои пулӣ нигоҳ дошта шуда, сониян, ин селаҳо пардохтҳои қарздории асосӣ ва фоизҳо аз рӯи маблағи бақиявии онҳоро дарбар бигиранд.

Дар акси ҳол, дороии молиявӣ бо арзиши одилона чен карда мешавад.

Барои эътирофи аввалия, қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ, ки ҷузъи муҳимми маблағгузорӣ надоранд (пардохти назарраси таъхирнопазир ва ғ.) бояд аз рӯи нархи шартнома, на арзиши дисконтиронӣ ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро самараи дисконтиронӣ муҳим нахоҳад буд. Қарздориҳои дебиторӣ бо ҷузъи муҳимми маблағгузорӣ ҳангоми эътирофи аввал бояд бо арзиши одилона бо гузаронидани фарқияти байни арзиши одилона ва бузургии мувофиқи даромади эътирофшуда ҳамчун хароҷот эътироф карда шаванд [6].

Шарҳи моҳияти ҷузъи маблағгузорӣ дар банди 60-и СБҲМ (IFRS) 15 оварда шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки бо назардошти таъсири арзиши вақтии пул, муҳлати пардохти байни тарафҳои шартнома мувофиқашуда, харидор метавонад фоидаи назаррасро аз маблағгузории аз ҷониби фурӯшанда додани мол ё хизматрасонӣ ба харидор ба даст оварад [2,с.49].

Дар байни вазифаҳои таъхирнопазири баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар шароити муосир «ҳадафмандии қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба қобилияти муайян кардани таҳдидҳои асосии рушди корхона, номуайянӣ ва хавфҳо» фарқ мекунад. Маҳз ҳамин тамаркуз қоидаҳои ташкили захираҳоро барои қарздориҳои дебиторӣ мутобиқи СБҲМ (IFRS) 9 тавсиф мекунад [3,с.87].

Аз ин рӯ, дар аксари мавридҳо қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ бо арзиши одилона чен карда мешавад, агар дар шартнома бо фармоишгар ҷузъи муҳимми маблағгузорӣ мавуд набошад.

*Мушкилоти дуввуми* баҳисобгирии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ бо эътирофи камарзишии онҳо алоқаманд аст.

СБҲМ (IAS)39 се модели беқурбшавиро пешниҳод менамояд, ки ҳар кадоми онҳо ба категорияи гуногуни дороиҳои молиявӣ татбиқ мешаванд. Барои ин, СБҲМ (IFRS) 9 модели ягонаи камарзиширо пешниҳод мекунад.

Такони тағйир додани ин муқарраротн стандартҳои байналмилалӣ бухрони ҷаҳонии молиявӣ буд. Дар он замон дар ҳисоботи молиявӣ дер эътироф шудани зарари қарзӣ яке аз мушкилоти асосӣ унвон мешуд.

Пештар, бо мақсади муайянкунии лаҳзаи эътирофи камарзишии воситаҳои молиявӣ СБҲМ модели зарари воқеъшударо истифода мебурданд. Тибқи ин модел, ҳодисае, ки боиси зиён хоҳад шуд, пеш аз таъсис додани захира барои ин талафот рух медиҳад.

Дар давраи бухрони молиявӣ модели зарари воқеъшуда барои таъхир дар эътирофи талафот ва дуруст инъикос накардани зарари қарзӣ, ки интизор мерафт, интиқод карда шуд [3,с.88].

Захираи камарзишии дороии молиявӣ ба андозаи зарари интизории қарзӣ (ECL - ЗИҚ) эътироф карда мешавад. Зарари интизории қарзӣ - ин арзиши ҷории ҳамаи маблағҳои дастраснашавандаи воситаҳои пулӣ дар ҳолати муфлисшавӣ дар давоми муҳлати пешбинишудаи амали дороии молиявӣ мебошад [6].

СБҲМ(IFRS) 9 талаб мекунад, ки захираи зарари интизории қарзӣ дар фоида ё зиён фавран дар лаҳзаи эътирофи дороиҳо ё дар санаи якуми ҳисоботӣ пас аз эътироф ба ҳисоб гирифта шавад. Ин дар муқоиса бо стандарти қаблии СБҲМ (IAS)39 фарқкунанда мебошад, ки мутобиқи он «ҳеҷ гуна беқурбшавӣ эътироф карда намешавад, ба шарте ва то лаҳзае, ки пас аз эътирофи аввалияи дороии молиявӣ ҳодисаи зиён ба вуқуъ наояд» [5].

ЗИҚ ба ду гурӯҳ тасниф карда мешаванд: онҳое, ки дар ҳудуди 12 моҳ интизор мераванд ва онҳое, ки дар тули ҳамаи муҳлати амали дороиҳои молиявӣ интизор мераванд. Барои қарздориҳои дебиторӣ, аз ҷумла, захираи ЗИҚ бояд дар тули тамоми муҳлати амали дороиҳо эътироф карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки СБҲМ барои қарзёбии ЗИҚ талаботи ҳатмӣ намегузоранд, яъне, СБҲМ(IFRS) 9 ягон методологияи баҳодиҳии зарари интизории қарзиро дарбар намегирад.

Барои ин, стандарт дастур медиҳад, ки равишеро, ки ба вазъияти муайян мувофиқ аст, интихоб намуд.

СБҲМ(IFRS) 9 танҳо инъикоси ҷанбаҳои зеринро ҳангоми интихоби усули баҳодиҳии ЗИҚ [ниг банди 5.5.17], талаб менамояд (ниг. расми 1):

**Расми 1. Баҳодиҳии зарари интизории қарзӣ**
**Figure 1. Estimation of expected credit losses**




Сарчашма: Дар асоси СБҲМ(IFRS) 9 таҳия гардидааст.

1. Маблағи беғаразона ва аз рӯи эҳтимолият баркашида бо баҳодиҳии доираи натиҷаҳои имконпазир муайян карда мешавад. Мисол: фарз кардем, ки корхона қарздоре дорад, ки ба маблағи 100000 сомонӣ қарздор буда, муҳлати пардохти он 2 солро ташкил менамояд. То андозае эҳтимолияте мавҷуд ҳаст, ки дар натиҷаи таназзули иқтисодӣ қарздор миқдори зиёди даромадро аз даст медиҳад, ки дар натиҷа қарзро пурра пардохт карда наметавонад. Дар ин маврид, корхона бояд 3 натиҷаи гуногунро муайян намояд:

- қарздор сари вақт пурра пардохт мекунад;
- танҳо 50% қарзро сари вақт ё дар давоми чанд сол бармегардонад, ё
- муфлис мешавад ва корхона 100% зиён хоҳад дид.

Корхона бояд эҳтимолияти воқеъшавии ҳар яке аз ин натиҷаҳоро баҳо дода, то чӣ андоза эҳтимолияти аздастдиҳии дороиро пешбинӣ ва бузургии зарари интизории қарзиро дар ҳисоботи молиявӣ эътироф намояд.

2. Арзиши вақтии пул. Корхона бояд арзиши ҷории зарари интизориро ҳисоб ва эътироф намояд. Сабаби иҷроиши ин амал он аст, ки эҳтимолияти воқеъшавии зарар пас аз 12 моҳ, пас аз санаи ҳисоботӣ мавҷуд аст. Вобаста ба ин, дар мисоли боло қарздори корхона 2 сол муҳлати пардохт дошт ва мумкин дар давоми ин давра муфлис бигардад. Ҳоло, дар санаи ҷории ҳисоботӣ ҳеҷ гуна пардохт аз ин қарздор сурат нагирифтааст ва аз ин рӯ, корхона дорои зарари интизори қарзист, зеро эҳтимолияти пардохтнопазирии қарздор мавҷуд аст. Аммо азбаски, зарар дар давоми 2 сол дар назар аст, мебояд онро бо арзиши ҷорӣ (дисконтиронидашуда) баҳо дод, зеро дар акси ҳол, зарар аз арзиши тавозунии худи қарз зиёд хоҳад буд (зеро арзиши тавозунии қарз бо арзиши ҷорӣ ифода карда мешавад).

Илова бар ин, корхона метавонад аздусар зарар бубинад, ҳатто агар қарздор маблағро пурра, аммо дертар аз муҳлати интизорӣ пардохт кунад ҳам, маҳз аз сабаби арзиши вақтии пул, чун бузургии баробари воситаҳои пулӣ дар муддати гуногун, гуногунарзишанд. Агар пардохтҳо пас аз чанд моҳ анҷом дода шаванд, эҳтимол арзиши вақтии пулро сарфи назар кард, зеро давраи байни пардохт ва муҳлат камтар аз 1 сол аст ва аз ин рӯ, таъсири дисконтиронӣ назаррас нест. Аммо дар ин ҳолат, пардохтҳо тақрибан 2 сол (20-24 моҳ) пас аз муҳлати пардохт сурат мегирад, ки таъсири дисконтиронӣ муҳим хоҳад буд.

3. Маълумоти асоснок ва тасдиқшаванда дар бораи рӯйдодҳои гузашта, шароити кунунӣ ва шароитҳои пешбинишавандаи иқтисодии оянда, ки дар санаи ҳисоботӣ бидуни хароҷот ё саъю кӯшиши зиёдатӣ дастрасанд.

Ин як формулаи хеле васеъест, ки дар татбиқи амалӣ саволҳои зиёдеро ба миён меорад. Аз ҷумла:

- Меъёри зиёнро барои як ширкати нав бидуни маълумоти таърихӣ чӣ гуна бояд муайян кард?

- Агар дар бораи ширкат маълумоти таърихӣ мавҷуд набошад, чӣ гуна пешгӯӣ кардан мумкин аст?

Баъзан мебояд танҳо манбаъҳои берунии иттилоотиро истифода бурд ва маълумотро харид.

Фарз мекунем, ки корхона фурӯшандаи нав буда, таърихи ҳисоббаробаркуниҳо бо муштариён ва маълумот дар бораи интизоми пардохти онҳо мавҷуд нест. Аз ин рӯ, ҳисобкунии коэффитсиентҳои таърихии зарари қарзӣ, тавре, ки дар боло нишон дода шуд, имконнопазир аст. Дар ин маврид ҷустани роҳҳои алтернативӣ зарур мегардад. Масалан, маълумотро дар бораи ширкатҳои шабеҳе, ки дар як соҳа ва муҳити шабеҳи иқтисодӣ фаъолият мекунанд, метавон истифода бурд. Ё ин гуна маълумотро аз бюроҳои қарзӣ, агентиҳои рейтингии кредитӣ, омори иқтисодии аз ҷониби бонкҳо омодашуда харидорӣ намуд. Танҳо лозим аст, ки сарчашмаҳои чунин маълумотро дар кишвар мавриди таҳлил қарор дод. Аммо бояд ба инобат гирифт, ки СБҲМ ройгон ба даст овардани иттилооти оқилона ва тасдиқшавандаро дар назар надорад. СБҲМ(IFRS) 9 таъкид менамояд, ки «бе хароҷот ё саъю кӯшиши зиёдатӣ» тавсияҳоро ҳамчун як маслиҳати амалӣ қабул намуда, барои гирифтани ин маълумот хароҷот ногузир аст.

Барои ҳисобкунии бузургии зарари интизории қарзӣ мебояд ҷузъиёти формулаи он – коэффитсиенти зарар, эҳтимолияти воқеъшавии муфлисшавӣ ва дигар шартҳои марбут ба баҳодиҳии онро ба назар гирифт. Аксари бонкҳо ва дигар ширкатҳо танҳо ду усули маъмултарини ҳисобкунии ЗИҚ-ро истифода мебаранд:

- Усули эҳтимолияти воқеъшавии муфлисшавӣ;

- Усули коэффитсиенти зарар.

Аммо истифодаи ин усулҳоро СБҲМ ҳамчун равишҳои бечунучаро пешбинӣ накарда, имконияти истифодаи усулҳои дигарро, ки ба се меъёри дар боло тавсифшуда ҷавобгӯянд, дар назар дорад. Новобаста ба ин, усулҳои маъмулро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

1. Усули эҳтимолияти воқеъшавии муфлисшавӣ (англ. probability of default approach) ҳисобкунии ЗИҚ-ро ҳамчун ҳосили се коэффитсиенти зерин дар назар дорад(ниг. расми 2):

- эҳтимолияти муфлисшавӣ (PD, Probability of default) - ин эҳтимолияти он, ки қарздор аз рӯи қарздории худ дар давраи муайян (12 моҳ барои қарзҳои давраи якум ва

ҳамаи муддати пардохт барои дигар қарздориҳо) муфлис мегардад. Мисол 20% PD маънои онро дорад, ки эҳтимолияти 20%-и пардохт нагардидани қарз мавҷуд аст;

- ҳиссаи зарар ҳангоми муфлисшавӣ (LGD, Loss given default) – ин ҳиссаи қарздорие, ки ҳангоми муфлисшавии қарздор метавон аз даст диҳад. Мисол, 75% LGD маънои эҳтимолияти аз даст додани 75%-и қарздориро дорад, вале эҳтимолияти 25%-и пардохт ҳам мавҷуд аст;

- фарогирӣ бо муфлисшавӣ (EAD, Exposure at default) – маблағест, ки қарздор дар лаҳзаи муфлисшавӣ бояд пардохт намояд, яъне маблағест, ки бо хавфи муфлисшавӣ фарогир аст.

**Расми 2. Формулаи ҳисобкунии зарари интизории қарзӣ**
**Figure 2. Formula for calculating expected credit losses**




Сарчашма: Дар асоси СБҲМ(IFRS) 9 таҳия гардидааст.

Барои намоиши тариқи истифодаи усули мазкур фарз мекунем, ки дебитор аз корхона ба маблағи 10000 сомонӣ қарздор буда, муддати пардохти он 12 моҳро дарбар мегирад, қарздор дар мушкилоти ҷиддии молиявӣ қарор дорад ва мутахассисони корхона боварӣ доранд, ки эҳтимоли муфлисшавӣ 20% вуҷуд дорад.

Дар сурати муфлисшавии қарздор 70%-и маблағ аз даст дода шуда, дар сурати рух надодани муфлисшавӣ зараре ба миён намеояд.

Вобаста ба ин дар мисоли мазкур:

Дар ин мисол:

PD = 20%;

LGD = 70%;

EAD = 10000 сомонӣ.

Ҳамин тариқ, зарари интизории қарзӣ ин аст:

*20% х 70% х 10000 = 1400 сомонӣ.*

Албатта, ин мисоли одиро нодида мегирад:

- марҳилаи беқурбшавии қарз - дар ниҳоят, муҳлати боқимондаи қарз 1 сол ва аз ин рӯ 12-моҳаи ECL = ECL барои тамоми давра; ва

- арзиши вақтии пул - қарз дар давоми 1 сол баргардонида мешавад ва эҳтимол дорад, ки арзиши вақтии пул дар ин муддати кӯтоҳ назаррас нест.

Аммо, мебояд ҳардуи ин омилро ба назар гирифт.

Дар асл, ин ҳисобкунӣ 2 натиҷаро дар назар дорад:

- зарар бо эҳтимолияти 20%; ва

- безарарӣ бо эҳтимолияти 80%.

Аз ин рӯ, формулаи пурра чунин хоҳад буд:

*20% (PD) х 70% (LGD) х 10,000 (EAD); + 80% (=эҳтимолияти мавҷуд набудани муфлисшавӣ = 100% - PD) х 0% (зарар ба андозаи сифр) х 10,000 (EAD)= 140.*

Бояд қайд кард, ки корхона ҳатто дар ҳолати «бе зиён» аз сабаби пардохти ботаъхир (яъне бо сабаби арзиши вақтии пул) зиён дорад.

Афзалиятҳои усули воқеъшавии эҳтимолии муфлисшавӣ:

- Ин усулро бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ бартарӣ медиҳанд, зеро онҳо дорои портфели бузурги қарзӣ ва низоми пурқудрати дохилии қарзёбии хатарҳои қарзӣ ва рейтингҳо мебошанд.

- Илова бар ин, ин усул бо талаботи Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ (Базел II) мувофиқ аст, бинобар ин, бонкҳо танҳо бояд чанд ислоҳот ворид кунанд, то онро ҳам ба Базел II ва ҳам СБҲМ(IFRS) 9 мутобиқ созанд [4,с.39].

- Инчунин бояд қайд кард, ки усули эҳтимолияти пешфарз ғояҳои муайяни ояндадорро дар бар мегирад ва танҳо ба омори гузашта асос намеёбад ва аз ин рӯ, он ба СБҲМ(IFRS) 9 мувофиқ аст.

Бо вуҷуди ин, барои қарзҳои тиҷоратӣ ва дигар дороиҳои молиявӣ, ки ба онҳо усули содакардашудаи бекурбшавӣ татбиқ карда мешаванд, усули мазкур аз сабаби мушкилоти марбут ба гирифтани маълумоти зарурӣ чандон қулай нест.

Барои ширкатҳои одӣ таҳияи моделҳои омори дохилии гирифтани PD ва дигар иттилоот хеле душвор аст.

Ҳамин тариқ, аксарияти ширкатҳо барои қарздориҳои дебиторӣ ва дигар дороиҳои молиявии худ модели содакардашуда – модели коэффитсиенти зарарро истифода мебаранд.

2. Усули коэффитсиенти зарар.

Ҳангоми истифодаи «усули коэффитсиенти зарар» (англ. loss rate approach) муайянкунии эҳтимолияти воқеъшавии муфлисшавӣ ва ҷузъиёти дигар лозим нест. Барои истифодаи он мебояд амалҳои зеринро анҷом дод:

- Муайянкунии зараровариии таърихии дороиҳои молиявӣ. Барои ин мебояд маълумоти омориро оид ба қарздориҳои дебитории пардохтнашуда, аз ҳисоб қарори қарздориҳо ё зарар мавриди таҳлил қарор дод.

- Пешгӯии коэффитсиентҳои зарари минбаъда дар асоси зараровариии таърихӣ. Ин амал хеле душвор аст. Агар муҳити иқтисодӣ ва дигар омилҳо тағйир наёбанд, муайянкунии зарари минбаъда мушкилие надорад, аммо вақте ки тағйироти иқтисодӣ (таназзул, рақибони нав, қонунгузории нав ё, масалан, пандемияи коронавирус) ба амал меоянд, корхона бояд ҳамаи ин тағйиротро таҳлил ва баҳо дода, таъсири онҳоро ба бузургии қарздориҳои дебиторӣ муайян намояд.

Афзалияти усули мазкур аз содагии ҳисобкунии зарари интизории қарзӣ нисбати қарздориҳои дебиторӣ иборат аст, вале дорои ду нуқсони муҳим аст:

1. Куҳнашавии маълумот барои пешгӯӣ. Меъёрҳои талафот танҳо маълумоти гузаштаро инъикос мекунанд, яъне он чизе, ки аллакай рух додааст. Корхона бояд онҳоро барои баҳодиҳии сатҳи пардохтпазирии қарздориҳои дебитории оянда тасҳеҳ намояд.

2. Самараи арзиши вақтии пул. Дар сурати мавҷудияти қарздории дебитории дорои мӯҳлати пардохти зиёда аз 12 моҳ, воқеъшавии зарари қарзӣ ногузир аст.

Дар сурати мавҷудияти маблағи бузурги қарздориҳои дебиторӣ, зарурати ҳисобкунии захираҳои зарари интизории қарзӣ (қаблан, «захираи қарзҳои шубҳанок» меномиданд) ба миён меояд. Ҳар як аудитор ё муҳосиби касбӣ эътимод дорад, ки дар байни қарздориҳои «хуб» ҳиссаи қарздориҳои «бад» ҳамеша пинҳон шуда, бинобар ин, барои пӯшондани он баъзе захираҳо ташкил кардан лозим меояд. Аммо коршиносон дар мавриди бунёди чунин захираҳо ихтилофи назар доранд. Дар амалия бунёди захираҳои зарари интизории қарзӣ давраҳои зеринро дарбар мегирад:

- таҳлили қарздориҳои дебиторӣ дар санаи ҳисоботӣ, гурӯҳбандӣ ва ҷудо кардани он аз рӯи мӯҳлати пардохт;

- татбиқи коэффитсиентҳои муайяни зарар ба гурӯҳҳои алоҳидаи қарздориҳо (чи қадар таъхир зиёд бошад, коэффитсиент ҳамон қадар зиёд мешавад).

Дар аксар мавридҳо аудитор ба қарздориҳои қолабӣ, яъне ба таъхирнаафтода тақрибан 2%, ба қарздориҳои аз 1 то 30 рӯз батаъхирафтода 10% ва ҳамин тариқ ба қарздориҳои зиёда аз 360 рӯз батаъхирафтода ба андозаи 100% захираи қарзҳои шубҳанок ташкил намуда, хароҷоти онро эътироф менамояд. Чунин муносибат то андозае рӯякӣ ва ҳатто принсипан нодуруст ба назар мерасад. Зеро, аудитор ё муҳосиб дар мавриди он, ки 10%-и қарздориҳои дебитории аз 1 то 30 рӯз батаъхирафтода пардохтнопазир хоҳанд буд, ба таври эътимоднок пешгӯӣ карда наметавонанд.

Чунин ба назар мерасад, ки рақамҳо аз ҳаво ба даст омадаанд. Бо вуҷуди ин, муддати тулонӣ пеш аз қабули СБҲМ (IFRS) 9, ин равиш ба таври васеъ қабул карда мешуд.

Ҳоло, СБҲМ(IFRS) 9 дар мавриди бунёди захираҳои зарари интизори қарзӣ аз рӯи қарздориҳои дебиторӣ ва ҳиссаи қарздориҳои ҷоранопазир нишондодҳои мушаххасро дарбар мегирад.

СБҲМ(IFRS) 9 талаб мекунад, ки камарзишшавии дороиҳои молиявиро дар ҳамин зарари интизории қарзӣ (ЗИҚ -ECL, аз англ. expected credit loss) эътироф намуд. Барои ин ду муносибат мавҷуд аст (расми 4).

1. Муносибати умумӣ. Муносибати умумӣ модели се марҳилавии камарзишшавӣ (эътирофи ЗИҚ)-ро дар назар дорад. Зарар аз камарзишшавӣ вобаста ба он, ки дар кадом марҳила дороии молиявӣ мавриди баррасӣ қарор дорад, эътироф карда мешавад (ниг. бандҳои СБҲМ(IFRS) 9:5.5.1 - 5.5.8).

Тибқи муносибати умумӣ ЗИҚ барои ҳамаи муҳлат, барои воситаи молиявӣ эътироф мегардад, агар аз лаҳзаи эътирофи аввалаи доройӣ афзоиши назарраси хавфи қарзӣ (бо истифодаи эҳтимолияти муфлисшавӣ дар тамоми муҳлати интизории амали восита баҳододашуда) ба миён омада бошад.

Агар дар санаи ҳисоботи хавфи қарзӣ аз рӯи воситаи молиявӣ нисбати эътирофи ибтидоӣ ба таври назаррас афзоиш наёфта бошад, дар ин маврид захира барои пӯшонидани ЗИҚ-и 12 моҳа эътироф карда мешавад. Баибораи дигар, муносибати умумӣ ду заминаро барои баҳодиҳии ЗИҚ дарбар мегирад:

- ЗИҚ барои 12 моҳ. ЗИҚ барои ҳамаи муҳлати амали воситаи молиявӣ (расми 3).

**Расми 3. Тариқи ҳисобкунии ЗИҚ**
**Figure 3. Method of calculation of ZIK**

**Оё афзоиши назарраси хавфи қарзӣ нисбати эътирофи аввала ба миён омадааст?**

| **НЕ** | **ҲА** |
|---|---|
| Захираи ЗИҚ дар асоси ЗИҚ барои 12 моҳ ҳисоб карда мешавад | Захираи ЗИҚ дар асоси ЗИҚ барои ҳамаи муҳлат ҳисоб карда мешавад |

Сарчашма: Дар асоси СБҲМ(IFRS) 9 таҳия гардидааст.

ЗИҚ барои тамоми тули умри воситаи молиявӣ, ин талафоти қарзии пешбинишаванда мебошад, ки аз натиҷаи ҳама ҳолатҳои имконпазири муфлисшавӣ дар тули муҳлати интизории амали воситаи молиявӣ бармеоянд.

ЗИҚ-и 12-моҳа, ин қисми талафоти қарзии пешбинишуда дар давоми умри воситаи молиявӣ мебошад, ки дар худ талафоти қарзии пешбинишавандаи натиҷаи рух додани муфлисшавиҳои имконпазирро дар давоми 12 моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ ифода мекунад.

Истилоҳи «ЗИҚ-и 12 моҳа» метавонад ба таври интуитивӣ ҳамчун захира барои норасоии воситаҳои пулӣ, ки корхона дар тули 12 моҳи оянда интизор аст, садо диҳад. Аммо ин чунин нест. СБҲМ(IFRS) 9 тавзеҳот медиҳад, ки талафоти қарзии 12-моҳаи пешбинишуда, як қисми ЗИҚ-и умри онҳо буда, норасоии воситаҳои пулиро дар давоми муҳлати истифодабарии воситаи молиявӣ ифода мекунад, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои эҳтимолии муфлисшавии дар давоми 12 моҳи давраи ҳисоботӣ рухдиҳандаи имконпазир ба миён меоянд.

Истилоҳи «муфлисшавӣ (англ. default)» дар СБҲМ(IFRS) 9 муайян карда нашудааст ва ба корхона лозим меояд, ки сиёсати баҳисобгирии худро барои он чизе, ки муфлисшавӣ мешуморад, муаққрар кунад ва ин таъриф бояд бо таърифе, ки барои мақсадҳои идоракунии дохилии хавфи қарзии воситаи молиявии дахлдор истифода мешавад, мувофиқ бошад. Дар мавридҳои зарурӣ нишондиҳандаҳои сифатӣ бояд ба назар гирифта шаванд (масалан, шартҳои молиявӣ дар созишнома).

СБҲМ(IFRS) 9 як фарзияи радшавандаро дарбар мегирад, ки дефолт на дертар аз таъхири пардохт аз рӯи дороии молиявӣ ба муддати 90 рӯз ба вуқуъ намеояд, ба шарте, ки корхона маълумоти асоснок ва тасдиқшаванда дошта бошад, то нишон диҳад, ки меъёри дигари муфлисшавӣ дар ин ҳолат бо таъхири зиёди пардохт мувофиқтар аст [ниг. банди B5.5.37].

Мафҳуми муфлисшавӣ, ки барои ин мақсадҳо истифода мешавад, бояд пайваста ба ҳамаи воситаҳои молиявӣ татбиқ карда шавад, ба шарте ки маълумоте дастрас нагардад, ки таърифи дигари муфлисшавӣ барои як воситаи молиявии мушаххас мувофиқтар аст [ниг. банди B5.5.37].

СБҲМ(IFRS) 9 вобаста ба баҳодиҳии ҳақиқии ЗИҚ дар ҳудуди муносибати умумӣ талаб месозад, ки он талаботи зеринро ба назар гирад:

- маблағи беғараз ва чашмдошти баркашида дар натиҷаи баҳодиҳии диапазони натиҷаҳои эҳтимолӣ;
- ахбороти асоснок ва тасдиқшуда оид ба ҳодисаҳои пешина, шароитҳои ҷорӣ ва минбаъдаи пешбинишавандаи иқтисодии дар санаи ҳисоботӣ бидуни хароҷот ё саъю кӯшиши зиёдатӣ дастрас.

Ҳангоми баҳодиҳии ЗИҚ корхона набояд ҳама сенарияҳои имконпазири эҳтимолиро ба эътибор бигирад. Аммо бояд хавф ва эҳтимолияти бавуҷудоии зарари қарзӣ новобаста ба он, ки онҳо назаррас нестанд, ба ҳисоб гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, зарар аз камарзишшавӣ дар худ ё маблағи ЗИҚ-ро барои 12-моҳ ё барои тамоми муддати амали дороии молиявӣ (муҳлати пардохти қарздории дебиторӣ) ифода менамояд. Бо татбиқи ин модел, саволҳо ва мушкилоти зиёде ба миён меоянд, ба мисли:

- Чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки дороии молиявӣ дар кадом марҳила қарор дорад?

- Чӣ гуна афзоиши назарраси хавфи қарзиро барои баъзе дороиҳои молиявӣ муайян кардан мумкин аст?

- Чӣ тавр ЗИҚ-ро барои 12 моҳ ва барои ҳамаи давраи амали дороии молиявӣ ҳисоб кард?

- Ҳангоми ҳисоб кардани ЗИҚ омилҳоеро, ки ба хавфи қарзӣ таъсир мерасонанд, чӣ гуна бояд муайян ва ба инобат гирифт?

Агар эҳтимолияти муфлисшавиро нисбати қарздории дебитории тиҷоратӣ дида бароем, дар ин маврид талаботи СБҲМ(IFRS) 9 оид ба мушоҳидаи афзоиши назарраси хавфи қарзӣ (ё SICR, аз англ. significant increase in credit risk) бо мақсади муқаррарсозии тафовут байни ЗИҚ-и 12 моҳа ё барои тамоми муҳлат мушкил мегардад. Зеро қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ маъмулан барои давраи кӯтоҳи вақт пардохтнашуда боқӣ монда, муайянкунии SICR мувофиқи мақсад нест. Истифодаи муносибати умумӣ, муайянкунии қарздориҳои дебитории тиҷоратиеро талаб месозад, ки аз рӯи онҳо SICR аз лаҳзаи эътирофи ибтидоӣ ба миён омадааст. Корхонаро дар ин сурат муайянкунии ду гурӯҳи қарздориҳо бо ЗИҚ– то 12 моҳа ва барои ҳамаи муҳлат зарур мегардад. Аз ин рӯ, истифодаи муносибати умумӣ нисбати қарздориҳои дебитории кӯтоҳмуддат бемаънӣ ва ғайримақсаднок аст.

Бо назардошти ин мушкилиҳо, СБҲМ(IFRS) 9 муносибати алтернативиро барои намудҳои муайяни дороиҳои молиявӣ иҷозат медиҳад:

2. Муносибати содакардашуда. Дар доираи равиши содакардашуда, муанйянкунии марҳилаи дороии молиявӣ зарур нест, зеро талафоти беқурбшавӣ ҳамчун ЗИҚ дар давоми тамоми муҳлати амали дороии молиявӣ барои ҳамаи дороиҳо чен карда мешавад [ниг. Бандҳои СБҲМ (IFRS) 9:5.5.15 - 5.5.17]. Ин муносибат барои аксари ширкатҳо мувофиқ аст, зеро бисёр мушкилот аз байн мераванд.

**Расми 4. Камарзишшавӣ тибқи СБҲМ (IFRS) 9**
**Figure 4. Impairment according to IFRS 9**




Сарчашма: Дар асоси СБҲМ(IFRS) 9 таҳия гардидааст.

Мебояд қайд кард, ки муносибати содакардашуда на барои ҳамаи ширкатҳо муносиби истифода аст, гарчанде он содакардашуда ҳам бошад, баъзе ҳисобкуниҳо саъю кӯшиши муайянро талаб менамояд. Вобаста аз намуди дороиҳои молиявӣ, истифодаи муносибати содакардашуда нисбати қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дороиҳои шартномавӣ тибқи СБҲМ (IFRS) 15 бе ҷузъиёти муҳиМми молиякунонӣ муносиб аст. Аммо барои дороиҳои молиявии номбаршуда бо ҷузъиёти муҳиМми молиякунонӣ, инчунин, қарздории дебитории иҷоравӣ тибқи СБҲМ (IFRS) 16 истифодаи муносибати умумӣ мувофиқтар аст, гарчӣ интихоб дар ихтиёри корхона мебошад.

Корхонаҳо ҳуқуқи истифодаи ҳар ду муносибатро доранд, аммо нисбати намудҳои гуногуни дороиҳои молиявӣ. Масалан, бонкҳо нисбати сандуқи қарзӣ муносибати умумиро интихоб намуда, нисбати қарздориҳои дебитории ғайр, ба мисли иҷора ё хизматрасониҳои ғайрибонкӣ, муносибати содакардашударо истифода мебаранд.

Ҳангоми интихоби муносибати содакардашуда аксар вақт матрисаи захираҳоро истифода мебаранд. Матрисаи захираҳо ё матрисаи муҳоҷират (англ. provision matrix) – ин ҳисобкунии зарар аз камарзишшавӣ дар асоси меъёри фоизии муфлисшавӣ ё коэффитсиенти зарар (англ. 'default rate') нисбати гурӯҳи дороиҳои молиявӣ мебошад. Ин ҷо ду унсури муҳим мавҷуд аст:

- гурӯҳи дороиҳои молиявӣ;
- коэффитсиенти зарар.

*Мушкилоти аввал,* бо гурӯҳбандии дороиҳои молиявӣ вобастагӣ дошта, дар ҳолати истифодаи матрисаи захираҳо мебояд то ҳадди имкон ба воқеият наздик буд. Барои ин, мебояд қарздориҳои дебитории тиҷоратиро аз рӯи хусусиятҳои онҳо ба гурӯҳҳои муайян ҷудо намуда, омилҳои ба қарздорӣ мутаассирро муайян кард. Шояд муштариёни инфиродӣ ба тиҷорат (ширкатҳо) нисбатан дорои эътимоди камтар буда, сатҳи пардохтпазирии онҳо пасттар аст. Ё минтақаҳои ҷуғрофии фаъолияти корхона гуногун буда, дар минтақае муштариён бештар ба таъхири пардохти қарздорӣ мубталоянд (шояд он бо сатҳи бекорӣ ё рушди муҳити иқтисодӣ вобаста бошад). Дар ҳолати аввал, гурӯҳҳо ба муштариёни инфиродӣ ва тиҷоратӣ ва дар ҳолати дуюм, тибқи минтақа ҷудо карда мешаванд.

Дар ҳолатҳои дигар қарздориҳои дебиториро метавон вобаста ба шароитҳои дигар гурӯҳбандӣ намуд, ба мисли: аз рӯи маҳсулоти қарзӣ, аз рӯи асъори қарздорӣ, аз рӯи рейтинги муштариён ва ғайра.

Нуктаи муҳим дар ин он аст, ки мизоҷони дар ҳудуди як гурӯҳ бояд тариқи якхела ё шабеҳи талафот дошта бошанд.

*Мушкилоти дуюм,* бо муайянкунии коэффитсиенти зарар вобаста буда, муайянкунии эҳтимолияти муфлисшавӣ ва таносуби талафот аз ҷиҳати техникӣ ҷузъи мушкилтарини ҳисобкунии захираҳо мебошад.

Дар асл, таносуби талафот барои ҳар як сегмент/гурӯҳ бояд аз ҷониби ширкат дар асоси маълумоти худ ҳисоб карда шавад.

Тибқи СБҲМ (IFRS) 9 корхона бояд коэффитсиенти зарарро дар асоси таҷрибаи таърихии худ оид ба гирифтани талафоти қарзӣ бо танзими он бо маълумоти пешгӯиҳо муайян намояд. Барои ин бояд давраи мувофиқ интихоб шуда, омори таърихии талафоти қарзӣ барои он давра бо таҳлил фаро гирифта шавад. Давомнокии давраи интихобшуда набояд кӯтоҳ ва на он қадар тулонӣ бошад, яъне давраи 2-3 соли пешин, зеро тағйироти бозор ғайричашмдошт ва зудгузар буда, таъсири онҳо метавонад ба давраҳои тулонӣ таъсири сахт дошта, хулосаҳоро беасос гардонад. Сипас, фосилаи вақти пардохтшавии қарздориҳои дебиторӣ интихоб гардида, таносуби талафот (меъёри муфлисшавӣ) барои ҳар як давра ҳисоб карда мешавад.

Пас аз бадастории коэффитсиентҳои таърихии муфлисшавӣ онҳоро мебояд барои маълумоти пешгӯишаванда, ба мисли пешбинии макроиқтисодии сатҳи бекорӣ, сатҳи сабади истеъмолӣ ва ғ. тасҳеҳ намуд.

Мисол, корхонаи тиҷорати ду гурӯҳи муштариёнро дорост:

- шахсони воқеӣ- харидорони чаканавӣ, ки барои онҳо сатҳи бекорӣ омили муҳимми пардохтшавии қарздорист;

- шахсони ҳуқуқӣ, ки барои онҳо сатҳи тавварум ҳамчун омили асосии пардохтшавӣ баромад менамояд.

Вақте байни омили макроиқтисодӣ (яъне сатҳи бекорӣ) ва воридот (яъне афзоиш/пастшавии сифати қарздориҳои дебиторӣ) муносибати хаттӣ вуҷуд дорад, он гоҳ ба модел дохил кардани чунин омил хеле осон аст. Дар ин ҳолат, шумо мебояд таъсири тағйирёбии параметр (омил) ба таносуби талафот муайян карда шуда, тасҳеҳи одӣ анҷом дода мешавад (нигаред ба мисоли зер).

Аммо, вақте ки муносибат хаттӣ нест, пас барои ислоҳи он метавонад пешгӯии математикӣ бо истифода аз моделсозии Монте-Карло ё дигар усулҳои шабеҳ талаб карда шавад.

Мисол: Ширкат мехоҳад зарари беқурбшавии қарздориҳои дебиторӣи тиҷоратии худро дар санаи 31 декабри 2022 ҳисоб кунад. Тибқи сиёсати қарзии ширкат ба мизоҷон давраи имтиёзноки 30-рӯза барои пардохти қарздории дебиторӣ пешниҳод мегардад. Муҳлати қарзи 30-рӯза маънои онро дорад, ки қарздориҳои дебиторӣ бидуни ҷузъи муҳимми маблағгузорӣ буда, дисконтиронии арзиш зарурат надорад.

Сохтори қарздориҳои дебиторӣ бо назардошти «пиршавӣ»-и онҳо дар санаи 31 декабри соли 2022 чунин аст:

**Ҷадвали 1. Сохтори қарздориҳои дебиторӣ**

**Table 1. Structure of receivables**

| | Муҳлати пардохт | Маблағи пардохтнашуда, сомонӣ |
|---|---|---|
| 1. | Бе таъхир ( аз 0 то 30 рӯз) | 80000 |
| 2. | Таъхир аз 31 то 60 рӯз | 12000 |
| 3. | Таъхир аз 61 то 180 рӯз | 14000 |
| 4. | Таъхир аз 181 то 360 рӯз | 28000 |
| 5. | Таъхир зиёда аз 361 рӯз | 16000 |
| | Ҳамагӣ: | 150000 |

Ширкат муносибати содакардашударо мутобиқи СБҲМ (IFRS) 9 истифода намуда, зарар аз камарзишшавиро ҳамчун зарари интизории қарзӣ бо усули матрисавӣ ҳисоб мекунад.

Барои ин аввал, ширкат меъёрҳои муфлисшавии таърихиро ҳисоб мекунад ва бо ин мақсад барои ҷамъоварии маълумоти кофӣ (репрезентативӣ)-и таърихӣ давраи аз 1 январи соли 2021 то 31 декабри соли 2021-ро интихоб менамояд. Фарз кардем, дар давраи мазкур маблағи фурӯши насиявӣ 200000 сомониро ташкил дод.

Раванди таҳлил ва ҳисобкуниҳо ба марҳилаҳои зерин ҷудо карда мешавад:

*Марҳилаи 1.* Таҳлили ҷамъоварии қарздориҳои дебиторӣ аз рӯи муҳлат. Ширкатро зарур аст, вақти пардохтшавии қарздориҳои дебиториро таҳлил намуда, маълумоти мазкурро ба ҷадвал дар асоси миқдори рӯзҳо (муҳлати пардохт) аз лаҳзаи пайдоиши қарздориҳои дебиторӣ (пешниҳоди инвойс) то лаҳзаи пардохт шудани онҳо (пардохти инвойс) ворид намояд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Таҳлили ҷамъоварии қарздориҳои дебиторӣ**

**Table 2. Analysis of collection of receivables**

| Муҳлати пардохт | Маблағи пардохт | Маблағ (кумулятивӣ) | Бақияи пардохтношуда |
|---|---|---|---|
| Бе таъхир (аз 0 то 30 рӯз) | 78000 | 78000 | 32000 |
| Таъхир аз 31 то 60 рӯз | 54000 | 132000 | 24000 |
| Таъхир аз 61 то 180 рӯз | 38000 | 170000 | 16000 |
| Таъхир аз 181 то 360 рӯз | 26000 | 196000 | 8000 |
| Таъхир зиёда аз 361 рӯз | 8000 (соқитшуда) | 196000 | (8000) (соқитшуда) |
| Ҷамъ: | 200000 | | |

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки:

- маблағи 20000 сомонӣ дар сутуни «Маблағи пардохт», сатри “Таъхир зиёда аз 361 рӯз” муфлисшавии воқеиро нишон медиҳад;

- маблағи кумулятивӣ ҳамаи маблағҳои қарздориҳоро дарбар мегирад;

- маблағи пардохтношуда дар сутуни охирин 80000 сомониро бе назардошти маблағи соқитшуда ташкил медиҳад.

*Марҳилаи 2.* Ҳисобкунии коэффитсиентҳои таърихии зарар. Дар ҷадвали 3 тариқи ҳисобкунии коэффитсиентҳои зарар нисбати ҳар як синфи қарздорӣ нишон дода мешавад:

**Ҷадвали 3. Ҳисобкунии коэффитсиентҳои таърихии зарар**
**Table 3. Calculation of historical loss ratios**

| Муҳлати пардохт | Маблағи пардохтношуда | Зарар | Коэффитсиенти зарар |
|---|---|---|---|
| Бе таъхир (аз 0 то 30 рӯз) | 80000 | 8000 | 10% |
| Таъхир аз 31 то 60 рӯз | 32000 | 8000 | 25% |
| Таъхир аз 61 то 180 рӯз | 24000 | 8000 | 33% |
| Таъхир аз 181 то 360 рӯз | 16000 | 8000 | 50% |
| Таъхир зиёда аз 361 рӯз | 8000 | 8000 | 100% |

Аз ҷадвали 3 бармеояд, ки бақияи пардохтношуда дар сатри «Бе таъхир» ба маблағи 32000 сомонӣ як сатр поён фаромада, дар сатри «таъхир аз 31 то 60 рӯз» ҷой гирифт. Ин маънои онро дорад, ки маблағҳо барои давраи муайяни вақт, яъне дар ибтидои ин давра ҳисоб карда мешаванд. Ва ҳамин тариқ дар фосилаи вақти “Бе таъхир” 80000 сомонӣ маблағи қарздории дебиторӣ мавҷуд ҳаст, зеро сараввал ҳама қарздорӣ яку якбора ба таъхир намеафтад. Маблағи аз ҳисоб баровардашуда – 4000 сомонӣ ба таври пайҳам байни фосилаҳои вақт (муҳлатҳои пардохтӣ) аз лаҳзаи ташаккул то лаҳзаи соқитнамоӣ (муфлисшавӣ) ҷой иваз карда, ба ин минвол меъёри таърихии муфлисшавӣ барои ҳар як синфи қарздорӣ муқаррар карда шуд. Дар марҳилаи сонӣ онҳоро бо маълумоти пешбинишаванда мебояд алоқаманд намуд.

*Марҳилаи 3.* Иловакунии маълумоти пешбинишаванда. Фарз кардем, ки талафоти қарзии ширкат бо сатҳи таваррум тақрибан робитаи хаттӣ доранд. Аммо сатҳи таваррум нишондиҳандаи универсалӣ набуда, дигар омилҳои макроиқтисодӣ низ мутаассири талафоти қарзӣ буда метавонанд. Дар мисоли мо, фарз кардем, ки тибқи пешгӯиҳо сатҳи таваррум ба андозаи 2% дар давоми соли минбаъдаи 2023 меафзояд. Омори худии ширкат нишон медиҳад, ки афзоиши сатҳи таваррум ба андозаи 1%, ба афзоиши зарари қарзиро ба андозаи 10% бурда мерасонад. Аммо дар амалия ин ҳолатро мебояд бо ҳисобкуниҳои далелнок исбот намуд. Дар мисоли мо, зарари қарзӣ ба андозаи 20% бо сабаби афзоиши сатҳи таваррум зиёд шуда, маблағи 4800 сомониро ташкил менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳисобкунии коэффитсиенти зарар, ки бо ёрии маълумоти пешгӯишуда тасҳеҳ гардидааст, чунин сурат мегирад (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Ҳисобкунии коэффитсиентҳои тасҳеҳшудаи зарар**
**Table 4. Calculation of adjusted damage ratios**

| Муҳлати пардохт | Маблағи пардохтношуда | Зарар | Коэффитсиенти зарар |
|---|---|---|---|
| Бе таъхир (аз 0 то 30 рӯз) | 80000 | 8800 | 11% |
| Таъхир аз 31 то 60 рӯз | 32000 | 8800 | 27,5% |
| Таъхир аз 61 то 180 рӯз | 24000 | 8800 | 36,67% |
| Таъхир аз 181 то 360 рӯз | 16000 | 8800 | 55% |
| Таъхир зиёда аз 361 рӯз | 8000 | 8800 | 110% |

*Марҳилаи 4.* Татбиқи коэффитсиенти зарар нисбати портфели қарздориҳои дебитории ҷорӣ. Коэффитсиентҳои зарари дар ҷадвали 4 муқарраршударо нисбати қарздориҳои дебиторӣ дар ҷадвали 1 овардашуда татбиқ намуда, бузургии эътирофшавандаи зарари интизории қарзиро дар санаи 31 декабри соли 2022 муқаррар мекунем.

**Ҷадвали 5. Бузургии эътирофшавандаи зарари интизории қарз**
**Table 5. Recognized magnitude of expected loan loss**

| Муҳлати пардохт | Маблағи пардохтношуда | Коэффитсиенти зарар | Зарари интизории қарзӣ |
|---|---|---|---|
| Бе таъхир (аз 0 то 30 рӯз) | 80000 | 11% | 8800 |
| Таъхир аз 31 то 60 рӯз | 12000 | 27,5% | 3300 |
| Таъхир аз 61 то 180 рӯз | 14000 | 36,67% | 5 134 |
| Таъхир аз 181 то 360 рӯз | 28000 | 55% | 15400 |
| Таъхир зиёда аз 361 рӯз | 16000 | 110% | 17600 |
| Ҷамъ: | 150000 | | 50234 |

Бузургии зарари интизории қарзӣ бо навишти муҳосибии зерин эътироф карда мешавад:

**Ҷадвали 6. Бузургии зарари интизории қарзӣ бо навишти муҳосибӣ**
**Table 6. Magnitude of expected credit losses by accounting**

| Номи ҳисобҳо | Маблағ, бо сомонӣ | |
|---|---|---|
| | Дебет | Кредит |
| Хароҷоти камарзишшавии қарздориҳои дебиторӣ | 50234 | |
| Тасҳеҳот оид ба зарари интизории қарзӣ | | 50234 |

Ҳамин тариқ, аз корхонаҳо талаб карда намешавад, ки тағйиротро дар бузургии хавфи қарзӣ пайгирӣ намоянд, аммо ҳангоми эътироф дар ҳар як санаи ҳисоботӣ аз онҳо талаб карда мешавад, ки захираи зиёнро дар ҳаҷми баробар ба талафоти дар тули умри интизории қарзӣ эътироф кунанд. Ин равиш нисбати қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ ва дороиҳои шартномавӣ, ки ҷузъи муҳимми маблағгузориро дар бар намегирад, татбиқ мешавад ва агар корхона «муносибати амалии СБҲМ(IFRS) 15-ро ба шартномаҳое, ки муҳлати ҳисоббаробаркунӣ аз 1 сол ё камтар аз он» доранд, татбиқ намояд. Бузургии тасҳеҳот оид ба ЗИҚ «бо истифода аз равиши эҳтимолӣ ва бо назардошти арзиши вақти пул, бо истифода аз маълумоти мукаммали пешгӯии дар корхона мавудбуда» [1,с.188] ҳисоб карда мешавад.

Равиши аз рӯи эҳтимолият баркашида тахмин мекунад, ки баҳодиҳии талафоти қарзии пешбинишуда ҳисобкунии объективии маблағи аз рӯи эҳтимолият баркашидаро инъикос мекунад, ки бо қарзёбии як қатор натиҷаҳои имконпазир муайян карда мешавад, на ба натиҷаи беҳтарин ё бадтарин ҳолат. Корхона бояд ҳисобкуниро тарҳрезӣ кунад, ки ҳадди ақал ду сенарияро инъикос кунад: эҳтимолияти рух додани талафоти қарзӣ, ҳатто агар эҳтимолияти хеле паст бошад ва ҳеҷ гуна талафоти қарзӣ рух надиҳад. Дар ҳоле ки мутобиқи СБҲМ (IAS) 39 натиҷаи баҳодиҳии талафоти беқурбшавии қарз метавонад дар як маблағ ифода карда шавад, стандарти нави СБҲМ(IFRS) 9 истифодаи вазни эҳтимолии натиҷаҳои имконпазирро талаб мекунад.

Талаботро оид ба камарзишшавӣ, ки дар стандарти нав пешниҳод шудаанд, таҳлил намуда, метавон хулосаҳои зерин баровард:

1. Аз ҷумлаи чорабиниҳое, ки бояд амалӣ карда шаванд, таҳияи моделҳои нави ҳисоб кардани талафоти қарзии пешбинишаванда ҳам барои 12 моҳ ва ҳам дар давоми тамоми муҳлати истифодабарии воситаҳои молиявӣ баромад мекунанд.

2. Барои ҳисоб кардани камарзишшавӣ ҳоло муайянкунии мафҳуми муфлисшавиро барои қарзгиранда моделҳои баҳодиҳии эҳтимолияти муфлисшавӣ, муайян кардани маблағҳои ҷубронишаванда ва шартҳои ҷуброни эҳтимолиро дар сурати пардохтнопазирӣ зарур мегардад.

3. Барои баҳодиҳии зарари интизории қарзӣ, бояд маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ таҳлил карда шуда, муҳосиб бояд ҳукми касбии худро истифода барад. Субъектҳо бояд асосноккунии ин ҳисобкунии талафоти қарзии пешбинишударо дар тули муҳлати истифодаашон пешниҳод кунанд.

4. Дар мавриди қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ, аз ҷумла, соддагардонӣ мумкин аст; ҳамчун вариант метавон усули захираи матритсавиро истифода бурд, ки барои он қарздориҳои дебиторӣ ба қисмҳо тақсим карда мешаванд.

5. Мутобиқи СБҲМ, қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ дороиҳои молиявӣ буда, дар аввал бо арзиши одилона чен карда мешаванд, ки одатан ба маблағи амалиёт баробар аст. Қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ баъдан бо арзиши одилона ё арзиши истеҳлокӣ ҳисоб карда мешаванд. Дар мавриди якум, бояд ба масъалаҳои истеҳлоки қарздориҳои дебиторӣ ва дар дуюм, ба ҳисоб гирифтани арзиши вақтии пул диққати махсус дода шавад.

Ҳамин тариқ, стандарти нав дар аввал аз субъектҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад, ки баҳисобгирии абзорҳои молиявӣ, аз ҷумла қарздории дебиториро таҷдид кунанд. Ҳамаи онҳо бояд дар бораи қарздорони худ маълумоти бештар ҷамъоварӣ ва баҳодиҳӣ намуда, хулосаи касбӣ бароранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

## АДАБИЁТ


1. Мирзоалиев А.А. Торговая дебиторская задолженность: проблемы учета и пути совершенствования / А.А. Мирзоалиев // Международный теоретический и научно-практический журнал «Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии». -Б.: Maxprint, 2015. -№2(9). -С.187-192.
2. Особенности организации учета доходов в условиях применения МСФО(IFRS)15 // Расширение границ учетно-аналитической информации и контрольных процедур в условиях цифровизации экономики. Монография / кол. авторов; под ред. И.В. Сафоновой, Х.Ш. Нурмухамедовой, А.А. Мирзоалиева. -Душанбе: ООО «График-Принт», 2019. -236 с.
3. Мирзоалиев А.А. Обесценение финансовых активов: порядок расчета ожидаемого кредитного убытка / А.А. Мирзоалиев // Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита. Материалы VIII-ой международной научно-практической конференции 27-28 ноября 2020г. Часть 1. –Душанбе: ОИПБА РТ, 2020. -С.86-90.
4. Мирзоалиев А.А. Финансовые активы: особенности оценки ожидаемых кредитных убытков согласно МСФО (IFRS) 9 / А.А. Мирзоалиев, А.А. Давлатов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. -№1(40). -С.38-49.
5. Международный стандарт финансовой отчетности (IAS) 39 «Финансовые инструменты: признание и оценка» [Электронный ресурс]. URL: //http://gaap.ru/articles/IAS39/ (дата обращения: 13.05.2023).
6. Международный стандарт финансовой отчетности (IFRS) 9 «Финансовые инструменты». [Электронный ресурс]. URL: //http://gaap.ru/articles/IFRS 9/ (дата обращения: 12.05.2023).
7. Международный стандарт финансовой отчетности (IFRS) 15 «Выручка по договорам с покупателями». [Электронный ресурс]. URL: //http://gaap.ru/articles/IFRS 15/ (дата обращения: 12.05.2023).


## КАМАРЗИШИИ ҚАРЗДОРИҲОИ ДЕБИТОРӢ: ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРӢ ТИБҚИ СБҲМ (IFRS) 9 «ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ»


Таҳқиқоти мазкур баррасии қоидаҳои нави баҳодиҳӣ ва камарзишии қарздориҳои дебиториро дар натиҷаи қабули СБҲМ (IFRS) 9 «Воситаҳои молиявӣ» дарбар гирифта, ҷанбаҳои муҳимми эътирофи зарари интизории қарзиро равшан менамояд. Инчунин, дар таҳқиқот тартиби баҳисобгирии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ бо риояи талаботи СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз рӯи шартномаҳо бо харидорон» бо назардошти арзишии ҷорӣ ва ҷудо намудани даромад ё хароҷоти молиявӣ дида шудаанд. Диққати махсус ба тартиби ҳисобкунии тасҳеҳот аз рӯи модели зарари интизории қарзӣ дода шуда, зарурати бунёди захираи мазкур асоснок карда шудааст. Муаллифон оид ба мушкилоте, ки ҳангоми истифодаи стандартҳои навини ҳисоботи молиявии корхонаҳо рӯбарӯ мегарданд, хулосаронӣ намудаанд. Ҳамин тариқ, стандарти нав дар аввал аз субъектҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад, ки баҳисобгирии абзорҳои молиявӣ, аз ҷумла қарздории дебиториро таҷдид кунанд. Ҳамаи онҳо бояд дар бораи қарздорони худ маълумоти бештар ҷамъоварӣ ва баҳодиҳӣ намуда, хулосаи касбӣ бароранд.



**Калидвожаҳо:** қарздориҳои дебиторӣ, баҳодиҳӣ, камқарзишӣ, СБҲМ, зарари интизории қарзӣ, муфлисшавӣ, арзиши дистконтиронишуда, арзиши одилона.


## ОБЕСЦЕНЕНИЕ ДЕБИТОРСКОЙ ЗАДОЛЖЕННОСТИ: ПОРЯДОК УЧЕТА ПО МСФО(IFRS) 9 «ФИНАНСОВЫЕ ИНСТРУМЕНТЫ»


Данное исследование включает рассмотрение новых правил оценки и обесценения дебиторской задолженности в результате принятия МСФО(IFRS) 9 «Финансовые инструменты» и освещает важные аспекты признания ожидаемых кредитных убытков. В ходе исследования был рассмотрен порядок учета коммерческої дебиторской задолженности в соответствии с требованиями МСФО (IFRS) 15 «Выручка по договорам с покупателями» с учетом текущей стоимости и разделением финансовых доходов или расходов. Особое внимание уделено порядку расчета поправок на основе модели ожидаемых кредитных убытков и обоснована необходимость создания данных поправок. Авторы сделали вывод о проблемах, с которыми сталкиваются компании при использовании новых стандартов финансовой отчетности.

Так, новый стандарт изначально требует от хозяйствующих субъектов актуализировать учет финансовых инструментов, в том числе дебиторской задолженности. Все они должны собирать и оценивать больше информации о своих заемщиках и выносить профессиональные суждения.

**Ключевые слова:** дебиторская задолженность, оценка, обесценение, МСФО, ожидаемые кредитные убытки, банкротство, дисконтированная стоимость, справедливая стоимость.

**IMPAIRMENT OF RECEIVABLES: TREATMENT UNDER IFRS 9 FINANCIAL INSTRUMENTS**

This study includes a review of the new measurement and impairment rules for receivables as a result of the adoption of IFRS 9 Financial Instruments and highlights important aspects of the recognition of expected credit losses. The study examined the accounting treatment of commercial receivables in accordance with the requirements of IFRS 15 Revenue from Contracts with Customers, taking into account the current value and the separation of finance income or expenses. Particular attention is paid to the procedure for calculating adjustments based on the expected credit loss model and the need to create these adjustments is substantiated. The authors concluded about the problems that companies face when using new financial reporting standards. Thus, the new standard initially requires business entities to update the accounting of financial instruments, including accounts receivable. They all need to gather and evaluate more information about their borrowers and make professional judgments.

**Keywords**: receivables, valuation, impairment, IFRS, expected credit losses, bankruptcy, present value, fair value.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримов Алишер Сафаралиевич*** **-** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти-Нав, 306. Телефон: **904-16-93-93**
***Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. **Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **937-47-31-09**

**Сведения об авторах:** ***Каримов Алишер Сафаралиевич*** - Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук, доктор Ph.D. **Адрес**: 734020, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **904-16-93-93**
***Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич*** - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского утчета и аудита. **Адрес**: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **937-47-31-09**

**Information about the authors:** ***Karimov Alisher Safaralievich*** - Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, Doctor Ph.D. **Address**: 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Khayoti-Nav street, 306. Phone: **904-16-93-93**
***Mirzoaliev Abdumalik Abdunabievich*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dekhoti street, 1/2. Phone: **937-47-31-09**

ТДУ: 336.6

# ИДОРАКУНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ДАР ҶУҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Аюбов И.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди устувори муносибатҳои бозорӣ такмили мунтазами усулҳо ва тарзҳои идоракунии корхонаҳои муосирро ба хотири баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидории онҳо тақозо мекунад. Рақобати шадиди байни корхонаҳо роҳбарияти онҳоро водор мекунад, ки захира ва имкониятҳоеро, ки дар оянда метавонанд корхонаро ба мавқеи субот ва устувории молиявӣ дар бозор расонанд, саривақт арзёбӣ кунанд. Бинобар ин, имрӯз дар назди роҳбарияти корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият, соҳа ва миқёсҳои фаъолияти онҳо вазифаи муҳимтарин – идоракунии вазъи молиявии корхона мебошад.

Идоракунии вазъи молиявии корхона бахши стратегияи умумии идоракунии молиявии он ба ҳисоб рафта, дар таҳия ва корбурди низоми усулҳои таҳлили вазъи молиявӣ, ташхиси пешакии таҳдиди муфлисшавӣ, муайян кардани механизмҳои солимгардонии молиявӣ, раҳо ёфтани корхона аз вазъи молиявии ногувор ва барқарор сохтани вазъи молиявии муътадили корхона ифода меёбад. Ҳадафи идоракунии вазъи молиявии корхона ташкили низоми босамараи идоракунии захираҳои молиявии корхона, ки ба ноилгардии ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии фаъолияти он нигаронида шудааст, мебошад. Дар ин маврид, чунин масъалаҳои молиявии барои идоракунии фаъолияти корхона мубрам ҳалли худро меёбанд: афзункунии ҳаҷми фоидаи корхона; беҳгардонии сохтори сармояи корхона ва таъмини суботи молиявии он; ноил гардидан ба шаффофии вазъи молиявию иқтисодии корхона барои соҳибмулкон, муассисон ва иштирокчиёни сармояи он; ташаккули механизми босамараи идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхона ва дигарҳо.

Тавре олими рус Н.Л. Савченко қайд мекунад: «Ҳоло илми идоракунии молиявӣ дар рушди пайваста қарор дошта, ба тағйироти гуногуни дар олами атроф рухдиҳанда вокуниш нишон медиҳад. Буҳрони молиявии даҳсолаҳои охир идоракунии босамар ва оқилонаи захираҳои молиявиро ҳам дар миқёси иқтисодиёти миллӣ ва ҳам дар корхонаи мушаххас талаб мекунад». Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, рақамикунонӣ, мушкилоти гуногуни сиёсии дар миқёси ҷаҳонӣ пайдошуда ба истифода ва идоракунии захираҳои молиявӣ таъсир мерасонанд. Онҳо аз кормандони идоракунандаи равандҳои молиявӣ дар корхонаҳо – менеҷерҳои молиявӣ масъулияти баландро барои қарорҳои идоракунии қабулшаванда талаб мекунанд, зеро имрӯз ҳама қарорҳои молиявӣ дар таҳти таъсири хавф қарор доранд.

Ҳоло масъалаҳои идоракунии вазъи молиявии корхонаҳо дар маркази таваҷҷуҳи кормандон-мутахассисони аҳли амали соҳаи молияи субъектҳои иқтисодӣ ва доираҳои илмӣ қарор доранд. Шумораи зиёди таҳқиқот ва корҳои илмии нашршуда, масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми идоракунии молиявии корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро фарогир мебошанд. Хусусан дар интишороти хориҷии соҳаи илми молия мақолаҳои зиёд ба назар мерасанд, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва рушди амалии идоракунии вазъи молиявии корхонаҳо бахшида шудаанд, вале шумораи чунин таҳқиқотҳо дар интишороти ватанӣ кам мушоҳида мегардад. Дар мақолаҳои илмии муҳаққиқон Б.Х. Боқилов [2], Ш.Р. Даминов [6], М.В. Калемуллоев [8], Б.Ҳ. Каримов [9], У.О. Коситова [12], Н.Р. Муқимова [14], Қ.Х. Хушвахтзода [18], Ҷ.Н. Ҳоҷиев [19] ва дигарон баъзе ҷанбаҳои идоракунии низоми молиявӣ ва таҳлили устувории молиявии корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ барррасӣ шудаанд.

Дар адабиёт мафҳуми «вазъи молиявии корхона» бо тафсирҳои гуногун баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, Ю.А. Филиппова вазъи молиявии корхонаро ҳамчун «низоми нишондиҳандаҳое, ки иқтидори корхонаро барои пӯшонидани уҳдадориҳои қарзӣ ифода мекунанд», шарҳ додааст [17,с.46]. Бинобар ин, тавре муҳаққиқ зикр кардааст, фаъолияти

молиявӣ бояд равандҳои ташаккул ва ҳаракати дороиҳои корхонаро фаро гирифта, назорати истифодабарии онҳоро таъмин кунад.

Ба ақидаи А.Д. Шеремет вазъи молиявии корхона бо ҷойгиршавӣ ва истифодабарии воситаҳо (дороиҳо) ва манбаъҳои рушди онҳо (сармояи худӣ ва уҳдадориҳо) тавсиф дода мешавад. Ӯ қайд мекунад, ки «омилҳои асосии муайянкунандаи вазъи молиявӣ, аввалан, иҷрои нақшаи молиявӣ ва бо мурури пайдо шудани эҳтиёҷ пурра кардани сармояи гардони худӣ аз ҳисоби фоида ва дуюм, суръати гардиши воситаҳо (дороиҳо)-и гардон мебошад. Ҳамчун нишондиҳандаи огоҳкунанда аз вазъи молиявӣ пардохттавонии корхона баромад мекунад» [22,с.251].

Тафсирҳои дигари мафҳуми «вазъи молиявии корхона», ки дар адабиёт ҷой доранд, дар ҷадвали 1 гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Тафсири мафҳуми «вазъи молиявии корхона»**
**Table 1. Definition of the concept «financial condition of an enterprise»**

| Муаллиф | Таърифи мафҳум |
|---|---|
| В.Л. Бикадоров [3,с.24] | Хосияти муҳимтарини эътимоднокӣ, рақобатпазирӣ, устувории корхона дар бозор, ки бо ҷойгиршавӣ ва истифодабарии воситаҳо ва манбаъҳои ташаккули онҳо тавсиф дода мешавад. |
| И.А. Бланк [1,с.297] | Дараҷаи мутаносибии ҷузъҳои сохтории алоҳидаи дороиҳо ва сармояи корхона, инчунин, дараҷаи самаранокии истифодабарии онҳо. |
| Н.Н. Илишева [7,с.3] | Мафҳуми иқтисодӣ, ки дараҷаи қобилияти корхонаи тиҷоратиро барои маблағгузории фаъолияти худ ифода мекунад ва бо таъминнокии корхонаи тиҷоратӣ бо захираҳои молиявии барои фаъолияти муътадили он зарурӣ, ба мақсад мувофиқ будани ҷойгиркунӣ, шиддатнокӣ ва самаранокии истифодабарии онҳо, инчунин, устувории мавқеи корхона дар бозори қоғазҳои қиматнок (агар корхонаи тиҷоратӣ ҷамъияти саҳомии кушода бошад) тавсиф мешавад. |
| С.Е. Кован [10] | Пайгирии фаъолияти корхона, ки усули баҳодиҳии вазъи ҷорӣ ваояндаи молиявию иқтисодии субъекти хоҷагидориро дар асоси омӯзиши вобастагӣ ва динамикаи нишондиҳандаҳои молиявӣ ифода мекунад. |
| Э.А. Маркарян [13,с.65] | Маҷмуи нишондиҳандаҳои ифодакунандаи иқтидори корхона барои пӯшонидани уҳдадориҳои қарзии худ. |
| Л.Н. Павлова | Маҷмуи омилҳое, ки барои баҳодиҳии имконияти молиявии корхона оид ба ҷалби сарватҳо, маблағгузории хароҷоти ҷорӣ ва дарозмуддат бо назардошти самаранокии онҳо имкон медиҳанд. |
| Г.В. Савитская | Мафҳуми иқтисодӣ, ки муносибатҳои молиявии субъекти бозор ва иқтидори онро барои маблағгузории фаъолияти худ дар вазъи санаи муайян ифода мекунад. |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши нуқтаи назари олимони соҳа.

Ҳамин тавр, вазъи молиявӣ имконияти корхонаро барои маблағгузории фаъолияти худ аз ҳисоби фоида (воситаҳои худӣ), инчунин, оқилона ихтиёрдорӣ кардани онҳоро дар муносибат бо шахсони дигар нишон медиҳад. Бинобар ин, ҳадафи ҳар як корхона нигоҳ доштани вазъи молиявии муътадил ва қаноатбахш мебошад, ки дар асоси нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва пардохттавонӣ муайян карда мешавад. Ҳар қадаре вазъи молиявии корхона устувор бошад, ҳамон қадар тобоварии он бо тағйирёбии вазъи иқтисодии давлат ва зуҳуроти бӯҳронӣ дар иқтисодиёт камтар хоҳад буд. Яъне, вазъи молиявӣ бо аломатҳои гуногун, аз қабили мавҷудияти захираҳои молиявӣ, мувофиқати тақсимот ва самаранокии истифодабарии онҳо, инчунин, муносибатҳои молиявӣ бо таъминкунандагон ва шарикони бозорӣ, қобилияти пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ тавсиф мешавад.

Вазъи молиявӣ натиҷаи тамоми самтҳои фаъолияти корхона мебошад, «аз ин рӯ, арзёбии саривақтӣ ва шароити муносибе, ки корхона дар он фаъолият мекунад, танҳо дар сурати омӯзиши мунтазами иттилооти воқеъбинона ҳамчун асоси гузаронидани таҳлили молиявӣ имконпазир аст» [4,с.16].

Таҳлили вазъи молиявии корхона, омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти он бо мақсади баҳодиҳии воқеъбинонаи натиҷаҳои молиявии бадастомада ва муайян кардани роҳҳои

минбаъдаи баланд бардоштани нишондиҳандаи бузургии даромаднокӣ, инчунин, таъмини сатҳи пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ мебошад. Муҳтавои ин таҳлил аз омӯзиши макони ҷойгиршавӣ ва истифодабарии воситаҳои дар фаъолияти корхона истифодашаванда, холати захираҳои молию моддӣ ва манбаъҳои қарзии ташаккули онҳо, қобилияти пардохтпазирии корхона ва таъмин будани он бо сармояи гардони худӣ иборат аст. Аҳаммияти таҳлили вазъи молиявӣ хеле бузург аст, зеро натиҷаҳои он имкон медиҳанд, ки мушкилоти асосӣ, ки корхона метавонад бо онҳо дучор шавад, муайян карда мешаванд.

Пешгирии рушди зухуроти манфии бухронӣ дар корхона танҳо тавассути ба таври бонизом таъмин намудани кормандони роҳбарикунанда бо иттилоот дар бораи сатҳи кунунии устувории молиявӣ имконпазир аст. Чунин маълумоти молиявӣ ва таҳлилӣ бояд дар асоси натиҷаҳои арзёбии вазъи молиявии корхона ба даст оварда шаванд.

Мусаллам аст, ки ҳадафи аввалини корхонаи тиҷоратӣ ҳарчӣ афзун гардонидани боигарии моддии соҳибмулкон, яъне, баланд бардоштани арзиши бозории корхона мебошад. Маҳз, ба ҳадди баландтарин расонидани боигарии соҳибмулкон, таносуби тамоми дигар ҳадафҳои корхонаро ба тартиб дароварда, кафолат медиҳад, ки сармоягузорон дар муддати тулонии вақт корхонаро бо маблағҳои зарурӣ таъмин кунанд.

Ҳамин тавр, маҳаки асосии арзёбии самаранокии қарорҳои идоракунӣ дар бахши молиявии фаъолияти корхона, аз ҷумла қарорҳо оид ба идоракунии вазъи молиявии он таъсири минбаъдаи қарори қабулгардида ба ҳаҷми сарватҳои соҳибмулкон мебошад. Дарвоқеъ, идоракунии вазъи молиявии корхона, бояд ҳамчун унсури таркибии идоракунии стратегияи молиявии он баррасӣ шавад, зеро вазъи молиявӣ дар асоси равандҳои ташаккул ва истифодабарии захираҳои молиявии корхона муайян карда мешавад. Дар навбати худ идоракунии захираҳои молиявӣ, дар баробари идоракунии муносибатҳои пулӣ муҳтавои асосии раванди идоракунии молиявии корхонаро ташкил медиҳад.

Ҳоло таваҷҷуҳи роҳбарияти аксари корхонаҳои тиҷоратии муосир ба ҷустуҷӯ ва дарёфти усулҳо ва воситаҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии вазъи молиявӣ, ба суръат бахшидани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва амалигардонии онҳо, ба куллӣ дигар кардани сохторҳои хоҷагидорӣ ва мустаҳкам кардани мавқеи субъекти иқтисодӣ дар фазои рақобат нигаронида шудааст. Албатта, барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо пешбурди таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ дар самти идоракунии вазъи молиявӣ ва таҳлили молиявии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ зарур аст.

Бояд қайд кард, ки таҳқиқот ва коркардҳои илмии дар самти идоракунии вазъи молиявии субъектҳои иқтисодӣ анҷомдодашуда, на ҳамеша ҳамчун воситаи босамар ҳангоми арзёбии иқтидор ва вазъи молиявии корхонаҳои муосир истифода шуда метавонанд. Ин ҳолат махсусан дар соҳаи телекоммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шадидтар ба назар мерасад, зеро дар он ҷо корҳо оид ба омӯзиши иқтидори рушди молиявии субъектҳои иқтисодии амалкунанда, ки хусусиятҳои ин соҳаи фаъолиятро ба инобат гиранд, басанда нестанд. Ҳоло соҳаи телекоммуникатсия ба қавле таъминкунандаи «низоми гардиши хун»-и иқтисодиёт ба шумор меравад. Вай ҳамчун унсури пайвасткунанда, асоси амалкунии соҳаҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ, бахшҳои истеҳсолӣ, истеъмол ва хизматрасониҳои иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад, зеро он омили муҳимтарини иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия маҳз бо равандҳои иттилоотонии иқтисодиёт бештар сарукор доранд.

Мубрамии идоракунии вазъи молиявӣ барои корхонаҳои телекоммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба чунин ҳолатҳо, ки асосноккунии молиявии иловагиро талаб мекунанд, зоҳир мегардад:

- таъсири назарраси бухрони молиявии ҷаҳонӣ ба фаъолияти корхонаҳои телекоммуникатсионӣ;

- суръати баланди афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои телекоммуниктсионӣ ва дар натиҷа, зиёд шудани эҳтимоли афзоиши талафоти молиявӣ дар паёмади қабули қарорҳои нодуруст;

- раванди доимии густариш ва гуногуншаклшавии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, тағйирёбии сохтор ва пайдо шудани намудҳои нави хизматрасониҳо;

- истифодаи васеи технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия, аҳаммияти арзёбии таъсири истифодаи дороиҳои ғайримоддӣ ба вазъи молиявии корхона.

Ҳангоми идоракунии вазъи молиявии корхонаҳои телекоммуникатсионӣ, ба инобат гирифтани хусусиятҳои соҳавии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ масъалаи муҳим аст. Дар ин маврид, бояд ба он бештар таваҷҷуҳ кард, ки истеҳсол ва истеъмоли хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, ҳамзамон рух медиҳанд. Аз ин сабаб, ширкатҳои алоқаи мобилӣ, ки корхонаҳои асосии соҳаи телекоммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, водор месозад, ки ҳиссаи муайяни хизматрасониҳои худро ба мизоҷон дар шакли пардохти қарзӣ пешниҳод кунанд. Албатта, зиёд будани ҳиссаи пардохтҳои қарзӣ дар фаъолияти корхона ба афзоиши қарзҳои дебиторӣ меорад, ки мушкилоти молиявии муайян бо онҳо алоқаманд мебошанд.

Хусусияти дигари фаъолияти ширкатҳои алоқаи мобилӣ, мавҷудияти инфрасохтори мураккаб ва сифати таҷҳизоти он мебошад, ки, пеш аз ҳама, мувофиқати он ба дастовардҳои технологии пешрафта муайян мегардад. Ширкатҳои алоқаи мобилӣ бояд ба комёбиҳои навтарини технологӣ худро мутобиқ гардонанд, ки ин албатта истифодаи захираҳои молиявии иловагиро талаб мекунад.

Вобаста ба хусусиятҳои номбурда, барои корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия чунин ҷиҳатҳои асосии молиявӣ хос мебошанд [20,с.75]:

- фарогирии зиёди сармоя ва воситаҳои асосӣ вобаста ба мавҷудияти шабакаи васеи инфрасохтор, зарурати навсозии мунтазами таҷҳизот вобаста ба рушди технологияҳои рақамӣ;

- истифодаи хеле махсусгардонидашудаи дороиҳои дарозмуҳлат (пеш аз ҳама, таҷҳизот ва таъминоти барномавии компютерӣ), вобаста ба ин, ғайриимкон ё мураккаб будани корбурди онҳо ҳангоми тавсеаи намудҳои фаъолияти корхона;

- давомнокии назарраси сохтмон ва ба истифода додани иншооти телекоммуникатсионӣ ва ғ.

Хусусиятҳои номбаршудаи фаъолияти корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия албатта ба вазъи молиявии онҳо таъсир мерасонанд.

Дар солҳои охир дар мамлакат рушди босуръати соҳаи телекоммуникатсия мушоҳида мешавад, ки он асосан ба дастовардҳои илмию техникии хориҷӣ асос ёфтааст. Дастовардҳои мазкур барои баланд бардоштани самараи иқтисодии корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия ва дигар соҳаҳои бо додугирифт ва коркарди иттилоот алоқаманд имкон медиҳанд. Ҳоло дар мамлакат 17 ширкатҳои алоқаи мобилӣ дар соҳаи телекоммуникатсия фаъолият мекунанд, ки муштариёни онҳо аз ҳисоби истифодабарандагони интернет 3471890 нафар ва аз ҳисоби истифодабарандагони алоқаи мобилӣ 6387539 нафар мебошанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Шумораи муштариёни ширкатҳои телекоммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 2. Number of telecommunications company clients**

| Ширкатҳои телекоммуникатсионӣ | Шумораи муштариёни интернет | Шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ |
|---|---|---|
| ҶСП «ТТ-Мобайл» | 893006 | 1319690 |
| ҶДММ «Tcell» | 1193612 | 2706995 |
| ҶДММ «Интерком» | 622 | - |
| ҶДММ «Вавилон-Т» | 21703 | - |
| ҶДММ «Вавилон-Мобайл» | 840381 | 1152452 |
| ҶДММ «Истэра» | 237 | - |
| ҶДММ «Таком» | 430968 | 1045986 |
| ҶСП «Телекомтехнолоҷӣ» | 4292 | 2807 |
| ҶДММ «Сайр Тур» | 50 | - |
| ҶСШК «Тоҷиктелеком» | 25365 | - |
| Ассотсиатсия «Тарена» | 62 | - |
| ҶСП «О-Мобайл» | 60209 | 159609 |

| | | |
|---|---|---|
| ҶДММ «Ошногрупп» | 20 | - |
| ҶДММ «СА-Интернет» | 1092 | - |
| ҶДММ «Исател» | 45 | - |
| ҶДММ «Шабакаи Осмонӣ» | 4 | - |
| ҶДММ «Технологияҳои Транс- Тематикӣ» | 235 | - |
| Ҳамагӣ | 3471890 | 6387539 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [15,с.306]

Мутобиқи иттилооти пешакии ҳисоботии ба Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоднамудаи корхонаҳои телекоммуникатсионӣ дар нимсолаи аввали соли 2023, даромади умумии сохторҳои соҳаи алоқаи барқӣ маблағи 1 900 982 423 сомонӣ ва ҳаҷми хизматрасонии алоқаи барқӣ ба аҳолӣ 1 590 750 975 сомониро ташкил додааст. Вале, бо вуҷуди ин, тибқи маълумоти омори расмӣ, суръати афзоиши саҳми хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ (иттилоот ва алоқа) дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, мамлакат тамоюлот ба пастравӣ дорад (нигаред ба расми 1).

**Расми 1. Ҳиссаи соҳаи телекоммуникатсия дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон**

**Figure 1. Share of the telecommunications sector in the production of gross domestic product**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [15,с.217]

Дар баробари ин, технологияҳои пешрафтаи алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста инкишоф меёбанд. Ҳамзамон, ширкатҳои телекоммуникатсионӣ бо истифода аз идоракунии инноватсионӣ ва усулҳои муосири маблағгузории фаъолияти худ, ба тарзҳои нисбатан фасеҳтари пешбурди тиҷорат ноил мегарданд ва кӯшиш мекунанд, ки вазъи молиявии худро тадриҷан беҳтар кунанд. Айни замон, фаъолияти аксари ширкатҳои алоқаи мобилӣ даромаднок аст. Дар ин бора ҳиссаи зиёди даромад ва воситаҳои худии таъминкунандаи рушди минбаъдаи ширкатҳои алоқаи мобилӣ шаҳодат медиҳад. Бешубҳа, тавассути истифодаи технологияҳои инноватсионии алоқаи мобилӣ0 ширкатҳои ҶСП «ТТ-Мобайл» (Мегафон Тоҷикистон), ҶДММ «Tcell» (Индиго Тоҷикистон), ҶДММ «Вавилон-Мобайл» ва ҶСП «О-Мобайл» имрӯз дар бозори хизматрасониҳои телекоммуникатсионии мамлакат пешқадам мебошанд.

Албатта, дар асоси равиши инноватсионӣ суръати баланди афзоиши хизматрасониҳо, ҳосилнокии меҳнат ва даромаднокии корхонаҳои соҳаи телекоммуниактсияро дар самти алоқаи мобилӣ нигоҳ доштан мумкин аст. Дар натиҷа, ширкатҳои алоқаи мобилӣ барои муайян кардани роҳҳои бартараф намудани монеаҳои иқтисодию молиявӣ, технологияҳои инноватсионӣ таҳия мекунанд. Коркардҳои инноватсионии онҳо таъсири бозорҳои берунӣ ва дохилиро ба инобат гирифта, ба ин васила, рақобатро дар бозори хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ таҳким медиҳанд. Сиёсати ассортименти ширкатҳои алоқаи мобилӣ, ба якҷоя кардани хизматрасонӣ ё маҳсулоти навӣ бо хизматрасонии иловагӣ нигаронида шудааст, ки ин даромади корхонаҳоро зиёд мегардонад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки

раванди татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои нав дар корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия сода карда шуда, даромаднокии ширкатҳои алоқаи мобилӣ баланд бардошта шавад.

Операторони мобилӣ молҳо ва хизматрасониҳои бештари илова пардохтшавандаро пешниҳод мекунанд, ки ин сатҳи баланди рақобатпазирии онҳоро таъмин мекунад. Онҳо стратегияи рушди худро тавре бояд тартиб диҳанд, ки барои нигоҳ доштани муштариёни худ имкон диҳад. Васеъ кардани номгӯйи маҳсулот ва хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба ширкатҳои алоқаи мобилӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои беҳтарини ҳалли масъаларо пайдо кунанд, аз қабили таъмини муштариён бо хизматрасониҳои серталаб, татбиқи стратегияи нигоҳдории муштариён, зиёд кардани боздеҳии сармоягузориҳои асосӣ ва суръат бахшидан ба бозгашти сармояи гузошташуда, нигоҳ доштани инфрасохтори хизматрасониҳо дар сатҳи муносиби рақобат.

Айни замон, даромадҳои асосии ширкатҳои алоқаи мобилӣ аз маҳсулот ва хизматрасониҳои анъанавӣ ба даст меоянд. Хадамоти техникӣ ва молиявии ширкатҳои алоқаи мобилӣ бояд таҳқиқоте анҷом диҳанд, ки барои арзёбии ҳассосияти аз ҷониби муштариён қабул шудани дастаҳои хизматрасониҳои нави пешкашшаванда, чун хизматрасониҳои интернетӣ, дастрасии фосилавӣ, шабакаҳои хусусӣ, иҷораи таҷҳизоти шабакавӣ ва дигарҳо имкон диҳанд. Вале, тавре таҳқиқоти мо нишон медиҳад, қонеъгардонии пурраи эҳтиёҷоти муштариён ба хизматрасониҳои нав дар фаъолияти ширкатҳои алоқаи мобилӣ таъмин намегардад.

Дар шароити иқтисодии имрӯза, ҳар як корхонаи соҳаи телекоммуникатсия бояд чунон вазъи захираҳои молиявии худро таъмин намояд, ки дар мавриди он қобилияти иҷрои уҳдадориҳои худро дар назди шарикон, давлат, соҳибмулкон ва кормандон пайваста нигоҳ дорад.

Дар корхонаҳои телекоммуникатсионӣ масъалаи истифодаи босамараи захираҳои молиявӣ мубрам аст, зеро талафоти имконпазир ба вазъи молиявии корхона, аз ҷумла ба бузургии фоидаи он таъсири назаррас мерасонанд. Захираҳои молиявӣ ба фаъолияти муътадили корхона дар бозор ва мавқеи муносиби худро дар он пайдо кардан мусоидат мекунанд. Вобаста ба ин, дар корхонаҳои телекоммуникатсионӣ шуъбаҳои алоҳидаи танзимкунандаи вазъи молиявӣ бояд таъсис дода шаванд.

Идоракунии вазъи молиявӣ дар ширкатҳои алоқаи мобилӣ нисбат ба корхонаҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт мураккабтар аст. Ба ин, пеш аз ҳама низоми андозбандии ширкатҳои алоқаи мобилӣ, ки солҳои охир дар мамлакат роҳандозӣ шудааст, таъсир мерасонад. Аз ҷумла, бояд қайд кард, ки барои ширкатҳои алоқаи мобилӣ меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ баландтарин мебошад. Яъне, агар даромади андозбандишавандаи корхонаҳои истеҳсолӣ бо меъёри 13% бо андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ андозбандӣ шавад, ин меъёр барои ширкатҳои алоқаи мобилӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ 20% ва барои дигар намудҳои фаъолият 18% муқаррар шудааст (моддаи 183 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) [11]. Ғайр аз ин, мувофиқи нишондоди моддаи 282 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ, ки шакли асосии фаъолияти корхонаҳои телекоммуникатсионӣ мебошад, ба намудҳои фаъолияти зераксизӣ мансуб буда, ба андозаи 7% аз даромади умумӣ (бо тарҳи маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз) бо андози аксиз андозбандӣ карда мешавад (моддаи 185 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аксари ширкатҳои алоқаи мобилии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда, ба андозсупорандагони бузург мансуб мебошанд. Инчунин, дар солҳои охир ҳолатҳои зиёди аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримабандӣ намудани ширкатҳои алоқаи мобилӣ мушоҳида мешавад.

Омили дигаре, ки ба мураккаб будани идоракунии вазъи молиявии корхонаҳои телекоммуникатсионӣ таъсир мерасонад, ҷой доштани инҳисори бозорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла мавқеи инҳисории корхонаи давлатии ҶСШК «Тоҷиктелеком» мебошад. Шуруъ аз соли 2019 то ин ҷониб тамоми ширкатҳои алоқаи мобилӣ интернетро бо нархи 51 доллари ИМА барои як хатти гигабитӣ аз ҶСШК «Тоҷиктелеком» харидорӣ мекунанд. Тамоми алоқаи мобилӣ дар мамлакат тавассути

Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқӣ мегузарад. Ҳамаи ин ба зиёд шудани хароҷоти ширкатҳои алоқаи мобилӣ боис мешавад.

Имрӯз, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон паёмадҳои бухрони молиявӣ ҳанӯз бартараф нашудаанд, фаъолияти ҳар як корхона мавриди таваҷҷуҳи доираи васеи иштирокчиёни бозор, ки ба натиҷаҳои молиявии он манфиатдор мебошанд, қарор мегирад. Онҳо дар асоси иттилооти ба худ дастрас, вазъи молиявии корхонаро арзёбӣ кардан мехоҳанд. Дар ин маврид, воситаи муҳимми чунин арзёбӣ барои ҷонибҳои гуногунманфиат, таҳлили ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки бо ёрии он метавон муносибатҳои дохилӣ ва берунии субъекти хоҷагидории таҳлилшавандаро воқеъбинона арзёбӣ кард ва дар асоси натиҷаҳои он, қарорҳои идоракунии асоснок қабул кард. Дар корхонаҳои телекоммуникатсионӣ таҳлили молиявӣ дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявӣ, барои омӯзиши маълумот оид ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона ба хотири арзёбии дурнамои рушди он гузаронида мешавад.

Дар ҳисоботи молиявӣ иттилоот дар бораи вазъи молиявии корхона пешниҳод мегардад, аз ҷумла: мавҷудияти захираҳои молиявии корхона, тақсимот ва истифодабарии онҳо, маълумот дар бораи натиҷаҳои молиявӣ (фоида ё зарар), мавҷудият ва ҳаракати сармояи худӣ ва ҷалбгардида, дар бораи ҷараёнҳои пулӣ, вазъи қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ, вазъ ва тағйирёбии воситаҳои асосӣ ва гардон, дороиҳои ғайримоддӣ ва ғайра.

Дар асоси таҳлили ҳисоботи молиявӣ сабабҳо ва омилҳое, ки ба тағйирёбии вазъи нишондиҳандаҳои таҳқиқшаванда таъсир расонидаанд, ошкор карда мешаванд. Тавсияҳо барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба бартарафкунии камбудиҳои ошкоршуда ва баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои молиявию моддӣ таҳия карда мешаванд. Иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда барои арзёбӣ намудани вазъи захираҳои молиявӣ, ҷойгиркунии оқилонаи онҳо, самаранокии истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва зиёд кардани воситаҳои асосӣ ва гардони худӣ, натиҷаҳои ноилгардида, инчунин, дурустӣ ва саривақтии пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ хеле муҳим аст.

Имрӯз таҳлили вазъи молиявии корхона, ки дар асоси иттилооти ҳисоботи молиявӣ гузаронида мешавад, ба андозаи басанда ва низом даровarда шудааст, қоидаҳои иҷро ва амалҳои он ба як тартиби муайян оварда шудаанд ва дар тамоми мамлакатҳо аз рӯи методикаи ягона ба ҷо оварда мешавад. Нақши таҳлил ҳамчун воситаи идоракунии молиявии фаъолияти корхона дар шароити муосир дар корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия афзун мегардад. Муҳиммии идоракунии вазъи молиявии корхонаҳои коммуникатсионӣ бо истифода аз имкониятҳои таҳлил дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявӣ хеле баланд аст, зеро маҳз вазъи молиявии имрӯза муваффақияти фаъолияти корхона ва имкониятҳои рушди минбаъдаи онро инъикос мекунад. Аз натиҷаи таҳлили вазъи молиявӣ муайян мегардад, ки ба кадом ҷанбаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона диққати бештар дод ва барои баланд бардоштани самаранокӣ кадом тадбирҳоро андешидан лозим аст. Тавассути тавсияҳои аз натиҷаи таҳлили таҳияшуда, ҷиҳатҳои суст ва қавӣ дар фаъолияти корхона муайян карда мешавад, тарзҳои муайяни беҳгардонии фаъолияти корхона интихоб карда мешаванд, ки ба бартараф кардани камбудиҳо дар фаъолияти корхонаи телекоммуникатсионӣ мусоидат мекунанд.

Пеш аз гузаронидани таҳлили вазъи молиявии корхонаи телекоммуникатсионӣ, бояд ба он диққат дод, ки ҳадафи гузаронидани таҳлил чист. Дар ин маврид, набояд арзёбии вазъи молиявии корхонаро бо баҳодиҳии арзиши корхона омехта кард, зеро ҳадафҳои ин ду амал гуногун мебошанд. Баҳодиҳии арзиши корхона маънои муайян кардани ифодаи пулии корхонаро дорад, ки он метавонад нархи эҳтимолии фурӯши корхона ҳамчун мол бошад [5,с.6]. Бинобар ин, баҳодиҳии арзиши корхона вақте гузаронида мешавад, ки соҳибмулк мақсади фурӯхтани корхонаро пеш гирифта бошад.

Зарур аст, ки ҳадафи гузаронидани таҳлили вазъи молиявӣ бо ҳадафҳои стратегии рушди молиявии корхонаи телекоммуникатсионӣ мувофиқ бошанд. Масалан, агар ширкати алоқаи мобилӣ нақшаи дар бозори қоғазҳои қиматнок ҷойгир кардани саҳмияҳои худро дошта бошад, пас ҳадафи таҳлили молиявӣ дарёфти қарор барои афзун кардани арзиши корхона мебошад. Вале, агар дар стратегияи рушди корхона тавсеаи самтҳои фаъолият, ишғол кардани ҳиссаи муайяни бозор, танг кардани доираи фаъолияти рақибон ё кушодани бахшҳои иловагии фаъолият дар минтақаҳои дурдасти мамлакат

пешбинӣ шуда бошад, пас ҳадафи таҳлили вазъи молиявӣ дарёфти роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Икроми Ф.Н.**


**АДАБИЁТ**

1. Бланк И.А. Финансовый менеджмент: учебник для вузов / И.А. Бланк. -Киев: Ника-Центр ЭЛЬГА, 2007. -455 с.
2. Боқилов Б.Ҳ. Асосҳои илмии идоракунии молиявии соҳаи маориф / Б.Ҳ. Боқилов, Ҷ.Ғ. Қараева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. -№5-2. -С.98-100.
3. Быкадоров В.Л. Финансово-экономическое состояние предприятия / В.Л. Быкадоров. -М.: ПРИОР-СТРИКС, 2016. -382 с.
4. Ворonченко Т.В. Совершенствование системы анализа и оценки финансового состояния организации / Т.В. Воронченко. -М.: Российская академия предпринимательства, 2008. -302 с.
5. Грязнова А.Г. Оценка бизнеса: учебник / А.Г. Грязнова, М.А. Федотова. -М.: Финансы и статистика, 2000. -736 с.
6. Даминов Ш.Р. Моделирование финансового состояния и его роль в управлении предприятием связи / Ш.Р. Даминов, С.Т. Каюмов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2020. -№3(51). -С.32-37.
7. Илышева Н.Н. Анализ в управлении финансовым состоянием коммерческой организации / Н.Н. Илышева, С.И. Крылов. -М.: Финансы и статистика, 2014. -240 с.
8. Калемуллоев М.В. Совершенствование методики анализа финансово-хозяйственной деятельности сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан / М.В. Калемуллоев, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№5. -С.164-170.
9. Каримов Б.Ҳ. Таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони молиявӣ / Б.Ҳ. Каримов, Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№4-1. -С.97-105.
10. Кован С.Е. Мониторинг финансового состояния и платежеспособности как важнейший инструмент диагностики деятельности предприятий ЖКХ. [Электронный ресур]. URL: http: // cyberleninka.ru/ monitoring-finansovogo-sostoyaniya-i-platezhesposobnosti-kak-vazhneyshiy-instrument-diagnostiki-deyatelnosti-predpriyatiy-zhkh
11. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2021. -№ 217. [Манбаи электронӣ]. URL: https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf
12. Коситова У.О. Асосҳои методологӣ ва арзёбии устувории молиявии корхона / У.О. Коситова, Д.М. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№2-1(46). -С.110-116.
13. Маркарьян Э.А. Финансовый анализ. Учеб. пособие / Э.А. Маркарьян. -М.: КноРус, 2017. -192 с.
14. Мукимова Н.Р. Оценка финансовой устойчивости энергетической компании (на материалах ОАХК «Барки Точик» / Н.Р. Мукимова, М.И. Сайфудинов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. -№4(56). -С.98-106.
15. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -414 с.
16. Талоло В.И. Проблемы финансирования компаний телекоммуникационной отрасли / В.И. Талоло // Ученые записки Российской Академии предпринимательства. – 2021. -Т.20. -№4. -С.73-79.
17. Филиппова Ю.А. Особенности управления финансовыми рисками на предприятии / Ю.А. Филиппова, Ю.А. Матвейчук // Сборник научных работ серии «Финансы, учет, аудит». -Донецк: ДонАУиГС, 2020. -Вып. 17. -С.46-55.
18. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили рушди молиявию қарзии субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№3. -С.162-174.
19. Ҳоҷиев Ҷ.Н. Такмили механизми идоракунии низоми молияи корхонаҳои электроэнергетикӣ / Ҷ.Н. Ҳоҷиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№2(41). -С.234-240.
20. Ченг Ф.Л. Финнерти. Финансы корпораций: теория, методы и практика / Ф.Л. Ченг, И.Ф. Джозеф; пер. с англ. -М.: ИНФРА-М, 2000. -686 с.
21. Ҷаласаи Ҳайати мушовараи Хадамоти алоқа. [Манбаи электронӣ]. URL: https://khadamotialoqa.tj/%d2%b3ajati-mushovarai-hadamoti-alo%d2%9ba-barguzor-gardid/
22. Шеремет А.Д. Теория экономического анализа: учебник / А.Д. Шеремет. -3-е изд., и доп. -М.: Инфра-М, 2011. -352 с.


## ИДОРАКУНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Вазъи молиявӣ – аломати муҳимтарини фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона мебошад, ки иқтидор, рақобатпазирӣ дар бозор ва таъмин будани онро бо воситаҳои худӣ барои рушди фаъолияти бобарор муайян мекунад. Иқтидори баланди корхона барои саривақт ва пурра пардохт кардани уҳдадориҳо, густариш додани фаъолияти худ аз вазъи молиявии хуби он шаҳодат медиҳанд. Дар навбаи худ вазъи молиявии корхона аз фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва молиявии он вобаста мебошад. Дар шароити имрӯза барои корхонаҳои тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла, корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия

идоракунии вазъи молиявӣ яке аз самтҳои асосии низоми умумии идоракунии онҳо мебошад. Мубрамии масъалаи идоракунии муносиби вазъи молиявии корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия дар шароити имрӯза баланд аст, зеро дар паёмади таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ аксари онҳо бо мушкилоти таъмини захираҳои молиявии зарурӣ дучор шудаанд. Бинобар ин, роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия ба масъалаи таъмини фаъолияти корхона бо захираҳои молиявии зарурӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Мақолаи мазкур ба таҳқиқи масъалаҳои идоракунии вазъи молиявии корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия ва таҳлили вазъи молиявии онҳо дар асоси иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ пешкашшаванда бахшида шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки идоракунии вазъи молиявии корхона бояд ҳамчун унсури таркибии идоракунии стратегияи молиявии он баррасӣ шавад, зеро вазъи молиявӣ дар асоси равандҳои ташаккул ва истифодабарии захираҳои молиявии корхона муайян карда мешавад. Ба масъалаҳои идоракунӣ ва таҳлили вазъи молиявии ширкатҳои алоқаи мобилӣ диққати муҳим дода шудааст, зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо корхонаҳои асосии соҳаи телекоммуникатсия мебошад.

**Калидвожаҳо:** вазъи молиявии корхона, идоракунии вазъи молиявӣ, захираҳои молиявӣ, корхонаҳои соҳаи телекоммуникатсия, таҳлили молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ, устувории молиявӣ, ширкатҳои алоқаи мобилӣ.

## УПРАВЛЕНИЕ ФИНАНСОВЫМ СОСТОЯНИЕМ ПРЕДПРИЯТИЙ ТЕЛЕКОММУНИКАЦИОННОЙ СФЕРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Финансовое состояние является важнейшей особенностью финансово-хозяйственной деятельности предприятия, определяющей его мощность, конкурентоспособность на рынке и обеспеченность собственными ресурсами для успешного развития своей деятельности. Высокая способность компании своевременно и в полном объеме погашать свои обязательства, расширять свою деятельность свидетельствует о ее хорошем финансовом состоянии. В свою очередь финансовое состояние предприятия зависит от его производственной, коммерческой и финансовой деятельности. В современных условиях управление финансовым состоянием является одним из основных направлений общей системы управления предприятиями всех отраслей экономики, в том числе предприятиями телекоммуникационной сферы. Важность надлежащего управления финансовым состоянием предприятий телекоммуникационной сферы возросла в современных условиях, так как в результате влияния мирового финансового кризиса большинство из них столкнулись с проблемой обеспечения необходимыми финансовыми ресурсами. Поэтому руководство и менеджмент предприятий телекоммуникационной сферы уделяют большое внимание вопросу обеспечения предприятия необходимыми финансовыми ресурсами. Данная статья посвящена исследованию вопросов управления финансовым состоянием предприятий телекоммуникационной сферы и анализу их финансового состояния на основе информации, представленной в финансовой отчетности. Подтверждено, что управление финансовым положением предприятия следует рассматривать как неотъемлемый элемент управления его финансовой стратегией, поскольку финансовое состояние определяется на основе процессов формирования и использования финансовых ресурсов предприятия. Важное внимание уделяется вопросам управления и анализа финансового состояния компаний мобильной связи, поскольку в Республике Таджикистан они являются основными предприятиями в сфере телекоммуникаций.

**Ключевые слова:** финансовое состояние предприятия, управление финансовым состоянием, финансовые ресурсы, предприятия телекоммуникационной сферы, финансовый анализ, финансовая отчетность, финансовая устойчивость, компании мобильной связи.

## MANAGEMENT OF THE FINANCIAL POSITION OF TELECOMMUNICATION ENTERPRISES IN MODERN CONDITIONS

The financial position is the most important feature of the financial and economic activities of an enterprise, determining its capacity, competitiveness in the market and the availability of its own resources for the successful development of its activities. The company's high ability to repay its obligations in a timely manner and in full and to expand its activities indicates its good financial position. In turn, the financial position of an enterprise depends on its production, commercial and financial activities. In modern conditions, financial position management is one of the main directions of the general management system of enterprises in all sectors of the economy, including enterprises in the telecommunications sector. The importance of proper management of the financial position of telecommunications enterprises has increased in modern conditions, since as a result of the influence of the global financial crisis, most of them are faced with the problem of providing the necessary financial resources. Therefore, the leadership and management of telecommunications enterprises pay great attention to the issue of providing the enterprise with the necessary financial resources. This article is devoted to the study of issues of managing the financial position of enterprises in the telecommunications sector and the analysis of their financial position based on the information presented in the financial statements. It has been confirmed that managing the financial position of an enterprise should be considered as an integral element of managing its financial strategy, since the financial position is determined on the basis of the processes of formation and use of the enterprise's financial resources. Important attention is paid to the management and analysis of the financial position of mobile communication companies, since in the Republic of Tajikistan they are the main enterprises in the field of telecommunications.

**Keywords:** financial position of the enterprise, financial position management, financial resources, telecommunications enterprises, financial analysis, financial reporting, financial stability, mobile communication companies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аюбов Исфандиёр Бобомуродович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷуйи кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ayubovisfandiyor@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Аюбов Исфандиёр Бобомуродович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры таможенного дела. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ayubovisfandiyor@gmail.com**

**Information about the author:** ***Ayubov Isfandiyor Bobomurodovich*** – Tajik National University, applicant for the Department of Customs Activities. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ayubovisfandiyor@gmail.com**

ТДУ: 336.77

# ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ҚАРЗДИҲИИ КИШОВАРЗӢ

*Каримов Б.Ҳ., Тохтаров И.Х.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Кишоварзӣ имрӯз соҳаи муҳимтарин ва афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ буда, саҳми он дар таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти хӯрока ва амнияти озуқаворӣ назаррас аст. Корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи ҳиссаи бештари неъматҳои моддӣ ба баланд шудани сатҳи зиндагии ҷомеа мусоидат карда, ҳамчунин, соҳаҳои гуногуни саноати коркардро бо ашёи хоми табиӣ таъмин мекунанд. Маҳсулоти тайёри кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ, ки аз ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсол мешаванд, ҳиссаи аз ҳама зиёди бозори молҳои истеъмолиро дар мамлакат ташкил медиҳанд. Дар гардиши чаканаи молҳо дар соли 2021, ки 33259,5 миллион сомониро ташкил додааст, ҳиссаи маҳсулоти озуқаи дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноати коркарди ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсолшуда 49,7% мебошад [11,с.353]. Саҳми кишоварзӣ дар истеҳсоли маводи ғайриозуқа низ назаррас аст. Ҳамчунин, дар соли 2021 саҳми кишоварзӣ ва соҳаҳои бо он алоқаманд дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 24,1%-ро ташкил додааст [11,с.217].

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки истеҳсолоти кишоварзӣ бинобар вобастагии зиёд доштан, аз шароити табиию иқлимӣ даромаднокии худро дар сатҳи муносиб, чун истеҳсолоти саноатӣ ва соҳаҳои хизматрасонӣ таъмин карда наметавонад. Дар соҳаи кишоварзӣ механизмҳои бозории гардиши сармоя хуб кор намекунанд. Фаъолияти кишоварзӣ мисли ҳама гуна намудҳои соҳибкорӣ дар шароити хавф сурат мегирад, вале дараҷаи хавф дар он нисбат ба дигар соҳаҳои тиҷорат баландтар аст. Хавфҳои маъмултарин дар соҳаи кишоварзӣ, хавфҳои шароити обу ҳаво ва иқлим, рақобат дар бозор, хавфҳои молиявӣ, технологӣ, хавфи ба фурӯш нарафтани маҳсулот ва дигарҳо мебошанд. Аз ин лиҳоз, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ танҳо тавассути пурзӯр кардани танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии молиявии фаъолияти корхонаҳои соҳа имконпазир аст.

Дастгирии давлатии молиявӣ бояд на танҳо бевосита ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ додани маблағҳо аз буҷети давлатӣ, балки инчунин чорабиниҳои ба рушди босамари истеҳсолоти кишоварзӣ нигаронидашуда, яъне, тадбирҳои дастгирии ғайримустақимро низ дар бар гирад. Ҳамин тавр, дастгирии давлатии молиявии кишоварзӣ низоми тадбирҳои муҳофизатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ роҳандозишуда мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи даромаднокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудаанд ва дар ниҳоят рушди босуботи соҳаи кишоварзиро дар мамлакат таъмин мекунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба рушди соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ҳоло дар соҳаи кишоварзӣ якчанд барномаҳои давлатӣ амал мекунанд, аз ҷумла: Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи рушди соҳаи харгӯшпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи рушди чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030. Дар доираи татбиқи барномаҳои мазкур якчанд лоиҳаҳои сармоягузорӣ амал мекунанд, ки асосан аз ҳисоби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дар шакли грантҳо маблағгузорӣ мешаванд.

Яке аз чунин лоиҳаҳои грантӣ, лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» мебошад, ки аз ҳисоби гранти Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд ба маблағи 58 млн. доллари ИМА дар давраи солҳои 2021-2027 амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосии лоиҳа,

тақвияти заминаи бахши устувори соҳаи кишоварзии мамлакат тавассути зиёд кардани дастрасӣ ба тухмии хушсифат, ниҳолҳои ба иқлим тобовар, беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасонии агрологистикии деҳқонон ва корхонаҳои кишоварзӣ, таҳкими ниҳодҳои давлатии идоракунии соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Барои фаъолияти бобарори корхонаҳои кишоварзӣ, сарчашмаҳои молиявӣ, аз ҷумла, қарзҳои бонкӣ зарур мебошанд. Зеро, тавре омӯзиши фаъолият ва таҳлили вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, онҳо танҳо бо истифодаи имконияти молиявии худ фаъолияти даромаднокро роҳандозӣ карда наметавонанд. Азбаски вазъи молиявӣ дар аксари корхонаҳои кишоварзии мамлакат аз нигоҳи мутахассисон ва коршиносони бонкҳои тиҷоратӣ барои ҷалби маблағҳои қарзӣ мусоид нест, онҳо барои қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ рағбат зоҳир намекунанд. Дар баробари ин, корхонаҳои кишоварзӣ бо мушкилоти дастрасӣ ба қарзҳои бонк ва дигар манбаъҳои молиявии ҷалбшаванда рӯ ба рӯ мешаванд ва тавре мутахассисон изҳор мекунанд, «сабаби асосие, ки ташкилотҳои қарзӣ аз пешниҳод кардани манбаъҳои молиявӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ саркашӣ мекунанд, қодир набудани субъекти соҳибкории кишоварзӣ барои таъмини дурусти баргардонидани қарзи пешниҳодшуда мебошад» [3,с.135]. Бинобар ин, корхонаҳои кишоварзӣ барои истифодаи қарзҳои бонкӣ ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ доранд.

Имрӯз нигоҳ доштани сатҳи даромади корхонаҳои кишоварзӣ, ки барои пӯшонидани хароҷоти онҳо басанда бошад, яке аз масъалаҳои муҳимтарин барои роҳбарияти онҳо буда, ҳамчунин, таваҷҷуҳи мақомоти идоракунии соҳаи кишоварзӣ ва низоми молиявию бонкии мамлакатро талаб мекунад. Ин зарурат аз хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, аз доираи инҳисори давлат берун баромадани фаъолияти кишоварзӣ ва тез-тез рух додани офатҳои табиӣ дар солҳои охир бармеояд, ки ин ба номутавозӣ шудани нархҳои масҳулот ва даромадҳои корхонаҳои кишоварзӣ нисбат ба корхонаҳои соҳаҳои дигар ва корхонаҳои дар шароити дигари табиию иқлимӣ фаъолияткунанда боис мешавад. Дар ин маврид, давлат бояд барои мутавозӣ кардани нархҳо ва даромадҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ кунад.

Бар асари маҳдуд будани майдони заминҳои корам барои аксари корхонаҳои кишоварзӣ, зарурати истеҳсол кардани маҳсулот дар шароити нисбатан каммусоид ба миён меояд, ки ин харҷи масрафҳои бештарро барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот талаб мекунад. Кишоварзӣ соҳаи нисбатан осебпазир аз тағйирёбии шароити иқлим ва обу ҳавои номусоид мебошад. Ба замми ин, масъалаҳои заволи инфрасохтори истеҳсолоти кишоварзӣ ва харобшавии заминҳои корам низ омилҳое мебошанд, ки ба паст шудани вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунанд. Авҷ гирифтани омилҳои макроиқтисодӣ, чун афзоиши нархи сӯзишворӣ ва барқ, тухмӣ, нуриҳои маъданӣ ва моддаҳои кимиёвии дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифодашаванда, воситаҳои ҳифзи растаниҳо, мошин, таҷҳизот ва дигар техникаи кишоварзӣ низ арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои кишоварзиро баланд мекунад. Бинобар ин, дар солҳои охир натиҷаи молиявии фаъолияти корхонаҳои кишоварзии мамлакат асосан манфӣ (зарар) мебошад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, млн. сомонӣ**
**Table 1. Financial indicators of agricultural enterprises, mln. somoni**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумии корхонаҳо, адад | 421 | 463 | 466 | 506 | 1140 | 1017 | 1636 |
| Натиҷаи молиявӣ | -1,9 | -25,0 | -1,9 | -64,4 | -57,2 | -22,4 | 2643,3 |
| Қарздории кредиторӣ (ба ҳолати охири сол) | 300,2 | 181,5 | 250,7 | 865,0 | 799,2 | 1433,7 | 11144,1 |
| аз ҷумла мухлатгузашта | 5,1 | 15,1 | 16,4 | 26,9 | 5,1 | 1,1 | 8,3 |
| Қарздорӣ аз бонкҳо (ба ҳолати охири сол) | 309,2 | 154,6 | 163,8 | 294 | 345,1 | 1002,9 | 2698,6 |
| аз ҷумла мухлатгузашта | 81,4 | 0,7 | 0,3 | - | - | 0,7 | 8,2 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вомбаргҳо | 3,4 | 24,4 | - | - | 0,1 | 87,1 | 4436,1 |
| аз ҷумла мухлатгузашта | - | 21,0 | - | - | - | - | - |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси [10,с.489-492; 11,с.406-412]

Тавре аз ҷадвали 1 мушоҳида мешавад, дар давраи таҳлилӣ, ки солҳои 2015-2021-ро дар бар мегирад, ҳамасола шумораи корхонаҳои кишоварзӣ зиёд шудааст, вале дар умум онҳо танҳо дар соли 2021 натиҷаи молиявии мусбат (фоида) ба даст овардаанд. Ҳамчунин, дар давраи таҳлилӣ маблағи қарздории корхонаҳои кишоварзӣ (қарздории кредиторӣ, қарзҳои бонкӣ, қарзҳо аз ҳисоби вомбаргҳо) низ зиёд шудааст. Ҳамин тавр, ба ҳолати охири соли 2021 ҳаҷми умумии қарздории корхонаҳои кишоварзӣ 18278,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки аз он қарздории кредиторӣ - 11144,1 млн. сомонӣ (аз ҷумла 8,3 млн. сомонӣ қарзҳои мухлатгузашта), қарзҳои бонкӣ – 2698,6 млн. сомонӣ (аз ҷумла 8,2 млн. сомонӣ қарзҳои мухлатгузашта) ва вомбаргҳо – 4436,1 млн. сомонӣ мебошанд.

Барои беҳтар намудани шароити фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ «механизмҳо барои кам кардани талафоти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои номусоид ва бо сабаби дигаршавии шароити такрористеҳсол ва вазъи бозор пайдошуда зарур мебошанд» [9,с.284]. Албатта, дар ин радиф тадбири муҳимтарини дастгирии давлатии корхонаҳои соҳа, аз ҷумла рушди қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ мебошад, ки дар амалияи ҷаҳонӣ ҳамчун воситаи фаъолсозии дастгирии давлатии соҳибкории кишоварзӣ маъмул гардидааст.

Мусаллам аст, ки имрӯз субот дар соҳаи кишоварзӣ бе иштироки фаъоли давлат имконнопазир аст. Бояд ба инобат гирифт, ки кишоварзӣ аз сабаби паст будани чандирии талабот ва нархҳо дар бозор низоми худтанзимкунанда нест, «ҳатто кишоварзии дорои рушди босубот дар иқтисодиёти бозорӣ бояд чун объекти сиёсати давлатии протексионистӣ боқӣ монад. Дар баробари ин, ҷомеа протексионизми давлатиро бояд ҳамчун ҷуброни талафоти ногузири соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозор қабул кунад» [12,с.116].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ, устувории бозори маҳсулот ва ташаккули низоми соҳибкории пурмаҳсули кишоварзӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ, саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани техника ва технологияи муосир дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ-муҳандисӣ танзими давлатии дастгирии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ роҳандозӣ карда мешавад. Тадбирҳои асосӣ дар доираи танзими давлатии дастгирии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, ин рушди қарздиҳии имтиёзноки соҳаҳои афзалиятноки комплекси агросаноатӣ ва ҷудо намудани кумаки молиявӣ мебошанд. Қарздиҳии имтиёзнок ба соҳаҳои афзалиятноки комплекси агросаноатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ анҷом дода мешавад. Ҳамчунин, дастгирии давлатии соҳаҳои мазкур тавассути ҷалби сармоя ва кумакҳои бебозгашти дохилию хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

Яке аз самтҳои асосии маблағгузории хароҷот аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, ки моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар кардааст, ин маблағгузории барномаҳои умумидавлатӣ оид ба рушди кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Ҳамчунин, моддаи 19 қонуни мазкур маблағгузории хароҷоти якҷояро барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ муқаррар кардааст [7].

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ», Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, барномаҳои давлатии дастгирии соҳаҳои комплекси агросаноатиро қабул карда, тартиб ва шартҳои пешниҳоди кумакҳои молиявӣ ба соҳаҳои мазкурро аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ тасдиқ мекунад [6]. Давлат дар сиёсати дастгирии соҳаи кишоварзӣ бештар ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳ карда, маблағи умумии кумаки молиявӣ ва ҳадафҳои истифодабарии онро бо назардошти афзалиятҳои рушди соҳаи кишоварзӣ муайян мекунад.

Маълумот дар бораи харочоти бучети давлатии Чумхурии Точикистон ба сохаи кишоварзӣ дар солхои 2020-2022 дар чадвали 2 оварда шудааст. Ба хотири муқоиса кардан, дар чадвал ҳамчунин, маълумот дар бораи харочот ба баъзе дигар сохаҳои иқтисодиёт низ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Харочоти бучети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳо, млн. сомонӣ**
**Table 2. Expenditure of the state budget of the Republic of Tajikistan on industries, mln. somoni**

| Ба ҳолати охири соли | Комплекси сӯзишворию энергетикӣ | | Нақлиёт ва коммуникатсия | | Хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва ҷангал | | Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | | Саноат ва сохтмон | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро |
| 2020 | 4654 | 4977 | 1131 | 1045 | 1523 | 1426 | 700 | 618 | 176 | 172 |
| 2021 | 4413 | 4649 | 1777 | 1796 | 1735 | 1684 | 768 | 668 | 247 | 240 |
| 2022 | 6900 | 6492 | 2268 | 2418 | 2038 | 1775 | 1046 | 1034 | 290 | 288 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси [14; 15; 16]

Тавре аз ҷадвали 2 мушоҳида мешавад, дар давраи таҳлилӣ маблағгузории буҷетӣ бештар ба соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ, нақлиёт, коммуникатсия, хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва ҷангал равона гардидааст. Бо вуҷуди нисбатан кам будани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ (якҷоя бо моҳидорӣ ва ҷангал), тамоюли зиёдшавии он дар давраи таҳлилӣ ба назар мерасад. Ҳаҷми воқеии нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 нисбат ба соли 2020 ба андозаи 67,3% $((1034 - 618) \div 618 \times 100\%)$ зиёд шудааст. Рушди ҳаҷми воқеии маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои дигар дар давраи таҳлилӣ чунин аст: комплекси сӯзишворию энергетикӣ – 30,4%; нақлиёт ва коммуникатсия – 131,4%; хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва ҷангал – 24,5%, саноат ва сохтмон – 67,4%.

Бояд гуфт, ки ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ки дар давраи таҳлилӣ мушоҳида мешавад, барои рушди босамари истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакат басанда нест. Дар баробари ин, боздеҳии воқеии маблағҳои буҷетии барои рушди соҳаи кишоварзӣ ҷудошуда ва таъсири онҳо ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ паст аст, ки сабаби ин, пеш аз ҳама, истифодаи ғайриҳадафнок ва нооқилонаи онҳо мебошад. Ҳаҷми зиёди маблағҳои аз буҷет барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ҷудошуда, дар самтҳои берун аз таъиноти худ харҷ мешаванд.

Дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 вобаста ба амалисозии сиёсати дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, роҳандозӣ намудани тадбирҳои муайян пешбинӣ шудааст, аз ҷумла муқаррар гардидааст, ки воридоти тухмии зироатҳои кишоварзии дараҷаи суперэлита, элита ва репродуксияи якум, тухмии хушсифати кирмак барои пиллапарварӣ, дарахтони мевадиҳанда, чорвои зотӣ ва гӯштӣ, инчунин, ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50%-и меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад [5].

Қарзҳои имтиёзнок ба соҳаҳои афзалиятноки комплекси агросаноатӣ асосан бо мақсади ташаккули инфрасохтори рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, иҷораи молиявӣ (лизинг) ва хариди техникаи соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод карда мешаванд.

Принсипи асосии қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ – қисман ҷуброн кардани меъёри фоизи амалкунанда аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ мебошад. Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки ин гуна ҷубронкунӣ бо чунин роҳҳо амалӣ карда мешавад:

- пешниҳоди кумаки молиявӣ ба корхонаи кишоварзӣ барои қисман пӯшонидани фоизи қарз;
- пешниҳоди кумаки молиявӣ ба ташкилотҳои қарзӣ, ба хотире, ки онҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ қарзҳоро бо фоизи пасттар пешниҳод кунанд;
- иштироки давлат дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо шароити барои корхонаҳои кишоварзӣ муфид.

Механизми қарздиҳии имтиёзнок дар мамлакатҳои хориҷӣ якчанд тарзҳоро вобаста аз ҳассосияти андозаи меъёри имтиёзнок ва маблағи ҷуброни буҷетӣ ба тағйирёбии фоизи қарзи бонкро пешбинӣ менамояд: 1) андозаҳои меъёри имтиёзнок ва ҷуброни буҷетӣ дар вобастагии мустақим аз меъёри фоизи бонк қарор доранд; 2) меъёри имтиёзнок муқаррар аст ва меъёри бонк танҳо ба ҳаҷми ҷуброни буҷетӣ таъсир мерасонад; 3) андозаҳои меъёри имтиёзнок ва ҷуброни буҷетӣ устувор мебошанд [4,с.4].

Омӯзиши низоми қарздиҳии фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳо ва тарзҳои мазкури қарздиҳӣ ҳоло дар ягон соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла дар кишоварзӣ татбиқ намешаванд. Вобаста ба ин, муҳаққиқ Г.С. Латипова дуруст қайд мекунад, ки «айни замон низоми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ дар шароити мушкилоти ҷаҳони имрӯза бо дарназардошти имкониятҳо ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад, ки дар ин ислоҳот бояд, пеш аз ҳама, саҳми давлат, тамоми ташкилотҳои қарзӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор зиёд бошад» [8,с.158]. Бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ қарзҳои худро бо шароити муқаррарӣ пешниҳод мекунанд, ки хосияти имтиёзнок надоранд ва корхонаҳои кишоварзӣ бо истифода аз онҳо ягон хел дастгирӣ барои рушди истеҳсолоти худ намебинанд. Баръакс, дар мамлакат ҳолатҳои ба вазъи молиявии ногувор дучор шудани корхонаҳои кишоварзӣ пас аз гирифтани қарзҳои бонкӣ зиёд ба назар мерасанд.

Ҳоло дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 адад бонкҳои анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, инчунин, шумораи зиёди ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ фаъолият мекунанд [2]. Ҳамчунин, ба бозори қарзии мамлакат намояндаи Бонки кишоварзии Чин ворид шудааст. Вале бо вуҷуди гуногуншаклии хизматрасониҳои қарздиҳӣ, шумораи ками бонкҳо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро дастгирӣ мекунанд.

Мувофиқи маълумоти омори расмӣ аз ҳаҷми тамоми маблағгузории қарзии бонкҳо дар соли 2021, ки 8089,5 млн. сомонӣ мебошад, танҳо 379,3 млн. сомонӣ (4,7%) ба корхонаҳои кишоварзӣ рост меояд (ҷадвали 3). Ин қимати нишондиҳанда барои рушди муносиби истеҳсолоти кишоварзӣ басанда нест. Дар баробари ин, ҳиссаи зиёди қарзҳои бонкии ба корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳодшуда, қарзҳои кӯтоҳмуҳлат мебошанд, ки маблағҳои онҳо асосан барои хариди дороиҳои гардон (тухмӣ, нуриҳои маъданӣ, сӯзишворӣ) ва пардохти меҳнат истифода мешаванд. Ҳиссаи қарзҳои дарозмуҳлат, ки барои хариди воситаҳои асосӣ (техника ва таҷҳизот) ва сохтмони иншооти техникӣ (анборҳо, гармхонаҳо, яхдонҳо) ҷалб карда мешаванд, назаррас нест. Аз ҷумла, дар соли 2021 қарзҳои дарозмуҳлати бонкӣ, ки корхонаҳои тиҷоратӣ гирифтаанд, ҳамагӣ 3,7%-и ҳаҷми умумии қарзҳои додашударо ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 3. Қарзҳои бонкҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ, млн. сомонӣ**
**Table 3. Bank loans to agricultural enterprises, mln. somoni**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳо, ҳамагӣ | 4186,2 | 3810,3 | 3537,5 | 3913,3 | 5021,1 | 6370,5 | 8089,5 |
| Қарзҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ | 295,7 | 192,1 | 185,7 | 236,0 | 265,3 | 290,3 | 379,3 |
| аз ҷумла: қарзҳои кӯтоҳмуҳлат | 197,1 | 161,6 | 163,9 | 215,0 | 255,3 | 279,2 | 365,2 |
| қарзҳои дарозмуҳлат | 98,6 | 30,5 | 21,8 | 20,9 | 10,1 | 11,1 | 14,1 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси [11, с.404]

Ҳоло бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе барномаҳои қарзӣ пешниҳод мекунанд, ки барои рушди соҳаи кишоварзӣ равона гардидаанд. Аз ҷумла, КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар доираи барномаҳои қарзии «Қарз ба соҳаи кишоварзӣ» (барои шахсони ҳуқуқӣ) ва «Кишоварз» (барои шахсони воқеӣ) ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ қарзҳоро бо меъёри фоизи солонаи 21% (ба муҳлати то 2 сол), 22% (ба муҳлати то 3 сол) ва 23% (ба муҳлати то 5 сол) пешниҳод мекунад. Бояд қайд кард, ки бонки мазкур ҳамин гуна қарзҳоро барои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо меъёри 18% солона, ба соҳаи саноат бо меъёри 20% солона, соҳаҳои дигари хизматрасонӣ ва сохтмон бо меъёри 24% солона пешниҳод мекунад.

Ҳамин тавр, ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар доираи барномаҳои қарзии «Кишоварз» қарзҳоро ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо меъёри солонаи 28-33% (ба муҳлати 2-36 моҳ ва маблағи то 250000 сомонӣ), «Истифодаи самараноки об ва замин» бо меъёри солонаи 26% (ба муҳлати 2-60 моҳ ва маблағи то 250000 сомонӣ) пешниҳод мекунад. Ҳамчунин, бонки мазкур дар доираи барномаи қарзии «Дастгирии муфид (грантӣ)» қарзҳоро барои оғоз кардани тиҷорати нав ва ё фаъолияти нави соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хариди техника барои соҳаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди боғпарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва дигар намудҳои фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ бо меъёри фоизи солонаи 26% (ба муҳлати 24-60 моҳ ва маблағи то 20000 доллари ИМА бо ҳамарзиш ба сомонӣ) пешниҳод мекунад. ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» дар доираи барномаи қарзии «Қарз барои рушди кишоварзӣ ва соҳибкорӣ» қарзҳоро бо меъёри фоизи солонаи 24% (ба муҳлати то 36 моҳ ва маблағи то 500000 сомонӣ) пешниҳод мекунад.

Албатта, кори бонк бо қарзгирандагон, аз ҷумла бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба принсипҳои умумии иқтисодии қарзҳои бонкӣ – баргардонидан, муҳлатнокӣ, пардохт, таъминот ва истифодаи ҳадафнок асос меёбад.

Принсипи баргардонидан дар зарурати пӯшонидани маблағи қарз ифода меёбад. Дар амал ин тавассути аз ҳисоби қарзгир ба ҳисоби бонк гузаронидани маблағҳои муайян анҷом дода мешавад.

Мувофиқи принсипи муҳлатнокӣ пӯшонидани маблағи қарз дар муҳлатҳои бо шартномаи қарз муқарраргардида ба ҷо оварда мешавад. Ҳоло дар амалияи қарздиҳии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳои кишоварзӣ вобаста аз муҳтавои барномаи қарзӣ маблағи қарз бо чунин тарзҳо пӯшонида мешавад:

- як маротиба ва пурра дар анҷоми муҳлати қарз (асосан дар ҳолатҳое, ки муҳлати баргардонидани қарз ба давраи ҷамъоварии ҳосили зироатҳо рост меояд);

- бо ҳиссаҳои баробар дар давоми муҳлати қарз (аннуитет), ки барои корхонаҳои соҳаи чорводорӣ хос аст, зеро маблағи фурӯши маҳсулоти гӯшту шир дар давоми сол баробарандоза ворид мешавад;

- дар асоси ҷадвали бо қарзгир мувофиқашуда, масалан, муқаррар кардани муҳлати имтиёзӣ, ки дар давраи он танҳо фоизҳо пардохт карда мешаванд ва пардохтҳои давравии маблағи асосии қарз не.

Принсипи пардохт талаб мекунад, ки барои истифодаи қарзи пешниҳодшуда, қарзгир фоизи муайянро аз маблағи асосии қарз ба бонк пардохт мекунад. Дар ин маврид меъёри фоиз, тартиби ҳисобузам ва пардохт кардани он дар шартномаи қарз муқаррар карда мешаванд. Меъёри фоизи қарзи бонк аз ҳадаф ва муҳлати қарз, вазъи молиявии қарзгир ва шароити дигари бозор вобаста мебошад.

Принсипи таъминоти қарз дар зарурати таъмини ҳифзи манфиатҳои молиявии бонк ҳангоми аз ҷониби қарзгир вайрон шудани ухдадориҳои худ ифода меёбад. Барои дучор нашудан бо чунин ҳолатҳо, бонк қарзро бо гарави молу мулки қарзгир ё кафолати молиявии ҷониби сеюм пешниҳод мекунад. Дар ин маврид ҳангоми нотавонии молиявии қарзгир барои баргардонидани маблағи қарз, шахси кафолатдода (кафил) ё зомин барои баргардонидани қарз уҳдадор мебошад.

Мувофиқи принсипи истифодаи ҳадафнок ҳама қарзҳои бонкӣ ба мизоҷон қатъиян барои ҳадафҳои муайян пешниҳод карда мешаванд. Яъне, дар шартномаи қарз ҳадафи истифодабарии он нишон дода мешавад ва қарзгир пас аз гирифтани қарз ба бонк дар бораи истифодабарии маблағҳои он ҳисобот (супоришномаи пардохтӣ барои гузаронидани маблағ, шартномаи хариду фурӯш, борхат) пешниҳод мекунад. Истифодаи маблағҳои қарз бо дигар самтҳои ғайриҳадафӣ метавонад барои бозхонди пеш аз муҳлати қарз ё нисбат ба қарзгир татбиқ кардани фоизи ҷаримавӣ ба бонк асос шавад. Ҳамин тавр, бонкҳо ҳамчун иштирокчии муносибатҳои бозорӣ ба рушди иқтисодии қарзгирандагони худ – корхонаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла тавассути қарзҳои ҳадафнок манфиатдор мебошанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги бахши кишоварзӣ дар иқтисодиёт ва саҳми он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, қариб дар ҳамаи мамлакатҳои рушдёфта бонкҳои тиҷоратӣ бо дастгирии давлат ба соҳаи кишоварзӣ қарзҳои имтиёзнок пешниҳод

мекунанд. Дар ин маврид, шакли асосии таъмини қарзи имтиёзноки кишоварзӣ ҳамчун гарав истифода бурдани маҳсулоти истеҳсолкардаи худи корхонаҳои кишоварзии қарзгир мебошад.

Имрӯз қарздиҳии имтиёзнок яке аз манбаъҳои муҳимтарини таъмини пойгоҳи моддию техникӣ ва асоси рушди инноватсионии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар натиҷаи таҳқиқи шароити фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ маълум гардид, ки ҳангоми дархости онҳо барои қарз ва пешниҳоди он аз ҷониби бонкҳо мушкилоти ҷиддие ба миён меоянд, ки сабаби асосии онҳо набудани гарави лозимӣ барои таъмини қарз мебошад. Аксаран ҳангоми татбиқи гарав душвориҳо ба миён меоянд, чун «ҳуҷҷатҳои номувофиқ ё нодуруст имзо кардашуда, ҳуҷҷатҳо кӯҳна шудаанд, бонкҳо бо қаллобӣ дучор мешаванд...» [17,с.8].

Барои рушди қарздиҳии имтиёзноки бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳаи кишоварзӣ, дар мамлакат роҳандозӣ намудани механизми қарздиҳие зарур аст, ки пешниҳоди қарзро ба корхонаҳои кишоварзӣ бо меъёри солонаи 12-15% таъмин кунад. Дар ин маврид, ҷуброни норасоии даромади бонкҳо, ки мувофиқи вазъи имрӯзаи бозор 10-12%-ро ташкил медиҳад, аз ҷониби буҷети давлатӣ тавассути пешниҳоди кумаки молиявӣ амалӣ карда мешавад. Барои татбиқи механизми қарздиҳии имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ, дар мамлакат қабул кардани барномаи қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ тавсия дода мешавад.

Дар шароити муосири иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла барои рушди воқеии соҳаи кишоварзӣ яке аз намудҳои муҳимтарини қарзи бонкӣ, ин қарз барои харид ё сохтмони воситаҳои асосӣ мебошад. Имрӯз «мубрамии ҷустуҷӯи самтҳои самарабахши дастгирии давлатии таҷдиди пойгоҳи моддию техникии соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси инноватсияҳо тавассути иваз кардани техникаи аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ кӯҳнашуда бо мошинҳои муосири дорои сатҳи баланди эътимоднокӣ, ҳосилнокӣ, сарфаи сӯзишворӣ, хусусиятҳои эргономикӣ ва экологӣ афзун мешавад» [13,с.131].

Маблағгузории бонкҳо барои муҷаҳҳазгардонӣ ва нав кардани таркиби техника, таҷҳизот ва технологияи истеҳсолоти кишоварзӣ, бунёди фермаҳои нави чорводорӣ, коргоҳҳо барои коркарди маҳсулоти аввалии кишоварзӣ, сохтмони гармхонаҳо, анборҳо, яхдонҳо ва дигар иншооти техникии инфрасохтори кишоварзӣ самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро хеле баланд мебардорад, арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро паст карда, ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва даромаднокии он мусоидат мекунад. Имрӯз қарздиҳӣ ба лоиҳаҳои сармоягузории дар доираи барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ татбиқшаванда, бояд ба яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ мубаддал гардад.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои дастгирии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, маблағгузории қарзии бонкҳо бо истифода аз имконияти пешниҳод кардани қарзҳои имтиёзнок барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ мушкил аст. Ба андешаи мо, сабабҳои асосии ба миён омадани чунин мушкилот инҳо мебошанд:

- фаъолияти молиявии ноустувори корхонаҳои кишоварзӣ боиси зараровар будани он, паст шудани ҳосилнокии зироатҳо, талаф ёфтани зироат ва ҳосили онҳо дар натиҷаи офатҳои табиӣ, душвориҳо дар раванди фурӯш ва ба бозор ҳавола додани маҳсулоти кишоварзӣ;
- набудани гарави басанда барои таъмини қарзи бонкӣ;
- сатҳи пасти дониш ва кордонии кормандон ва мутахассисони корхонаҳои кишоварзӣ барои татбиқи технологияҳои муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини маблағгузории босамари фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратии онҳо;
- сатҳи беасос баланди меъёри фоизҳои қарзи бонкӣ;
- дараҷаи баланди хавфҳои гуногун дар фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ ва дигар омилҳо.

Бо дарназардошти таъсири омилҳои мазкур, имрӯз низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон қодир нест, ки худ мустақилона, бе дастгирии давлатӣ мушкилоти таъмини молиявии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои кишоварзиро бартараф кунад. Барои ноил шудан ба фаъолияти даромадоваранда ва вазъи молиявии устувори корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин, таъмин кардан ва нигоҳ доштани вазъи молиявии мусоид, ба

андешаи мо, дастгирии бештари давлатӣ ва танзими низоми қарздиҳии имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ зарур аст. Барои дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини он бо қарз, пеш аз ҳама, ҳамкории давлат бо бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Бобоев, Ш.К. Основные направления лизинга сельскохозяйственной техники / Ш.К. Бобоев, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Peasant. – 2014. – №4. – С. 44-45.
2. Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2022. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/upload/iblock/186/lfuytehzvk0em9ynm56673qcaf62ctxv/BULL_12_2022.pdf
3. Долгачева Т.С. Развитие кредитования как фактора обеспечения воспроизводства в сельском хозяйстве: дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Т.С. Долгачева. -Воронеж, 2015. -172 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023». [Манбаи электронӣ]. URL: https://mmk.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ» аз 18 марти соли 2022, таҳти №1866 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -№3. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mmk.tj.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, таҳти №723 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. -№6. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mmk.tj/
7. Коробейников М. Зарубежная практика кредитования сельского хозяйства и ее позитивное использование в условиях современной России / М. Коробейников // Международный сельскохозяйственный журнал. - 2001. -№3. -С.3–9.
8. Латипова Г.С. Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.07 / Г.С. Латипова. -Душанбе, 2022. -185 с.
9. Ҳисобот оиди иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020. [Манбаи электронӣ]. URL: https://moliya.tj.
10. Ҳисобот оиди иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://moliya.tj.
11. Ҳисобот оиди иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022. [Манбаи электронӣ]. URL: https://moliya.tj.
12. Огаркова Н.Н. Совершенствование государственной поддержки кредитования в сельском хозяйстве / Н.Н. Огаркова // Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. – 2018. -№8. -С.283-287.
13. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Нашрияи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. -494 с.
14. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Нашрияи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -414 с.
15. Пономарева А.Е. Проблемы и особенности кредитования сельскохозяйственных предприятий / А.Е. Пономарева // Современные проблемы науки и образования. – 2006. -№4. -С.116-118.
16. Холодов О.А. Особенности реализации механизма льготного кредитования в аграрном секторе экономики / О.А. Холодова, М.А. Холодова // Вестник Донского государственного аграрного университета. – 2018. -№4-2(30). -С.129-137.
17. Хушвахтзода Қ.Х. Хусусиятҳои истифодаи захираҳои молиявию қарзии субъектҳои бахши кишоварзӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№5. -С.5-11.


**ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ҚАРЗДИҲИИ КИШОВАРЗӢ**


Рушди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани саҳми он дар иқтисодиёти миллӣ, таъмини ҳарчи беҳтар ва бештари аҳолии мамлакат бо озуқа ва фаъолияти босамари корхонаҳои соҳаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз вазъи молиявӣ ва фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, таъмин будани онҳо бо воситаҳои асосӣ ва гардон вобаста мебошад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, ки аксари корхонаҳои кишоварзии мамлакат бо надоштани воситаҳои худии барои таъмини рушди фаъолияти худ басанда дар вазъи молиявии ногувор қарор доранд, барои онҳо қарзи бонкӣ сарчашмаи асосии навкунии воситаҳои асосӣ ва пуркунии воситаҳои гардон мебошад. Ҳолати нигаронкунанда, ки аз раванди таҳқиқи фаъолияти қарздиҳӣ мушоҳида мешавад, ин аст, ки дар мамлакат то ҳол низоми босамари таъминоти молиявию қарзии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба талаботи муосири иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ бошад, ташаккул наёфтааст. Бинобар ин, имрӯз масъалаи қарздиҳии имтиёзноки бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ мубрамии хосса касб кардааст. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои дастгирии давлатии молиявии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ шуда, вазъи имрӯзаи таъмини корхонаҳои кишоварзии мамлакат бо воситаҳои қарзӣ таҳлил карда шудааст. Ба масъалаҳои рушди маблағгузории буҷетӣ ва қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ диққати муҳим дода шудааст. Собит карда шудааст, ки дар шароити муосир боздеҳии воқеии маблағҳои буҷетии барои рушди соҳаи кишоварзӣ ҷудошуда ва таъсири онҳо ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ паст аст, маблағҳои аз ҳисоби буҷет барои рушди соҳаи кишоварзӣ ҷудошуда ғайриҳадафнок ва ноoқилона истифода мешаванд. Сабабҳои асосии мушкилоти таъмини корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ бо

қарзҳои имтиёзнок ошкор карда шуда, вобаста ба роҳандозӣ намудани тадбирҳои дастгирии истеҳсолоти кишоварзӣ ва дастрасии корхонаҳои кишоварзӣ ба қарзҳои имтиёзноки бонкӣ тавсияҳо таҳия карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** соҳаи кишоварзӣ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, дастгирии давлатии молиявӣ, қарзҳои бонкӣ, дастрасӣ ба қарзҳои бонк, маблағгузории буҷетӣ, ҷуброни буҷетӣ, низоми қарздиҳии имтиёзнок.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА КРЕДИТОВАНИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

Развитие аграрного сектора, увеличение его вклада в национальную экономику, обеспечение населения страны продовольствием, а также эффективная работа перерабатывающих предприятий промышленности зависит от финансового состояния и деятельности сельскохозяйственных предприятий, их обеспеченности основными и оборотными средствами. В современных экономических условиях, когда большинство сельскохозяйственных предприятий страны находятся в тяжелом финансовом положении из-за отсутствия собственных средств для обеспечения развития своей деятельности, банковские кредиты являются основным источником обновления основных и пополнения оборотных средств. Тревожная ситуация, которую можно наблюдать в процессе изучения кредитной деятельности, заключается в том, что в стране до сих пор не разработана эффективная система финансово-кредитной поддержки сельскохозяйственных предприятий, отвечающая современным требованиям рыночной экономики. Поэтому сегодня вопрос льготного кредитования аграрного сектора национальной экономики становится актуальным. В данной статье исследуются вопросы государственной финансовой поддержки деятельности сельскохозяйственных предприятий, а также анализируется текущая ситуация с обеспечением сельскохозяйственных предприятий страны кредитными средствами. Особое внимание уделено развитию бюджетного финансирования и льготного кредитования сельскохозяйственных предприятий. Подтверждается, что в современных условиях фактическая отдача бюджетных средств, направляемых на развитие агропромышленного комплекса, и их влияние на развитие сельскохозяйственного производства низкие, средства, выделяемые из бюджета на развитие отрасли сельского хозяйства, невелики, часто они используются не по назначению и неразумно. Выявлены основные причины проблем обеспечения сельскохозяйственных предприятий льготными кредитами, а также даны рекомендации по реализации мер поддержки сельскохозяйственного производства и доступа сельскохозяйственных предприятий к льготным банковским кредитам.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, развитие сельскохозяйственного производства, государственная финансовая поддержка, банковские кредиты, доступ к банковским кредитам, бюджетное финансирование, бюджетная компенсация, система льготного кредитования.

## STATE SUPPORT FOR AGRICULTURAL LENDING

The development of the agricultural sector, increasing its contribution to the national economy, providing the country's population with food, as well as the effective operation of industrial processing enterprises depends on the financial condition and activities of agricultural enterprises, their provision of fixed and working capital. In modern economic conditions, when the majority of the country's agricultural enterprises are in a difficult financial situation due to the lack of their own funds to ensure the development of their activities, bank loans are the main source of updating fixed assets and replenishing working capital. An alarming situation that can be observed in the process of studying credit activities is that the country has not yet developed an effective system of financial and credit support for agricultural enterprises that meets the modern requirements of a market economy. Therefore, today the issue of preferential lending to the agricultural sector of the national economy is becoming relevant. This article examines the issues of state financial support for the activities of agricultural enterprises, and also analyzes the current situation with the provision of credit funds to the country's agricultural enterprises. Particular attention is paid to the development of budget financing and preferential lending to agricultural enterprises. It is confirmed that in modern conditions the actual return of budget funds allocated for the development of the agro-industrial complex and their impact on the development of agricultural production are low, the funds allocated from the budget for the development of the agricultural sector are small, they are often used for other purposes and unwisely. The main reasons for the problems of providing agricultural enterprises with preferential loans are identified, and recommendations are given for the implementation of measures to support agricultural production and access of agricultural enterprises to preferential bank loans.

**Keywords:** agriculture, development of agricultural production, state financial support, bank loans, access to bank loans, budget financing, budget compensation, preferential lending system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримов Баҳодур Ҳасанович*** **–** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru.** Телефон: **+992 907-90-82-10**

***Тохтаров Искандар Холаҳмадович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. E-mail: **tokhtaroviskandar@gmail.com.** Телефон: **+992888-88-21-14**

**Сведения об авторах:** ***Каримов Баходур Хасанович*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Телефон: **+992 907-90-82-10**

***Тохтаров Искандар Холахмадович* -** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры финансов и банковской деятельности. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Дангара, улица Маркази 25. E-mail: **tokhtaroviskandar@gmail.com.** Телефон: **+992 888-88-21-14**

**Information about the authors:** ***Karimov Bahodur Hasanovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of accounting and audit. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Tel.: **+992 907-90-82-10**
***Tokhtarov Iskandar Kholahmadovich* -** Dangara State University, applicant for the Department of Finance and Banking. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara, Markazi street 25. E-mail: **tokhtaroviskandar@gmail.com.** Phone: **+992 888-88-21-14**

ТДУ: 331( 573.3)

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ БАЪДИСАНОАТӢ

*Ҳакимов К.С.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Тамоюли ба вуқуъоянда дар иқтисодиёти ҷаҳон дар даҳсолаи охир, ки аз як тараф, ба ташаккулёби бухронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар, бухрони короновирус алоқаманд аст, ки кишварҳои ҷаҳонро водор намуд, ки барои гузаштан ба шаклҳои нави иқтисодиёт дар асоси таҷдиди назар намудани сиёсати иқтисодӣ, бунёди шароити мусоид ва ҷустуҷӯи омилҳои нави инкишофи иқтисодиётро дарёб намоянд. Яке аз чунин омилҳо бунёди иқтисодиёти донишбунёд мебошад, ки махсусан дар давлатҳои рушдкардаи саноатӣ дар ҳоли рушд буда, давлатҳои рӯ ба рушди сайъ доранд марҳила ба марҳила барои гузаштан ба он тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд. Чунин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мубрам буда, зарурати таҳияи механизми гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро дар асосӣ таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ мубрам мегардонад.

Дар марҳилаи имрӯза, тағйироти назаррас дар сохтори омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар он дониш ва технологияҳои иттилоотӣ мавқеи махсусро касб намудааст. Иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун низоми нави фаъолияти хоҷагидорӣ барои ноил гардидан ба дараҷаи баланди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Шиносоӣ бо таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки моделҳои муосири иқтисодиёти донишбунёд дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин ва ғ. ташаккул ёфтаанд ва давлатҳои ИДМ якҷоя бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба он қарор доранд.

Дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, Шимолӣ ва Марказӣ, ки дорои иқтисоди хурд мебошанд, давлат барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ чораҳои мустақим ва ғайримустақимро ҷиҳати дастгирии «стартап»-ҳои инноватсионӣ, корхонаҳои хурду миёна ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар соҳаи рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ фаъолона истифода мебарад. Миёни тадбирҳои мазкур чораҳои нисбатан густурдатар имтиёзҳои андозӣ барои ҳавасмандгардонии маблағгузории пажуҳишҳои илмӣ ва инноватсияҳо, таҳқиқоти муштараки бахши хусусӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ, рушди фаъолияти сармоягузории венчурӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва кафолатҳои давлатӣ ба бонкҳо барои қарзҳои инноватсионии хурду миёна - корхонаҳои калон ном бурда мешаванд [4].

Набудани захираҳои арзишманди иқтисодӣ, ба мисли захираҳои нафту газ давлатҳои Иттиҳоди Аврупоро водор сохт, ки то чи андоза муҳим будани иқтисодиёти донишбунёдро дарк намуда, оид ба гузариш ба он тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Гузариш ба «иқтисодиёти донишбунёд» тавассути татбиқи сиёсатҳое, ки ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳадди аксар расонидани шуғл ва ҳамбастагии иҷтимоӣ таъмин карда мешавад. Сиёсати иҷтимоӣ омили муҳимми рушди ҳар як давлат мебошад. Намунаи беҳтарин Иттиҳоди Аврупо аст, ки дар маҷмуъ, дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва махсусан дар иқтисодиёти иттилоотӣ нақши пешбарро бозӣ мекунад. Дар баробари ин, ҳиссаи хароҷот ба мақсадҳои иҷтимоӣ дар буҷети Иттиҳоди Аврупо яке аз баландтарин дар ҷаҳон мебошад. Дар Иттиҳоди Аврупо як қатор барномаҳои мукаммал таҳия карда шудаанд, ки ҷанбаҳои васеъи иқтисодиёти донишбунёдро ифода менамояд. Ба ин барномаҳо дохил мешаанд: «Аврупо 2020», ки ба татбиқи инноватсионӣ дар бахшҳои гуногуни ҳаёт нигаронида шудааст; «Тандурустӣ 2020» - талаботи иҷтимоӣ-иқтисодии амалиётро пешниҳод намуда, возеҳ нишон медиҳад, ки тандурустӣ ва некуаҳволӣ шарти асосии рушди бомуваффақияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд; «Уфуқҳои 2020», ки стратегияи «E2020»-ро тавассути ташаккули низоми комилан нави сармоягузорӣ дар бахши инноватсия мукаммал мегардонад.

Соли 2010 Иттиҳодияи Аврупо стратегияи рушди Аврупо то соли 2020-ро қабул кард, ки тибқи он нақшаҳои бузург барои ба иқтисоди пешрафта ва рақобатпазир дар ҷаҳон табдил додани иқтисоди Иттиҳоди Аврупо то соли 2020 пешбинӣ шудаанд ва ноил шудан ба ин ҳадаф тавассути бунёди «иқтисоди донишбунёд» пешбинӣ шудааст» [1,с.14].

Пеш аз ҳама, барои арзёбии нақши Иттиҳоди Аврупо дар рушди инноватсионии кишварҳои узв, бояд якчанд барномаҳои чаҳорчӯбавие, ки ба иқтисодиёти донишбунёд таъсир мерасонанд, баррасӣ карда шаванд. Дар барномаи «Аврупо 2020», се афзалияти асосӣ муайян карда шудааст: - "Рушди оқилона: ба вуҷуд овардани иқтисодиёте, ки ба дониш ва инноватсия асос ёфтааст; - «Рушди устувор»: ташкили иқтисодиёти захираталаб, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва рақобатпазир ва «Рушди фарогир» эҷоди иқтисод бо шуғли баланд ва ҳамбастагӣ.

Дар ҳамин ҳол, сатҳи баланди хароҷоти иҷтимоӣ боиси суст шудани суръати рушди иқтисодиёти Иттиҳоди Аврупо намегардад ва баръакс, ҳар яки онҳоро дар ҷодаи муайян, дар хоҷагии ҷаҳонӣ пешсаф мегардонад. Чунин пешсафиро дар мисоли Нидерландия дар бахши компютерикунонӣ, Шветсия дар бахши паҳнкунии интернет ва Дания дар самти рушди технологияҳои иттилоотӣ мушоҳида намудан мумкин аст [2,с.48].

Стратегияи «Аврупо 2020», бешубҳа ба рушди иқтисоди инноватсионӣ ва донишбунёд дар аксари мамлакатҳои ин минтақа мусоидат намуд ва ба онҳо имкон дод, ки истеҳсоли молҳои арзиши баланди изофашударо ба роҳ монанд.

Дар солҳои охир масъалаи бунёди ҷомеаи ба дониш асосёфта барои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Шветсия мамлакати хеле рушдкардаи скандинавӣ буда, аз бисёр ҷиҳат дар Аврупо пешсаф аст. Маҳсулнокии меҳнат, тахассуснокии қувваи корӣ, чандирии сиёсати иқтисодии кишвар, рақобатпазирии баланди кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ омилҳоеянд, ки пешсафии ин мамлакатро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ собит менамоянд. Ҷолибияти татбиқи таҷрибаи Шветсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар он аст, ки дар асри ХХ Шветсия яке аз давлатҳои суструшдкарда буда, дорои мушкилоти зиёди иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди номутавозин буд. Таваҷҷуҳи зиёд ба унсурҳои алоҳидаи иқтисодиёти донишбунёд, ба он имконият фароҳам овард, ки солҳои 1960-уми асри ХХ дар ин мамлакат болоравии сатҳи рушди иқтисодӣ мушоҳида гардида, афзоиши назарраси ММД ба чашм мерасид. Ин боиси он гардид, ки Шветсия дар асри ХХ аз як кишвари камбизоати кишоварзӣ, ба як мамлакати пешрафтаи постиндустриалӣ, дорои низоми устувори иҷтимоию сиёсӣ ва марказҳои технологияҳои иттилоотӣ табдил ёбад [7,с.59].

Дар соли 2004 ҳукумат стратегияи «Шветсияи инноватсионӣ»-ро таҳия кард, ки маҷмуи тамоми тадбирҳоро оид ба ҳавасмандгардонии рушди шиддатёбии иқтисодиёти инноватсионӣ фаро мегирад. Стратегияи мазкур комёбиҳои минбаъдаро дар рушди инноватсионии кишвар пешакӣ муайян кард. Ба шарофати стратегияи «Шветсияи инноватсионӣ», давлат тавонист сармоягузориро дар соҳаи корҳои тадқиқотӣ - илмӣ афзоиш диҳад. Аз ҷумла, дар соли 2012 Ҳукумати Шветсия стратегияи нави дарозмуддати «Роҳ ба иқлими инноватсионии сатҳи ҷаҳонӣ-2020»-ро қабул кард, ки идеяи нақшаи умумиаврупоии рушди «Аврупо 2020»-ро идома медиҳад.

Рушди иқтисоди инноватсионии Шветсияро метавон дар муқоиса бо дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо воқеан хеле динамикӣ номид. Муносибати оқилона ба ташаккули иқтисодиёти донишбунёд, сиёсати босалоҳияти минтақавӣ ва заминаи хуби таҳқиқотӣ, ки фаъолияти инноватсиониро дастгирӣ мекунад, шумораи зиёди ширкатҳои трансмиллиро ба вуҷуд овард. Ин имкон дод, ки Шветсия ба рақобатпазирии баланд дар арсаи ҷаҳонӣ ноил гардад.

Ҳамзамон, сатҳи баланди маълумотнокии аҳолии Шветсия натиҷаи рушди иқтисодиёти донишбунёд аз ҳисоби ташаккули шавқу рағбат ба омӯзиш, таҳқиқот, кушодани неруи эҷодӣ ва рушд мебошад. Зиёда аз 51,3%-и аҳолии синни 30-34 сола дорои маълумоти олӣ мебошанд ва танҳо 7,1%-и аҳолии Шветсия аз таҳсил дар макотиби олӣ дар канор мондаанд [4].

Консепсияи иқтисодиёти таҳсилот, ки аз тарафи иқтисодчиёни Дания таҳия карда шудааст ва барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва сатҳи зиндагӣ дар кишварҳои дорои сатҳҳои гуногуни рушди технологӣ замина мегузорад. Консепсияи мазкур бахусус

ба кишварҳои хурде дахл дорад, ки захираҳои калони табиӣ надоранд, вале дорои дараҷаи баланди рушди инсониянд ва барои гузарондани омӯзиш дар соҳахое, ки дар мамлакатҳои калони аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда, дар соҳаҳои пешқадами технологӣ базаи моддии ба кадри кифоя инкишофёфта доранд. Барои ҳифзи бартарии рақобатпазири худ, кишварҳои Аврупоии дорои иқтисодиёти хурди кушод, хароҷотро барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз сарчашмаҳои давлатӣ ва хусусӣ зиёд мекунанд, паркҳои технологӣ ва илмиеро эҷод мекунанд, ки донишҳои илмиро ба ноу-хау ва молу хизматрасониҳои нави ба фурӯш омода табдил медиҳанд, инчунин, муҳити иқтисодии соҳибкориро, ки фаъолияти инноватсионии ширкатҳои ватанию хориҷиро дар иқтисодиёти миллӣ ҳавасманд мегардонад, дастгирӣ менамояд.

Сармоягузориҳо дар соҳаи илм дар кишварҳои пешрафта асоси рушди иқтисодӣ ва ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ба ҳисоб меравад, ки ин ба мамлакатҳо имкон додааст, бозорҳои ҷаҳониро бо молу хизматрасониҳои инноватсионӣ фатҳ кунанд ва соҳиби бартарии геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ гарданд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо ба рушди иҷтимоӣ ва танзими давлатии иқтисодиёт бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Аз ин рӯ, аз таҷрибаи ин давлатҳо хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки асоси ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Иттиҳоди Аврупо ба ду нишондиҳандаи калидӣ асос ёбад: сатҳи хароҷот барои соҳаи маориф ва ва сатҳи илмталабии ММД.

**Ҷадвали 1. Ҳиссаи хароҷот барои таҳқиқот ва коркард дар ММД дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон ва ИДМ**

**Table 1. The share of expenses for research and development in GDP in a number of countries of the world and the CIS**

| Мамлакатҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Исроил | 4,62 | 4,76 | 5,08 | 5,35 | |
| Ҷумҳурии Корея | 4,29 | 4,52 | 4,63 | 4,80 | |
| Белгия | 2,67 | 2,86 | 3,16 | 3,46 | |
| ИМА | 2,91 | 3,01 | 3,17 | 3,42 | |
| Австрия | 3,06 | 3,09 | 3,13 | 3,19 | |
| Ҷопон | 3,17 | 3,22 | 3,21 | 3,27 | |
| Шветсария | 3,07 | 3,09 | 3,19 | 3,19 | |
| Олмон | 3,05 | 3,11 | 3,17 | 3,11 | |
| Дания | 2,93 | 2,97 | 2,90 | 2,97 | |
| Финландия | 2,73 | 2,76 | 2,80 | 2,91 | |
| ҶХЧ | 2,12 | 2,14 | 2,24 | 2,41 | |
| Франсия | 2,20 | 2,20 | 2,19 | 2,35 | |
| Федератсияи Русия | 1,11 | 0,99 | 1,04 | 1,09 | |
| Грузия | 0,27 | 0,28 | 0,28 | 0,30 | |
| Озарбойҷон | 0,18 | 0,18 | 0,20 | 0,22 | 0,21 |
| Қазоқистон | 0,13 | 0,12 | 0,12 | 0,13 | |
| Ӯзбекистон | 0,15 | 0,12 | 0,11 | 0,14 | 0,13 |
| Молдова | 0,25 | 0,25 | 0,24 | 0,23 | |
| Украина | 0,45 | 0,47 | 0,43 | 0,40 | 0,29 |
| Тоҷикистон | 0,11 | 0,09 | 0,09 | 0,09 | |
| Қирғизистон | 0,11 | 0,10 | 0,09 | 0,09 | |
| Давлатҳои минтақаи евро | 2,21 | 2,25 | 2,29 | 2,35 | |
| Иттиҳоди Аврупо | 2,17 | 2,21 | 2,25 | 2,31 | |
| Ҷаҳон | 2,14 | 2,20 | 2,34 | 2,55 | |

Сарчашма: Research and development expenditure (% of GDP). [Манбаи электронӣ]. URL: https://data.worldbank.org/indicator/GB.XPD.RSDV.GD.ZS (санаи муроҷиат: 09.12. 2023).

Нишондиҳандаи баланди сармоягузорӣ дар илм ҳамчунин ба Исроил (4,3%), Кореяи Ҷанубӣ (4,2%) ва Ҷопон (3,3%) рост меояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад: кишварҳое, ки иқтисодиёти инноватсионӣ ва низоми миллии инноватсиониро бомуваффақият ташаккул медиҳанд, дар арсаи ҷаҳонӣ бартариҳои асосии рақобатӣ ба даст меоранд. Ин

яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ҳар як давлат дар асри технологияҳои баланд мебошад [5,с.148].

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2020, хароҷот барои таҳқиқот ва коркард дар ҷаҳон ба 2,55% ММД-и ҷаҳониро ташкил додааст. Дар байни мамлакатҳои ҳиссаи баланди хароҷот ба кашфиёт ва таҳқиқот ба Исроил (5,35%) Ҷумҳурии Корея (4,80%), Белгия (3,46%), ИМА (3,42%), Австрия (3,19%), Ҷопон (3,27%) ва Шветсария (3,19%) рост меояд. Ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 0,9%-и ММД баробар аст.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва зеҳнии кишвар, фаъолияти он дар соҳаи фаъолияти патентӣ мебошад. Солҳои охир дар ҷаҳон шумораи дархостҳо барои патентҳо ва моделҳои муфид ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Пешвоёни ҷаҳонӣ аз рӯи шумораи дархостҳои патентии пешниҳодшуда, гирифташуда ва муҳимтар аз ҳама, патентҳои фаъол Чин, ИМА, Олмон, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ мебошанд. Чин табиист, ки дар рушди инноватсионӣ ба пешсафи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Дар байни кишварҳои ИДМ нишондиҳандаҳои беҳтарини фаъолияти патентиро Русия (ҷойи 7-ум), Украина (ҷойи 23-юм), Белорус (ҷойи 38-ум) ва Қазоқистон (ҷойи 42-юм) ишғол кардаанд.

Байни давлатҳои хориҷи дур дар ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд таҷрибаи ИМА ҷолибияти махсусро касб менамояд. Якчанд даҳсола боз пешравии иқтисодии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо ташаккули иқтисодиёти донишбунёд асосёфта алоқаманд аст. Иқтисодиёти донишбунёд самти муҳимми рушди ИМА буда, муваффақияти миллиро дар арсаи байналмилалӣ таъмин менамояд. Яке аз афзалиятҳои асосии ташкили «иқтисоди донишбунёд» дар Иёлоти Муттаҳида, рушди ҳамаҷонибаи маориф ва, пеш аз ҳама, таълими илмию техникӣ ва ташаккули сармояи инсонии рақобатпазир мебошад.

Дар солҳои 50-60-уми асри XX дар ИМА назарияи сармояи инсонӣ коркард карда шуд, ки дар он ба ташаккул ва рушди такрористеҳсолот ба васеъкунии қувваи корӣ таваҷҷуҳи хосса дода шуда, аҳаммияти қобилияти эҷодии инсон ва саҳми он дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат мавқеи махсусро касб намуд. Ин масъала ҳамзамон аз тарафи олимони ИМА ба мисли Шултс Т., Беккер Г., Минтсовер Д., Туроу Л., Кендрик Д. мавриди таҳқиқи васеъ қарор дода шуда аз тарафи онҳо назарияи сармояи инсонӣ пешниҳод карда шуд. Маҳз иқтисодчиёни амрикоӣ бори аввал масъалаи нақши сармоягузорӣ дар сармояи инсониро ба миён гузошта, аҳаммияти махсуси таҳсилот ва илмро барои рушди иқтисодӣ собит карданд, ки барои бунёди иқтисодиёти донишбунёд дар ИМА нақши муҳимро гузошт. Бояд гуфт, ки ИМА кайҳо боз дар қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон қарор дорад, ки дар он аҳаммияти бунёдии соҳаи маориф ва илм, ки инфрасохтори иқтисодиёти донишбунёдро ифода менамояд, барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дарк кардаанд [11].

Таъсиси иқтисодиёти донишбунёд дар Иттиҳоди Аврупо ва ИМА имкон дод, ки зиёда аз 50%-и бойигарии ҷаҳон дар кишварҳои «G7» ва Иттиҳодияи Аврупо мутамарказ карда шаванд. Ва ин боигарӣ асосан аз сармояи инсонӣ иборат аст, ки гузаштан ба шакли сифатан нави рушди иқтисодии кишварҳоро дар самти иқтисодиёти донишбунёд тавсиф мекунад [12,с.5].

Дар байни давлатҳои Осиё таҳқиқи таҷрибаи Чинро дар самти ташаккулдиҳии иқтисодиёти донишбунёд, хамчун истеҳсолкунандаи бузурги маҳсулоти илмталаб дар ҷаҳон зарур мешуморем. Дар Чин иқтисодиёти донишбунёд расман ҳамчун стратегияи ҳукумат эътироф шудааст.

Чин дар ибтидои асри XXI маҷмуи тадбирҳоро бо мақсади фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба марҳилаи нави рушд амалӣ намуд ва ба эҷоди иқтисоди донишбунёд гузашт. Ба гуфтаи М. Портер, кишвар наметавонад аз марҳилаи сармоягузории рушд гузашта, фавран ба марҳилаи инноватсия гузарад. Бо вуҷуди ин, Чин тавонист ҳамзамон, рушди сармоягузорӣ ва инноватсияро амалӣ кунад.

Суръати рушди илм ва ҷорӣ намудани технология дар Чин, дар таърих бесобиқа эътироф шудааст. Дар тули 35 сол, Чин дар бахши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсия як ҷаҳиши бузург карда, он соҳаҳоеро инкишоф додааст, ки имкон медиҳанд молҳои замонавӣ эҷод карда, бозорҳои навро фатҳ кунанд. Омилҳои асосии рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Чин чунинанд: баланд рафтани сифати сармояи инсонӣ дар Чин, вобаста

ба афзоиши аҳолӣ ва ислоҳоти ҷадид дар низоми таҳсилот; болоравии самаранокии бозори меҳнат, махсусан барои мутахассисони баландихтисос; низоми самараноки маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷониби фондҳои хусусӣ ва давлатӣ; сохтори хубташаккулёфтаи ҳавасмандкунии таҳқиқот ва кашфиёт; низоми хубтаъсисёфтаи интиқоли дониш дар технология; диаспораи бузурги ҷаҳонии олимони чинӣ, ки қисми зиёди онҳо ба ватан баргаштанд ва боқимонда ба кишвари худ то ҳадди имкон кумак мекунанд.

Дар понздаҳ соли аввали асри XXI, рушди илму техникаи Чин ба сатҳи ҷаҳонӣ наздик шуд. Мамлакат аз рӯи истеҳсоли техникаи компютерӣ ва дараҷаи иттилоотикунонии маориф, тандурустӣ ва ҳукумати электронӣ дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол мекунад. Пешрафти бесобиқаи илмӣ ва технологии Чин бартариҳои модели низоми инноватсионии чиниро нишон медиҳад [3]. Шиносоӣ бо таҷрибаи Чин нишон медиҳад, ки он ба фаъолияти инноватсионии кадрҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад.

Чин ҳамчун давлати дувумини иқтисоди бузурги ҷаҳон, имрӯз яке аз омилҳои тағйир додани тавозуни неруҳо дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Кишвар саъй дорад, ба як пешкашкунандагони ҷаҳонӣ дар бозори маҳсулоти технологӣ табдил ёбад, аз иқтисоди сармоягузорӣ ба иқтисоди донишбунёд гузарад ва бузургтарин бозори истеъмолии ҷаҳонро ташкил диҳад.

Тағйироти сохторие, ки дар иқтисодиёти миллии Чин ба вуқуъ мепайвандад, бо гузаштан аз истеҳсолот бо истифода аз қувваи кории пастихтисос ба афзоиши бахши хизматрасонӣ, истеъмоли дохилӣ ва истеҳсоли маҳсулоти баландтехнологӣ алоқаманд, аҳаммияти асосӣ доранд. Чин ҳамчун «тақлидгари мумтоз» дар технологияи иқтибос хеле муваффақ аст [13,с.7].

Дар байни давлатҳои ИДМ, дар самти таъсиси иқтисодиёти донишбунёд то андозае Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус ва Қазоқистон саъйю кӯшиши муайянеро ба роҳ мондаанд. Бо вуҷуди ин, Федератсияи Россия аз рӯи сохтори сармояи ҷамъшуда, ки ба ҷомеаи индустриалӣ хос аст ва 72% сармояи ҷамъшуда ба сармояи табиӣ, 14% ба сармояи ҷисмонӣ ва танҳо 14% ба сармояи инсонӣ хос аст, заминаи аввалия дар ин мамлакат дар самти таъсиси иқтисодиёти донишбунёд гузошта шудааст. Сармояи ташаккулёфтаи инсонӣ дар Федератсияи Россия дорои бартарияти нисбӣ буда, ба меъёрҳои ҷаҳонии сифат ҷавобгӯ мебошанд [6,с.84]. Аммо таҳқиқи нишондиҳандаҳои омории тавсифкунандаи вазъ дар Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки он нисбат ба нишондиҳандаҳои давлатҳои рушдкардаи саноатӣ хело паст аст. Барои мисол, новобаста аз оне, ки ба Федератсияи Русия 2,5%-и аҳолии ҷаҳон, 2,5%-ММД-и ҷаҳон рост, дар ин мамлакат ҳиссаи дар хароҷот барои таҳқиқот ва ихтироот ҳамагӣ - 1%-ро аз ҳаҷми ҷаҳонии онро ташкил медиҳад. Дар Федератсияи Русия тақрибан 1,6% ММД ба истеҳсоли дониш сармоягузорӣ мешавад, дар ҳоле, ки ин нишондиҳанда дар давлатҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд тақрибан ба 5% баробар аст. Аз ин рӯ, хулоса намудан мумкин аст, ки дар асоси нишондиҳандаҳои зикршуда, мавқеи Федератсияи Русия имрӯзҳо аз сатҳи миёнаи ҷаҳонии дастгирии иқтисодиёти донишбунёд 3 маротиба пасттар мебошад.

**Ҷадвали 2. Рейтинги як қатор давлатҳои ҷаҳон аз рӯи шохиси инноватсия**
**Table 2. Ranking of a number of countries of the world according to the innovation index**

| Мавқеъ | Давлатҳо | Шохис | Мавқеъ | Давлатҳо | Шохис |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Шветсария** | 67.6 | 10 | **Кореяи Ҷанубӣ** | 58.6 |
| 2 | **Шветсия** | 64.2 | 11 | **Фаронса** | 56.0 |
| 3 | **ИМА** | 63.5 | 12 | **Чин** | 55.3 |
| 4 | **Британияи Кабир** | 62.4 | 51 | **Россия** | 33.3 |
| 5 | **Сингапур** | 61.5 | 80 | **Белорус** | 26.8 |
| 6 | **Финландия** | 61.2 | 81 | **Қазоқистон** | 26.7 |
| 7 | **Нидерландия** | 60.4 | 82 | **Ӯзбекисттон** | 26.2 |
| 8 | **Олмон** | 58.8 | 106 | **Қирғизистон** | 20.2 |
| 9 | **Дания** | 58.7 | 111 | **Тоҷикистон** | 18.3 |

Сарчашма: Рейтинг стран мира по индексу инноваций. [Манбаи электронӣ]. URL: https://gtmarket.ru/ratings/global-innovation-index. (санаи муроҷат: 09.12. 2023).

Дар баробари ин, тибқи ҳамаи рейтингҳои инноватсионӣ дар охири соли 2023 Русия аз кишварҳои даҳгонаи пешсаф (Шветсария, Шветсия, ИМА, Британияи Кабир, Сингапур, Финландия, Нидерландия ва Олмон) ба таври назаррас қафо мондааст ва аз рӯи ташхиси ҷаҳонии инноватсия дар ҷойи 51-ум меистад. Аз рӯи ин нишондод Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи 111-умиро ишғол менамояд, ки зарурати қабули тадбирҳои ҷадидро дар самти тағйирдиҳии он тақозо менамояд.

Дар давлатҳои ИДМ сабабҳои асоси коҳиши фаъолияти инноватсионӣ, пеш аз ҳама, ба мавҷуд набудани заминаи муосири илмӣ-технологӣ, ки барои ҷорӣ намудани инноватсияҳо, мушкилот дар ҷалби маблағгузорӣ дар марҳилаи ҷорӣ намудани молҳо ва технологияҳои инноватсионӣ, арзиши баланди тиҷоратикунонии инноватсияҳо, таҷрибаи нокифоя дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги инноватсионӣ ва кам будани талабот ба молу технологияи инноватсионӣ дар минтақа алоқамад аст.

Аз рӯи ҳиссаи сармояи антропогенӣ дар сохтори сарвати миллӣ, хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ ва сатҳи рушди низоми маориф Федератсияи Россия ва Белорус дар байни давлатҳои ИДМ аз рӯи омодагӣ барои гузариш ба иқтисодёти донишбунёд нисбатан пешсаф мебошанд. Аз тарафи дигар, рушди нокифояи инфрасохтори технологӣ ва дараҷаи пасти истеҳсолоти илмталаб монеаҳои асосӣ дар ин самт ба шумор мераванд.

Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Белорус барои солҳои 2016-2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Белорус таҳти №31 аз 31 январи соли 2017 тасдиқ карда шудааст. Ҳадафи барнома таъмини рушди босифат ва рақобатпазирии иқтисодёти миллӣ бо тамаркузи захираҳо ба ташаккули бахшҳои баландтехнологии он мебошад [10].

Самти инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодии Ҷумҳурии Белорус ва минтақаҳои он интихоб шуда, стратегияи рушди иктисодиёт ба муҳимтарин барномаҳои ҷумҳуриявӣ асос ёфтааст. Рушди инноватсионии кишвар, ки дар ҳуҷҷатҳои асосии стратегӣ дарҷ шудааст, такмили таҳсилоти соҳибкорӣ, ташкили низомҳои инноватсионии бозор ва корхонаҳоеро пешбинӣ менамояд, ки фаъолияташон ба ҷорӣ намудани таҳқиқоти пешқадам нигаронида шудааст [6,с.84].

Дар Белорус илмталабии ММД 0,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин на танҳо аз дараҷаи илмии кишварҳое, ки дар рушди иттилоот пешсафанд, хеле пасттар аст, балки нисбат ба Россия - 1,2% ва Украина - 1% низ камтар аст. Тибқи Стратегияи миллии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Белорус то соли 2020, ҳадаф дар солҳои 2016-2020 расонидани низоми миллии маорифи Белорус ба сатҳи ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари ин, ба рушди таҳсилоти олӣ: баланд бардоштани сифати он ва такмили сохтори тайёр кардани мутахассисон бо мақсади ҳарчи бештар ба талаботи бозори муосири меҳнат наздик кардани он аҳаммияти махсус дода мешавад [6,с.85]. Белорус ба даҳ кишвари беҳтарини дорои иқтисодиёти ба таври динамикӣ рушдкунандаи донишбунёд дохил гардидааст.

Дар байни давлатҳои рушди ҳамшабеҳ дошта, таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ дар самти таъсиси иқтисодиёти донишбунёд қобили таваҷҷуҳ мебошад. Стратегияи инноватсионии рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2022-2026, бо мақсади тезонидани рушди инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ, васеъ ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳо дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, рушди сармояи инсонӣ, илм ва инноватсия қабул шудааст. Дар стратегияи мазкур, ҳадаф гузошта шудааст, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз рӯи рейтинги Global Innovation Index то соли 2026 ба қатори 56 кишвари пешрафтаи ҷаҳон дохил шавад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 02 июни соли 2020 таҳти №УП-6003 «Дар бораи беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар рейтингҳо ва шохисҳои байналмилалӣ, инчунин, ҷорӣ намудани механизми нави кори мунтазам бо онҳо дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ» афзалиятҳои худро то соли 2030 муайян кардааст. Ӯзбекистон дар раддабандии он сол, дар миёни кишварҳои даромади поин ва миёна дар ҷойи 10-ум ва дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ пас аз Эрон ва Ҳинд дар ҷойи 3-юм қарор гирифт. Дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Ӯзбекистон аз рӯи шохисҳо, аз қабили ниҳодҳо, сармояи инсонӣ ва таҳқиқотӣ, инфрасохтор ва сатҳи рушди бозори дохилӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Тибқи ин раддабандӣ, Ӯзбекистон дар нишондиҳандаҳои зерин дар сатҳи ҷаҳонӣ

нишондиҳандаҳои қавӣ дорад: «Теъдоди хатмкунандагон дар соҳаи илм ва технология» – ҷойи 6-ум, «Ташаккули умумии сармояи асосӣ» – ҷойи 6-ум, «Афзоиши маҳсулнокии меҳнат» – ҷойи 7-ум, «Сиёсати дастгирии соҳибкорӣ» – ҷойи 22-юм ва «Рушди кластерҳо» – ҷойи 27-ум.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст. Базаи захиравии кишварҳои аврупоии дорои иқтисодиёти хурд ва сохтори иқтисодиёти онҳо дар солҳои 70-80-уми асри XX, ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI мувофиқат мекунад. Маҳз дар ҳамин давра кишварҳои дорои иқтисодиёти хурд дар ҳамаи бозорҳо на танҳо аз ҷониби давлатҳои бузурги пешрафта, балки аз тарафи давлатҳои нави саноатӣ, ки бо суръат рушд мекунанд, таҳти рақобати шадид қарор гирифтанд ва стратегияи нави рушди худро дар асоси хусусияти маҷмуии равандҳои инноватсионӣ дар ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт ва пайдоиши кластерҳои нави баландтехнологӣ, таъсиси иқтисодиёти нави қодир ба зудӣ аз худ кардани чизҳои нав, яъне ,муҷаҳҳазгардонӣ таҳия намуданд. Содиркунандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мушкилоти шабеҳе, ки бо афзоиши фишори рақобати байналмилалӣ, коҳиши рақобатпазирии маҳсулоти ин кишвар дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ ва боқӣ мондани тавозуни манфии тиҷоратӣ алоқаманд буданд, рӯбарӯ шуданд, ки бо оқибатҳои бухрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ боз ҳам шадидтар шуд. Тамоюлҳои манфии мазкур зарурат ва имконпазирии такмили стратегияи рушди инноватсионӣ ва консепсияи сиёсати тиҷорати хориҷии кишварро бо назардошти таҷрибаи бомуваффақияти ташаккули иқтисоди донишбунёд ва ҳамгироии кишварҳои дорои иқтисодҳои хурд дар Аврупои Ғарбӣ, Шимолӣ ва Марказиро дар низоми тақсимоти байналмилалии меҳнат муайян мекунанд.

Шиносоӣ бо таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нишон дод, ки ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ба ин мамлакатҳо, пеш аз ҳама, ба як қатор омилҳои калидӣ алоқаманданд, ки баназаргирии онҳо ҳангоми ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело муҳим мебошад:

- сатҳи бениҳоят баланди тиҷоратикунонии таҳқиқотҳо ва ихтироотҳо;
- хароҷоти зиёд дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкилӣ ва конструкторӣ;
- дастгирии мунтазами корхонаҳои хурду миёна дар самти татбиқ ва ҷорисозии инноватсияҳо ва ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ барои онҳо;
- сатҳи пасти андозситонии фаъолияти муассисаҳои ба инноватсия машғулбуда ва таваҷҷуҳи қавӣ ба рушди маблағгузориҳои венчурӣ;
- нақши муҳимтарини бахши иттилоот дар иқтисодиёти кишвар;
- таъсиси сохтори иттиҳодияҳои махсусгардонидашуда дар самти пешбурди таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ;

Ҳамзамон, метавон қайд кард, ки таҷрибаи Шветсия оид ба ташкили модели инноватсионии рушд дар шароити низоми самараноки инноватсионии миллӣ беназир аст. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ҳангоми таҳияи ҳар гуна иқдоми нави рушди низоми миллии инноватсионии ватанӣ онҳо метавонанд, танҳо дар сурати ба назар гирифтани шароити миллӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, инчунин, фарҳанги аҳолии мамлакат, ки бешубҳа, аз аҳолии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо хеле фарқ мекунад, самара дода метавонанд.

Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд нишон медиҳад, ки сарфи назар аз ҷой доштани номуътадилиҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дар солҳои охир, нақши илм, таҳқиқот ва коркарди технологияи баландсифат ва доништалаб меафзояд. Ҷузъи муҳимми иқтисоди донишбунёд низ рушди неруи зеҳнии инсонӣ мебошад. Аз рӯи ин нишондод, Ҷумҳурии Тоҷикистн соли 2021 дар раддабандии ҷаҳонӣ мақоми 122-юро ишғол кард ва бо вуҷуди ақибмонии назаррас аз кишварҳои пешрафта, ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи миёнаи рушди инсонӣ дохил шуд, ки ин нишондиҳандаи хуб аст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои рушди инсонии давлатҳои пешқадами ҷаҳон**
**Table 3. Indicators of human development of the world's leading countries**

| Макъеъ | давлатҳо | Қимати шохис | Мавқеъ | давлатҳо | Қимати шохис |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шветсария | 0.962 | 52 | Федератсияи Русия | 0.822 |
| 2. | Норвегия | 0.961 | 63 | Грузия | 0.802 |
| 3. | Исландия | 0.959 | | Озорбойҷон | 0.745 |
| 4. | Гонконг | 0.952 | 56 | Қазоқистон | 0.811 |
| 5. | Австралия | 0.951 | 101 | Ӯзбекистон | 0.727 |
| 6. | Дания | 0.948 | 80 | Молдова | 0.767 |
| 7. | Шветсия | 0.947 | 77 | Украина | 0.773 |
| 8. | Ирландия | 0.945 | 79 | Чин | 0.768 |
| 9. | Олмон | 0.942 | 60 | Белорус | 0.808 |
| 10. | Нидерландия | 0.941 | 118 | Қирғизистон | 0.692 |
| 11. | Финландия | 0.940 | 122 | Тоҷикистон | 0.685 |
| 12. | Сингапур | 0.939 | | ҷаҳон | 0.733 |

Сарчашма: https://hdr.undp.org/data-center/country-insights#/ranks

Дар умум, таҷрибаи бисёре аз кишварҳои рушдкардаи саноатӣ нишон медиҳад, ки иқтидори иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ, нақш ва нуфузи онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба таври назаррас аз нишондиҳандаҳои рушди зеҳникунонии иқтисодиёт вобаста аст. Дар айни замон, дар кишварҳои пешрафта «иқтисодиёти дониш», дар ташаккули ММД – 30-40% бартарӣ дорад ва ба шарофати таъсири бузурги синергетикӣ рушди соҳаҳои дигарро ҳавасманд мегардонад.

**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои зеҳникунонии иқтисодиёти давлатҳои дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ва ИДМ**
**Table 4. Indicators of intellectualization of the economy of the states in a number of countries of the world and the CIS**

| Мавқеъ | Давлатҳо | Индекси ҷаҳонии дониш | Мавқеъ | Давлатҳо | Индекси ҷаҳонии дониш |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шветсария | 69,09 | 49 | Белорус | 50.96 |
| 2. | Финландия | 68,09 | 57 | Федератсияи Россия | 47.89 |
| 3. | Шветсия | 68,03 | 51 | Грузия | 50.02 |
| 4. | Нидерландия | 67,3 | 59 | Молдова | 47.65 |
| 5. | ИМА | 66,92 | 67 | Армения | 46.72 |
| 6. | Дания | 66,74 | 68 | Украина | 46.53 |
| 7. | Люксембург | 66,03 | 74 | Қазоқистон | 45.58 |
| 8. | Шоҳигарии Муттаҳида | 65,7 | 78 | Ӯзбекистон | 44.75 |
| 9. | Австрия | 65,25 | 84 | Қирғизистон | 44.07 |
| 10. | Норвегия | 65,1 | 94 | Озорбойҷон | 42.05 |
| 11. | Сингапур | 64,16 | 111 | Тоҷикистон | 36.06 |
| 12. | Белгия | 64,09 | | Сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ | 47.54 |

Сарчашма: https://www.knowledge4all.com/ranking

Қимати индекси ҷаҳонии дониш нишон медиҳад, ки қимати он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан паст аст. Аммо ин ифодакунандаи он нест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва рушди иқтисоди донишбунёд ба фурсати тулонӣ ниёз дорад. Вобаста ба сатҳи баланди ҳиссаи хизматрасонӣ дар сохтори ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосабарорӣ кардан мумкин аст, гузариш ба ҷомеаи постиндустриалӣ дар ин ҷо тезтар имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии гузариши иқтисодиёти ватанӣ ба марҳалаи нави рушд таваҷҷуҳ ба зеҳникунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳама сатҳҳо ва соҳаҳои фаъолият, рушди босуръати сармояи зеҳнии инсонӣ ва технологияҳои рақамӣ мебошад. “Агар дар давлатҳои рушдкардаи саноатӣ тамоми замимаҳо барои гузариш ба ҷанбаҳои весеъи иқтисодиёти донишбунёд вуҷуд дошат бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба иқтисодиёи донишбунёдро аз

бахши хизматрасонӣ бо рушди соҳаи пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои дониш талаб ва илмталаб оғоз намудан мумкин аст” [5,с.148].

Рушди инноватсионӣ ва иқтисодиёти донишбунёд гузаронидани тағйироти сохториро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, фарҳанги дохилифирмавии ба малака нигаронидашуда, татбиқи технологияҳои маҷозӣ дар истеҳсолот ва ҳавасмандкунии кадрҳоро ба ҳамкорӣ тақозо мекунад. Татбиқи таҷрибаи хориҷӣ дар самти таъсиси кластерҳои шабакавии илмӣ ва таълимӣ шарти муҳимми гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд мебошад. Ҳамзамон, барои таъсиси маҷмааҳои илмию таҳсилотии бо истеҳсолот ҳамгироишуда зарурати ташкили муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва таъсиси фондҳои махсуси маблағгузории инноватсияҳоро пешниҳод менамояд.

Ташаккулдиҳии иқтисодиёти нави донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи маҷмуи тадбирҳоеро дар самти дастовардҳои нави илму техника дар истеҳсолот, муттаҳидсозии илм ва истеҳсолот, таъсиси сохторҳои нави ташкилӣ-иқтисодӣ, сохторҳои ҳуқуқӣ ва рушди соҳибкории инноватсиониро тақозо менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ – Ҷумъаев Б.М.**

## АДАБИЁТ


1. Баранов А.М. Адаптация зарубежного опыта формирования экономики знаний к условиям России и Белоруссии / А.М. Баранов // Вопросы науки и образования. – 2018. -С.14-18.
2. Будаева О.В. Информационная экономика и перспективы её развития в России: дис. ... канд. экон. наук / О.В. Будаева. -Улан-Удэ, 2006. -158 с.
3. Ван Син. Китай строит экономику знаний / Ван Син, Михаил Ковалев // ОРСАЙТ. - 2016. -Т. 10. -№3. –С.15.
4. Давыденко Е.Л. Формирование экономики знаний в Республике Беларусь на основе опыта европейских стран с малой экономикой / Е.Л. Давыденко // Беларусь в современном мире: материалы IX Международной конференции, посвященной 89-летию образования Белорусского государственного университета, 29 октября 2010 г. / редкол.: В.Г. Шадурский [идр.]. -Минск: Изд. центр БГУ, 2010. -303 с.
5. Джумъаев Б.М. Зарубежный опыт формирования и развития рынка бизнес-услуг / Б.М. Джумъаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№8. -С.147-154.
6. Забродская Н.Г. Развитие экономики знаний, бизнес-образования и инновационной деятельности в Республике Беларусь / Н.Г. Забродская // Актуальные проблемы бизнес-образования: XVIII Междунар. науч.-практ. конф., Минск, 25-26 апреля 2019 г.: сб. ст. // Институт бизнеса БГУ; редкол.: П.И. Бригадин [и др.]. -Минск: Институт бизнеса БГУ, 2019. -С.84-89.
7. Захарова Н.В. Особенности формирования инновационной экономики в некоторых азиатских странах: возможности заимствования опыта в условиях Российской Федерации / Н.В. Захарова, А.В. Лабудин // Управленческое консультирование. - 2018. -№11. -С.59-70.
8. Захарова Н.В. Формирование инновационной экономики в Швеции: особенности и перспективы / Н.В. Захарова, А.В. Лабудин // Управленческое консультирование. - 2019. -№10. -С.37-48.
9. Моргунов Е.В. Становление экономики знаний в России в условиях глобализации / Е.В. Моргунов, Н.В. Илларионов // Вестник РУДН, серия экономики. – 2008. -№2. -С.97-101.
10. Пугачева О. Состояние развития экономики знаний в Республике Беларусь / О. Пугачева // Culegere de articole selective ale Conferinţei Ştiinţifice Internaţionale „Competitivitatea şi Inovarea în Economia Cunoaşterii”. – 2018. -Vol. 2.
11. Супян В.Б. США: человеческий потенциал в «экономике знаний // Россия и Америка в XXI веке. Электронный научный журнал. [Электронный ресурс]. URL: https://rusus.ru/?act=read&id=167.
12. Химченко А.Н. Особенности и перспективы становления экономики знаний / А.Н. Химченко // Бизнес информ. – 2012. -№8.-С.4-6.
13. Christofilopoulos E. China 2025: Research & Innovation Landscape / E. Christofilopoulos, S. Mantzanakis // Foresightand STI Governance. - 2016. -vol. 10. -№3. -P.7-16.


## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ БАЪДИСАНОАТӢ


Дар мақола таҷрибаи хориҷии гузариш ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёби ҷомеаи баъдисаноатӣ баррасӣ карда шуудааст. Нақш ва аҳаммияти иқтисодиёти донишбунёд дар рушди иқтисодиёти мамлакатҳои рушдкардаи саноатӣ ва рӯ ба рушд дақиқ карда шудааст. Таҷрибаи хориҷии давлатҳо дар самти оқилгадонии иқтисодиёт арзёбӣ карда шудааст. Таҳқиқот нишон дод, ки дар замони муосир иқтисодиёти донишбунёд дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон омили асосии рушди иқтисодӣ ва эҷоди инноватсия гардиданд. Ҷанбаҳои афзалиятноки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ барои татбиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд. Муаллиф барои гузаштан ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳо оид ба ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техника дар иқтисодиёт, ҳамгироии илм ва истеҳсолот, такмили заминаи ҳуқуқии танзими бозори дониши кишвар, амалӣ намудани азнавсозии сохтории низоми таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани маданияти дохилифирмавии ширкатҳои

истеҳсолӣ ва рушди технологияи маҷозиро пешниҳод менамояд. Ташаккули модели инноватсионии рушд ҳамчун асоси гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар арзёбӣ карда мешавад.

**Калидвожаҳо**: дониш, иқтисодиёти донишбунёд, иқтисодиёти ба донишасосёфта, иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия, иқтисодиёти инноватсионӣ, ҷамъияти баъдисаноатикунонӣ, таҷрибаи хориҷӣ, амалияи ҷаҳонӣ, бозори дониш.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ПЕРЕХОДА К ЭКОНОМИКЕ ЗНАНИЙ В УСЛОВИЯХ ФОРМИРУЮЩЕГОСЯ ПОСТИНДУСТРИАЛЬНОГО ОБЩЕСТВА

В статье исследован зарубежный опыт перехода к экономике знаний в условиях формирующегося постиндустриального общества. Уточнены роль и значение экономики знаний в экономическом развитии промышленно развитых и развивающихся стран. Дана оценка практике зарубежных стран в сфере интеллектуализации экономики. Проведенное исследование показало, что в настоящее время экономика знаний превратилась в основной драйвер экономического роста в создании инновации в большинстве развитых стран мира. Выделены приоритетные аспекты опыта зарубежных стран для применения в Республике Таджикистан. Для перехода к экономике знаний в Республике Таджикистан автором предлагается ряд рекомендаций по внедрению научно-технических достижений в экономику, интеграции науки и производства, совершенстововованию юридической основы регулирования рынка знаний в стране, проведению структурной перестройки системы высшего образования, повышению внутрифирменной культуры производственных фирм и развитию дистанционной технологии. Формирование инновационной модели развития рассматривается как основа перехода к экономике знаний в стране.

**Ключевые слова:** знание, экономика знаний, экономика, основанная на знании, цифровая экономика, инновация, инновационная экономика, постиндустриальное общество, зарубежный опыт, мировая практика, рынок знаний.

## FOREIGN EXPERIENCE OF TRANSITION TO A KNOWLEDGE ECONOMY IN THE CONDITIONS OF AN EMERGING POST-INDUSTRIAL SOCIETY

The article examines foreign experience in the transition to a knowledge economy in the conditions of an emerging post-industrial society. The role and significance of the knowledge economy in the economic development of industrialized and developing countries is clarified. The practice of foreign countries in the field of intellectualization of the economy is assessed. The study showed that currently the knowledge economy has become the main driver of economic growth in the creation of innovation in most developed countries of the world. Priority aspects of the experience of foreign countries for application in the Republic of Tajikistan are highlighted. For the transition to a knowledge economy in the Republic of Tajikistan, the author offers a number of recommendations for the introduction of scientific and technological achievements in the economy, the integration of science and production, improving the legal basis for regulating the knowledge market in the country, carrying out a structural restructuring of the higher education system, improving the internal culture of manufacturing firms and developing distance education technologies. The formation of an innovative development model is considered as the basis for the transition to a knowledge economy in the country.

**Keywords:** knowledge, knowledge economy, knowledge-based economy, digital economy, innovation, innovation economy, post-industrial society, foreign experience, world practice, knowledge market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳакимов Каримҷон Сабзалиевич*** - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрук. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбада, 48/5. E-mail: **hakimzoda_03@mail.ru.** Телефон: **(+992) 001-88-03-29**

**Сведения об авторе:** ***Хакимов Каримжон Сабзалиевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **hakimzoda_03@mail.ru.** Телефон: **(+992) 001-88-03-29**

**Information about the author:** ***Khakimov Karimjon Sabzalievich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, senior lecturer at the department of customs activities. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **hakimzoda_03@mail.ru.** Phone: **(+992) 001-88-03-29**

ТДУ: 334.2

# ТАҲЛИЛИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ҚАРЗИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2016-2021 ВА БАЪЗЕ МУШКИЛОТИ ОН

*Ҳикматов С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар амалисозии сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди иқтисодиёти кишвар, махсусан, соҳаҳои воқеии он, рушди низоми бонкӣ – маблағгузории қарзии низоми бонкӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Бинобар ин, барои таъмину рушди низоми бонкии кишвар ва беҳтар намудани сифати хизматрасонии онҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар ва аз тарафи давлат дастгирӣ намудани онҳо айни замон хеле муҳим мебошад. Чунки таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ то ҳол давом дорад ва онро дар мисоли барҳамхӯрии якчанд бонки тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиякунонии хурд, ки дар сатҳи муфлисшавӣ қарор доранд, махсусан, дар шароити паҳншавии пандемияи коронавирус дар соли сипаришуда, метавон мушоҳида кард [9,с.78].

Ҳамин тавр, дар рушди иҷтимию иқтисоии кишвар дар баробари буҷети давлатӣ, инчунин, маблағгузории низоми бонкӣ нақши хосса дошта, давра ба давра ҳаҷми қарздиҳии онҳо афзоиш ёфта истодаанд, ки он тасдиққунандаи рушди соҳаҳои иқтисодӣ, молиявӣ, буҷетӣ ва пулию қарзӣ, махсусан, дар рушди фаъолияти соҳибкорирӣ мебошад.

Тавре аён аст, соли 2020 барои кулли мамлакатҳои ҷаҳон, махсусан, барои кишвари мо, яке аз солҳои вазнин ба ҳисоб мерафт.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.01.2021) қайд карда шуд, ки дар натиҷаи паҳн шудани пандемия паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши бесобиқаи бекорӣ ба амал омада, он боиси буҳрони бисёр шадиди иқтисодию молиявӣ ва иҷтимоӣ хоҳад гашт [6,с.1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 ба вазъи номусоиди иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гардида, ҷиҳати пешгирӣ кардани паёмадҳои буҳрон ва ҳифзи амнияти миллӣ, буҷети давлатӣ ва ғайра аз тарафи Ҳукумати ҶТ як қатор чораҳои фавриро ба тасвиб расонидаанд. Пеш аз ҳама, бо дарназардошти коҳиш ёфтани қисми даромади буҷети давлатӣ ва афзоиш ёфтани талаботи ҷаҳонӣ ба маблағҳои қарзӣ, инчунин, дигар хароҷотҳои пешбининашудаи буҷети давлатӣ барои соли 2020 бознигарӣ карда шуд ва ба нишондиҳандаҳои даромади хориҷӣ ва касри буҷет тағйиротҳо дохил карда шуд. Дар натиҷа, ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, пеш аз ҳама, соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, ба соҳаи тандурустӣ маблағҳои иловагии барқӣ сафарбар карда шуд.

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки дар соли 2020 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии кишвар ҷиҳати коҳиш додани таъсири пандемия ба зиёда аз 260 ҳазор нафар муштариён ба маблағи 2 миллиарду 300 миллион сомонӣ имтиёзҳои вобаста ба қарздорӣ пешниҳод гардида, ба соҳибкорони истоҳсолӣ 4 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019-ум 20% зиёд мебошад [6,с.1].

Зикр кардан бамаврид аст, ки низоми қарзии кишвар дар паст кардани сатҳи буҳрони иктисодиву иҷтимоӣ дар соли 2019 ҳиссаи арзанда дошта, дар солҳои минбаъда барои таъмини рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар саҳм хоҳад гузошт.

Айни замон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30-юми июни соли 2021 дар маҷмуъ 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 17 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, 4 адад ташкилоти қарзии хурд ва 27 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд, ки дар ин давра, яъне дар нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби онҳо (ташкилотҳои қарзии молияви) ҷиҳати дастгирӣ намудани соҳаҳои иқтисодиёт барои миҷозони худ (шахсони ҳуқуқӣ) 526,5 млн доллари ИМА мубодила анҷом дода шуд [11,с.38].

Дороиҳои умумии ташкилотҳои карзии молиявӣ дар ин давраи соли ҷорӣ 21,8 млрд сомониро ташкил намуда, уҳдадориҳои умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, ба 17,2 млрд сомонӣ баробар гардидаанд.

Таҳлилҳои вазъи молиявию иқтисодии низоми бонкии кишвар дар соли 2019 ба монанди дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, дар натиҷаи таъсири манфии пандемияи коронавирус, як андоза паст рафта, вазъи молиявии онҳо хеле заиф гардиданд.

Хушбахтона, дар кишвари мо, дар охили сори 2020 пастравии бемории пандемияи коронавирус баръало эҳсос гашт ва барои фаъолияти кории соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар шароити мусоид пайдо гардид. Аз соли 2021 сар карда ҳаҷми қарзҳои бонкӣ афзоиш ёфт.

Ба ҳамагон маълум аст, ки маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар моҳҳои январ-июни соли 2021 6,5 млрд сомонро ташкил дод, ки нисбати соли 2020 64,2% зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 32,1%, кишоварзӣ 17,8%, савдои хориҷӣ 16,4%, хизматрасонӣ 13,0%, саноат 9,4%, сохтмон 3,5%, нақлиёт 1,2%, хӯроки ҷамъиятӣ 0,7% ва дигар соҳаҳо 5,9% рост меояд [11,с.39].

Дар байни соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, соҳаҳои соҳибкорӣ ҳамчун самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ барои рушди онҳо давра ба давра афзоиш ёфта истодааст. Дар соли 2021 аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 4,4 млрд сомонӣ ё 67,8% ба соҳаи соҳибкорӣ рост омад, ки он шаҳодати муътадилшавӣ ва беҳтаршавии вазъи молиявию иқтисодӣ субъектҳои хоҷагидориро ифода мекунад, яъне, дар кишвар бо сабаби паст ва пурра бартараф шудани авҷгирии бемории пандемияи коронавирус дар соли 2021 рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар бараъло ҳис карда шуда истодааст. Инчунин, дар рушди иқтисодиёти кишвар, махсусан, соҳаҳои соҳибкорӣ қарзҳои хурду назаррас мебошад, ки дар ин давра аз ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботи додашуда 37,8% он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд ва маблағи он 2,4 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 973,4 млн сомонӣ ё 65,7% афзоиш ёфтааст.

Бояд гуфт, ки дар нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби бонкҳои кишвар ба муштариён қарзҳои бо фоизи нисбатан пасти имтиёзнок 682 млн сомонӣ дода шуд, ки он нисбати давраи соли гузашта 327 млн сомонӣ ё 92% зиёд мебошад [11,с.37].

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони буҳрони молиявию иқтисодӣ динамикаи қарзҳои низоми бонкӣ, хусусан маблағгузории қарзии бонкҳо таъмин гашта истодааст, ки нишондиҳандаҳои онро дар ҷадвали 1 метавон таҳлил намуд.

**Ҷадвали 1. Маблағгузории қарзии бонкҳо дар солҳои 2017-2021 бо пули миллӣ (млн сомонӣ)**
**Table 1. Credit financing of banks in the years 2017-2021 in local currency (million somoni)**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 3537,5 | 3913,3 | 5021,1 | 6370,5 | 6821,0 |
| Қарзи куоҳмуддат | 2091,6 | 2479,9 | 2720,1 | 2543,2 | 2802,1 |
| Қарзи дарозмуддат | 1445,9 | 1433,4 | 2301,0 | 3827,3 | 4010,9 |

Манбаъ: Молияи Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ солҳои 2020-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [3,с.689].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 маълум мешавад, ки шадидтарин буҳрони молиявию иқтисодӣ аз сабаби паҳн гаштани пандемияи коронавирус ва афзоиши ҳаҷми умумии маблағгузории бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст. Агар дар соли 2021 - 6821,0 млн ташкил карда бошад ва дар соли 2019 - 5021,1 млн сомонӣ ва дар соли 2020 - 6370,5 млн сомонӣ, ки нисбати соли 2019 ба маблағи 1349,4 млн сомонӣ зиёд мебошад [3,с.689].

Давра ба давра зиёд гаштани ҳаҷми қарзҳои низоми бонкӣ, махсусан, маблағгузории қарзии бонкҳо ба назар мерасад, ки он аз муътадилшавии вазъи иҷтимою иқтисодии

кишвар ва вусъат ёфтани чорабиниҳои Ҳукумати ҶТ доир ба пешгирии паҳн нагаштан ва бартараф кардани пандемияи коронавирус далолат медиҳад.

Инчунин, муътадил гаштани вазъи молиявии низоми бонкӣ ва афзоиш ёфтани қарзи бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар шароити мусоиди иқтисодиро ба миён овард. Инак, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ (2021) ММД 40 млрд сомонӣ ва афзоиши воқеии он 8,7% ташкил намуд, ки рушди воқеии он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,2% зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки афзоиши ММД аз ҳисоби саноатӣ 23,4%, кишоварзӣ 8,1%, сохтмон 22,1%, гардиши савдои занона 17,1%, хизматрасониҳои пулӣ 16,5% ба даст омадааст [11,с.37].

Дар баробари ин, аз маълумотҳои омории соли 2021 маълум гашт, ки дар нимсолаи якуми соли равон ба маблағи 1851 млн доллари ИМА мол ворид гардид ва аз ҷумҳурӣ ба маблағи 1232 млн доллари ИМА содир карда шудааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми воридоти мол 23% ва содироти мол 88% афзоиш ёфт, ки он ба муътадил омадани вазъи молиявию иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти кишваро ифода мекунад. Вале то ҳол дар иқтисодиёти кишвар захираҳои молиявию иқтисодӣ ва меҳнатӣ истифоданамуда хеле зиёд мебошад. Агар онҳо оҳиста-оҳиста ба иқтисодиёти мамлакат ҷалб карда шаванд, гумон мекунем, ки вазъи молиявию иқтисодии кишвар, махсусан, субъектҳои иқтисодии он боз ҳам рушд хоҳад ёфт.

Бояд қайд кард, ки афзоиш ёфтани маблағгузории қарзии низоми бонкӣ, хусусан, бонкҳо бо баробари рушд ёфтани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад, вале ба ақидаи мо, дар ин самт айни ҳол баъзе муаммоҳо низ ҷой доранд. Дар ин самт зиёд кардани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, кам кардани хавфҳои амалиётӣ ва қарзӣ, коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол, афзоиши ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва беҳтар намудани маблағгузорӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ барои баланд бардоштани боварии аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодии кишвар ба низоми ташкилотҳои қарзӣ ва ба қадри имкон паст кардани фоизи қарзҳои низоми моливию қарзӣ, инчунин, ба қадри имкон кам кардани амалиётҳои қарзӣ, бо мақсади муҳайё кардани шароити қуллайи қарзгирии муштариён бо истифода аз воситаҳои рақамии электронии замонавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Яке аз самтҳои беҳтар намудани сатҳи қарзи низоми бонкӣ, ин таваҷҷуҳи бештар ба баланд бардоштани эътимоднокӣ ва боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва ҷалби сармоя мебошад.

Дар ҳақиқат барои рушди низоми бонкӣ ҳамчун омили муҳим, ин боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, он бо механизмҳои дурусту беҳтар ба роҳ мондани идоракунии хафҳо, мукаммал намудани низоми идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо, риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқи БМТ, пешниҳоди ҳисоботҳои саҳеҳ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва ғайра таъмин мегардад [12,с.16].

Дар солҳои охир муаммоҳои дар боло зикрёфтаро баъзе ташкилотҳои қарзии низоми бонкии ҷумҳурӣ эҳсос намуда, барои ҳалли онҳо чораҳои саривақтӣ андешида истодаанд. Ногуфта намонад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ бо дарназардошти амалкарди рақобати шадиди бозорӣ, қарзи ташкилотҳои бонкӣ барои ҷалби қарзгирандагони соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар тамоми чорабиниҳои хешро сафарбар менамояд. Беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, то ба сатҳи минимум расонидани амалиётҳои қарзӣ (кам кардани қоғазбозиҳои номувофиқ, ба тариқи таъҷилӣ ҳал кардани масъалаҳои қарзгирии миҷозон, паст кардани меъёри фоизи қарз, рушд додани қарзи бекафолат (бегарав), ба воситаи электронӣ ҳал намудани масъалаҳои қарздиҳӣ ва ҷорӣ намудани дигар усулҳои замонавии қарздиҳӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз ин рӯ, барои пурратару дақиқтар пайдо кардани маълумот оид ба қарздиҳии низоми бонкӣ дар солҳои охир барои соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, ки он дар ҷадвали рақами 2 акс ёфтааст, таҳлили тағйирёбии ҳаҷми кори бонкҳои кишварро дар солҳои 2016-2020 анҷом додем.

Маблағгузории қарзии бонкӣ дар соли 2020 ба корхонаҳои хусусии тиҷоратӣ 1700,9 млн сомониро ташкил дода, он дар соли 2016 – 901,6 млн сомонӣ буд, яъне, ин нишондиҳанда 2 маротиба афзоиш ёфат, ба шахсони алоҳида дар соли 2016 1183,3 млн

сомонӣ ва дар соли 2020 – 2393,4 млн сомонӣ рост меояд. Ин раванд ба сиёсати молиявию қарзии пешгирифтаи давлату Ҳукумати кишвар мусоидат мекунад [3,с.689].

**Ҷадвали 2. Маблағгузории қарзии бонкҳо бо пули миллӣ дар солҳои 2016-2020 барои соҳаҳои иқтисодиёти кишвар дар солҳои 2016-2020 млн сомонӣ**
**Table 2. Credit financing of banks in national currency in 2016-2020 for sectors of the country's economy in 2016-2020 million somoni**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 3810,3 | 3537,5 | 3913,3 | 5021,1 | 6870,5 |
| Аз он ҷумла: корхонаҳои хусусии тиҷоратӣ | 901,6 | 579,4 | 567,4 | 927,6 | 1700,9 |
| Корхонаҳои давлатӣ | 172,2 | 294,1 | 258,7 | 261,5 | 281,1 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 192,1 | 185,7 | 236,0 | 265,3 | 290,3 |
| Шахсони алоҳида | 1183,8 | 1255,7 | 1541,9 | 2027,6 | 2393,4 |
| Лизинг | 3,2 | 2,1 | 2,8 | 1,1 | 6,1 |
| Дигар соҳаҳо | 1357,3 | 1220,5 | 1306,6 | 1537,8 | 1698,7 |

Манбаъ: Молияи Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ солҳои 2020-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [3,с.689]

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 маълум гашт, ки маблағгузории қарзии низоми бонкӣ сол аз сол афзоиш ёфта, он барои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар заминаи устувори молиявию иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти мамлакатро таъмин хоҳад намуд.

Аз ин лиҳоз, барои боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонӣ ва афзоиш додани ҳаҷми маблағгузории қарзии низоми бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар пешниҳодҳои илмии зерин тавсия карда мешавад:

1. Таҳлил додан ва беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳо, муносибатҳои кормандони низоми бонкӣ.
2. Беҳтар кардани сатҳи интихоби воқеан ҳам муносиб ба касбу кори фаъолияти бонкӣ, махсусан, қарзи кормандони низоми бонкӣ.
3. Зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории қарзии низоми бонкӣ давра ба давра бо мақсади беҳтар намудани вазъи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ва таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва пурра бартараф кардани вазъи бухрони молиявии иқтисодие, ки бо вазъи санитарию эпидемиологии кишвар алоқаманд мебошад.
4. То қадри имкон мувофиқи талаботи давру замон ва баланд бардоштани ҳавасмандии субъекҳои хоҷагидорӣ ва мизоҷон (қарзгирандагон)-и низоми бонкӣ паст кардани меъёри фоизи қарз.
5. Содатар ва бо камхарҷии вақт амалӣ гардонидани амалиётҳои қарзӣ бо истифодаи воситаҳои ҳозиразамони электронии рақамӣ ва ғайра.
6. Такмил додани усули бекафолат (бегарав) додани қарз дар асоси боварии якдигар.

Ба ақидаи мо, агар пешниҳодҳои илмӣ дар амалиёти низоми бонкии кишвар амалӣ гардад, он гоҳ бо боварии комил метавон гуфт, ки соҳаи низоми бонкӣ рушд ёфта, вазъи молиявии онҳо торафт беҳтар гардида, сатҳи рақобатпазирии онҳо дар бозори молиявию қарзӣ устувор гашта, он дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳиссаи арзандаи худро хоҳад гузошт.

**Муқарриз: н.и.и., м/к-и ДМТ – Бобоев Ф.Ҷ.**

**АДАБИЁТ**


1. Афанасев М.П. Бюджет и бюджетная система / М.П. Афанасев. –М.: Юрий, 2016. -325 с.
2. БМТ: Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ (июл-сентябри соли 2021). -С.19.
3. БМТ: Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ (октябр-декабри соли 2020). -С.42-48.
4. Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи тасдиқи Стратегияи рушди назорати давлатии молияи дохилӣ” аз 3.03.2007, №87. –С.93.
5. Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011”. -Душанбе, 2010. -С.11.
6. Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар ҶТ”. -Душанбе, 2008.
7. Қонунҳои ҶТ “Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2020”. -Душанбе, 2019. -С.14.
8. Молияи Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ солҳои 2020-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С.17-49.

9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.01.2021.
10. Стратегияи миллии рушди иқтисодиёти ҶТ то соли 2030. -Душанбе, 2016.
11. Ҳикматов С. Низоми бонкӣ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кигшвар ва камбудиҳои онҳо / С. Ҳикматов, Маҳмадризоиён С.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020.– №4. -С.78-81.
12. Ҳикматов С.С. Буҷет ва низоми буҷетӣ. Воситаи таълимӣ / С.С. Ҳикматов, Ҷаҳоншоҳ С. -Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. -343 с.

## ТАҲЛИЛИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ҚАРЗИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2016-2021 ВА БАЪЗЕ МУШКИЛОТИ ОН

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар баробари буҷети давлатӣ, инчунин, мабағгузории қарзии низоми бонкӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, афзоиши ҳаҷми умумии қарзҳои бонкӣ барои маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан, соҳаҳои соҳибкории кишвар хеле муҳиму зарур мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки соли 2020 аҳолии сайёра, махсусан, ба бӯҳрони молиявию иқтисодӣ рӯ ба рӯ омада, (бо сабаби паҳн шудани бемории сироятии пандемияи коронавирус дар кишвари Тоҷикистон), таъсири манфии худро ба соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, молиявию буҷетӣ, пулию қарзӣ ва ғайра расонид. Дар натиҷаи андешидани чораҳои фаврӣ аз тарафи давлат, барои гирифтани пеши роҳи паҳншавии пандемияи коронавирус ва бартараф кардани оқибатҳои он, ки зарурати тағйир додани қисми даромаду хароҷоти буҷет ба миён омада, он сабаби зиёд шудани хароҷоти иловагии буҷети давлатӣ гардид. Дар ин ҳолат маблағгузории қарзии низоми бонкӣ барои нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ маблағгузории қарзии низоми бонкӣ аз аҳамият холӣ набуд. Бинобар ин, барои аниқ кардани маълумоти дақиқи маблағгузории қарзии бонкӣ барои таҳлили солҳои 2016-2020-ро инъикос намуданд.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, рушд, иқтисодиёт, мабағгузорӣ, идоракунӣ, пондемияи коронавирус, ташкилот, соҳибкорӣ, нишондиҳанда, захира, молиявӣ, буҷет, аҳолӣ, бӯҳрони молиявӣ, муаммо.

## АНАЛИЗ БАНКОВСКОГО КРЕДИТНОГО ФИНАНСИРОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЗА 2016-2021 ГОДЫ И НЕКОТОРЫЕ ЕГО ПРОБЛЕМЫ

В условиях рыночной экономики, для социально-экономического развития страны наряду с государственным бюджетом, банковский кредит важную роль играет финансирование кредита в банковской системе в. Поэтому рост общего объема банковских кредитов очень важен и необходим для финансирования экономики, особенно предпринимательского сектора страны. Общеизвестно, что 2020 год был самым тяжелым для населения планеты, особенно Таджикистана, переживавшего финансово-экономический кризис (в связи с распространением пандемии короновируса в Таджикистане), что негативно сказалось на социально-экономическом развитии финансово-бюджетной, денежно-кредитной системы. В результате принятых правительством неотложных мер по предотвращению распространения пандемии короновирусной инфекции и ликвидации ее последствий возникла необходимость изменения доходной и расходной части бюджета, что привело к увеличению дополнительных расходов государственного бюджета. При этом кредитное финансирование банковской системы имело важное значение для поддержания макроэкономических показателей развития отраслей экономики и предпринимательской деятельности. Поэтому необходимо уточнение данных банковского кредитного финансирования в 2016-2020 гг.

**Ключевые слова:** банковская система, развитие, экономика, финансирование, управление, пандемия короновируса, организации, бизнес, показатели, ресурсы, финансы, бюджет, население, финансовый кризис, проблемы.

## ANALYSIS OF BANK CREDIT FINANCING OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR 2016-2021 AND SOME OF ITS PROBLEMS

In a market economy, along with the state budget, it also plays an important role in financing the credit of the banking system in the socio-economic development of the country. Therefore, the growth of the total volume of bank loans is very important and necessary for financing the economy, especially the country's business sector. It is well known that 2020 will be the most difficult year for the population of the planet, especially Tajikistan, which is experiencing a financial and economic crisis (due to the spread of the corona virus pandemic in Tajikistan), which will negatively affect the socio-economic development of financial, budgetary, monetary and credit. As a result of the urgent measures taken by the government to prevent the spread of the corona virus pandemic and eliminate its consequences, it became necessary to change the revenue and expenditure side of the budget, which led to an increase in additional state budget expenditures. At the same time, credit financing of the banking system was important for maintaining macroeconomic indicators, developing sectors of the economy and entrepreneurial activity. Therefore, in order to clarify the exact data of bank loan financing for the analysis of 2016-2020.

**Keywords:** banking system, development, economy, financing, management, coronavirus pandemic, organization, business, indicators, resources, finance, budget, population, financial crisis, problems.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳикматов Сафаралӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-05-55-99**. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хикматов Сафарали*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-05-55-99**. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**

**Information about the author:** ***Hikmatov Safarali*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 935-05-55-99.** E-mail: **ilm-tj@mail.ru**

ТДУ: 336.41+336.42+339.46

# МАСЪАЛАҲОИ АРЗЁБИИ ИҚТИДОРИ ҚАРЗӢ ВА ҚАРЗПАЗИРИИ СУБЪЕКТҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Шариф Раҳимзода, Махшулов С.Ҷ.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар ҳама шароит устувории молиявии соҳаҳоро аз рӯйи иқтидори захираҳо ва сифати онҳо баҳо додан мумкин аст. Маъмулан рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолии кишвар то имрӯз ба маблағҳои иловагӣ дар шакли қарз ё сармоягузории мустақим ниёз дорад. Албатта, таъмини зарурати талаботи пулии соҳа аз ҳисоби давлат, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва дигар институтҳои молиявии дохилию хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Таъмини талаботи мазкур, пеш аз ҳама, аз иқтидори молиявию қарзии институтҳои молиявӣ вобастагии зиёд дорад.

Имрӯз дар баробари иқтидори қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ қобилияти қарзадокунӣ ва пардохтпазирии субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи асосӣ ва муаммодор боқӣ мемонад.

Иқтидори қарзии ташкилотҳои қарзӣ маҷмуи захираҳои пулии бонк, сармояи оинномавӣ, сифати сандуқи қарзӣ, меъёри захираҳои ҳатмӣ, захираҳои пулии хазина, фондҳои таъиноташон махсус, захираҳои байналмилалӣ ва дигар дороиҳои он мебошад, дар асоси он иқтидори молиявии ташкилоти қарзӣ арзёбӣ карда мешавад. Дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла, соҳаи кишоварзӣ аз иқтидори қарзӣ ва захиравии тамоми ташкилотҳои қарзӣ вобастагии зиёд дорад.

Қобилияти қарзадокунии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи имкониятҳои молиявӣ, нишондиҳандаи муҳим барои муайянсозии ҳаҷми маблағҳои захиравӣ ҷиҳати пӯшонидани қисми фоизи қарзҳои ба соҳа додашуда ва саривақт бозпасгардонии онҳо мебошад. Арзёбии иқтидори он дар бораи миқдори захираҳои қарзие, ки ба соҳаи кишоварзӣ ҷалб карда мешавад, инчунин, оид ба ҳаҷми маблағи зарурӣ ҳамчун дастгирии молиявии иловагӣ ба субъектҳои кишоварзӣ мебошад.

Дар манбаъҳои омӯхтаамон иқтидори қарзӣ танҳо аз нуқтаи назари бонк ё низоми бонкӣ баррасӣ карда мешавад ва ин миқдору меъёре мебошад, ки бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ метавонанд ҳаҷми пул дар муомилотро ба воситаи пешниҳоди қарзҳои нав ба шаҳрвандон ва ширкатҳо зиёд намоянд. Иқтидори қарзӣ, бо ифодаи сода, дар таърифҳои мавҷуда маънои захираҳои бонк ё низоми бонкиро ифода мекунад.

Ба ақидаи мо, аз рӯйи чунин меъёр тасаввур намудани иқтидори қарзӣ маҳдуд мебошад, зеро бояд ба назар гирифт, ки дар амалиёт ду тараф иштирок мекунанд ва аз ин рӯ, эҳтимолияти анҷоми амалиёти қарзӣ аз қарздиҳанда ва қарзгиранда вобаста аст. Иқтидори қарзии қарздиҳанда ҳаҷми захираҳои қарзиеро ифода мекунад, ки қарзгирандагон дар шароити кунунии молиявию иқтисодӣ қодиранд ҷалб намоянд.

Иқтидори қарзии қарздиҳанда, танҳо бо низоми бонкӣ маҳдуд намешавад, зеро шумораи зиёди қарздиҳандагон ва шаклҳои гуногуни қарздиҳӣ мавҷуданд. Иқтидорҳои қарзии қарздиҳанда ва қарзгиранда аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дар доираи ду субъект якдигарро мукаммал намесозанд, лекин ҳамдигарро пурра менамоянд. Яъне, дар ҳолати ихтилофи манфиатҳои субъектҳо ҳам қобилияти қарзӣ ва ҳам ҳаҷми воситаҳои дар ихтиёри ӯ буда, инчунин, таъмини гарави қарзгиранда ва қобилияти қарзадокунии ӯ ба назар гирифта мешаванд.

Мувофиқи таърифи баъзе олимон, «иқтидори молиявӣ ва қобилияти қарзадокунии ташкилоти соҳаи кишоварзӣ, ин маҷмуи шаклҳо ва воситаҳое мебошанд, ки метавонанд худро бо шартҳои маблағрасонӣ ва қарздиҳӣ бо маблағҳои зарурӣ таъмин карда, ба сатҳи муайяни устуворӣ, пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ ноил гардида, чараёни такрористеҳсолро таъмин намуда, бо ин васила, фоидаи ҳадди аксарро ба даст оранд» [5,с.45].

Барои ҳисобкунии иқтидори қарзӣ қобилияти қарзгир ҷиҳати гирифтан ва саривақт пардохт кардани қарзро ба ҳисоб гирифтан муҳим аст. Тавре ки медонем, вобаста ба таъсири шароит, ҳатто қарзгирандагони аз ҷиҳати молиявӣ устувор барои гирифтани

маблағҳои қарзӣ душворӣ мекашанд. Аз ин рӯ, ба қарзгирандаи эҳтимолӣ ҷиҳати таъмин намудани маблағи қарзӣ ва кам кардани хатари қарздиҳанда захираи устувори молиявӣ ва амволӣ зарур аст.

Олимони хориҷӣ чунин мешуморанд, ки намуди нисбатан боэътимоди таъмини созиши қарзӣ гарави замин мебошад, ки нархи бозории он яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар муайян кардани қобилияти қарзадокунии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар Тоҷикистон бозори замин вуҷуд надорад, зеро замин моликияти давлат буда, барои истифодаи бепул дар муддати дароз ба истифодабарандагони замин дода шудааст, бинобар ин, онро ба гарав мондан мумкин нест. Вобаста ба ин, мувофиқи усулҳои мавҷуда ҳисоб кардани иқтидори қарзии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Қобилияти қарзадокунии қарзгиранда аз пардохтпазирии он вобаста аст. *Қобилияти пардохтпазирӣ* ин имконият ва қобилияти қарзгиранда барои ҷавоб додан ба ҷамъи уҳдадориҳояш дар муддати муайян мебошад. Ифодаи ин мафҳумҳоро ҳамчун муқоиса дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

Иқтидори қарзии қарзгир ба қобилияти қарзадокунии он ва таъмини бозоргирии молу хизматрасониҳо алоқаманд аст. Усулҳои мавҷудаи арзёбии қобилияти қарзадокунии қарзгир дар бораи имкониятҳои пешниҳоди қарз тасаввуроти мукаммал медиҳанд. Онҳо арзёбии тиҷорати муштарӣ ва воситаҳои худии муштариро ифода мекунанд. Вале онҳо намегузоранд ҳаҷми маблағҳои имконпазири ҳадди аксарро, ки қарзгиранда метавонад барои хароҷоти худ ҷалб кунад, ҳисоб намоянд.

**Ҷадвали 1. Муқоисаи мафҳуми «қобилияти қарзадокунӣ» ва «пардохтпазирӣ»**
**Table 1. Comparison of the concept of "credit ability" and "solvency"**

| | **Қобилияти қарзадокунӣ** | **Қобилияти пардохтпазирӣ** |
|---|---|---|
| Таносуби мафҳумҳо | Мафҳуми қарзадокунӣ нисбат ба пардохтпазирӣ аз рӯйи вобастагии захираҳо маҳдудтар аст | Мафҳуми қобилияти пардохтпазирӣ масъалаҳои марбут ба уҳдадориҳои пардохтиро дар бар мегирад |
| Мавзуи таҳлил | Воқеият ва ҳолати қарзгиранда ва додугирифти амалиёти мушаххаси қарзӣ | Қарзгирандагони эҳтимолӣ дар доираи иҷрои уҳдадориҳо |
| Пойгоҳи иттилоотӣ | Дар доираи пойгоҳи иттилоотӣ масъалаҳо оид ба таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ баррасӣ мешаванд | Таҳлили миқдорӣ дар доираи «Ҳисоботи тавозунӣ» ва «Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ» истифода мешаванд |
| Давраи таҳлилшаванда | Пардохтпазирии қарзгирандаро барои муҳлати қарз ва адои иҷрои уҳдадориҳои саривақтии он пешгӯӣ мекунад | Уҳдадориҳои пардохтнашударо барои муҳлати гузашта ё ягон санаи дигар қайд менамояд |
| Хусусияти қарз | Имкони пардохти як қисми қарзи умумӣ, аммо маҳз қарзи таъминбударо тавсиф менамояд | Қобилият ва имконияти пардохти ҳама намуди қарзро тавсиф мекунад |
| Манбаъҳои пардохти қарз | - даромад аз фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ;<br>- даромад аз фурӯши амволи аз ҷониби бонк ба сифати гарав ба қарз қабулшуда;<br>- кафолати бонк ё ширкати дигар;<br>- ҷубронҳои суғуртавӣ | - даромад аз фурӯши мол, кор, хизматрасонӣ;<br>- даромад аз фурӯши амволи қарзгиранда бо назардошти рӯйпӯш намудани маблағи қарз |
| Арзёбии қобилияти ҳуқуқӣ | Шарти муҳим барои гузаронидани амалиёти қарзӣ | Ба инобат гирифта намешавад |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси вазъи воқеии иқтидори соҳа

Ҳамин тариқ, қобилияти қарзадокунӣ нисбат ба пардохтпазирӣ мафҳуми маҳдуд аст. Аз таносуби мафҳумҳо маълум кардан мумкин аст, ки агар қарзгиранда қобилияти

қарзадокунӣ дошта бошад, пас ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар доираи ин меъёрҳо субъектҳои кишоварзӣ қобилияти пардохтпазирии қаноатбахш дорад. Таҳти қобилияти қарзадокунии муштарӣ бояд қобилияти қарзгир оид ба пурра ва сари вақт пардохткунии уҳдадориҳои қарзиаш фаҳмида шавад.

Аммо чизеро, ки ба қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон дахл дорад, муайян кардан мумкин аст, агар субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоббаробаркуниро, алалхусус барои воситаҳои гардон анҷом медоданд. Дар айни замон, дар аксарияти соҳаҳо баҳисобгирӣ ва ҳисоббаробаркунӣ бурда намешавад ва маводҳои зарурӣ барои муайян кардани қобилияти қарзии ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон низ вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, мо дар ин мақола таҷрибаи кишварҳои хориҷиро барои муайян кардани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои соҳавии кишоварзӣ ба назар гирифтаем.

Самтҳои асосии арзёбии қобилияти қарзадокунии муштарӣ инҳоянд: тавсифи умумии иқтидори иқтисодии муштарӣ; таҳлили иқтидори истеҳсолӣ ва техникии қарзгир; арзёбии самаранокии истифодаи воситаҳои асосӣ ва гардон; таҳлили фаъолияти вазъи молиявӣ; таҳлили устувории молиявӣ; арзёбии бозоргирии тавозун ва пардохтпазирии қарзгири эҳтимолӣ; ҷамъбасти натиҷаҳои таҳлили фаъолият ва омода кардани хулосаҳо оид ба қобилияти қарзадокунии муштарӣ [3,с.73]. Дар айни замон такрористеҳсолӣ васеъ дар соҳаи кишоварзӣ асосан тавассути қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат таъмин карда мешавад. Қарзи дарозмуҳлати сармоягузорӣ асосан ба таҳия ва пурра кардани воситаҳои асосӣ, ворид ва аз худ намудани технологияҳои нав равона гардида, хавфи қарзии бонки қарздиҳандаро зиёд мекунад. Қарздиҳӣ ба лоиҳаҳои дарозмуҳлати сармоягузорӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда мешавад, барои бонкҳо яке аз самтҳои хавфноки фаъолият мебошад. Барои қабули қарор дар бораи додани қарзи сармоягузорӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ бонк бояд аз рӯйи қобилияти қарзадокунӣ раванди сармоягузории худро арзёбӣ кунад. Қарорҳои сохторҳои идоракунии давлатӣ оид ба зиёд кардани қарздиҳӣ ба ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ боиси баланд шудани хавфҳои бонкӣ гашта, ба пурзӯр намудани шартҳои додани қарз, аз ҷумла масъалаҳои ташкилӣ (баррасии дархост ҷиҳати гирифтани қарз, оқибатҳои таъхири қарзӣ), таҳлилӣ (муайянкунии қобилияти қарзадокунии қарзгиранда, пардохтпазирӣ ва кифоягии гарав) ва дар натиҷа, боло рафтани арзиши қарз мегардад. Сарфи назар аз дастгирии муайяни давлатӣ дар самти кумаки пулӣ бо роҳи додани қарзҳои имтиёзнок аз ҳисоби фонди дастгирии соҳибкорӣ, захираҳои қарзӣ дастрастар нагаштанд. Ин манбаи захираҳои молиявиро ҳоло ҳам ташкилотҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувори кишоварзӣ ва ташкилотҳои маҳдуди соҳаи кишоварзӣ, ки барои маблағҳои қарзӣ таъминоти кофӣ доранд, истифода бурда метавонанд.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон масъалаи қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ ҳанӯз ҳам масъалаи муҳим ва муаммодор боқӣ мемонад. Қобилияти қарзадокунӣ вобаста аст аз қобилияту иқтидори қарзгир барои татбиқи бомуваффақияти лоиҳаи сармоягузорӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда: эътимоднокӣ ва устувории сатҳи тиҷорат вобаста ба талабот; ба даст овардани натиҷаҳои фосилавӣ дар шакли фоида; баҳисобгирии нишондиҳандаҳои воқеии низоми хавфҳо бо равандҳои қарздиҳӣ вобаста.

Дар таҷрибаи муносибатҳои қарзӣ нақшаҳо ва усулҳои муайяни арзёбии қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад, ки аз ҷониби бонкҳои давлатҳои хориҷӣ бо дараҷаи гуногуни объективият истифода мешаванд. Арзёбии қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ аз рӯйи тавозуни муҳосибӣ дар муддати кӯтоҳ таъсирбахш мебошад.

Нишондиҳандаи дигари қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон, пардохтпазирии онҳо мебошад. Қобилияти пардохтпазириро ҳамчун нишондиҳандаи ягонаи дараҷаи қобили қабул ифода кардан мумкин нест. Хулосаи ниҳоӣ оид ба пардохтпазирӣ аз ҷониби коршинос муайян карда мешавад, ки бисёр нишондиҳандаҳои дигарро таҳлил кардааст ва дар ин замина, андешаи худро дар бораи эҳтимолияти ба миён омадани вазъ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар ин субъект баровварда метавонад. Аз ин рӯ, таҳлили пурраи молиявӣ тадбири дар назди ҳарду тараф зарурӣ ва арзишманд мебошад.

Тафсири арзёбии иқтидори қарзӣ ва қобилияти қарзадокунию пардохтпазирии ташкилотҳои кишоварзӣ дар расми 1 оварда шудаанд.

**Расми 1. Такмили арзёбии иқтидори қарзӣ ва қобилияти пардохтпазирии субъектҳои кишоварзӣ**
**Figure 1. Improvement of assessment of credit capacity and solvency of agricultural entities**




Таҳияи муаллиф

Раванди пешниҳоди қарзҳоро аз ҷониби бонк вобаста ба меъёрҳои дар нақша пешбинигардида дар панҷ марҳила арзёбӣ намудан мумкин аст.

Марҳилаи 1: Аз рӯйи арзёбии қобилияти қарзадокунии онҳо ҳатто дар муддати кӯтоҳ нишондиҳандаҳои пасти молиявӣ доранд. Ин амал барои муайянсозии қобилияти қарзадокунӣ ва пардохтпазирии ҷорӣ барои гурӯҳбандии ташкилоти тадқиқшаванда дар гурӯҳи муайяни таснифшуда зарур мебошад.

Арзёбии қобилияти қарзадокунии ҷорӣ имкон медиҳад, ки ҳолати молиявии субъектҳои кишоварзӣ ва мутаносибан қобилияти қарзадокунии онҳо беҳтар арзёбӣ гардад, зеро он ба интихоби омилҳои объективии ба сатҳи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ таъсиррасон асос ёфтааст.

Арзёбии қобилияти қарзадокунии ҷории ташкилот аз рӯйи усули истифодаи хол (балл) дар якчанд марҳила муайян карда мешавад: интихоби нишондиҳандаҳои молиявӣ, ки вазъи молиявии қарзгирандаро пурра тавсиф мекунад ва аз муайянкунии ҳудуди арзиши ҳар як нишондиҳандаи ба усул дохилшуда, муқаррарнамоии ҷамъи холҳо ва ҷамъбасти онҳо, таносуби маблағи ҷамъшуда бо тавсифи фосилавии вазъи молиявии муайян; муайянсозии дараҷаи қобилияти қарзадокунӣ ва ғайра иборат аст. Усули истифодаи хол аз муайянсозии миқдори холҳо дар асоси вазн ва қимати ҳар яке аз нишондиҳандаҳои молиявӣ иборат аст ва нисбат ба усули арзёбии озмоишӣ бартарӣ дорад.

Дар кишварҳои хориҷа бо истифода аз функсияи коррелатсия 5 нишондиҳандаи молиявиро интихоб мекунанд, ки ҳолати ҷории молиявии субъектро ба таври объективӣ ва пурра инъикос мекунад: зариби мустақилияти молиявӣ, зариби таъминот бо воситаҳои гардони худӣ, даромаднокии дороиҳои гардон аз рӯйи фоидаи соф, зариби муносибати воситаҳои қарзӣ ва худӣ, зариби мутлақи пардохтпазирӣ (бозоргирӣ). Барои асосноккунии қимати меъёрҳои зарибҳои пешниҳодшуда, арзиши воқеии онҳо мувофиқи ҳисоботи солонаи ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ҳисоб карда мешавад.

Дар асоси қимати ташкилоти намунавӣ, бо тарҳи тамоили миёнаи квадратӣ, инчунин, бо назардошти қиматҳои меъёрӣ ва тавсияшуда, нишондиҳандаҳои молиявиро аз рӯйи қобилияти қарзадокунии ҷории ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ гурӯҳбандӣ мекунанд. Барои баланд бардоштани аҳаммиятнокии ҳар як нишондиҳандаи молиявӣ, дар асоси қимати вазнии ҳар як нишондиҳанда, холҳои алоҳида дода мешавад, ки бо истифодаи таҳлили таносуби коррелатсионӣ ва регрессионӣ муайян карда мешаванд. Дар асоси ин холҳо сатҳи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ чунин муайян карда мешавад: баланд; миёна; паст.

Сатҳи баланди қобилияти қарзпардохткунии ҷорӣ, вазъи устувори молиявии ташкилотро тавсиф менамояд, ки ба ин қимати калони нишондиҳандаҳои молиявӣ

шаҳодат медиҳад. Сатҳи миёнаи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ бо ноустувории молиявӣ тавсиф карда мешавад. Сатҳи пасти қобилияти қарзадокунии ҷорӣ бо ғайриқаноатбахш будани ҳолати молиявии ташкилот тавсиф карда мешавад.

Марҳилаи 2: Барои кам кардани хавфҳои қарзӣ бонкҳо новобаста аз сатҳи қобилияти қарзадокунӣ ба қарзгирандагон талаботи иловагӣ мегузоранд. Аксарияти қарзҳо таҳти навъҳои гуногуни таъминот дода мешаванд. Аз намудҳои мавҷудаи таъминоти ӯҳдадориҳо (амволи қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, амонат ва ғайра) ҳамчун гарав васеъ истифода мешавад. Дар ин марҳила бонк кифоягӣ ва бозоргирии гарав ва дигар намудҳои таъминотро, ки аз ҷониби субъекти кишоварзӣ пешниҳод шудаанд, баррасӣ менамояд. Зимнан бонк бояд дар арзёбии сифат, басандагӣ ва бозоргирии гарави пешниҳодкардаи ташкилоти соҳаи кишоварзӣ бо масъулияти баланд амал намояд.

Дар марҳилаи 3 муайян кардани таносуби қобилияти қарзадокунии қарзгир ва дараҷаи таъминоти қарз, ки нишондиҳандаи хавфи бонкиро нишон медиҳад, арзёбӣ карда мешавад. Баҳисобгирии таъмини қарз ва дараҷаи хавфи бонкӣ ба бонк имкон медиҳад, ки ба таври объективона қарзгирандаро ба гурӯҳи муайяни қарзадокунандагон ворид намояд.

Аз ин лиҳоз, субъектҳое, ки ба яке аз ин панҷ гурӯҳи пешниҳодшудаи қобилияти қарзадокунанда ворид шудаанд, тавсифи мувофиқро дороянд ва дар ҷадвали 2, бо назардошти ҳолати воқеии соҳаҳои мазкур инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 2. Тавсифи гурӯҳҳо оид ба қобилияти қарзадокунандагӣ**
**Table 2. Description of groups on creditworthiness**

| **Гурӯҳҳои қобилияти қарзадокунанда** | **Тавсифномаи ташкилот** |
|---|---|
| Гурӯҳи 1 | Субъектҳое, ки ба таври комил қобилияти қарзадокунӣ доранд ва аз ҷиҳати молиявӣ устувор буда, хавфи напардохтани қарзро надоранд |
| Гурӯҳи 2 | Субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бо сатҳи миёнаи қарздорӣ ё субъектҳои дорои қобилияти карзадокунӣ ва дар сатҳи қаноатбахши молиявӣ қарордошта, ки дараҷаи қарздории қобили қабулро доранд |
| Гурӯҳи 3 | Субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, ки қобилияти карзадокунӣ доранд ва аз ҷиҳати молиявӣ ноустуворанд, ҳангоми пардохти қарз каме мушкилӣ доранд, аммо дар вақти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба гурӯҳи қобилияти бештари қарзадокунидошта мегузаранд |
| Гурӯҳи 4 | Субъектҳои ноустувор, ки қодир нестанд қарзи ҷориро дар сатҳи кунунии самаранокии истеҳсолот пӯшонанд, қарздориашон зиёд мешавад, аммо дурнамои рушдро тавассути коҳиш додани хароҷоти моддӣ ва афзоиши даромаднокӣ имкони кам кардани қарзро доранд |
| Гурӯҳи 5 | Субъектҳое, ки қобилияти қарзадокунӣ ва заминаи бозпасгардонии қарзро надоранд |

Таҳияи муаллифон дар асоси вазъи воқеии соҳа

Марҳилаи 4: Арзёбии қобилияти қарзадокунӣ ҳамчун дурнамои дарозмуддати вазъи молиявии субъект барои бонк аҳаммияти хосса дорад. Барои таҳияи пешгӯии вазъи молиявии субъектҳо кластерикунонии онҳо аз рӯйи намудҳои устувории молиявӣ, бо назардошти таъминоти захираҳо бо манбаъҳои маблағгузорӣ бо истифода аз усули классикӣ гузаронида шудааст. Чунин раванди арзёбӣ имконияти имрӯза ваояндаи низоми ягонаи муайянкунандаи иқтидори қарзадокунии соҳаро дар давраҳои оянда бо назардошти вазъияти баамаломада дар як давраи муайян инъикос менамояд.

Қобилияти қарзадокунии соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза, яке аз масъалаҳои асосӣ дар робита бо ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, масъалаи пурзӯр кардани ин раванд барои минбаъд идома ёфтани қарздиҳии бонкҳои тиҷоратии кишвар дар ин самт боқӣ мемонад.

Ҳамин тавр, қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ ба муҳлати қарз, меъёри фоизи он, раванди қарздиҳӣ ва муносибатҳои минбаъдаи бонк ба он таъсири манфӣ ё мусбӣ мерасонад.

**Ҷадвали 3. Андозаҳои қарздиҳӣ барои субъектҳои кишоварзӣ вобаста аз арзёбии қобилияти қарзадокунӣ**

**Table 3. Lending dimensions for agricultural entities depending on the evaluation of the lending capacity**

| **Сатҳи қобилияти карзадокунӣ** | **Тартиби камкунии хавфи бонкӣ** | **Тартиби қарздиҳӣ** | **Меъёри фоиз** | **Фаврияти қарз** |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи баланд, устувории мутлақи молиявӣ | нақшаи чандирии адои қарз; имтиёз ҳангоми адои пеш аз муҳлат | кушодани суратҳисоби шартномавӣ; боздоди якдафъагӣ | имтиёзнок, стандартӣ | дарозмуддат, миёнамуҳлат |
| Сатҳи миёна, устувории муътадили молиявӣ | тақозои гарав ва ё кафолатдиҳанда ва суғуртаи қарз | боздеҳии якдафъагӣ | стандартӣ | миёнамуҳлат; кӯтоҳмуддат |
| Сатҳи паст, вазъияти ноустувори молиявӣ | банақшагирии муштараки тиҷорат, кафолатдиҳанда ва суғуртаи қарз | кушодани хатҳои қарзии таҷдидшаванда ва мавсимӣ | зиёдшуда, баландшуда | кӯтоҳмуддат |

Таҳияи муаллифон дар асоси вазъи воқеии соҳа

Марҳилаи 5: Дар ҷадвали 3 муайянкунии андозаҳои қарздиҳӣ вобаста ба қобилияти қарзадокунӣ ва дараҷаи хавфи бонкӣ оварда шудааст.

Бозоргирии таъмин, таъҷилии қарз ва хавфи кулл қобилияти қарзадокунии қарзгиранда ва андозаи қарзи эҳтимолиро муайян мекунанд. Омилҳои муайянкунандаи арзёбии қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои кишоварзӣ дар ҳама шароит ба ҳамдигар алоқамандии зич дошта, дар ҳар шароит якдигарро пурра мегардонанд ва онҳо метавонанд ба якдигар таъсири мусбат ё манфӣ расонанд.

Тамсилаи пешниҳодшудаи арзёбии маҷмаавии самаранокии қарздиҳӣ барои субъектҳои соҳаи кишоварзӣ имкон медиҳад, ки ин амалҳо иҷро карда шаванд:

- таснифи қарзгирандагон аз рӯйи сатҳи қобилияти ҷории қарзадокунӣ;

-муайянкунии гурӯҳи қобилияти қарзадокунӣ ва дараҷаи хавфи бонк вобаста ба таъмини кифоягии қарз;

- пардохтпазирӣ ва вазъи молиявии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ барои давраи миёнамуҳлат ва дар баъзе ҳолатҳо дурнамои дарозмуддат;

-таҳияи тавсияҳо оид ба усули қарздиҳӣ, меъёри фоиз, муҳлатҳои пешниҳоди қарзҳо;

-таҳлили таърихи (оқибати) қарзи қарзгирандагон;

-мониторинги қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон.

Дар асоси пешниҳоди захираҳои қарзии бонкҳо, арзёбии қобилияти қарзадокунии муштарӣ меистад. Ҳар як бонки тиҷоратӣ усули худро ҷиҳати арзёбии қобилияти қарзадокунии муштарӣ дорад, ки барои ояндабинӣ собит мебошад ва дар сиёсати қарзии бонк таҷассум ёфтааст. Дар усули мавҷудбуда чунин хусусиятҳои умумиро қайд кардан мумкин аст, ба монанди арзёбии ҳолати молиявӣ бо истифода аз зарибi бозоргирӣ, даромаднокӣ, муомилот (гардон) ва дигар бузургиҳои ба ҳама маълум; таҳлили гардиши пули нақд тавассути муқоисаи даромаду хароҷот барои давраи муайян; арзёбии хислати муштарӣ ва ғайра.

**АДАБИЁТ**


1. Агапова Т.Н. Отбор органами власти участников открытых тендеров на получение краткосрочных льготных кредитов и гарантий / Т.Н. Агапова // Финансы и кредит. - 2003. -№23. -С.136.
2. Ашуров Н. Идора кардани хавфи бонкӣ. Васоити таълимӣ / Н. Ашуров, С.Ҷ. Махшулов. –Душанбе, 2021. –С.7.
3. Боруцкий А. Совершенствование методов анализа финансово-экономического состояния сельскохозяйственных предприятий / А. Боруцкий // АПК: экономика и управление. - 2002. -№4. -С.66-73.
4. Гогохия Д.Ш. Некоторые сюжеты из истории внешней торговли в контексте теории денег / Д.Ш. Гогохия // Экономическая теория. ВТЭ. – 2020. -№4. –С.19-28.

5. Дворядкин Д.А. Эффективность функционирования сельскохозяйственных организаций в условиях активизации инновационных процессов / Д.А. Дворядкин, В.А. Кундиус // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2012. -№3. -С.43-45.
6. Махшулов С.Дж. Устойчивость национальной валюты, ее теория и методология / С.Дж. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№9. -С.174-179.
7. Махшулов С.Ҷ. Хатарҳои ба муносибатҳои бонкӣ алоқаманд / С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – 2016. -№1/5. -С.78.
8. Махшулов С.Дж. Конкурентоспособность кредитных организаций и актуальность их финансовых показателей с учетом ликвидности / С.Дж. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№5. –часть 2. -С.54.
9. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Вектор принт, 2016. - 294 с.
10. Тупик Н.В. Деньги в экономике меняют свою роль / Н.В. Тупик // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. - 2011 -№6-1. -С.137-139.
11. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. –Душанбе, 2014-2019. -С.122.
12. Шариф Р. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ / Раҳимзода Ш., С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№7. –С.193.
13. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ / Раҳимзода Ш. –Душанбе: Эр-граф, 2018. - 484 с.
14. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj. (санаи муроҷиат 28.10.2022).
15. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат 28.10.2022).

## МАСЪАЛАҲОИ АРЗЁБИИ ИҚТИДОРИ ҚАРЗӢ ВА ҚАРЗПАЗИРИИ СУБЪЕКТҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар маколаи мазкур масъалаҳои арзёбии иқтидори қарзӣ ва қарзпазирии субъектҳои кишоварзӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тоҷикистон мамлакати агросаноатӣ буда, дорои иқтидори кадрӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад, вале бо вуҷуди қабул ва татбиқи як қатор барномаҳои давлатӣ, аз он ҷумла, таъмини дастрасии захираҳои қарзӣ барои истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, солҳои охир тамоюли суст шудани суръати қарздиҳии субъектҳои кишоварзӣ ба назар мерасад. Ин ҳолат зарурати беҳтар кардани шароити қарздиҳӣ ва рушди инфрасохтори бозори қарзиро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, муаллифон дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳимтарини рушди низоми қарздиҳиро ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар заминаи арзёбии иқтидори қарзӣ ва қобилияти қарзпазирии онҳо таҳқиқ кардаанд. Ҳамчунин, муаллифон дар рафти таҳқиқот аз як қатор нишондиҳандаҳое, ки тавассути онҳо қарзпазирии субъектҳои кишоварзиро муайян кардан мумкин аст истифода намуда, масъалаи баҳодиҳии низоми қарздиҳии субъектҳои кишоварзиро баррасӣ намудаанд.

**Калидвожаҳо:** устувории молиявӣ, соҳа, кишоварзӣ, қарз, бонк, дороиҳо, фонд, қарзадокунӣ, пардохтпазирӣ, сифат, баҳо, ҳисоббаробаркунӣ, хулоса, сармоягузорӣ, қарзҳои дарозмуддат, кӯтоҳмуддат.

## ВОПРОСЫ ОЦЕНКИ КРЕДИТНОГО ПОТЕНЦИАЛА И КРЕДИТОСПОСОБНОСТИ СУБЪЕКТОВ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье рассматриваются вопросы оценки кредитного потенциала и кредитоспособности субъектов сельского хозяйства в современных условиях. Таджикистан является агропромышленной страной и имеет кадровый потенциал для развития аграрного сектора, но, несмотря на принятие и реализацию ряда государственных программ, в том числе по обеспечению доступа к кредитным ресурсам сельхозпроизводителей, в последние годы наметилась тенденция к замедлению темпов кредитования сельскохозяйственных предприятий. Такая ситуация требует необходимости улучшения условий кредитования и развития инфраструктуры кредитного рынка. С этой точки зрения, авторами в данной статье исследованы вопросы развития системы кредитования хозяйствующих субъектов в контексте оценки их кредитоспособности перед финансовыми организациями. Также в ходе исследования авторы использовали ряд показателей, определяющих кредитоспособность сельскохозяйственных субъектов, а также рассмотрели вопросы оценки системы кредитования сельскохозяйственных субъектов.

**Ключевые слова:** устойчивость, финансы, промышленность, сельское хозяйство, кредит, банк, активы, фонд, кредитование, ликвидность, качество, оценка, расчет, вывод, инвестиции, капитал, долгосрочный, краткосрочный.

## ISSUES OF ASSESSING THE CREDIT POTENTIAL AND CREDIT CAPABILITY OF AGRICULTURAL SUBJECTS IN MODERN CONDITIONS

This article discusses the issues of assessing the credit potential and creditworthiness of agricultural entities in modern conditions. Tajikistan is an agro-industrial country and has human resources for the development of the agricultural sector, but despite the adoption and implementation of a number of government programs, including those to provide access to credit resources for agricultural producers, in recent years there has been a tendency to slow down the pace of

lending to agricultural enterprises. This situation requires the need to improve credit conditions and develop the infrastructure of the credit market. From this point of view, the authors of this article explored the issues of developing a system of lending to business entities in the context of assessing their creditworthiness to financial institutions. Also, in the course of the study, the authors used a number of indicators that determine the creditworthiness of agricultural entities, and also considered the issues of assessing the system of lending to agricultural entities.

**Keywords:** sustainability, finance, industry, agriculture, credit, bank, asset, fund, lending, liquidity, quality, appraisal, calculation, withdrawal, investment, capital, long-term, short-term.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шариф Раҳимзода*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 901-06-66-52.** E-mail: **shama100@msn.com**
***Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **918563308**. E-mail: **saidkhuja-86@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Шариф Рахимзода*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 901-06-66-52.** E-mail**: shama100@msn.com**
***Макшулов Саидхуджа Джумаевич*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон**: 918563308.** E-mail**: saykhuja-86@mail.ru**

**information about the authors:** ***Sharif Rakhimzoda*** **-** Tajik state financial and economic university, doctor of economics, professor of the department of banking. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone**: (+992) 901-06-66-52.** E-mail**: shama100@msn.com**
***Makshulov Saidkhuja Dzhumaevich*** **-** Tajik state financial and economic university, senior lecturer of the department of banking. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone**: 918563308.** E-mail: **saykhuja-86@mail.ru**

ТДУ: 633.5(575.3)

# РУШДИ БОЗОРИ АГРООЗУҚАВОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Ятимзода Хуршед Мардон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити буҳрони озуқаворӣ, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, бозорҳои аграрӣ нақши муҳим дошта, ба дастрасии аҳолӣ бо маводи озуқа замина фароҳам меоварад. Бозори агроозуқаворӣ низоми иқтисодие мебошад, ки муносибати мутақобилаи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро таъмин менамояд. Бозори маҳсулоти озуқаворӣ ба худ хусусиятҳои хосро доро мебошад, ки дар он маҳсулотҳои ниёзи мардум ва молҳои аввалиндараҷаи талаботи аҳолӣ ба фурӯш бароварда мешавад. Хусусиятҳои бозори агроозуқаворӣ аз инҳо таркиб ёфтааст: аз шароитҳои иқлимӣ ва захираҳои табиӣ вобаста аст; мавҷудияти навъҳои гуногуни маҳсулоти озуқаворӣ; ҷой доштани шумораи зиёди миёнаравҳо дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣ; зарурати танзими давлатии иқтисодиёти аграрӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ; таъмини самаранокии рушди инфрасохтори логистикӣ дар тақсимоти маҳсулоти озуқаворӣ.

Яке аз бозорҳое, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд ва ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолию худтаъминии минтақа бо маводи озуқа, ин бозори агроозуқаворӣ мебошад. Ин ба он вобаста аст, ки маҳз бозорҳои озуқаворӣ яке аз эҳтиёҷоти асосии инсон - зарурат дар хӯрокро қонеъ мегардонад. Дар низоми бозорҳои агроозуқаворӣии минтақавӣ, мустақилияти ташкили хоҷагидорӣ амал намуда, онҳо ҳамчун унсурҳои нисбатан якхела фаъолият мекунанд.

Моҳияти бозор дар адабиёти иқтисодӣ ба таври гуногун маънидод карда мешавад, аз ҳама маъмултарин фаҳмиши бозор ҳамчун шакли мубодилаи молҳо ва молию пулӣ мебошад, вақте ки «... бозор -ин мубодилаест, ки тибқи қонунҳои муомилоти молӣ ва пулӣ ташкил карда шудааст» [1]. Аз ин рӯ, ба фикри ин ҷониб бозори агроозуқаворӣ ҷоест ва маконест, ки харидорони маҳсулоти озуқавориро бо фурӯшандагони он мепайвандад.

Ҳамин тавр, А. Ревенков дар кори худ қайд мекунад, ки «…бозорҳои озуқаворӣ талаботи аҳолиро қонеъ мегардонанд, ки тибқи ақидаи аксарияти муҳаққиқон, мавқеи марказии онҳоро дар низоми бозор муайян мекунад» [14,с.107-120].

Академик РАН И.Г. Ушачев қайд мекунад, ки «…нақши бозори озуқаворӣ чунон бузург аст, ки агар онро барои фаъолияти самаранок ва таҳкими тамоми бозори дохилаи кишвар аз ҳама асосӣ шуморем, хато намекунем» [15,с.7].

Олимони дигари рус А. Беляков ва О. Матвейчев дарк мекунанд, ки «…амнияти озуқаворӣии кишвар ҳамчун қобилияти доимии давлат ва ҷомеа барои таъмин намудани дастрасии маҳсулоти хӯрокворӣ ба тамоми аҳолӣ ба миқдор ва сифате, ки барои ҳаёти фаъол ва солим зарур аст» [2].

Дар аксарияти мавридҳо, фикру ақидаҳои олимони ватанӣ оид ба таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он назаррас баён мегардад. Ба андеша муҳаққиқони тоҷик Академики АИКТ Ҷ.С.Пиризода ва дигарон бар он назаранд, ки «…нақш ва мавқеи бозори маҳсулоти кишоварзӣ, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, қисми асосию муҳимтарини мустақилияти системаи амнияти минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Тадбирҳои аз ҷониби муаллифон пешниҳодшуда, барои рушди бозори агроозуқаворӣ шароити зарурӣ меофарад ва аҳолии кишварро бо маводи озуқаворӣ дар маҷмуъ, таъмин мекунанд» [12,с.68-74].

Ба ақидаи мо фаъолияти самаранок ва рушди бозорҳои молу маҳсулоти озуқавории минтақавӣ имкон медиҳанд, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо беҳтар карда шавад, ки барои баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Афзоиши истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва маҳсулоти он, ҳам дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон ва ҳам дар ҷумҳурии мо, доимо сусттар мешавад. Ҳамзамон, кишоварзӣ дар Тоҷикистон соҳаи муҳимми иқтисодиёти миллӣ мебошад. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он дар шароити бозор, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигаргуниҳои куллӣ як қатор тадбирҳо андешида шуд. Аммо, ин барои таъмини рушди устувори ин соҳа боз ҳам кофӣ нест.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба парлумони кишвар ба даст овардани истиқлолияти озуқаворӣ ва амнияти ҷумҳуриро яке аз ҳадафҳои стратегии давлат номиданд. Дар ин робита, алалхусус қайд карданд: «…Соҳаи дигари муҳимтарини иқтисоди миллӣ бахши кишоварзӣ мебошад, ки амнияти озуқавории кишвар асосан аз он вобаста аст» [13]. Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун соҳаи калидӣ тақрибан 21-23%-и ММД-ро ташкил намуда, барои ташкили ҷойҳои кории нав мусоидат мекунад, дар баробари ин ба яке аз Стратегияи муҳимми ҷумҳурӣ таъмини амнияти озуқаворӣ шароит фароҳам меорад, чунки бештари маҳсулоти озуқавориро маҳз аз соҳаи кишоварзӣ истеҳсол мешавад.

Амнияти озуқаворӣ ҳамчун ҳадафи стратегии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат муайян карда шудааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар ҷудо карда шуданд. Аз ҷумла, чунин самтҳо ҷудо карда шудаанд, ба монанди «диверсификатсияи (густариши) истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла татбиқи инноватсия, таҳияи тадбирҳо оид ба ивази моддаҳои хатарноки химиявӣ ба алтернативӣ, камтар хатарнок, баланд бардоштани ҷолибияти бахш аз ҳисоби ташаккул ва таҳкими занҷири арзиши иловашуда; рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва рафъи монеаҳо барои таъмини дастрасии мустақим ба бозори истеҳсолкунандагони кишоварзӣ» [11]. Қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, дар амал татбиқ намудани он ба рушди соҳа мусоидат мекунад.

**Расми 1. Рушди бозори агроозуқавории вилояти Хатлон**
**Figure 1. Development of the agro-food market of Khatlon region**




Дар солҳои охир, афзоиши табиии аҳолии сайёра ба назар мерасад, ки дар бисёр давлатҳо аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин нагардидани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории ҳаётан муҳим, коҳишёбии назарраси захираҳои ҷаҳонии озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, норасоии захираҳои энергетикӣ ва дигар омилҳо дар таъмини аҳолии

сайёра бо озуқа таъсири манфии худро бевосита мерасонад. Дар чунин шароити душвор, таъмини устувории бозори озуқа дар асоси истифодаи оқилонаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дар афзунгардонии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз вазифаҳои стратегӣ табдил ёфтааст.

Тибқи омори СММ соли 1960 аҳолии кураи замин 3 млрд нафарро ташкил медод, соли 1974 4 млрд, соли 1987 5 млрд, соли 1999 6 млрд, соли 2011 7 млрд, соли 2022 ба 8 млрд, нафар расидааст, ки ба кам шудани маҳсулоти ғизоӣ ба сари аҳолии кураи замин мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши табиии аҳоли тақрибан 2-2,5%-ро ташкил медиҳад, ки ин баробар ба 200-250 ҳазор нафар аҳолӣ мебошад.

Дар Тоҷикистон зиёда аз 90%-и истеҳсоли агроозуқаворӣ ба бахши хусусӣ рост омада, он барои ташаккулёбии заминаи воқеии таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаи истеҳсоли ватанӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, суст шудани базаи моддӣ-техникӣ ва ба таври зарурӣ ташаккул наёфтани мавқеи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар низоми маркетинги кишоварзӣ, инчунин, дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро наёфтани масъалаи арзёбии устувории бозори озуқаворӣ ҷумҳурӣ мушкилотро дар таъмини амнияти озуқаворӣ ба миён овардааст. Сарфи назар аз дастовардҳои назарраси соҳаи кишоварзӣ, мушкилоти таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он то ҳол ҷой дорад.

Ҳалли масъалаҳои бунёдии ноил шудан ба рушди устувори кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории кишвар, бидуни таҳия ва татбиқи стратегияи мақсадноки давлатии рушди КАС ва механизми татбиқи он ғайриимкон буда, дар вазъи кунунӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунанд, вақте, ки бахши аграрии кишвар дар вазъияти мураккаби молиявӣ ва иқтисодӣ қарор дорад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди устувори истеҳсолоти агросаноатӣ, дар маҷмуъ, зарурати ташкил кардани ҳамкории зичи ҳамаи субектҳои бозори агроозуқавориро дар назар дорад, ки боиси зарурати тақвият ва амиқсозии ҳамгироии байниистеҳсолӣ дар комплекси агросаноатӣ мегардад.

тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад, муқаррар намудааст. Ба сифати предмети ҷинояти мазкур ба мисли м.245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо молу мулке шуда метавонад, ки дар мақоми махсуси ҳуқуқӣ қарор дорад, яъне молу мулке, ки пешакӣ ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёр ӯ мебошад. Ҷазо барои таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар намуди ҷарима ё корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ ё корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст [8].

Моддаи мазкур аз чор қисм иборат аст, ки дар онҳо ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят мустаҳакам шудаанд. Чунончи, агар ҳаракатҳои дар қ.1 м.167 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешбинишуда; а) ба андозаи калон; б) такроран ё бо ретсидиви хавфнок; в) бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон; г) бо сӯиистифода аз мақоми мансабӣ содир шуда бошанд. Ҷазои ҳадди аксари барои қ.2 м.167 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар шудааст. Ба сифати ҷазоҳои алтернативӣ ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардани озодӣ нишон дода шудаанд.

Ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда бошад, мутобиқи қ.3 м.167 КҶ: а) ба миқдори махсусан калон; б) бо ретсидивисти махсусан хавфнок; в) аз тарафи гурӯҳи муташаккил ё ба манфиатҳои он; г) бо истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ содир гардидани тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баромад менамоянд. Ҷазо барои чунин кирдорҳо дар намуди ҷарима, ё корҳои ислоҳӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол муқаррар шудааст. Дар КҶ Ӯзбекистон низ миқдори калон ё махсусан калон новобаста аз шакли моликият як хел муайян карда шудааст.

Бояд гуфт, ки аз аломатҳои вазнинкунандаи дар қ.3 м.167 КҶ Ӯзбекистон қайдшуда танҳо бо истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ содир гардидани тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.245 КҶ ҶТ муқаррар нашудааст. Истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ мумкин аст, дар тайёр намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ки барои ҷудо намудани молу мулк зарур бошанд (масалан, борхати нақлиётӣ-молӣ), истифодаи захираҳои шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла гузаронидани пул аз суратҳисоби корхона ба суратҳисоби шахси дигар ва ғайра ифода гардад [3,с.60].

Қайд кардан бамаврид аст, ки хусусияти дигари фарққунандаи танзими қонунгузории тасарруф дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар КҶ Ӯзбекистон дар он зоҳир мегардад, ки санксияҳо барои ҷинояти мазкур доираи васеи ҷазоҳоро, ба монанди ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан аз озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ месозад.

Барои таркиби асосии ҷинояти баррасишаванда ҷазо танҳо дар намуди ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардани озодӣ пешбинӣ шудааст, яъне қ.1 м.167 КҶ Ӯзбекистон нисбат ба қ.1 м.245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи нисбатан сабуктари намудҳои ҷазоро муайян намудааст. Ҳатто ҳангоми бо ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (қ.3 м.167 КҶ ) дар қатори маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазоҳои дигари алтернативӣ, ба монанди ҷарима ё корҳои ислоҳӣ низ муқаррар шудаанд. Мутобиқи қ.4 моддаи мазкур дар ҳолатҳои пардохт намудани зарари моддӣ ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда намешавад.

Дар Кодекси ҷиноятии Қазоқистон бошад, ҳолат фарққунанда аст. Хусусияти фарққунандаи қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон аз он иборат аст, ки меъёрҳои қисми махсуси он танҳо вобаста ба объекти намудӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд, яъне дар он ҷиноятҳои алоҳида танҳо ба бобҳо муттаҳид карда шуда, фаслҳои алоҳида ҷой надоранд. Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили моликият дар боби 6 муттаҳид карда шудаанд.

Азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайри бовар кардашуда дар м.189 КҶ Қазоқистон чунин муайян шудааст: азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст. Таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҷазо дар намуди ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ё ҷалб кардан ба корҳои ҷамъиятӣ ё маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ҷазо дода мешавад [7].

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда дар қ.2 м.189 содир намудани чунин кирдор: 1) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; 2) бо истифода аз мақоми хизматӣ. Дар қ.3 кирдорҳои дар қ.қ. 1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда: 1) ба миқдори калон; 2) аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад; 3) якчандкарата. Дар қ.4 м.189 бошад, чунин ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муқаррар шудаанд: 1) аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятӣ; 2) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад.

Бояд гуфт, ки мутобиқи м.3 қ.17 КҶ Қазоқистон, зери мафҳуми тасарруф бо мақсади ғаразнок, ғайриқонунӣ, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон фаҳмида мешавад, ки ба молик ё соҳиби дигари молу мулк зарар расонидааст. Ба миқдори калон арзиши молу мулк аз нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо ҳазор маротиба, махсусан калон арзиши молу мулк фаҳмида мешавад, ки аз нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо чор ҳазор маротиба зиёд бошад.

Хусусияти дигари КҶ Қазоқистон дар он аст, ки дар моддаи алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои майда тасарруф муқаррар карда шудааст. Чунончи дар м.187 КҶ чунин омадааст: майда тасарруф, яъне дуздӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба андозаи кам содир шудааст. Андозаи кам мутобиқи қ.10 м.3 арзиши молу мулки ба ташкилотҳо мансуббуда, ки аз даҳ нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд нест ё молу мулки ба шахсони воқеӣ тааллуқдошта, ки арзиши он аз ду нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд нест, фаҳмида мешавад.

Вобаста ба ин, агар андозаи бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ тасарруфшудаи молу мулки шахсони воқеӣ аз ду андозаи молу мулки ташкилотҳо, аз даҳ нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд бошад, ҷавобгарӣ тибқи м.189 КҶ Қазоқистон ба миён меояд.

Албатта, гарчанде миқдори кам ҳангоми майда тасарруф аз шакли моликият вобаста бошад ҳам, вале дар м.189 ва дигар шаклҳои тасарруф муайян намудани андозаи калон ва махсусан калон бе назардошти шакли моликият баробар муқаррар карда шудааст.

Аз ҳолатҳои вазнинкунандаи м.189 КҶ Қазоқистон ҳолати дар б. 2) қ.3 муқарраршуда ҷолиби диққат мебошад: аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад. Алабатта, ҷудо намудани чунин ҳолати вазнинкунанда асоснок мебошад, зеро аз ҷониби шахсони мансабҳои давлатиро иҷрокунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳоро зиёд менамояд.

Дар КҶ Қирғизистон бошад, ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.210 фасли VII "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ", боби 28 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" ҷойгир шудааст [5].

Бояд қайд намуд, ки дар м.210 КҶ Қирғизистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки бовар карда супоридашуда ба андозаи кам муқаррар шудааст. Миқдори кам зиёни моддие (молумулкие) ҳисоб мешавад, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят даҳ маротиба аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Нишондиҳанда барои ҳисобҳо мутобиқи қарори Жогорку Кенеш Қирғизистон (Парламент) аз 15 июни соли 2006 ба 100 сом (тақрибан 12 сомонӣ) баробар мебошад. Вобаста ба ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруф намудани молу мулки ғайр бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ новобаста аз шакли моликият дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки агар арзиши он аз 1000 сом (тақрибан 120 сомонӣ) зиёд бошад.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қ.2 м.210 КҶ Қирғизистон содир намудани чунин кирдорҳо муайян шудаанд: 1) ба андозаи назаррас; 2) аз ҷониби гурӯҳи шахсон; 3) гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ. Дар қ.3 кирдорҳои дар қ.қ. 1 ва 2 пешбинишуда ба миқдори калон ва дар қ.4: 1) ба миқдори махсусан калон; 2) шахсе, ки ба ӯ молу мулк ва (ё) маблағҳои пулӣ вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ бовар карда супорида шудааст; 3) гурӯҳи муташаккил; 4) дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Чи тавре ба назар мерасад, қонунгузории Қирғизистон ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ чун дигар шаклҳои тасарруф вобаста ба андозаи он - миқдори кам, миқдори назаррас, миқдори калон ва миқдори махсусан калон фарқгузорӣ намудааст.

Ба андешаи мо, дар қисмҳои дахлдори м.210 КҶ Қирғизистон дар як сатҳ ё дар як қисм муқаррар намудани ҷавобгарӣ, масалан барои гурӯҳи шахсон ва гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (қ.2 м.210 КҶ), гурӯҳи муташаккил ва дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (қ.4 м.210 КҶ) асоснок ҳисоб намешавад. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки ҳангоми шаклҳои зикршудаи шарикӣ дар ҷиноят содир мешаванд, гуногун мебошад.

Дар м.210 КҶ Қирғизистон эзоҳ ҷой дорад, ки мутобиқи он дар ҳолатҳои ихтиёран пардохт намудани зарари ба молик ё соҳиби дигар расонидашуда шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо барои ҷинояти мазкур озод карда мешавад.

Дар КҶ Туркманистон бошад, ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба монанди КҶ ҶТ дар фасли "Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт" боби "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" қайд гардидааст [10]. Таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун тасарруф намудани молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёри ӯ қарор дорад (м.229 КҶ), муайян мешавад.

Хусусиятҳои фарққунандаи м.229 КҶ Туркманистон нисбат ба м.245 КҶ ҶТ асосан вобаста ба ифода карда шудани ҳолатҳои вазнинкунанда ба назар мерасад: аз ҷониби хизматчии давлатӣ истифода бурдани мақоми хизматии худ ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда (дар КҶ ҶТ бо истифода аз ваколати мансабдорӣ); аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи суиистифода аз мақоми хизматии худ, ки дар м.245 КҶ ҶТ ҷой надорад.

Мутобиқи эзоҳи м.229 КҶ, шахси бори аввал ҷинояти дар қ.қ 1 ва 2 моддаи мазкурро содирнамуда аз ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ озод карда мешавад, агар ӯ ба ошкор намудани ҷиноят мусоидат намуда, пурра зарари расонидашударо барқарор карда бошад. Чунин тарзи муқарраротро, ба андешаи мо, чандон асоснок ва аниқ ба ҳисоб намеравад. Зеро вобаста ба он, агар то баровардани ҳукм шахс ба ошкор намудани ҷиноят мусоидат намояд ва пурра зарари расонидашударо пардохт намуда бошад, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили хусусиятҳои батанзимдарории азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷумҳуриҳои пасошуравӣ хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар қонунгузории ҷиноятии аксар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҳам тақрибан монанд ба танзим дароварда шудаанд. Фарқият асосан дар муайян намудани предмети ҷиноят ва муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда ба назар мерасад.

2. Дар қонунгузории ҷумҳуриҳои пасошуравӣ ба сифати предмети ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулки бовар карда супоридашуда (КҶ ФР, ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон) ё дар ихтиёри ӯ буда (Ӯзбекистон, Туркманистон) нишон дода шудааст.

3. Дар қонунгузории ҷиноятии Белорус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аломати вазнинкунандаи "бо истифода аз мақоми хизматӣ" ҷой надорад. Чунки дар он моддаи алоҳида (м.210) ба тасарруф бо роҳи суиистифода аз ваколатҳои хизматӣ бахшида шудааст, яъне ба даст овардани молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ содир шудааст, бахшида мешавад. Чунин мавқеи қонунгузории Ҷумҳурии Белорус асоснoктар ба назар мерасад, зеро тасарруфе, ки аз тарафи хизматчиён (пеш аз ҳама шахсони мансабдор) содир мешавад, ба ҷамъият хавфнокии бештар дорад.

4. Чунин ҳолатҳои вазнинкунандае, ки дар қонунгузории ҷумҳуриҳои пасошуравӣ муқаррар шудаанд, ҷолиби диққат мебошанд: 1) аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад (б. 2 қ.3 м.189 КҶ Қазоқистон); 2) аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи суиистифода аз мақоми хизматии худ (б.b) қ.3 м.229 КҶ

Туркманистон). Ҷудо намудани чунин ҳолати вазнинкунанда асоснок мебошад, зеро аз ҷониби шахсони мансабҳои давлатиро иҷрокунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳоро зиёд менамояд.

5. Андозаи зарари ҳангоми шакли дилхоҳи тасарруф расонидашуда новобаста аз шакли моликият (зарари ҷиддӣ, миқдори калон ё махсусан калон) як хел муайян шудааст, ба ғайр аз КҶ ФР, ки ин барои таъмин намудани ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият ва гунаҳгоркунии субъективӣ бештар мувофиқ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Егоров А.В. К истории понятия сравнительного правоведения / А.В. Егоров // Государство и право. - М.: Наука, 2009. - № 3. - С. 91-96.
2. Милюков С.Ф. Два пути борьбы с экономическим хищничеством (УК РБ И РФ) // Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции: сб. науч. тр. / С.Ф. Милюков //Науч.-практ. центр проблем укрепления законности и правопорядка Ген. прокуратуры Респ. Беларусь. - Минск: Изд. центр БГУ, 2016. - Вып. 9. Т. 2. - С. 187-191.
3. Рустамбеков М.Х. Курс уголовного права Республики Узбекистан. Особенная часть. Том 4. Учебник для вузов / М.Х. Рустамбеков. – Ташкент, 2018. – 475 с.
4. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ / М.Х. Рустамбеков. - Душанбе, 2008. – 566 с.
5. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.08.2022 г.). [Электроный ресус]. URL: http://cbd.Minjust.gov.kg/act/view/ru–ru/111527?Cl=ru (дата обращение: 19.03.2023).
6. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года №275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.05.2022 г.). [Электроный ресус]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414984&doc_id2=30414984#pos=46;-84&pos2=1853;-98 (дата обращение: 23.03.2023).
7. Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/? Doc _id= 31575252#pos=66; –45 (дата обращение: 19. 05. 2023).
8. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года №2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 19.10.2022) [Электроный ресус]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110&doc_id2=30421110#activate_doc=2&pos=453;-100&pos2=1914;-106 (дата обращение: 13.03.2023).
9. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года №63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 21.11.2022 г.) [Электроный ресус]. URL: https://online.zakon.kz/ Document /?doc_id=30397073&doc_id2 =30397073#activate_doc=2&pos=52;-102&pos2=1601;-106 (дата обращение: 21.04.2023).
10. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года № 222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.11.2021 г.).) [Электроный ресус]. URL: https:/ /online.zakon.kz/Document/?doc_id=31295286&doc_id2=31295286 #activate_doc=2&pos=46; -1 02&pos2 = 1821; -102(дата обращения: 21.04.2023).
11. Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дисс...канд. юрид. наук / Н.Д. Эрашвили. – М., 2003. – 195 с.


## АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИҲОИ ПАСОШУРАВӢ


Мақола ба таҳлили меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола хусусиятҳои объект, предмет, тарафи объективӣ, аломатҳои субъективӣ ва ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкур мувофиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятии Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Белорус ва дигар давлатҳои пасошуравӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили қонунгузориҳои ҷиноятҳои давлатҳои пасошуравӣ вобаста ба сохти таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба хулосае омадааст, ки мумкин аст барои такмил додани меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур дар КҶ ҶТ истифода шаванд.



**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ, мақоми хизматӣ, шахси мансабдор, ҳолатҳои вазнинкунанда, тасарруф, молу мулки ғайр, мақсади ғаразнок, моликият.


## ПРИСВОЕНИЕ ИЛИ РАСТРАТА ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ ПОСТСОВЕТСКИХ ГОСУДАРСТВ


Статья посвящена анализу норм, предусматривающих ответственность за присвоение и растрату по законодательству зарубежных государств в сравнении с уголовным законодательством Республики Таджикистан. В статье авторами анализируются особенности объекта, предмета, объективной стороны, субъективные признаки и квалифицирующие признаки данного состава преступления по уголовному закону Российской Федерации,

Республик Казахстан, Беларусь и других постсоветских государств. В результате анализа состава преступления присвоения или растраты по законодательству постсоветских государств авторы приходят к определенным выводам, которые могут быть использованы для совершенствования норм устанавливающих уголовную ответственность за данное преступление по УК РТ.

**Ключевые слова**: уголовный кодекс, уголовная ответственность, присвоение, растрата, служебное положение, должностное лицо, квалифицирующие обстоятельства, хищение, чужое имущество, корыстная цель, собственность.

**ASSIGNMENT OR EMBEZZLEMENT UNDER THE CRIMINAL LAW OF THE POST-SOVIET STATES**

The article is devoted to the analysis of the norms providing for responsibility for misappropriation and embezzlement under the legislation of foreign states in comparison with the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. In the article, the author analyzes the features of the object, subject, objective side, subjective signs and qualifying signs of this corpus delicti under the criminal law of the Russian Federation, the Republics of Kazakhstan, Belarus and other post-Soviet states. As a result of the analysis of the corpus delicti of misappropriation or embezzlement under the legislation of the post-Soviet states, the author comes to certain conclusions that can be used to improve the norms establishing criminal liability for this crime under the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** criminal code, criminal liability, misappropriation, embezzlement, official position, official, qualifying circumstances, theft, other people's property, selfish purpose, property.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Акмалзода Нодир*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: **sparchem@mail.ru**
***Шарипов Тақдиршо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах**: ***Акмалзода Надир*** – Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. E-mail: **sparchem@mail.ru**
***Шарипов Такдиршо*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Akmalzoda Nadir*** **–** Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **sparchem@mail.ru**
***Sharipov Takdirsho*** **–** Tajik National University, Doctor of Law, Professor**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 342.7(575.3)

# ТАСНИФ ВА МАЗМУНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ФАРҲАНГИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

*Латипов С.У.*

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда ва мустақили ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд тамоми ҳаёту фаъолияти маънавии шахсро фаро мегиранд. Бахри рушди маънавии шахс, истифода бурдан аз дастовардҳои фарҳангӣ, иштирок кардан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷод кардан ва ғайра ин ҳуқуқу озодиҳо шароит фароҳам меоранд.

Муаллифон номгӯйи гуногуни ҳуқуқу озодиҳоро ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ шомил менамоянд. Аз ҷумла, ба андешаи С.Б. Сафаров, ба ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ: ҳуқуқ ба таҳсил, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, иштироки озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, истифода аз дастовардҳои илмиро шомил менамояд [9,с.58]. Профессор Р.Ш. Сотиволдиев дар такя ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии шахсро ҷудо намудааст: ҳуқуқи озодона ширкат варзидан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷодии бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, ҳуқуқи истифода намудан аз дастовардҳои онҳо, ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ [10,с.366]. Э.Р. Салихова ҳуқуқ ба таҳсил, озодии таълим, озодии эҷодӣ, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва истифода аз муассисаҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи истифода аз забони модарӣ ва фарҳанги миллӣ, интихоби озоди забони муошират, тарбия, таълим ва эҷодиётро ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ дохил менамояд [11,с.187]. Муаллифон А.М., Диноршоев ва Д.С. Сафаров ҳуқуқ ба маълумот, ҳуқуқ ба дастрас намудани арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқ ба озодона иштирок намудан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ҳуқуқ ба эҷодиёт, ҳуқуқ ба истифодаи натиҷаи пешравиҳои илмӣ-техникӣ ва ғайраро ҳуқуқҳои фарҳангӣ эътироф кардаанд [2,с.88].

Як қатор олимони соҳа озодии виҷдон ва эътиқоди диниро ҳамчун ҷузъи ҳаёти фарҳангӣ ҳисобида, ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ дохил менамоянд. Чи тавре М.В. Саудханов менависад, ба гурӯҳи озодиҳои фарҳангӣ ҳамчунин озодии виҷдон ва эътиқоди диниро низ шомил намудан мумкин аст, ки он дорои мазмуни ахлоқию маънавӣ ва мазҳабӣ буда, озодии шахсро аз фишори фарҳангии аз ҷониби ҷомеа ва давлат кафолат медиҳад [12,с.63]. Профессор Р.Ш. Сотиволдиев низ дар робита ба алоқамандии ҳуқуқу озодиҳои инсон қайд менамояд, ки ҳуқуқи пайравӣ намудан ё пайравӣ накардани дин, ба ибораи дигар, озодии виҷдон – ҳуқуқи дар як вақт ҳам шахсӣ ва ҳам фарҳангӣ аст. Ҳар аъзои ҷомеа ҳақ дорад динеро пайравӣ намояд ё баръакс, аз он худдорӣ намояд. Пайравӣ намудан ё пайравӣ накардан ба ин ё он дин ихтиёри шахс аст, яъне ҳуқуқи шахсии ӯст. Аз тарафи дигар, дин ҷузъи фарҳанги ин ё он халқу миллат аст, қисми ҷудонашавандаи мероси таърихист. Аз ин хотир озодии виҷдон ҳуқуқи фарҳангӣ низ мебошад [10,с.366].

Муаллиф С.А. Бурянов дар мақолааш “Озодии конститутсионии виҷдон ҳамчун ҳуқуқи фарҳангии инсон” [1,с.85-93] ба ҳуқуқи фарҳангӣ тааллуқ доштани озодии виҷдонро асоснок менамояд.

Марозова А.Н. дар такя ба Конститутсияи Федератсияи Россия чунин ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрвандро номбар мекунад:

1. ҳуқуқ ба инкишофи озодона ва зиндагии арзанда;
2. ҳуқуқ ба истифодаи забони модарӣ, интихоби озоди забони муошират, тарбия, таълим ва эҷодиёт;
3. озодии виҷдон ва озодии эътиқоди динӣ, аз қабили алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намудан ва ё пайравӣ накардан, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намудан;
4. ҳуқуқ ба таҳсил;
5. озодии фаъолияти эҷодӣ, адабӣ, бадеӣ, илмӣ, техникӣ ва таълимӣ;

6. ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, истифода аз муассисаҳои фарҳангӣ, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ [8,с.62].

Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрвандро аз рӯйи асосҳои гуногун тасниф намудан мумкин аст. Чунончи, Д.С. Иванкина ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангиро: 1) ба ҳуқуқҳои асосии фарҳангӣ: ҳуқуқ ба озодии эҷодӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи истифода аз муассисаҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи озодона ширкат варзидан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ҳуқуқи истифода намудан аз забони модарӣ, озодона интихоб намудани забони муошират, тарбия, таълим ва эҷодиёт, ҳуқуқ ба озодии таълим ва тадқиқоти илмӣ; 2) дигар ҳуқуқҳои фарҳангӣ: ҳуқуқ ба аслияти шахсии фарҳангӣ, ҳуқуқ ба гирифтани маълумоти башардӯстонаю бадеӣ, ҳуқуқ ба моликият дар соҳаи фарҳанг, ҳуқуқ ба таъсис додани ташкилот, муассисаҳо ва корхонаҳо, ассотсиатсияҳо, иттифоқҳои эҷодӣ дар соҳаи фарҳанг, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти фарҳангӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ [5,с.32].

Аввалин санадҳои ҳуқуқие, ки дар арсаи ҷаҳонӣ қабул шудаанд ва дар онҳо оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд сухан меравад, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар соли 1948 ва Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ соли 1966 мебошанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сарчашма гирифта, ҳуқуқҳои фарҳангиро кафолат медиҳад. Дар моддаҳои 2, 40, 41-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо дар хусуси ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ муқаррар шудаанд. Дар заминаи таҳлили ақидаи олимон, мазмуни меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ чунин ҳуқуқу озодиҳои фарҳангиро номбар кардан мумкин аст:

- ҳуқуқи истифодаи озодона аз забони модарӣ, интихоби озоди забони муошират, тарбия, таълим ва эҷодиёт;
- ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа;
- ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ;
- ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ;
- ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ ва ҳимояи он;
- ҳуқуқ ба таҳсил.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо муқаррар кардани ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ маҳдуд нашуда, ҳамчунин уҳдадории инсон ва шаҳрвандро дар соҳаи фарҳанг пешбинӣ менамояд. Тибқи моддаи 44-уми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар шахс аст» [5, м. 44].

Дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг”, ки 13 декабри соли 1997 қабул шудааст, ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро дар фаъолияти фарҳангӣ таъмин ва ҳимоя менамояд.

Моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” ба таври мушаххас чунин ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрвандро муқаррар мекунад: аз комёбиҳои фарҳанги умумимиллӣ ва умумиинсонӣ озодона истифода баранд; аз рӯйи майлу рағбат ва қобилияти хеш дар ҳамаи намудҳои фаъолияти эҷодии касбӣ ва ғайрикасбӣ шуғл варзанд; соҳибҳуқуқи (муаллифи) моликияти зеҳнӣ бошанд, сирри ҳунари худро маҳфуз доранд, ба дастовардҳои эҷодии худ ихтиёрдорӣ намоянд; сарватҳои маънавӣ, зебоиписандӣ ва ғайраро озодона интихоб кунанд ва дар ҳифзи фарҳанги миллии хеш саҳм гузоранд; сарватҳои фарҳангӣ, захираҳои китобхонаҳо, осорхонаю бойгониҳои давлатиро озодона истифода кунанд; маълумоти башардӯстонаю бадеиро бе маҳдудият гиранд, шакл ва тарзи таҳсилро озодона интихоб намоянд; нисбат ба мерос ва дастовардҳои муосири фарҳангӣ ғамхор бошанд; молики молу мулки аҳаммияти таърихиву фарҳангӣ, коллексияҳо, биноҳо, иншоот, ташкилот, муассисаҳо, корхона ва объектҳои дигари фарҳангӣ бошанд; мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи сарватҳои фарҳангӣ ташкилот, муассисаҳо ва корхонаҳо, ассотсиатсияҳо, иттифоқҳои эҷодӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъсис диҳанд, дар соҳаи фаъолияти фарҳангӣ тибқи тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, вазифаи миёнаравиро адо кунанд; мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа намоишҳоро ба омма пешниҳод кунанд ва фурӯши маҳсули

фаъолияти эҷодии хешро ташкил дода, бо риояи қонунгузории он кишварҳо ба фаъолияти фарҳангӣ машғул шаванд, ташкилотҳои фарҳангӣ таъсис диҳанд.

Аз мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ ва андешаи олимони соҳа бармеояд, ки номгӯйи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд васеъ буда, дар як мақолаи илмӣ мавриди таҳлил қарор додани мазмуни онҳо имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мо дар мақолаи мазкур мазмуни ҳуқуқу озодиҳои асосии фарҳангии инсон ва шаҳрвандро мавриди баррасӣ қарор додем.

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ҳуқуқи истифода аз муассисаҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ – ҳуқуқҳои муҳимтарини фарҳангӣ шахс маҳсуб меёбанд.

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа. Аввалин маротиба ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дарҷ гардида буд, ки тибқи он "Ҳар шахс ҳуқуқ дорад дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа озодона ширкат варзад" [14, м. 27]. Минбаъд ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа дар дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба таври зайл баён гардид: ҳуқуқи баробари иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ (Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳам додани ҳамаи намудҳои табъизи нажодӣ с. 1965), ҳуқуқи иштирок дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ (Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳам додани ҳамаи намудҳои табъиз нисбати занон с. 1979), ҳуқуқ ба иштироки ҳамаҷониба дар ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодӣ (Конвенсия оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак с. 1989), ҳуқуқи дастрасӣ ба ҳаёти фарҳангӣ ва ширкат дар он (Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо с. 1990), ҳуқуқи иштироки баробар бо дигарон дар ҳаёти фарҳангӣ (Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи маъюбон с. 2006).

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангиро Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ соли 1966 муқаррар намуда, таъмин гаштани онро аз тарафи давлатҳои ширкаткунандаи Паймон талаб менамояд (моддаи 15).

Фарҳанг маҷмуи арзишҳои моддию маънавии аз тарафи инсоният офарида шуда мебошад, ки бо мақсади рушди маънавии шахс истифода мешаванд. Ҳаёти фарҳангӣ ин фаъолияти инсон, ҷомеа ва давлат вобаста ба бунёди арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, нигоҳдорӣ ва аз насл ба насл гузаштани онҳо, инчунин мусоидат ба рушди фарҳанги миллию ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ин имконияти дар қонунгузорӣ кафолатдодашудаи ҳар як фард ҷиҳати шахсан худ ва ё якҷоя бо дигарон ширкат варзидан дар эҷод ва ташаккули арзишҳои моддию маънавӣ, истифода бурдан аз дастовардҳои фарҳангӣ, ташриф овардан ва баҳра гирифтан аз муассисаҳои фарҳангӣ, озодона интихоб намудани аслияти фарҳангии худ, интихоби озоди забони муошират, таълим, тарбия ва эҷодиёт мебошад.

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ҳуқуқи ҳар шахс мебошад, яъне ба ҳамаи инсонҳо новобаста аз шаҳрвандӣ, миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк тааллуқ дорад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд ҳуқуқ доранд дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа озодона ширкат варзанд.

Доир ба мафҳум, хусусият ва аҳаммияти ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа олимони соҳа андешаҳои гуногун доранд. Б.А. Сафаров дар натиҷаи ҷамъбасти андешаи олимони соҳа чунин мафҳуми ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеаро пешниҳод менамояд: "... тахти ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ фаъолияти дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории муқарраршудаи инсон, ҷомеа ва давлат, ки баҳри офаридан, маҳфуз доштан, ҳимоя ва ҳифз кардани арзишҳои гуногуни моддӣ ва маънавӣ, ба наслҳои оянда расонидани онҳо, дастгарӣ ва инкишоф додани фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, такмилдиҳии маънавии шахс ва миллат, фаҳмида мешавад" [2,с.60].

А.М. Диноршоев қайд менамояд, ки ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ҳуқуқ ба худмуайянкунии фарҳангии инфиродӣ ва дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангии аз тарафи тамоми инсоният офаридаро дар бар мегирад. Муаллиф иброз менамояд, ки амалигардонии ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад, зеро миллати тоҷик дорои таърих ва адабиёти бой мебошад. Андешаҳои

худро тақвият дода, А.М. Диноршоев чунин унсурҳои ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеаро номбар менамояд: ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии давлат, дастрасӣ ба захираҳои фарҳангӣ, илмӣ ва таълимии дигар; озодии эҷодӣ ва фаъолияти илмӣ [3,с.98].

Ба андешаи Е.А. Кукин, барои таъмини ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ давлат, аз як тараф, бояд аз ин ё он амал худдорӣ намояд (масалан, дар амалигардонии фаъолияти фарҳангӣ, дастрасӣ ба неъматҳо ва хизматрасониҳои фарҳангӣ бояд дахолат накунад), аз тарафи дигар, тадбирҳои ҳавасмандкуниро андешад (таъмини пешакии шароит барои иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, барои мусоидат ба он ва ҳавасмандкунии он, ҳамчунин таъмини дастрасӣ ба неъматҳои фарҳангӣ ва муҳофизати онҳо) [6,с.210].

Андешаи олимони соҳаро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, чунин хусусиятҳои ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеаро номбар кардан мумкин аст:

- ин ҳуқуқи ҳар фарди ҷомеа мебошад, ба шаҳрвандӣ, миллат, нажод, ҷинс, мавқеи иҷтимоӣ алоқамандӣ надорад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҷиҳати иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ҳуқуқи баробар доранд;
- ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ин ҳуқуқ ҳам ба истифода аз неъматҳои моддию маънавӣ ва ҳам офаридани ин неъматҳост;
- ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа дар баробари аҳаммияти фарҳангии худ, ҳамчунин аҳаммияти муҳимми таърихӣ низ дорад ва бо истифода аз он дастовардҳои фарҳангӣ аз насл ба насл мегузоранд;
- ба амалигардонии ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа давлат дахолат накарда, лекин бояд шароит фароҳам орад;
- ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба монанди ҳуқуқ ба таҳсил, ба озодии сухан, дастрасии иттилоот, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ робитаи ногусастанӣ дошта, дар алоқамандӣ ба онҳо амалӣ мешавад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа яке аз ҳуқуқҳои асосии фарҳангии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, ба ҳар шахс имконият медиҳад, ки дар эҷод, эҳё, ҳифз, рушд ва интишори неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ширкат варзида, аз арзишҳои фарҳангӣ самаранок истифода намояд.

*Ҳуқуқи истифода аз муассисаҳои фарҳангӣ.* Ҳар шахс ҳуқуқ дорад аз муассисаҳои фарҳангӣ истифода намуда, баҳра гирад. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи истифода аз муассисаҳои фарҳангӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдрас нашудааст. Ин ҳуқуқ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” кафолат дода шудааст. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи фарҳангӣ шахси ҳуқуқие мебошад, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, самти асосии фаъолияти он ба соҳаи фарҳанг алоқаманд мебошад [7, м. 1].

Ба муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд: радио ва телевизион, театрҳо, филармонияҳо, оркестрҳо, ансамблҳо, коллективҳои дигари эҷодӣ, осорхонаҳо, китобхонаҳо, бойгониҳо, кинотеатрҳо, намоишгоҳҳои бадеӣ, клубҳо, марказҳои дизайнерӣ, тадқиқотӣ ва тармимӣ, мамнуъгоҳҳо ва минтақаҳои фарҳангии таърихӣ. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад аз муассисаҳои дар боло номбаршудаи фарҳангӣ истифода намояд, аз онҳо баҳра бардорад, ғизои маънавӣ гирад.

*Озодии фаъолияти эҷодӣ.* Фаъолияти эҷодӣ фаъолиятест, ки ба офаридани арзишҳои фарҳангӣ алоқаманд аст. Чи тавре И.Р. Степанова қайд мекунад: “Эҷодиёт ҷузъи фаъолияти маънавии инсон вобаста ба истеъдод мебошад, ки барои офаридани ягон чизи нави аслӣ равона шудааст” [13,с.46].

Фаъолияти эҷодӣ фаъолияти озодонаи ҳар фарди ҷомеа мебошад ва аз ҳар гуна дахолат бояд эмин бошад. Чунончи, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии фаъолияти эҷодиро эътироф карда, давлат ба он дахолат намекунад. Давлат фаъолияти эҷодиро дастгирӣ карда, ба рушди он ёрии моддию маънавӣ мерасонад, эҷодиётро аз дахолати муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, ҳизбҳо ҳимоя мекунад, барои амалӣ гаштани маҳсули эҷодкор мадад мерасонад.

Давлат на танҳо баҳри эҷодиёти касбӣ шароит фароҳам меорад, инчунин эҷодиёти ғайрикасбиро (ҳаваскорӣ) низ дастгирӣ намуда, барои инкишофи ҳамаи намудҳои фаъ-

олияти эҷодии касбӣ, ғайрикасбӣ (ҳаваскорӣ), санъати театрӣ, тасвирӣ, мусиқӣ, кино, сирк, телевизион, радио, эҷодиёти бадеии халқ, эҷодиёти касбии анъанавӣ, фаъолияти эҷодии устодони халқӣ ва ғайра, шароитҳои зарурӣ муҳайё карда, барои гирифтани маълумоти касбӣ, такмили ихтисос, дар иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо, ҷамъиятҳо ва маҳфилҳои эҷодӣ озодона муттаҳид шудан кафолат медиҳад [7, м. 13].

Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки фаъолияти эҷодӣ аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфта, баҳри инкишофи он шароит фароҳам оварда мешавад. Ҷиҳати такмили конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ, аз он ҷумла ҳуқуқ ба фаъолияти озоди эҷодӣ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби озоди забони муошират, таълим, тарбия ва эҷодиёт кафолат дода шавад.

*Ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ* низ, ҳуқуқи муҳимтарини фарҳангӣ мебошад. Ба арзишҳои фарҳангӣ бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, коллексияҳои нодиру ашёҳои қадимӣ ва асарҳои санъат, аз қабили мусаввараҳо, осори наққошӣ, расмҳо, муҷассамаҳо, номҳои аҳаммияти таърихӣ дошта, асарҳои ороишӣ (дизайнерӣ), китобҳои дастнавис, дастхатҳои муаллифон, катибаҳо, ҳуҷҷатҳои таърихӣ, нусхаҳои нодир, оромгоҳҳои шахсиятҳои маъруф, боғот ва манзараҳои табиии аҳаммияти фарҳангӣ дошта ва ғайра дохил мешаванд. Ҳамчунин, ба арзишҳои фарҳангӣ анъана ва воситаҳои шифоҳии ифода, аз ҷумла забон, урфу одат, маросиму ҷашнҳо, донишу малакаҳои ба табиату сайёра ва ҳунарҳои анъанавӣ вобаста, инчунин ашёву воситаҳои иҷрои онҳо дохил мешаванд. Ҳуқуқи дастрасӣ доштан ва истифода бурдан аз ин арзишҳои фарҳангӣ кафолат дода мешавад.

Ҳамин тавр, аз ҷониби олимони соҳа таснифҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд пешниҳод карда мешаванд. Баъзе андешаҳои олимон вобаста ба номгӯйи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд мавриди баҳс қарор дода мешаванд. Аз ҷумла, масъалаи ба ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд шомил намудани озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ баҳснок мебошад ва ин андеша тарафдорон ва мухолифони худро дорад.

Бо мақсади такмили конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби озоди забони муошират, таълим, тарбия ва эҷодиёт кафолат дода шавад. Ин меъёрро дар давоми ҷумлаи банди сеюми моддаи 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намудан мумкин аст.

**Муқарриз: д.иҳ., профессори ДМТ - Диноршоев А.М.**

### АДАБИЁТ


1. Бурянов С.А. Конституционная свобода совести как культурное право человека / С.А. Бурянов //Сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры международного права и прав человека юридического института МГПУ. Под общ. ред. Е.М. Павленко. – М.: Права человека, 2016. – С. 85-93
2. Диноршоев А.М. Ҳуқуқи инсон / А.М. Диноршоев, Д.С.Сафаров. – Душанбе, 2010. – 296 с.
3. Диноршоев А.М. Реализация права на образование и участие в культурной жизни в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев //Сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры международного права и прав человека юридического института МГПУ. Под общ. ред. Е.М. Павленко. -М.: Права человека, 2016. -С.94-102.
4. Иванкина Д.С. Культурные права и свободы человека и гражданина: вопросы содержания, методологии и классификации / Д.С. Иванкина // Журнал российского права. -2020. -№ 4. – С. 28-41.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2017. – 126 с.
6. Кукин Е.А. Право человека на участие в культурной жизни: международно-правовые аспекты / Е.А. Кукин //Вестник РУДН, серия Юридические науки. – 2012. - № 1. – С. 208-213.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг" //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 1997. - № 23-24. -Мод. 352; - 2001. - № 4. -Мод.143; - 2003. -№12. -Мод. 691; - 2008. - №10. -Мод.819; - 2009. - № 8. -Мод.499; - 2011. -№6. -Мод. 445.
8. Марозова А.Н. Конституцинно-правовые гарантии участия граждан в культурной жизни российского общества: Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук / А.Н. Марозова. - Москва, 2004. – 209 с.
9. Сафаров Б.А. Вопросы реализации права на участие в культурной жизни в Республике Таджикистан / Б.А. Сафаров //Сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры международного права и прав человека юридического института МГПУ. Под общ. ред. Е.М. Павленко. – М.: Права человека, 2016. – С. 58-65
10. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва хуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 720.

11. Салихова Э.Р. Культурные права: понятие, признаки и виды / Э.Р. Салихова. Текст: непосредственный // Молодой ученый. -2018. -№46. –С.187-189. URL: https://moluch.ru/archive/232/54015/(санаи муроҷиат: 18.10.2023).
12. Саудханов М.В. Система культурных прав свабода человека и гражданина в Конснтитуции Российской Федерациии / М.В. Саудханов // Расследование преступлиний: проблемы и пути их решения. -2021. -№2. – С. 61- 67.
13. Степанова И.Р. Конституционные права и свободы человека и гражданина в российской федерации в области культуры: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук / И.Р. Степанова. –М., 2010. – 181 с.
14. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Манбаи электронӣ]. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.11.2023).

**ТАСНИФ ВА МАЗМУНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ФАРҲАНГИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД**

Масъалаҳои аҳаммият, тасниф ва мазмуни ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Андешаи олимон вобаста ба намудҳои ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд дар низоми ҳуқуқу озодиҳои асосии шахс муайян карда шуда, мазмуни ҳуқуқ ва озодиҳои асосии фарҳангии инсон ва шаҳрванд тадқиқ гардидаанд. Дар заминаи таҳлили андешаҳои олимони соҳа ва меъёрҳои ққонунгузорӣ таснифи ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд ба амал баровarda шудааст. Мавқеи олимони соҳа вобаста ба таснифи ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд таҳлил шуда, доир ба таҳкими конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангии инсон ва шаҳрванд пешниҳодҳо манзур гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ, таснифи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ, ҳаёти фарҳангии ҷомеа, озодии фаъолияти эҷодӣ, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, муассисаи фарҳангӣ, эҷоди касбӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, озодии интихоби забони муошират, озодии виҷдон

**КЛАССИФИКАЦИЯ И СОДЕРЖАНИЕ КУЛЬТУРНЫХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА**

Проанализированы вопросы значения, классификации и содержания культурных прав и свобод человека и гражданина. Определено мнение ученых о видах культурных прав и свобод человека и гражданина в системе основных прав и свобод человека, а также было исследовано содержание основных культурных прав и свобод человека и гражданина. На основе анализа мнений ученых и законодательных норм реализована классификация культурных прав и свобод человека и гражданина. Обсуждается позиция ученых в области классификации культурных прав и свобод человека и гражданина, предлагается укреплять конституционные права и культурные свободы человека и гражданина.

**Ключевые слова:** культурные права и свободы, классификация культурных прав и свобод, культурная жизнь общества, свобода творческой деятельности, доступ к культурным ценностям, учреждение культуры, профессиональное творчество, право на образование, свобода выбора языка общения, свобода совесть.

**CLASSIFICATION AND CONTENT OF CULTURAL RIGHTS AND FREEDOMS OF HUMAN AND CITIZENS**

The issues of the meaning, classification and content of the rights and cultural freedoms of man and citizen are analyzed. The opinion of scientists about the types of rights and cultural freedoms of man and citizen in the system of fundamental human rights and freedoms, as well as the content of the basic cultural rights and freedoms of man and citizen, was investigated. Based on an analysis of the opinions of scientists and legislative norms, a classification of cultural rights and freedoms of man and citizen is implemented. The position of scientists in the field of classification of cultural rights and freedoms of man and citizen is discussed, and it is proposed to strengthen the constitutional rights and cultural freedoms of man and citizen.

**Keywords:** cultural rights and freedoms, classification of cultural rights and freedoms, cultural life of society, freedom of creative activity, access to cultural values, cultural institutions, professional creativity, right to education, freedom to choose the language of communication, freedom of conscience

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Латипов Суннатулло Убайдуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, муалими калон. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17/1. Телефон: **117701223** E-mail: **sunnatullo.latipov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Латипов Суннатулло Убайдуллоевич*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, кафедра конституционного права, старший преподаватель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, микрайон 17/1. Телефон**:** **117701223** E-mail: **sunnatullo.latipov@mail.ru**

**Information about author**: ***Latipov Sunnatullo Ubaydulloevich*** **-** Tajik State University of law, business and politics, law Faculty, department of State Education and Constitution senior lecturer. **Address:** 735700, Khujand,Republic of Tajikistan, 17/1 micro district. Phone: **117701223** E-mail: **sunnatullo.latipov@mail.ru**

ТДУ: 34.01(575.3)

# МОҲИЯТИ ҚОНУН ҲАМЧУН НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ

*Валиева Ф.С.*
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**

Имрӯз давлате нест, ки дар ташаккули тартиботи ҳуқуқӣ аз қонун истифода накунад. Қонун ҳамчун воситаи истисноии идоракунии давлатӣ ва сарчашмаи асосии ҳуқуқ боқӣ мемонад, ки дар низоми мураккаби иртибототӣ сохтори иҷтимоии аз тарафи давлат тарҳрезишударо созмон медиҳад. Аз назари нуфузи иҷтимоии бузурге, ки қонун тайи ҳазорсолаҳо касб кардааст, пайваста таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб мекунад ва зарурати коркарди илмии онро вобаста ба замон ва шароит тақозо менамояд.

Сарчашмаҳои қадимтарини ҳуқуқ, ки асосан маҷмуи расму ойини қавмиву маҳаллӣ буданд, дар мамолики шарқи қадим ба вуҷуд омадаанд. Ёдгориҳои хаттии таърихии Байнаннаҳрайн аз ҳазораи 3-2 пеш аз милод, қонунҳои Урукагин тақрибан аз 2400 сол пеш аз милод, қонунҳои шумерии сулолаҳои Исин ва Ларсаи аз асрҳои XXI-VIII пеш аз милод ва қонунҳои Ҳаммурапӣ аз асри VIII пеш аз милод то замони мо расидаанд [8,с.71]. Ҳанӯз дар давраи қадимтарин тамоюли фарқ кардани қонунҳои дуруст (кайҳонӣ, илоҳӣ ва баъдан ҳуқуқӣ) ва нодуруст (заминӣ, ғайриқонунӣ) ташаккул ёфта буд. Дар баробари ин дар “ҳуқуқшиносии” қадим байни ҳуқуқ ва қонун тафовути дақиқ вуҷуд надошт. Мафҳуми «қонун» аз меъёрҳои танзими иҷтимоӣ, ки ҳуқуқшиносони Рум онро «одатҳои ниёгон» ва «тафсирҳои шоҳона» номидаанд, фарқ мекард. Қонунро ҳамчун иродаи илоҳӣ мефаҳмиданд ва ҳуқукро бошад коҳинони давлатӣ таҳия мекарданд. Мафҳуми классикии «ҳуқуқ», ки дар «Ниҳодҳо»-и Гай истифода шудааст, дар охири асри VI – ибтидои асри V-и пеш аз милод дар натиҷаи муборизаи байни табақаҳои иҷтимоии патрисийҳо ва плебейҳо пайдо шудааст [10,с.46]. Аввалин қонунҳои то замони мо таҳияшуда аз урфу одатҳои ҳуқуқӣ танҳо бо ду ҷиҳат фарқ мекарданд: шакли хаттӣ доштанд ва аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ҳамчун қоидаҳои муқарраргардида ҳифз мегардиданд. Аммо на ҳамаи осори ҳуқуқии боқимондаро ҳамчун ҳуқуқи маъмулӣ ба маънои имрӯзиаш фаҳмидан мумкин аст. Сабабро метавон дар мисоли таърихи офариниши Қонунҳои Дракontии соли 621 пеш аз милод баррасӣ кард. Драконт муваззаф шуд, ки меъёрҳои ҳуқуқи маъмулии он вақтро дар шакли қонуни хаттӣ нависад. Аммо ин қонунҳо хеле бераҳмона буданд, ки барои ҳамин онҳо ба ибораи дигар – “Қонунҳои аждаҳоӣ” номида шуданд. Юнониён дар бораи онҳо навиштаанд, ки “Қонунҳои Драконт на бо ранг, балки бо хун навишта шудаанд” [4,с.123]. Ҳамзамонони Драконт, ки намояндагони ҳамон халқият буданд, қонунҳоро танқид карда, онҳоро аз ҳад зиёд бераҳмона медонистанд ва аз ин ҷо метавонем натиҷагирӣ кунем, ки қонуни навишташуда ба онҳо ошно набуд ва мутаносибан ба анъанаҳои ҳуқуқии ондаврaӣ мувофиқат надошт.

Ин мисол масъалаи сунъӣ будани моҳияти қонун ва таъсири ангезаи субъективии муаллиф ба мундариҷаи санадро ба намоиш мегузорад. Ба сифати маҷмуи ҷузъҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, қонун ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқшиносӣ қабул карда мешавад. Аммо аз тарафи дигар, аз замонҳои қадим то имрӯз қонунҳоро танҳо сиёсатмадорон барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ қабул мекунанд. Моҳияти табиати дугонаи ҳуқуқ дар ҷанбаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доштани он пайдо мешавад. Низоми сиёсиву ҳуқуқӣ ҳамчун категорияҳо дар андозаҳои тахайюлӣ ва воқеӣ дарк карда мешавад, ки дар он аввалӣ бо ақидаҳои назариявии муҳаққиқ дар бораи маҷмуи унсурҳои муайяни соҳаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ қайд карда мешавад ва дуюмӣ бошад, мавқеи воқеии онҳоро инъикос мекунад.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ ба таври табиӣ, барои муддати дароз ва дар шакли урфу одатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Бо вуҷуди ин, ин падида беназму низом аст. Урфу одат дар фосилаи замонӣ ва шароити иҷтимоӣ зуд тағйир меёбад ва дар миёни гурӯҳҳо ва маконҳои гуногуни иҷтимоӣ фарқ мекунад. Мутаносибан, қонунгузор расму оинро ба тaври субъективӣ аз призмаи ҷаҳонбинӣ, манфиат ва эътиқоди худ баррасӣ намуда, танҳо он қоидаҳоеро, ки ба ҳадафҳои ӯ мувофиқанд, ба мушоҳида мегирад. Бар хилофи урфу одат, ки бо роҳи таҳавввулпазирӣ ташаккул, тағйир ва хотима ёфта, аксуламали ҷомеаро ба тағйирот дар шароити воқеияти объективӣ инъикос мекунанд, қонун падидаи сунъӣ

буда, аз ҷониби одамон дар пайи хоҳиши расидан ба ҳадафҳои муайян ба вуҷуд омадааст. Аз ҳамин ҷост, ки Ганс Келзен қобилияти давлатро дар инъикоси урфу одатҳои ҳуқуқӣ дар қонуни позитивӣ танҳо яке аз эҳтимолиятҳо ҳисоб намуда, дар баробари ин қайд мекунад, ки: «Меъёрҳои умумии ҳуқуқие, ки қонунгузорӣ ба вуҷуд овардааст, огоҳона ҷорӣ карда мешаванд, яъне меъёрҳо ба қонун табдил мешаванд» [2,с.54].

Далели дигаре, ки мафҳуми қонунеро, ки меъёрҳои урфу одатро инъикос менамояд, инкор мекунад, дар таърих мавҷудияти шумораи зиёди санадҳое мебошад, ки бо такя бар онҳо зулм, наслкушӣ ва дигар ҷиноятҳои зидди инсоният содир карда шудаанд ва бинобар ин чунин санадҳо манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоиро ба таври қатъӣ поймол мекунанд, ки бешубҳа, дар анъанаҳои ҳуқуқии онҳо ҷой доштанашон ғайриимкон буд. Ба унвони намунаи чунин санад аз таърихи муосир метавон Қарори ИҶШС «Дар бораи ҳифзи моликияти корхонаҳои давлатӣ, колхозӣ ва кооператсия ва таҳкими моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)» аз 7 августи соли 1932-ро тазаккур дод, ки мунҷар ба қаҳтии бузург дар Украина (Ҳолодомор) гашт [1,с.256-261]. Чунин ҳолатҳо тезисро дар бораи ҳадафи қонун – танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар доираи меъёрҳои муқаррарӣ инкор намуда, вале моҳияти субъективии моҳияти қонунро ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсии ҳукумати кунунӣ исбот мекунанд, ки дар он инъикоси расму ойин дар қонуни позитивӣ ба ҷуз як тасодуфи тобеъ ба иродаи қонунгузор чизи дигаре нест.

Мақсади асосии ба таври ҳуқуқӣ муайяншудаи қонун танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аҳаммияти баррасии алоҳидаи ин категорияро муайян мекунад. Назарияи муносибатҳои ҳуқуқӣ имрӯз одатан на дар бархӯрди ақидаҳои ҳуқуқи табиӣ ва позитивӣ, балки аз рӯи тархрезиҳои ҳамзистии мутаносиби онҳо баррасӣ мешавад, ки дар он ҳокимияти давлатӣ тавассути қонун танҳо баъзе муносибатҳои ҷамъиятиро, ки берун аз ихтиёри ӯ ба вуҷуд омадаанд, танзим мекунад. Агар ҳуқуқшиносони Рими Қадим муносибатҳои ҳуқуқиро ҳамчун робитаи байни субъектҳои аз шартнома ё ҳуқуқвайронкунӣ ва баъдан аз квази-шартнома ва квазиделиктӣ ба вуҷуд омада ҳисоб мекарданд, пас дар айни замон таҳти мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқ ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятие, ки қонун танзим мекунад, баррасӣ мешавад [7,с.112].

Бо вуҷуди ин, дар бораи падидаи ҳуқуқ ва оқибатҳои ҳуқуқӣ (юридикӣ) нуқтаи назари зиддиятнок боқӣ мемонад. Мавқеи позитивистиро дар ин ҷо далели эътирофи ҳолатҳое рад мекунад, ки гурӯҳи иҷтимоӣ метавонад қонунҳои навишташудаеро қабул накунад, пас муносибатҳои ҳуқуқии пешбинишуда ба вуҷуд намеоянд ва дар натиҷа қонун муносибатҳои дигареро, ки бо вайрон кардани он алоқаманданд, ба вуҷуд меорад. Андешаҳои табиӣ-ҳуқуқӣ аз ин парадокс канорагирӣ мекунанд, зеро дар ин ҷо танҳо он муносибатҳое, ки дар воқеияти объективӣ ба вуҷуд омадаанд, дар сурати риояи як қатор меъёрҳо ҳуқуқӣ мешаванд ва чизеро ки ба вуҷуд наомадааст ва вуҷуд надорад, муносибат номидан мумкин нест. Мутаносибан, дар ҳуқуқи позитивӣ далели ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ аз рӯи меъёр танҳо эҳтимолият буда, аз рӯи муносибатҳои табиӣ танҳо қоидаҳое номида мешаванд, ки аз ҷониби гурӯҳи иҷтимоӣ аллакай вуҷуд доранд ва амал мекунанд.

Донистани тафовути мавҷудияти муносибатҳое муҳим аст, ки метавонанд танҳо ҳуқуқӣ-позитивӣ бошанд ва ба монанди муносибатҳои ҳуқуқии табиӣ наметавонанд берун аз танзими давлатӣ вуҷуд дошта бошанд. Масалан, фарқи байни ҳуқуқи воқеии ихтиёрдории ашё ва ҳуқуқи моликиятро, ки падидаи истисноии ҳуқуқӣ-позитивӣ мебошад, ҳамчун шакли кафолати давлат ба соҳибмулк дар дахлнопазирии молу мулки ба ӯ тааллуқдошта бидуни ихтиёри ӯ мисол овардан мумкин аст. Дузди телефон ҳуқуқ ба моликияти онро ба даст намеорад, балки дидаву дониста ба хотири соҳиби телефон шуданаш ба хавфи ҷазои ҷиноӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар сатҳи ҳуқуқи позитивӣ моликият дар ихтиёри соҳиби телефон боқӣ мемонад ва давлат дар иҷрои уҳдадориҳои кафолати молу мулк субъективияти ҳуқуқӣ пайдо мекунад, ки дар натиҷа муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд. Аммо дар сатҳи табиӣ-ҳуқуқӣ, дузд телефонро дар ихтиёри худ гирифт ва соҳиби қаблӣ онро аз даст дод.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи моликият берун аз меъёрҳои давлатӣ вуҷуд дошта наметавонад ва як падидаи ҳуқуқии позитивӣ буда, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ бошад, новобаста аз иродаи давлат вуҷуд дорад. Дар шакли эмпирикӣ ин падидаҳоро дар мисоли бозори мавҷудаи

савдо дар Тоҷикистон барои мошинҳои аз расмиёти гумрукӣ нагузашта мушоҳида кардан мумкин аст. Фурӯшандагони чунин амвол ба он ҳуқуқи моликият надоранд ва харидорон ин ҳуқуқро ба даст намеоранд, ки ба тарафҳо барои қабули қарор дар бораи иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқии хариду фурӯши ҳуқуқи воқеии ихтиёрдории ашё, бе кафолати давлат барои моликият, вале бо тағйирёбии назарраси вазъи молиявии онҳо халал намерасонад. Аммо бо назардошти ҳамзистии воситаҳои танзими давлатӣ ва ғайридавлатии муносибатҳо, бояд гуфт, ки ҳуқуқи позитивӣ дар шакли хаттии худ аллакай беш аз чор ҳазор сол вуҷуд дорад, ки баъзе муқаррароти онро дар фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ҳамчун унсурҳои бунёдӣ устувор гардонидааст. Дар асоси онҳо ҳатто охирин падидаҳои табиию ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи моликият ташаккул меёбанд, ки аз тарафи баъзе аз олимон имрӯз ҳамчун на як ҳуқуқи позитивӣ, балки ҳуқуқи табиӣ қабул карда мешавад.

Одатан, дарки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар пешгӯии парвандаи мушаххас – муносибати байни ду ё гурӯҳи хурди одамон, ки дар воқеияти объективӣ ба миён меоянд, зуҳур мекунад. Унсурҳои таркибии онҳо инҳоянд: объект – ашё, ҳолат, падидае, ки ба хотири ба даст овардани он тарафҳо бо ҳамдигар робита мекунанд; субъект – шахсе, ки дар сурати риояи талаботи муқарраргардида ҳуқуқи талаби иштирок дар муносибатҳоро гирифтааст; мазмун ё мундариҷа – як қоидаи мустақим, тартиби пайдарпайи амал/беамалии тарафҳо мебошад, ки аз рӯи он натиҷаи дилхоҳ ба даст меояд.

Як ҳолати хусусии муносибати ҳуқуқӣ одатан дар макони мушаххасе, ки тарафҳо шартнома мебанданд, ба миён меояд. Дар фазои умумии як давлат бо мақсади омӯхтан ва таъмин намудани принсипи якрангӣ қоидаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи абстрактӣ, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои миёнаи оморӣ сохта шудаанд, баррасӣ карда мешаванд. Бар ин асос, муносибатҳои хариду фурӯш ҳамчун як ҳолати хусусӣ вуҷуд доранд ва мо дарк мекунем, ки иштирокчиён одамони мушаххасе мебошанд, ки дар як макони муайян таҳти таъсири омилҳои сершумори инфиродӣ қарор доранд ва ин авомил метавонанд мундариҷаи муомилот ва ҳатто оқибатҳои ҳуқуқии онро муайян кунанд. Аммо қонунгузор барои танзими чунин муносибатҳо хариду фурӯшро ҳамчун як падидаи абстрактии доимӣ бо низоми қоидаҳое, ки ба субъектҳо хос аст, новобаста аз маҳалли будубоши онҳо ва хусусияти инфиродӣ қабул мекунад.

Мутаносибан муносибатҳои ҳуқуқӣ падидаи мушаххас мебошанд, ки онҳо аллакай дар воқеияти объективӣ ба вуҷуд меоянд, вале танзими онҳо тақозо мекунад, ки вуҷуди ҷомеа ба шакли як воҳиди абстрактӣ, воҳиде, ки ба таври мустақил дар замону макони умумӣ вуҷуд дорад, умумият бахшида шавад. Дар доираи чунин воҳидҳо низоми қоидаҳо ташаккул меёбад, ки онро давлат ҳамчун адолати ягона барои ҳамаи иштирокчиён, сарфи назар аз макони будубошашон муайян мекунад.

Аммо баррасии тағйири қоида дар андозагирии вақт бидуни таҳлили падидаи далели ҳуқуқӣ, ҳамчун шарти ҳатмӣ барои пайдоиш, қатъ ва табдили муносибатҳои ҳуқуқӣ ғайриимкон аст [9,с.287]. Барои мафҳуми таърихии назарияи далелҳои ҳуқуқӣ ҳолатҳои муҳим ин аст, ки маҳз фаҳмиши он дар доираи ҳуқуқи догматикии расмӣ дар зери таъсири позитивизми ҳуқуқӣ инкишоф ёфтааст [12]. Қобилияти берун аз табиати меъёрии муносибатҳо вуҷуд доштани далели ҳуқуқиро аксарияти олимон ё инкор мекунанд ва ё ҳадди аққал зери шубҳа мегузоранд. Масалан, Маряна Пленюк ва Анатолий Коструба қайд мекунанд, ки «далелҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи табиӣ на ба унвони воқеияти ғайривоқеӣ, балки фақат дар сурати як андоза ҳақиқат ва асоси таърихӣ доштани далел ба унвони воқеият ба ҳамдигар мухолифат мекунанд» [6,с.59].

Аммо далели ҳуқуқӣ ба шакли муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он мавҷуд аст, мутаносибан мустақим аст. Далеле, ки бо ҳуқуқи позитивӣ муқаррар шудааст, ба муносибатҳои ҳуқуқии позитивие, ки ба он вобаста аст, таъсир мерасонад. Ҳамон гуна ки муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар як гурӯҳи иҷтимоӣ ба таври табиӣ ба вуҷуд меоянд, далелҳои ҳуқуқии табииро низ ҳамчун ҳолатҳои воқеияти объективӣ, ки аз пайдоиши онҳо қоида амалӣ мегардад, таъмин хоҳанд кард. Аз нуқтаи назари таҷрибавӣ на танҳо таърих, балки замони муосир низ мисолҳои зиёдеро дар робита ба амалӣ шудани далели ҳуқуқӣ берун аз қонун ва меъёрҳои он дорад. Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи ибтидоӣ маросими покушоӣ (инициация) марҳилаи ниҳоӣ ба ҳисоб мерафт, ки шахсро барои иштирок дар

муносибатҳои муайян (шикор, издивоҷ ва ғ.) ба субъекти ҳуқуқ табдил медод. Дар шароити муосир, мо метавонем истихроҷи криптоасъор (криптовалюта)-ро мисол оварем, ки маҳсулоти мушаххасеро ба мисли Bitcoin, ки арзиши воқеии пулӣ дорад ва вазъи иқтисодии соҳиби онро ба таври назаррас дигаргун мекунад, дар ҳоле ки қонунгузории ҶТ криптоасъорро ҳатто ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ эътироф накардааст.

Муносибатҳои ҳуқуқии табиӣ ва далелҳои ҳуқуқӣ, ки новобаста аз иродаи давлат вуҷуд доранд, ба меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ, ки ба шарофати нуфузи давлат ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ғайридавлатӣ таъсир расонидааст, вобастагии назаррас доранд. Дар акси ҳол (дар сурати мавҷуд набудани чунин таъсири қонун) сатҳи баланди пӯёии тағйирёбии меъёри табиӣ имкон намедиҳад, ки ин падидаи ҳуқуқӣ рушди таҳаввулӣ пайдо кунад. Қонунҳои табиӣ ва позитивӣ ба ҳам мухолиф нестанд, балки дар шароити вобастагии дутарафа қарор доранд, ки дар он ҷо ҷомеа қодир аст меъёри расман қабул шударо қабул накунад ва меъёри сифатӣ метавонад фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро тағйир диҳад.

Моҳияти қонун дар татбиқи тарҳрезии фарзияи идрок ҳамчун манбаи иттилооте ифода меёбад, ки шахсро дар шакли хаттӣ дар бораи қоидаи рафтор ва шахси ваколатдори мақомоти давлатиро дар бораи амалҳои худ дар ҷавоб ба рафтори инсонҳо хабар медиҳад. Дар ин ҷо унсурҳои зерин ба ҳам омадаанд: дастрас будани маълумот ҳам аз назари мундариҷа ва ҳам аз назари равиши паҳнкунӣ; таҳияи талабот, ки дар он амал/беамалии шахс ҳангоми иҷрои талабот бояд ҳам аз ҷониби шахс (ба маънои васеи таҷриба) ва ҳам шахси мансабдор яксон дарк карда шавад; ҳамчунин, вокуниши мансабдор ба амали шахс бояд аз ҷониби ҳарду ҷониб дар асоси мазмуни матн якранг фаҳмида шавад.

Дар шароити муосир, ҳар яке аз ин унсурҳо заифии худро доранд. Масалан, пойгоҳи ҳаҷман зиёди низоми қонунгузорӣ таваҷҷуҳи ҷомеаро ба қабули санадҳои нав коҳиш медиҳад.. Мушкилии техникаи қонунгузорӣ ва афзоиши заминаи консептуалӣ заминаи истилоҳоти фаъолияти қонунгузориро торафт то сатҳи маҳдуди фаҳмиш коҳиш медиҳад. Шахси мансабдор пеш аз ҳама, дар асоси доштани салоҳият дар як соҳаи муайян ба кор қабул карда мешавад ва таҷрибаи дарки истилоҳот ва тартиби тафсири муқарраротро инкишоф медиҳад. Аммо як шахси маъмулӣ чунин таҷриба надорад ва метавонад талаботи қонунро ба таври дигаргуна дарк кунад ва амалҳои дигареро анҷом диҳад, ки қонунгузор пешбинӣ накардааст.

Яке аз муҳимтарин шартҳои рушди тамаддун қобилияти инсон дар робита ба барномарезӣ кардани оянда аст. Маҳз қобилияти гузоштани ҳадаф барои муддате, ки ҳанӯз нарасидааст, ба шахс имкон медиҳад, ки дар бораи амалҳои ҳозира қарор қабул кунад. Сафарбекзода Ҳ.С. бар ин назар аст, ки “банақшагирӣ ва пешгӯӣ ҳамкории субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро афзоиш дода, ба мақоми қонунгузор имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷударо (кадрӣ, муваққатӣ, моддӣ) ба таври оптималӣ истифода барад, дар фаъолияти қонунгузорӣ принсипи ташкилӣ ҷорӣ намуда, ба он хислати низомнокӣ бахшад” [11,с.96]. Дар ин раванд устувории қонун, таъмини огоҳии қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ, ки барои муддати тӯлонӣ татбиқ хоҳанд шуд, нақши муҳим мебозад. Таҳти таъсири суръати беназири таҳаввулоти ҷаҳонӣ инсони муосир нисбат ба гузаштаи дури худ барои давраи хеле кӯтоҳтар нақшаҳоиояндаро тартиб дода метавонад. Бо сабабҳои объективӣ ин ба сабаби рушди пӯёи фанноварӣ ва дар натиҷа тағйироти босуръати муносибатҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо, дар ҷаҳони имрӯзӣ, дар ҳама қитъаҳои дунё ҳолатҳои беасос тағйир додани қонунҳо дар пайи бесалоҳиятӣ, популизм, фасод ва ангезаҳои дигар низ зуд-зуд мушоҳида мешавад. Сабабҳои аз ҷиҳати объективӣ асоснок ва субъективии пӯёии тағйирот дар қонунгузориро фарқ карда, дарк кардан муҳим аст, ки ҳарду як пайдарпайии оқибатҳои манфии рушди ҷамъиятро ба вуҷуд меоранд, доираи вақтиояндаро, ки иҷрокунандаи қонун метавонад барои нақшаҳо ва ҳадафҳо муайян кунад, коҳиш медиҳанд. Аммо дар ин ҷо нишондиҳандаҳои миқдорӣ аҳаммияти калон пайдо мекунанд, ки дар шароити рушди пӯёии баланди сабабҳои объективӣ худи далели вуҷуди ангезаҳои субъективии ғайри қобили тавҷеҳ барои тағйир додани қонунҳои ҷорӣ ҳолати мавҷудаи корро хеле бадтар мекунад. Мутаносибан, давлат барои ворид намудани тағйиру иловаҳои қонунгузорӣ, ки барои ҷомеа оқибатҳои манфӣ

нарасонад, захираи номаҳдуд надорад ва ин боиси масъулияти иловагии вакилони парлумон дар ин самт мегардад.

Назарияи қонун ба таносуби мазмун ва шакли ҳуқуқ асос ёфтааст, зеро ҳар як объект, падида, раванд мазмун ва шакли худро дорад. Мутаносибан мазмун бе шакл ва шакл бе мазмун нест [3,с.197]. Аслан аз рӯи шакл мо ҳуқуқро ҳамчун матни хаттӣ мефаҳмем, ки дар натиҷаи татбиқи пайдарпайии расмиёти раванди қонунгузорӣ он мақоми дахлдор гирифтааст. Аммо мазмуни қонунҳо аз ҳам фарқ мекунанд ва хосиятҳои сифатии онҳо маҳз дар ҳамин аст. Дар шароити муосир талабот ба салоҳият ва масъулияти муаллифони лоиҳаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври назаррас меафзояд. Чунончи Неъматов А.Р. тазаккур медиҳад, бояд “тавассути қонунгузорӣ иродаи ҷамъиятӣ, ки ҷанбаи меъёрӣ, характери расмӣ ва хусусияти умумии ҳатмӣ пайдо карда, аз ҷониби механизмҳои маҷбуркунии давлатӣ дастгирӣ карда мешавад ва ба ин васила фаъолона амалӣ гардад” [5,с.38]. Дар шароити мураккаби сохтори ташкилоти ҷамъиятӣ ва пӯёии баланди тағйирёбии муносибатҳои ҳуқуқӣ хатари хатоиҳои меъёрӣ ба таври назаррас меафзояд ва оқибатҳои манфӣ метавонанд талафоти ҷиддӣ, ба монанди аз даст додани иқтидори иқтисодӣ, амниятӣ ва дигар паҳлуҳои қудрати давлатро ба вуҷуд оранд. Татбиқи қонун бояд ҳамчун воситаи сунъии амалӣ намудани ҳадафҳои ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти қонунгузорӣ бошад, бояд аз ҷиҳати самимияти ниятҳои нухбагони қудративу сиёсӣ дар таъмини манфиатҳои ҷомеа бо истифода аз василаи қонун ба назар гирифта шавад.

**Муқарриз: н.иҳ., дотсенти ДМТ - Саъдизода Ҷ.**

**АДАБИЁТ**


1. Базаров, А.А. Хроника колхозного рабства / А.А. Базаров. – М.: Возвращение, 2004 . – 815 с. – С. 257.
2. Ганс Кельзен. Чистое учение о праве. 2-е изд / пер. с нем. М.В. Антонова и С.В. Лёзова. – СПб.: ООО Издательский Дом «Алеф-Пресс», 2015. – 542 с.
3. Легин Л.М. Понятие и критерии свойства закона: трудности определения / Л.М. Легин. // Проблемы законности. – 2016. - №132. – С. 196-204.
4. Лурье С. Я. История Греции / Сост., авт. вступ. статьи Э.Д.Фролов. – СПб.: Издательство С.-Петербургского ун-та, 1993. – 680 с.
5. Нематов Акмал Рауфджонович. Правотворчество в Республике Таджикистан: актуальные вопросы теории и практики: дис... док-а юрид. наук: 12.00.01 / Нематов Акмал Рауфджонович. – М., 2014. – 331 с.
6. Пленюк М. Понятие юридического факта в доктрине гражданского права: история и современность / М. Пленюк // Юридическая Украина. - 2014. - №11. – С. 58-62.
7. Поротикова, О.А. Квазиконтракты как источники возникновения обязательств в праве Древнего Рима и современной России (на примере неосновательного обогащения) / О. А. Поротикова // Юридические записки. – 2011. – № 1(24). – С. 110-113.
8. Прудников, М. Н. История государства и права зарубежных стран : учебник для бакалавров / М. Н. Прудников. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013. – 811 с. – С. 71.
9. Рожкова М.А. Теории юридических фактов гражданского и процессуального права: понятия, классификации, основа взаимодействия: дис... док-а юрид. наук: 12.00.03; 12.00.15 / Рожкова Марина Александровна. – М., 2010. – 418 с.
10. Ромашов, Р.А. Теория государства и права: функции государства, правовое государство, система законодательства, законность и правопорядок: [пособие для подготовки к экзаменам по теории государства и права студентам средних и высших учебных заведений] / Р.А. Ромашов. – 2-е издание. – СбП, 2010. – 301 с.
11. Сафарбекзода, Ҳ.С. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ / Ҳ.С. Сафарбекзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. -№1. – С. 94-97.
12. Ячменёв Юрий Васильевич. Доктрина юридических фактов: проблемы отраслевого подхода // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. 2012. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/doktrina-yuridicheskih-faktov-problemy-otraslevogo-podhoda (дата обращения: 30.10.2023).


**МОҲИЯТИ ҚОНУН ҲАМЧУН НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ**


Дар мақолаи мазкур моҳияти қонун ба унвони паёмади фаъолияти қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба андешаи муаллиф, аз назари нуфузи иҷтимоии бузурге, ки қонун тайи ҳазорсолаҳо касб кардааст, пайваста таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб мекунад ва зарурати коркарди илмии онро вобаста ба замон ва шароит тақозо менамояд.Назарияи муносибатҳои ҳуқуқӣ имрӯз одатан на дар бархӯрди ақидаҳои ҳуқуқи табиӣ ва позитивӣ, балки аз рӯи тарҳрезиҳои ҳамзистии мутаносиби онҳо баррасӣ мешавад, ки дар он ҳокимияти давлатӣ тавассути қонун танҳо баъзе муносибатҳои ҷамъиятиро, ки берун аз ихтиёри ӯ ба вуҷуд омадаанд, танзим мекунад. Муаллиф дар асоси таҳлили муносибатҳои ҳуқуқи табиӣ ва позитивӣ ба ин натиҷа мерасад, ки донистани тафовути мавҷудияти муносибатҳое муҳим аст, ки метавонанд танҳо ҳуқуқӣ-позитивӣ бошанд ва ба монанди муносибатҳои ҳуқуқии табиӣ наметавонанд берун аз танзими давлатӣ вуҷуд дошта бошанд. Ба андешаи муаллиф, қонунҳои табиӣ ва позитивӣ ба ҳам мухолиф нестанд, балки дар

шароити вобастагии дутарафа қарор доранд, ки дар он ҷо ҷомеа қодир аст меъёри расман қабул шударо қабул накунад ва меъёри сифатӣ метавонад фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро тағйир диҳад. Яке аз натиҷаҳои мақолаи мазкур дар ин ҷумла хулоса мешавад, ки қонунҳои табиӣ ва позитивӣ ба ҳам мухолиф нестанд, балки дар шароити вобастагии дутарафа қарор доранд, ки дар он ҷо ҷомеа қодир аст меъёри расман қабул шударо қабул накунад ва меъёри сифатӣ метавонад фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро тағйир диҳад.

**Калидвожаҳо:** қонун, ҳуқуқ, моҳияти қонун, фаъолияти қонунгузорӣ, ҳуқуқи табиӣ, ҳуқуқи позитивӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, одатҳои ҳуқуқӣ, далели ҳуқуқӣ.

## СУЩНОСТЬ ПРАВА КАК РЕЗУЛЬТАТ ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В данной статье рассматривается сущность права как следствие законотворческой деятельности. По мнению автора, с точки зрения огромного социального влияния, которое право приобрело за тысячи лет, оно постоянно привлекает внимание исследователей и требует необходимости его научной обработки в зависимости от времени и условий. Теория правоотношений сегодня обычно рассматривается не в противоречии идей естественного и позитивного права, а в аспекте их гармоничного сосуществования, при котором государственная власть посредством права регулирует лишь некоторые общественные отношения, возникшие вне его контроля. На основе анализа естественных и позитивных прав автор приходит к выводу, что важно знать разницу между существованием отношений, которые могут быть только правоположительными и, как и естественные правоотношения, не могут существовать вне государственного регулирования. Один из результатов данной статьи заключается в том, что, существуя независимо от воли государства, природные правоотношения и предшествующие им юридические факты оказались не менее зависимыми от норм права положительного, которое из-за авторитета государства повлияло на формирование внегосударственной правовой культуры. В противном случае (при отсутствии такого влияния закона) высокий уровень динамики изменения природной нормы не позволил бы этому правовому явлению получить эволюционное развитие. Естественный и положительный закон не противоречат друг другу, а находятся во взаимной зависимости, где общество способно не принять писаную норму, а качественная норма способна изменить правовую культуру общества.

**Ключевые слова:** право, закон, сущность закона, законодательная деятельность, естественное право, позитивное право, правовые нормы, правовые обычаи, правовой факт.

## ESSENCE OF LAW AS A RESULT OF LEGISLATIVE ACTIVITY

This article examines the essence of law as a consequence of legislative activity.According to the author, from the point of view of the enormous social influence that law has acquired over thousands of years, it constantly attracts the attention of researchers and requires the need for its scientific processing depending on time and conditions.The theory of legal relations today is usually considered not in the contradiction of the ideas of natural and positive law, but in the aspect of their harmonious coexistence, in which state power, through law, regulates only some social relations that have arisen outside of its control. Based on the analysis of natural and positive rights, the author comes to the conclusion that it is important to know the difference between the existence of relations that can only be legal and, like natural legal relations, cannot exist outside of state regulation.One of the results of this article is that, existing independently of the will of the state, natural legal relations and the legal facts preceding them turned out to be no less dependent on the norms of positive law, which, due to the authority of the state, influenced the formation of an extra-state legal culture. Otherwise (in the absence of such influence of the law), the high level of dynamics of change in the natural norm would not allow this legal phenomenon to receive evolutionary development. Natural and positive law do not contradict each other, but are mutually dependent, where society is capable of not accepting a written norm, and a qualitative norm is capable of changing the legal culture of society.

**Keywords:** law, act, essence of law, legislative activity, natural law, positive law, legal norms, legal customs, legal fact.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Валиева Фарзона Сафаровна*** – Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. Телефон: **+992 987314040**. E-mail: **raksana_83@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Валиева Фарзона Сафаровна*** - Институт технологии и инновационого менеджмента в г. Куляба, ассистент кафедры права и гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 735360 Республика Таджикистан, Хатлонский област, г. Куляб, ул. Борбад**.** Телефон: **+992 987314040**. E-mail: **raksana_83@mail.ru**

**Information about the author:** ***Valieva Farzona Safarovna*** - Institute of Technology and Innovation Management in Kulob, assistant at the Department of Law and Humanities. **Address**: 735360 Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab, st. Borbad. Phone: **+992 987314040.** E-mail: **raksana_83@mail.ru**

ТДУ: 342.7(575.3)

# ТАҲСИЛОТ - ҶУЗЪИ НИЗОМИ МИЛЛИИ ҲУҚУҚӢ ВА МАВЗУИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

*Мирзозода Фархунда*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Роҳнамоиву ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти "муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштан ва ҳалли проблемаҳои ҷойдошта аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ" [5,с.3-35] дошта, роҳи минбаъдаи инкишофи ин соҳаро муайян ва мушаххас менамоянд. Президенти кишвар низоми соҳаи маорифро асоси рушди ҷомеа шинохтаанд ва "аз муҳайё намудани заминаҳои ҳуқуқӣ сар карда, то маблағгузорӣ ва истифодаи самараноки он, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ҳифзи сиҳатии кӯдакону наврасон, шароити зист ва таълиму тарбияи ятиму бепарастор"-ро "таҳти назорату меҳрубониҳои доимии" [6,с.3-35] худ қарор дода ва ба ин васила ба пешрафти соҳа мусоидат намудаанд. Пешвои миллат ба заминаҳои ҳуқуқии соҳа, ҳолат, равишҳо ва пешрафти таҳсилот, ташаккул ва таҳаввули барномаҳои инноватсионии таълим дар рӯзгори мо аҳаммияти аввалиндараҷа дода, барои инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон тамоми шароитҳоро фароҳам овардаанд.

Барои дастёбӣ ба ҳалли масъалаҳои миллии сиёсати таҳсилотӣ ва мутобиққунии босамари робитаҳои гуногунсамти ин соҳа асоси қавии ҳуқуқие лозим аст, ки фарогири низоми мутақобила, ба ҳам вобаста ва ҳамдигарро ивазкунандаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии сиёсати асосии миллиро дар соҳаи таълим ва тарбия инъикоскунанда бошанд. Дар ин ҳол ҳадаф на фақат таҳсилот, балки омӯзиш ва тарбияи босифат низ мебошад, ки омили муҳимми амалисозии он сиёсати озмудаи таҳсилотӣ, шароити мувофиқу мушаххаси иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии инкишофи ҷомеа, ҳамчунин равиши дақиқу фаҳмои меъёрию ҳуқуқии ин соҳаро банизомоваранда мебошад, ки раҳнамояш Пешвои миллат ҳастанд.

Бо вуҷуди талошҳои бесобиқаи Раҳбари давлат муносибатҳое, ки дар соҳаи таҳсилот шакл гирифтаанд, ҳарчанд дар заминаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ устувор гардида бошанд ҳам, ҳанӯз ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа ҷавобгӯ нестанд. Ба ин далел Президенти мамлакат таҳсилотро на фақат ҳамчун унсури пешбарандаи фазои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа арзёбӣ карданд, балки онро ҷузъи низоми миллии ҳуқуқӣ ва ҳамзамон мавзуи танзими ҳуқуқӣ шинохта, аз ин мавқеъ бо қабули қонуну қарорҳо пайванди ҷудонашавандаи таҳсилот ва ҳуқуқро таъмин намуданд.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ зери раҳбарии бевоситаи Президенти кишвар соҳаи таҳсилоти Тоҷикистон бо таъсиси стандартҳои нави давлатӣ, низоми бисёрзинаи таҳсилоти олӣ, ба вуҷуд овардани шароити лозима барои интихоби омӯзишу парвариши фардии хонандагон, такмили усули бефосилавии таҳсилот ва ғайра ба таври қатъӣ тағйир ва такмил ёфт. Ин таҳаввулот бархӯрди наверо дар низоми роҳбарии давлатӣ ва ислоҳоти муносибатҳои соҳа ба вуҷуд овард, ки омили муҳим ва таъсиргузори пешрафти соҳаи таҳсилот мебошад. Дар ин замина бояд таъкид кард, ки тағйироти дар зинаи имрӯзаи пешрафти таҳсилот бавуқуъпайваста, ҳаҷман ва сифатан то ҳадде бузург ва муҳим аст, ки мутобиқи қонунгузории дахлдор бояд ба низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи таҳсилот мусоидат ва таҷдиди назар гардад.

Илова ба ин, шаклгирии низоми ягонаи танзими ҳуқуқии соҳаи таҳсилот аз бисёр ҷиҳат ба дарки моҳияти муносибатҳои соҳаи таҳсилот ва алоқамандии онҳо бо дигар муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ин доира ба вуҷуд меоянд, вобастагӣ дорад. Ба ин далел, ба раванди ташаккул ва таҳаввули танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ сиёсати ҳадафмандонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилот таъсиргузор буда, чорабиниҳое, ки давлат ва

дигар субъектҳои ҳуқуқӣ нисбат ба таҳсилот ҳамчун институти иҷтимоӣ амалӣ мекунанд, дурнамои соҳаро муайян менамоянд. Таҳқиқи асосноки илмии масъалаи мавриди назар ҳам барои назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳам шакли раванди танзими ҳуқуқии таҳсилот, ҳам барои фаъолияти амалии ташкилотҳои давлатӣ дар ҳалли вазифаҳои азнавсозии низоми таҳсилот судманд мебошад.

Асосҳои назарӣ ва масъалаҳои ҷудогонаи ҳуқуқии соҳаи маориф дар давлати Шуравӣ дар тули солҳои мавҷудияти ин низом ҳамеша мавриди таҳқиқи муҳаққиқони соҳа қарор дошта, дар ин замина таҷрибаи қобили мулоҳиза низ мавҷуд аст, ки ба ҷустуҷӯҳои муҳаққиқон оид ба ин раванд дар шароити имрӯз то ҷое ёрӣ хоҳанд расонд. Дар он рӯзгор муносибат дар соҳаи таҳсилот асосан ҳамчун объекти танзими меъёрии ҳуқуқӣ аз назар гузаронида шуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин баъзе муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла Г.А. Дорхова [1,с.157] ва Г.С. Сапаргалиев [7] хусусиятҳои хосси “муносибати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълим ва тарбия” ва тартиби қонунгузории онро таъкид карда буданд. Дар таҳқиқоти донишмандони ёдшуда ва баъзе муҳаққиқони дигар, хусусиятҳои хосси муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба омӯзиш ва тарбия ва тарзи банизомоварии онҳо қайд шудааст.

Масалан, Г.А. Дорохова ҳамчунин ба муносибати байни хонандагон ва муссисаи таълимиву тарбиявӣ, ки гуногунранг мебошад, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муносибати байни хонандагон ва маъмурият, аз дидгоҳи ӯ, аз рӯйи мазмун ба муносибати идоракунӣ мансуб дониста мешавад. Муносибати байни муҳассилин ва омӯзгорону тарбиятгаронро бошад, Г.А. Дорохова педагогӣ эътироф намуда, мавсуф ҳардуи ин муносибатҳоро чун маъмуриву ҳуқуқӣ аз назар гузарондааст [1,с.31] .

Г.С. Сапаргалиев ва Е.Б. Баянов ба ин тарзи тақсимбандӣ розӣ шуда, онро аз баъзе ҷиҳатҳо дақиқ кардаанд. Аз ҷумла таъкид намудаанд, ки дар ҳарду гурӯҳи муносибатҳо унсури маъмурӣ ҳузур дорад. Дар гурӯҳи аввал он нисбатан бештар ба назар мерасад ва ба ин далел онро метавон шартан муносибати маъмурӣ номид. “Шартан ба он хотир аст, ки дар ин муносибат хонандагону маъмурият дар дараҷаи муайян баробарҳуқуқ ҳастанд: маъмурият на фақат соҳиби ҳуқуқҳои маъмурӣ аст, балки нисбати хонандагон масъулияти муайян низ дорад” [7].

Дар таҳқиқ ва коркарди асосҳои назарию методологии омӯзиши муносибатҳои таҳсилотӣ ва танзими ҳуқуқии он таҷрибаи илмии В.В. Сирих [10] қобили мулоҳиза мебошад. Ҳамчунин, ҷустуҷӯҳои илмии В.В Сирих дар боби тамоюлҳо ва шаклҳои такмили низоми ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилот, ки ба нақши вазифа ва хусусияти муносибатҳои таҳсилотӣ дар ҳамаи низомҳои муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи таҳсилот марбут аст [11], таҷрибаи муҳим аст. Таҷрибаи олимони ҳуқуқшиноси рус, аз ҷумла С.В. Барабанова, Н.И. Булаев, Е.В. Буслов, В.В. Гавришук, З.П. Дашинская, С.В. Куров, В.И. Шкатулла, М.Ю. Федорова, Д.А. Ягофаров ва дигарон низ дар таҳқиқи ҷанбаҳои ҷудогонаи танзими ҳуқуқии ин ё он паҳлуи ин соҳа арзишманд буда, ҳамчун таҷрибаи илмӣ аҳаммияти назарӣ ва амалӣ дорад.

Дар замони истиқлолияти кишвар таваҷҷуҳи ҳуқуқшиносон ба масъалаҳои назарии танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи таҳсилот зиёд гардида, оид ба шарҳу арзёбии баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат доир ба таҳсилот ва масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ баъзе ҷустуҷӯҳои илмӣ ва арзёбиҳои мушаххас ба мушоҳида мерасад. Дар ин замина метавон аз таълифоти Р.Ш. Сотиволдиев, Э.С. Насурдинов, Л. М. Нусратов, Ф.Т. Тоҳиров, Р.А. Шарифов, Ш.С. Ҳамроев [8; 9; 2; 3; 13; 14; 15; 16; 17] ва чанде дигарон ёд кард, ки баъзе масъалаҳои ҳуқуқи таҳсилотиву тарбиявӣ дар онҳо таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Аз ҷумла, мулоҳизаҳои назариявии Р.Ш. Сотиволдиев дар бораи танзими ҳуқуқӣ, меъёрҳо, таъинот, функсияҳо ва моҳияти ҷамъиятии он пурарзишанд [9].

Хусусиятҳои хосси муносибатҳои таҳсилотӣ дар усули танзими ҳуқуқӣ низ ошкор мешаванд. Ҳамчунон ки Р.Ш. Сотиволдиев таъкид кардааст, “...танзими ҳуқуқӣ – ин як намуди танзими иҷтимоист, ки дар шакли таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ сурат мегирад” [8]. Ин донишманд меъёри ҳуқукро “ба маънои қоидаи рафтори муқаррарнамуда ва кафолатдодаи давлат” таъбир карда, “таъиноти ҳуқуқ ва яке аз функсияҳои асосии онро “танзими ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ" унвон кардааст [8].

Дар назарияи ҳуқуқ зери мафҳуми танзими ҳуқуқ усули таъсири ҳуқуқ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Усули танзими ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои ҳуқуқиро чӣ тарз, бо кадом усул ва воситаҳо бояд ба низом даровард [8]. Дар фаҳмиши умумии методи танзими ҳуқуқӣ (чун категорияи ҷомеъ) ҷузъҳои зерин, ки дар бораи он ки чӣ тарз давлат бо ёрии ҳуқуқ ба ҷараёнҳои иҷтимоии ҷорӣ таъсир мегузорад, дохил мешаванд: а) муайян кардани сарҳади муносибатҳои танзимшаванда; б) нашри санадҳои меъёрию ҳуқуқии муносиб, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳо, фармон доир ба рафтори онҳоро аз назар мегузаронанд; в) ҷудо кардани иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ба соҳибҳуқуқ ва босалоҳият, ки имкон медиҳад онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии гуногун ширкат кунанд; г) муайян кардани андозаи масъулият (маҷбурият) дар сурати хилофкорӣ ба устав. Дар маҷмуъ, методи ҳуқуқӣ маҷмуи муайяни тарзҳои танзими ҳуқуқӣ мебошад, ки давлат ба воситаи он ба муносибатҳои озоди ҷамъиятӣ бо мақсади инкишофи судманди онҳо таъсир мегузорад.

Бо вуҷуди муҳиммии масъала ва афзоиши талаботи маънавии ҷомеа ба таҳсилот масъалаҳои ҳуқуқии ин соҳа ва муносибатҳое, ки дар ин замина ба миён меоянд, ҳамчунин мушкилоти алоқамандии сиёсату таҳсилот ва танзими муносибатҳо дар ин соҳа амалан аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Бояд таъкид кард, ки масъалаи таҳқиқи муносибат дар соҳаи таҳсилот, танзими ҳуқуқии он, ҳамчунин банизомоварии ҳуқуқӣ дар сиёсати имрӯзаи давлат аз назари илми ҳуқуқ ва талаботи таҷрибаи таҳсилотӣ аҳаммияти хосса касб менамояд.

Меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, ҳамчунин ҳолат ва махсусиятҳои танзими давлатию ҳуқуқии низоми ишорашудаи муносибатҳоро муайян мекунад.

Усули диалектикаи материалистии дарки илмӣ, имкон фароҳам меоварад, ки қонунияти гинезис ва инкишофи ҳодисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсиву ҳуқуқӣ ҳамаҷиҳата ошкор карда шавад. Илова ба ин, дар ҷараёни таҳқиқ равиши бонизоми сохторӣ дар якҷоягӣ бо тарзи умумиилмии таҳлил ва хулосабарории куллӣ мавриди истифода қарор гирифт. Ин имкон дод, ки сохтори дохилии муносибатҳои таҳсилотӣ чун низоми ягона аз назар гузаронида шуда, ҳамчунин ин раванд дар чаҳорчӯбаи таъсири мутақобилаи муносибатҳои таҳсилотӣ бо соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа омӯхта шавад. Усулҳои муқоисавии ҳуқуқӣ ва шаклии ҳуқуқӣ ҳангоми таҳлили низоми қонунгузорӣ ва меъёрҳои танзимкунанда мавриди истифода қарор гирифтанд.

Осори фалсафӣ ва методологии таҳқиқоти ҳуқуқӣ, масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, ҳамчунин таҳқиқот дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, соҳаҳои ҷудогонаи ҳуқуқ, ки ба қалами Ю.Г. Арзамасов, Ю.А. Веденеев, Л.Д. Воеводин, О.С. Иоффе, В.В. Лазарев, Г.В. Малтсев, В.Н. Протасов, В.Е. Усанова, Р.О. Халфина, В.А. Шабалин, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Исмоилов ва дигарон мансуб аст, асоси назариявии ин мавзуъро ташкил менамоянд.

Омӯзиши моҳияти табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои хосси муносибат дар соҳаи таҳсилот дар такя ба осори муҳаққиқони соҳа Г.А. Дорохова, С.В. Куров, Г.Б. Леонова, В.Н. Петров, Г.С. Сапаргалиев, О.Н. Смолин, В.В. Спаская, В.М. Сирих, В.И. Шкатулла, Д.А. Ягофаров, Р.С. Сотиволдиев ва дигарон амалӣ карда мешавад.

Дар ҳаёти имрӯза ғояи ҳуқуқҳои фитрии инсон, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, инсон ва шаҳрванд чун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла таҳсилотӣ, робитаи байни масъулияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии (ахлоқӣ, педагогӣ ва дигари) субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ, инкишофи мафҳуми "вазъи ҳуқуқии шахс" дар робита бо вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, васеъ гардидани доираи усулҳои танзими ҳуқуқӣ, алалхусус, усулҳои тавсиявӣ, ҳавасмандгардонӣ, шартномавӣ ва дигар, таъсису фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии давлатӣ ва хусусӣ ба таҳқиқоти илмии муносибатҳои таҳсилотӣ таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, дар шароити вусъати равандҳои ҷаҳонишавӣ, имконияти ворид гардидани фарҳанги ба мо бегона ба фазои миллӣ-фарҳангӣ, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ масъулияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, падару модар, аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонони мамлакат меафзоянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" бо дарназардошти ҳамин ҳолати зикршуда

қабул гардида, айни замон дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ нақши муҳим дорад.

Муносибатҳои таҳсилотӣ падидаи ҳаётан муҳим, ҷузъи тафаккури ҷамъиятӣ ва ҳастии инсон буда, дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ ҷойгоҳи хос доранд. Муносибатҳои таҳсилотӣ таркиби хосси ҳуқуқӣ доранд. Объекти онро манфиатҳои муҳимми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дониш, малака, қобилият ва салоҳиятнокӣ, ки шаҳрванд дар ҷараёни таҳсил ва тарбия ба даст меоварад, ташкил медиҳанд. Мазмун ва моҳияти муносибатҳои таҳсилотиро муносибати байни муассисаҳои таҳсилотӣ ва хонандагон, ки тибқи барномаҳои таҳсилотӣ, стандартҳои таҳсилотии давлатӣ ташаккул меёбанд, муайян мекунанд. Хусусияти муносибатҳои таҳсилотиро эҳтиёҷоти воқеӣ, мақсаднокӣ, арзишмандии субъекти таҳсилот, такроршавӣ, устуворӣ, паҳншавӣ, оммавӣ будан, бефосилагӣ муайян мекунад.

Мазмуни мушаххаси муносибатҳои таҳсилотӣ, ки дар низоми таҳсилот шакл гирифтааст, бо гуногунрангии худ фарқ дорад. Сохтори ин муносибатҳоро, пеш аз ҳама, муносибатҳои таълимиву тарбиявӣ муайян мекунанд. Ин муносибатҳо, ки дар доираи он ҷараёни таҳсилот амалӣ карда мешавад, барои дарёфти дониш, малака, андешаҳо ва қоидаҳои рафтор мусоидат мекунанд. Онҳо маҳаки низоми самараноки таҳсилотӣ мебошанд.

Дар соҳаи таҳсилот илова ба муносибатҳои таҳсилотӣ муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ низ вуҷуд доранд. Ин муносибатҳо дар ҷараёни танзими объектҳои соҳаи таҳсилот аз тарафи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ (маъмурӣ, граждандӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва ғайра) ба миён меоянд. Дар маҷмуъ, онҳо бо ҳам алоқаманд буда, амалисозии ҳуқуқ ба таҳсилотро таъмин мекунанд. Тарзҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ имкон медиҳанд, ки муносибатҳои таҳсилотӣ аз рӯйи шароит ва имконоти ниҳоди таҳсилотии мушаххас тағйир дода шаванд ва ё ҳамсони он бунёд гарданд.

Муносибатҳои таҳсилотӣ бо соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ) робитаи қатънашавандаи мутақобила доранд. Вобаста ба ин, намудҳои зерини муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо предмети танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ робита доранд, ҷудо карда мешаванд: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ. Аз ин лиҳоз, таъсири мутақобилаи муносибатҳои таҳсилотӣ ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа коркарди механизми муносиби танзими ҳуқуқиро тақозо мекунад. Дар ин равиш таъсири мутақобилаи муносибатҳои таҳсилотӣ ва соҳаи иқтисодиёт, ки тамоюли иҷтимоӣ низ дорад, муҳим ба назар мерасад. Ин равиш танзими ҳатмии давлатӣ-ҳуқуқиро бо мақсади таъмини дастрасӣ ва сифати таҳсилот тақозо мекунад.

Таъсири мутақобилаи муносибатҳои ҷамъиятии таҳсилотӣ ва ҳуқуқӣ (конститутсионӣ, маъмурӣ ва ғайра) муҳим буда, дастрасӣ ба таҳсилотро кафолат медиҳад. Ин кафолатҳои ҳуқуқӣ сифати омодасозии мутахассисонро таъмин намуда, норасоии мутахассисонро ҷуброн месозад. Хусусияти муҳимми таъсири мутақобилаи муносибатҳои ҷамъиятии таҳсилотӣ ва ҳуқуқ дар он аст, ки қонунгузорӣ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектони муносибатҳои таҳсилотиро муайян ва мушаххас месозад. Таҳсилот ва тарбия ҳамчун имконияти истифодаи арзишҳои маънавӣ эътибор пайдо мекунанд.

Дар заминаи таҳлили муқоисавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилот тартиби танзими комплексии муносибатҳои соҳаи маориф дар робита бо хусусиятҳои ин соҳа (афзалиятнокии таҳсилот, хусусияти имконпазирии он, ягонагии фазои таҳсилот, хусусияти дунявии он, озодии таҳсилот, хусусияти давлативу ҷамъиятии идораи таҳсилот) ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ (баробарии ҳуқуқу озодии иштирокчиёни муносибатҳои таҳсилотӣ, таъмини ҳуқуқҳои кормандон, хонандагон ва волидайни онҳо ба иштирок дар идораи ниҳодҳои таҳсилотӣ) муайян карда шудаанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсири мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқии мансуб ба таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъди онро бо дарназардошти ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифт: а) танзими ҳуқуқии ҳар зинаи таҳсилот бояд асоси меъёрии ҳуқуқии худро дошта бошад, ки онро мундариҷа ва хусусияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи зинаи дахлдори

таҳсилот ташкил медиҳанд; б) ҳуқуқи асосӣ ва иловагии шахс ба таҳсилоти ҳатмӣ ё иловагӣ кафолат дода шавад; в) танзими ҳуқуқии комплексии ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин мешавад.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилот, дар маҷмуъ, қонунгузории соҳаи таҳсилотро ташкил дода, бисёрзина мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳаи таҳсилот, аз он ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия, санадҳои локалӣ (муассисаҳои таҳсилотӣ) зинаҳои асосии низоми танзими меъёрӣ-ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотиро ташкил медиҳанд. Қонунгузории соҳаи таҳсилот бо дарназардошти хусусияти комплексии муносибатҳои таҳсилотӣ, танзими ин муносибатҳо бо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ (граждании, меҳнатӣ, оилавӣ ва дигар) комплексӣ мебошад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ комплексӣ буда, истифодаи тарзҳо, воситаҳо ва усулҳои гуногуни танзими ҳуқуқиро бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи таҳсилот пешбинӣ мекунад. Низоми қонунгузории таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди фазои ҳуқуқии минтақавӣ ва байналмилалӣ, алалхусус, инкишофи фазои ягонаи таҳсилотии давлатҳои аъзои ИДМ, рушди робитаҳои судманди таҳсилотӣ бо давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай, мақомоти дахлдор ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ, инчунин ба инобат гирифтани стандартҳои таҳсилотии ҷаҳони мутамаддин такмил меёбад. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилот бо дарназардошти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд эътироф ва вориди низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ гарданд.

Таъмини ҳуқуқи шахс ба таҳсил чун ҳуқуқи дахлнопазир ва ҷудонопазири инсон, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсил, кафолатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, махсуси ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил унсури ҷудонопазири танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ мебошанд. Кулли воситаҳо, тарзҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои таҳсилотӣ ва дигар) бо мақсади таъмини ҳуқуқ ба таҳсил истифода мешаванд. Ҳуқуқи дахлнопазири инсон ба таҳсил бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд робитаи устувору мутақобила дорад. Амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (ба меҳнат, озодии эҷоди илмӣ, техникӣ, бадеӣ ва дигар) барои амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил мусоидат менамоянд. Айни замон амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсил барои амалишавии дигар ҳуқуқу озодиҳо шароит фароҳам меоварад. Аз сатҳи амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсил (соҳиб шудан ба маълумоти миёна ё олии касбӣ, донишомӯзӣ, ҷаҳонбинӣ, такомули зеҳнӣ ва ахлоқӣ, пайдо намудани малака, истеъдод ва дигар сифатҳои ҳатмӣ ва зарури шахсӣ дар ҷараёни таҳсилот) сатҳи амалишавии дигар ҳуқуқу озодиҳо вобастагӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар, танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ дар робита бо танзими ҳуқуқи шахс ба таҳсил аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми умуминазариявии муносибатҳои таҳсилотӣ, хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо, аҳаммияти онҳо дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Таҳлили муқоисавӣ собит месозад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳсилот дар зинаҳои гуногуни таҳсилот таъсири мутақобила дошта, танзими комплексии муносибатҳои таҳсилотиро таъмин мекунанд.

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори ДМТ - Шарофзода Р.Ш.**


**АДАБИЁТ**

1. Дорохова Г.А. Законодательство о народном образовании (теоретические проблемы совершенствования) / Г.А. Дорохова. Отв. ред. И.Л. Бачило. -М.: Наука, 1985. - 157 с.
2. Насурдинов Э. С. Коментарий к закону Республики Таджикистан “Об ответственности родителей в воспитании и обучении детей / Э. С. Насурдинов. -Душанбе, 2012. -124с.
3. Насурдинов Э. С. Правовое воспитание и образование как фактори формирования правовой култури в респкблики Таджикистан / Э. С. Насурдинов. -Душанбе: ЭР-граф, 2014.-184 с.
4. Нусратов Л. М. Проблеми формирования правосознания в современном Таджикистане / Л. М. Нусратов. - Душанбе, 2012. – 144 с.
5. Раҳмонов Э. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа / Э. Раҳмонов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. –С. 3-35.

6. Раҳмонов Э. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа / Э. Раҳмонов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. –С. 3-35.
7. Сапаргалиев Г.С. Правовые основы развития народного образования / Г.С.Сапаргалиев, Е.Б. Баянов. - Алма-Ата: Наука, 1983. - 187 с.
8. Сотиволдиев Р. Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. -Ҷилди 1 / Р. Ш. Сотиволдиев. –Душанбе: Империал-Групп, 2010. -464с.; Сотиволдиев Р. Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. - Ҷилди 2/ Р. Ш. Сотиволдиев. –Душанбе: Империал-Групп, 2010. -654с.
9. Сырых В.М. Образовательное право как отрасль российского права / В.М. Сырых. - М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2000. – 118 с.
10. Сырых В.М. Введение в теорию образовательного права / В.М. Сырых. - М.: Готика, 2002.-400 с.
11. Сырых В.М. Метод правовой науки [основные элементы, структура] / В.М. Сырых. -М.: Юридическая литература, 1980. - 176 с.
12. Тахиров Ф.Т. Развития права в Таджикистане / Ф.Т. Тахиров. -Душанбе: Ирфон, 1994.-256с.
13. Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана.-Т 2. Ч.1 (1927-1929) / Ф.Т. Тахиров. -Душанбе, 2001.-323с.
14. Шарифов Р.А. Масъалаҳои тарбияи ҳуқуқӣ / Р.А. Шарифов. -Душанбе: Эр-граф, 2010.-170 с.
15. Шарифов Р.А. Теория правового воспитания / Р.А. Шарифов. -Душанбе: Истеъдод, 2010. -110с.
16. Хамроев Ш.С. Проблеми правового воспитания школьной молодёжи Республики Таджикистан// юрид. дис. канд. наук: 12.00. 01 / Ш.С. Хамроев. -Душанбе, 2003.- 183с.
18. Юдин, Э.Г. Системный подход и принцип деятельности. Методологические проблемы современной науки / Э.Г. Юдин. - М.: Наука, 1978. - 391 с.
19. Ягофаров, Д.А. Образовательное нормотворчество и образовательные правоотношения в механизме правового регулирования отношений в сфере образования (теоретико-правовой аспект) /Д.А. Ягофаров // Право и образование. - М., 2006. - № 4. - С. 13- 31.
20. Ягофаров, Д.А. Нормативно-правовое обеспечение образования. Правовое регулирование системы образования: учебник для вузов / Д.А. Ягофаров. - М., 2008. – 340 с.

## ТАҲСИЛОТ - ҶУЗЪИ НИЗОМИ МИЛЛИИ ҲУҚУҚӢ ВА МАВЗУИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаёт дигаргуниҳо, навовариҳо ва пешравиҳои зиёдеро ба бор овардааст. Махсусан дар соҳаи илм. Дар замони истиқлолияти кишвар таваҷҷуҳи ҳуқуқшиносон ба масъалаҳои назарии танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи таҳсилот зиёд гардида, оид ба шарҳу арзёбии баъзе санадҳои меъёрӣ давлат доир ба таҳсилот ва масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ҷустуҷӯҳои илмӣ ва арзёбиҳои мушаххас ба мушоҳида мерасанд. Муносибатҳои таҳсилотӣ бо соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ) робитаи қатънашавандаи мутақобила доранд. Дар навбати худ, таъсири мутақобилаи муносибатҳои таҳсилотӣ ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа коркарди механизми муносиби танзими ҳуқуқиро тақозо мекунад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ комплексӣ буда, истифодаи тарзҳо, воситаҳо ва усулҳои гуногуни танзими ҳуқуқиро бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи таҳсилот пешбинӣ мекунад.

**Калидвожаҳо:** муносибатҳои таҳсилотӣ, танзими ҳуқуқӣ, зинаҳои таҳсилот, маориф, дониш, малака, қобилият, салоҳиятнокӣ, саводнокӣ, низоми қонунгузорӣ.

## ОБРАЗОВАНИЕ – СОСТАВЛЯЮЩАЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ И ПРЕДМЕТ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

Государственная независимость Республики Таджикистан принесла множество изменений, нововведений и прогресса во всех сферах жизни, особенно в области науки. В период независимости страны возросло внимание правоведов к теоретическим вопросам правового регулирования, в том числе правового регулирования отношений в сфере образования, наблюдались научные исследования и конкретные оценки по толкованию и оценке некоторых нормативных актов, государственных актов по образованию и вопросам правового регулирования. Образовательные отношения неразрывно связаны с основными сферами жизни общества (экономической, социальной, политической, культурной). В свою очередь, взаимное влияние образовательных отношений на основные сферы общественной жизни требует разработки соответствующего механизма правового регулирования. Правовое регулирование образовательных отношений комплексно предусматривает использование различных способов, средств и методов правового регулирования с учетом особенностей сферы образования.

**Ключевые слова**: образовательные отношения, правовое регулирование, уровни образования, образование, знания, умения, способности, компетентность, грамотность, законодательная система.

## EDUCATION IS A COMPONENT OF THE NATIONAL LEGAL SYSTEM AND THE SUBJECT OF LEGAL REGULATION

The state independence of the Republic of Tajikistan has brought many changes, innovations and progress in all spheres of life, especially in the field of science. During the period of independence of the country, the attention of legal scholars to theoretical issues of legal regulation, including the legal regulation of relations in the field of education, increased, scientific research and specific assessments were observed on the interpretation and evaluation of certain regulations, state acts on education and issues of legal regulation. Educational relations are inextricably linked with the main spheres of society (economic, social, political, cultural). In turn, the mutual influence of educational relations on the

main spheres of public life requires the development of an appropriate mechanism of legal regulation. Legal regulation of educational relations comprehensively provides for the use of various methods, means and methods of legal regulation, taking into account the characteristics of the field of education.

**Keywords**: educational relations, legal regulation, levels of education, education, knowledge, skills, abilities, competence, literacy, legislative system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзозода Фархунда* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-32-00-01**

**Сведения об авторе:** ***Мирзозода Фархунда* –** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры теории государства и права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **918-32-00-01**

**Information about the author:** ***Mirzozoda Farkhunda*** – Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Senior Lecturer at the Department of Theory of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Telephone: **918-32-00-01**

ТДУ: 342(1-87) (575.3)

# ТАНОСУБИ МОДЕЛИ ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР КИШВАРҲОИ ҒАРБ ВА ШАРҚ

*Солеҳзода Г.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз лаҳзаи эътирофи умумӣ ва мустаҳкамкунии конститутсионии мафҳуми давлати иҷтимоӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, моделҳои гуногуни давлати иҷтимоӣ ва аз ин рӯ, механизмҳои мушаххаси татбиқи сиёсати иҷтимоӣ таҳия шудаанд. Мавҷудияти равишҳои гуногун ба фаъолияти иҷтимоии давлат тасодуфӣ нест, чунки ҳангоми ташаккулёбии сиёсати иҷтимоӣ ҳар як давлат аз таҷриба, амалия ва анъанаҳои худ истифода менамояд. Аз ин рӯ, дар дунё модели ягона ва яксони татбиқи принсипҳои давлати иҷтимоӣ вуҷуд надорад.

Ба масъалаи мазкур асарҳои зиёди муҳаққиқони хориҷӣ (Т. Маршал [29], Н. Фернис [28], К.Э. Андерсон [27]), русӣ (В.П. Милетский [16], В.А. Торлопов [23]) ва олимони ватанӣ (А.Х. Маликова [14], Солеҳзода Г.Д. [22]) бахшида шудаанд.

Олимон дар ин бора мувофиқанд, ки «моделҳои давлати иҷтимоӣ аз ҷиҳати методологӣ ба ғояҳои гуногун асос ёфтаанд, ки аксар вақт равишҳои муқобилро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ пешниҳод мекунанд; гуногунии онҳо, пеш аз ҳама, бо созишҳои таърихӣ дар марҳилаи ибтидоии мавҷудияти давлати иҷтимоӣ шарҳ дода мешавад. Модели иҷтимоӣ, ки чаҳорчӯбаи он мавқеи давлатро нисбат ба ҷомеа муайян мекунад, - аз як тараф, натиҷаи таҳаввулоти маҷмуи омилҳо мебошад (иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғ., инчунин анъанаҳо), ки хосси ҳар як кишвар аст ва аз тарафи дигар, интихоби бошуурона аст" [17].

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мавқеero вохӯрдан мумкин аст, ки се модели давлати иҷтимоиро ба тарзи гуногун тавсиф мекунанд. Аз ҷумла, А. Александрова навъҳои универсалӣ ва селективии сиёсати иҷтимоиро ҷудо мекунад. Модели якум татбиқи сиёсати универсалии иҷтимоиро (модели иҷтимоӣ-демократии давлати иҷтимоӣ) ва модели дуюм – сиёсати иҷтимоии селективиро (модели либералӣ) пешбинӣ мекунанд. Модели сеюм (компаративӣ) ба андешаи ӯ, созиш миёни ҳарду модели номбаршуда мебошад [4]. О. Новикова ва А. Силенко ду модели асосиро баррасӣ мекунанд: либералӣ ва иҷтимоӣ-демократиро [18]. И. Козаченко ва В. Николаевский навъҳои моделҳои неолибералӣ, иҷтимоӣ-католикӣ, иҷтимоӣ-демократиро ҷудо мекунанд [13]. Л. Дериглазова ва В. Яшенко чор навъи моделҳои аврупоиро ҷудо мекунанд: корпоративӣ (консервативӣ), иҷтимоӣ-демократӣ (скандинавӣ), англосаксонӣ ва ҷанубӣ-аврупоиро (лотинӣ) [7].

Вобаста ба мавқеъҳои ифодаёфтаи муаллифон метавон хулоса баровард, ки ба тафсирҳои гуногун дар доираи илмӣ нигоҳ накарда се модели асосии давлати иҷтимоиро – модели консервативӣ, либералӣ ва скандинавиро ҷудо мекунанд.

Оид ба моделҳои дар боло зикршуда сухан ронда, бояд дар назар гирифт, ки онҳо асосан ба кишварҳои Ғарб дахл доранд. Ин моделҳо дар кишварҳои Шарқ истифода намешаванд, махсусан дар кишварҳои исломӣ, ки дар бештари онҳо модели хосси худии дастгирии иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Гарчанде дар адабиёти илмӣ ақидае вуҷуд дорад, ки аксарияти кишварҳои мусалмонӣ наметавонанд ҳамчун иҷтимоӣ эътироф шаванд, вобаста ба он, ки дар онҳо ниҳодҳои демократӣ суст инкишоф ёфтаанд ва онҳо давлатҳои авторитарӣ (мутлақ) ба ҳисоб мераванд [20], дар ин ҷода, мо бо муаллифоне, ки чунин мавқеъро пешниҳод мекунанд, тамоман розӣ нестем. Ба андешаи мо, С.А. Авакян дар бораи он, ки “иҷтимоӣ метавонад дилхоҳ давлат бошад, новобаста аз моҳияти иқтисодӣ ва идеологии он” [3] мавқеи дурустро интихоб кардааст.

Вобаста ба ин, чунин мешуморем, ки дар ҷаҳон чорум модели давлати иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ки онро мо метавонем ҳамчун модели шарқӣ (мусалмонӣ)-и бунёди давлати иҷтимоӣ ва ё чи тавре ки як қатор олимон онро модели исломии давлати иҷтимоӣ меноманд [26], баррасӣ намоем.

Бо як қатор муаллифон бояд розӣ шуд, ки таъкид доранд, ки чунин тағйиротҳо ба шарофати захираҳои бузурги энергетикӣ имкон пайдо карданд. Маҳз ба даст овардани

шароитҳои хуби молиявӣ имкон дод, ки модели махсуси арабии давлати иҷтимоӣ ташаккул дода шавад, ки онро метавон ҳамчун давлати иҷтимоии навъи патерналистӣ бо сиёсати корпоративии иҷтимоӣ тавсиф кард. Ин тағйиротҳо инъикоси худро дар сатҳи конститутсионӣ низ ёфтаанд. Аз ҷумла, дар конститутсияҳои муосири кишварҳои араб, ба низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ як ё якчанд бобҳо ва ё фаслҳо бахшида шудаанд, ки оид ба инкишофи назарраси ҷанбаи иқтисодӣ дар ҳаёти кишварҳои араб гувоҳӣ медиҳад. Тамоюли дигари инкишофи конститутсионӣ, ки ба низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқаманд аст, тамоюли минбаъдаи иҷтимоикунонии конститутсияҳои кишварҳои араб мебошад, яъне хеле васеътар ва равшантар мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрвандон, кӯшиши давлат барои ҷорӣ намудани кафолатҳои муайяни иҷтимоии меҳнаткашон ва дастгирӣ намудани табақаҳои камтаъмини аҳолӣ.

Дар баробари ин, ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ дар кишварҳои араб нисбатан бештар муаррифӣ шудаанд, назар ба сиёсӣ ва онҳо муфасалтар ва мушаххастар дар матнҳои аксарияти конститутсияҳо мустаҳкам гардидаанд. Ғайр аз ин, меъёрҳои конститутсионӣ бо қонунгузории васеи иҷтимоӣ-меҳнатӣ пурра мегарданд. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки қонунгузор кушиш ба харҷ медиҳад, то ки шароитҳои мусоидтари меҳнатро барои қувваи кории кироя ба вуҷуд оварад, махсусан дар кишварҳои арабии истихроҷи нафту газ, бо мақсади нигоҳ доштан дар сатҳи баланди ин соҳаҳои саноат ва ба даст овардани даромади иловагӣ.

Дар кишварҳои рӯ ба инкишофи араб, вазифаи асосии давлат ташаккул додани сиёсати иҷтимоӣ тавассути таъсиррасонии сиёсӣ-идоравӣ ба соҳаи иҷтимоии баробаркунии тафовутҳои қатъии иҷтимоӣ миёни синфи асосӣ ва гурӯҳҳои ҷомеа, бартараф сохтани камбизоатӣ ва бесаводии аксарияти аҳолӣ, махсусан аҳолии деҳот, ташаккул додани низомҳои миллии тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини аҳолӣ мебошад.

Дар асоси муқоисаи моделҳои аврупоӣ ва арабии бунёди давлати иҷтимоӣ, як қатор муаллифон қайд мекунанд, ки дар ҷаҳон на моделҳои анъанавии давлати иҷтимоӣ (либералӣ, консервативӣ, иҷтимоӣ-демократӣ), балки шаклҳои омехта бештар, гашта истодаанд [5].

Аз ҷумла, муаллифони қазоқ ба мавҷудияти чунин як модели давлати иҷтимоӣ, ба мисли модели авруосиёӣ ишора мекунанд, ки ба баъзе кишварҳои пасошуравӣ, бахусус Ҷумҳурии Қазоқистон хос аст. Ҳамин тавр, А.М. Нурмагамбетов қайд мекунад, ки «як қатор омилҳо ба интихоби модели давлати иҷтимоӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон таъсир расониданд. Якум, омили хусусияти таърихӣ, ки бо гузаштаи наздики шуравӣ алоқаманд аст. Дар шароити сохти шуравӣ давлат ҳадди ақали неъматҳои иҷтимоиро таъмин мекард ва ин дар шуури оммавии аҳолӣ, махсусан насли калонсол боқӣ мондааст. Сониян, таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дорои иқтисодҳои бозаргонии пешрафта ва масъулияти баланди иҷтимоӣ дар назди аҳолии худ, пеш аз ҳама Фаронса, ки Конститутсияи он, дар маҷмуъ, асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистонро ташкил медиҳад, ба назар гирифта шуд. Сеюм, дар шароити ҷаҳонишавӣ, густариши робитаҳои байни кишварҳо дар ҳама соҳаҳо, кӯшиши ноил шудан ба меъёрҳои сифати зиндагӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои бунёдии байналмилалӣ, конвенсияҳо ва тавсияҳои созмонҳои тахассусии байналмилалӣ зикр шудаанд, барои Қазоқистон афзалиятнок ҳисобида мешаванд [19].

Дар навбати худ, Д.Д. Ешпанова оиди модели қазоқии давлати иҷтимоӣ сухан ронда, ба як қатор махсусиятҳо ишора мекунад, аз ҷумла “модели қазоқии азнавсозӣ аз рӯйи принсипи “аввал – иқтисод, сониян - сиёсат”, ба суст шудани садамот дар марҳилаҳои гуногуни пайдоиш ва фаъолияти он мусоидат кард” [11].

Мавқеъҳои пешниҳодшудаи олимони қазоқ хеле ҷолибанд, зеро онҳо тамоюлҳои умумиеро инъикос мекунанд, ки ба аксари кишварҳои пасошуравӣ, бахусус кишварҳои Осиёи Марказӣ ва бахусус Тоҷикистон хосанд. Бо таҳлили ин нуқтаҳои назар метавон гуфт, ки аз рӯйи баъзе масъалаҳо онҳо ба мавқеи муаллифони ватание, ки масъалаи модели тоҷикии сохтмони давлати иҷтимоиро таҳқиқ мекунанд, шабоҳат доранд. Буриши ин мавқеъҳо дар эътирофи он далеле равшан зоҳир мегардад, ки ба ташаккули модели давлати иҷтимоӣ дар кишварҳои мо давраи гузаштаи шуравӣ таъсири зиёд расонидааст ва модели ҳозиразамон ба анъанаҳои таърихии халқҳои мо асос ёфтааст. Ҳамин тавр, А.С.

Достиев ба мавҷудияти хусусиятҳои миллӣ дар ташаккули модели иҷтимоӣ ишора мекунад ва қайд мекунад, ки "ҳангоми таҳияи Қонуни асосии кишвар гурӯҳи корӣ хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, давлатӣ-ҳуқуқӣ, анъанавӣ, таърихӣ, динӣ ва этникӣ-миллии Тоҷикистонро ба инобат гирифтааст" [10]. А.М. Диноршоев, дар навбати худ, таъкид мекунад, ки «гузаштаи сотсиалистии Тоҷикистон, махсусан дар соҳаи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсири муайяне расонидааст» [8].

Масъалаи ташаккулёбии модели давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон қисман аз ҷониби олимон дар соҳаи иқтисодиёт, сотсиология, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар баробари ин, аксарияти муаллифон асоси таърифи модели давлати иҷтимоиро дар Тоҷикистон таснифи дар боло зикршудаи моделҳоро мегиранд ва дар асоси хусусиятҳои асосӣ кӯшиш мекунанд, ки онро ба ин ё он навъи он нисбат диҳанд. Ҳамин тавр, Н.У. Сафаров бо таҳқиқи масъалаи иҷтимоӣ-иқтисодии камбизоатӣ дар Тоҷикистон таъкид мекунад, ки "дар давлати иҷтимоӣ бояд сиёсати фаъоли давлатии иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад, ки ба таъмини шаҳрвандон ба ҳуқуқҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки асоси онҳо ҳуқуқ ба меҳнат ва музди меҳнати кофӣ, дастрасӣ ба манзил, маориф, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, яъне сатҳи муайяни зиндагии арзанда мебошад, равона шавад. Дар робита ба ин, аз нуқтаи назари назария ва амалия самти муҳим ин кӯшишҳо оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирӣ ва кам кардани камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад" [21], ки ба модели скандинавӣ хос аст.

Чунин нуқтаи назарро С.Ш. Шарифзода низ дастгирӣ мекунад [25]. А.Х. Маликова, дар навбати худ, инчунин таъкид мекунад, ки "дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд кӯшиш кард, ки модели скандинавӣ ва ё иҷтимоӣ-демократии татбиқи давлати иҷтимоиро бо назардошти хусусиятҳои миллии кишвар татбиқ кард" [14]. Ин масъаларо аз нуқтаи назари муносибатҳои иқтисодӣ таҳқиқ намуда, М.З. Абдураҳмонова чунин қайд мекунанд: "Дар Тоҷикистон қобили қабул чунин модели давлати иҷтимоӣ мебошад, ки дар асоси омезиши моделҳои скандинавӣ ва континенталии давлати иҷтимоӣ ташаккул дода шавад". Барои ин вай пешниҳод мекунанд, ки таҷрибаи давлати Қазоқистон, аз ҷумла дар ҷодаи пардохтҳо ба суғуртаи ҳатмии тиббӣ, ба инобат гирифта шавад, инчунин таҷрибаи Олмон, ки дар он низоми озодкуниҳо аз пардохтҳои коммуналии нафақахӯрон, бо назардошти масоҳати хонаи манзилӣ, ки ба як сари аҳолӣ пешбинӣ шудааст, ба инобат гирифта шавад [2].

Ҳамин тариқ, мавқеъҳои дар боло овардашудаи муҳаққиқони ватаниро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса баровард, ки дар аксар мавридҳо ҳамаи онҳо бар он ақидаанд, ки дар Тоҷикистон ба сифати асосҳои модели давлати иҷтимоӣ модели скандинавӣ гирифта шудааст, ки ба он хусусиятҳои миллии давлати тоҷикон ворид карда шудаанд.

Ба назари мо, чунин равиш дар таъини модели давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ҷой дошта метавонад, аммо ба таври возеҳ гуфтан ҳам комилан дуруст нест, ки маҳз ин модел дар кишвари мо истифода мешавад. Мо чунин мешуморем, ки дар Тоҷикистон то ҳол ҷустуҷуйи роҳҳои беҳтарини ташаккули модели давлати иҷтимоӣ идома дорад, ки хусусиятҳои ба худ хос дорад. Аз ин рӯ, барои муайян кардани модели давлати иҷтимоӣ аввалан унсурҳои асосии онро муайян кардан лозим аст, ки ба ақидаи мо, инҳо мустаҳкамкунии конститутсионӣ-ҳуқуқии принсипҳои бунёди давлати иҷтимоӣ, таъсиси ниҳодҳо ва механизми татбиқи ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва аз ҳама муҳим, дар амал татбиқ намудани муқаррароти эълоншуда ва назорат аз болои иҷрои онҳо мебошанд.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулоса барорем:

Аввалан, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ як қатор моделҳои бунёди давлати иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд – либералӣ, континенталӣ, скандинавӣ, исломӣ (арабӣ), ки аз якдигар бо равишҳо дар танзими масъалаҳои иҷтимоӣ тафовут доранд.

Баъдан, оиди модели давлати иҷтимоии Тоҷикистон сухан ронда, бояд қайд кард, ки ба сифати асоси он модели скандинавӣ гирифта шудааст, лекин вобаста ба он, ки имрӯз иқтисодиёти Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар марҳилаи гузариш қарор дорад, оиди пурра татбиқ намудани ин модел сухан гуфтан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, модели ватании давлати иҷтимоӣ ба як қатор махсусиятҳои миллӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик такя мекунад, ки дар дастгирии иҷтимоии табақаи камбизоати аҳолӣ ифода меёбад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Диноршоев А.М.**

### АДАБИЁТ


1. Абдулов С.Р. Концепция социальной справедливости в современных радикальных исламских направлениях: дис. . . . канд. филос. наук / С.Р. Абдулов. – Душанбе, 2019. – С.46.
2. Абдурахманова М.З. Особенности развития и модернизации системы социальной защиты населения в национальной экономике Таджикистана: дис,. . . канд. экон. наук / М.З. Абдурахманова. -Худжанд, 2018. -С.46.
3. Авакьян С.А. Конституционной право России. Учебный курс: Учеб. пособие: в2т./ С.А. Авакьян. 5-е изд., перераб. и доп. -Москва: Норма: ИНФРА, 2014 – С. 383.
4. Александрова О.А. Институциональные проблемы становления социального государства в современной России / О.А. Александрова. – М., 2009. – С. 104-105.
5. Ау Т.И. Проблемы социальной государственности в Республике Казахстан (в контексте сравнения с опытом Российской Федерации): дис. . . канд. юрид. наук / Т.И. Ау.– Москва, 2014. – С. 200.
6. Ветрова Е.А. Особенности скандинавской модели экономики / Е.А. Ветрова Е.Е. Кабанова, Т.В. Богачёва // Социально-экономические явления и процессы. – № 2. -Т. 12. – 2017. – С. 37.
7. Дериглазова Л. Закат социальной Европы? / / Международный альманах „бвропа". Вып. Тюмень, 2003 Режим доступа: http:// www.tempus.isu.ru/learn_mat.html; Ященко В. Гендер і „держава загального добробуту" в кра!нах Захщно! бвропи // Полмичний менеджмент. -2008. -№ 3. – С.128-141.
8. Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. . . . док.юрид.наук / А.М. Диноршоев. - Москва 2015. – С. 373.
9. Диноршоев А.М. Мафҳум ва ғояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /А.М. Диноршоев, Г.Д. Солехзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2020. -№3. - С.223-229.
10. Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия, внесения изменений и основные положения / А.С. Достиев. – Душанбе, 2001. – С. 23.
11. Ешпанова Д.Д. Социальное государство в Казахстане: проблемы развития и ожидания / Д.Д. Ешпанова //Научный журнал. -2015/3 (73). – С.77.
12. Закон РТ «об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» от 2 августа 2011 года, №762// Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. / М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
13. Козаченко 1.О., Школаевський В.М. Особливоста еволюцп сощально'1 держави та 1хня реваленттсть до украшських реалш //Вгсник Харювського Национального утверситету ім. В. Н. Каразша. 2010. № 891. С. 18.
14. Маликова А.Х. Модели реализации концепции социального государства в мировой практике // Ученые записки юридического факультета / А.Х. Маликова. Под ред. А.А. Ливеровского. -СПб.: Издательство Санкт-Петербургского государственного университета экономики и финансов, Вып. 21 (31). – 2011. – С. 40-45.
15. Маликова А.Х. Проблемы формирования социального государства в Таджикистане: дис. . . . док. юрид. наук / А.Х. Маликова. – Москва, 2012. – С. 160.
16. Милецкий В.П. Социальное государство: эволюция идей, сущность и перспектива становления в современной России / В.П. Милецкий. СПб., 1997. – 168с.
17. Намчук В.А. Моделі сощально! держави / / Стратепя регюнального розвитку: формування та механ-зми реалізаціі / В.А. Намчук. – Одеса, 2008. – С. 219-221.;
18. Новшова О.Ф. Сощальна держава: концептуальна основа, критерп визначення та стратепчш прюритети // Социально-экономические аспекти промышленной политики / О.Ф. Новшова. -Донецк, 2009. -Т. 1. – С. 12-18; Сшенко А. Чи е альтернатива державі загального добробуту? / / Нова полмика. -2000. -№ 1.– С. 32-35.
19. Нурмагамбетов А.М. О сущности социального государства / А.М. Нурмагамбетов // Материалы межд. научно-практ. конф. «Развитие институтов демократии в Республике Казахстан в свете конституционной реформы 2007 года». 29 февраля 2008 г. – Алматы, 2008. – С.169.
20. Руденкин В.Н. Может ли авторитарное государство быть социальным? / В.Н. Руденкин // Всероссийский научно-аналитический журнал. Вестник Уральского института экономики, управления и права. -2017. -№1. - С.55.
21. Сафаров Н.У. Социально - экономические проблемы бедности и повышение уровня жизни населения в Республике Таджикистан: дис. . . . канд. экон. наук / Н.У. Сафаров. – Душанбе, 2019. – С. 3-4.
22. Солехзода Г.Д. Конституционно-правовые основы социального государства в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе. – 2020. – 220 с.
23. Торлопов В.А. Основные модели социального государства / В.А. Торлопов // Человек и труд. -1998. -№6. -С. 8.
24. Хома Н.А. Модели социального государства: новые подходы к типологизации / Н.А. Хома // Научные ведомости. Серия История. Политология. Экономика. Информатика. -№1(144). -Выпуск 25, – 2013. – С.137.
25. Шарифзода С.Ш. Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар марҳилаи муосир: К. И. Ҳ. – Душанбе, 2018. – С. 121.
26. Чернов А. В. Патернализм и принцип социальной справедливости как атрибуты социального государства / А. В. Чернов //Институт человека. УПРАВЛЕНЕЦ № 4/50/ 2014г – С. 41.
27. Esping-Andersen G. The three worlds of welfare capitalism. Cambridge, 1990.
28. Furniss N., Tilton T. The Case for the Welfare State. From Social Security To Social Equality. Bloomington; London, 1977. P. 1-21.

29. Marshall T. H. Citisenscip and Social Class. London: Pluto Press, 1981.

## ТАНОСУБИ МОДЕЛИ ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР КИШВАРҲОИ ҒАРБ ВА ШАРҚ

Дар мақолаи мазкур таносуби моделҳои давлати иҷтимоӣ дар кишварҳои аврупоӣ, ғарбӣ ва шарқӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, муайян карда шудааст, ки мавҷудияти равишҳои гуногун ба фаъолияти иҷтимоии давлат тасодуфӣ нест, зеро ҳангоми ташаккулёбии сиёсати иҷтимоӣ дилхоҳ давлат аз таҷриба, амалия ва анъанаҳои таҳияшудаи худ бармеояд. Ҳангоми омӯзиши таносуби модели давлати иҷтимоӣ дар кишварҳои аврупоӣ, ғарбӣ ва шарқӣ, муаллифи мақола андешаҳои гуногуни олимон ва тадқиқотчиёни хориҷӣ, рус ва ватаниро таҳқиқ ва баррасӣ намудааст. Тасдиқ мешавад, ки олимон дар ин маврид мувофиқанд, ки «моделҳои давлати иҷтимоӣ аз ҷиҳати методологӣ ба ғояҳои гуногун асос ёфтаанд, ки аксар вақт равишҳои муқобилро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ пешниҳод мекунанд; гуногунии онҳо, пеш аз ҳама, бо созишҳои таърихӣ дар марҳилаи ибтидоии мавҷудияти давлати иҷтимоӣ шарҳ дода мешавад. Модели иҷтимоӣ, ки чаҳорчӯбаи он мавқеи давлатро нисбат ба ҷомеа муайян мекунад, аз як тараф, натиҷаи таҳаввулоти маҷмуи омилҳо мебошад (иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғ., инчунин анъанаҳо), ки хосси ҳар як кишвар аст ва аз тарафи дигар, интихоби бошуурона аст". Муаллиф дар асоси мавқеъҳои баёнкардаи муаллифони олимони ғарбӣ, муҳаққиқони рус ва русзабон ба хулосае омадааст, ки дар амалияи ҷаҳонӣ як қатор моделҳои асосии бунёди давлати иҷтимоӣ – либералӣ, континенталӣ, скандинавӣ, исломӣ (арабӣ) ташаккул ёфтаанд, ки аз ҳамдигар дар муносибат ба танзими масъалаҳои иҷтимоӣ фпрқ доранд.

**Калидвожаҳо:** давлати иҷтимоӣ, таносуби модели давлати иҷтимоӣ, кишварҳои аврупоӣ, ғарбӣ, шарқӣ, моделҳои давлати иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ, модели либералии давлати иҷтимоӣ.

## СООТНОШЕНИЯ МОДЕЛИ СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА В ЗАПАДНЫХ И ВОСТОЧНЫХ ГОСУДАРСТВАХ

В данной статье анализируются соотношения модели социального государства в европейских, западных и восточных государствах, наличие различных подходов к социальной деятельности государства не является случайным, так как при формировании социальной политики каждое государство исходит из своего сложившегося опыта, практики и традиций. Поэтому в мире не существует единой и однообразной модели реализации принципов социального государства. Для изучения соотношения модели социального государства в европейских, западных и восточных государствах, автором в данной статье изучаются и исследуются взгляды множество трудов западных и отечественных исследователей. Утверждается, ученые сходятся во мнении, что «модели социального государства методологически базируются на разных идеологиях, которые предлагают зачастую противоположные подходы к решению социальных проблем, их многообразие объясняется, прежде всего, историческими компромиссами на начальном этапе существования социального государства. Социальная модель, рамки которой определяют позицию государства по отношению к обществу, - результат, с одной стороны, эволюции комплекса факторов (экономических, правовых, религиозных и др., а также традиций), специфических для каждой страны, а с другой - осознанного выбора». Автором, исходя из изложенных позиций западных ученых, российских и отечественных авторов сделан вывод, что, в мировой практике сформировался ряд основных моделей построения социального государства – либеральное, континентальное, скандинавское, исламское (арабское), которые отличаются друг от друга подходами в регулировании социальных вопросов.

**Ключевые слова:** социальные государства, соотношения модели социального государства, европейские государства, западные государства, восточные государства, модели социального государства, социальная политика, либеральная модель социального государства.

## RELATIONSHIPS OF THE SOCIAL STATE MODEL IN WESTERN AND EASTERN COUNTRIES

This article analyzes the relationships between the social state model in European, Western and Eastern states; the presence of different approaches to the social activities of the state is not accidental, since when forming social policy, each state proceeds from its existing experience, practice and traditions. Therefore, there is no single and uniform model for implementing the principles of a social state in the world.To study the relationship between the model of the social state in European, Western and Eastern states, the author in this article studies and explores the views of many works of Western Russian and domestic researchers. It is argued that scientists agree that "models of the welfare state are methodologically based on different ideologies that often offer opposing approaches to solving social problems; their diversity is explained, first of all, by historical compromises at the initial stage of the existence of the welfare state. The social model, the framework of which determines the position of the state in relation to society, is the result, on the one hand, of the evolution of a complex of factors (economic, legal, religious, etc., as well as traditions) specific to each country, and on the other, a conscious choice." The author, based on the stated positions of the authors of Western scientists, Russian and Russian-speaking authors, concluded that in world practice a number of basic models for building a social state have been formed - liberal, continental, Scandinavian, Islamic (Arab), which differ from each other in approaches to regulating social questions.

**Keywords**: social state, relationship models of the social state, European states, Western states, Eastern states, models of the social state, social policy, liberal model of the social state.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солеҳзода Гулнора Давлат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail: **gulnora.555@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Солехзода Гулнора Давлат*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры конституционного права. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17. E-mail: **gulnora.555@mail.ru**

**Information about the author:** ***Solehzoda Gulnora Davlat*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, senior lecturer of the Department of Constitutional Law. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gulnora.555@mail.ru**

ТДУ: 343.2/.7 (575.3)

# МОҲИЯТИ ҲОЛАТҲОИ МУСТАСНОӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАТБИҚШАВИИ ТАЪИНИ ҶАЗОИ САБУКТАР НИСБАТ БА ҶАЗОЕ, КИ БАРОИ ИН ҶИНОЯТ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ

*Миралиев С.А.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Яке аз проблемаҳои бавуҷудоянда дар татбиқшавии м. 63 КҶ ҶТ ин муайян намудани мафҳум ва моҳияти ҳолатҳои мустасноӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мутобиқи қ. 1 м. 63 КҶ ҶТ, маҳз ҳолатҳои мустаноӣ асоси татбиқгардии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое мебошад, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст.

Вале худи мафҳуми ҳолатҳои мустасноӣ дар қонуни ҷиноятӣ дода нашудааст. Қонунгузор танҳо вобаста будани ҳолатҳои мустасноиро бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳкор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ё ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд, вобаста намудааст. Ғайр аз ин, муқаррароти дар қ. 2 м. 63 КҶ ҶТ зикршуда: ҳолатҳои алоҳидаи сабуккунанда ва ҳам маҷмуи чунин ҳолатҳо метавонанд ҳамчун ҳолатҳои мустасно эътироф карда шаванд, то андозае моҳияти ҳолатҳои мустасноиро равшан месозад, яъне маънидодкунии таҳтуллафзии меъёри мазкур ба он хулоса меорад, ки ҳолатҳои мустасноӣ ин ҳолатҳои сабуккунанда ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ моҳияти ҳолатҳои мустасноӣ ба таври гуногун муайян карда мешавад. Гуногунфикрии олимон асосан дар масъалаҳои доираи ҳолатҳои мустасноӣ, таносуби ҳолатҳои мустасноӣ бо ҳолатҳои сабуккунанда, критерияҳои ба ҳолатҳои мустасноӣ дохил намудани ҳолатҳои сабуккунанда ва ғайра ҷой дорад.

Дар масъалаи доираи ҳолатҳои мустасноӣ андешаҳои олимонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи аввали олимон, ки бештар мебошанд, бар он ақидаанд, ки ҳолатҳои мустасноиро метавонад як ё якчанд ҳолатҳои сабуккунанда ташкил диҳад. Масалан, Р.Р. Галиакбаров чунин меҳисобад: «Ҳолатҳои мустасноӣ мумкин аст, дар натиҷаи мавҷуд будани якчанд ҳолатҳои сабуккунанда ё ҳангоми ҷой доштани ҳатто яке аз онҳо ба вуҷуд оянд, агар дар ҳолати мушаххаси мазкур он аҳаммияти мустасноӣ дошта ва аз ба мақсад мувофиқ набудани таъини ҷазо дар доираи моддае, ки шахс гунаҳкор дониста мешавад, шаҳодат диҳад» [4].

М.Н. Становский зери мафҳуми ҳолатҳои мустасноӣ пайвастагии ҳолатҳои дилхоҳ, аз ҷумла сабуккунандаро мефаҳмад, ки дар маҷмуъ аз ба таври назаррас кам гардидани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти гунаҳкор ва ҷинояти содирнамудаи ӯ дар қиёс бо дигар ҳолатҳои содиршавии чунин намуди ҷиноят шаҳодат медиҳанд (содир намудани ҷиноят дар ҳолати беморӣ, тавсифи мусбати шахсияти гунаҳкор, иштироки фаъолонаи ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, мавҷуд будани мукофотҳои давлатӣ ва ғайра). Ҳолатҳои мустасноӣ мумкин аст, як ҳолат низ эътироф шаванд, агар он ба таври назаррас дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорро кам созад (масалан, содир намудани ҷиноят дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ, ки ба ҳолати паталогӣ наздик буда, аз ҳаракатҳои дағалонаи ғайриқонунии ҷабрдида ба вуҷуд омадааст) [30]. Ба андешаи Л.Л. Кругликов, бештар ба сифати ҳолатҳои мустасноӣ маҷмуи ҳолатҳое эътироф мешаванд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва шахсияти гунаҳкорро хеле кам мекунанд, вале як ҳолати назаррас ҳам ҳангоми ҷой надоштани ҳолатҳои вазнинкунанда мумкин аст ба назар гирифта шавад. Муҳим он аст, ки ин ҳолатҳо то кадом андоза ба кам гардидани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор таъсир расонидаанд, на ин ки миқдори маълумотҳои ҷазоро сабуккунанда [35].

Ба ин монанд, И.Я. Козаченко ва Г.П. Новоселов иброз менамоянд, ки, «аз сабаби он ки қонунгузор дар айни замон зери мафҳуми ҳолатҳои мустасноӣ дилхоҳ ҳолати сабуккунандаи алоҳида ва маҷмуи чунин ҳолатҳоро мефаҳмад, бинобар ин ба хулосае бояд омад, ки баҳои ҳолатҳои сабуккунанда ба сифати ҳолати мустасноӣ набояд дар вобастагӣ ба миқдори он гузошта шавад» [12].

Якҷоя бо ин баъзе олимон иброз доштаанд, ки ҳангоми таъини ҷазо камтар аз ҳадди поёнии он бояд, «ҳолатҳои махсусан сабуккунанда» – ба ҳисоб гирифта шаванд, ки ба

қатори ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда, ки танҳо барои сабуксозии ҷазо дар доираи санксияи моддаи мазкур ҳуқуқ медиҳанд, дохил набошанд” [1]. Б. Коробейников ва М. Орлов низ бар ин назаранд, ки ҳолатҳои сабуккунандаи дар қонун нишондодашуда аз ҷониби суд мумкин аст, танҳо ҳангоми сабуксозии ҷазо дар доираи санксия ба ҳисоб гирифта шаванд. Ҳангоми таъини ҷазо камтар аз ҳадди поёнӣ бояд, ки ҳолатҳои сабуккунандаи «махсус», ки ҳолатҳои «мустасноӣ» эътироф мешаванд, ба инобат гирифта шаванд. Вобаста ба ин иброз мешуд, ки «судҳо ҷазоро камтар аз ҳадди поёнӣ таъин намуда истода, дар аксар мавридҳо на ба ҳолатҳои мустасноӣ, балки ба ҳолатҳои одӣ, ки дар қонун ба сифати ҳолатҳои сабуккунанда номбар шудаанду бояд ҳангоми таъини ҷазо дар доираи санксияи муқарраршуда ба назар гирифта шаванд, ишора менамоянд» [13].

П.Ф. Пашкевич ва В.В. Ераксин баён намудаанд, ки суд ҳуқуқ дорад, ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои сабуккунандаи «ҷиддӣ» ҷазоро камтар аз ҳадди поёнӣ таъин намояд [9].

Дигарон бошанд, баён медоштанд, ки ҳолатҳои мустасноӣ ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда ва пешбининашудае эътироф мешаванд, ки ҷавобгариро сабук ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорро кам мекунанд [14]. Масалан, М.Д. Шаргородский мавқееро ҷонибдорӣ менамуд, ки барои таъини ҷазои сабуктар зарурати муқаррар сохтани ҳолатҳои сабуккунандаи махсус ҷой надорад, ба чунин сифат мумкин аст, ҳолатҳои сабуккунандаи дар қонун пешбинишуда, ки ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта мешаванд, баромад намоянд...[39].

Гурӯҳи дигари олимон бар он андешаанд, ки ҳолатҳои мустасноӣ бояд, ҳангоми ҷой доштани ду ва ё зиёда ҳолатҳои сабуккунанда эътироф шаванд [38]. Масалан, В.В. Питеский чунин мешуморид, ки танҳо маҷмуи ҳолатҳои сабуккунанда метавонанд ба мустасноии таъини ҷазо мутобиқат намоянд. Ба андешаи А.А. Нечепуренко ва А.Е. Куковякин, «бештар асоснок мебуд, агар қонунгузор асосҳои татбиқ намудани м. 64 КҶ ФР-ро тавсиф дода истода, на дар бораи ҷой доштани ҳолати алоҳидаи сабуккунанда, балки ду ё зиёда аз он сухан меронд» [25]. Минбаъд А.Е. Куковякин дар рисолаи худ чунин пешниҳод месозад: «Ҳолатҳои мустасноӣ ин ду ё зиёда ҳолатҳои сабуккунанда аз шумораи дар қ. 1 м. 61 КҶ ФР нишондода шуда мебошанд, ки онҳо бо рафтори гунаҳкор дар вақти содир намудани ҷиноят ва пас аз содир намудани он алоқаманд буда, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти мазкурро хеле кам мекунанд» [15].

Албатта, чунин мавқеъ то андозае аз таҷрибаи татбиқ гаштани м. 63 КҶ ҶТ бармеояд. Зеро судҳо дар зиёда аз 200 ҳукмҳои таҳлил намудаи мо ба ду ва ё зиёда ҳолатҳои сабуккунанда ишора месозанд. Аммо дар қ. 2 м. 63 КҶ ҶТ сухан дар бораи ҷой доштани на як ё ду ҳолати сабуккунанда, балки дар бораи ҳолати мустасноӣ эътироф намудани онҳо меравад. Дар чунин ҳолат, худ аз худ номгӯйи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ва миқдори он (қ. 2 м. 63 КҶ ҶТ) муҳим нест, балки «хусусияти мустасноӣ доштани онҳо аз назари таъсиррасонӣ ба хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда ва шахси онро содирнамуда муҳим аст» [10].

Бинобар он, суд метавонад аз ҷумлаи ҳолатҳои сабуккунандаи муқарраршуда, танҳо яктои онро ба сифати ҳолати мустасноӣ эътироф намояд. Вобаста ба ин, андешаи дар боло зикршуда қобили қабул намебошад, зеро он таҷрибаи татбиқнамоии м. 63 КҶ ҶТ-ро хеле маҳдуд месозад. Ғайр аз ин, мо ба андешаи А.Е. Куковякин оид ба он ки ҳолатҳои мустасноӣ танҳо мумкин аст аз доираи ҳолатҳои сабуккунандаи дар қонун муқарраршуда эътироф шаванд, розӣ нестем, чунки доираи ҳолатҳои сабуккунанда мутобиқи қ. 3 м. 61 КҶ ҶТ пӯшида набуда, суд метавонад, ҳолатҳои дигари дар он зикрнагардидаро ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирад ва вобаста ба ҳолатҳои кор ба он мақоми ҳолатҳои мустасноиро диҳад.

Ҳамин тавр, ҳолатҳои мустасноӣ ин ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо мебошанд, ки дар м. 61 КҶ ҶТ номбар шудаанд, инчунин ҳолатҳои дигаре, ки суд метавонад дар асоси қ. 3 моддаи мазкур ба чунин сифат ба назар гирад.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё ҳама ҳолатҳои дар қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ пешбинишударо суд метавонад вобаста ба ҳолатҳои кор ба сифати ҳолати мустасноӣ эътироф намояд? Критерияи ба ҳолатҳои мустасноӣ дохил намудани ҳолатҳои сабуккунанда дар чӣ ифода мегардад?

Тартиби мансуб донистани ҳолатҳои сабуккунанда ҳамчун ҳолатҳои мустасноиро қонун дақиқан муайян насохтааст ва он бештар хусусияти баҳодиҳӣ дошта, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Бинобар ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ фаҳмиши амиқи мақоми мустасноӣ пайдо намудани ҳолатҳои сабуккунанда ҷой надорад.

Пеш аз ҳама, дар қонун ба сифати ҳолатҳои мустасноӣ ҳолатҳое нишон дода шудаанд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд. Ҳолатҳои мустасноӣ эътироф намудани ҳолатҳои сабуккунандаро қонун бо омилҳои зерин алоқаманд медонад: 1) мақсад ва ангезаи ҷиноят; 2) нақши гунаҳкор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он; 3) ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд. Ҳаминро низ бояд зикр намуд, ки маъёри мазкур танҳо ба хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ишора намуда, дар бораи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти гунаҳкор ҳарфе намезанад.

Ниҳоят, онро ифода мекунад, ки мутобиқи қ. 1 м. 63 КҶ ҶТ на ҳама ҳолатҳои сабуккунанда ба сифати ҳолати мустасноӣ баромад менамоянд.

Ба ақидаи Д.С. Дядкин: «Таҳлили таҳтуллафзии қ. 1 м. 64 КҶ ФР (қ. 1 м. 63 КҶ ҶТ) ба хулосае меоварад, ки ба сифати ҳолати мустасноӣ мумкин аст: 1) ҳолати дилхоҳи сабуккунанда баромад намояд, ки ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро тавсиф медиҳад; 2) ҳолати ягонаи тавсифдиҳандаи ба ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳкор – мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ баромад намоянд» [7].

Дигар олимон низ бар он ақидаанд, ки ҳолатҳои сабуккунанда танҳо ҳолатҳои ба рафтори гунаҳкор алоқаманде мебошанд, ки метавонанд, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро кам намоянд ва ба сифати ҳолати мустасноӣ баррасӣ шаванд [26].

М.Г. Ушаков ҳолатҳои сабуккунандаро ба асосӣ, махсус сабуккунанда ва мустасноӣ ҷудо менамояд. Ба ҳолатҳои мустасноӣ муаллиф танҳо ҳолатҳоеро дохил менамояд, ки ба рафтори гунаҳгор ҳангоми содир намудани ҷиноят дахл доранд, яъне: а) содир намудани ҷиноят дар ҳолати аз ҳадди муҳофизати зарурӣ гузаштан, дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда, зарурати ниҳоӣ, таваккали асоснок, иҷрои фармон ё амр; б) ғайриқонунӣ будани рафтори ҷабрдида (зӯроварӣ, таҳқири сахт), ки сабаби содир гаштани ҷиноят мегардад [34].

Ба андешаи В.Б. Мишкин, аз ҷумлаи ҳолатҳои сабуккунандаи дар б. «е», «к» қ. 1 м. 61 КҶ ФР (б.б. «з», «к» қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ) муқарраршуда нисбат ба ҳолатҳои дигари сабуккунанда мустасноӣ ҳисоб мешаванд[20].

Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, менависад, Ф.Р. Сундурова, ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои дар б. «и», «к» қ. 2 м. 61 КҶ ФР (б. «и», «к» қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ) пешбинишуда, зиёда аз ин, инчунин ҳангоми мавҷуд набудани шаклҳои дар он пешбинишудаи пушаймонӣ аз кирдор низ имконпазир аст [31].

Албатта, мо бо андешаҳои зикршуда дар маҷмуъ розӣ ҳастем, чунки ҳар яке аз ҳолатҳои сабуккунандаи аз тарафи олимони зикршуда номбаргашта метавонад, ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар маҷмуъ ба сифати ҳолати мустасноӣ баромад намоянд, агар вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда ё хавфнокии ҷамъиятии шахсияти гунаҳкорро хеле паст созанд. Аз ҳолатҳои сабуккунандаи дар қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда ба чунин сифат метавонанд танҳо ҳолатҳои дар б.б. «д», «е», «ж», «з», «и», «к» муқарраршуда баромад намоянд, зеро ҳолатҳои мазкур нисбат ба ҳолатҳои дигари сабуккунандаи ҷазо бештар бо содир шудани ҷиноят бевосита робита дошта, инчунин рафтори шахсро ҳангоми содир намудани ҷиноят ва пас аз он тавсиф дода, ба имконияти кам гаштани дараҷаи хавфнокии ҷиноят ва шахси гунаҳкори онро содирнамуда таъсири зиёдтар мерасонанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар мавриди муайян намудани мафҳуми ҳолатҳои мустасноӣ ақидаи ягона ҷой надорад.

Ба ақидаи М.Т. Гараев, ҳолатҳои мустасноӣ ин ҳолатҳои муқарраргии ҳаётӣ мебошанд, ки ҷиноят ва шахсияти гунаҳкорро тавсиф намуда, онҳоро суд ҳолатҳои сабуккунанда эътироф намудааст. Новобаста ба он ки қонун ҳолатҳои мустасноиро танҳо бо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят марбут донистааст, ба ин нигоҳ накарда ба

чунин сифат мумкин ҳолатҳои тавсифдиҳандаи рафтори шахс ҳангоми содир намудани ҷиноят ва пас аз он (беморӣ, маъюбӣ, вазъи оилавӣ ва ғайра) баромад намоянд [5].

И.В. Михайленко, ҳолатҳои мустасноиро ҳамчун ҳолатҳои алоҳидаи сабуккунанда ё маҷмуи чунин ҳолатҳо меҳисобад, ки онҳо дар ҳолати мушаххаси содиршавии ҷиноят чунон назаррас дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти дахлдор ва (ё) шахсияти гунаҳкорро кам менамоянд, ки таъини ҷазо дар доираи санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ба мақсад номувофиқ ва ноодилона мегардад [21].

«Ҳолатҳои мустасноӣ, – менависад Т.В. Николаева, – ин чунин ҳолатҳои тавсифдиҳандаи ҷиноят ва шахсияти гунаҳкор ҳангоми содир намудани ҷиноят ва пас аз он мебошанд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳоро хеле кам намуда, имкон медиҳанд ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, таъин гардад» [27].

Ба андешаи В.М. Гарманов, ҳолатҳои мустасноӣ, инчунин ҳолатҳои кирдори содиршуда, инчунин маълумотҳо оид ба шахсияти гунагҳор мебошанд, ки хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти мушаххасро нисбат ба ҳолатҳои умумӣ ғайриодӣ мегардонанд [6].

А.М. Мифтахов ҳолатҳои мустасноиро ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятидоштае меҳисобад, ки суд онҳоро мустасноӣ эътироф намуда, ин ҳолатҳо ба таври назаррас дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ва (ё) шахсияти гунаҳкорро кам мекунанд, яъне нисбат ба он сатҳе ки қонунгузор ҳангоми муайян намудани санксия барои содиршавии ҷинояти дахлдор ба ҳисоб гирифтааст. Дар идома А.М. Мифтахов ҳолатҳои ба чунин сифат, яъне мустасноӣ эътирофшавандаро муфассал номбар намуда (сабаб ва шароити содиршавии ҷиноят, шакл ва дараҷаи гуноҳ, мақсад ва ангезаи ҷиноят, нақши гунаҳкор, рафтори ӯ ҳангоми содиршавии ҷиноят ва пас аз он, инчунин тавсифи мусбати шахсияти ӯ) иброз менамояд, ки мавҷудияти чунин ҳолатҳо, аз як тараф, таъини ҷазоро дар доираи санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ба мақсад номувофиқ мегардонад, аз дигар тараф, ҳамчун асоси озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф шуда наметавонанд ва дар як вақт имконияти ноил шудан ба мақсади ҷазоро бо роҳи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, таъмин месозанд [22].

Ин ҷо, ба андешаи мо, ишора намудан ба он ки ҳолати зикршуда ҳамчун асос, дурустараш шарти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ буда наметавонад, чандон қобили қабул нест. Зеро баъзе аз ҳолатҳои зикрнамудаи муаллиф (ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан, талофӣ намудани зарари расонидашуда ва ғайра) метавонанд, ҳамчун шарти озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад намоянд, ки инро худи қонунгузор бевосита, масалан, дар м. 72 КҶ ҶТ мустаҳкам намудааст.

А.И. Кочкарев баён медорад, ки хусусияти ҳолатҳое, ки мустасноӣ ҳисоб мешаванд, аз он иборат аст, ки онҳо дар ҳар як ҳолати мушаххас чунон назаррас ва фавқулода дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти гунаҳкор ё кирдори содирнамудаи ӯро кам мегардонанд, ки ҷазои дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ дар умум барои чунин ҷиноятҳо муқарраршуда, вобаста ба вазнинӣ ва ғайриодилона ҳисоб шуданаш татбиқ намешавад [16].

Ҳамин тавр, гурӯҳи аввали олимон, ки бо андешаҳои онҳо мо розӣ ҳастем, ҳолатҳои мустаноиро ҳамчун ҳолатҳое эътироф менамоянд, ки на фақат дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда ё ҷиноятро, балки ба ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳкорро низ хеле кам мекунанд ва ҷой доштани чунин ҳолатҳо таъини ҷазоро аз рӯйи санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ аз нигоҳи ба мақсад мувофиқ набудан ва принсипи адолат номумкин месозанд.

Мутобиқи қонуни ҷиноятӣ (м. 63 КҶ ҶТ), ҳолати мустасноӣ дар ҳақиқат мумкин аст, на танҳо бо рафтори шахс ҳангоми содир намудани ҷиноят, балки пас аз он низ алоқаманд бошад. Рафтори шахс пас аз содир намудани ҷиноят худ аз худ ба кам гаштани дараҷаи хавфнокии он таъсир намерасонад, он метавонад танҳо шахсияти гунаҳкорро тавсиф диҳад. Бинобар ин, дар қонун вобаста намудани ҳолати мазкур танҳо бо дараҷаи хавфнокии ҷиноят чандон асоснок ба назар намерасад.

Олимони дигар бошанд, ҳангоми додани мафҳуми ҳолатҳои мустасноӣ ба кам гардидани танҳо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда ишора менамоянд [19]. Масалан, Д. Дядкин ҳолатҳои сабуккунандаро ҳолатҳои мустасноӣ номбар намуда истода, ба таъсири чунин ҳолатҳо танҳо ба кам гаштани ба ҷамъият хавфнокии кирдори

ҷиноятӣ ишора менамояд [8]. Зимнан сабаби нишон надодани аломатҳои шахсият ҳамчун ҳолати мустасноӣ бо он маънидод мегардад, ки маълумотҳо оид ба шахсият ба категорияи «ба ҷамъият хавфнок» дохил мебошанд [37].

Албатта, бо чунин андешаҳо розӣ будан мушкил аст, зеро аввалан, қонуни ҷиноятӣ (қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ) ба назар гирифтани шахсияти гунаҳкорро дар қатори хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, ҳамчун талаботи мустақили таъини ҷазо мустаҳкам намудааст. Ғайр аз ин, эътироф намудани он ки ба ҷамъият хавфнокии шахсият танҳо бо хавфнокии ҷамъиятии кирдор муайян мешавад, боиси баробар донистани ба ҷамъият хавфнокии ҳама гунаҳкорон дар содир намудани ҷиноятҳои гуногун мегардад. Ҳамин тавр, ба ҷамъият хавфнокии шахсият бо ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ҳаммаъно намебошад, дар акси ҳол «...масъала дар бораи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояткор бепредмет мегардад: кирдор бо шахсият омезиш меёбад» [29].

И.Я. Козаченко ва Г.П. Новоселов оид ба зарурати дар матни қонун ёдрас намудан ба таври ҳатмӣ ба назар гирифта шудани шахсияти гунаҳкор андешаронӣ намуда истода, қайд месозанд, ки чунин зарурат ҷой надорад, зеро суд мутобиқи асосҳои умумии таъини ҷазо чунин ҳолатро ба инобат мегирад [17].

Бо чунин андеша мо низ розӣ буда наметавонем, зеро агар мо дар чунин мавқеъ истем, қонунгузор бояд, дар дигар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ пайдарҳамиро риоя намуда, нишондодро мебоист дар бораи ба назар гирифтани шахсияти гунаҳкор, масалан, ҳамчун асоси татбиқ намудани м. 71 КҶ ҶТ хориҷ менамуд.

А.В. Наумов низ гарчанде ба назар гирифтани шахсияти гунаҳкорро ҳангоми таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, инкор насозад ҳам, аммо хусусиятҳои тавсифдиҳандаи шахсиятро ба ҷумлаи ҳолатҳои мустасноӣ дохил намекунад [35].

Вобаста ба ин, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба фаҳмиши асосҳои татбиқ намудани м. 63 КҶ ҶТ ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Ақидаҳои мавҷудбударо метавон аз рӯйи се самт тасниф намуд. Ба самти аввал олимоне дохил мешаванд, ки ба сифати шарти татбиқ гаштани м. 63 КҶ ҶТ танҳо як асосро мансуб медонад. Масалан, ба андешаи А.В. Наумов [28], Ю.А. Красиков [36], М.Н. Становский [32], асоси таъини ҷазои нисбатан сабук мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ эътироф мешавад. Ба андешаи Михайленко, дар м. 64 КҶ ФР (м. 63 КҶ ҶТ) новобаста аз он ки чанд бор калимаи «мустасноӣ» истифода шудааст ва ба кадом ҳолатҳо он тааллуқ дорад, сухан дар бораи танҳо ҳолатҳои мустасноӣ меравад [23].

Ба андешаи дигар муаллифон, барои чунин тарзи таъини ҷазо ҷой доштани ду асос зарур аст. Масалан, А.В. Ишенко [11], В.И. Зубкова [18]чунин меҳисобанд, ки м. 64 КҶ ФР (м. 63 КҶ ҶТ) мазмунан ду асоси таъини ҷазои сабуктарро муқаррар месозад: 1) мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд; 2) фаъолона мусоидат намудани иштирокчии гурӯҳи ҷиноятӣ барои ошкор намудани ин ҷиноят.

Вобаста ба самти сеюми асоси таъини ҷазо аз рӯйи м. 63 КҶ ҶТ се гурӯҳи ҳолатҳо баромад менамоянд. Масалан, ба ақидаи Е.В. Благов, А.П. Чучаев ба ин ҳолатҳо дохил мешаванд: 1) ҷой доштани ҳолатҳои мустасноӣ вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳкор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он; 2) ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд; 3) мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ [2]. Гурӯҳи мазкури олимон, тавре мебинем, мафҳуми ҳолатҳои мустасноиро маҳдуд маънидод намуда, аз доираи он асосҳои дуюм ва сеюмро берун мегузоранд. Масалан, ба андешаи Е.В. Благов, таъини ҷазои сабуктар нисбати ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, на танҳо ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои мустасноӣ, балки «дигар ҳолатҳо» низ мавҷуд буда метавонад, яъне муаллиф ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд ва мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳро бо ҳолатҳои мустасноӣ алоқаманд намекунад [3].

Ба андешаи мо, фарқгузорӣ намудан, гузоштани сарҳад байни ҳолатаҳои мустасноӣ ва дигар ҳолатҳо аз мазмуни м. 63 КҶ ҶТ барнамеояд. Дар қ. 1 м. 63 КҶ ҶТ қонунгузор ҳолатҳои дигар гуфта ҳолатҳоеро дар назар дорад, ки бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳкор,

рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он дохил нестанд, вале ба доираи мазмуни мафҳуми ҳолатҳои мустасноӣ мансуб мебошанд. Ҳарду ҳолат низ бояд ба кам гаштани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят таъсир расонанд.

Ҳолати сеюм бошад, яъне мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ дар м. 63 КҶ ҶТ бо ҳолатҳои мустасноӣ ва кам кардани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят алоқаманд карда нашудааст. Бинобар ин, ҳолати мазкур метавонад ҳамчун асоси мустақили татбиқнамоии м. 63 КҶ ҶТ баромад намояд.

Ба андешаи мо, бахри осон намудани кори судҳо Пленуми Суди Олии Тоҷикистонро мебояд, дар қарори худ ба асосҳои татбиқ намудани м. 63 КҶ ҶТ равшанӣ андозад. Мутаассифона, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» аз 24 феврали соли 2005 тахти №1, ин масъала ҳалли худро пайдо накардааст. Дар б. 9 Қарори мазкур моҳиятан танҳо муқаррароти қонун зикр шудаасту халос. Аз ҷумла, дар Қарори мазкур чунин омадааст: «Мутобиқи моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои бо қонун пешбинишуда танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ дар маҷмуи маълумотҳо оид ба шахсияти гунаҳкор имконпазир мебошад. Дар ин маврид ҳамчун ҳолатҳои мустасно, аз ҷумла ҳолатҳои бо қонун ба сифати сабуккунандаи ҷазо пешбининишудае, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршударо моҳиятан кам мекунанд, низ эътироф карда шуданашон мумкин аст» [24].

Моҳияти ҳолатҳои мустасноиро ҳамчун асоси татбиқшавии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст таҳлил намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1)Ҳолатҳои мустасноӣ ин ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо мебошанд, ки дар м. 61 КҶ ҶТ номбар шудаанд, инчунин ҳолатҳое дигаре, ки суд метавонад, дар асоси қ. 3 моддаи мазкур ба чунин сифат ба назар гирад.

2) Номгӯйи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ва миқдори он (қ. 2 м. 63 КҶ ҶТ) муҳим нест, балки «хусусияти мустасноӣ» доштани онҳо аз назари таъсиррасонӣ ба хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда ва шахси онро содирнамуда муҳим аст.

3) Аз ҳолатҳои сабуккунандаи дар қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда ба чунин сифат метавонанд танҳо ҳолатҳои дар б.б. «д», «е», «ж», «з», «и», «к» муқарраршуда баромад намоянд, зеро ҳолатҳои мазкур нисбат ба ҳолатҳои дигари сабуккунандаи ҷазо бештар бо содир шудани ҷиноят бевосита робита дошта, инчунин рафтори шахсро ҳангоми содир намудани ҷиноят ва пас аз он тавсиф дода, ба имконияти кам гаштани дараҷаи хавфнокии ҷиноят ва шахси гунаҳкори онро содирнамуда таъсири зиёдтар мерасонанд.

4) Рафтори шахс пас аз содир намудани ҷиноят худ аз худ ба кам гаштани дараҷаи хавфнокии он таъсир намерасонад, он метавонад танҳо шахсияти гунаҳкорро тавсиф диҳад. Бинобар ин, дар қонун вобаста намудани ҳолати мазкур танҳо бо дараҷаи хавфнокии ҷиноят чандон асоснок ба назар намерасад.

5) Бахри осон намудани кори судҳо Пленуми Суди Олии Тоҷикистонро мебояд, дар қарори худ ба асосҳои татбиқ намудани м. 63 КҶ ҶТ равшанӣ андозад. Мутаассифона, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» аз 24 феврали соли 2005 тахти №1 ин масъала ҳалли худро пайдо накардааст.

**Муқарриз: Шарипов Т.Ш. – д.и.ҳ., прфссори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Брайнин Я.М. Принципы применения наказания по советскому уголовному праву / Я.М. Брайнин // Научные записки Киевского гос. ун-та им. Т.Г. Шевченко. – 1953. – Вып. 1. – С. 75.
2. Благов Е.В. Назначение наказания (теория и практика) / Е.В.Благов. – Ярославль, 2002. – С. 50; Чугаев А.П. Назначение наказания: учеб. пособие/ А.П. Чугаев. – Краснодар - 2003. – С. 134.
3. Благов Е.В. Назначение наказания (теория и практика) / Е.В. Благов. – Ярославль, 2002. – С. 50.
4. Галиакбаров Р.Р. Уголовное право. Общая часть: учебник / Е.В. Благов. – Краснодар: Кубанский гос. аграрный ун-т, 1999. – С. 343.
5. Гараев М.Т. Смягчение наказания при его назначении по российскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. Наук / Е.В. Благов. – Казань, 2002. – С. 126-127.

6. Гарманов В.М. Назначение наказания при деятельном раскаянии и наличии исключительных обстоятельств: учеб. -практ. Пособие / В.М.Гарманов. – Тюмень, 2005. – С. 50.
7. Дядькин Д.С. Теоретико-методологические основы назначения уголовного наказания: дис. … д-ра юрид. Наук / В.М. Гарманов. – М., 2009. – С. 292.
8. Дядькин Д. Правила учета исключительных обстоятельств для назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление / Д. Дядькин // Уголовное право. – 2006. – №2. – С. 23.
9. Ераксин В.В. Ответственность за грабеж / В.В. Ераксин. – М.: Юрид. лит., 1972. – С. 325.
10. Звечаровский И.Э. Назначение более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление: монография / И.Э. Звечаровский. – М., 2012. – С. 56-57.
11. Ищенко А.В. Назначение наказания по Уголовному кодексу Российской Федерации: науч.-практ. пособие / А.В. Ищенко. – М., 2002. – С. 44.
12. Козаченко И.Я. Уголовное право. Общая часть. 5-е изд., пер. и доп. Учебник для бакалавриата и специалиста / И.Я. Козаченко, П.Г. Новоселов. – М., 2019. – С. 296.
13. Коробейников Б. Ответственность за взяточничество / Б. Коробейников, М. Орлов // Советская юстиция. – 1970. – №20. – С. 19.
14. Курс советского уголовного права. Часть Общая. – Т. 2. Отв. ред. Беляев Н.А., Шаргородский М.Д. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1970. – С. 359-361; Уголовное право. Часть Общая. – М., 1969. – С. 324-325.
15. Куковякин А.А. Исключительные обстоятельства как основание смягчения наказания: дис. … канд. юрид. наук / А.А. Куковякин. – Омск, 2018. – С. 77.
16. Кочкарев А.И. Назначение более мягкого наказания, чем предусмотрено законом: дис. ... канд. юрид. наук / А.И. Кочкарев. – Рязань, 2005. – С. 115.
17. Козаченко И.Я. Уголовное право. Общая часть. 5-е изд., пер. и доп. Учебник для бакалавриата и специалиста / И.Я. Козаченко, П.Г. Новоселов. – М., 2019. – С. 295.
18. Курс уголовного права. Общая часть. Т. 2: Учение о наказании: учеб. для вузов. Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М., 1999. – С. 124.
19. Лебедев В.М. О некоторых вопросах назначения судами уголовного наказания / В.М. Лебедев // Бюл. Верховного Суда РФ. – 1999. -№9. -С.5; Чугаев А.П. Назначение наказания: учеб. пособие. -Краснодар, 2003. - С.135.
20. Мишкин В.Б. Смягчение наказания в уголовном праве: дис. … канд. юрид. наук / В.Б. Мишкин. -Омск, 2013. - С.117.
21. Михайленко И.В. Назначение более мягкого наказания, чем предусмотрено законом за совершение конкретного преступления: дис. … канд. юрид. наук / И.В. Михайленко– Кемерово, 2012. – С. 65.
22. Мифтахов А.М. Индивидуализация наказания при его назначении с учетом исключительных обстоятельств в российском уголовном праве: дис. … канд. юрид. наук / А.М. Мифтахов. – Н. Новгород, 2012. – С. 129-130.
23. Михайленко И.В. Назначение более мягкого наказания, чем предусмотрено законом за совершение конкретного преступления: дис. … канд. юрид. наук / И.В. Михайленко. – Кемерово, 2012. – С. 72.
24. Маљмуаи ќарорњои Пленуми Суди Олии Љумњурии Тољикистон (солњои 2002-2019). – С. 112.
25. Нечепуренко А.Н. Ограничение судейского усмотрения при переводе смягчающих обстоятельств в статус исключительных в порядке ст. 64 УК РФ / А.Н. Нечепуренко, А.Е. Куковякин // Психопедагогика в правоохранительных органах. – 2017. – №3(70). – С. 21.
26. Николаева Т.В. Назначение более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление: вопросы теории и практики: автореф. дис. … канд. юрид. наук / Т.В. Николаева. – Уфа, 2005. – С. 7; Авдеев В.А. Правовое регулирование назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено законом за данное преступление / В.А. Авдеев // Научные ведомости БелГУ. Сер. «Философия. Социология. Право». – 2010. – №2. – Вып 15. – С. 164.
27. Николаева Т.В. Назначение более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление: Вопросы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук / Т.В. Николаева. – Уфа, 2005. – С. 34.
28. Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: курс лекций / А.В. Наумов. – М., 2000. – С. 441.
29. Прохоров В.С. Преступление и ответственность / В.С. Прохоров. – Л., 1984. – С. 61.
30. Становский М.Н. Назначение наказания / М.Н. Становский. – СПб., 1999. – С. 286.
31. Сундуров Ф.Р. Регламентация назначения наказания при наличии исключительных обстоятельств по Уголовному кодексу Российской Федерации / Ф.Р. Сундуров // Ученые записки Казанского гос. ун-та. – 2009. – Т. 151. – Кн. 4. – С. 181.
32. Становский М.Н. Назначение наказания / М.Н. Становский. – СПб., 1999. – С. 277-278.
33. Уголовное право России. Часть Общая: учебник. Отв. ред. проф. Л.Л. Кругликов. – 3-е изд., перераб. и доп. – М., 2012. – С. 424.
34. Ушакова М.Г. Смягчающие наказание обстоятельства в уголовном праве России: дис. ... канд. юрид. наук / М.Г. Ушакова. – М., 2002. – С. 65.
35. Уголовное право. Общая часть: в 2 т.: учебник для академического бакалавриата. Отв. ред. А.В. Наумов, А.Г. Кибальник. – М., 2019. – С. 300-301.
36. Уголовное право России: учеб. для вузов: в 2 т. Т. 1: Общая часть / Отв. ред. Л.Н. Игнатов, Ю.А. Красиков. –М., 2000. – С. 448-449.
37. Филимонов В.Д. Общественная опасность личности преступника / В.Д. Филимонов. – Томск, 1970. – С. 6.

38. Чечель Г.И. Назначение наказания более мягкого, чем предусмотрено законом / Г.И. Чечель // Социалистическая законность. – 1974. – №1. – С. 111-112; Питецкий В.В. Назначение наказания более мягкого, чем предусмотрено законом / В.В. Питецкий // Вопросы уголовной ответственности и наказания. – Красноярск, 1986. – С. 154.
39. Шаргородский М.Д. Вопросы Общей части уголовного права (законодательство и судебная практика) / М.Д. Шаргородский. – Л., 1955. – С. 170.

## МОҲИЯТИ ҲОЛАТҲОИ МУСТАСНОӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАТБИҚШАВИИ ТАЪИНИ ҶАЗОИ САБУКТАР НИСБАТ БА ҶАЗОЕ, КИ БАРОИ ИН ҶИНОЯТ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ

Дар мақола мафҳуми ҳолатҳои мустасноӣ ҳамчун асоси татбиқшавии таъини ҷазои аз рӯйи қоидаҳои м.63 КҶ ҶТ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф андешаҳои зиёди олимон ва таҷрибаи судии татбиқшавии м.63 КҶ ҶТ ба назар гирифта, ба хулосае омадааст, ки на ҳама ҳолатҳои сабуккунанда метавонанд ба сифати ҳолатҳои мустасноӣ баромад намоянд. Ба сифати ҳолатҳои мустасноӣ танҳо ҳолатҳои сабуккунандае баромад карда метавонанд, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгорро хеле кам мекунанд. Муаллиф баҳри такмил додани м.63 КҶ ҶТ ва беҳтар намудани таҷрибаи судии татбиқшавии м.63 КҶ ҶТ таклифҳои муайян пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, таъини ҷазо, ҳолатҳои мустасноӣ, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда, ҷиноят, тарзҳои таъини ҷазо.

## СУЩНОСТЬ ИСКЛЮЧИТЕЛЬНЫХ ОБСТОЯТЕЛЬСТВ КАК ОСНОВА ПРИМЕНЕНИЯ БОЛЕЕ МЯГКОГО НАКАЗАНИЯ, ЧЕМ ПРЕДУСМОТРЕНО ЗА ЭТО ПРЕСТУПЛЕНИЕ

В статье рассматривается понятие исключительных обстоятельств как основы реализации назначения наказания по правилам ст. 63 УК РТ.Автор учел многие мнения ученых и судебный опыт применения статьи 63 УК РТ и пришел к выводу, что не все смягчающие обстоятельства могут быть расценены как исключительные обстоятельства. В качестве исключительных обстоятельств могут выступать лишь смягчающие обстоятельства, которые существенно снижают характер и степень опасности для общества преступления и личности виновного. В целях совершенствования статьи 63 УК РТ и совершенствования судебной практики применения статьи 63 УК РТ автором внесены определенные предложения.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, назначение наказания, исключительные обстоятельства, личность виновного, смягчающие обстоятельства, преступление, способы назначения наказания.

## THE ESSENCE OF EXCEPTIONAL CIRCUMSTANCES AS THE BASIS FOR APPLYING A MORE LENIENT PUNISHMENT THAN PROVIDED FOR THIS CRIME

The article examines the concept of exceptional circumstances as the basis for the implementation of sentencing according to the rules of Art. 63 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author took into account many opinions of scientists and judicial experience in applying Article 63 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan and came to the conclusion that not all mitigating circumstances can be regarded as exceptional circumstances. Only mitigating circumstances can act as exceptional circumstances, which significantly reduce the nature and degree of danger to society of the crime and the personality of the perpetrator. In order to improve Article 63 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan and improve the judicial practice of applying Article 63 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the author made certain proposals.

**Keywords**: Criminal Code, sentencing, exceptional circumstances, identity of the perpetrator, mitigating circumstances, crime, methods of sentencing.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, кафедраи ҳуқуқ. **Суроға:** 734055, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борабад, 48/5. Телефон: **+992909112111** E-mail: **tagalov@yandex.ru**

**Сведения об авторе:** ***Миралиев Салохиддин Абдусаломович*** **–** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат юридических наук, доцент, кафедра права. **Адрес:** 734055, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **+992909112111** E-mail: **tagalov@yandex.ru**

**Information about the authors**: ***Miraliev Salokhiddin Abdusalomovich*** – International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Department of Law. **Address:** 734055, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 48/5. Phone: **+992909112111** E-mail: **tagalov@yandex.ru**

ТДУ: 3403

# НАҚШИ ВАКИЛИ МУДОФЕЪ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН

*Эмоми Абдул Босит*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ваколатнома калимаи арабист, ки маънояш вогузор кардани кор ба дигарон аст. Ваколатнома ва вазифаи он дар таърихи инсоният таърихи тулоние дорад.

Чун инсонҳо мавҷудоти иҷтимоӣ мебошанд, дар тули ҳаёти онҳо бархе аз мавриде аст, ки бар мавҷудияти он зарурати табиии инсонҳо маҳсус мебошад, ки дар сурати адами мавҷудияти ҳамин маврид инсонҳо бо мушкил мувоҷеҳ мешаванд. Метавон яке аз он заруратҳои маҳсусшударо мавҷудияти вакили мудофеъ унвон намуд, албатта, барои ин ки ҳаққи табиии муттаҳам ва ё мазнун, ки иборат аз он ҳақ, ки бидуни тасвиб ва баён аз тарафи қонуни барояш баёншуда зери суол нарафта ва аз тарафи қонун ва адолат, ки ягона марҷаи таъминкунандаи адолати иҷтимоӣ миёни тарафайни даъво буда муроот шавад, ҳар мазнун ва муттаҳам хубтар бидонад ва битавонад аз мавҷудияти вакили мудофеъ барои исботи ҳуқуқи шаръӣ ва қонунии хеш дар марҷаи адлӣ ва қазоӣ мустафид шуда ва қонунияте ба ваҷҳи эҳсон ва беҳтари он таъмин шавад. Ба таври мисол, агар вакили мудофеъ набошад, тамоми кишвари мо ба нисбати адами баҳраи кофӣ аз савод ба шакли куллӣ аз қавонини нофизаи кишвар огоҳии комил надошта ва аксарияти онҳо аз лиҳози забонӣ мушкилот доранд, ки аз ҷараёни таҳқиқи судури ҳукм дар маҳкамаи марбут ба забони муттаҳам таҳқиқ сурат нагирифта ва муттаҳамин муддати чандин моҳро бидуни таъини сарнавишт ва ҷазои қонунӣ дар тавқиф ба сар мебаранд.

Пас бояд гуфт, ки ягона роҳи ҳал ҳамчун мушкилот барои муттаҳамин ва мазнунин, ки аз ин ноҳия садама мебинанд ва чандин моҳро дар мароҳили иқомаи даъвии ҷазо ва ё чандин солро баъд аз судури ҳукми маҳкама бидуни дарки масъулияти ҷурми хеш дар таваққуф ё маҳбас ба сар мебаранд, ҳамоно фақат адами мавҷудияти вакили мудофеъ буда метавонад.

Пас метавон гуфт, ки вакили мудофеъ иборат аз шахси ҳуқуқдон ва қонундон аст, ки аз мазнун ва муттаҳам, муддаӣ ё муддаиалайҳ дифоъ менамояд. Дифоъ аз ҳақ, адолат, қонуният ва мусовот аз вазоифи вакили мудофеъ аст, вакили мудофеъ бо ироаи сурати дифоъ ва матолиби хеш қозиро дар муҳити адолат раҳнамоӣ менамояд. Вакили мудофеъ илҳомдиҳандаи қозӣ дар иҷрои адолат ва қонуният аст, ҳофизи ҷон, мол ва шарафи муваккили хеш буда, дар даъвои ҷазохоҳон адолат ба муваккили хеш мебошад, дорои сулуки неку ва таҷриба бояд бошад [4,с.229].

***Вакили дифоъ аз нигоҳи қавонин нофизаи кишвар.*** Ба манзури масунияти атбоъ, қавонини нофизаи кишвар тадобири лозимро иттихоз намудааст, то касе бидуни муҷиб даст ба гиребони касе набарад ва касеро бидуни далел таваққуф ё маҳбус нанамояд. Вале, агар чунин иддаое сурат гирад, қавонини нофизаи кишвар, аз ҷумла Қонуни асосӣ, ки манобеи соир қавонин буда, барои муттаҳам ҷиҳати дифоъ аз ҳақ ва нафси хеш тавассути худ ё вакили мудофеи мунтахабаш ҷоиз медонад, дар мавриди маводи қонунӣ чунин баён мегардад:

Моддаи 31 Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар мавриди асли машруияти вакили мудофеъ чунин сароҳат дорад: «Ҳар шахс метавонад барои дафъи иттиҳом ба муҷарради гирифторӣ ва барои исботи ҳаққи худи вакили мудофеъ таъин намояд» [1,с.20].

***Пайдоиши вакили мудофеъ дар Афғонистон.*** Дар Афғонистон дар соли 1957 таълимотномаи ваколати даъвоӣ дар 21 апрел нашр шуд ва дар таълимотнома вазифа ва чигунагии кори вакили мудофеъ нишон дода шудаанд.

***Ҳуқуқ ва ваҷоиби вакили мудофеъ.*** Моддаи даҳуми Қонуни вакили мудофеъ дар мавриди ҳуқуқи вакили мудофеъ чунин сароҳат дорад:

**А)** ***Ҳуқуқҳои вакили мудофеъ:***

1. Дифоъ аз ҳуқуқи муваккил дар қазияи ҳуқуқӣ ба пешгоҳи маҳкама ва соир мароҷеъ мутобиқи аҳкоми ин қонун.

2. Иштирок дар тамоми марҳилаи кашф, таҳқиқ ва муҳокимот ва риояи ҷавоб ба ниёбат аз муваккил.

3. Иттилоъ аз ҷараёни кашфу таҳқиқ ва муҳокимаи муваккил ва натоиҷи он.

4. Матолиби авроқи даъвои ҷазоӣ ва ҳуқуқи марбути муваккил.

5. Мулоқот ва ирсоли муросилот ва мухобирот ба муваккили таҳти назорат, тавқиф ё ҳабс дар муҳити масун ва маҳрамона.

6. Ироаи мушовирҳои ҳуқуқӣ ба ашхоси ҳақиқӣ ва ҳукмӣ.

7. Аз ҳаққи лозима аз муваккил дар бадали анҷоми хадамот ва мушовираҳои ҳуқуқи мутобиқи тарзи амал дохили анҷуман кулли мудофеъ ва тавофуқи ҷонибин.

8. Эҷоди дафтари ваколат.

9. Истифода аз соир ҳуқуқи мундариҷ дар асноди тақнинӣ.

***Б) Воҷиботи вакили мудофеъ.*** Моддаи сездаҳум Қонуни вакили мудофеъ дар мавриди воҷиботи вакили мудофеъ чунин сароҳат дорад:

1. Ҳифзи асрори муваккил.
2. Иҷрои умуру ваколат бо садоқат ва имондориву эҳтиром ба ҳиссиёти ашхос.
3. Риояти назми маҳоким ва соир идорот.
4. Иштирок дар ҷаласаи қазия.
5. Худдорӣ аз ҳар навъ мусоидати ҳуқуқӣ ба ҷониби муқобил.
6. Ҳифзи авроқ ва асноди муваккил ва истирдоди он баъд аз ҳалли матлаб.
7. Додани санади катбӣ дар баробари ахз ва истирдоди аснод ва авроқ.
8. Худдорӣ аз таблиғоти зид алайҳи соир вукало.
9. Ҷилавгирӣ аз аъмоле, ки сабаби маътал шудан бе муҷиби ҳукми маҳкама ва ҷараёни таҳқиқ гардад.
10. Иҷтиноб аз орият додани ном ва унвони дорулвукало ба соир ашхос.
11. Иттилоъ ба мароҷеи марбут дар мавриди тағйири суроғаи дорулвукало.
12. Таҷдиду ҷувоз.
13. Пардохти молиёт бар оидот тибқи аҳкоми қонун.
14. Иттилоъдиҳӣ аз оидоти солона ба анҷумани вакили мудофеъ.
15. Ҳадди ақали дифоъ аз сӯйи қазияи ҷиноӣ таври ройгон дар як сол ба таъйиди Вазорати адлия.
16. Риояти қавоиди сулуки мундариҷи Асосномаи анҷумани вукалои мудофеъ.
17. Анҷоми вазоиф тибқи Асосномаи анҷумани вакили мудофеъ.
18. Вакили мудофеъ бояд аз тамоми мароҳили даъвоӣ ва кӯчактарин аҷзои парванда нисбати муваккили хеш огоҳ бошад.
19. Вакили мудофеъ андалмавқеъ дар ҷараёни даъво ҳузур ёбад ва тамоми мавридро, ки ба нафъ ва бегуноҳии муваккилаш мебошад, ҷамъоварӣ ва баъд аз ҷаласаи муқаддимотӣ ба муҷарради судури ҳукм ва файсала, маводи ҷамъшударо ба самъи ҷаласаи қазоӣ бирасонад.
20. Вакили мудофеъ болои ҷамъи ҳолати мухталифи иттиҳоми ворида илми худро мусаллат сохта ва дар ҳангоми ироаи назариёти хубраи тибби адлӣ, криминалистӣ, шуҳуди самоъ, шуҳуди исбот ва шуҳуди нафйи далоили мавҷуда, ба ғарази дафъи иттиҳоми ворида болои муваккилаш дар марҳалаи таҳқиқ дар мароҷеи марбута иброз намояд [3,с.148].

***Шароити иштигол ба ваколати дифоъ.*** Шахсе, ки ба ваколати дифоъ иштиғол варзида, метавонад мутобиқ ба моддаи шашуми Қонуни мудофеъ воҷиди шароити зайл мебошад:

1. Доштани табаияти Афғонистон.
2. Адами маҳкумият ба ҷурм ва ҷиноят.
3. Доштани санади фароғат аз донишкадаҳои шариатӣ ва ҳуқуқӣ ва ё болотар аз он ва аз дохил ва ё хориҷи кишвар баъд аз арзёбӣ ва таъйиди Вазорати таҳсилоти олӣ.
4. Сипарӣ намудани давраи муайяни таҷрибаомӯзӣ ва ҳусули санад ё тасдиқ тибқи аҳкоми Асосномаи анҷумани вукалои мудофеъ. Шахсе, ки ҳадди ақал муддати се солро дар риштаҳои маслаки қазо, сорунволӣ ва ё адлия таври билфеъл хидмат намуда бошад, мукаллаф ба сипарӣ намудани давраи таҷрибаомӯзӣ намебошад.

Қабули санади фароғат аз мадориси динии расмии кишвар ё муодили он дар сурате метавонад роиҷ бошад, ки ба ваколати дифоъ ишғол варзад, ки илова бар шароити мундариҷи аҷзои 1, 2 ва 4 ин модда ҳадди ақал се сол кори амалиро таҳти назари вакили дифое, ки ҷавози ваколат дорад, анҷом дода бошад.

5. Шаҳрванди хориҷӣ наметавонад дар Афғонистон дорулвакола дошта бошад, аммо таҳти шароити зайл бошад, метавонад дар маҳоким ва соир мароҷеи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар даъвои марбут ба ашхоси ҳақиқӣ ва ҳукмӣ, хориҷӣ аз муваккили хеш ваколат намояд.

- Дорои ҷавози иқомот дар Афғонистон бошад.
- Дорои ҷавози шуғли ваколат аз кишвари матбуаи хеш бошад.
- Додани молиёти хешро тибқи аҳкоми қонун адо намояд [2,с.59].

***Нақши вакили мудофеъ дар мароҳили даъвӣ.*** Нақш ва мавҷудияти вакили мудофеъ дар мароҳили таҳқиқ ва таъқиби адлӣ ё судури ҳукми шаръӣ дар маҳокимро метавон қобили аҳамияти босазои ҳуқуқӣ донист, барои ин ки ҳаққи муттаҳам талаф нашавад ва бидуни сабаб аз тарафи муддаӣ ва ё сорунвол болои вай иддао сурат нагирад. Қонун барои муттаҳам ҳақ додааст, ки аз худ дифоъ кунад. Агар муттаҳам мушкил дошта бошад аз худ дифоъ карда натавонад, мисол, фасоҳати лафзӣ надошта бошад, ё ҷуръати дифоъ кардан аз худро надошта бошад, метавонад барои худ вакили мудофеъ таъин намояд. Дар робита ба нақши вакили мудофеъ дар ҷараёни даъво қавонини нофизи кишвар чунин сароҳат дорад:

Фақараи 7 моддаи панҷуми Қонуни иҷрооти ҷазои муваққат барои маҳоким дар ин маврид чунин сароҳат дорад: “Полис, сорунвол ва маҳкама мукаллаф аст маълумоти возеҳро дар вақти гирифторӣ ва қабул аз истинтоқ роҷеъ ба ҳаққи сукут, ҳаққи таъини вакили мудофеъ дар тамоми мароҳили даъвоӣ ва ҳузури он дар ҳангоми тафтиш, муқаррароти шиносоии муҷримин аз тариқи саф кашидан, муоина тавассути аҳли хубра ва муҳокима барои мазнун ва муттаҳам ироа намояд”.

Моддаи 38 Қонуни иҷрооти ҷазои муваққат барои маҳоким дар ин маврид чунин муқаррар кардааст:

- Вакили мудофеъ ҳақ дорад, ки дар тамоми мароҳили ҷараёни истинтоқи мазнун ва муттаҳам ҳозир бошад.
- Вакили мудофеъ ва мазнун ҳақ дорад, ки дар ҷараёни талошӣ, шиносоии муҷримин дар байни саф, муоина тавассути аҳли хубра ва дар муҳокима ҳозир бошад.
- Сорунвол ва полиси адлӣ мукаллафанд ғарази ҳузури мазнун ва вакили мудофеъ дар тамоми мароҳили таҳқиқ дар мавҷудияти тафтиш муқобили шуҳуд, тарзи амали шиносоӣ аз рӯйи саф ва муоинот тавассути аҳли хубра вакили мудофеъро матлаъ намоянд.

Ин мукаллафият сирф дар сурате метавонад иҷро шавад, ки эҳсоси зарурати оҷил дар ҷурми машҳуд ё хавф ё аз байн рафтани далоили лозим мутасаввир бошад [7,с.15].

***Нақши вакили мудофеъ дар даъвои тиҷоратӣ.*** Вакили мудофеъ дар мароҳили даъвои ношӣ аз муомилоти тиҷоратие, ки манфиати пулиро дар қабл дорад, дорои аҳамияти босазое мебошад. Даъвои тиҷоратӣ аз ҷумлаи даъвие аст, ки аз манфиати моддӣ сарчашма гирифтааст, ки шомили даъвои муомилоти тиҷоратӣ, қарзҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои саҳомӣ, ширкатҳои таовунӣ ва дигар муомилоти тиҷоратӣ мебошад. Дар мавриди вакил шудан дар даъвои тиҷоратӣ Қонуни усули муҳокимоти тиҷоратӣ ҳидоят додааст. Моддаи 27 Усули муҳокимоти тиҷоратӣ дар мавриди вакил шудан дар даъвои тиҷоратӣ чунин сароҳат дорад: “Таъмими салоҳияти вакил ё тахсиси он ба маҳкамаи замон, шахс, мавзуъ ва ғайра бояд дар ваколати хаттӣ тасреҳ шуда бошад.

Салоҳияте, ки дар як мавзуъ ба вакил дода мешавад, умумӣ дар тамоми мароҳили муҳокимаи он мавзуъ нофиз аст. Магар ин ки худи муваакил онро дар ваколати хаттӣ ба иқдоми марҳала ё мароҳили муайян маҳдуд сохта бошад”.

Ҳамчунин, моддаи 28 Қонуни усули муҳокимоти тиҷоратӣ сароҳат дорад: “Вакил мукаллаф аст асл ё мусаннои ваколати хаттии худро, ки дар муҳокимаи шаръӣ ва ё тиҷоратӣ тартиб ёфтааст, ба манзури ҳифз дар парвандаи даъвоӣ ба маҳокими тиҷоратии марбут бисупорад”.

Моддаи 760 Қонуни тиҷорат чунин муқаррар кардааст: “Мавзуи ваколати тиҷоратӣ иҷрои муомилоти тиҷоратӣ аст” [2,с.59].

***Нақши вакили мудофеъ дар даъвои ҷазоӣ:***

1. *Раванди кашф*, ки муддати он муайян набуда, тавассути полис ва мароҷеи кашфӣ фаъолияти мазнун ва ҳадафи ӯро таҳти муроқибат қарор медиҳад, ҷамъи ҳаракати он таҳти назорат қарор мегирад ва мавриди таҳқиқи мақомотҳои кашфӣ воқеъ мешавад. Тамоми фаъолиятҳои кашфӣ бидуни ин ки мазнун ва ё муттаҳам огоҳӣ аз он дошта бошад, сурат мегирад ва билохира, тавассути полис гирифтор ва таҳти назорат қарор мегирад.

**2.** *Ҷараёни назорат.* Ҷараёни таҳти назорат қарор гирифтани муттаҳам ё мазнуне, ки мутобиқи Қонуни полис 72 соат ва тибқи ҳидояти Қонуни иҷрооти ҷазо 24 соат вақтро дар бар дорад, зарурати ҷиддӣ ба вакили мудофеъ эҳсос мешавад, ки мазнун дар ҳолати изтироб ва мағшушияти ҳавос қарор дорад.

**3.** *Дар раванди таҳқиқ.* Марҳалаи таҳқиқ раванди хатари даъвои ҷазоӣ дар ҳаёти мазнун ё муттаҳам аст. Дар марҳилаи мазкур мазнун ё муттаҳам итминони ҳозир барои худ надошта, дар изтироб ва ташвиш ва нооромӣ, нороҳатии комил қарор дорад. Ҳамин аст, ки зарурати вакили мудофеъ барои мазнун эҳсос мешавад ва хасум ҳақ дорад, ки эътироз намояд ва ҳақ дорад, ки қабл аз иҳолаи судия нисбат ба маҳкама аз мавзуъ огоҳӣ дошта бошад.

Моддаи 22 Қонуни расидагӣ ба тахаллуфоти атфол дар мавриди ҳузури вакили мудофеъ дар ҷараёни таҳқиқ чунин сароҳат дорад.

- Тифл дар тамоми мароҳили таҳқиқ ва муҳокима ҳаққи доштани вакили мудофеъ ва ё тарҷумонро дорад, дар сурати адами тавоноии молии волидайн ё намояндаи қонунии тифл мабни бар истихдоми вакили мудофеъ ё тарҷумон, маҳкамаи ихтисосии атфол, вакили мудофеъ ва тарҷумонро ба масрафи давлат барои тифл муваззаф менамояд.
- Намояндаи қонунӣ, вакили мудофеъ ё тарҷумони тифл ҳақ дорад аз кулли мароҳили иҷрооти қонун, ки тавассути як сорунвол ё маҳкама амалӣ мегардад, огоҳ ва дар он иштирок намояд.

Моддаи чаҳордаҳуми Қонуни расидагӣ ба тахаллуфоти атфол чунин муқаррар кардааст: “Тифл ё намояндаи қонунӣ ё вакили мудофеъ метавонад дар ҳар замон аз ҳукми тавқифи қабл аз муҳокима, ба маҳкама шикоят кунад” [5,с.183].

***Алоиқи хусусӣ байни муттаҳам ва вакили мудофеъ.*** Барои ин ки ҳаққи муттаҳам талаф нашавад, бидуни сабаб касе болои ӯ даъво накунад, қонун барои ӯ ҳаққи дифоъро додааст, ки агар мушкиле дошта бошад, ба худ вакили мудофеъ таъин кунад. Дар сурати гирифтани вакили мудофеъ байни муттаҳам ва вакили вай суханон мебошанд, ки ифшои он ба зарари муттаҳам тамом мешавад. Бино Қонуни ҳаққи махфӣ доштани тамоми суханҳои муколимот ва муросилоте, ки байни вакил ва муттаҳам мебошад, барои онҳо дар ин маврид моддаи 31 Қонуни асосӣ муқаррар кардааст, ки ҳар шахс метавонад барои дафъи иттиҳом ба муҷарради гирифторӣ ё барои исботи ҳаққи худ вакили мудофеъ таъин кунад.

Давлат дар қазои ҷиноӣ барои муттаҳами бебизоат вакили мудофеъ таъин менамояд. Маҳрамияти муколимот, муросилот ва мухобирот байни муттаҳам ва вакили он аз ҳар навъ таъриз масун аст.

***Интиҳои ваколат.*** Ваколат дар мавриди зайл поён меёбад:

Инҳилоли ваколат бар асари фавт ё ҷунунии вакил ва муваккил барои таваҷҷуҳи инҳилоли ваколат дар асари мавт ва ҷунунии вакил ва муваккилро метавонад ба ду далел истинод кард:

◄ваколат ақидаест, ки бар мабнои эътимоди мутақобили вакил ва муваккил ба якдигар ниҳода шудааст, шахсияти ҳар кадом ангезаи дигарӣ дар иқдом ва қарордод аст ва бо фавти ҳар кадом яке аз аркони ақд барҳам мехӯрад. Ва ҷунунро низ дар ҳукми мавт қарор дод, зеро боиси аз байн рафтани шахсияти девона мешавад;

◄мабнои ихтиёроти вакил дар тасрифоти худи (изн) муваккил аст ва дар натиҷаи фавт ва ҷунунии муваккил манбаи зиндаи изн қатъ мешавад ва бо фавт ва ҷунунии вакил ва муваккил мавзуи худро аз даст медиҳад ва дар натиҷаи фавти муваккил тамоми амволи ӯ ба ворисаш мунтақил мешавад ва ваколат бидуни мавзуъ боқӣ мемонад.

Ҳар гоҳ он чи мутааллиқ ба ваколат аст аз байн биравад ё муваккил амалеро, ки мавриди ваколат аст худ анҷом диҳад, ё ба таври куллӣ амале, ки манофӣ бо ваколати вакил бошад ба ҷо оварад, мисли ин ки молеро, ки барои фурӯши он ваколат дода буд худ бифурӯшад, ваколат поён мeёбад ва аз байн рафтани мутааллиқи ваколат мумкин аст ба яке аз ду сурат бошад:

- Аз байн рафтан мавзуъ дар асари ҳаводиси хориҷӣ ё иқдоми ашхоси солис. Монанди ин ки ҳайвони ариза шуда барои иҷро бимирад, ё кулли мавриди ваколати фурӯш бисӯзад ё муассисае, ки вакил онро идора мекунад, мунҳал шавад.
- Аз байн рафтани мавзуи ваколат ба василаи муваккил. Монанди ин ки хонаи мавриди фурӯшро бибахшад ё васият кунад, ё молеро, ки барои инфоқи он ваколат додааст, худ масраф кунад.

**Муқарриз: н.и.х., дотсенти ДМТ – Шарипов Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Ғуломнабӣ, Тунсавӣ ал-Роҷӣ. Ҳидоя маъ тарҷумаи форсӣ. – Ҷилди 3. Боби “Ал-вукалот”. – Пешовар: Ал-Мактаб-ал-ҳақония”. – С.255. (Бе соли нашр).
2. Котузиён, Носир. Ҳуқуқи маданӣ. Нашрияи ширкати саҳомӣ, 2003.
3. Лангарудӣ, Муҳаммад Ҷаъфари Ҷаъфарӣ. Фалсафаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ. – Теҳрон: Интишороти китобхонаи Ганҷи Дониш, 2001.
4. Муҳаммад, Усмон Жобул. Шарҳи маҷаллаи “Ал-аҳком”. – Ҷ.4. – С.5.
5. Мардук, Оятуллоҳ. Фиқҳи Муҳаммадӣ. – Маҳобод, 1352.
6. Мисрӣ, Сайид Собиқ. Фиқҳи суннат. Тарҷумаи Маҳмуд Иброҳимӣ. Интишори Муҳаммади Саққиз, 1992. – С.148.
7. Вазорати адлия. Қонун дар бораи иҷрои ҷазои муваққатӣ барои судҳо. Ҷаридаи расмии № 820. – Кобул: Матбааи ҳукуматӣ, 2007. – С.120.
8. Вазорати адлия. Қонуни асосӣ. Ҷаридаи расмии № 103. – Кобул: Матбааи ҳукуматӣ, 2003. – С.160.
9. Вазорати адлия. Қонун дар бораи принсипҳои мурофиаи тиҷоратӣ. Ҷаридаи расмии № 153. – Кобул: Матбааи ҳукуматӣ, 2006. – С.156.
10. Вазорати адлия. Қонуни тиҷорат. Ҷаридаи расмии № 676. – Кобул: Матбааи ҳукуматӣ, 2006. – С.85.
11. Вазорати адлия. Қонун дар бораи вакили мудофеъ. Ҷаридаи расмии № 111. – Кобул: Матбааи ҳукуматӣ, 2007. – С.157.
12. Вазорати адлия. Қонун дар бораи тафтиши ҳуқуқвайронкунии ноболиғон. Ҷаридаи расмии № 846. – Кобул: Матбааи ҳукуматӣ, 2006. – С.173.
13. Вазорати адлия. Қонуни маданӣ. Ҷаридаи расмии № 353. – Кобул: Матбааи ҳукуматӣ, 2006. – С.46.


**НАҚШИ ВАКИЛИ МУДОФЕЪ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН**


Дар мақолаи мазкур оид ба нақши вакили мудофеъ дар қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Афғонистон маълумот оварда шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки яке аз ҳуқуқҳои асосии инсонҳо доштани ҳаққи ҳимоя аст, ки тавассути вакили мудофеъ амалӣ мегардад. Муаллиф оиди пайдоиши вакили мудофеъ дар Афғонистон, вакили дифоъ аз нигоҳи қавонин нофизаи кишвар, ҳуқуқ ва ваҷоиби вакили мудофеъ, ҳуқуҳои вакили мудофеъ, шароити иштиғол ба ваколати дифоъ, нақши вакили мудофеъ дар мароҳили даъвӣ, нақши вакили мудофеъ дар даъвои тиҷоратӣ, нақши вакили мудофеъ дар даъвои ҷазоӣ, алоиқи хусусӣ байни муттаҳам ва вакили мудофеъ, шароитҳои қатъи ваколати вакили мудофеъ маълумоти муфассал овардааст. Муаллиф зимни баррасии мавзуи мазкур ба муқаррароти қонунгузории ҶИА, осори муҳаққиқони риштаи ҳуқуқ рӯ овардааст. Тибқи муқаррароти қонунгузории Афғонистон, давлат дар қазои ҷиноӣ барои муттаҳами бебизоат вакили мудофеъ таъин менамояд. Маҳрамияти муколимот, муросилот ва мухобирот байни муттаҳам ва вакили он аз ҳар навъ таъриз масун аст. Инчунин, муаллиф оид ба шароитҳои интиҳо ёфтани ваколати вакили мудофеъ тибқи қонунгузории амалкунанда маълумот додааст.



**Калидвожаҳо:** вакили мудофеъ, ваколат, парванда, муваккил, маҳрамияти мукотибот ва муросилот, қонунгузорӣ, ҳуқуқи ҷиноӣ, ҳақи ҳимоя, муҷрим.


**РОЛЬ АДВОКАТА В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ АФГАНИСТАН**


В данной статье представлена информация о роли адвоката в законодательстве Исламской Республики Афганистан. Автор отмечает, что одним из основных прав человека является право на защиту, которое реализуется через адвоката. Автор пишет о появлении адвоката в законодательстве Исламской Республики Афганистан, об полномочиях защитника с точки зрения законодательства страны, правах и обязанностях защитника, правах защитника, условиях приема на работу, роль защитника в стадиях судебного процесса, роль защитника в подробном изложении уголовного дела, личные отношения между обвиняемым и адвокатом, условия прекращения полномочий адвоката. При рассмотрении данной темы автор ссылается на законодательство Исламской Республики Афганистан, научные труды правоведов. Согласно положениям законодательства Афганистан, в случае неплатёжоспособности подозриваемого или обвиняемого, защитника по уголовному делу назначает государство. Тайна диалогов, переписки и общения между обвиняемым и его представителем обеспечивается.

Также автор предоставил информацию об условиях прекращения полномочий адвоката в соответствии с действующим законодательством Исламской Республики Афганистан.
**Ключевые слова**: адвокат, полномочия, дело, адвокат, тайна переписки и общения, законодательство, уголовное право, право на защиту, преступник.

**THE ROLE OF THE RESPONDENT IN THE LEGISLATION OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN**

This article provides information on the role of a lawyer in the legislation of the Islamic Republic of Afghanistan. The author notes that one of the fundamental human rights is the right to defense, which is realized through a lawyer. The author writes about the appearance of a lawyer in the legislation of the Islamic Republic of Afghanistan, about the powers of a lawyer from the point of view of the country's legislation, the rights and obligations of a lawyer, the rights of a lawyer, employment conditions, the role of a lawyer in the stages of a trial, the role of a lawyer in a detailed presentation of a criminal case, personal relationships between the accused and the lawyer, the conditions for the termination of the powers of the lawyer. When considering this topic, the author refers to the legislation of the Islamic Republic of Afghanistan, the scientific works of jurists. According to the provisions of the legislation of Afghanistan, in the event of the insolvency of the suspect or the accused, the defense counsel in a criminal case is appointed by the state. The secrecy of dialogues, correspondence and communication between the accused and his representative is ensured. The author also provided information on the conditions for terminating the powers of a lawyer in accordance with the current legislation of the Islamic Republic of Afghanistan.
**Keywords**: lawyer, authority, case, lawyer, privacy of correspondence and communication, legislation, criminal law, right to defense, criminal.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Эмоми Абдул Басит*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 004449396**

**Сведения об авторе:** ***Эмоми Абдул Босит*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D юридического факултета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992) 004449396**

**Information about the author:** ***Emomi Abdul Bosit*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 004449396**

ТДУ: 343.3/.7(575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАҲҚИҚ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

*Ғайратзода Раҳматулло Давлатбек*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар воқеъ, шароити кунунии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷиҳати ноил гаштан ба ҳалли масъалаи ошкор, огоҳонидан ва пешгири ҷинояткорӣ тақозо менамояд, ки бо мақсади риояи принсипи инсондӯстӣ ва дар меҳвари фаъолияти ҳамаи сохторҳои давлатӣ қарор доштани инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ низом ва шаклу тарҳҳои осону соддастари тафтиши пешакӣ ва судӣ ҷорӣ карда шаванд. То ин ки барои таъмини манфиатҳои қонунии шаҳрвандон шароити арзанда фароҳам оварда шаванд ва амалҳои мурофиавӣ дар мухлатҳои оқилона амалӣ карда шаванд ва барои ба даст овардани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ зуд ва тезтар мусоидат намоянд.

Ба андешаи мутахассисони соҳа имруз мурофиаи ҷиноятӣ аз лиҳози мазмун ғанӣ гардидааст, мафҳум, мақсад, вазифа, шакли мурофиавӣ, ғояҳои роҳбарикунанда хеле дигар шудааст, ки танҳо фаҳмиши дурусти он имконият медиҳад, ки аз он ҷумла таҳқиқ ҳадафрас, босамар, қонунӣ ва безарар амалӣ карда шавад. Фаҳмиши нави мурофиаи ҷиноятӣ, дар ин замина таҳқиқу тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари ҳуқуқи инсон чун масъулияти давлат оид ба ҳимояи ҳаққи ҷабрдидагон аз аъмоли ҷинояткорона ва ҳуқуқ ва манфиати таъқибшавандагон аз амалу қарори ғайриқонунии шахсони мансабдори давлатӣ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ матраҳ карда мешавад. Мурофиаи ҷиноятӣ масъулияти давлат дар назди шаҳрванд ва инсон аст, ки чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ риоя ва иҷро карда мешавад [5,с.58].

Ба андешаи Б.С. Негматов мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ дар рушди як қатор падидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ нақши муҳим дорад [13,с.19].

Маҳз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва амалисозии ислоҳотҳои амиқи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд пай дар пай, бонизом корҳое ба сомон расонида шудаанд, ки ҷараёни баррасии ҷиноятро демокративу башардустона гардонад.

Таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда нишон медиҳад, ки тафтишоти пешакӣ дар ду шакл: таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад.

Тафтишоти пешакӣ – ин фаъолияти бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровардашудаи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор оид ба ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳкор, таъмин кардани асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳоолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ мебошад [11,с.303].

Тафтишоти пешакӣ барои муташаккилонаю мувофиқи мақсад бурдани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ равона карда шудааст [1,с.258].

Чун қоида, тафтиши пешакӣ бо истифодаи мухлатҳои тулонӣ, амалӣ сохтани доираи васеи амалҳои мурофиавӣ ва таъмини фаррохи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа нисбат ба доираи начандон васеи парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, на дар ҳама ҳолат бо дарназардошти ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва дигар ҳолатҳои содир шудани он зарурати роҳандозӣ намудани доираи васеи ин амалҳои мурофиавӣ ҷой доранд. Яъне на дар ҳама ҳолат нисбат ба тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ гузаронидани тафтиши пешакӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад. Аз ин рӯ, агар дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят чандон ҷиддӣ набошад, он гоҳ тартиби тафтиши он бо роҳи ихтисор кардани доираи амалҳои мурофиавие, ки бояд гузаронида шаванд, кам кардани мухлат ва маҳдуд кардани доираи ҳаҷми ваколатҳо соддатар ва осонтар карда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки тафтиши пешакӣ оид ба ҷиноятҳои хавфнокиашон зиёд амалӣ карда мешавад ва таҳқиқ бошад оид ба ҷиноятҳое амалӣ карда мешавад, ки дараҷаи ба

ҷамъият хавфнокиашон камтар аст ва шакли соддаву оддии тафтишро талаб менамоянд [6,с.649].

Чунин тақсимот ба тафриқасозии мурофиаи судии ҷиноятӣ иртибот дорад. Омили асосии тафриқасозии таҳқиқ яъне ба намудҳои алоҳида ҷудо намудани он аслан ҷанбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта пеш аз ҳама ба категорияи ҷиноят ва андозаи ҷазо, ки бо қонуни ҷиноятӣ барои содир кардани он пешбинӣ шудааст, вобастагӣ дорад. Вобаста ба масъалаи мазкур дар илми мурофиаи ҷиноятӣ андешаҳои қобили мулоҳиза ҷой доранд.

Мувофиқи нуқтаи назари Сеидов М.М. модели муосири тафриқасозии шакли мурофиавии таҳқиқ ба таҳқиқ ҳамчун фаъолияти мурофиавие муносибат менамояд, ки он дар умум тафтиши парвандаро пурра фаро гирифта бо тартиб додани санадҳои ниҳоии мурофиавӣ бо парвандаҳои ҷиноятии мансуби мақомоти таҳқиқ буда анҷом меёбад. Ба андешаи муаллиф тафриқанамоии чунин намуди таҳқиқ бо қабули санади ниҳоии тафтишот, вобаста ба рафтори баъд аз ҷиноят содирнамудаи гумонбаршуда ва мавқеи ҷабрдида асос ёфта, имкон медиҳад, ки дар мавриди ҷой надоштани баҳс – дар шароити ғайринизоъ ҳолатҳои барои кор аҳамиятдошта бо гузаронидани ҳаҷми камтарини амалҳои тафтишӣ, дар муҳлатҳои кутоҳ ва бо масрафи камтарини вақт муқаррар карда шаванд [16,с.172-173].

О.В. Качалова чунин мешуморад, ки ба таври оҷил пеш бурдани мурофиа, даст кашидан аз марҳилаҳои анъанавии истеҳсолот, татбиқи ҳадди ақали амалҳои тафтишиву мурофиавӣ, набояд ки ҳамчун маҳаки мансуб донистани ин ва ё он падида ба пешбурди кутоҳ ва ё ихтисоршуда истифода шаванд. Маҳз бо ҳамин сабаб ӯ таҳқиқро ба шакли пешбурди ихтисоркардашуда мансуб надониста, онро ҳамчун як намуди умумии пешбурди тосудӣ эътироф менамояд. Ба андешаи ӯ асоси тафриқасозии таҳқиқоти анъанавиро омили модӣ-ҳуқуқӣ ташкил дода, дигар махсусиятҳо чандон аҳамият надоранд [7,с.40].

Ибораи «таҳқиқ дар шакли умумӣ» чун қоида фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятии мақомоти таҳқиқро оид ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, ифода менамояд. Ин шакли тафтишоти пешакӣ аслан бештар таҳти унвони «таҳқиқ бо итмом расонидани парванда» ифода шуда, дар як мавридаар радифи дигар намуди таҳқиқ, ки бо гузаронидани «амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ» маҳдуд мешавад, гузаронида мешавад [16,с.172].

Дар кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таҳрири нав 3-юми декабри соли 2009[2] қабул гардида аз 1-уми апрели соли 2010 мавриди амал қарор дода шудааст (кодекси мазкур аз 3 қисм 12 фасл 50 боб ва 486 модда иборат аст), модда ва бобҳои дахлдор оид ба таҳқиқ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар моддаи 40 мақомоти таҳқиқ ва вазифаҳои он, дар боби 19 фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва дар боби 46 бошад фаъолияти мақомоти таҳқиқ оид ба пешбурди суръатнок мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд.

Дар асоси моддаи 40 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти таҳқиқ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- воҳидҳои мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воҳидҳои мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воҳидҳои мақомоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воҳидҳои мақомоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- сардорони муассисаҳои ислоҳӣ;
- воҳидҳои мақомоти назорати давлатии зидди сӯхтор;
- воҳидҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воҳидҳои мақомоти гумрук;
- воҳидҳои мақомоти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиртон;
- воҳидҳои мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 40 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти таҳқиқ ҳалли вазифаҳои зерин вогузошта шудаанд:

- қабул, ба қайд гирифтан ва баррасӣ намудани аризаҳо ва маълумот дар бораи ҷинояти содиршуда ё ҷинояти нотамом;

- пешбурди таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест;

- иҷрои амалҳои таъхирнопазир оид ба парвандаҳое, ки барои онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ мебошад;

- пешбурди тафтиши пешакӣ дар ҳолатҳое, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст.

Ҳамзамон мувофиқи қисми 3 модаи ҳамин модда оғози парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 146 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои амалҳои тафтишии таъхирнопазир ба зиммаи инҳо вогузошта мешавад:

- сардорони дастаҳо ва гурӯҳҳои ҷустуҷӯи геологии зимистонгузароние, ки аз маҳалли будубоши мақомоти таҳқиқи дар қисми 1 ҳамин модда номбаршуда дар масофаи дур ҷойгиранд - оид ба ҷиноятҳое, ки дар маҳалли будубоши дастаю гурӯҳҳои мазкури зимистонгузаронӣ содир карда шудаанд;

- роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон - оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди намояндагиҳо ва муассисаҳои мазкур содир карда шудаанд.

Боби 19 КМҶ ҶТ ду намуди таҳқиқи парвандаҳоро пешбинӣ намудааст:

- таҳқиқ дар мавриди парвандаҳое, ки доир ба онҳо тафтиши пешакҳ ҳатмист (м. 153 КМҶ);

- таҳқиқ парвандаҳои ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакии онҳо ҳатмӣ нест (154 КМҶ).

Мувофиқи моддаи 6 КМҶ ҶТ таҳқиқ - шакли тафтиши тосудӣ буда, таҳқиқбаранда парвандаи ҷиноятиеро, ки тафтиши пешакии он шарт нест, анҷом медиҳад.

Таҳқиқ - ин шакли соддакардашудаи тафтишоти пешакӣ буда, таҳқиқбаранда парвандаи ҷиноятиеро, ки тафтиши пешакии он шарт нест, анҷом медиҳад. Дар шароити кунунӣ нақши мақомоти таҳқиқ дар самти ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳкор, таъмин кардани асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ назаррас мебошад.

Таҳқиқ – ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ фаъолиятест, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда ҳамчун шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ оид ба дарёфт, мустаҳкам намудан, санҷиш ва баҳо додан ба далелҳо бо мақсади ошкор намудани ҷиноят, ошкор ва фош сохтани шахси онро содиркарда, саривақт ба ҷавобгарӣ кашидани шахси гунаҳкор дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ карда шуда, функсияи асосии мурофиавии онро гузаронидани таҳқиқ бо парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, ташкил медиҳад [14,с.61].

Мувофиқи нуқтаи назари профессор Искандаров З.Ҳ. таърифи онро дар асоси м. 40 ва боби 19 КМҶ ҶТ чунин ифода намудан мумкин аст: "Таҳқиқ як шакли тафтишоти пешакии ҳодисаи ҷиноят буда, бо мақсади қайди аризаву хабар дар бораи содир намудани ҷиноят, ҳадалимкон чораҷӯӣ намудан баҳри бо далел мустаҳкам кардани ҳолатҳои содир намудани ҷиноят, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ бо мақсади зуд донистану (дознать) дар мӯҳлати кутоҳтар, осонтару соддатар муайян намудани ҳолатҳои алоқаманд ба ҷиноят, аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба амал бароварда мешавад"[5,с.58].

Таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ ҳамзамон мақсади зеринро пайгирӣ менамояд: ҷустуҷӯ, дарёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ; таъмини ҳуқуқи шахс ба ҳимоя; татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ; ба суд ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ ё ин ки қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиботи ҷиноятӣ.

Мувофиқи моддаи 151 КМҶ таҳқиқ танҳо нисбати ҷиноятҳои дар моддаҳои зерини Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда аз тарафи мақомоти таҳқиқ анҷом дода мешавад: моддаҳои 119 (Аз беэҳтиётӣ расонидани зарари миёна ба саломатӣ), 120 (Таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), 125 қисми 1 (Сироят кардан

бо вируси норасоии масунияти одам), 126 (Сироят кардан бо касалии зӯҳравӣ), 131 қисми 1 (Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ), 171 (Иваз намудани тифл), 195 қисми 4 (Ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш), 213 қисми 1 (Таъмири бадсифати роҳҳо воситаҳои нақлиёт ва ба истифода баровардани онҳо бо норасоиҳои техникӣ), 230 (Сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ), 232 (Шикори ғайриқонунӣ), 234 (Ғайриқонунӣ буридани дарахт ва буттаҳо), 235 (Несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба ҷангал), 237 қисми 1 (Авбошӣ), 238 (Ба фоҳишагӣ ҷалб намудан), 242 қисми 1 (Несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг), 243 (Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо), 244 қисми 1 (Дуздӣ), 252 қисми 1 (Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобиль ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф), 254 қисми 1 (Соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст), 255 қисми 1 (Қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк), 256 (Аз беэҳтиётӣ несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк), 259 қисми 1 (Соҳибкории ғайриқонунӣ), 286 қисми 1 (Додугирифти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ), 294 (Фиреби истеъмолкунандагон), 341 (Соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷатҳои расмӣ ва мукофоти давлатӣ), 342 (Таҳқир кардани рамзҳои давлатӣ).

Ба андешаи олимони соҳа дар амалияи фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ зимни таҳқиқи ҷиноятҳои номбаршуда мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва пайомадҳои амалии он эҳсос мешавад. Аввал ин ки мансубияти идоравии 26 моддаи Кодекси ҷиноятӣ, ки дар м. 151 КМҶ нишон дода шудааст, муайян карда нашудааст. Моддаи 151 КМҶ ҶТ 26 таркиби ҷиноятро номбар намуда, таъкид намудааст, ки таҳқиқи онҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ба амал бароварда мешавад, вале кадоме аз мақомоти таҳқиқ бошад, муайян карда нашудааст. Яъне парвандаҳои ҷиноятии мавриди таҳқиқи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи ҶТ дар м. 151-и боби "Таҳқиқ" умуман пешбинӣ карда нашудааст[5,с.60].

Аз ин рӯ, мавсуф пешниҳод менамоянд, ки оид ба муайян намудани мансубияти идоравӣ ва тобияти таҳқиқии парвандаҳои таҳқиқи холис (м.151 КМҶ) бояд ҳадди ақал нишонаҳои зерин ба инобат гирифта шуда, тобеияти таҳқиқии онҳо дар моддаи 161 КМҶ муайян карда шавад: а) алоқамандиву иртиботи қавии ҳодисаи ҷиноят, аломатҳои таркиби ҷиноят бо вазифаҳои қонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳудуди фаъолияти онҳо; б) зуд ва ҳадалимкон чораҷӯи намудан ба хотири пешгирии ҷиноят ва ошкор намудани он, фош намудани шахси гунаҳгор [5,с.60].

Зимнан бояд таъкид намуд, ки фаъолияти мақомоти таҳқиқ вобаста ба амалиёташон бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист ё ин ки бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, фарқ мекунад.

Мутобиқи м. 153 КМҶ ҶТ дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноятe, ки доир ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд. Таҳқиқбаранда қоидаҳои Кодекси мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, ҳаракатҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят мегузаронад, чунончи: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон. Оид ба ҷинояти ошкоршуда ва оғози парвандаи ҷиноятӣ фавран ба прокурор хабар медиҳад. Пас аз иҷро намудани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ, вале на дертар аз даҳ шабонарӯз аз рӯзи оғози парванда мақомоти таҳқиқ вазифадор аст парвандаро ба муфаттиш супорад.Таҳқиқи парвандае, ки доир ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, бо тартиб додани қарор дар бораи ба муфаттиш равон кардани парванда анҷом меёбад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, дорои як қатор махсусиятҳо мебошад. Аввалан, махсусияти ин намуди таҳқиқ аз он иборат аст, ки он баъд аз оғози парвандаи ҷиноятӣ огоз шуда пас аз муфаттиш равон кардани парванда анҷом меёбад. Баъдан, на дар ҳама ҳолат зарурияти гузаронидани ин шакли таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки нисбати онҳо пешбурди тафтиши

пешакӣ ҳатмист, ҷой дорад. Танҳо дар ҳолатҳои истисонӣ ва дар мавридҳои таъхирнопазир, ҳангоме ки муфаттиш бо ягон сабабҳои объективӣ зуд ва саривақт ба тафтиш шурӯъ карда наметавонад ва ба таъхир андохтани он боиси гум шудани далелҳо ё ғайб задани шахси ҷиноятсодирнамуда шуда метавонад, ин намуди таҳқиқ гузаронида мешавад. Гузашта аз он, муҳлати таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ хатмист, аз даҳ шабонарӯз зиёд буда наметавонад. Ин муҳлатро дароз кардан мумкин нест. Ҳамзамон, аз ҷониби таҳқиқбаранда доираи маҳдуди амалҳои тафтишӣ гузаронида мешаванд. Мақомоти таҳқиқ наметавонад дар қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барорад, айб эълон намояд, айбдоршавандаро пурсиш кунад, парвандаро қатъ ва ё боздошт намояд.

Мувофиқи моддаи 154 КМҶ ҶТ оид ба парвандаи ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, мақомоти таҳқиқ парвандаро оғоз мекунад ва барои муқаррар намудани ҳолатҳое, ки бояд оид ба парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, ҳамаи чораҳои пешбиникардаи Кодекси мазкурро меандешад. Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, маводи таҳқиқ барои дар суд баррасӣ намудани парванда асос мегардад. Дар сурати мавҷуд будани асосҳои дар боби 46 КМҶ ҶТ пешбинишуда мақомоти таҳқиқ пешбурди суръатнокро анҷом медиҳад.

Оид ба парвандае, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, пешбурди таҳқиқ бояд дар муҳлати на дертар аз понздаҳ шабонарӯз аз рӯзи оғози парвандаи ҷиноятӣ то рӯзи ба прокурор барои ба суд равон кардан ё то рӯзи қатъ кардани пешбурди парванда тамом карда шавад. Ба муҳлати пешбурди таҳқиқ муддате, ки дар давоми он таҳқиқ бо асосҳои пешбиникардаи Кодекси мазкур боздошта шуда буд, дохил намешавад. Муҳлати бо қисми 1 ҳамин модда пешбинишудаи пешбурди таҳқиқ мумкин аст аз тарафи прокурор ё муовини ӯ дароз карда шавад, вале на зиёдтар аз понздаҳ шабонарӯз. Дар ҳолатҳои истисноӣ муҳлати пешбурди таҳқиқи парванда мумкин аст тибқи қоидаҳои муқарраркардаи моддаи 168 Кодекси мазкур дароз карда шавад. Таҳқиқи парвандае, ки доир ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё қарори қатъ кардани парванда анҷом меёбад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, низ дорои махсусияти ба худ хос мебошад. Аввалан, дар мавриди ҳатмӣ набудани тафтиши пешакӣ мақомоти таҳқиқ ҳамаи амалҳои зарурии тафишии дар қонун пебинишударо барои муайян намудани ҳолатҳое, ки оид ба парванда бояд исбот карда шаванд, мегузаронад. Дар ин маврид бо мақсади муқаррар гардидани шахси гунаҳгор ва фош кардани шахси гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят, мақомоти таҳқиқ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан бароварда, айбдориро эълон ва чораҳои пешгириро татбиқ менамоянд. Ҳамзамон, дар мавридҳои бо КМҶ ҶТ пешбинишуда мақомоти таҳқиқ парвандаҳои ҷиноятиро боз медоранд ва қатъ мекунанд. Таҳқиқ бо ду шакл ба анҷом мерасад: равон кардани парванда ба суд бо фикри айбдоркунӣ ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ. Бо дарназардошти он ки оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки кирдори барои ҷамъият хавнокро дар ҳолати номукаллафӣ содир намудаанд, ё пас аз содир кардани ҷиноят ба касалии рӯҳӣ гирифтор шудаанд, таҳқиқ гузаронида намешавад, он наметавонад бо равон кардани парванда ба суд барои ҳал кардани масъалаи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусуияти тиббӣ ба охир расад. Агар ҷиноятҳо аз тарафи ноболиғон ё шахсоне содир карда шуда бошанд, ки бинобар ноқиси ҷисмонӣ ё рухӣ ҳуқуқи ҳимояи худро мустақилона ба амал бароварда наметавонанд, ва агар ба шарте, ки ин парвандаҳои ҷиноятӣ ҳарчанд ба мақомоти таҳқиқ мансубият дошта бошанд ҳам, дар ин ҳолат тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад.

Оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, мақомоти таҳқиқ ҷойи муфаттишро гирифта, тафтишотро бо ҳаҷми пурааш мегузаронанд. Оид ба ҳамин категорияи парвандаҳо маводи таҳқиқ асоси дар суд баррасӣ гардидани парванда мебошад [11,с.303].

Дар шароити кунунӣ бо дарназардошти афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ ва хусусияти мураккабро касб намудани он нақши таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ дар самти ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дараҷаҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дар давраҳои

тосудии мурофиаи ҷиноятӣ баръало эҳсос мешавад.

Аз ҷумла таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 2020 ба соли 2021 ҳамагӣ 48 парвандаи ҷиноятӣ ва парвандаи пешбурди суръатнок боқӣ монда, дар соли 2021 дар қаламрави ҷумҳурӣ 1245 (1068) парвандаи ҷиноятӣ ба истеҳсолот қабул шуда, 1320 (1093) парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои пешбурди суръатнок дар пешбурди таҳқиқотчиён қарор доштанд, ки нисбат ба соли 2020 дар умум 227 парвандаи ҷиноятӣ зиёд мебошад. Аз ин шумора 770 (719) (+51) парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи таҳқиқотчиён оғоз карда шудааст. Дар ин давра пешбурди 799 (666) (+133) адад парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои пешбурди суръатнок ба итмом расонида шуда, аз инҳо 686 (609) (+77) парвандаи ҷиноятӣ, яъне 77 адад парвандаҳои ҷиноятӣ зиёд бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ, барои баррасӣ ба суд ирсол карда шудааст[8].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз соли 2021 ба соли 2022 ҳамагӣ 27 парвандаи ҷиноятӣ ва парвандаи пешбурди суръатнок боқӣ монда, дар соли 2022 дар қаламрави ҷумҳурӣ 1201 (1219) парвандаи ҷиноятӣ ба истеҳсолот қабул шуда, дар ҳамин сол 1 ҳ. 228 (1270) парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои пешбурди суръатнок дар пешбурди таҳқиқотчиён қарор доштанд, ки нисбат ба соли 2021 дар умум 42 парвандаи ҷиноятӣ кам мебошад. Аз ин шумора 735 (716) (+19) парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи таҳқиқотчиён оғоз карда шудааст. Аз рӯи тобеият 446 парвандаҳои ҷиноятӣ, аз инҳо 219 парвандаи ҷиноятӣ аз мақомоти прокуратура ва 247 парвандаи ҷиноятӣ аз шуъбаҳои тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ ба Шуъба ва гурӯҳҳои ШВКД дар шаҳру ноҳияҳо ворид гардидааст. Дар ин давра пешбурди 781 (776) (+5) парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои пешбурди суръатнок ба итмом расонида шуда, аз инҳо 720 (667) (+53) парвандаи ҷиноятӣ, яъне 53 адад парвандаҳои ҷиноятӣ зиёд бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ва пешбурди суръатнок, барои баррасӣ ба суд ирсол карда шудааст. Гарчанде шумораи парвандаҳои ҷиноятии ба пешбурд қабулшуда нисбати соли 2021 дар маҷмӯъ 42 адад гардида бошад ҳам, шумораи парвандаҳои ҷиноятии ба суд ирсолшуда 53 адад зиёд гардидааст. Пешбурди 61 (109) (-48) парвандаи ҷиноятӣ ва парвандаи пешбурди суръатнок қатъ карда шудаанд, ки аз инҳо 43 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 72 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бинобар сабаби пушаймонӣ аз кирдор), 14 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 27 қисми 1 сархати 4 КМҶ ҶТ (бинобар сабаби татбиқ намудани Қонуни ҶТ “Дар бораи авф”) ва 4 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси сархатҳои 5 ва 7 (оштӣ шудан бо ҷабрдида ва фавти гумонбаршуда) мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби парванаҳои ҷиноятӣ ва пешбурди суръатноки ба итмом расонидашуда 11 миллиону 655 ҳазору 182 сомонӣ зарар муқаррар карда шуда, аз миқдори зарари муаяншуда 1 миллону 966 ҳазору 396 сомонӣ барқарор карда шудааст[9].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз соли 2022 ба соли 2023 ҳамагӣ 21 парвандаи ҷиноятӣ боқӣ монда, дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 994 (920 дар соли 2022) парвандаи ҷиноятӣ ба истеҳсолот қабул шуда, 1 ҳ. 15 (948) парвандаи ҷиноятӣ ва парвандаи пешбурди суръатнок дар пешбурди таҳқиқотчиён қарор доштанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар умум 67 парвандаи ҷиноятӣ зиёд мебошад. Аз ин шумора 570 (538) (+32) парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи таҳқиқотчиён оғоз карда шудааст.Дар ин давра пешбурди 615 (587) (+28) парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои пешбурди суръатнок ба итмом расонида шуда, аз инҳо 562 (517) (+45) парвандаи ҷиноятӣ, яъне 45 адад парвандаҳои ҷиноятӣ зиёд ботартиб додани фикри айбдоркунӣ ва пешбурди суръатнок, барои баррасӣ ба суд ирсол карда шудааст. Пешбурди 26 (48) (-22) парвандаи ҷиноятӣ ва парвандаи пешбурди суръатнок қатъ карда шудаанд, ки аз инҳо 20 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 72 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бинобар сабаби пушаймонӣ аз кирдор) ва 6 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 27 қисми 1 сархати 4 КМҶ ҶТ (бинобар сабаби татбиқ намудани Қонуни ҶТ “Дар бораи авф”) мебошанд. Пешбурди 210 (192) (+18) парвандаи ҷиноятӣ боздошт шудааст, ки аз инҳо 179 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 230 қисми 1 сархати 1 КМҶ ҶТ бинобар сабаби муайян нагаштани шахсе, ки ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад, 28 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 230 қисми 1 сархати 2 КМҶ ҶТ бинобар пинҳон шудани айбдоршаванда аз

тафтишот (кофтуков) ва 3 парвандаи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 230 қисми 1 сархати 3 бинобар сабаби бемории боздошт шудаанд.136 (123) (+13) парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи тобеияти тафтишотӣ ба дигар мақомотҳо ирсол карда шуда, 5 парвандаи ҷиноятӣ бо парвандаи асосӣ якҷоя карда шудааст, дар охири давраи ҳисоботӣ бошад 49 парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди таҳқиқотчиён боқӣ мондааст. Дар давраи ҳисоботи аз ҷониби кормандони Раёсат ва таҳқиқотчиёни шаҳру ноҳияҳо ба 16 (16) ҳолати вайрон кардани муҳлати таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ роҳ дода шудааст, ки ин аз ҳисоби ҷоннок намудани парвандаи ҷиноятии солҳои пешин мебошанд.Бояд қайд намуд, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз тарафи таҳқиқотчиёни мақомоти корҳои дохилӣ ҳолатҳои ғайриқонунӣ дастгир намудан ва ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашидан ба қайд гирифта нашуда, аз ҷониби кормандон ба вайрон намудани қонуният роҳ дода нашудааст. Дар давраи ҳисоботӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ аз тарафи таҳқиқотчиён 191 ҷиноят бо роҳи таҳқиқ ошкор шуда, зимни таҳқиқ ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби таҳқиқотчиён 23 ҷинояткорони дар ҷустуҷӯӣ расмӣ қарордошта дастгир карда шудааст, ки аз ин шумора, 7 нафар ҷустуҷушавандагон дар давраи амалиёти бо номи рамзии "Ҷустуҷӯ" мебошанд [10].

Амалияи фаъолияти мақомоти таҳқиқ нишон медиҳад, ки то ҳанӯз дар ин самт мушкилиҳои алоҳида аз байн нарафтаанд.

Тавре ки таъкид намудем, дар сурати мавҷуд будани асосҳои дар боби 46 КМҶ ҶТ пешбинишуда мақомоти таҳқиқ пешбурди суръатнокро анҷом медиҳад.Мувофиқи моддаи **453** КМҶ ҶТ ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои ҷиноятҳои бо қисми 1 моддаи 111, қисми 1 моддаи 125, қисми 1 моддаи 126, қисми 1 моддаи 131,қисми 4 моддаи 195, қисми 4 моддаи 196, қисми 1 моддаи 230, қисми 1 моддаи 232, қисми 1 моддаи 234, қисми 1 моддаи 237, қисми 1 моддаи 247, қисми 1 моддаи 253, қисми 1 моддаи 254, қисми 1 моддаи 255, қисми 1 моддаи 294, моддаи 334 ва моддаи 339 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дар ҳолатҳое ки воқеияти ҷиноят аён асту шахси гумонбар барои содир кардани ҷиноят маълум ва ӯ дар содир кардани ҷиноят алоқаманд будани худро рад намекунад, мақомоти таҳқиқ дарҳол ба пешбурди суръатнок шурӯъ менамояд. Ҳангоми пешбурди суръатнок мақомоти таҳқиқ то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дар муддати ҳафт шабонарӯз аз шахси ҷиноят содиркарда, шоҳидон ва дигар шахсон дар бораи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда баёнот мегирад, маълумотро дар бораи мавҷуд будан ё набудани доғи судии шахси ҷиноят содиркарда, маълумот доир ба шахсият ва дигар маълумотҳоро, ки барои баррасии парванда дар маҷлиси суд аҳамият дорад, талаб менамояд. Шахси ҷиноят содиркарда барои аз рӯи даъват ҳозир шудан ба мақомоти таҳқиқ ва суд, хабар додан аз тағйири ҷои истиқомат ӯҳдадор карда мешавад. Дар ҳолати ҳозир нашудан ба мақомоти таҳқиқ ё ба маҷлиси суд шахс маҷбуран оварда мешавад. Пешбурди суръатнок бояд на дертар аз даҳ шабонарӯз аз рӯзи ба мақомоти таҳқиқ ворид шудани ариза ё хабар дар бораи ҷиноят то ба прокурор фиристодани парванда тамом карда шавад.

Ба андешаи муҳаққиқони тоҷик Абдуллоев П.С ва Негматов Б.С., асосҳои гузаронидани пешбурди суръатнок аз инҳо иборатанд: а) аломатҳои таркиби яке аз ҷиноятҳои номбаркардашуда мавҷуд бошанд; б) воқеияти ҷиноят айён аст, яъне исботи ҳодисаи ҷиноят мушкил нест, муайян намудани он ба эътимоди ботинии таҳқиқбаранда вобаста аст, ки ӯ баҳо медиҳад; в) шахс дар содир кардани ҷиноят маълум мебошад; г) гумонбаршуда ҷинояти содирнамудаашро рад наменамояд, яъне ба гуноҳаш иқрор аст [3,с.97].

Мақомоти таҳқиқ маводи ҷамъовардаро барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ба суд равон кардани он кифоя эътироф карда, дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул карда, онро ба пешбурди худ қабул мекунад,ва шахси ҷиноят содиркардаро бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 221-228 Кодекси мазкур ба сифати айбдоршаванда ҷалб менамояд, масъаларо дар бораи чораи пешгирӣ нисбат ба айбдоршаванда мутобиқи моддаҳои 101-111 Кодекси мазкур ҳал менамояд, ҳамчунин дар бораи эътироф намудани шахс ба сифати ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ қарор қабул мекунад.

Мақомоти таҳқиқ амалиёти дар қисми 1 ҳамин модда зикршударо иҷро намуда, аз рӯи асосҳо ва бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 239-246 Кодекси мазкур мурофиаи суръатнокро ба анҷом мерасонад. Ҳангоми аз мақоми таҳқиқ ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ, ки бо тартиби пешбурди суръатнок анҷом дода шудааст, прокурор ё муовини ӯ вазифадоранд дар муддати на зиёда аз 24 соат парвандаро санҷида, бо асосҳо ва бо тартиби дар моддаҳои 247-250 Кодекси мазкур пешбинишуда дар бораи он қарор қабул намояд.

Таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои дар моддаи 453 Кодекси мазкур номбаркардашуда аз ҷониби мақомоти таҳқиқ аз рӯи қоидаҳои умумии Кодекси мазкур дар ҳолатҳои зерин анҷом дода мешавад: ҳангоми аз ҷониби сардори мақомоти таҳқиқ оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, ба шарте, ки дар давоми ҳафт шабонарӯз муайян намудани ҳолатҳои муҳими содир шудани ҷиноят аз имкон берун бошад; ҳангоми аз ҷониби прокурор барои пешбурди таҳқиқ баргардонидани парвандаи ҷиноятие, ки бо тартиби пешбурди суръатнок анҷом дода шудааст; ҳангоми дар муддати се шабонарӯз аз имкон берун будани иҷрои амалҳои мурофиавии дар моддаи 453 Кодекси мазкур пешбинишуда. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур таҳқиқ бояд на дертар аз бист шабонарӯз аз рӯзи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё баргардонидани он анҷом дода шавад.

Ҳамин тавр, пешбурди суръатнок ба парвандаи ҷиноятӣ бо мақсади содда гардонидани ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ, сарфакорона истифода намудани вақт, хароҷоти мурофиавӣ ва воситаҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ истифода мегардад. Аз дигар ҷониб, ҷорӣ намудани пешбурди суръатнок барои истифодаи захираҳои молиявии давлат, ки барои ба амал баровардани адолати судӣ равона шудаанд, дармуҳлатҳои кутоҳтарин баррасӣ кардан парванда, баланд бардоштани таъсири тарбиявии ҷазои ҷиноятӣ ва тақвияти ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон мусоидат менамояд [12,с.98].

Мувофиқи нуқтаи назари мутахассисон дар асоси таҳлили муқоисавии падидаи таҳқиқ дар кишварҳои хориҷ метавон асосан се шакли таҳқиқро ҷудо намуд: 1) таҳқиқ ҳамчун шакли мустақили тафтишоти пешакӣ. Ба ин кишварҳо дохил мешаванд Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) таҳқиқ ҳамчун шакли гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва ё шакли протоколӣ. Чунин шакли таҳқиқ аслан дар Ҷумҳурии Озорбойҷон, Белорус, Қирғизистон ва Узбекистон хос аст; 3) таҳқиқ ҳамчун қисмати таркибии падидаи таъқиботи ҷиноятӣ баромад менамояд. Ба ин кишварҳо мисол шуда метавонанд Франсия ва Грузия [4,с.172-178].

Ҳамин тариқ, тамоюлҳои асосии рушди таҳқиқро дар таҷрибаи байналмилалӣ асосан пешбурди таҳқиқ аз ҷониби мақомоти полис дар шаклҳои гуногуни он ташкил медиҳад. Аллакай дар қонунгузории кишварҳои ИДМ чунин як модели муайяни ҳуқуқии ташаккул ёфта истодааст, ки мувофиқи он таҳқиқ ҳамчун шакли санҷиши маълумот дар бораи ҷиноят ва ё шакли гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ баромад менамояд. Дар фарқият аз тамоюлҳои умумиҷаҳонӣ дар Федератсияи Россия таҳқиқ ҳамчун шакли ихтисоракардашудаи тафтишоти пешакӣ маҳсуб меёбад [4,с.172-178].

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки нақши таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ дар ҳалли вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ назаррас буда, маводи таҳқиқ асос барои исботи ҳолатҳои кор ва баррасии парванда дар суд мегардад. Зарур аст, ки бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи дунё, хосатан таҷрибаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолияти мақомоти таҳқиқ такмил дода шуда, дар як маврид ҷиҳати боло бурдани масъулият ва фарҳанги ҳуқуқии таҳқиқотчиён чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Мо низ бар он назарем, ки таҳқиқ вобаста ба моҳияти худ ва бо дарназардошти мушкилоти ҷойдошта дар амалияи фаъолияти мақомоти таҳқиқ бояд такмил дода шавад. Боварии комил дорем, ки бо дарназардошти тамоюлҳои умумэътирофшудаи байналмилалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ падидаи таҳқиқ ба таври комил ташаккул меёбад.

Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки зимни пешбурди таҳқиқ дар оянда ба беҳдошт ва такмили масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад: иҷрои талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба қабул, бақайдгирӣ ва баррасии аризаю иттилоот дар

бораи ҷиноят; қонунӣ оғоз ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ; муайян кардани тобеияти парвандаҳо ба мақомоти таҳқиқ; риояи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми дарёфт намудан, мустаҳкам кардан, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо; ғайри қобили қабул донистани далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ бо роҳи зӯроварӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ, фиреб ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд; таъмини ҳуқуқи гумонбаршуда ва йбдоршаванда ба ҳимоятгар; қонунӣ ва асоснок гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ; риояи муҳлат зимни гузаронидани таҳқиқ ва дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандагон; қонунӣ ва асоснокии интихоби чораи пешгирӣ; мусоидат кардан ба барқарор кардани зарари аз ҷиноятҳо расонидашуда; қонунӣ ва асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва эълони айб; расонидани ёрии амалӣ ба таҳқиқбарандагон ҳангоми истифодаи воситаҳои техникаи криминалистӣ; риояи муҳлатҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ; пешгирии ҳолатҳои ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан, пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ боздоштан ва қатъ кардани таҳқиқ; баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳисси масъулиятшиносии кормандони мақомоти таҳқиқ.

**Муқарриз: н.и.ҳ, дотсенти ДМТ - Махмудов И.Т.**

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев Н. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ.Душанбе 1985. С. 258
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ.1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1755; аз 20.04.2021 № 1777, аз 23.12.2021 № 1810, аз 23.12.2021 № 1811, аз 18.03.2022 № 1853, аз 19.07.2022 № 1900.
3. Абдуллоев П.С., Негматов Б.С. Пешбурди суръатнок ва соддакардашуда дар мурофиаи ҷиноятӣ // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири ни.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбаии ДМТ. 2017. – 254 саҳ. С.97.
4. Дутов Н.Ю. Особенности правового регулирования производства дознания в зарубежных странах // Общественная безопасность, законность и правопорядок в III тысячелетии. 2020. № 6-1. С.172-178.
5. Искандаров З.Ҳ. Ташкили таҳқиқ дар мақомоти гумрук: танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишоф // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1 (53). 2022. С. 58.
6. Курс уголовного процесса / Под ред. Д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016. – 1278 с. С. 649.
7. Качалова О.В. Ускоренное производство в российском уголовном процессе: дисс. … д-ра юрид. наук.М., 2016. С. 40.
8. Маълумотҳои Раёсати таҳқиқи ВКД ҶТ дар соли 2021
9. Маълумотҳои Раёсати таҳқиқи ВКД ҶТ дар соли 2022
10. Маълумотҳои Раёсати таҳқиқи ВКД ҶТ дар нуҳ моҳи соли 2023
11. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев.ғ Душанбе; “Эр-граф”, 2018. 556 с. С. 303.
12. Маҳмудов И.Т., Бафоев И.М. Пешбурди суръатнок – шакли нави пешбурди парвандаи ҷиноятӣ //Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе. 2021. № 2(014).С.98.
13. Негматов Б.С. Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: автореферти диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқшиносӣ. Душанбе. 2023. С.19.
14. Одинцов В.Н. Производство дознания органами внутренних дел Российской Федерации. Дисс. … канд.юрид.наук. Москва, 2004. С. 61.
15. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ/ муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 556 с. С. 300.
16. Сеидов М.М. Правовое обеспечение основных направлений уголовно-процессуальной деятельности органов дознания Министерства внутренних дел Российской Федерации на современном этапе. Дисс. … канд.юрид.наук. Волгоград. 2018. 172-173.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАҲҚИҚ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ


Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии таҳқиқ дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақола дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҷрибаи фаъолияти мақомоти таҳқиқ, инчунин такя ба дастовардҳои муосири илмӣ намудҳои зерини таҳқиқ: таҳқиқ дар мавриди парвандаҳое, ки доир ба онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист ва таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки

пешбурди тафтиши пешакии онҳо ҳатмӣ нест, ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, дар ин самт хулосаҳои созгор коркард шудаанд. Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки нақши таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ дар ҳалли вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ назаррас буда, маводи таҳқиқ асос барои исботи ҳолатҳои кор ва баррасии парванда дар суд мегардад. Дар шароити кунунӣ нақши мақомоти таҳқиқ дар самти ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳкор, таъмин кардани асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ назаррас мебошад. Зарур аст, ки бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи дунё, хосатан таҷрибаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолияти мақомоти таҳқиқ такмил дода шуда, дар як маврид ҷиҳати боло бурдани масъулият ва фарҳанги ҳуқуқии таҳқиқотчиён чораҳои дахлдор андешида шаванд.

**Калидвожаҳо:** мурофиаи ҷиноятӣ; тафтишоти пешакӣ; тафтиши пешакӣ; таҳқиқ; намудҳои таҳқиқ; пешбурди суръатнок; таҳқиқбаранда.

## ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ДОЗНАНИЯ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье рассматриваются виды дознания в уголовном процессе. В статье, основанной на уголовно-процессуальном законодательстве, опыте деятельности органов дознания, а также на современных научных достижениях, были проанализированы следующие виды дознаний: дознание по делам, по которым производство предварительного следствия обязательно; дознание по делам, по которым производство предварительного следствия не обязательно, а также были сформулированы соответствующие выводы. Таким образом, следует отметить, что роль дознания как формы предварительного расследования значительна в решении задач уголовного судопроизводства, а материалы дознания становятся основой доказывания обстоятельств дела и рассмотрения дела в суде. В современных условиях роль органов дознания в сфере раскрытия преступлений, разоблачения виновных лиц, обеспечения их привлечения к уголовной ответственности и установления всех обстоятельств совершенного преступления для надлежащего разрешения уголовного дела является значимой. Необходимо учитывать передовой опыт развитых стран мира, особенно опыт уголовно-процессуального законодательства государств-участников Содружества Независимых Государств, для совершенствования деятельности органов дознания, а также принять соответствующие меры по повышению ответственности и правовой культуры дознавателей.

**Ключевые слова:** уголовный процесс; предварительное расследование; предварительное следствие; дознание; виды дознание; дознаватель.

## THEORETICAL AND LEGAL FOUNDATIONS OF INQUIRY IN CRIMINAL PROCEEDINGS

This article discusses the types of inquiry in criminal proceedings. In the article, based on criminal procedural legislation, the experience of the bodies of inquiry, as well as on modern scientific achievements, the following types of inquiries were analyzed: inquiry in cases in which a preliminary investigation is mandatory; inquiry into cases in which a preliminary investigation is not necessary, and corresponding conclusions were formulated. Thus, it should be noted that the role of inquiry as a form of preliminary investigation is significant in solving the problems of criminal proceedings, and the materials of the inquiry become the basis for proving the circumstances of the case and considering the case in court. In modern conditions, the role of the investigative bodies in the sphere of solving crimes, exposing the perpetrators, ensuring their prosecution and establishing all the circumstances of the crime committed for the proper resolution of the criminal case is significant. It is necessary to take into account the best practices of the developed countries of the world, especially the experience of the criminal procedural legislation of the member states of the Commonwealth of Independent States, to improve the activities of the inquiry authorities, as well as take appropriate measures to increase the responsibility and legal culture of the investigators.

**Keywords:** criminal process; preliminary investigation; preliminary investigation; inquiry; types of inquiry; interrogator.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғайратзода Раҳматулло Давлатбек*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(992) 934012626**

**Сведения об авторе:** ***Гайратзода Рахматулло Давлатбек*** – Таджикский национальный университет, соискатель, кафедра судебного права и прокурорского надзора. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(992) 934012626**

**Information about the author:** ***Gairatzoda Rahmatullo Davlatbek*** **–** Tajik National University, applicant, department of judicial law and prosecutorial supervision. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (992) 934012626**

УДК: 347.1(575.3)

# РАЗМЕР ГРАЖДАНСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ВРЕД, ПРИЧИНЕННЫЙ ИСТОЧНИКОМ ПОВЫШЕННОЙ ОПАСНОСТИ

*Раупова М.Т.*

**Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**

Одним из распространенных способов борьбы с гражданскими правонарушениями в правовом государстве выступает определение имущественной ответственности за причиненный вред. Установленные гражданско-правовые нормы в области ответственности определены на возмещение вреда, кроме этого установлены в целях предупреждения правонарушения. Требование граждан, направленные на возмещение вреда, выступает конституционным правом всех граждан. Бесспорно, оно связано с конституционным правом на защиту жизни и здоровья граждан, в целях укрепления общественного правопорядка и законности. С помощью данных юридических норм реализовывается общественное воспитание, содействующее следованию законодательных норм, а также укреплению правопорядка.

Гражданско-правовая ответственность за причинение вреда регулируется гражданским законодательством РТ и иными законодательными нормами. При расмотрении спора о причинении вреда суду, необходимо определить присутствие условий гражданской ответственности, установить субъекта ответственности, а также объем подлежащего возмещению вреда. Верное урегулирование спора чаще всего зависит от правильного анализа всех обстоятельств причинения вреда, кроме этого четкости и ясности в применении законодательных норм.

Законодательство в области возмещения вреда, причиненного источником повышенной опасности, нуждается в регулярном обновлении. Гражданское законодательство РТ в сфере обязательств, вследствие причинения вреда, ясно выражает стремление законодателя к повышению защиты прав и интересов потерпевшего субъекта, в области причиненного вреда жизни и здоровью гражданина. Важное значение приобретает то, что гражданско-правовой ответственностью за вред, причиненный источником повышенной опасности выступает то, что на владельца источника повышенной опасности возлагается обязанность возместить вред, причиненный потерпевшему субъектуавтономно от наличия вины владельца в причинении вреда и противоправности в действиях владельца при использовании источника повышенной опасности. Бесспорно, что перечень источников повышенной опасности имеет не исчерпывающий характер, ввиду динамичного развития науки и техники, посполняющих данный перечень новой разновидностью, не вызывающие абсолютно никаких сомнений, касательно правомерности их использования.

Главной целью гражданско-правовой ответственности является обязательная компенсация потерпевшей стороне причиненного вреда, лицом нарушившим субъективное право. Когда компенсация причиненного вреда возлагается на несколько ответчиков, так как вред причинен по их общей вине, то ответственность выступает как долевая, солидарная или субсидиарная.

Под долевой ответственностью понимается, что каждый должник по отношению к кредитору несет ответственность соразмерно своей доле, которая определена договором или законодательством. Однако ст.1094 ГК РТ не предусматривает применение долевой ответственности, это лишь исключение, нежели правило.

В соответствии с п.1 ст.345 ГК РТ солидарная обязанность (ответственность) или солидарное требование возникает, если солидарность обязанности или требованияпредусмотрена договором или установлена законом, в частности при неделимости предмета обязательства. Во многих случаях, понятие солидарной ответственности устанавливается императивной нормой. Например ст.1095 ГК КР устанавливает, что лица, совместно причинившие вред, отвечают перед потерпевшим солидарно.

В соответствии с п.2 ст. 346 солидарные должники остаются обязанными до тех пор, пока обязательство не исполнено полностью. Наряду с этим абз.2 ст.1095 устанавливает, что по

заявлению потерпевшего и в его интересах суд вправе возложить на лиц, совместно причинивших вред, долевую ответственность.

По мнению А.А. Собчака и В.Т. Смирнова: «…солидарный характер делектной ответственности участников, которые совместно совершили противоправное деяние, повлекшее за собой причинения ущерба потерпевшему, понесут наказание, обеспечивая в виде восстановления причиненного ущерба имущественного характера путем, наибольшего благоприятствования» [13]. Чаще всего данные случае бывают при дорожно-транспортных происшествиях.

Нужно отметить, что активные действия по определению степени вины, должны совершаться субъектом обязанным в компенсации вреда. Рассмотрим к примеру судебную практику: «Водитель А., управляя автомобилемNissan, не соблюдая боковой промежуток, совершил касательное столкновение с двигавшимся в попутном направлении автомобилем Honda, принадлежащимгражданину Б. После чего в остановившийся автомобиль Nissan, не соблюдаядистанцию до впереди двигающегося транспорта, врезался автомобиль Toyota. Стоимость ремонтно-восстановительных работ автомобиля Honda,согласно заключению автомобильных экспертов, составила свыше 20 тыс. сомони. Виновными в ДТП были признаны водители автомобилей Nissan и Toyota. ООО «Таджстрахцентр» – страховщик автотранспортного средства Nissan– выплатило гражданину Б. часть страхового возмещения в сумме 10 тыс. сомони, а ООО «Таджсерба» –страховщик автотранспортного средства «Toyota» – отказало в выплатеоставшейся части страхового возмещения на том основании, что потерпевшему необходимо обратиться в суд с заявлением об определении доли ответственности (степени вины) каждого из водителей на основании ст.1095 ГК РТ. В итоге решением Худжанского районного суда требования гражданина Б. о возмещении вреда были удовлетворены в следующем порядке: согласно его заявлению 10 тыс. сомони, как страховое возмещение, взыскано со страховщика ООО «Таджсерба», а оставшаяся сумма взыскана солидарно с владельцев источников повышенной опасности (страхователей). Суд верно указал, что в рассматриваемом деликтном обязательстве вопрос об установлении степени вины по закону и здравой логике не может вызывать юридический интерес и быть юридически значимым обстоятельством, подлежащим доказыванию со стороны истца (потерпевшего)» [10].

Под субсидиарной ответственностью понимается что, если основной должник не удовлетворит требования кредитора по обязательствам в надлежащий срок, тогда это обязательство переходит к субъекту, которое несет субсидиарную ответственность [4]. На основании организационно-правовой формы юридического лица или деликтоспособности физического лица, возлагается субсидиарная ответственность.

В соответствии с п.6.ст. 127 ГК РТ «Республика Таджикистан или административно- территориальная единица несут субсидиарную ответственность по обязательствам казенного предприятия».

На основании ст. 1089 ГК РТ «в случае, когда вред был причинен по вине несовершеннолетних (от 14-18 лет), то дополнительную субсидиарную ответственность несут родители (усыновители), опекуны или попечители, если у основного субъекта, причинившего вред (т.е. несовершеннолетний) недостаточно средств для возмещения компенсации». Условно данную ответственность называют понятием «ноксальной», т.е. обязывающей нести ответственность не самому нарушителю, а другому субъекту [5]. Данное определение пришло изримского частного права [6].

Нужно отметить, что на основании ст. 1087 ГК РТ к субсидиарной ответственности, возможно привлечение субъектов, которые застраховали свою ответственность в обязательном или добровольном порядке, в том случае, если страховое возмещение не покрывает разницу между страховой суммой и фактическим размером ущерба.

Регрессная ответственность - это когда должник исполняет свое обязательство по компенсации вреда засубъекта по чьей вине причинен вред и обратно предъявляет требование к нарушителю. Исходя из характера гражданских правоотношений и лицом являющимся причинившим вред и основным должником, для них устанавливается полный, либо ограниченный размер регрессной ответственности [4].

На основании п.1 и п.2 ст.1096 ГК РТ «возместивший вред, причиненный другим лицом (работником при исполнении им трудовых (служебных, должностных) обязанностей, лицом, управляющим транспортным средством, ит.п.), имеет право обратного требования к этому лицу в размере выплаченного возмещения, если иной размер не установлен законом.

Причинитель вреда, возместивший совместно причиненный вред, вправе требовать с каждого из причинителей долю выплаченного потерпевшему возмещения в размере, соответствующем степени вины этого причинителя. При невозможности определить степень вины доли признаются равными».

Имущественная форма ответственности исключается в том случае, когда, вред наступил в случае необходимой обороны, крайней необходимости,форс-мажорных обстоятельств, или в случае не предоставления работодателем соответствующих условий для обеспечения сохранности имущества, которое было вверено работнику [7].

Регрессная ответственность работника полностью при причинении вреда источником повышенной опасности может возникнуть при случаях:

- если вред причинен в состоянии наркотического, токсического либо алкогольного опьянения;
- если вред причинен вследствие ненадлежащего осуществление работником своих трудовых обязанностей;
- если вред причинен вследствие административного правонарушения;
- если вред причинен вследствие совершения преступления;
- если вред причинен вследствие умысла и прочее [9].

Нужно указать отличительные черты данного правоотношения:

1. По праву суда возможно уменьшение размера регрессного взыскания с работника. В данном случае во внимание принимается степень вины работника, имущественное положение и иные основания, требующие внимание.

2.Привлечение к регрессной ответственности работника работодателем, выступает правом, но не обязанностью. Невозможно уменьшение размера нанесенного ущерба, в случае, когда вред причинен в корыстных целях.

3. В случае, когда доходы были недополучены взыскание в регрессном порядке с работника не может осуществляться. В случае когда причинен реальный и прямой вред, взыскание в регрессном порядке с работника может применяться.

К субъекту причинившему вред вправе предъявить регрессное требования страховщик, в той сумме, которою он выплатил, если:

- умышленно был причинен вред жизни и здоровью человека;
- вред был причинен при управлении транспортом в алкогольном или наркотическом опьянении;
- вред был причинен субъектом управляющим транспортным средством, без соответствующих прав на управление;
- субъект скрылся с места дорожно-транспортного происшествия;
- возник страховой случай в результате использования обязательного автотранспортного страхования;
- субъект причинивший вред, не был указан стороной в договоре имеющий право на управление транспортным средством [8].

Специфика гражданско-правовой ответственности выражается в том, что должна быть соразмерность размеру причиненного вреда. По общему правилу объем возмещения вреда должен носить полный характер. Но допустима компенсация, в том случае, когда это предусмотрено соглашением до или после возникновения деликта.

Кроме этого, ответственность может устанавливаться законодательными нормами (к примеру Законом «О социальной защите граждан, подвергшихся воздействию радиации вследствие катастрофы на Чернобыльской АЭС»). В этом случае компенсация вреда возлагается на государство в повышенных размерах, которые устанавливаются нормативными актами. Нормы деликтной ответственности не позволяют размер ответственности снижать по

соглашению сторон, либо возлагать ответственность надругое лицо по компенсации вреда (перемена лиц), даже при императивных нормах. Договор, касающийся вопроса об уменьшении размера деликтной ответственности, либо вопросы, связанные с изменением порядка взыскания являются ничтожными.

Рассмотрим судебное решение в качестве примера: решением Худжантского городского суда от 2010 года, при осуществлении разбирательства гражданского дела по возмещению вреда, который был нанесен при взаимодействии с автотранспортным средством, который была признан ничтожным, так как было оформлено трудовое соглашение между водителем транспорта гражданином И., и индивидуальным предпринимателем гражданином Ф., где ясно было прописано, что владелец автомобиля Ф. обязуется передать транспорт для перевозки грузов с соответствующей оформленной документацией на гражданина И., и что владельцемав тотранспортая вляется гражданин Ф., который полностью несет риск гражданской ответственности на основании ст.1094 ГК РТ[10].На основании п.1ст.12 ГК РТ компенсация вреда была возложена на индивидуального предпринимателя.

Отметим, что деликтная ответственность определяет следующие способы защиты гражданских прав:

Во-первых, восстановление положения, существовавшего до нарушения права и пресечение действий, нарушающих право или создающих угрозу его нарушения;

Во-вторых, принуждение к исполнению обязанностей в натуре;

В третьих, возмещение убытков.

В соответствии с п.2 ст.15 ГК РТ «под убытками понимаются расходы, которые лицо, чье право нарушено, произвело или должно будет произвести для восстановления нарушенного права, утрата или повреждение его имущества (реальный ущерб), а также неполученные доходы, которые это лицо получило бы при обычных условиях гражданского оборота, если бы его право не было нарушено (упущенная выгода)».

Необходимо отметить, что возмещению вреда, причиненного жизни и здоровью гражданина посвящены ст. с 1100-111 ГК РТ.

По мнению К.Б. Ярошенко: «За вред, причиненный жизни и здоровью, который носит универсальный характер –устанавливается деликтная ответственность. И она возникает на равноправных началах независимо, в каких отношениях состояли потерпевший и субъект, причинивший вред» [16].

Исследуя законодательство в области причинения вреда жизни и здоровью граждан, можно определить деление на две категории: первая - это те лица, которые состоят в трудовых, либо договорных отношениях с причинителем вреда, а также лица, не состоящие с причинителем вреда в каких-либо отношениях.

Поляков И.Н., указывает, что «..нет никакого различия между двумя группами по возмещению вреда, если только в первой группе лицо имеет право на выплату ему единовременного пособия, а вторая группа просто не имеет подобной возможности» [11].

В том случае, когда субъект получил производственную травму, либо произошел несчастный случай на производстве, даже в том случае, когда субъект застрахован, отказ в компенсации вреда невозможен.

Причинение вреда жизни или здоровью граждан может проявляться в увечье (травме), профессиональной болезни и в прочих заболеваниях. Продолжительное или регулярное влияние вредоносных веществ на производстве, либо профессиональные показатели являются следствием профессионального заболевания. Под увечьем понимается физическая травма, которая наступила в результате влияния внешних факторов.Порядок компенсации по возмещению вреда в случаях утраты заработной платы или потери кормильца, устанавливается ГК РТ.

В мерах социальной защиты граждан, органам суда в непременном порядке необходимо привлекать в качестве соответчика фонды для решения проблемы по выделению МСЭ на содержание нуждаемости застрахованного по его затратам (к примеру, покупка лекарственных препаратов, уход, питание), и в итоге поделить ответственность между работодателем и

фондом. Ввиду того, что прейскурант по выплатам, очевидно занижен по цене сравнительно с действительными ценами на сегодняшний день.

Расходы на погребение, на основании гражданского законодательства возлагаются на владельца источника повышенной опасности. Итак, на основании ст.1110 ГК РТ«лица, ответственные за вред, связанный со смертью потерпевшего, обязаны возместить необходимые расходы на погребение лицу, понесшему эти расходы. Пособие на погребение, полученное гражданами, понесшими эти расходы, в счет возмещения вреда не засчитывается».

На основании анализа судебной практики, отметим, что все затраты касательно погребения должны носить рациональный и уместный характер исходя из цены (цена гроба, услуги морга, выкапывании могилы,поминальные обеды, отпевание в церкви, ритуальные затраты, кроме этого установление стандартных памятников) [1].

Говоря об основаниях повышения размера возмещения вреда касательно потерянного заработка, отметим: первое - если до причинения увечья потерпевшему, была увеличена заработная плата в связи с переводом на высокооплачиваемую работу. Но необходимо указать, что размер компенсации устанавливается после указанных изменений, то есть все те предыдущие месяцы увеличения, в расчет не признаются; второе -потерпевший имеет право потребовать повысить размер компенсации, если имущественное положение обязанного субъекта выплачивать компенсацию вреда улучшилось, а размер компенсации был снижен на основании п.3 ст.1099 ГК РТ.

На основании вышеизложенного, по определению годового заработка, можно сделать исключение из правил. В этой ситуации необходимо аргументирование и удостоверение данного увеличения, кроме этого это не должно носить единовременный характер [14].

На обязательность применения п.3 ст.1099 компенсации вреда, причиненного здоровью и жизни с учетом вины потерпевшего и имущественного положения лица, причинившего вред говорится в п.1 ст. 1094 ГК РТ.

Кроме этого отмечаем, что уменьшение размера ответственности невозможно при умышленном причинении вреда владельцем источника повышенной опасности. Необходимо, кроме этого, отметить, что при умышленном действии потерпевшего, возможно освобождение от возмещения ущерба правонарушителя. Кроме этого, в указанном случае форма вины по неосторожности не рассматривается.

Рассмотрим основания уменьшения размера компенсации вреда:

1. Потерпевшая сторона осуществила грубую неосторожность, а вина у владельца источника повышенной опасности отсутствует. В данном случае размер компенсации может быть уменьшен, либо в компенсации может быть отказано. Как указывалось ранее, исходя из п.3 ст.1099 ГК РТ, «при причинении вреда здоровью или жизни гражданина отказ в компенсации ущерба не применяется. Не рассматривается в этом случае вина потерпевшего, если компенсация вреда была выплачена по дополнительным затратам, связанным со смертью кормильца».

Муайян кардан ва ҳалли ин гуна зиддиятҳо афзалияти давлат аст. Бесабаб нест, ки имрӯз сиёсати инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи давлатист.

Пайдоиши инноватсия ва фаҳмиши консептуалии он ба раванди сиёсӣ низ аз он сабаб таъсир мерасонад, ки дар натиҷаи ин тағйирот афзалиятҳои дигари ҷамъиятӣ ва сиёсӣ низ ба миён меоянд. Дар давлат сифати сармояи инсонӣ, идоракунӣ ва такмили он баланд бардошта мешавад [9,с.3-4].

Ба вуҷуд омадани навъи нави низоми ҷамъиятӣ ва муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ — «низоми ҷамъиятии инноватсионӣ» ба вуҷуд овардани тарзи нави институтсиониро талаб мекунад. Олимон консепсияҳои системаи миллии инноватсионии давлатҳои худро таҳия кардаанд, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои бунёдии сиёсати инноватсионӣ мувофиқат мекунад. Набудани муносибати муназзам ҳангоми бунёди низоми миллии инноватсионӣ бидуни баррасии зарурии хусусиятҳои иҷтимоии фарҳангии ин ё он ҷомеа, нодида гирифтани таъсири омилҳои гуногун метавонад ба натиҷаҳои ғайриқаноатбахш оварда расонад.

Хусусияти динамикии марҳалаи нави сиёсати инноватсионӣ воридшавии ҷузъии инноватсионӣ ба соҳаҳои гуногуни ҷомеа мебошад, ки омӯзиши навовариҳоро аз мавқеъҳои гуногун ва дар сатҳи сифатан нав мубрам мегардонад. Чунин ҳолат муносибати консептуалиро талаб дорад. Ин тарзи муносибати таҳлилӣ ва тадқиқоти илмӣ ба муҳаққиқон имкон медиҳад, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва принсипҳои амалии субъектҳои гуногунро муайян кунанд. Фаҳмидани он муҳим аст, ки ҷорӣ намудани инноватсия на танҳо мушкилоти технологӣ ё иқтисодӣ мебошад, гарчанде ки дар ҳамин соҳаҳои донишҳои илмӣ масъалаҳои марбут ба инноватсия бештар паҳн шудаанд. Асосноккунии консептуалӣ ва меъёрии сиёсати инноватсионӣ ҳамчунин масъалаҳои марбут ба инноватсия дар соҳаи менеҷмент, соҳаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра, инчунин фаҳмиши фалсафии рушди инноватсиониро дар бар мегирад.

Омӯзиши масъалаҳои рушди инноватсионӣ, инчунин аз он сабаб мушкилоти таъхирнопазир ба шумор меравад, ки мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ, имкониятҳо, имиҷи он ва аз ин рӯ нақши давлат дар сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бештар аз рушди ин соҳа вобаста аст.

Масъалаҳои дарки рушди инноватсионӣ, хусусиятҳои сифатии он, самти рушд ва таъсири он ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мавзӯи баҳсҳои зиёди доираҳои илмии муосир гардида истодаанд. Ин мушкилот дар конфронсҳои гуногун, семинарҳои илмӣ ва мизҳои мудаввар, аз ҷумла бо иштироки мақомоти баландпояи давлатӣ, мансабдорони баландпоя ва доираҳои соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Баррасии масъалаи рушди инноватсионӣ дар сиёсатшиносӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳимми рушди кишвар дар марҳалаи кунунӣ аз ҷиҳати сиёсӣ дарк карда, таъсири инноватсия ҳамчун омили раванди сиёсӣ муайян карда шавад, зиддиятҳои мавҷуда дар идоракунии сиёсӣ таҳлил карда шаванд, барои фаъолияти минбаъда, инчунин таҳияи маҷмуи афзалиятҳо, ки барои гузариш ба рушди инноватсионӣ нигаронида шудаанд, муайян карда шаванд.

Дар даҳсолаҳои охир шумораи тадқиқоти илмӣ ва назарияҳое, ки ҷанбаҳои гуногуни сиёсати инноватсиониро меомӯзанд, хеле зиёд гаштаанд. Гуфтан кифоя аст, ки шумораи таърифҳои мафҳуми «инноватсия» бо дарназардошти таҳлилҳои бештар атрофи он зиёд аст. Дар аксари ҳолатҳо, олимон ба хулосае меоянд, ки гузариш ба рушди инноватсионӣ ягона роҳи дурусти татбиқи сиёсати рушди давлатӣ аст. Вале мо бояд иқрор шавем, ки дар бораи усули татбиқи он, принсипҳои татбиқи он дар доираҳои илмӣ фаҳмиши умумӣ мавҷуд нест. Дар баробари ин, як қатор тадқиқоте, ки вақтҳои охир анҷом ёфтаанд, барои пур кардани ин холигиҳо дар омӯзиши ин масъалаҳо кумак мекунад.

Аз нуқтаи назари назариявию методологӣ омӯзиши сиёсати инноватсионӣ дар илми иқтисодӣ бештар паҳн шудааст. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, асарҳои олими австриягӣ Й.А. Шумпетер ва олими рус Н.Д. Кондратев ба тадқиқоти минбаъдаи соҳаи инноватсионӣ асос гузоштаанд [23; 6; 11; 10]. Хусусияти умумии асарҳои Й.А. Шумпетер ва Н. Кондратев аст, ки бо мурури замон ғояҳо ва андешаҳои онҳоро намояндагони соҳаҳои гуногуни илм фаъолона истифода ва инкишоф медиҳанд.

Мафҳуми «инноватсия» дорои таърифҳои зиёди гуногун буда, дараҷаи назарраси абстрактиро доро мебошад. Мафҳуми «инноватсия», ки аз лотинии «innovato» гирифта шуда, ба маънои «беҳбудӣ», «навсозӣ» аст, ба гуфтаи Ю.А. Карпова, бори аввал дар Фаронса дар ибтидои асри XVIII мавриди истифода қарор гирифт [7,с.15].

Дар асри XIX ин истилоҳ асосан дар соҳаи забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ мавриди истифода қарор гирифта, ҳолати ба ҳамдигар воридшавии унсурҳои фарҳангҳои гуногунро ифода мекард.

Ин мафҳум пас аз таърифаш ҳамчун истилоҳи илмӣ дар ибтидои асри XX ба шарофати корҳои иқтисодшиноси австриягӣ Йозеф Шумпетер васеъ паҳн шуд.

Дар асари худ «Назарияи тараққиёти иқтисодӣ», ки соли 1911 нашр шудааст, Й.А. Шумпетер мавқеи худро ба таърифи инноватсия, алоқамандии «навоварӣ»-ро бо «тағйирот» нишон дода, назарияи динамикаи иқтисодии ӯ дар илми иқтисодии ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузошта, аслан асосӣ бунёдии идоракунии муосири инноватсияро гузоштааст. Й.А. Шумпетер соҳибкориро муҳаррики асосии рушди иқтисод ва инноватсияро воситаи бартараф кардани муқовимати муҳити беруна, ки дар ҷараёни фаъолияти иқтисодии давлат ногузир ба вуҷуд меояд, медонист. Зери мафҳуми "инноватсия" ӯ тағйироти мушаххасеро дар назар дорад [23,с.109].

Андешаи Й.А. Шумпетер дар бораи инноватсия дар бисёр тадқиқоти муҳаққиқонихориҷӣ оид ба масъалаҳои инноватсия, махсусан дар омӯзиши таъсири инноватсия ба параметрҳои муҳимтарини макроиқтисодӣ бештар ба назар гирифта мешавад.

Дар айни замон дар адабиёти илмӣ таърифҳои зиёди истилоҳи «инноватсия» мавҷуд аст ва дар шарҳи ин мафҳум дар байни олимон то ҳол фикри ягона вуҷуд надорад. Бо дарназардошти хусусияти бунёдии инноватсия ду равиши асосии фаҳмидани ин истилоҳ вуҷуд дорад.

Тарафдорони равиши аввал ба хусусияти муваққатии истилоҳи «инноватсия» ишора намуда, онро ҳамчун раванд (фаъолият) - и муайян мефаҳманд. Масалан, Б.Твисс инноватсияро ҳамчун раванде муайян мекунад, ки дар он ғояҳо ва андешаҳо мазмуни иқтисодӣ мегиранд [20,с.44]. Ю.Кук ва П.Майерс таъкид мекунанд, ки инноватсия раванди мукаммал аз пайдоиши идея то пайдоиши моли мушаххаси дар бозор фурӯхташуда мебошад [24,с.45].

Тарафдорони равиши дуюм инноватсияро на ҳамчун раванд, балки натиҷаи бевоситаи раванд мешуморанд. В.Г. Мединский ва С.В. Илдеменов инноватсияро «объекти дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ё кашфиёт ба истеҳсолот ҷорӣ кардашуда, аз ҷиҳати сифатан аз намунаи пештарааш фарққунанда» таъриф мекунад [13,с.5].

А.В. Сурин ва О.П. Молчанов қайд мекунад, ки «инноватсия натиҷаи ниҳоии фаъолияти эҷодӣ мебошад, ки дар шакли маҳсулот ё технологияи нави такмилёфта, амалан татбиқшаванда ва қодир ба қонеъ гардонидани талаботи муайян мебошад» [19,с.5].

Як зумра муҳаққиқон доир ба қонунӣ будани ҳарду равиш андеша пешниҳод намуда, инноватсияро ҳам ҳамчун як раванди мушаххас ва ҳам натиҷаи ин раванд мешуморанд.

Набудани бархӯрди ягона ба тафсири мафҳуми «инноватсия», ба назари мо, сабаби асосии истифодаи тахминии ин истилоҳ аз ҷониби элитаи муосири сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳо мебошад. Ин тартиб ҳам бо мақсади нишон додани бартарияти сиёсати муассир ва рушди инноватсионии давлатӣ дар кишвар ва ҳам барои баланд бардоштани натиҷаи рушди низоми иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Таърифи сиёсии инноватсия барои дар асоси принсипҳои нави самаранокии инноватсионӣ ба роҳ мондани ислоҳоти маъмурӣ такони заруриро фароҳам меорад.

Рушди инноватсионӣ дар давлат мустақиман бо мушкилоти татбиқи сиёсати инноватсионӣ ва ташаккули институтҳои нави сиёсӣ, ки метавонанд бо субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ самаранок ҳамкорӣ кунанд, алоқаманд аст. Ин муносибат, пеш аз ҳама, бо қобилияти навоварӣ барои таъсири мустақим ба сатҳи рушди институтҳои сиёсии ҷомеа, катализатори навсозии онҳо тавсиф мешавад. Равандҳои инноватсионие, ки ба табиати раванди сиёсӣ дар давлат таъсир мерасонанд, худ объекти таъсири он мебошанд. Худи ниҳодҳои муайяни сиёсӣ метавонанд дар ҷомеа таҳаввулоти инноватсиониро оғоз намуда, ҳам ба рушди ҷомеа дар маҷмуъ ва ҳам ба ташаккули худи

технологияҳои инноватсионӣ таъсир расонанд. Мисоли чунин таъсир аз ҷониби роҳбарияти ҳар давлат ташаббуси дигаргуниҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти дохилӣ мебошад.

Сиёсикунонии истилоҳи «инноватсия» ва ба ҳам пайвастани онҳо ҳамчун шарти зарурии рушди сиёсии давлат ва ҷомеа ба ҳамоҳангсозии кӯшишҳои се субъекти асосии фаъолияти инноватсионӣ: давлат, соҳибкорӣ ва илм, ба мақсадҳои умумии навсозии сифатии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

Имрӯз ҷустуҷӯйи равишҳои нави таҳаввулоти системаи сиёсӣ ва зерсистемаи институтсионалии он, ташаккули типҳои нави институтҳои сиёсӣ, муносибатҳо, амалияи инкишоф ва самаранокгардонии фаъолияти системаи сиёсӣ зарур аст. Инноватсия дар сиёсат (ба маънои маҳдуд ва васеи таърифи категория) метавонад воситаи потенсиалии сиёсӣ бошад, ки пешрафти сиёсӣ ва рушди муносибатҳои сиёсиро ба таври куллӣ метезонад.

Инноватсия ба зарурати фикр кардан ва амал кардан бо тарзе, ки ба такмили пайваста тавассути муайян кардан, паҳн кардан ва қабули ғояҳои эҷодӣ мусоидат мекунад, дахл дорад. Инноватсия бояд ба сиёсати давлатӣ, маъмурият дахл дошта, истифодаи нави донишҳои мавҷуда, инчунин эҷод ва татбиқи донишҳои навро дар бар гирад [25,с.34].

Худи инноватсия, яъне рушди илмӣ, илмию техникӣ, ихтироъ, чун қоида, шакли маҳсулот, хизмат, усулро гирифта, ба навоварӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ, пеш аз давраи инноватсия корҳои тадқиқотӣ, конструкторӣ ё лоиҳакашӣ сурат мегиранд. Натиҷаҳои онҳо асосан заминаеро ба вуҷуд меоваранд, ки дар асоси он фаъолияти инноватсионӣ ҳам дар иқтисодиёти мушаххас ва ҳам дар дигар соҳаҳо ба роҳ монда мешавад [16,с.189-191].

Инноватсия дар заминаи назарияи сиёсӣ дар асарҳои Е.Г. Кирсанова, Ю.А. Красин, Л.В. Сморгунова, К.С. Фурсов ифода ёфтааст [8; 2; 18; 21]. Мафҳуми категорияҳои «инноватсия», «инноватсия дар сиёсат», «инноватсияи сиёсӣ», «сиёсати инноватсионӣ», шартҳо, ҳудуди татбиқи истилоҳот, афзалиятҳои истифодаи онҳо, арзёбии самаранокӣ, сабабҳои рукуд, монеаҳои муваффақ нашудани давлат дар ин соҳаҳои муҳимми рушди муосир баррасӣ ва таҳлил намудаанд.

Сиёсати инноватсионӣ характери байнисоҳавӣ дошта, қариб тамоми соҳаҳои идоракунии давлатӣ ва бахшҳо ва равандҳои марбут ба идоракунию сиёсиро дар бар мегирад. Бинобар гуногунии субъектҳои раванди инноватсионӣ ва баъзан ба ҳам зид будани манфиатҳои онҳо, зарурати ҷустуҷӯйи принсипҳои ягонаи ҳамкории онҳо, инчунин ҳамоҳангсозии тағйироти инноватсионии зерсистемаҳои субъектӣ ва объектии сиёсати инноватсионӣ ба миён меояд.

Х.В. Хачатурян муносибатҳои гуногуни илмӣ ва мавқеъҳои гуногунр дар баррасии моҳият ва хусусиятҳои сиёсати инноватсионӣ падидаи мусбат ва созанда мешуморад, ки боиси ташаккули системаи нави муносибатҳо ва тавсияҳо баҳри самаранок гардонидани идоракунии давлатӣ бо имкониятҳои бештари танзимкунӣ мегардад [22,с.11].

В.М. Кононов бар ин назар аст, ки аксаран сиёсати инноватсионии давлатӣ аз нуқтаи назари таҳлили иқтисодӣ ва категорияҳои иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад [12,с.119]. Ҳамин тавр, Д.В. Пискулов сиёсати инноватсионии давлатиро ҳамчун сиёсате муайян мекунад, ки барои ба марҳилаи инноватсионии рушд расонидани як давлати мушаххас нигаронида шудааст. Дар баробари ин, тадбирҳои ҳавасмандгардонии эҷод ва татбиқи инноватсияҳо дар иқтисодиёт ҳамчун роҳҳои расидан ба ин марҳила номида мешаванд.

Дар байни меъёрҳои арзёбии татбиқи сиёсати инноватсионӣ, муаллиф махсусан мушкилоти системавиро дар раванди ҳавасмандгардонии инноватсия, инчунин сатҳи оптималии сармоягузорӣ ба тадқиқоти илмӣ-таҳқиқотӣ қайд кардааст [15].

Мувофиқи мавқеи Б. Смирнов, сиёсати инноватсионии давлатӣ як намуди фаъолияти давлат дар соҳаи навовариҳои ҷамъиятии илмиву техникӣ, навсозӣ ва рушди ҷомеа дар маҷмуъ ва аз ҷумла сохторҳои иҷтимоию иқтисодии он мебошад. Ин фаъолият аз таҳкими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии афзалиятҳо ва принсипҳои бунёдии давлат дар соҳаи инноватсия иборат аст. Дар маркази консепсияи муҳаққиқ масъалаи муқаррар намудани мақсадҳои давлатӣ аз барои рушди системаи ҷамъиятӣ меистад [17]. Ба ибораи дигар, сиёсати инноватсионӣ ҳамчун системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни субъектҳои давлатӣ ва ғайридавлатии фаъолияти илмию техникӣ муайян карда шуда, ба

тавлид, табдил додан ва истифодаи инноватсияҳо марбут аст, ки ба навсозии фаъолияти инноватсионӣ нигаронида шудааст.

Мувофиқи андешаи Р.М. Владимирович, сиёсати инноватсионӣ набояд умуман тадқиқоти илмиро дар бар гирад, балки тарҳрезӣ ва таҳияи барномаҳоеро дар бар гирад, ки барои фаҳмидан, инкишоф додан ва татбиқи инноватсия дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нигаронида шудааст [3,с.80].

Л.Н. Фоломев сиёсати инноватсиониро дар шакли зерин таъриф додааст: «Сиёсати давлатии инноватсионӣ маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва дигар субъектҳои фаъолияти илмию техникӣ оид ба офаридан, табдил додан ва истифода бурдани инноватсияҳо барои навсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси ба эътибор гирифтани мувозинати манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди инноватсионӣ мебошад» [5,с.159].

А.И. Николаев ва Б. Лисин қайд инкунанд, ки сиёсати инноватсионӣ як қисми сиёсати миллӣ дар соҳаи таҳия ва татбиқи вазифаҳои барномавии мақсадноки рушди соҳаи инноватсионӣ, танзими ҳуқуқии вазифаҳои субъектҳо ва объектҳои сиёсати инноватсионӣ, муносибатҳои онҳо, ташкил ва назорати фаъолияти инноватсионӣ бо назардошти ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи субъектҳои он мебошад [14,с.86].

Л.С. Агшанина сиёсати инноватсиониро тавассути ба эътибор гирифтани хусусиятҳои асосии вазифаҳои фаъолияти давлатӣ дар бахши навовариҳои ҷамъиятӣ баҳри татбиқи ҳадафҳои рушд маънидод мекунад. Аз ҷумла, Л.С. Агшанина вазифаҳои зерини сиёсати инноватсионии давлатиро муайян мекунад:

– ташаккулёбанда, ки аз ташаккул ва рушди модели инноватсионии иқтисодӣ дар асоси афзалиятнокии истифодаи технологияҳои ҳушманд ва иттилоотӣ бо истифодаи самараноки омили инсонӣ иборат аст;

– ташаббуснокӣ, ки тавассути истифодаи механизмхои сиёсати буҷетӣ-андозии давлат субъектҳои истеҳсолотро барои амалигардонии раванди инноватсионӣ ҳавасманд менамояд;

- ташкилнамоӣ, барои эҷоди инфрасохтори раванди инноватсионӣ дар назар дошта шудааст [1,с.33-32].

**Муқарриз: д.и.с., ДДБ ба номи Носири Хусрав - Миралиён Қ.**


**АДАБИЁТ**

1. Аганина Л.С. Методы разработки и реализации эффективной государственной инновационной политики: Дисс. канд. экон. наук / Л.С. Аганина– М., 2006. – С. 32–33.
2. Альтернативы развития. Россия между модернизацией и деградацией. Политологические очерки. Под ред. Ю.А. Красина. – М.: Институт социологии РАН, 2013.
3. Владимирович Р.М. Инновационная политика: возможные концептуальные основы / Журнал Инновационная политика: возможные концептуальные возможности. [Электронный ресурс] URL: https://riep.ru/upload/iblock/239/2395fa1a63028c66ef2db7bfb0f5631f.pdf (дата обращения: 20. 09. 21.). -С.74-89.
4. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / Г.Н. Зокиров // Нашри сеюми такмилёфта. - Душанбе: ЭР-граф, 2010. -520 с.
5. Инновационный менеджмент. Под ред. В.Н. Архангельского. – М.: РАГС, 1997. – С. 159.
6. Капитализм, Социализм и Демократия: Пер. с англ. Предисл. и общ. ред. В.С. Автономова. -М.: Экономика, 1995;
7. Карпова Ю.А. Введение в социологию инноватики: учеб. Пособие / Ю.А. Карпова. - СПб.: Питер, 2004. - С. 15.
8. Кирсанова Е.Г. Инновации как политологическая категория / Е.Г. Кирсанова // Вестник Московского университета. Сер.12. Политические науки. – 2012. – №1.
9. Кирсанова Е.Г. Инновации как фактор политического процесса современной России / Е.Г. Кирсанова // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальность 23.00.02 - Политические институты, процессы и технологии. – М., 2013. - 29 с.
10. Кондратьев Н. Д. Основные проблемы экономической статики и динамики / Н. Д. Кондратьев. - М., 1991.
11. Кондратьев Н. Д. Проблемы экономической динамики / Н. Д. Кондратьев. - М., 1989.
12. Кононов В.М. Инновационная политика и политические инновации как фактор состоятельности и конкурентноспособности современного государства / В.М. Кононов // Гуманитарные науки. Современная российская политика. Вестник ТГУ. -Выпуск 11 (139), 2014. – С. 116 -122.
13. Медынский В.Г. Реинжиниринг инновационного предпринимательства: учеб. пособие для вузов / В.Г. Медынский, С.В. Ильдеменов. Под ред. проф. В.А. Ирикова. - М.: ЮНИТИ, 1999. - С. 5.
14. Николаев А.И. Инновационная культура как культура перемен (проблема, задачи, дефиниции, пред - ложения) / А.И.Николаев, Б.К. Лисин // Инновации, 2002. – № 2–3. – С. 86.

15. Пискулов Д.В. Влияние инновационной политики на международную конкурентоспособность государств: автореф. дис. ... канд. эконом. Наук / Д.В. Пискулов. - М., 2003.
16. Реттих С.В. Дефиниция «инновации» в философии // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение / С.В. Реттих Вопросы теории и практики. – 2011. – №7-2. – С.189-191.
17. Смирнов Б.М. Государственная инновационная политика России: цели, принципы, приоритеты / Б.М. Смирнов. - М., 2001.
18. Сморгунов Л.В. Российская политическая и партийная система // Россия XXI век: политика, экономика, культура / Л.В. Сморгунов. – М.: Аналитик, 2012.
19. Сурин А.В. Инновационный менеджмент: учебник / А.В. Сурин, О.П. Молчанова - М.: ИНФРА-М, 2008. - С. 5.
20. Твисс Б. Управление научно-техническими нововведениями / Б.Твисс. - М.: Экономика, 1989. - 217 с.
21. Фурсов К.С. О социологии инновационной деятельности В.Ж. Келле / К.С. Фурсов // Личность. Культура. Общество. – 2013. – Т.15. – №3-4. – С.327-334.
22. Хачатурян Х.В. Инновации в государственном управлении / Х.В. Хачатурян. - Киев, 2005. – С. 11.
23. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия / Й.А. Шумпетер. - М.: Эксмо, 2008. – 864 с.
24. Cooke Ian, Mayers P. Introduction to Innovation and Technology Transfer. Boston: Artech House, Inc., 1996. - 235 p.
25. MacMillan P., Jog K. Innovative government: Shaping long-term success. – Deloitte, 2008. – P. 34.

## СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ОН

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи ҷомеа ва татбиқи сиёсати давлатӣ, амалӣ шудани принсипи соҳавии давлат ва идоракунии давлатӣ бахшида шудааст. Муаллиф диққати асосиро ба асосноккунии ҷанбаҳои консептуалии сиёсати инноватсионии давлат равона кардааст. Инчунин, андешаҳо ва таълимоти донишмандони замон ва макони гуногунро атрофи мазмун, моҳият, хосиятҳои асосӣ ва аҳаммияти сиёсати инноватсионӣ барои инкишофи давлат таҳлил ва баррасӣ намудааст. Бартарият ва пурмазмунии таҳлили раванду ҳодисаҳо ва падидаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа аз тарзи муносибати дурусти илмӣ ва методологӣ вобастагии зиёд дорад. Яке аз тарзҳои муносибати методологӣ, ки дар таҳлили масъалаҳои сиёсӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, муносибати консептуалӣ мебошад. Чунин тарзи муносибат имкон медиҳад, ки асосҳои консептуалии сиёсати инноватсионӣ ошкор карда шаванд. Ҳангоми омӯзиши асосҳои консептуалӣ сиёсати инноватсионӣ ҳамаҷониба асоснок карда мешавад. Ин ҳолат асосноккуни назариявии сиёсати инноватсионии давлат мебошад. Дар ин росто, диққати асосӣ ба саривақтӣ будани воқеъшавӣ ва амалишавии сиёсати инноватсионӣ дар системаи татбиқи сиёсати давлатӣ ва рушди устувори давлат равона карда мешавад. Дар ин замина низоми арзишҳо ва оқибатҳову натиҷаҳои сиёсати инноватсионии давлат ташхис ва муайян карда мешаванд.

**Калидвожаҳо**: инноватсия, давлат, сиёсат, консептуалӣ, сиёсати инноватсионӣ, сиёсати давлатӣ, рушди технологӣ, пешрафти илмӣ, барномаҳои давлатӣ, сиёсати илмӣ ва технологӣ.

## ИННОВАЦИОННАЯ ПОЛИТИКА И ЕЕ КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ

Статья посвящена одному из важных вопросов развития общества и реализации государственной политики – реализации отраслевого принципа государства и государственного управления. Основное внимание автор сосредоточил на обосновании концептуальных аспектов инновационной политики государства. Он проанализировал и рассмотрел мнения и учения ученых разных времен о содержании, сущности, основных особенностях и значении инновационной политики для развития государства.Превосходство и содержательность анализа процессов, событий и явлений политической жизни общества во многом зависят от правильного научно-методического подхода. Одним из методологических подходов, который имеет первостепенное значение при анализе политических проблем, является концептуальный подход. Такой подход позволяет раскрыть концептуальные основы инновационной политики. При изучении концептуальных основ инновационной политики это оправдано везде. Данная ситуация является теоретическим обоснованием инновационной политики государства. В связи с этим основное внимание направлено на своевременность формирования и реализацию инновационной политики в системе реализации государственной политики и развития государства. В этом контексте не диагностируются и не определяются система ценностей, последствия и результаты инновационной государственной политики.

**Ключевые слова:** инновации, государство, политика, концептуальная, инновационная политика, политическая политика, технологическое развитие, научный прогресс, государственные программы, научно-техническая политика.

## INNOVATION POLICY AND ITS CONCEPTUAL FRAMEWORK

The article is devoted to one of the important issues of the development of society and the implementation of state policy - the implementation of the sectoral principle of the state and public administration. The author focused his main attention on substantiating the conceptual aspects of the state's innovation policy. He analyzed and reviewed the opinions and teachings of scientists from different times and places about the content, essence, main features and significance of innovation policy for the development of the state. The superiority and meaningfulness of the analysis of processes, events and phenomena of the political life of society largely depend on the correct scientific and methodological approach. One of the methodological approaches that is of paramount importance in the analysis of political problems is the conceptual

approach. This approach allows us to reveal the conceptual foundations of innovation policy. When studying the conceptual foundations of innovation policy, this is justified everywhere. This situation is a theoretical justification for the state's innovation policy. In this regard, the main attention is focused on the timeliness of the formation and implementation of innovation policy in the system of implementation of state policy and state development. In this context, the system of values, consequences and results of innovative public policy are not diagnosed or determined.

**Keywords:** innovation, state, policy, conceptual, innovation policy, political policy, technological development, scientific progress, government programs, scientific and technological policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Набизода Эмомалӣ Қуваталӣ*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **emomali.nabiev.94@mail.ru**. Телефон: **(+992) 937 42 42 46**

**Сведения об авторе:** ***Набизода Эмомали Куватали*** – Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава, соискатель кафедра политологии и международных отношений. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. E-mail: **emomali.nabiev.94@mail.ru**. Телефон: **(+992) 937 42 42 46**

**Information about the author:** ***Nabizoda Emomali Kuvatali*** **–** Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, applicant at the Department of Political Science and International Relations. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. E-mail: **emomali.nabiev.94@mail.ru.** Phone**: (+992) 937 42 42 46**

ТДУ: 342(575.3)

# НАҚШИ АМНИЯТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАЪМИНИ ҲИФЗИ СОХТИ КОНСТИТУТСИОНӢ

*Иброҳимзода Эраҷ Одилхон*
**Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири зудтағйирёбандаи ҷаҳони навин ва бархӯрдҳои гуногуни амниятии минтақа ва ҷаҳон масоили гуногуни марбут ба ҳифзи арзишҳои асосии давлатдории давлатҳои миллии кӯчак ба масъалаи доғ табдил ёфтааст. Аз он ҷумла ҳифзи якпорчагиву ягонагӣ ва арзишҳои асосии давлатдорӣ аз қабили ҳудуд, рамзҳои давлатӣ ва Конститутсия бисёр муҳим гардида, аз соҳибдавлатон зиракиву иқтидори боз ҳам бештарро тақозо менамояд.

Махсусан ҳифзи сохти конститутсионии кишвар ва таъмини риояи саривақтии меъёрҳои конститутсионӣ метавонад барои давлатҳои миллӣ дар чунин замони бисёр душвори ҷомеа аз вазифаҳои муҳимтарин ба шумор равад. Имкониятҳои рушди босуръати ҷомеа, субот ва шукуфоии он бештар аз ҷиҳати -вокуниши муносиб ба динамикаи ҳаёти ҷамъиятӣ, талабот ва ниёзҳои он, инчунин -сари вақт мубориза бурдан ба таҳдидҳои ба вуҷуд омадаро қобилияти ҳокимияти давлатӣ муайян мекунад. Шаклҳои ба таври муносиб истифодашавандаи фаъолияти давлат ба дигаргуниҳое, ки дар кишвар ба амал меоянд, динамизм ва самаранокии зарурӣ бахшида, яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва волоияти қонун мегарданд.

Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки таҳдидҳои нав ба нав ба мавҷудияти давлатҳои миллӣ пайдо гашта истодаанд ва дар шароити бозиҳои бузурги геополитикӣ дар минтақа ва ҷаҳон, зарурияти муайян кардани салоҳият ва ваколатҳо, танзими ҳуқуқии система ва мақоми ҳокимияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Масоили мазкур асосан танзими давлатии худро дар доираи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии конститутсионӣ пайдо намуда, дар танзими ҳаёти ҷамъиятӣ нақши бисёр бориз гузоштаанд.

Масъалаи ҳифзи асосҳои сиёсии сохтори конститутсионии мамлакат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи нисбатан нав ба шумор рафта, танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқиву сиёсӣ пайдо нанамудааст. То имрӯз дар кишвар бо мақсади танзими асосҳои сохтори мазкур ягон ҳуҷҷати дорои қувваи ҳуқуқӣ қабул карда нашудааст, ки дар ояндаи метавонад, дар роҳи танзими қонунии соҳа душвориҳои муайянро ба бор орад. Бо назардошти ин, аҳамияти таъмини амнияти кафолатноки сохти конститутсионӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад, зиёд мешавад. Динамикаи рушди сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ як қатор таҳдидҳои навро ба амнияти сохти конститутсионӣ ба вуҷуд меорад, ки бояд дар назарияи конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ҳалли муносиби худро пайдо кунанд.

Ин ҳолатҳо аҳамияти омӯзиши конститутсионӣ ва ҳуқуқии мушкилоти кафолати амнияти конститутсионӣ дар Тоҷикистони муосирро муайян мекунанд.

Тавре қайд карда шуд, масъалаи мазкур аз ҷониби коршиносони ватанӣ камтар мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аксаран мутахассисони хориҷӣ дар асару мақолаҳои худ масъалаи ҳифзи сохти конститутсионӣ ва бахусус ҷанбаи ҳуқуқии онро мавриди таҳлил қарор додаанд. Аз он ҷумла коршиноси рус, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ В.В. Красинский дар мақолаи худ таҳти унвони “Механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи сохти конститутсионӣ дар раванди интихобот” чунин қайд менамояд: “Механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи сохти конститутсионӣ як қисми механизми конститутсионии ҳифзи сохти конститутсионӣ мебошад, ки бо ёрии он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар робита бо ташаккули мақомоти ҳокимияти ҷамъиятӣ тавассути интихобот ба вуҷуд меоянд, таъсири муассир мерасонад, татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии иштирокчиён, ҳимояи принсипҳо ва меъёрҳои демократӣ ва қонунигардонӣ таъмин карда мешавад” [6].

Масъалаи ҳифзи низоми конститутсионӣ ва имконияти ҳифзи ин сохтор натанҳо таҳдид ба сохтори давлатдории демократӣ ва ё конститутсионӣ буда, аксаран ҳамчун таҳдид ба амнияти милливу давлатӣ арзёбӣ карда мешавад. Аз ин ҷост, ки моро зарур аст, ба масъалаи амнияти миллӣ ва нақши конститутсия дар маркази манфиатҳои миллии давлатӣ назаре намуда бошем.

Амнияти миллӣ - маҷмуи андешаҳои расман қабулшуда ба мақсаду стратегияи давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз таҳдидҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, низомӣ, техногенӣ, экологӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ бо дарназардошти захираҳои мавҷудаи имкониятҳо мебошад. Албатта, мафҳуми "амният" маҳз дар шароити афзоиши таҳдидҳои хусусияти гуногун аҳамияти махсус пайдо карда, мушкилоти самаранокӣ ва эътимоднокии воситаҳои мавҷудаи таъмини онро ба миён меорад. Дар ҳамин ҳол, ҳолати "бе таҳдид ва хатар" барои ҷомеа ба маънои васеъ идеалӣ ба назар мерасад, ки давлати соҳибихтиёри қавӣ бояд ба он кӯшиш кунад. Аммо, таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити муосир таъмини зиндагии осоиштаи аҳолӣ ҳатто барои кишварҳои пешрафта мушкил аст. Ҳамлаҳои террористӣ, ки дар ИМА, Фаронса, Олмон, Испания ва дигар кишварҳои қудратманди ғарбӣ рух доданд, тасдиқи равшани гуфтаҳои болост. Таҳдидҳо, ки омили ногаҳонӣ доранд, дар ҳама ҷо мавҷуданд, ки инсониятро дар тӯли таърихи худ ҳамроҳӣ мекунанд ва то андозае қувваи пешбарандаи такмили на танҳо механизмҳои дохилидавлатӣ, балки механизмҳои ҳуқуқии байналмилалӣ барои таъмини амнияти ҷаҳонӣ ва ҷустуҷӯи талошҳои муштарак дар мубориза бо онҳо мебошанд [5].

Амният на танҳо категорияи умумии ҳуқуқӣ, балки категорияи конститутсионӣ низ мебошад. Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ, илм ва фанни таълимӣ объект ва предмет, методология, ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххаси худро дорад. Пешгирии хатар мақсади асосии танзими конститутсионию ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ нест. Бо вуҷуди ин, таҳдиди хатарро нисбат ба институтҳои гуногуни конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкилотҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ метавонад, ҳамчун воситаи таъмини амнияти ҷомеа, шахс ва давлат натанҳо дар муносибатҳои конститутсионӣ, балки дар дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ низ амал кунад. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо масъалаи таъмини амният мазмуни конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ пайдо мекунад, ки аз он дарак медиҳад, ки амният дар ҷомеа танҳо дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ таъмин карда мешавад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки амният ҳамчун категорияи ҳуқуқи конститутсионӣ фаҳмида шавад. Зеро он як падидаи мураккаби конститутсионӣ-ҳуқуқӣ буда, мазмуни он аломатҳои категориявӣ ва институтсионалӣ, аз ҷумла асосҳои доктриналӣ ва ҳуқуқии кафолати амнияти конститутсиониро ифода мекунад. Объекти фаъолияти ҳуқуқи инсон - тамоми соҳаҳои ҳаёти шахс, ҷомеа ва давлатро фаро мегирад. Дар ин маврид танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи таъмини амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ ва ниҳоят миллӣ амал мекунад. Чунин механизмҳо аз волоияти ҳуқуқи инсон, соҳибихтиёрии халқ, таҷзияи ваколатҳо, муайян кардани салоҳият ва салоҳиятҳо байни субъектҳои ҷамъиятӣ-ҳудудӣ, мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, додани салоҳияти таъмини амнияти шахсони дахлдор, таъсиси хадамоти махсуси бехатарӣ ва муайян кардани мақоми конститутсионӣ ва ҳуқуқии онҳо иборатанд.

Ба гуфтаи С.А.Дмитрова, амнияти конститутсионӣ ҷузъи амнияти давлат ва миллӣ мебошад. Дар баробари ин муаллиф чунин мешуморад, ки амнияти конститутсионӣ ҳолати ҳифзи сохти конститутсионӣ аз таҳдидҳои "пеш аз ҳама дорои хусусияти дохилӣ"-ро дорад [3]. Аз нуқтаи назари дар боло овардашуда, на танҳо бартариятҳо, балки камбудиҳоро низ метавон ҷудо кард. Аз як тараф, муҳаққиқ ба тафсири маҳдудияти истилоҳи "амнияти конститутсионӣ" дуруст риоя намуда, аз ҳамсонсозии он бо мафҳумҳои васеътари "амнияти давлатӣ" ва "амнияти миллӣ" худдорӣ мекунад. Аз тарафи дигар, муаллиф ба тафсири танги мафҳуми мавриди баррасӣ қарор гирифта, онро бо доираи таҳдидҳои дохилӣ ба сохти конститутсионӣ маҳдуд мекунад, ки як қатор дигар институтҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқиро, ки ба ҳимояи муносиби ҳуқуқӣ ниёз доранд, истисно мекунад.

Ақидаи пешниҳоднамудаи муаллиф асосан назари таҳлили воқеъбинона набуда, дар он ба масъалаи ҳифзи сохтори конститутсионӣ ва танзими ин соҳа танҳо ҳамчун мушкилоти дохилидавлатӣ баҳогузорӣ карда шудааст. Аммо ин ба воқеияти асл ҷавобгӯ намебошад. Зеро масъалаи амнияти сохти конститутсионӣ дар солҳои охир натанҳо ба мушкилоти дохилӣ, балки аксаран ба таъсиррасониҳои берунии кишварҳои хориҷӣ вобастагии зич дорад. Дар ин самт зарур шуморида мешавад, ки ба масъалаи амнияти конститутсионӣ на ҳамчун масъалаи дорои хусусияти дохилӣ, балки ҳамчун мушкилоте, ки таъсиррасонии иқтисодиву сиёсӣ ва амниятӣ дошта, баҳогузорӣ карда шавад.

Муаллифи дигар А.Ю. Голик маҳз ҳамин нуқтаи назарро дастгирӣ менамояд. Вай дар навиштаҳои худ ба чунин таҳдид ба амнияти конститутсионӣ, аз қабили "пароканда шудан ба сохторҳои давлатӣ, аз даст додани соҳибихтиёрӣ" ва "вобастагии кишвар аз давлатҳои хориҷӣ " диққати ҷиддӣ медиҳад [2]. Дар ин ҷо мафҳуми амнияти конститутсионӣ хусусияти бештари сиёсати хориҷӣ пайдо мекунад, алалхусус, агар ба назар гирем, ки соҳибихтиёрии давлат объекти танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Яке аз омилҳои асосии ба инқироз ва ё коста гардидани иқтидори ҳуқуқии ҳама гуна санади ҳуқуқӣ ин вобастагии хориҷӣ пайдо намудани меъёрҳои он ба шумор меравад. Махсусан ба санаде чун Конститутсия вобастагӣ омили харобкунанда ба шумор меравад. Зеро дар ягон ҳолат қонуни асосии танзимкунандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии як давлат аз тағйироти сиёсиву иқтисодии беруни вобастагии комил дошта бошад. Дар навбати худ чунин вобастагӣ аз он дарак медиҳад, ки соҳибихтиёрии сиёсӣ, истиқлолият ва ҳатто озодии давлат ба ягон тағйироти кӯчаки сиёсии ҷаҳонӣ вобаста аст. Яъне бо ин гуфтан мумкин аст, ки наметавон нуқтаи назари муҳаққиқ Ю.А. Голикро низ ҷавобгӯи таърифи масъалаи мазкур номид. Зеро таърифи додашудаи ин муҳаққиқ аллакай аз заифии сохти конститутсионӣ ва амнияти конститутсионӣ дарак медиҳад.

Зимни таҳлили масъалаи мазкур нуқтаи назари объективона ва ё ба ҳақиқат наздики амнияти сохти конститутсионии мамлакатро дар таърифи гуруҳи олимон бо сарварии С.В.Степашин пайдо намудан мумкин аст. Онҳо амнияти сохти конститутсионии давлатро ҳамчун "амнияти давлат, ҷамъият ва шахс аз кирдорзои характери зиддиконститутсионидошта" баҳогузорӣ менамоянд. Бо ин равиш, амнияти конститутсионӣ, пеш аз ҳама, амнияти сиёсию ҳуқуқии шахс, ҷомеа ва давлат фаҳмида мешавад ва ҷузъҳои асосии он, аввалан, объекти мушаххаси танзим, ҳифз ва ҳимоя ва дуюм, таркиби махсуси субъекти муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ мебошанд.

Пас аз таҳлили амиқу равшани ақдиҳаои олимони хориҷиву ватанӣ муаллиф доираи амнияти конститутсиониро чунин баҳогузорӣ менамояд. Амнияти конститутсионӣ ин пеш аз ҳама шахсӣ ва давлатӣ мебошад, ки сарчашмаи таъмини озодии ҳуқуқӣ, мустақилият ва соҳибихтиёрии давлат, таъмини инкишофи озодона ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳимояи арзишҳои давлатдорӣ ва муайянсозии мавқеи давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Зеро зимни таҳлили мавзӯъ муайян карда шуд, ки ба амнияти сохтори конститутсионии давлат натанҳо омилҳои дохилӣ, балки омилҳои гуногуни хориҷӣ низ таҳдид мекунанд. Вале ҳамаи ин таҳдидҳоро куллан ба таҳдидҳои дорои хусусияти дохилӣ ва ё берунӣ шомил кардан нодуруст аст. Аз ин боис амнияти сохтори конститутсионӣ масъалаи васеъмиқёс ва дар навбати худ ҳалталаб мебошад.

Амнияти конститутсионӣ ҳолати устувори сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеаро ифода мекунад, ки қонуният ва қобилияти амалии ҳокимиятро дар тӯли муддати тӯлонӣ, соҳибихтиёрии кишвар ва ҳифзи ҳуқуқии шахс кафолат медиҳад. Амалия нишон медиҳад, ки таъмини ҳифзи сохти конститутсионӣ ва татбиқи самараноки принсипҳои давлати ҳуқуқӣ дар шароити фарҳанги пасти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, муқовимат бо манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, бидуни механизмҳои муассир, ки саривақт ошкор кардани таҳдидҳои рушди конститутсиониро таъмин мекунанд, хеле мушкил аст.

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки хатарҳои асосии таҳдидкунанда ба амнияти соъти конститутсионии давлат аз номукаммалии қонунҳо, бархӯрдҳои ҳуқуқӣ ва камбудиҳо, равандҳои таваррум, ноустувории пули миллӣ ва ғайра иборатанд, ки дар маҷмӯъ ҳамчун омилҳои ҷиддӣ ба амнияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишварамон таҳдид мекунанд.

Дар навбати худ зарур аст, ки таҳдидҳо дар робитаи зич ва вобастагии мутақобила бо равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии дар кишвар руходда баррасӣ карда шаванд. Ҳалли мушкилоте, ки дар ин равандҳо ногузир ба миён меоянд, барои ноором кардани вазъ заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, натанҳо ислоҳоти конститутсионӣ, ки ба кам кардани хатарҳо ва бартараф кардани ихтилофоти эҳтимолӣ равона шудаанд, балки барномаи самараноки давлатӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ равона шудааст, дар самти ҳифзи сохтори конститутсионӣ ва амнияти он зарур шуморида мешавад.

Зимни ҷамъбасти фикр метавон қайд намуд, ки асоси амнияти конститутсионӣ бояд қонунҳои ҳуқуқӣ, сиёсати одилонаи иҷтимоӣ, рақобати сиёсӣ, инчунин меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ратификатсия карда шудаанд, бошад. Дар ин ҳолат натанҳо ягон омили гуногуни берунӣ, балки омилҳои дохилӣ низ наметавонанд, ба амнияти сохти конститутсионии давлат таҳдид намоянд.

**Муқарриз: н.и.п., дотсенти АИДПТ - Қувватзода С.З.**

**АДАБИЁТ**


1. Бондарь Н.С. Конституционный Суд России - гарант конституционной безопасности личности, общества, государства//http://www.concourt.am/hr/ccl/vestnik.
2. Голик Ю. Глобализатсияи ҷиноят ва ҷинояти ҷаҳонишавӣ // Федерализм. 2002. № 1. С. 135.
3. Дмитрова С.А. Обеспечение конституционной безопасности федеративного государства в условиях современного развития Российской Федерации: конституционно-правовой аспект: автореф. дис. … к.ю.н. / С.А.Дмитрова. Хабаровск, 2007. 7с.
4. Езеров А.А. Объект и содержание конституционной безопасности // Конституционное право. Журнал юридическая наука. - 2011, № 1. - С. 76.
5. Караев А.А. Понятие, состав и содержание конституционной безопасности. Вестник Института законодательства и правовой информации Республики Казахстан. №3 (52) 2018. Стр. 22-29
6. Красинский В.В. Конституционно-правовой механизм защиты конституционного строя в избирательном процессе. Российский общественный институт избирательного права. (Электронный ресурс: http://www.roiip.ru/articles/1630.htm) Дата обращении: 14.09.2022
7. Никитяева В.В. Конституционная безопасность как условие эффективности реализации основ конституционного строя // Журнал. Вестник Воронежского института МВД РФ. - 2007, № 4 - С. 2-4.
8. Патрушев Н.П. Особенности современных вызовов и угроз национальной безопасности России //Журнал Российского права. - 2007, № 7. - С. 3.


**НАҚШИ АМНИЯТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАЪМИНИ ҲИФЗИ СОХТИ КОНСТИТУТСИОНӢ**


Ҳифзи сохти конститутсионии мамлакат дар замони муосир ба вазифаи умда ва иҷрояш саривақтии давлатҳои миллӣ табдил ёфтааст. Махсусан баҳогузорӣ ба масъалаи мазкур дар адабиётҳои хориҷӣ ва сарчашмаҳои гуногуни илмиву адабии хориҷӣ бисёр вохӯрда, дар илми ватанӣ мавриди таҳқиқи васеъмиқёси илмӣ қарор дода нашудааст. Ба ақидаи муаллиф то ин дам шояд ба таҳлили илмии масъалаи мазкур эҳтиёҷ камтар дида мешуд, аммо низоми тағйирёбандаи геополитикиву сиёсӣ ва таҳдидҳои рӯзафзун ба мавҷудияти давлатҳои миллӣ моро водор месозад, ки ҷиҳати ҳифзи сохти конститутсионии мамлакат ва амнияти давлат ин масъаларо тадқиқ намуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод намоем.Дар мақола масъалаҳои назариявии амнияти сохти конститутсионӣ ва манофеи миллӣ, ки таҳдид ба сохти конститутсионӣ ба онҳо низ таҳдид мекунанд, муайян карда шудааст. Муаллиф ба масъалаҳо бо назари объективӣ баҳогузорӣ намуда, ақидаҳои худро дар бораи амнияти сохти конститутсионии мамлакат бо истифода аз ақидаҳои олимон қувват бахшидааст.



**Калидвожаҳо:** амнияти конститутсионӣ, геополотика, бархӯрди амниятӣ, доираи манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳо, арзиши давлатдорӣ, рамзҳои давлатӣ, Конститутсия ва ғайра.


**РОЛЬ ПРАВОВОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЗАЩИТЫ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ**


Защита конституционного строя страны в наше время стала главной задачей и своевременным исполнением национальных государств. В частности, оценка данного вопроса много встречалась в зарубежной литературе и различных зарубежных научных и литературных источниках, и в отечественной науке не проводилось крупномасштабных научных исследований. По мнению автора, до этого момента потребность в научном анализе данного вопроса, возможно, была меньше, но постоянно меняющаяся геополитико-политическая система и растущие угрозы существованию национальных государств заставляют нас исследовать этот вопрос и делать обоснованные выводы для защиты конституционного строя страны и безопасности государства.В статье изложены теоретические вопросы безопасности конституционного строя и национальных манифестов, которые также представляют угрозу для конституционного строя. Оценивая вопросы объективно, автор укрепил свои взгляды на безопасность конституционного строя страны с помощью взглядов ученых.



**Ключевые слова:** конституционная безопасность, геополотика, конфликт безопасности, сфера национальных интересов, угрозы, ценность государственности, государственные символы, Конституция и другие.

**THE ROLE OF LEGAL SECURITY IN ENSURING THE PROTECTION OF THE CONSTITUTIONAL ORDER**

The protection of the constitutional order of the country in our time has become the main task and timely execution of national states. In particular, the assessment of this issue has been found a lot in foreign literature and various foreign scientific and literary sources, and large-scale scientific research has not been conducted in domestic science. According to the author, up to this point, the need for scientific analysis of this issue may have been less, but the constantly changing geopolitical and political system and the growing threats to the existence of nation-states force us to investigate this issue and draw reasonable conclusions to protect the constitutional order of the country and the security of the state. The article outlines the theoretical issues of the security of the constitutional system and national manifestos, which also pose a threat to the constitutional system. Assessing the issues objectively, the author strengthened his views on the security of the constitutional system of the country with the help of the views of scientists.

**Keywords:** constitutional security, geo-politics, security conflict, sphere of national interests, threats, value of statehood, state symbols, Constitution and others.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иброҳимзода Эраҷ Одилхон*** **-** Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**,** унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа. **Суроға**: 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33.Телефон: **(+992) 987-44-44-20**

**Сведения об авторе:** ***Иброхимзода Эрадж Одилхон*** **-** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**,** кафедра политологии и связей с общественностью, соискатель. **Адрес**: 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саид Носира, 33. Телефон: **(+992) 987-44-44-20**

**Information about the author: Ibrohimzoda Eraj Odilhon** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Department of Political Science and Public Relations, applicant. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Said Nosira street, 33. Phone: **(+992) 987-44-44-20**

ТДУ: 342+321(575.3)

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СИЁСАТИ САРҲАДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Исроилзода Исмоил Исроил*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои асри XXI ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ рушд карда, сиёсати дохилию берунии худро бо дарназардошти манфиатҳои давлат густариш дод. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои таркиби давлат сарҳади он мебошад, ки аз воҳидҳои сарҳадию маъмурӣ иборат аст. Чун қоида, сарҳади давлатҳои ягона ба воҳидҳои сарҳадию маъмурӣ тақсим мешавад. Ҳадафи ҳар як давлат, вобаста ба дарозии сарҳади давлатӣ, хусусиятҳои ҷуғрофӣ, мустаҳкам намудани сулҳу амонӣ, ҳифзи Ватан, таъмини соҳибхтиёрӣ, Истиқлол ва амнияти сарҳадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона бидуни тартиботи аниқу муайян, мустақилии судҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомии содиқ ба халқу Ватан, омодаи ҳифзи амнияти миллату давлат, ғайриимкон аст. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартибот ва қонун дар ҷомеа. Ҳифзи давлат ва амнияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳимми давлат мебошад. Ҳифзи сарҳади давлатӣ, таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи Ватан муҳимтарин вазифаи давлат, кори тамоми халқ буда, ба омодагии доимии Қувваҳои мусаллаҳ, иқтисодиёт, минтақа ва аҳолии ҷумҳуриро ҳамеша ва дар ҳар вазъият пешгирӣ кардани таҳдиди эҳтимолии таҷовузкорона мебошад [1,с.28].

Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз сохторҳои асосии Қувваҳои мусаллаҳ ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи ҳифзи сарҳади давлатии кишвар, соҳибхтиёрии давлатро бо шарафона таъмин менамоянд, ки амнияти сокинон бо ҳисси гарми ватандусти ва шуҷоат мебошад. Дар китоби «Фронти мардонагӣ» қайд шудааст, ки «Хизмат ба Ватан, албатта, шараф ва мактаби мардонагӣ аст, аммо ин мактаб осон ва ором нест. Ҷавонон аз оғуши волидайн ва муҳити дилчаспу хонадони худ ҷудо шуда, дар ин мактаби воқеии мардонагӣ тоб меоранд, ва дар тамоми сахтиҳои зиндагӣ устувор буда, барои зиндагии оилавӣ омода мешаванд. Сокинони ноҳияҳои наздисарҳадӣ моҳияти хизмати сарҳадиро хуб медонанд, муносибат ва зиндагии онҳо ба фаъолияти ҷангии сарҳадчиён умумият ва алоқаи зиёд дорад» [2,с.189].

